ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ
РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

УДК: 891.709

ББК 83.3 Тад

Х 98

СИРОҶИДДИН ХЎҶАҚУЛОВ

АДАБИЁТИ ДАВРАИ БЕДОРИИ МИЛЛИИ ТОҶИК

(Нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX)

Китоби дарсӣ
барои донишҷӯёни донишгоҳҳои олӣ аз рӯи тахассуси
5120100-филология ва омӯзиши забонҳо (филологияи тоҷик)

Тошкент-2014

ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ
РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

ХЎҶАҚУЛОВ СИРОҶИДДИН

АДАБИЁТИ ДАВРАИ БЕДОРИИ МИЛЛИИ ТОҶИК

(Нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX)

Китоби дарсӣ
барои донишҷӯёни бахшҳои факултети филологӣ аз рӯи тахассуси 5120100-филология ва омӯзиши забонҳо (забони тоҷикӣ)

Тошкент
«МИЛЛИЙ ЭНЦИКЛОПЕДИЯ»,
2014

Дар китоби дарсии мазкур оиди вазъи сиёсию иҷтимоӣ, маданию фарҳангии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX тоҷик, ҳаёти адабӣ, зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии вакилони намоёни адабиёти маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ, омилҳои асосии пайдоиши адабиёти маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ, равия ва услубҳои асосии эҷоди бадеӣ, жанрҳои адабӣ ва махсусиятҳои жанрии осори лирикию эпикии адабиёти ин давр, эҳёи падида ва тамоюлоти тозаву нав дар ҷараёни адабӣ, хусусиятҳои анъанавию навоваронаи адабиёти тоҷик, таҷдиди мазмунӣ, мундариҷавӣ ва шаклию услубии адабиёт, тамоюлоти ғоявӣ ва иҷтимоии адабиёти сифатан нави тоҷик мавриди назар қарор гирифтааст. Дар китоб намунаҳои осори адибони маорифпарвар ва равияи пешқадами адабиёт оварда шуда, баъзан таҳлили муфассали онҳо аз дидгоҳи нав ва дар асоси мафкураи Истиқлоли миллӣ баррасӣ гардидааст. Умед бар он аст, ки китоби мазкур эҳтиёҷи ҳоҷатмандон, хусусан, донишҷӯёнро дар ин самт қонеъ хоҳад гардонид.

Китоб барои муҳаққиқон ва ихлосмандони таърихи адабиёти форсу тоҷик, омӯзгорони адабиёт, донишҷӯёни факултаҳои филологии донишгоҳҳои олӣ ва ҳамаи алоқамандони адабиёт судманд хоҳад буд.

Муҳаррири масъул: номзади илмҳои филологӣ, дотс. А.Самадов

М у қ а р р и з о н :

доктори фанҳои филологӣ,
профессор Ҳ.Қудратуллоев

доктори фанҳои филологӣ,
профессор Ш.Ҳасанов

ISBN 978-9943-09-507-6

© Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсуси Республикаи Ӯзбекистон, нашриёти «Миллий энциклопедия», соли 2014

Муқаддима

Ҳар як давраи таърихӣ дар ҳаёти ин ё он халқу миллат бо масъала ва падидаҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ адабӣ ва эстетикӣ нақши муҳим дорад. Маҳз он тағйироту дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти ҷомеа рух медиҳанд, барои рушду нумӯи ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти маънавӣ омили асосӣ мегарданд. Башарият дар тӯли ҳазорсолаҳо чандин табаддулоти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву маданиро паси сар кардааст. Аз ин рӯ ҳар як марҳилаи таърихӣ дорои моҳият ва хусусиятҳои ба худ хоси сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маданӣ мебошад.

Дар таърихи тамаддуни халқҳои Машриқзамин саҳфаҳое дучор меоянд, ки бо хусусият ва моҳияти худ куллан фарқ мекунанд. Азбаски ҳар як марҳилаи таърихӣ дар асоси қонунияти диалектикӣ паи ҳам дигаргун мешавад, тавассути он дар ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мадании мардум низ табаддулот ва тамоюлоти нисбатан нав дарҷ мегардад. Яъне дар ҳар як марҳилаи таърихӣ дар ҳаёти маънавию маданӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии мардум принсипҳои наве ҷорӣ мегардад, ки ҳаёт дар асоси ҳамин принсипҳо самти тоза касб менамояд.

Таърих равшангари ҳаёти гузаштаву қадимаи ниёгон аст. Чунон ки Президенти мамлакат Ислом Абдуғаниевич Каримов қайд кардааст, «Қадриятҳои маданӣ, мероси маънавии беш аз ҳазорсолаи халқ барои мардуми Шарқ ҳамчун манбаи муқтадири маънавӣ хизмат кардааст. Мо барқарор намудани қадриятҳои маънавиро ҷузъи муҳими ифтихори милливу таърихӣ, ташаккули худшиносиву худогоҳӣ меҳисобем ва он ҷараёни табиии иҷтимоӣ буда, бо сарчашмаҳои маданиву таърихии ниёгон таносуби қавӣ дорад».[1] Аз ин мавқеъ, барои дарки амиқи моҳияти адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX аз лиҳози аҳвол ва осори вакилони адабиёт, равия ва ҷараёнҳои адабӣ, мӯҳтаво, мавзӯъ, мазмун, шакл ва забону услуб, хусусиятҳои жанрии адабиёт, ҳаёти

[1] Каримов И.А. Ӯзбекистон буюк келажак сари. – Тошкент: Ӯзбекистон, 1998. 524- бет.

иҷтимоию сиёсӣ, маданию фарҳангии мардуми бумии Осиёи Марказӣ, бахусус халқҳои бародари тоҷику ӯзбек, ки ҳамтақдиру ҳамқисмат буданд, инчунин бобати дараҷаи таҳаввул ва ташаккули рӯзгори онҳо таҷдиди назар лозим аст. Маҳз чунин таҷдиди назар яке аз ҷиҳатҳои муҳими китоби мазкурро ташкил менамояд.

Дар ҳақиқат, мавқеи ҳар як давра дар ташаккул ва таҳаввули афкори маънавӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мадании мардум хеле назаррас аст. Дар ҳаёти маънавию маърифии мардуми Осиёи Марказӣ, бешубҳа, нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX яке аз даврaҳои хеле муҳими таърихӣ маҳсуб мешавад. Таъкид бамаврид аст, ки маҳз дар ҳамин давра дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти халқ табаддулот ва тағйироти ҷиддӣ амалан сурат гирифт. Дар таҳким ва густариши афкори иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии мардум ин давра яке аз саҳифаҳои заррини таърихи халқҳо ба шумор меравад. Маҳз, дар ҳамин давра таҳти назари зиёиёни бомаърифату таҷаддудхоҳ қарор гирифтани масъалаҳои муҳими сиёсӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ, боиси табаддулоти ҷиддии иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ гардид. Хусусан, дар ҳамин давра дар ҳаёти илмиву адабии мардуми Осиёи Марказӣ ҷунбиши фикрии назаррасе падид омад, ки ин ҷунбиш ба омилҳои зерин сахт марбут аст: аз ҷумла, забт ва ба тобеияти Руссия даромадани Осиёи Марказӣ, таъсири ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мадании халқҳои Аврупо ва рус, тағйироти вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ–сиёсӣ ва ба майдон омадани равшанзамирону маърифатпарварони номӣ, мисли Аҳмади Дониш, Фурқат, Муқимӣ, Шоҳин, Савдо, Возеҳ, Завқӣ, Мирзо Сироҷ, Беҳбудӣ, Фитрат, Мунзим, Ҳайрат, Ҳамза, Чӯлпон, Аҷзӣ, Абдулло Авлонӣ, Асирӣ, Айнӣ ва ғайраҳо. Дар ин давра адабиёти бадеӣ ҳамчун ифшогари иллат ва нуқсонҳои ҷамъият мавқеи асосӣ пайдо кард. Марому мақсади зиёиёни маорифпарвар бевосита дар осори бадеӣ инъикоси худро ёфт. Дар асоси тағйироти ҷабҳаҳои гуногуни ҳаётӣ аз нимаи дуюми асри XIX сар карда, пас аз муддати «рихвату рукуд» (Усмон Каримов) дар осори бадеӣ

равияи тоза ворид гардид. Бо ибороти дигар адабиёт ҳам аз лиҳози мазмун ва ҳам аз лиҳози мундариҷа ба тағйироти тадриҷии куллӣ дучор гардад.

Ин давраи адабиёт бозгардишест ба навгониҳо ва навпардозиҳо, рӯовариест ба сабку услуби тоза, ҳаракату талошест баҳри беҳтару хубтар намудани тарзи зиндагонии мардум, марҳилаи эволютсионии табаддул ва таҳаввули мазмун ва шакли осори бадеӣ, сабкҳо, жанрҳо, услубҳои адабист. Ин марҳилаи таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун давраи гузариш ба адабиёти моҳиятан ва сифатан нав эътироф мегардад. Аз ин рӯ омӯхтани адабиёти давраи мавриди назар ҳукми қонунӣ дорад. Зеро он гардиши муҳимест дар раванди умумии таърихи адабиёти тоҷик ва оғозгаҳи марҳилаҳои навини он. Мақсад ва мароми фанни мазкур вобаста ба мундариҷаи он зоҳир мегардад. Зеро омӯзиши махсусиятҳои адабиёти давр, ҷараёнҳои адабӣ, равияҳои тоза, вакилони адабиёти давр, хусусиятҳои муҳимтарини осори онҳо, хусусиятҳои анъанавӣ ва навоваронаи адабиёт дар ин марҳила аз масъалаҳои муҳимтарини фан ба шумор меравад. Инчунин фанни мазкур мақсад дорад, ки ба толибилмон ва мухлисони таърихи адабиёти тоҷик бобати ҷанбаъҳои муҳимтарини адабиёти маорифпарварии тоҷик маълумотҳои муфид диҳад.

Дар хусуси масъалаҳои муҳимтарини адабиёти давраи мавриди назар манбаъҳои гуногун маълумотҳои пурқимате дода метавонанд. Зеро омӯзиш ва баррасии адабиёти маорифпарварии тоҷик ҳанӯз аз нимаи дуввуми асри XIX оғоз гардида буд. Ҷиҳати муҳимтарине, ки оиди ин самти масъала ба назар мерасад, маҳз дар ҳамин давра аз нав ва дубора ҷон гирифтани анъанаҳои тазкиранигорӣ аст. Зеро тазкираҳои дар ин давр офаридашуда бобати ҳаёт ва фаолияти эҷодии адибони давр маълумотҳои эътимодноктаринро дода метавонанд. Бинобар ҳамин манбаъҳои омӯзиши аҳвол ва осори адибони маорифпарварро дар асоси лавҳаи зерин метавон тасниф намуд.



Дар ҳама гуна шароит адабиётро бо ҳодисоти сиёсиву иҷтимоии ҳамонвақта, дар шакли марбуту мутаносибият, қатъи назар аз аҳамияти иҷтимоӣ доштан ва ё беаҳамиятии он, дар ҳамбастагӣ омӯхтан шарти муҳим аст. Бахусус, бо ҳодиса ва воқеияти таърихӣ дар вобастагӣ омӯхтани давраи муайяни таърихи адабиёт ҳатмист, зеро таърих моҳияти адабиётро фаҳмонида ва нишон дода метавонад ва баръакс

адабиёт низ моҳияти ҳаёти сиёсиву иҷтимоии халқро дар худ инъикос мекунад. Дар асоси фикрҳои фавқ ба воқеият ва манзараи таърихиву иҷтимоӣ ва сиёсии охири асри XIX ва ибтидои асри XX назар афкандан зарурият дорад. Азбаски марҳилаи мазкури таърихи адабиёти тоҷик ҳаматарафа мавриди тадқиқу таҳлил қарор нагирифтааст, он аз дидгоҳи тоза ва нав баррасӣ нагардидааст ва дар ин бобат ихтилофи назарҳо мавҷуданд, дар китоби мазкур кӯшиш намудем, ки баҳри ҳаводорон ва эътиқодмандони адабиёт фикру мулоҳизоти хешро иброз дорем.

Вазъияти сиёсӣ-иҷтимоии Осиёи Марказӣ дар нимаи II асри XIX. Мафҳумҳои «давари бедории миллӣ» ва «маорифпарварӣ»

Нуктаҳои асосӣ ва ибораҳои такявӣ:

1. *Вазъияти сиёсӣ-иҷтимоии Осиёи Марказӣ дар нимаи II асри XIX Мафҳуми «маорифпарварӣ», «бедории миллӣ» ва «бедории фикрӣ».*
2.Омилҳои асосии пайдоиши ҳаракати маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ.
3. Ҷараёни маорифпарварӣ ҳамчун ҳаракати иҷтимоӣ ва адабӣ.
4.Ҳаёти адабии нимаи дуюми асри XIX.
5. Алоқаи фанни «Адабиёти бедории миллӣ» бо фанҳои дигар, мақсад ва вазифаҳои асосии ин фан.

Мафҳуми «давраи бедорӣ»-ро аввалан дар манбаъҳои илмиву адабии мамлакатҳои Аврупои ғарбӣ дучор омадан мумкин аст. Пайдоиши муносибатҳои капиталистӣ дар шароити феодалӣ дар Аврупои ғарбӣ ба ҳаракати «бедорӣ» асос гузошт. Дар таърихи тамаддуни Аврупо ин мафҳум бо истилоҳи «Ренессанс» (бедорӣ) маълум аст. Ин ҳаракати иҷтимоӣ аввал дар Италия бо истилоҳи «Чеквеченто», сипас дар Фаронса «Ренессанс», сониян дар Олмония дар шакли «Реформатсия» ба вуҷуд омад.

Пайдоиши корхонаҳои нави саноатӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои нав, гузариш ба мануфактураи давлатӣ, кашфиётҳои бузурги географӣ, инчунин пайдоиши давлатҳои миллии мутамарказ, дигаргуниҳои маънавию маърифӣ, маданию таърихӣ, сиёсию иқтисодӣ ва тағъиротҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ навигариҳои зиёдеро ба вуҷуд овард. Ҳамин тариқ ин ҳама дигаргуниҳо боиси падид омадани ҷараёнҳои мухталифи иҷтимоӣ гардид.

Дар айни замон дар ин мамлакатҳо ҳаракатҳои фикрии ҷадид падид омаданд, ки дар онҳо манфиатҳои умумиинсонӣ ҳимоя карда мешуд. Дар зимни ин ҳаракатҳои иҷтимоӣ озодии инсон, ваҳдати миллӣ-динӣ аз масъалаҳои асосию марказӣ буд. Дар баробари он муносибат ба тамаддуни қадимӣ хеле афзуд. Ҳамин таваҷҷӯҳ буд, ки дар бархе аз мамлакатҳои Аврупо санъату маданият илму фан рӯ ба тараққӣ ниҳод.

Дигар ин аст, ки дар мамлкатҳои Ғарб адабиёти нави замонавӣ (модернӣ) ба вуҷуд омад ва онро адабиёти давраи бедорӣ номиданд. Ин адабиёт моҳиятан бар зидди схоластикаи таълимоти динӣ, таълимотҳои мистикӣ, узлатнишинӣ ва зуҳду тақвои хушку холӣ ва умуман бар зидди ҷаҳолату нодонӣ равона карда шуда буд. Зиёиёни равшанфикр бевосита барои озодии шахс дар ҷамъият, ҳимояи ҳақ ва ҳуқуқҳои иҷтимоии ӯ, тарғиби маданият ва илму фанни дунявӣ мекӯшиданд. Услуби асосии тасвири бадеӣ тағйир пазируфта ба услуби тасвири воқеънигорӣ табдил ёфт. Яъне дар адабиёт тасвири реалистӣ ҷорӣ гардид. Ин ҷиҳати хеле муҳими масъала ҳисоб меёбад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими давраи бедории миллӣ дар мамолики Ғарб дар баланд бардоштани шахсияти инсон дар ҷамъият, ҳимоя кардани манфиатҳои умуминсонӣ, тоза кардани мафкураи инсон аз таъсири ақидаҳои динӣ маҳсуб мешавад. Адабиёти давраи бедории Аврупо бар зидди тамоми ғояҳои догматикӣ ва схоластикии давр равона карда шуда буд.

Давраи бедориро як навъ мафкураи нав ва ё ҷунбиши фикрӣ номидан мумкин аст. Зуҳури ин ҷунбиши фикриро аз асри XIV то асри XVIII дар Аврупои ғарбӣ метавон мушоҳида кард. Бо оҳистагӣ ин бедории фикрӣ ба чунбиши маорифпарварӣ табдил ёфт. Ин мафкура тадриҷан дар мамлакатҳои дигар низ арзи вуҷуд кард. Дар асри XVIII мафкураи маорифпарварӣ дар афкори иҷтимоию адабӣ ва фалсафии олимон ва адибони рус мавқеи мустаҳкам пайдо намуд. Дар зери таъсири ана ҳамин афкори идеологӣ дар аввалҳои асри XIX дар мамлакатҳои Шарқ аз ҷумла, дар Осиёи Миёна бедории иҷтимоие ба вуҷуд омад, ки асосан бар муқобили асосҳои реаксионии сохти пӯсидаи феодалӣ ва ҳукмронии догмаҳои динӣ-хурофотӣ равона карда шуда буд. Дар тадқиқотҳои илмӣ одатан ин бедории фикрӣ ва ҷунбиши иҷтимоиро

афкор ва ҳаракати маорифпарварӣ ё худ ҷараёни маорифпарварӣ меноманд.

Ҷунбиши маорифпарварӣ аз нимаи дуюми асри XIX дар Осиёи Марказӣ ҳамчун ҳаракати иҷтимоӣ ва дертар чун ҷараёни адабӣ идома ёфт. Ин ҳаракат агар дар таърихи тамаддуни халқҳои Осиёи Миёна бо «Ҷараёни маорифпарварӣ» муаррифӣ гардад, дар Эрон бо номи «Ҳаракати машрутахоҳӣ», дар Афғонистон «Ҳаракати равшангарӣ», дар Туркия «Давраи танзимат» маълум аст.

Табиист, ки ҳама гуна падида дар фазои холӣ пайдо намешавад ва барои арзи ҳастӣ намудани он ангезае лозим меояд. Аз ҳамин нуқтаи назар метавон гуфт, ки харобиҳое, ки сулолаи манғитиён дар иқтисод ва фарҳанги кишвар ворид сохта буданд, оқибатҳои фоҷиаангезе ба бор оварда дар зиндагӣ бори гароне бар дӯши мардум гардид. Ва маҳз заминаҳои иҷтимоӣ шароити аввалӣ буд барои пайдоиши ин ҷараёни фикрӣ ва маорифпарварӣ. Зимнан бояд гуфт, ки равия ё худ ҷараёни маорифпарварӣ дар адабиёти тоҷик қабл аз ҳама дар заминаи анъанаҳои худӣ зуҳур ва рушд кард, сониян инкишофи ин ҷараён аз таъсири тамаддуни ғарбӣ низ бархурдор будааст. Дигар ин аст, ки пайдоиши ҷараёни маорифпарварӣ пеш аз ҳама бо тақозои воқеияту муҳити иҷтимоии мамлакат вобастагӣ дорад. Дар ин давр халқ дар гирдоби зулму ситами мустамликадорон аз худогоҳию худшиносии миллӣ маҳрум гардид. Чораи таъмини маишати рӯзгори хешро ба ҳисоби қарзу васиқаи заминҳои бобоӣ, фурӯши молу бизоати камарзиш амалӣ мегардонид. Аз ҷониби дигар феодалони маҳаллӣ бо мақсади қонеъ гардонидани нафси худ ва ҷамъ кардани пулу моли зиёдтар халқро дучанд ба азобу шиканҷа гирифтор карданд. Ворид гардидани маҳсулоти нави хориҷӣ тарзи зиндагии ҳунармандони маҳаллиро дар бозорҳо вазнинтар гардонид. Сиёсати мустамликадории ҳукумати подшоҳӣ нисбати ин мамолик беҳуқуқӣ ва қашшоқии моддию маънавии мардуми оддиро як бар чанд афзуд. Гарчӣ сатҳ ва дараҷаи умумии иқтисодиёт вобаста ба воридшавии

саноати истеҳсолӣ то андозае зиёд гардида бошад ҳам, аҳолии ранҷбари оддӣ ва ҳунармандони маҳаллӣ аз маҳсули амали хеш пурра баҳравар набуд. Пайдоиши корхонаҳои истеҳсолии пахта, равған, консерва, машрубот, чармгарӣ ва дигар муассисаҳои саноатии сабук низ то дараҷаи зарурӣ ба дарди халқ намехӯрданд. Дар натиҷаи афзудани саноати истеҳсолии хориҷӣ ва талабот ба ашёи хом мавқеи мулкдорони маҳаллӣ низ тадриҷан меафзуд. Бо оҳистагӣ мавқеи эшон дар муносибатҳои бозорӣ, пулӣ ва молию саноатӣ мустаҳкам гардида, дар ташаккули сиёсат ва иқтисоди мамлакат роли муҳим касб карданд ва худ аз худ рақобати муносибатҳои бозорӣ падид омад. Ҳамин тариқа, дар ҳаёти сиёсиву иқтисоди Осиёи Миёна пешрафти умумию ҷиддӣ мушоҳида карда шавад ҳам, аҳволи иқтисодию маишии халқи оддию ҳунарманд тоқатфарсо буд.

Дар ҳамин замина гӯё Руссия ба корҳои дохилии «Бухорои мустақил» мудохила намекард. Аслан ва амалан дар шароити қуруни вустоӣ, ки дар Осиёи Миёна ҳоким буд, сурат напазируфтани таҳаввулотро дарк кардан мумкин аст. «Дар ин сарзамин ҳанӯз ҳам гароишҳои феодалӣ ва тамоюлоти мазҳабӣ бечуну чаро ҳукмфармо буд. Яъне ин сарзамин ҳаёти анъанавии худро идома медод, мисли ин ки ақоид ва афкори навин фақат дар шароиту муҳити басо душвори он роҳ меёфт».[1]

Дар асоси маводи дастрас мо ба хулосае омадем, ки ҷараёни маорифпарварӣ дар нимаи дуюми асри XIX шомили ду равиш будааст. Намояндагони равиши аввал асосан пайгири ақоиди озодандешона дар заминаи адабиёти пешин ва ахлоқи исломӣ будаанд, ки дар ин роҳ фаъолияти Шоҳину Ҳайрат ва Возеҳро метавон ба қадр шинохт.

Равиши дувуми ин ҷараён, ки Аҳмади Дониш сарвари бебадали он буд, дар таҳлили иҷтимоӣ ва илмии муҳити ҷомеа саҳми чашмгир дошт.

---

[1] Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи XX. -Душанбе, «Маориф», 1999, саҳ. 8.

Сарманшаи тозаҷӯйиҳои ин равиш ҳаёти пурвоқиаи замон буд. Фарқ ва тафовутҳои равиши мазкурро дар асоси таҳлил ва тадқиқи осор ва аҳволи адибони маорифпарвар бамаврид хоҳем аз назар гузаронид.

Хусусияти дигари ин ҷараён иборат аз он буд, ки ғояҳои равшангароӣ ба шеър ба ваҷҳи устувории анъанаҳои адабӣ камтар ворид мешуд, вале дар наср ба зудиву бонатиҷа амалӣ мегардид. Ҳарчанд ҳукумати вақт барои рушди ҳамаҷонибаи мактабу маориф ва илму адабиёт имконоти лозимаро муҳайё накарда буд, чеҳраҳое арзи вуҷуд карданд, ки бо хидматҳои адабӣ дар таърихӣ адабу фарҳанги тоҷик зинда монданд.

Дар таърихи адабиёти тоҷик адабиёти нимаи дуюми асри XIX моҳиятан як давраи нав аст ва он минбаъд барои ташаккули адабиёти марҳилаҳои баъдинаи ин мардум мавқеи муҳиме дорад. Ин даврарo - давраи нисбатан инкишофёфтаи ҳаёти иҷтимоӣ ва маданӣ номидан мумкин аст. Маҳз дар ҳамин давраи таърихӣ як қатор дигаргуниҳое ба вуҷуд омаданд, ки моҳиятан ба манфиатҳои ҷомеа нигаронида шуда буданд. Тағйиротҳое, ки дар ин давра дар ҳаёти маданию иҷтимоӣ, сиёсию фарҳангии мардуми Осиёи Марказӣ ба вуқӯъ пайваст ҳам ҷиҳати объективӣ дораду ҳам ҷиҳати субъективӣ. Ин чанд ҷиҳатро дар гузориши зерин дида мебароем:

Руссия дар байни солҳои 1865-1868 қисми асосии Осиёи Миёнаро (тамоми ҳудудҳои хонии Қӯқанд) тобеи худ карда, хонии Хева ва аморати Бухороро ба ном мустақил гузошт.

Ғасб гаштани Осиёи Марказӣ аз тарафи Руссия аз баъзе ҷиҳатҳо барои мардуми Осиёи Марказӣ чунин ҳолатҳоро ба вуҷуд овард:

1. Дар натиҷаи ба ҳукми Руссия даромадан дар Осиёи Марказӣ ҷангҳои дохилии феодалӣ барҳам хӯрд.
2. Тарғиботи ғуломдорӣ ва ғуломфурӯшӣ хотима ёфт.
3. Таназзули иқтисодиву сиёсӣ ва мадании дар асрҳои XVII-XVIII ва махсусан, дар оғози асри XIX ба вуқӯъ омада қисман барҳам хӯрд ва дар

қабҳаҳои гуногуни ҳаёти маданиву адабӣ ва фарҳангии мардум дигаргуниҳои назаррас пайдо гаштанд.

4. Дар афкору ақидаи қисме аз табақаҳои иҷтимоӣ ҷунбиши фикрӣ, бедории маънавиро метавон мушоҳида кард.

Аммо аз чанд ҷиҳат акси ин ҳолатро низ дар ҳаёти мардуми маҳаллӣ дидан мумкин аст.

1. Сиёсати мустамликадоронаи чоризми рус бо моҳияти худ руҳияи реаксионӣ дошт, яъне аз ҳалқаҳои тазйиқу таъқибот ва зулму исатисмор, асорати сиёсии дохиливу хориҷӣ аҳволи иҷтимоии табақаи оддӣ ва ҳунарманди ҷамъият дучанд вазнин гашт.

2. Осиёи Миёна барои Руссия чун макону манбаи ашёи хом хизмат кард.

3. Дараҷаи маданиятнокии халқ, баланд бардоштани сатҳи он аз назари мустамликадорон дур монд. Зеро аслан ҳам онҳо намехостанд, ки мардуми маҳаллӣ босавод ва маърифатнок шаванд.

4. Усули таҳсил дар мактабу мадраса руҳияи схоластикии асримиёнагӣ дошт ва ба он низ эътибор набуд.

5. Дар он мактабҳое, ки дар шаҳрҳои калони маданӣ ба забони русӣ кушода буданд, тамоми бачагони табақаҳои гуногуни ҷамъиятро фаро намегирифт ва доираи танге дошт.

6. Таассуби динӣ дар Бухоро дар ниҳояти авҷ буд.

7. Зулму истибдоди феодалӣ ба дараҷаи баланд идома меёфт.

8. Тарзи идораи давлатӣ ва усули раҳбарии ҳукумати аморат дар шакли кӯҳнааш боқӣ монд.

9. Андозу хироҷ вобаста ба мустамликадорӣ ва манфиатҳои амалдорони дохилию хориҷӣ дучанд афзуд.

10. Тадриҷан қадриятҳои милливу маънавии мардум зери по мешуданду мардум аз худшиносиву худогоҳӣ дур буд ва ғайраҳо.

Гуфтан мумкин аст, ки дар даврони салатанатдории манғитиён давраи ҳукмронии Амир Музаффар, Абдулаҳад ва Амир Олимхон давраи тиратарин ва мудҳиштарини халқ гашт.

Ба ҳар ҳол дар ҳамин гуна як давраи тангу тори феодалӣ шахсони озодфикру пешқадами иҷтимоӣ зуҳур мекарданд, ки бевосита бурду бохти даврро дар симоҳои онҳо метавон дарёфт.

Аллакай дар зери таъсири ақидаву афкори чунин шахсон ба монанди Дониш, Шоҳин, Возеҳ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Садри Зиё ва нафарони дигар дар нимаи дуюми асри XIX дар байни мардум ва ҷамъият ҷунбиши мафкуравӣ ва бедории фикрӣ ба вуҷуд омада буд. Эътирозҳо ва танқидҳои мухталифи зиддиятнокеро аз ҷониби ин мутафаккирон дар ин давра бевосита мушоҳида карда метавонем.

Натиҷаи ана ҳамин тағйиротҳо буд, ки дар нимаи дуюми асри XIX дар зери таъсири тамаддуни аврупоӣ дар Осиёи Миёна равия ва ё худ ҷараёни маорифпарварӣ ба вуҷуд омад, ки сарвари ин равия Аҳмад Махдуми Дониш буд. Маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ ҳамчун ҷараёни фикрӣ ва адабӣ моҳиятан бар зидди ақидаҳои иртиҷоии замон, ки ба схоластикаи динӣ ва мафкураи феодалӣ такя менамуд, арзи вуҷуд кард.

Ҳаракати маорифпарварӣ дар мамлакатҳои Аврупои ғарбӣ ва Руссия дар шароити гуногуни таърихӣ ва дар доираи гурӯҳҳои гуногуни ҷамъиятӣ ба вуҷуд омада бошад ҳам, дар руҳияти ин ҳаракат як умумият вуҷуд дошт. Метавон тазаккур дод, ки ин хоссаҳои умумӣ ба ҳаракати маорифпарварии тоҷик низ тааллуқ дорад.

Мақсади ҷараёни маорифпарварӣ аз тарғибу талқини ғояҳои нави мутараққӣ, барҳам задани хурофот ва бидъатҳои кӯҳна, ташвиқи ғояҳои солим, ислоҳи сохтори давлатдорӣ, падид овардани дигаргуниҳои куллӣ дар ҷодаи таълиму тадрис ба сӯи илму маърифат ва бо ин роҳ ба тарзи нави муносибатҳои иҷтимоӣ раҳнамун сохтани халқи маҳаллӣ, озодии шахс ва ҳимояи ҳуқуқҳои ӯ дар ҷамъият буд.

Аммо ҳаракати маорифпарварии Осиёи Миёна, ки асос ва моҳияти давраи бедории миллиро дар ин сарзамин ифода менамуд, аз ҷиҳати миқёсу вусъат ба дараҷаи мамлакатҳои Руссия ва мамолики Ғарб набуд. Афкори маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ, чунон ки дар ҳаёти мардуми Руссия ба назар мерасад, дар Бухорои нимаи дуюми асри XIX ҳанӯз ба табақаҳои гуногуни ҷамъият таъсир нарасонида буд. Намояндагони афкори маорифпарварӣ ва хайрхоҳони ин афкор ҳам чандон бисёр набуданд, ҳамчунин қувваи бузурги иҷтимоиро ташкил намекарданд. Намояндагони он аз табақаҳои миёнаҳоли давр буданд. Хусусиятҳои асосии ҳаракати маорифпарварии тоҷик ҳамчун ҷараёни адабӣ-иҷтимоӣ аз чиҳо иборат буд? Барои ба ин суол ҷавоби комилтаре гуфтан бамаврид аст, ки аз гуфтаи олимаи рус Р.Г.Эймонтова иқтибосе биёрем. Ӯ дар мақолааш «Баъзе баҳсҳо доир ба маърифатпарварӣ» чунин менигорад. «Бешубҳа маорифпарварӣ бо моҳияти худ бар зидди феодализм нигаронида шудаст… Аммо ҳаминро бояд эътироф намуд, ки мафҳуми маорифпарварӣ ва ё маърифатчигӣ фақат аз тарғиби илму дониш иборат нест. Маорифпарварӣ маҳиятан мафҳуми васеъ буда, он тарғибгари фаҳмиш ва ғояҳои солим, ифодагари ғояҳои асили иҷтимоист. Инчунин танқидгари бидъату нуқсонҳои ҷамият аст.»

Ба тарзи шарти ғояҳои аслии адабиёти маорифпарварии тоҷикро



Дар ҳақиқат ҳаракати маорифпарварии тоҷик чунин хусусиятҳоро низ дорост. Баъзе аз вакилони адабиёт ҳамчунин олимони адабиётшинос, аз ҷумла Расулхон Ҳодизода чанд хусусият ва моҳияти ҳаракати маорифпарвариро нишон додаст:

Аввалан танқиди иллатҳои сохту тартиботи иҷтимоии замон; сониян, тарғибу ташвиқи илму дониши дунявӣ-модернӣ, солисан, тарғиби тарзи зиндагии замонавии аврупоӣ, робеан, ҳимояи манфиатҳои умуминсонӣ, хомисан, ислоҳи тарзи таҳсили ибтидоӣ ва мадрасавӣ, содисан, тараннуми озодии нисбии инсон ва шахс дар ҷамъият.

Маҳз ҳамин ҷиҳатҳо дар афкори маорифпарварии халқи тоҷик моҳияти асосиро ташкил менамояд. Дар нимаи дуюми асри XIX Аҳмади Дониш сарвари ҳаракати маорифпарварии тоҷикон буд. Ӯ дар Осиёи

Миёна аввалин шахсе буд, ки дар осори фалсафӣ ва адабии худ ақидаҳои тараққипарваронаро пеш рондааст. Ҳамаи ин ҳаракатҳои ӯ натиҷаи шиносиаш бо ҳаёти мадании рус буд. Бобҳои ҷудогонаи «Наводир-ул-вақоеъ» ва рисолаи сиёсии вай нисбат ба бисёр масъалаҳои иҷтимоию сиёсии он замон фикри танқидии шахсони пешқадам ва маърифатдӯстро бедор кард. Афкору ақидаҳои маорифпарваронаи Дониш тадриҷан инкишоф меёфт ва руҳи танқидию оппозитсионии онҳо нисбат ба сохти феодалӣ торафт пуршиддат мешуд. Ҳамин тариқ, дар ҳаёти маданӣ ва афкори чамъиятии он давр дар таҳти таъсири воқеияти муҳимтарини таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодии давр ҷараёни пешқадаме ба вуҷуд омад, ки мо онро имрӯз ба истилоҳи «маорифпарварӣ» ном мебарем.

Афкори маорифпарварӣ баъд аз Аҳмади Дониш дар осори Возеҳ ва Шоҳин нисбатан равшантар акс ёфтааст. Шоҳин дар лирика, ғазалиёт, қасида ва қитъаот, маснавии «Тӯҳфаи дӯстон» асари мансури «Бадоеъ-ус-саноеъ» Возеҳ дар сафарномаи «Савонеҳ-ул-масолик» ва «Ақоид-ун-нисо» ва қисман дар лирикааш ақоида ва оҳангҳои тозаи танқидӣ ва иҷтимоии замонашро ба дараҷаҳои гуногун акс кунонидааст. Ҳамин нуктаро бояд иброз дошт, ки Савдо Возеҳ, Шоҳин ва дигар вакилони адабиёти нимаи дуюми асри XIX –ро ба маънии том ва пурраш адиби маорифпарвар гуфтан дуруст нест. Ин вакилони адабиёт аз намояндагони равияи пешқадами анъанавӣ ҳастанд, ки дар осорашон баъзе масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии давру замон танқид гардидааст.

Аз ин рӯ ба қавли М.Шукуров «Адабиёти маорифпарварии тоҷик аз охирин сеяки садаи XIX, аз осори аҳмади Дониш сар шуда то даҳаи бистуми садаи бист идома ёфтааст. Ин адабиёт маҳсули замонест, ки Осиёи Марказӣ ба тасарруфи Руссия даромад. Ҷангҳои байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ҳукмронҳои саркаши маҳаллӣ асосан хотима ёфта, кишвар андак-андак маҳдудияти дарбастагии феодалии чандин асрро паси сар карда, ба равандҳои таърихии иқтисодӣ ва фарҳангии Руссия ва

аврупо пайванд мечуст».[1] Ҳамин тариқ адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар таърихи адабиёти тоҷик мавқеъ ва манзалати ба худ хос дорад. Ин давраи адабиёти тоҷик бо мазмуну мундариҷаи ғоявии худ, моҳият ва мӯҳтавои худ, аз лиҳози шакл ва услуб махсусиятҳои муайянеро молик аст.

Савол ва супоришот:

1. Мафҳуми «маорифпарварӣ» ва «бедории миллӣ» ва талқини он дар манбаъҳои гуногуни илмӣ- таърихӣ.
2. Дараҷаи тадқиқи адабиёти давраи маорифпарварии тоҷик.
3. Омилҳои шаклгирии адабиёти давраи мавриди назар.
4. Хусусиятҳои типологии адабиёти маорифпарварии тоҷику ӯзбек.
5. Маорифпарварӣ ҳамчун ҷараёни адабӣ ва иҷтимоӣ.
6. Ғояҳои асосии адабиёти маорифпарварии тоҷик.
7. Мақсад ва вазифаҳои асосии фанни мазкур.
8. Предмети фанни адабиёти давараи бедории миллии тоҷик.

[1] М.Шукуров. Садри Бухоро. –Душанбе: Деваштич, 2005. Саҳ.-44.

Ҳаёти адабии нимаи дуюми асри XIX ва равияҳои асосии он

Нуктаҳои асосӣ ва такявии мавзӯъ:

1.Марказҳои адабии охири асри XIX
2 Адабиёти маорифпарварии тоҷик ва вакилони асосии он.
3. Адабиёти маорифпарварии тоҷик ва мазмуну моҳияти асосии он.
4. Равияҳои асосии адабиёти охири асри XIX.
5. Метод ва сабку услуби эҷодии адабиёти охири асри XIX .
6. Системаи жанрҳои адабӣ дар давраи мавриди назар.

Адабиёти нимаи дуюми асри XIX оғози давраи нави инкишофи адабиёти навини тоҷик аст. Аҳди маорифпарварӣ ва ҳаракти иҷтимоӣ – озодихоҳии Осиёи Марказӣ ҳодисаи ҷиддии таърихӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании халқи маҳаллӣ буд. Баъди ин воқеа Осиёи Миёна аз сохти таъхирёфтаи феодалӣ пурра раҳо наёфта бошад ҳам, бо ҷаҳони нав алоқа пайдо кард. Дар ҳаёти мардуми Осиёи Марказӣ таъсири маданият ва ҳолати иҷтимоию иқтисодии Аврупо хеле назаррас аст. Маданият ва адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX зери таъсири ҳамин гуна вазъияти таърихӣ қисман бошад ҳам рӯ ба ташаккул ва инкишоф ниҳод.

Адабиёт дар нимаи дуюми асри X1X нисбат ба давраҳои гузашта ба марҳилаи сифатан нави ғоявӣ расид, ки онро шароити иҷтимоию таърихӣ ба вуҷуд оварда буд. Дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар адабиёт ҷараёни наверо бо истилоҳи маорифпарварӣ ворид сохт. Маорифпарварӣ ҳамчун ҷараёни фикрӣ ва адабӣ, моҳиятан зидди ақидаҳои схоластикии диниву иртиҷоии замон, қафомондагии маънавию фарҳангии мамлакат, ғафлатзадагиву ҷоҳилият арзи вуҷуд кард. Мақсаду мароми адабиёти маорифпарварӣ ба сӯи илму маърифат роҳнамун сохтани ҷомеа ва бо ин роҳ ислоҳ намудани иллату нуқсонҳои

Вазъи ҳаёти адабии нимаи дуюми асри XIX дар тазкираҳои «Тӯҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳашмат, «Тазкират-уш-шуаро»-и Шаръӣ, «Афзал-ут-тазкор»-и Афзал-махдуми Пирмастӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мӯҳтарам ва ғайра инъикос ёфтааст. Ин

тазкираҳо сарчашмаҳои илмиеанд, ки оид ба вазъи ҳаёти адабии нимаи II асри XIX маълумотҳои пурқиммат дода метавонанд.

(Шакли зоҳирии мардуми тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX)

Мутобиқи афкор ва ақидаҳои олимони замони шӯравӣ дар нимаи дуюми асри XIX муборизаи ду равияи адабии ба ҳам зидро мушоҳида кардан мумкин аст. Яъне равияи пешқадаме, ки ғояҳои харакати маорифпарвариро тараннум мекард ва равия иртиҷоӣ реаксионӣ, ки ба мафкураи феодалӣ такя менамуд. Адибони равияи пешқадами адабиёти ин давр Аҳмади Дониш, Возеҳ, Савдо, Шоҳин, Ҳайрат, Мирзо Сироҷ буданд, ки дар осори онҳо пеш аз ҳама танқиду ташнеъи табақаи ҳукмрони ҷамъиятӣ ва ислоҳи тарзи давлатдории онҳо мавқеи асосӣ дошт. Ҳаминро бояд алоҳида иброз дошт, ки имрӯз ин тарзи баёни фикр кӯҳна шудааст. Зеро равияи пешқадам ва ё равияи иртиҷоӣ номгузорӣ намудани тамойилоти муайяни адабиёт аз назари мо нодуруст аст. Дурусттар он аст, ки ин равияҳои мавҷударо ба тариқи равияи маорифпарварӣ ва равияи идомаи анъанаҳои адабиёти мумтоз зикр намуд. Аммо бояд зикр кард, ки дар асарҳои баъзе аз вакилони равияи идомаи анъанаҳои адабиёти мумтоз тарзу оҳанги танқидӣ аз замонҳои гузашта куллан фарқ дошта, он на бо оҳанги гилаву шикоят, балки ба решаҳои иҷтимоии сохти мавҷуда теша задан, барҳам додани ин гуна ҳукуматдорӣ дахл мекард. Дар зимн ва партави ин гуна танқиду мазаммат руҳияи ҳаҷвӣ доштани қисме аз осори адибони ин равияро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳаминро бояд низ тарҷеҳ дод, ки дар

осори адибони равияи пешқадами адабиёти нимаи II асри XIX ғояҳои ислоҳотхоҳонаи мутафаккирон низ инъикоси бадеии худро ёфт. Онҳо омӯхтани илмҳои дунявӣ ва барои мардум фоидаоварро тарғиб мекарданд. Ин ғоя дар сафарномаи Возеҳ «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик» гузориш ҳамаҷониба дорад. Онҳо ривоҷи илму донишро як навъ воситаи пешравии иҷтимоиву иқтисодии мамлакат медонистанд.

Дар ҳаёти адабии нимаи дуюми асри XIX равияи анъанавии адабиёт низ амал мекард, ки қисме аз намояндагони ин равия аксаран ҳамфикрону тамаъгарони амиру атрофиёни ӯ буданд. Онҳо истеъдоди хешро барои мадҳу ситоиш, такаллуфу суханбозӣ ва фаҳшу луғзгӯиҳои бефоида сарф мекарданду халос. Дар ин радиф метавон Қурбонхони Фитрат, Афзалмахдуми Пирмастӣ, Сират, Муҳаммадшарифи Анбар ва дигаронро номбар намуд, ки ҳамеша дар таъқибу бадгӯии адибони равияи пешқадами адабиёт буданд. Мадҳу ситоиши хушку холӣ ва беасоси онҳо, ки дар намуди қасида ва анвои дигари эҷод ифода мегашт аз ҷиҳати мавзӯъ ва мазмун хеле паст гашт. Мавзӯъҳое, ки шоирон интихоб мекарданд (симои шахсони нолоиқ, сохтмонҳо, тӯю сур ва шукӯҳи он) ба сохту услуби ин жанр ҳеҷ мувофиқат намекард. Баъзе аз вакилони ин равияи адабӣ кӯр кӯрона бо мазмунҳои ирфонӣ-тасаввуфӣ шеър менавиштанд, ки аз тақлиди хушк дигар чизе набуд. Чунончи: Амир Абдулаҳад бо тахаллуси Оҷиз. Дар ашъори қабеҳу хубсиёт, фаҳшгӯиҳо ҳам шоирони ин равия қалам рондаанд.

Аммо бар зидди ҳамаи ин андешаҳои амиқ ва ҳақиқатбинонаи Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ дар ҳаёти адабии он замон таъсири шоёне гузошт. Тавзеҳ зарур аст, ки афкору ақидаҳои ин равшанфикрон аз ғояҳои ҷараёни маорифпарварӣ сарчашма мегирифт. Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар эҷодиёти адибони маорифпарвар дар мадди назар буд, чуноне ки муҳаққиқи ин давраи адабиёт Расул Ҳодизода менигорад, эътироз нисбати вазъияти ногувори иҷтимоӣ, беқадрии аҳли

ҳунар ва чуноне, ки олимаи рус Р.Г.Эймонтова қайд мекунад, барҳам додани бидъату нуқсонҳои иҷтимоӣ, тарғиби ғояҳои солиму мафҳумҳои солим, ки моҳиятро ифода мекунанд, иборат гардида буд.

Инъикоси бадеии ғояҳои ҳаракати маорифпарвариро дар осори вакилони адабиёти равияи пешқадам, ки доманаи васеъ доранд, ба осонӣ метавон мушоҳида кард. Ғояҳои маорифпарварӣ, ки иборатанд аз: тараннуми илму маърифати замонавӣ, ислоҳ кардани сохти давлату давлатдорӣ ва маъмурияти он, қонун ва қонунгузорӣ дар ҷамъият, таъмини устувории қонун дар ҷамъият, озоду бо маданият шудани умум, ислоҳи сохти таълиму тадрис дар мактабу мадрасаҳо, тараққӣ додани илму техникаи замонавӣ дар ҷамъият, тарғиби ғояҳои худшиносии миллӣ ва худогоҳии таърихӣ, талқин ва тарғиби озодии шахс дар ҷамъият ва ғайра, барои инкишофу ташаккули мундариҷаи ғоявӣ ва сабку услуби равияи пешқадами адабиёти он давр таъсир ва нақши мусбат гузошт. Ғояву ақидаҳои тараққипарваронаи Аҳмади Дониш ба инкишофи ҷараёни пешқадамони адабиёти он давр низ таъсири мусбат гузошт. Як гурӯҳ адибон дар таҳти таъсири ин ғояҳои тараққипарварона дар атрофи Аҳмади Дониш равия ё мактаби адабиеро ташаккул доданд. Ақоиди пешқадами ин равияи адабиёт дар осори назмиву насрии вакилони он инъикоси бадеии худро ёфтааст. Аз ҷумла, дар «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисола таърихӣ»-и Аҳмади Дониш, дар «Савонеҳ-ул-масолик»-и Возеҳ ва ашъори лирикии ӯ, «Бадоеъ-ус-саноеъ», «Тӯҳфаи дӯстон»-и Шамсиддин Шоҳин, «Ақоид-ун-нисоъ»-и Возеҳ, «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷи Ҳаким, ашъори лирики Ҳайрат ва нафарони дигар талқини ғояҳои мазкурро мушоҳида намудан мумкин аст.

Хусусиятҳои жанрии адабиёти нимаи дуюми асри XIX-и тоҷик. Афкори маорифпарварӣ дар нимаи дуюми асри XIX на фақат мазмуни осори адабиро дигаргун сохт, балки онро аз ҷиҳати шакл низ тағйир дод. Дар таърихи адабиёти тоҷик маҳз аз нимаи дуюми асри XIX сар карда тағйири мазмуну шакли осори адабиро метавон дарк кард. Ин чиз

пеш аз ҳама дар мавзӯъ, мазмун ва ғояву мундариҷаи он намоён мешавад. Ақидаҳои маорифпарварӣ пеш аз ҳама дар адабиёти бадеӣ инъикос мешуд ва интишор меёфт. Дар эҷодиёти адибони маорифпарвар мо махлутии тасвири бадеӣ ва тафаккуроти фалсафиро дарк менамоем. Дар осори онҳо мазмуну мундариҷаи нав боиси нав гаштани тарзи тасвир, услуби бадеӣ ва ҳатто шаклҳои нави адабӣ шуд. Ин тағйироту дигаргуниҳо мувофиқи талаботи ҳаётиву замонӣ ва воқеоти таърихиву иҷтимоӣ сурат гирифтааст. Адабиёти сифатан наве, ки асосан бо воқеияти зиндагӣ ва ҳаётии ҷомеа вобаста гардида буд, мазмун ва моҳияти равшани реалистӣ пайдо карда буд. Мазмун ва ғояҳои воқеънигорона, ки мағз андар мағзи адабиёти маорифпарварӣ ҷой гирифта буд, дар шаклу жанрҳои мувофиқи анъанавӣ ва замонавӣ ё худ дар жанрҳои сифатан навгашта ифодаи бадеии худро ёфтаанд.

Адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX маҳсули шароити нави таърихӣ-сиёсиву иҷтимоӣ ва тағйиротҳои куллии соҳаҳои мухталифи ҳаёти воқеист. Давраи вусъат ва инкишофи он ба давраи нави таърихиву иқтисодӣ, сиёсиву мадании халқҳои Осиёи Марказӣ мувофиқ меояд. Ворид гардидани мазмунҳои нави иҷтимоӣ дар адабиёти давр иқдоми ҷиддие ба пеш буд. Адабиёти ин давраинаи миллӣ аз ҳайси фарогирии тағйироту таҷаддудот дар шаклу мазмун аз марҳилаҳои инкишофи таърихи адабиёт тафовут

Вобаста ба равияҳои асосии адабиёт ва ҷараёни эҷодии давраи нав муносибат ба жанрҳои анъанавии адабиёт дигаргун гардид, ки оғози ин равишро маҳз аз нимаи дуюми асри XIX ба эътибор гирифтан ҷоиз аст. Дар давраи нави таърихӣ таҷдиди шаклию мазмунии адабиёти классикии чандинасра ва суннатҳои адабӣ, пайдоиши адабиёти сифатан нав, давраи таҳаввули ҷиддии навшавии анвои жанрҳои адабӣ ба вуқӯъ омад. «Ин таҷдиди жанрҳои адабӣ мувофиқи талаби ҳаёт ва замон, тақозои адабиёти моҳиятан нав, яъне адабиёти маорифпарварии халқи тоҷик сурат гирифтааст. Адабиёти сифатан наве, ки бо воқеияти зиндагӣ ва ҳаёти ҷомеа бештар вобаста гардида, мазмун ва моҳияти равшани

реалистӣ пайдо карда буд, аз назари шаклу жанрҳои худ наметавонист ба тағйирот дучор нашавад».[1] Муҳаққиқ дар гузориши масъала нуктаи муҳимро қайд менамояд, ки тағйири шаклии адабиёт бо назардошти тағйири мазмуни он бештар ба табаддулоти иҷтимоӣ ҷараёни маорифпарварӣ ҳамчунин нуфузи ин ҷараён дар адабиёт аст. Аз ин рӯ, «тағйири шаклӣ ва шикасти қолаби нормативии адабиёти классикӣ ҳодисаи тасодуфӣ набуда, балки бо назардошти мазмуну мундараи нави иҷтимоӣ ва инъикоси бадеии он дар адабиёт ҳамчун амри воқеӣ падид омад».[2] Бо вуҷуди ин ҳама хусусиятҳои шаклии асари бадеӣ нисбати мазмун устувор аст ва тағйироти дар мазмун рухдода муддатҳои тӯлонӣ дар шаклҳои маъмулу суннатӣ, алалхусус жанрҳои мукаммалу мувофиқи он идома ёбад. Ин ҳолатро дар асоси таҳаввули мазмуниву шаклии таърихи адабиёт метавон шарҳ дод.

Аммо бо вуҷуди ин ҳама, мазмуну ғояҳои нави иҷтимоӣ ва афкори нави фалсафию адабӣ дар қолибу шаклҳои суннатии адабиёти мумтоз ифодаи хешро ёфтаанд. Ин ҳолат бо қонунияти устувории шакл дар ҷараёни эҷодӣ эзоҳ дода мешавад. Аз лиҳози мазмуну мундариҷаи ғоявӣ ва хусусиятҳои жанриашон осори адабии охири асри XIX ва ибтидои асри XX-ро ба ду ҷузъи асосӣ тақсим кардан мумкин аст: аввалан осори адабие, ки онҳо аз ҳайси мазмун ва мундариҷаи ғоявӣ дар асоси анъанаҳои адабиёти классикӣ офарида шудаанд: сониян жанрҳои адабие, ки аз лиҳози мазмуну мундариҷаи ғоявӣ таҷдид ёфтаанд. Аз ин лиҳоз намояндагони адабиёти ин даврaро низ ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Яъне эҷодкороне, ки дар асоси қонуниятҳои устувору анъанавии адабиёти классикӣ эҷод мекарданд. Дигар он гурӯҳи эҷодкороне, ки дар асоси падидаҳои нави эҷодӣ ва тақозои воқеияти

---

[1] Саъдиев С. Жанри «Сафарнома» дар адабиётҳои маорифпарварии тоҷик ва эрон. //Масъалаҳои филологияи тоҷик- Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ, Самарқанд,1997, саҳ. 32.

[2] СаъдиевС. Жанри «Сафарнома» дар адабиётҳои маорифпарварии тоҷику эрон Самарқанд,1987, саҳ. 30.

зиндагию дигаргуниҳои ҳаёти иҷтимоӣ-таърихии давр мазмунҳои тозаро ҳаддалимкон дар жанрҳои сифатан ва моҳиятан навгаштаву қолибан анъанавӣ инъикос менамуданд.

Азбаски адабиёти маорифпарварии тоҷик маҳсули шароити нави таърихӣ аст, дар он воқеъ гардидани дигаргуниҳои нав амри воқеист. Муҳити нави иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таърихӣ дар мазмуни ғоявии адабиёт мавзӯъ ва оҳангҳои наве дохил намуд, ки назар ба даврaҳои гузашта қадами ҷиддие ба пеш буд. Дар ин адабиёт принсипҳои ғоявию эстетикии наве муқиман ҷой гирифт. Хусусиятҳои асосии мазмуну мундариҷаи ғоявӣ ва шаклии осори адабии лирикиву насрии нимаи II асри XIX аз зеринҳо иборат буданд: қувват гирифтани танқиди иллатҳои иҷтимоии давр; норизоӣ аз сохти иҷтимоиву феодалӣ дар адабиёт; ҳимояи манфиатҳои оммаи меҳнаткаш ва ҳисси ҳайрхоҳӣ нисбат ба онҳо; тарғиби илму фанни дунявӣ, алалхусус илму фан ва маданияти пешқадами Аврупо; бо воқеияти давр бештар вобаста гаштани адабиёт ва тағйири тасвири бадеӣ; инъикоси бадеии масъалаи худшиносии миллӣ ва худогоҳии таърихӣ; содда гардидани забони осори бадеӣ; болоравии мақоми наср нисбат ба назм дар адабиёт; ба вуҷуд омадани жанрҳои махсуси адабиёти маорифпарварӣ (сафарнома, ҳикоятҳои бадеӣ-фалсафӣ); ба вуҷуд омадани тарзи тасвири реалисатии маорифпарварӣ ва мақоми он дар назму наср.

Мавзӯъҳои асосии адабиёти нимаи дуюми асри XIX бештар вобаста ба ҳаёти иҷтимоии давр буданд. Асоситарини мавзӯъ дар адабиёти равияи пешқадам танқиди тартиботи иҷтимоӣ, ҳимояи табақаҳои миёнаҳол ва меҳнаткаш, тарғибу ташвиқи илму маърифати дунявӣ ва танқиду ифшои рафтору кирдори пурнуқсони аҳли ҷоҳу арбоби дин, худшиносии милӣ ва худогоҳии таърихӣ, танқид ва ҳаҷву тамасхури кору кирдор ва рафтори ношоями аҳли мансабу амал, ислоҳ намудани сохт ва структураи давлатдорӣ, наҳ задании бидъат ва хурофотҳои кӯҳна, дигаргун кардани ағрози адабиёти бадеӣ ва ғайраҳо

ҳисоб меёбад. Таснифоти жанрии адабиёти даврро дар асоси графики органайзерии зерин метавон дида баромад:



Дар назми ин давра лирика ва ашъори лирикӣ мавқеи калон дошта, намудҳои асосии он ғазал, қасида, рубоӣ, қитъа ва мухаммас, маснавӣ буданд. **Ғазал** ҳамчун жанри серистеъмоли адабиёт дар ин марҳилаи инкишофи таърихи адабиёти классикӣ мавқеи асосӣ дорад. Дар шакли зоҳирии ин жанри назми классикӣ дигаргунии ҷиддие дида намешавад. Шумораи байтҳои ғазал вобаста ба мазмуни он гуногун буда, дар осори аксари шоирон, аз ҷумла, Возеҳ, Шоҳин, Савдо ва як қатор шоирони дарбор он барои ифодаи мазмунҳои ишқӣ, ҳаҷру фироқ, сӯзу гудоз, оҳангҳои фалсафӣ-ирфонӣ истифода гардидааст. Фақат, таъкид ҷоиз аст,

ки дар ғазалиёти шоироне, ки аламбардори равияи пешқадами адабиёти давр буданд, ҷанбаи иҷтимоии мазмун, оҳангҳои шикоятӣ дар ғазал пурқувваттар гардид. Аз лиҳози сабку услуб низ навпардозиҳои чашмрас ба вуҷуд омад. Аммо хусусиятҳои анъанавии жанри ғазал тағйири ҷиддӣ надид.

Аз намудҳои дигари жанри лирикӣ рубоӣ ва қитъа низ дар назми адабиёти ин давр ба назар мерасад. Аммо ҳамчун жанри лирикӣ нисбатан паст гардидани мавқеи ин жанрҳо дар осори шоирони пешқадами давр равшан намудор аст. Дар ашъори лирикии шоирон шумораи ками ин жанрҳои хурди лирикиро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар таркиби «Наводир-ул-вақоеъ», дар осори лирики Шамсиддин Шоҳин, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар мавзӯъҳои фалсафию ахлоқӣ иншо гардидани ин шакли адабиро мушоҳида намудан мумкин аст. Нисбатан камшумор гардидани навъҳои хурди ашъори лирикӣ бештар ба табиати онҳо вобаста аст. Зеро дар давраи нави таҳаддулот ва инкишофи таърихӣ тарғиби ғояҳои нави сиёсӣ, мавзӯъҳои муҳимтарини иҷтимоии пурмӯҳтаво дар ашъори лирикии хурд имкон надорад, ки ғунҷоиш ёбад.

Қасида дар ин давра низ аз жанрҳои маъмулии адабиёт буд. Ҳам дар ашъори шоирони дарбор ва ҳам дар эҷодиёти шоирони берун аз дарбор ин жанри адабӣ мавқеи муайян дошт. Дар ашъори шоирони дарбор аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва бадеияту ғоя ҳамчунин аз лиҳози шаклу услуб маҳдудиятҳо доштани ин жанр мушоҳида карда мешавад. Шоирони маддоҳ ба қоида ва қонунияти асили анъанавии қасида «мағзи бузургу сухани мутантани олӣ» қариб риоят намекарданд ва жанр дар ҳамин асос рӯ ба таназзул ниҳод. Қисми ташбиб, ки ҷавҳару бадеияти онро ташкил мекунад, дар қасидаҳои шоирони давр қариб дида намешавад. Аммо дар қасидаҳои шоирони равияи пешқадам, ҳамчун Аҳмади Дониш, Возеҳ, Шоҳин сохти қасидаҳои классикӣ ва унсурҳои асосии шаклию мундариҷавии он, чун ташбиб, тахаллус, мадҳ, ҳусни

матлаб, ҳусни мақтаъ, гурез ва ғайра нигоҳ дошта шудаанд. Ҳамин ҷиҳат низ муҳим аст, ки дар қасоиди эшон тавассути санъатҳои олии лафзию маънавӣ мазмунҳои баланди шикоятӣ пурқувваттар ифода гардидааст. Илова бар ин дар марҳилаи мазкур дар осори баъзе аз вакилони адабиёти тоҷик мавқеъ пайдо намудани навъи қасидаи шарҳиҳолӣ, ба истилоҳ қасидаи ҳасбиҳолиро мушоҳида намудан мумкин аст. Мисоли равшани чунин навъи қасидаро дар осори Қорӣ Раҳмтуллоҳи Возеҳ дидан мумкин аст, ки ин қасида бо унвони «Теъдод-ул-фазоил» маълум аст. Дар хусуси ин қасида дар мавриди муайян сухан хоҳем кард.

Дар ин марҳилаи адабиёт маснавӣ ва достонсароӣ низ идома дошт. Аммо дар назми ин давра тағйиротҳои муҳимтарину ҷиддӣ дар мазмуну мундариҷа ва ғояи осори адабӣ рух додааст. Шакли асарҳои бадеӣ бетағйир аст. Боиси ин манзара, пеш аз ҳама, ҳоло аз анаъанаҳои адабӣ тамоман канда набудани адабиёти бадеӣ ва устувории қолибҳои анъанавӣ мебошад. Аммо дар асоси фикрҳои манзургуашта гуфтан мумкин аст, ки муносибат ба жанру намудҳои адабӣ маҳз аз нимаи дуюми асри XIX оғоз гардида буд.

Аммо дар аввали асри XX, «дар давраи нави таърихии халқи тоҷик замони таҷдиди адабиёти классикии чандинасра, давраи пайдоиши адабиёти сифатан нави ба таҳаввул дучоргашта ва ҳодисаи навшавии жанрҳои адабӣ воқеъ гардид», ки заминаи ин табоддулот дар нимаи дуюми асри XIX аз ҷониби адибони пешқадами давр гузошта шуда буд ва ин масъала дар адабиёти аввали асри XX низ идома ёфт.

Дар ин марҳилаи инкишофи адабиёт мазмунҳои тозаи адабиёти моҳиятан нави маорифпарварӣ дар шаклҳои анъанавии назми классикӣ, чун ғазал, мухаммас, маснавӣ, қасида, қитъа, рубоӣ ва ғайра ифода ёфтаанд. Дар осори бадеӣ нисбатан ба ҳам мувофиқат накардани шаклу мазмун мушоҳида карда мешавад. Гарчӣ муваққатӣ бошад ҳам мазмунҳои нави иҷтимоӣ, масъалаҳои муҳими сиёсӣ, инчунин афкори

нави таҷаддудгароёна дар шаклҳои анъанавии адабиёти классикӣ пурра ва комилан мувофиқат намекард.

Аз аввали асри XIX дар адабиёти тоҷик пас аз муддати тӯлонии «рихвату рукуд» ҷунбише дар мазмуну мундариҷаи осори адабӣ падид омад. Дар раванди эҷодӣ кӯшише баҳри тағйир додани маҷрои эҷодӣ ва равияю услубҳои он, тағйир додани мазмунҳои анъанавӣ ва мавзӯъҳои суннатӣ чун масъалаи асосӣ ба миён омада буд.

Дар нимаи дуюми асри XIX ин саъю кӯшишот тавассути осори гаронмояи маърифатпарварони равшанзамир: Аҳмади Дониш, Шоҳин, Возеҳ, Савдо, Мирзо Сироҷ, Ҳайрат, Садри Зиё ва нафарони дигар сурати амалӣ гирифт. Дар ин давр, гуфтан мумкин аст, ки ҳам дар мазмуну мавзӯъ, ҳам дар шаклу услуби осори бадеӣ тозаҷӯиҳои амиқ рух доданд. Ин тағйиротҳо барои таҷаддуди ҷиддии шаклу намудҳои адабӣ дар оғози асри XX ҳамчун омили асосӣ хизмат кард. Дар ин аҳд дар масъалаи таҳаввули жанр ва инкишофи он манзараи тамоман дигар ба мушоҳида мерасад. Таҳаввулу ташаккули системаи жанрии адабиёти ин аҳд, пеш аз ҳама, дар тағйироти мавзӯъ ва мазмунию навъҳои адабӣ эзоҳ дода мешавад. Чуноне ки дар боло ишора гардид, ин давраи адабиёти тоҷик бо он характернок аст, ки дар он ҳам идомаи анъанаҳои адабии классикӣ, ҳам таҷдиди мазмуниву шаклӣ ва ҳам пайдоиши жанрҳои нави адабӣ мушоҳида карда мешавад.

Жанрҳои анъанавӣ дар ибтидои асри XX дар системаи жанрии адабиёти давр мавқеи асосӣ доранд. Зеро эҷодкорон ва вакилони барҷастаи адабиёт мазмунҳои тозаи адабиёти маорифпарвариро, асосан, дар шаклҳои анъанавии адабиёти классикӣ ифода намудаанд. Дар раванди эҷодии адабиёти ин давра мавқеи жанрҳои лирикӣ хеле назаррас аст. Аксари эҷодкорони давр давраи аввали эҷодиёти хешро дар асоси жанрҳои лирикии анъанавӣ оғоз карданд. Дар ин давр тамоми ғояву ақоиди нави иҷтимоӣ-таҷаддудхоҳӣ дар шаклҳои анъанавии классикӣ, ҳамчун ғазал, мухаммас, маснавӣ, қасида, рубоӣ ва достон

ифода ёфтаанд. Азбаски ҳар як жанр дар асоси принсипҳои эстетикӣ моҳияти муайяне ва вазифаи хосеро дорост, ҳамчунин бароиифодаи мавзӯъ ва мазмунҳои муайяни иҷтимоию ҳаётӣ мувофиқ гардонида шудааст, дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX меҳвари ҳамин тамоюлот вайрон карда шуд. Яъне масъалаи мувофиқати шаклу мазмун то дараҷае арзиши худро гум кард. Гап дар сари он аст, ки мазмун ва мавзӯъҳои тозаи иҷтимоӣ, дар жанру шаклҳои деринаи адабиёт комилан ғунҷоиш наёфтаанд. Бо ибораи дигар чаҳорчӯбаи назм (ашъори лирикӣ) дар ифодаи мазмунҳои тозаи иҷтимоӣ–маорифпарварӣ мувофиқат накард. Корбасти мазмуни нав дар қолибҳои деринаи адабиёт на ба ҳамаи эҷодкорони давр даст дод. Бинобар ҳамин идомаи анъанаҳои адабиро дар эҷодиёти намояндагони адабиёти ибтидои асри XX аз рӯи таносуби шаклу мазмун ба ду гурӯҳ метавон тақсим кард. Аввалан, гурӯҳи эҷодкороне, ки дар эҷоди бадеӣ тамоман пойбанди анъанаҳои адабӣ буда, ҳам дар мавзӯъ ва мазмуну мундариҷаи ғоявӣ, ҳам дар шаклу услуби осори бадеӣ қолибҳои анъанавию суннатии адабиёти классикиро идома додаанд. Ба ин гурӯҳ метавон ашъори лирикии Шамсиддин Шоҳин, Возеҳ, Туғрал, Сипандӣ, Васлӣ, Писандӣ, Асирӣ, Ҳайрат ва нафарони дигарро дохил кард. Зеро ашъори лирикии шоирони фавқуззикр, асосан пойбанди анъанаҳои адабӣ буданд. Масалан, бобати осори адабии Туғрал ва ҳамраъёни вай дар муқаддимаи мунтахаботи ашъори ӯ Носирҷон Маъсумӣ чунин меоварад. «Онҳое, ки мисли Нақибхон Туғрал, Сипандии Самарқандӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Қорӣ Масеҳои Тамҳид, Гулшанӣ ва дигарон аз охирҳои асри XIX сар карда ба ин роҳ (пайравии тақлидкоронаи сабки Бедил С.Х.) даромада буданд, то дами инқилоб (соли 1922) аз ин роҳу равиши худ берун баромада натавонистанд. Дар асоси фикрҳои манзургашта метавон натиҷа бардошт, ки ин равияи эҷодӣ ва ашъори шоирони пайрави анъанаҳои адабӣ дар инкишофу густариши системаи жанрӣ ва ҳатто дар ташаккули тамоюлоти асосии раванди адабӣ мавқеи нисбӣ дошт. Зеро ашъори

шоирони ин равия дар аксаре аз ҳолатҳо такрори маҳзи анъанаҳои адабӣ; мавзӯъҳои суннатӣ, образҳои мавҳуми тақлидӣ таркиб ёфта, ин дурдонаҳои камшумори сухани бадеъ дар осмони пурталотуми назми классикӣ нопадид мегардиданд ва аз назарҳо дур мондаанд. Инчунин дар ин аҳд ҳамчун равияи дуюм равияи пешқадами адабиёти таҷаддудхоҳӣ–маорифпарварӣ арзи вуҷуд дошт, ки дар инкишофу ташаккули раванди адабӣ таъсири амиқе мерасонд. Вакилони намоёни он ҳам дар корбасти мавзӯъҳои наву мазмунҳои тоза дар шаклҳои анъанавӣ, ҳам дар таҳаввулу таҷаддуди онҳо саҳми асосӣ доштанд. Ба ин гурӯҳ аз намояндагони ин давраи адабиёт Садри Зиё, Мирзо Сироҷи ҳаким Бухоройӣ, Айнӣ, Мунзим, Аҷзӣ ва нафарони дигарро номбар кардан мумкин аст.

Як нуктаро бояд тазаккур дод, ки дар осори лирикии шоироне чун Туғрал, Ҳайрат, Сипандии Самарқандӣ, Васлии Самарқандӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Қорӣ Масеҳои Тамҳид ва нафарони дигар, ки эҷодиёташон тамоман пойбанди анъанаҳои адабиёти классикӣ буд, баъзе навпардозиву навҷуиҳое низ рух доданд. Ин дигаргунӣ ва навҷӯиҳо на дар шаклу услуб ва мавзӯи осори бадеъ, балки танҳо дар мазмуни он рух додаасту халос. Ин дигаргуниҳо ба ҳолати рӯҳии қаҳрамононии лирикӣ низ беиаъсир намондааст. Аз ҳамин боис қисман дар осори лирикии шоирон, Писандии Самарқандӣ, Васлии Самарқандӣ, Ҳайрат рӯҳи замони нав то дараҷае инъикос ёфтааст. Аммо ин руҳияти тоза, ин оҳангҳои иҷтимоии интиқодӣ дар эҷодиёти онҳо то дараҷаи мавзӯи асосии ашъор нарасидааст.

Аз ин ҷиҳат тамоми тағйироту таҳаввулот ва дигаргуниҳои тадриҷии мазмуниву шаклии осори бадеиро дар системаи жанрии ин давраи адабиёт, бояд аз равияи пешқадаму таҷаддудгароёнаи адабиёт вобаста дид. Зеро масъалаи идомаи жанрҳои анъанавӣ ва тағйироти тадриҷии шакливу мазмунии осори бадеӣ ҳамчунин дигаргун шудани мавзӯи осори бадеӣ, инчунин навшавии моҳияту аломатҳои жанриро дар

ҳамин равияи эҷодӣ ва эҷодиёти шоирони маорифпарвар дидан мумкин аст. Худ «масъалаи ифодаи мазмуни тоза дар шаклҳои анъанавӣ аз бозёфтҳои муҳимтарини адабиёти маорифпарварии ибтидои асри XX аст».[1] Ин як ҷиҳати масъала аст. Ҷиҳати дигари таҳаввул ва таҷаддуди жанрҳо ба тағйир ёфтани воситаҳои тасвири бадеӣ, инчунин моҳияти махсус касб кардани жанрҳои анъанавӣ вобаста аст. Зеро дар ин даврaи адабиёт ба эътибори мазмуни тозаи иҷтимоӣ ва дар асоси такмили мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии жанрҳо воситаҳои тасвири бадеӣ тағйир пазируфт. Аз ин рӯ, ба эътибори мавзӯъ ва мазмунҳои тозаи иҷтимоӣ ва бо тақозои он воситаҳои тасвири бадеии нав жанрҳои шеърии адабиёти маорифпарвариро бо ҳамон жанрҳои анъанавии адабиёти классикӣ, айнан, як хел донистна хатои маҳз аст.

Яке аз хусусиятҳои барҷастаи адабиёти маорифпарварӣ ва адабиёти нимаи дуюми асри XIX болравии мақоми наср нисбат ба назм буда, аксаран ақидаву ғояҳои асосии маорифпарварӣ дар ҳамин шакл ифода ёфтааст. Дар адабиёти тоҷик ин ҳодиса низ бо номи Аҳмади Дониш вобаста буда, ҳамчун мутафаккири равшанфикри давру замонаш ӯ дар интишор ва тарғибу ташвиқи ғояҳои маорифпарварӣ аз ин шакли эҷод истифода бурдааст. Намунаи барҷастаи насри бадеӣ-фалсафӣ, ки дар асоси тасвири реалистӣ эҷод гаштааст, «Наводир-ул-вақоеъ-и вай мебошад.

Дар даврaи аввали инкишофи адабиёти маорифпарварӣ ососри насрӣ камшуморанд ва ин вобаста ба устувории қонуниятҳои нормативии адабиёти классикӣ буд. Аммо бояд тазаккур дод, ки аллакай дар сабк ва услуби тасвир дар эҷоди бадеӣ тағйироти зиёде ба вуҷуд омада буд. Пеш аз ҳама мисли соддабаёниву содданависӣ, содда кардани забон дар эҷодиёти адибон мушоҳида мешавад. Аз Аҳмад Дониш оғоз

[1] Ҳалимов С. Баъзе масъалаҳои шакл ва мазмун дар адабиёти маорифпарварварии тоҷик. Масъалаҳои адабиёти маорифпарварии тоҷик // Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ, Самарқанд, СамДУ, 1995 саҳ. 39.

карда, нависандагон аз сабки душвор ва пуртакаллуф, ки анъанаи адабиёти классикӣ буд, даст кашиданд. Насри бадеӣ дар нимаи дуюми асри XIX бештар бо унсурҳои фалсафӣ-таърихӣ равнақ ёфт. Дар «Савонеҳ-ул-масолик»-и Возеҳ унсурҳои таърихӣ, факт ва далелҳои таърихии воқеӣ мушоҳида карда шавад, дар баъзе бобҳои ба тарзи бадеӣ навишташудаи «Наводир-ул-вақоеъ» унсурҳои фалсафӣ вуҷуд доранд. Ин сабку услуб аз як ҷиҳат роҳи нави эҷодӣ бошад, аз ҷиҳати дигар бо анъанаҳои насри классикии форсу тоҷик марбут аст. Ҷиҳати дигари масъала аз он иборат аст, ки дар асарҳои насрии адабиёти ин давра мазмунҳои иҷтимоӣ ва талқини ғояҳои иҷтимоиро бар доираи фарох метавон мушоҳида кард. Дар ин поя ба вуҷуд омадани ҷараёни маорифпарварӣ ва адабиёти маорифпарварӣ дар нимаи дуюми асри XIX дар Осиёи Марказӣ омили асосӣ мебошад.

Метавон гуфт, ки нимаи дуюми асри XIX дар ташаккули насри бадеии тоҷик марҳилаи наве буд. Маҳз аз ҳамин давра дар интишору ташаккули ин навъи эҷоди бадеӣ саъю кӯшиши эҷодкоронро равшан мушоҳида кардан мумкин аст. Дар адабиёти тоҷик интишор ёфтани насри бадеӣ ва болоравии мақоми наср нисбат ба назм, бешубҳа, бо номи Аҳмади Дониш сахт марбут аст. Зеро, маҳз, Аҳмади Дониш буд, ки дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX тоҷик барои инкишофи тадриҷии насри бадеӣ роҳу услуби наверо кафш кард, ҳамчунон пояҳои ташаккули минбаъдаи онро амалан муайян сохта, намунаҳои сифатан тозатарини онро худ эҷод кард, ки мисоли равшани гуфтаҳои болоянд. Ба тариқи намуна дар ин бобат асари нисбатан калонҳачми ӯ «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Рисолаи таърихӣ»-ро зикр намудан мумкин аст. Дониш дар офаридани ин асарҳо бевосита ба анъанаи насрофарии адабиёти классикии форсу тоҷик такя намуда, дар асоси талаботу тақозои ҳаёти ҷомеа ва воқеоти давру замон асарҳои насрии моҳиятан наверо офарид, ки дар таърихи адабиёти тоҷик аз ҳайси мавзӯъ ва мазмун, забону услуб, тарзи тасвири воқеот нисбатан рангу бори тозае дошт.

Бояд таъкид карда гузашт, ки дар ташаккули насри бадеии тоҷик дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX на фақат роли Аҳмади Дониш, балки мавқеи адибони равшанфикри замон, бахусус, вакилони адабиёти маорифпарварӣ Қори Раҳматуллоҳи Возеҳ, Савдо, Шоҳин, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва нафарони дигар хеле калон аст. Асарҳои насрии дар ин давра офаридашуда бевосита дар қолиби жанрҳои анъанавии адабиёти классикӣ эҷод гаштаанд. Аммо вобаста ба дигаргуниҳои ҳаёти иҷтимоӣ, интишори ғояву мазмунҳои нав, ва тағйир ёфтани тамоюлоти эстетикии эҷоди бадеӣ жанрҳои анъанавӣ дар асоси ҳодисоти синтези бадеӣ ба жанрҳои моҳиятан наве табдил ёфтаанд, ки ин хусусиятҳои тағйирпазирӣ дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX ба як чанд омилҳо асос ёфтаанд.

Замина ё худ омилҳои ташаккули насри бадеӣ низ ба омилҳои муайяни объективӣ ва субъективӣ вобаста аст, ки онҳоро дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX метавон дар қарори зайл тасниф кард:



Азбаски дар таърихи халқи тоҷик нимаи дуюми асри XIX моҳиятан давраи нав аст, дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт табаддулотҳои ҷиддӣ ва радду бадали воқеаҳои иҷтимоиро метавон мушоҳида кард. Аз ҷумла, дар давраи нави таърихӣ замони таҷдиди адабиёти классикии чандинасра, ки дар асоси қолиби мустаҳками меъёрӣ идома дошт, давраи пайдоиши адабиёти сифатан нав, таҳаввули ҷиддии шаклӣ ва навшавии жанрҳои бадеӣ воқеъ шуд. Ин таҷдиди шаклӣ мувофиқи талаби ҳаёт ва замон, тақозои адабиёти нави маорифпарварӣ буд,[1] ки бевосита дар ҳаёти иҷтимоии давр нақши муҳиме дошт. Инак, ба ин тарз омили асосӣ ва авалиндараҷаи болоравии мақоми осори насрӣ нисбат ба назм асос меёбад ба дигаргуншавии воқёоти иҷтимоиву мадании давру замон, ки таъсири онро равшану возеҳ дар адабиёт мушоҳида кардан мумкин аст. Зеро, «адабиёти сифатан наве, ки ба воқеияти зиндагӣ ва ҳаёти ҷомеа бештар вобаста гардида, мазмун ва моҳияти равшани воқеънигорона пайдо карда буд, аз назари шаклу жанрҳои худ наметавонист ба тағйирот дучор нашавад».[2]

Дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX методи реалистии тасвир, ки бевосита бо тақозои ҳаёти иҷтимоӣ ба вуҷуд омада буд, боиси пайдо гаштани мазмуну мундариҷаи нав, шаклу услуби бадеии нав гардид, ки инкишофи минбаъдаи ин тамоюлоти эстетикӣ дар ташаккули шаклу жанрҳои бадеии нав, инчунин барои аз нав барқарор гаштани баъзе жанрҳои анъанавӣ (сафарнома, мунозира, татол, ҳикоёти бадеӣ-ахлоқӣ) низ ҳамчун замина хизмат кард. Аз ин рӯ, дар ин давра падид омадани тарзи тасвири воқеънигорона ё ба иборае реализми маорифпарварӣ дар ташаккули насри бадеии тоҷик мавқеи муҳиме дорад ва метавон гуфт, ки дар роҳи инкишофи осори насрӣ тарзи тасвири методи эҷоди бадеии реалистӣ яке аз омилҳои ҷиддитарин аст.

---

[1] Холиқ Мирзозода. Афкори рангин. - Душанбе: Маориф, 1982.

[2] С.Саъдиев Масъалаҳои филологияи тоҷик. (Мақола ва гузоришоти илмӣ) Мақолаи Жанри сафарнома дар адабиёти маорифпарварии тоҷику Эрон.Самарқанд-1997.

Аз ҷониби дигар ташаккулу интишори мазмун ва ғояҳои иҷтимоӣ-маорифпарварӣ, инъикоси бадеии онҳо дар адабиёт, боиси вусъат ёфтани жанрҳои насрии адабиёти нимаи дуюми асри XIX маҳсуб мегардад. Дар осори бадеии давр роҳ ёфтани ғояҳои ҷараёни маорифпарварӣ, амиқан таҳлилу талқин гардидани ин ғояҳо, инчунин ғунҷоиши мазмунҳои тезу тунди иҷтимоӣ бевосита ба ташаккули насри бадеӣ таъсири калоне гузошт. Ба қавли устод Айнӣ «чорчӯбаи назм» барои таҳлилу талқини ғояҳои нави иҷтимоӣ, ки бояд дар доманаи васеъ сурат гиранд тангӣ кард ва адибони маорифпарвар барои тасвири манзараи умумии иҷтимоӣ ва дар доираи васеъ талқин намудани ғояҳову мазмунҳои пешқадами замонавӣ аз осори насрӣ истифода бурданд, ки имкониятҳои васеъ дошт. Гап дар хусуси он аст, ки адибони давр наметавонистанд масъалаҳои муҳими иҷтимоиро дар шаклҳои хурди лирикӣ ва дар қолабҳои муайяни назмӣ бо тамоми паҳлӯҳояш ифода намоянд. Бинобар ин асарҳое лозим буданд, ки афкори сиёсию иҷтимоии маорифпарвариро бо тамоми нозукию хусусиятҳояш фаро гиранд. Ҳамин тариқ, мазмуни тозаи иҷтимоӣ талаб мекард, ки ба шаклҳои жанрҳои насрии адабиёт муроҷиат карда шавад.

Осори насрии адабиёти давр асосан аз жанрҳои анъанавии адабиёти классикӣ (сафарнома, мунозира, ҳикояҳои бадеӣ-фалсафӣ) иборат буда, дар онҳо мазмунҳои реалистии навин, ки саросари адабиёти маорифпарвариро фаро гирифта буд, ифодаи бадеии худро ёфтаанд. Дар ин поя жанрҳои анъанавии адабиёти классикӣ мувофиқи талаботи адабиёти нави маорифпарварӣ вазифаҳои муайяни ғоявӣ ва рангу бори тозаи эстетикӣ касб карда, ба жанрҳои моҳиятан навгаштае табдил ёфтаанд. Дар асоси ҳодисоти синтези бадеӣ жанрҳои анъанавии адабиёти классикӣ аз нав барқарор гардида, мавқеи муайянеро соҳиб шуданд, руҳи тоза пайдо намуда гӯё таҷдид меёбанд, нав мегарданд ва ҳамқадами замон мегарданд. Аз ин лиҳоз бевосита гуфта метавон, ки насри бадеии адабиёти нимаи дуюми асри XIX аз анъанаҳои насрофарии адабиёти

мумтоз канда набуд. Эҷодкорони давр дар асоси қолибу шаклҳои суннатии адабиёти мумтози форсу тоҷик мутобиқан бо мазмунҳои тозаи иҷтимоӣ асарҳо офаридаанд, ки аксаре аз онҳо аз ҷиҳати сохти мундариҷавӣ, услуб, устухонбандӣ барои ифодаву интишори мазмунҳои нави реалистӣ мувофиқ гардонида шуда буданд.

Дар баробари мавриди истифода қарор гирифтани баъзе жанрҳои анъанавӣ ва аз сари нав барқарор гаштани онҳо дар насри бадеии адабиёти нимаи дуюми асри XIX жанрҳои нисбатан тозаеро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Аз он ҷумла «Рисолаи таърихӣ»-и Аҳмади Дониш ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз ҷиҳати сабку услуб ба ҳам аз лиҳози мазмуну мундариҷа дар адабиёти тоҷик асари тамоман тозае буд. Ин асарро олими маъруфи адабиётшиноси тоҷик Расул Ҳодизода ба жанри публитсистикаи бадею таърихӣ ва танқидӣ монанд, ки дар он анъанаҳои беҳтарини насри ҳаҷвию киноявии шарқ бо руҳи ҷанговаронаю моҷароҷӯёнаи публитсистикаи маорифпарварии ғарб омӯзиш ёфтааст. Аз ҳамин нуқтаи назар дар ташаккули жанрҳои насрии бадеӣ ва васеъ гаштани доираи он таъсири адабиёти Рус ва Аврупоро низ таъкид бояд кард. Дар таҳқиқи ҳикояҳои бадеиву саргузаштии Аҳмади Дониш (аз таркиби бобҳои «Наводир-ул-вақоеъ») Е.Э.Бертельс ибораи «авантюрная новелла»[1] ро ба кор мебарад, ки ин жанр низ хоси адабиёти Ғарб буда, аз таъсири нисбии он ба осори насрии адабиёти тоҷик дар ин давра нишонаи хос аст.

Дар ҳамин замина боз як омили муҳимро дар шаклгирии осори насрии ин давра мавриди назар доштан лозим аст, ки брои падлид омадани чандин асарҳои насрӣ, руҳияти муайне касб намудани онҳо созгор аст. Ин омил анъана ва суннатҳои адабиёти шифоҳии халқ аст. Дар ин асос ба арсаи вуҷуд омадани баъзе аз ҳикоёти таркиби «Наводир-ул-вақоеъ», дар шакли махсус иншо гардидани «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и

[1] Р.Ҳодизода, У.Каримов, С.Саъдиев. Адабиёти тоҷик дар асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX.- Душанбе, Маориф.1988.

Шоҳин, «Ақоид-ун-нисоъ»-и Возеҳ, «Музҳикот»-и Савдоро зикр намудан бамаврид аст.

Бояд тазаккур дод, ки дар давраи аввали инкишофи адабиёти маорифпарварӣ наср мавқеи кам дошта бошад ҳам, минбаъд дар осори адибон вусъати тадриҷии он ба назар мерасад. Баробари ҳамин вобаста ба омилҳои болоӣ дар сабку услуби тасвир тағйироти зиёде ба вуҷуд омад. Пеш аз ҳама майли соддабаёниву содданависӣ ба назар мерасад, ки пояҳои онро дар наср Аҳмади Дониш гузошта буд. Аз оғози давраи нави адабиёт нависандагон аз сабки душвор ва пуртакаллуфи анъанавӣ, ки хоси осори насрии адабиёти классикӣ буд, даст кашида барои содда кардани забони асарҳои худ кӯшиданд. Як ҷиҳати дигари хусусиятҳои осори насри адабиёти маорифпарварии тоҷик аз он иборат аст, ки маҳз аз ҳамин давра дар насри бадеӣ унурҳои фалсафӣ-илмӣ роҳ ёфт.

Ҳамин тариқ, ба тарзи хулоса метавон гуфт, ки нимаи дуюми асри XIX дар инкишофи насри бадеии адабиёти тоҷик марҳилаи наве буда, дар инкишофу ташаккули минбаъдаи ин навъи эҷодӣ заминаи муҳиме шуда метавонад. Зеро он дар асоси амалҳои мустаҳкамӣ ҳаётиву иҷтимоӣ ба вуҷуд омадаст ва мағз андар мағзи осори насри бадеии ин давраи адабиётро мазмунҳои тозаи ҳаётӣ ғояҳои муҳими иҷтимоӣ авкори илмиву фалсафии пешқадами замонавӣ ташкил менамояд.

Дар нимаи дуюми асри XIX барои ифодаву интишори ғояву афкори ҷараёни маорифпарварӣ дар насри бадеӣ баъзе жанрҳои нав ба вуҷуд омад, ки мисоли равшани ин ҳикояҳои бадеиву-фалсафии реалистии «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Рисолаи таърихӣ»-и Аҳмади Дониш, «Бадоеъ-ус саноеъ»-и Шамсиддин Шоҳин, «Музҳикот»-и Савдо аст. Аммо аз он ҷиҳат, ки адабиёт бе дуни анъанаи адабӣ ташаккул намеёбад, дар насри бадеӣ низ жанрҳои анъанавии насрии адабиёти классикӣ идома ёфтанд. Аз ҷумла жанри сафарнома, мунозира, ҳикояҳои бадеӣ дар адабиёти форсу тоҷик заминаҳои милливу худӣ доранд.

Яке аз жанрҳои асосиву марказии адабиёти маорифпарварӣ жанри **сарфарнома ё худ саёҳатнома** аст. Бевосита адабиёти сифатан наве, ки бо воқеияти зиндагӣ ва ҳаёти ҷомеа бештар вобаста гардида буд, ва муҳимтаринаш мазмунҳои реалистиву воқеънигориро дар хеш муҷассам карда буд, шаклу жанрҳои мувофиқро тақозо мекард. Дар нимаи дуюми асри XIX масъалаи таҳаввулу таҷаддуди жанрҳои анъанавӣ яке аз масъалаҳои асосӣ гардид. Таҷаддуди жанрӣ ва мақоми дараҷаи аввал касб кардани баъзе аз жанрои қадимаи адабиёти классикӣ дар адабиёти ин давр хеле масъалаи муҳим аст. Ин ҳолат асосан дар адабиёти ин давр дар асоси заминаҳои муайяни ҷамъиятӣ ҷой гирифтааст. Яке аз чунин жанрҳои деринаи адабиёти классикӣ жанри сафарнома ва ё саёҳатнома буда, мувофиқи тақозо ва талаботи адабиёти моҳиятан нави маорифпарварӣ вазифаҳои нав ҳамчунин бори тозаи ғоявии эстетикиро бар дӯш гирифт ва барои интишори ғояҳои нави иҷтимоӣ ҳамқадами замон гашт. Жанри сафарнома дар ин давр ба вазифаҳои адабиёти маорифпарварӣ тобеъ карда шуда, аз мавкеи муайяни эҷодӣ ва мақсаду мароми мушаххаси ғоявӣ таълиф гардидааст. Дар адабиёти тоҷик намунаи аввалини жанри сафарномаро Аҳмади Дониш ба вуҷуд овардааст, ки онро дар шакли ҳикояҳои сафарӣ дар таркиби «Наводир-ул-вақоеъ» мушоҳида намудан мумкин аст. Намунаи дигари ин жанр ба қалами адиби ҳамин давр, Возеҳ бо номи «Савонеҳ-ул-масолик» тааллуқ дорад. Як ҷиҳати масъаларо бояд зикр кард, ки дар жанри сафарнома адиб бояд дар услуби ба худ хос тамоми дидаву шунидаҳояшро ба тарзи ҳақиқатнигарона, реалистона, ки дар давоми сафари хеш дидааст, ба доираи тасвир кашид. Дар сафарномаҳои нимаи дуюми асри XIX аллакай руҳи публисистиро мушоҳида кардан мумкин аст.

Жанри дигари адабиёти маорифпарварӣ ҳикоя аст ва яке аз намудҳои он ҳикояи бадеӣ-фалсафии реалистӣ мебошад, ки намунаи чунин жанрро дар шакли айнияташ дар адабиёти классикӣ надидаем, ҳикояҳои фалсафии реалистиро дар осори Аҳмади Дониш дар

«Наводир-ул-вақоеъ» «Бадоеъ-ус саноеъ»-и Шоҳин, «Ақоид-ун-нисоъ»-и Возеҳ ва «Музҳикот»-и Савдо дидан мумкин аст, ки дар адабиёти тоҷик оғози интишор ва Рушду таҳаввули жанри мазкури насрӣ маҳсуб мешавад.

Аҳмади Дониш бо афкори бадеӣ-фалсафии худ на танҳо анъанаҳои беҳтарини насри классикиро давом дод, балки баъзе жанрҳои навинро дар адабиёт тарҳ дод. Ӯ барои ифода кардани афкори фалсафӣ ва махсусан барои тасвири идеали иҷтимоию сиёсӣ аз жанри махсуси нави адабӣ, ҳикояи фалсафию бадеии реалистӣ истифода бурдааст.

Дар «Наводир-ул-вақоеъ» ду ҳикояи дар шакли бобҳои ҷудогона омадаро дучор менамоем, ки яке «Дар ҳикояти Ҳоҷӣ ва манофеи сафар ва хислати занон», дуюмӣ «Дар ҳикояти гирдоби Искандар ва ғинои марди аҷамӣ» ном доранд. Дар ин ду ҳикоят омезиши афкори фалсафӣ бо тасвири бадеӣ равшан намудор аст. Дар ҳикояи аввал манфиати сафар кардан шарҳ дода шудааст. Дар ҳикоя масъалаи асосӣ (сафар кардан ва манфиати он) ба тарзи илмӣ-фалсафӣ гузориш дода шудааст, аммо сурати ҳалли он ба воситаи тарзи тасвири бадеӣ анҷом гирифтааст. Яъне адиб мақсаду мароми фалсафии худро ба тарзи бадеӣ ифода кардааст. Дониш онро дар асоси сюжети муайян бо устухонбандии бадеӣ дар шакли қисса ё ҳикояи тамом тасвир кардааст. Ин ҳикояҳо дар пайравии насри бадеии адабиёти классикӣ, ки дар қиссаҳо бо овардани ҳикоятҳои тамсилӣ расм буд, дарҷ гардидааст. Аммо дар онҳо ҷанбаи реалистӣ хеле баланд аст.

Умуман, дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX ташаккули нисбии асарҳои насриро мушоҳида кардан мумкин аст, ки оғози ташаккули насри бадеии минбаъдаи тоҷик асосан аз ҳамин давра сарчашма мегирифт.



Реализми маорифпарварӣ. Реализми маорифпарварӣ равияи адабиест, ки дар асрҳои XVII-XVIII вобаста ба ҷунибиши маорифпарварӣ дар адабиёти мамлакатҳои Аврупо ба вуҷуд омад. Ин реализм бо ҳаракти маорифпарварии Руссия, ки дар асри XVIII ба вуҷуд омада то нимаҳои асри XIX идома дошт, низ вобастагӣ дорад.

Омили асосии пайдоиши реализм маорифпарварӣ дар адабиёти тоҷик ҷунбишҳои маорифпарварӣ, афкори иҷтимоию сиёсии нимаи дуюми асри XIX буд. Дар ин бобат фаъолияти маорифпарварии Аҳмади Дониш ва осори адабию фалсафии ӯ аҳамият ва таъсири амиқе дошт.

Хидмати бузурги Аҳмади Дониш дар он буд, ки ӯ тамоми масъалаҳои фалсафӣ ва иҷтимоиро ба муҳити замони худ, ба талаботи ҳаёти ҳамон давр вобаста намуд. Аз ин ҷиҳат ӯ ба муқобили схоластикаи динӣ ва тарзу усули мурдарангонаи таҳсил дар мадрасаҳо баромад ва ба зиндагӣ вобаста намудани илму дониши инсонӣ ва дунявиро тарғиб кард. Ин мароми воқеъпарастии Дониш ба усули тасвир ва асосҳои инъикоси бадеии адабиёт таъсири куллие дошт. Аз ин ҷиҳат ҳикоятҳо ва қиссаҳои бадеию фалсафаи ӯ дар «Наводир-ул-вақоеъ», инчунин асари ҳаҷвӣ-публистии ӯ-«Рисолаи таърихӣ» дар адабиёти он давр ва баъд мақоми бузурге доштанд.

Асарҳои Аҳмади Дониш ва тарзи тасвири реалистию воқеънигории ӯ ба эҷодиёти нависандагон ва шоирони он замон махсусан ба эҷодиёти Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шамсиддини Шоҳин, Абдулқодирхоҷаи Савдо ва дертар Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдурауфи Фитрат, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат таъсири мусбат расонданд. Рӯҳи танқидгарона ва тарзи тасвири реалистии ҳаёти иҷтимоӣ ва зиндагии табақаҳои гуногуни мардум дар асарҳои бадеӣ мавқеи бештаре пайдо кард. Возеҳ дар «Савонеҳ-ул-масолик» ва «Ақоид-ун-нисоъ», Шоҳин дар «Тӯҳфаи дӯстон» ва «Бадоеъ-ус-саноеъ», Савдо дар «Музҳикот» ва Ҳайрат дар шеърҳои ҳаҷвии худ умдатарин масъалаҳои давр ва иллату нуқсонҳои иҷтимоии замонашро ҷасуронатар, ошкортар тасвир ва танқид мекарданд. Ҳамаи ин асарҳо, инчунин ашъори лирикии шоирони пешқадами он замон, ки аз таъсири сабки ҳиндӣ ва услуби бедилӣ торафт бештар дур мерафтанд, намунаҳои реализми маорифпарварии адабиёти тоҷик ба ҳисоб мераванд. Дар ин асарҳо сувароти маҷозӣ ва киноявӣ, тарзи тасвири рамзиву истиоравӣ низ дида машаванд, аммо асоси реалистии ин асарҳо ҷараёни реализми маорифпарварии адабиёти он даврарро ташкил мекард.

Реализми маорифпарварӣ махсусан дар асарҳои ҳаҷвӣ ё дар усули ҳаҷв хеле хуб намудор аст. Шоир ва навсандагони маорифпарвар ба

воситаи усли тасвири ҳаҷви иҷтимоӣ махсусан таассуби динӣ, тарзи таҳсили кӯҳнашудаи мадрасаҳо ва ғафлату ҷаҳолати ҳукмрони замонашонро сахту ошкортар танқид макарданд.

Унсурҳои халқият, ки дар адабиёти намаи дуюми асри XIX тавсиаи зиёде пайдо кард, яке аз омилҳои ташаккули риализими маорифпарварии тоҷик буд. Унсурҳои халқии адабиёт, ки дар ҳимояи манфиати мардуми муқаррарӣ зоҳир мегардиданд, ба воситаҳои тасвири реалистӣ низ бетаъсир намонданд. Ин воситаҳои тасвири реалистӣ дар ду самт мушоҳида мешаванд.

Якум, дар назми он давр ба ҷои сувароти шартиву рамзӣ, ки дар асрҳои охир ба воситаи таъсири сабки ҳиндӣ ва услуби бадеӣ нуфузи колон пайдо карда буданд, сувароти реалӣ, яъне сувароти ба фаҳму эҳсоси хонанда наздику қарин бештар мавқеъ пайдо карданд. Чунин такамули эҷодӣ дар ашъори лирикии Абдулқодирхоҷаи Савдо ва Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ равшан мушоҳида мешавад. Ин шоирон, ки дар аввали эҷодиёташон ба сабки ҳиндӣ ва услуби бедилӣ пайравӣ макарданд, бо тақозои замон ва муҳит аз образҳои шартиву маҷозии пешин дур шуда, шеърро ба ҷодаи тасвири реалистӣ андохтанд. Ин роҳи навини Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва Абдулқодирхоҷаи Савдоро Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Мирзо Сироҷ, Асирии Хуҷандӣ, Аҷзии Самарқандӣ, Абдурауфи Фитрат, Абдулвоҳиди Мунзим ва бисёр шоирони ибтидои асри XX бомуваффақият идома доданд.

Дуюм, дар ташаккули реализми маорифпарварӣ майлҳои содда намудани забони асарҳои бадеии назмию насрӣ низ нақши калон дошт. Шоиру нависандагони ҷараёни маорифпарварӣ забони бадеӣ ва воситаҳои тасвирро аз рамзу тасвирҳои сунъии мушкил, аз маҷозу ташбеҳоти пӯшидаву мушкилписанд тоза мекарданд, дар асарҳои худ захираи бой ва пуробуранги забони зиндаи тоҷикӣ, яъне забони гуфтугӯиро устодона истифода менамуданд. Ин майли ҷиддии

демократикунонии забони адабии тоҷикӣ яке аз хусусиятҳои умдаи реализми маорифпарварии адабиёти тоҷик буд.

Реализми маорифпарварӣ беҳтарин анъанаҳои усулҳои реалистии тарзи тасвири адабиёти классикии форсу тоҷикро аз худ намуда, онро ба дараҷаи нав бардошт ва барои инкишофи тасвири реалистӣ дар адабиёти тоҷик роли бағоят муҳим бозид. Садриддин Айнӣ дар бораи таассуроти худ, ки дар аввали шиносоиаш бо асарҳои Аҳмади Дониш пайдо карда буд, чунин ҳикоят мекунад: «Дар як ҷои «Наводир-ул-воқоеъ», ки дар он вақтҳо ба ман таъсир бахшид, тасвири ҳирси аҳли бозор дар роҳи сарватғундорӣ буд. Дар ин бора ба ман тасвири баққоле, ки ҳамсояи муаллиф буда, ҳирси сарватҷамъкунии худро бо диндорӣ омехта пеш мебурд, таъсири аҷибе бахшида буд… Ин тасвири Аҳмад-махдум ба ман ончунон таъсир кард, ки баққоли мазкур аз назарам ҳеҷ дур намерафт ва ман хостам дар зиндагӣ монанди ин баққолро ёфта тамошо кунам…» Ва баъд аз овардани ҳикояи баққоли Дониш ва як баққоле, ки худи ӯ тасвир намудааст, менависад: «Ман ин корро барои он кардам, ки хонандагон то андоза карда дидани тасвири аҳволи ин ду баққол қувваи Аҳмади Донишро ба хубӣ дарёбанд». Аз ин гуфтаҳои Садриддин Айнӣ хулосаҳои ҷиддие бармеояд, ки маҳз реализми маорифпарварӣ барои такмили минбаъдаи ин услуби эҷодӣ дар адабиёти навини тоҷик низ ҳамчун замина ва омили муҳим хизмат намудааст.

Барои муқоисаи реализми маорифпарварӣ ва **реализми танқидӣ** дар ҳамин бахш дар бораи мафҳуми реализми танқидӣ низ чанд сухан карданро мувофиқи матлаб шуморидем. Реализми танқидӣ низ тарзу усули эҷоди бадеӣ аст ва пайдоишу ташаккули он ба адабиёти асрҳои XVIII-XIX дар Аврупо ва Руссия нисбат дода мешавад.[1] Вусъат ёфтани ин услуби эҷодӣ ва ҳамаҷониба ба равияи танқидӣ майл намудани нигориши бадеӣ ба тамоми адабиёт ва санъати асри XIX-и Руссия маданияти бадеии бисёр мамлакатҳои Аврупо ва дар асри 20 дар

[1] ЭАСТ. Ҷилди 3. –Душанбе: СЭМДТ, 2003 Моддаи «Реализми танқидӣ». Саҳ.- 53.

қисматҳо ва манотиқи муайяни Осиё хос аст. Ин тарзи тасвир то расидани модернизм ва ба арсаи вуҷуд омадани реализми сотсиалистӣ ҳамчун равияи асосии эҷоди бадеӣ дар адабиёту санъат амал намуд. Намояндагони ин равия дар осори хеш аз роҳи тасвири амиқ ва тадқиқи бадеии воқеият рафта, ҷиҳатҳои манфии ҳастиро ҳадафи танқид қарор доданд. Баробари ин онҳо саҳфаҳои ибратбахши ҳаётро ва паҳлӯҳои мусбии онро пайдо намуда некбинона таҳқиқ намудаанд. Суханварон ва адибони равшанфикр аз роҳи танқиди батааннии воқеият рафта, қабоҳату разолатро маҳкум ва мақому манзалати беҳтарини дастовардҳои хираду тафаккури инсониро тараннум намудаанд.

Ин усли тасвир ба адабиёти маорифпарварии охири асри XIX ва ҷадидияи чоряки аввали асри XX дигар халқҳо ва манотиқ, аз ҷумла Қазоқистон, Осиёи Миёна ва хосса қаламрави аморати Бухоро нуфуз карда, натиҷаҳои ҷолибе додаст. Чун файзи ин таъсир, ки аз роҳи интишори бевосита ва тарҷумаи адабиёти реалистии асри XIX нуфуз кардааст, эҷодиёти Абай Қӯнанбоев (адиби қазоқ), Мирзо Фатҳалӣ Охунов (адиби озарӣ), Тӯқай, Бердақ (адиби қорақалпоқ), Мирзо Алиакбари Собир, Аҳмади Дониш, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Муқимӣ, Фурқат, Маҳмудҳоҷаи Беҳбудӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Ҳамза ва дигаронро номбар кардан мумкин аст. Сарвари маорифпарварони тоҷик Аҳмади Дониш ҳамсафу пайрави ӯ Мирзо Сироҷи Ҳаким чун шахсиятҳои беназири эҷодкор бо ҷасорати фавқулодаи фардӣ зери таъсири ҳамин равия эҷод кардаанд. Танқиди далеронаи сохтори давлатӣ ва муносибатҳои сиёсӣ, пешниҳодҳои ҷасурона дар мавриди омӯзиши тачрибаи сиёсӣ, ва фарҳангии Русия ва Аврупо Аҳмади Дониш ва пайравони ӯро бо пояҳои баланди муқаддасоти миллӣ оварданд. Аз ин ҷиҳат «Наводир-ул-воқоеъ», «Рисолаи таърихӣ»-и Аҳмади Дониш, «Тӯҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷи Ҳакимро, ки аз унсурҳои ба риализими танқидӣ хос бой мебошад, ба ҳамин равия мансубад. Таблиғи ғояҳои дӯстӣ бо халқҳои гуногун ва аз худ кардани дастовардҳои

фарҳангу забонҳои русиву аврупоӣ, мақоми омма дар таҷаддуди сохторҳои сиёсӣ ва вазъияти иҷтимоӣ фаҳмиши дигаргунсозиҳои инқилобиро дар эҷодиёти инҳо ва дигар адибони тоҷики ибтидои асри XX афзуда, иқтидори мантиқии пешниҳодоти эшонро дучанд кардааст.

Худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ аз роҳи нигоҳи танқидӣ ба ҳаёт ва сохторҳои сиёсии мавҷуда минбаъд дар асарҳои устод Садриддин Айнӣ, унсурҳои реализми танқидӣ дар эҷодиёти Шамсиддин Шоҳин, Фитрат, Тошхӯҷаи Асирӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Садри Зиё ва Мирзо Сироҷи Ҳаким, ки маорифпарвари навҷӯ ба шумор мерафтанд, низ нақши зиёде дорад.

Реализми танқидӣ мисли ҷараёни реалистии тасвир умуман ҳодисаи таърихист. Он марҳилаи асосии ҳамон реализимест, ки ҷиҳатҳои умдатарини салафи худро вусъат ва дар асосҳои нави марбут ба замони худ такомулу тақвият дода, вазифаи таърихии худро иҷро кард. Бо мурури замон ва баъди инқилоб низ реализми танқидӣ аз байн нарафт. Он бо шаклу мазмуни тоза тамоми адабиёти ҷаҳонро фаро гирифт.

Дигар ин ки адабиёти маорифпарварию таҷаддудхоҳии тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар корбасти мазмунҳои тоза, таҳаввул ва таҷдиди анвои жанрҳои бадеӣ, падидаҳои тозаи ҷараёни бадеӣ ба анъана ва суннатҳои беҳтарини адабиёти халқҳои ҷаҳон, минҷумла, адабиёти Руссия ва Аврупо, хусусан, бо адабиёти «давраи танзимат»–и Туркия, адабиёти маорифпарварии тотор, адабиёти давраи машрутиятхоҳии Эрон, адабиёти рӯшанфикрии афғон, адабиёти маорифпарварии ӯзбек равобити қавии адабӣ дошт ва дар навбати худ аз онҳо баҳраҳо бардошт. Маълум аст, ки пайдоиши афкори нави маорифпарварӣ дар нимаи дуюми асри XIX дар тамоми мамлакатҳои Шарқ бевосита боиси пайдоиши адабиёти сифатан нави маорифпарварӣ гардид. Мардум ва табақаи зиёии он айнан ҳалли масъала ва мушкилоти рӯзгори худро дар ҳамин чиз ёфт. Зеро адабиёти бадеӣ дар ин марҳила аз адабиёти мазмунан васфию мадҳӣ ба адабиёти танқидию таҳлилӣ, ифшогари ҳақиқати ҳаётӣ табдил ёфта буд.

Ҳамзамон характери танқидӣ касб кард. Маҳз ҳамин ҷараён пайдоиши шаклҳои нави бадеӣ, услуби тозаву ҷадидро дар осори бадеӣ тақозо намуд. Зеро дар адабиёти мардуме, ки анъанаҳои пурқуввату ғании қадима дорад, наҳзати ҳақиқати ҳаётӣ ва тарзи ифодаи мазмунҳои танқидӣ – воқеънигорӣ дар ҳолати муштаракӣ падид меояд. Ин ҷо ҷиҳати дигар ва нозуки масъаларо низ бояд ба инобат гирифт, ки баҳсталаб аст. Сухан дар бораи методи эҷоди бадеӣ аст, ки дар ҳамин давра бо тақозои шароити нави таърихӣ ва воқеоту ҳаводиси атрофии он ҳамчун тамоюлоти муҳими эҷоди бадеӣ арзи вуҷуд намуд. Ба эътиқодмандии баъзе муҳаққиқони давр, аз ҷумла Р.Ҳодизода, М.Адашев ва нафарони дигар унсурҳои реалистие, ки дар адабиёти маорифпарварии тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ба миён омад ба дараҷаи ҷараёни мукаммали эҷодӣ набуд. Он ҳамчун тарзи махсуси тасвири бадеӣ нуфуз дошту ба дараҷаи ташаккули реализми маорифпарварии адабиёти мамолики Ғарб, минҷумла Руссия нарасида буд. Ин мазмун дар китоби пурмӯҳтавои олими шинохтаи ӯзбек Иззат Султон «Адабиёт назарияси» боз ҳам равшану возеҳ ташреҳ шудааст. Ба қавли муҳаққиқ, «ин тарзи тасвири бадеӣ дар адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX бо ҷараёни реализми маорифпарварии мардуми Аврупо хусусиятҳои муштарак дорад. Аммо дараҷаи инкишофи реализми адабиёти пешазинқилобии ӯзбекро бо реализми танқидӣ ва маорифпарварии адабиёти мардуми Аврупо дар як радиф гузоштан ва онро ҳамчун реализми мустақил шинохтан хатои маҳз аст. Агарчи тараққиёт ва инкишофи реализм дар миқёси дунё ҷараёни ягона аст, аммо реализми танқидӣ ва маорифпарварии адабиёти асри XIX Аврупо, хусусан дараҷаи ташаккули реализми маорифпарварии адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX рус хеле ба дараҷаи баланд аст ва дар таърихи реализм мавқеи калонеро соҳиб аст.

Реализми адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX ӯзбекро бо истилоҳоти «реализми маорифпарварӣ» ё худ «реализми демократӣ» номгузорӣ кардан мувофиқи матлаб аст.

Реализми маорифпарварии адабиёти ӯзбекро бо реализми танқидии адабиёти Аврупо дар як радиф гузоштан, ғайр аз инкори фактҳои таърихӣ, аҳамияти таъсирпазириро аз ҷараёни мукаммали адабӣ аз байн хоҳад бардошт».[1] Ба ҳар ҳол ин тарзи гузориши масъала аз назари илми адабиётшиносии замонавӣ гӯё арзиш ва қиммати худро гум кардааст. Зеро дар адабиёти чандинасраи мумтози мо буданд унсурҳои мукаммали ин тарзи тасвир, ки барои ривоҷу инкишофи он дар ин марҳила ҳамчун замина хизмат кардаанд. Маҳз нишонаҳои ҳамин тарзи тасвири бадеӣ ё худ унсурҳои методи эҷодӣ барои ташаккулу ҷараёни навшавии жанрҳои бадеӣ аз лиҳози мазмуну мундариҷа, мавзӯъ ва услуб, шаклу қолаб, забону услуб хизмат кард. Боз афзудан мехостем, ки ин тарзи арзишдиҳӣ ба реализми маорифпарварӣ дар адабиёти ҳам ӯзбек ва ҳам тоҷик баҳои нохолисона ва яктарафа аст. Зеро дар осори адибони маорифпарвар руҳи танқидгарона ва тарзи нави тасвири реалистии ҳаёти иҷтимоӣ ва зиндагии табақоти гуногуни мардум мавқеи бештаре пайдо намуд. Фош кардани иллатҳои ҷамъият, ошкортар тасвир кардани нуқсонҳои замона дар эҷодиёти онҳо ба расмият даромад. Асарҳои эҷодкорони маорифпарварон, инчунин ашъори лирики шоирони пешқадами давр, ки аз таъсири сабки бедилӣ торафт дуртар мерафтанд, зери нуфуз ва таъсири ҳамин метод қарор доштанд. Дар ин асарҳо сувароти маҷозӣ ва киноявӣ низ дида мешаванд, аммо асоси реалистии ин асарҳо пурқувваттар аст. Ҳамчунин ташаккули осори ҳаҷвӣ ва мавқеи бештаре пайдо кардани онҳо дар адабиёти даврои мавриди назар аз нишонаҳои реализми маорифпарварӣ аст. Ташаккули ҷанбаи маънавии шеър, унсурҳои халқият дар осори бадеӣ, гаравидан ба

[1] Султон Иззат. Адабиёт назарияси. – Тошкент: Ӯқитувчи, 1986 . – 372 б.

соддабаёнӣ ва соддакунии забону тарзи ифода низ аз талабот ва тақозои методи реализми маорифпарварӣ сар задаст, ки нишонаҳои онро дар адабиёти маорифпарварй ва ҷадидияи ҳам тоҷик ва ҳам ӯзбек ба тарзи фаровон дарёфт намудан мумкин аст. Муҳимтар он аст, ки тавассути наҳзати ин методи эҷодӣ самти адабиёти ҳунарӣ дар ин давра дигаргун шуд ва он ба маҷрои нави тараққиёт ворид гардид.

Хусусиятҳои танқидии реализми адабиёти тоҷик, сарфи назар аз мансубияти он ба адабиёти миллии охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX, аз махсусиятҳо ва шароити таърихии инкишофи адабиёт ва эҳсоси шароиту муҳити таърихӣ, даврaҳои тараққиёти ҷамъият ва сохторҳои сиёсӣ канда нест.

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX равияи идомаи адабиёти анъанавии классикиро низ метавон мушоҳида кард ва он равияи муҳимтарини эҷоди бадеӣ маҳсуб мешуд. Аз ин рӯ дар ин равияи адабиёт мавзӯъҳои шикваю шикоят аз аҳволи иҷтимоии давр, ишқу ошиқӣ, панду аҳлоқӣ ва ғайраро, ки мавзӯъҳои суннатии адабиёти классикианд, дучор омадан мумкин аст.

Савол ва супоришот:

1. Дар бораи муҳити адабии охири асри XIX маълумот диҳед.
2. Мавқеи муҳити адабии Бухоро дар шаклгирии адабиёти маорифпарварии тоҷик.
3. Вакилони адабиёти маорифпарварии тоҷик.
4. Хусусиятҳои анъанавии адабиёти охири асри XIX тоҷик.
5. Навовариҳо ва навгониҳо дар адабиёти маорифпарварии тоҷик.
6. Мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии адабиёти маорифпарварии тоҷик.
7. Афкори маорифпарварӣ ва таъсири он ба тағйири шакливу мазмуни осори бадеӣ.
8. Идомаи жанрҳои анъанавии адабиёти классикӣ дар адабиёти маорифпарварии тоҷик.

9. Тағйири тарзи тасвир ва услуби бадеӣ дар адабиёти маорифпарварӣ.

10. Омилҳои асосии шаклгирии насри бадеӣ дар адабиёти маорифпарварии тоҷик.

11. Навъҳои асосии насрӣ дар нимаи дуюми асри XIX.

12. Жанри сафарнома дар адабиёти маорифпарварии тоҷик.

13. Сафарнома ва ё саёҳатномаҳои адабиёти марҳилаи мавриди назар, мазмун ва мундариҷаи ғоявии онҳо.

14. Жанри ҳикоя дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX.

15. Осори насрии ҳаҷвӣ дар адабиёти ин давра.

Ҳаёт ва фаъолияти Аҳмади Дониш.

Аҳмад-махдум ибни Носир (тақрибан, таваллуд-моҳи августи соли 1826, дар Бухоро – вафот охири моҳи марти соли 1897, ҳамон ҷо) нависанда, мутафаккир, шоир, рассом, хаттот, меъмор, мунаҷҷим, файласуф ва олими тоҷик. Саромади ҷараёни маорифпарварии Осиёи Миёна ва бунёдгузори ҷараёни маорифпарварии адабиёти тоҷик.

Нуктаҳои асосӣ ва такявии мавзӯъ:

1. *Дараҷаи тадқиқи аҳвол ва осори Аҳмади Дониш.*
2. *Тарҷумаи ҳоли Аҳмади Дониш.*
3. *Ҷараёни маорифпарварӣ ва фаъолияти Аҳмади Дониш.*
4. *Мероси илмӣ-адабии адиб.*
5. *Шарҳи баъзе аз рисолаҳои адиб.*
6. *Осори назмии Аҳмади Дониш ва мазмуну мундариҷаи он.*
7. *Рисолаи таърихӣ ва мазмуну мундариҷаи ғоявии он.*

Мутафаккир, файласуф, адиб, шоири маорифпарвар Аҳмад Махдуми Дониш яке аз забардасттарин адибони охири асри XIX ба шумор меравад. Омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ин адиб ҳанӯз аз замони зиндагии худи адиб таваҷҷӯҳи ҳамзамононии ӯро ҷалб намуда буд. Дар тазкира ва сарчашмаҳои илмӣ-адабӣ ва таърихии охири асри XIX дар бораи зиндагиномаи ин адиб маълумотҳои арзишманд дода шудааст. Дар хусуси ҳаёт ва фаъолияти ӯ аз тазкираҳои «Тӯҳфат- ул – аҳбоб – фи – тазкират – ул - асҳоб»- и Возеҳ «Афзал – ут - тазкор»- и Афзалмахдуми Пирмастӣ, «Тазкират–уш-шуаро»-и Неъматуллоҳи Мӯҳтарам, «Тазкират–уш-шуаро»-и Мирсиддиқи Ҳашмат, «Тазкират–уш-шуаро»-и Абдулқодирхоҷаи Абдӣ, «Тазкори ашъор»-и Шарифҷон Махдуми Садри Зиё, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ маълумоти муфидеро дарёфтан мумкин аст. Дар қатори ҳамин манбаъҳо осори худи ин адиброо низ зикр намудан мумкин аст, ки дар хусуси саҳфаҳои муайяни зиндагинома ва рӯзгору осори Аҳмади Дониш факт ва далелҳои

амиқеро ба мо дода метавонанд. Бахусус, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Дониш дар ин поя арзиши махсусро молик аст. Зиндагиномаи Аҳмади Дониш ҳанӯз дар оғози асри XX диққат ва эътибори ихлосмандон ва зиёиёни маорифпарварро ба худ ҷалб намуда буд. Аввалин суханҳои ҷиддиро дар хусуси аҳвол ва осори ин адиб аз навиштаҳои гуногуни Шарифҷон махдуми Садри Зиё ва Садриддин Айнӣ дарёфтан мумкин аст. Дар солҳои 50–уми асри XX Зариф Раҷабов дар хусуси фаъолияту зиндагиномаи Аҳмади Дониш тадқиқотҳои ҷолиберо пешкаши хонандагон намуд, ки дар муайян намудани афкори фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фаъолияти адабии Аҳмади Дониш то дараҷае арзиш доранд. Аз солҳои 60-уми асри XX сар карда бо саъй ва эҳтимоми олимони шинохта Абдулғанӣ Мирзоев, Холиқ Мирзозода, Расулхон Ҳодизода омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти ин адиби маорифпарвар ба тариқи ҷиддӣ сурат гирифт. Дар ин поя хизматҳои Расулхон Ҳодизодаро алоҳида таъкид намудан ҷоиз аст. Гуфтан мумкин аст, ки дар давоми қариб 30 соли охири садаи XX ин олими фақид симои адабӣ ва илмии Аҳмади Донишро ба тамоми ихлосмандони адабиёту ҳунар комилан муаррифӣ намуд[1].

Дар ҳамин радиф метавон асари пуразиши Садриддин Айнӣ «Ёддоштҳо»-ро низ номбар намуд, ки дар омӯзиши аҳвол ва осори ин адиб аҳамияти вижа дорад. Зеро дар се қисмати ин асар дар бораи саҳфаҳои гуногун ва симои адабию олимии ин адиб маълумотҳои дақиқро дарёфтан мумкин аст.

Аҳмад-махдум ибни Носир мутахаллис ба Дониш тақрибан моҳи августи соли 1826 дар Бухоро таваллуд ёфтааст. Номи аслии ӯ Аҳмад буда, тахаллуси илмию адабиаш Дониш аст. Дар осори баъзе аз

[1] Ҳодизода Р. Аҳмади Дониш. Тарҷимаи ҳол ва мероси илмӣ адабӣ.- Душанбе: Ирфон, 1976. - 293 с. Дониш. //Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Иборат аз 3 ҷилд. ҷ. 1, - Душанбе: СИЭСТ, 2004. – С. 411 - 414. Реализми маорифпарварӣ. //Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Иборат аз 3 ҷилд. ҷ.3. – Душанбе: СИЭМТ, 2004. – С. 52 - 53. Насри бадеии Аҳмади Дониш. //Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тоҷик (Маҷмӯаимақолаҳо). - Душанбе: Ирфон, 1974. – С. 60 - 81. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX. - Душанбе: Дониш, 1968. – 294 с. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI – XIX ва ибтидои асри XX. - Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с. Ситорае дар тирашаб (Романи таърихӣ-бадеӣ).

ҳамзамонони хеш бо номи Аҳмад–махдум низ зикр мегардад, ки ишорат бар шахсони фозилу олимони машҳури маъмурияти давлатӣ аст. Аҳмади Дониш аз оилаи Носир ном муллои камбағал ба дунё омадааст. Падари ӯ аслан аз ноҳияи Шофирком буда, марди илмдӯсту маърифатхоҳ ҳисоб меёфт. Модари Дониш низ аз занони соҳибилму маърифатноки замон буда, фарзанди ягонаи худро хату саводи зарурии ибтидоӣ омӯхт. Ӯ баъди касби маълумоти ибтидоӣ ба мактаби қориён дохил гардид. Аммо дастури номукаммалу кӯр-кӯронаи таълими кӯҳна ба табъи Дониш мувофиқат накард ва ӯ ба тарзи ихтиёрӣ ин мактабро тарк гуфт. Тарк кардани мактаби қориён шояд аз он сабаб ҳам ба вуқӯъ пайвастааст, ки дар забони Дониш лакнат (дар вақти суханронӣ гирифтани забон) низ будааст. Баъд аз он падараш ӯро ба мадраса гузошт. Вай на фақат дар асоси дастури таълимии мадраса, балки берун аз он ба таври мустақилона аз рӯи китобҳои олимони бузурги форсу тоҷик ва араб илми тиб, риёзиёт, нуҷум, ҳайъат, таърих, фалсафа ва адабиётро меомӯзад. Ғайри ин ӯ аз хурдсолӣ хати зебое ва дар рассомиву наққошӣ истеъдоди хосе дошт. Дар ҷараёни таҳсил ин ҳунари фитриашро такмил дода, дар доираи олимону удабои замона ном мебарорад. Солҳои таҳсили мадраса тахминан аз охирҳои соли сиюм аз чордаҳсолагӣ то аввалҳои соли панҷоҳуми асри XIX давом кард. Пас аз хатми мадраса вай ба воситаи яке аз устодони санъаткораш ба сифати меъмор ва наққош ба хидмати дарбори амир тавсия шуд. Аз маълумотҳои таърихӣ маълум мегардад, ки дар ин давра дар Бухоро чандон корҳои меъмориву имораткорӣ ривоҷе надошт ва ба меъморони махсус эҳтиёҷе набуд. Бинобар ин кори Аҳмади Дониш дар дарбор аз китобат кардани рисолаву девонҳо ва ҳуҷҷатҳои расмиӣ иборат буду халос.

Ба ҳар ҳол истеъдод ва ҳунарҳои Аҳмади Дониш нақққошӣ хаттотӣ, рассомӣ ва илова бар болои он дониши фалакиётии ӯ дар давраи ҳукмронии амир Насрулло (1826-1860) дар дарбор обрӯ ва нуфузи вайро афзуд. Амир Насрулло соли 1857 ба Петербург ҳайъати сафоратиеро мефиристад, ки дар таркиби он ба сифати мирзогӣ Аҳмади Дониш низ дохил гардид. Сафари аввалини Руссия доираи ҷаҳонбинии Донишро нисбатан ба ҳаёти мутамаддини аврупоӣ дигаргун сохт.



(Сурати мадрасаи «Мири араб» дирӯз ва имрӯз)

Баъди вафоти падараш амир Насрулло соли 1860 ба тахти аморати Бухоро амир Музаффар нишаст. Ӯ ҳамчун амири ҷоҳилу худписанд шахсони фозилу донишманди болаёқатро, ки бар замони ҳукмронии падараш мартабаҳои гуногунеро соҳиб буданд, аз дарбор ва маъмурияти ҳукумат дур кард. Аз ҷумла, Дониш низ аз мартабаи пештараи хеш дараҷоте паст карда шуд. Дар ин солҳо вазифаи расмии давлатии Дониш маълум нест. Ҳаминаш маълум аст, ки бо ситоиш амир соли 1865 ӯ рисолаеро бо номи «Манозил-ул-кавокиб»[1] таълиф намуд. Муносибатҳои нодурусти сиёсиву иҷтимоии Амир Музаффар бо давлати Руссия дар соли 1868 ба ҳаракатҳои ҳарбии тарафайн анҷомид ва дар ин сол амири Бухоро шикасти сахте дид ва муоҳидаи[2] дӯстӣ ва сулҳ баста, бо мақсади исботи он дӯстиву ҳамкорӣ ҳайъати сафоратии дуюмро ба

[1] «Ҷойгаҳи сайёраҳо»
[2] Муоҳида - аҳди мустаҳками сулҳ

Руссия фиристод, ки дар он низ Дониш ҳамчун арбоби давлатӣ, сиёсатмадори аморатӣ ва ходими давлатӣ иштирок кард ва хидматҳои зиёдеро анҷом дод. Ин сафар аз моҳи ноябри соли 1869 то моҳи марти соли 1970 идома ёфт. Пас аз ин сафар дар аморат бар ивази хизматҳояш ба Дониш унвони «Ӯроқ» дода шуд. Аз ҷониби аморати Бухоро ҳайати сафорати сеюм ба Руссия фиристода мешавад, ки дар дохили он ҳайат Аҳмади Дониш низ буд. Аммо баъди сафари сеюм бо назардошти афкори тараққипарваронаю ислоҳотхоҳона, ки онҳо бо роҳбарии Дониш аз ҷониби пайравони ӯ тарғиб мегарданд, Аҳмади Дониш зери тазйиқу фишори рӯйпӯшонаи аҳли дарбор гардида буд. Аз ин рӯ, бо мақсади дур сохтани Дониш аз идораву маслиҳатдиҳӣ аз корҳои ҳукуматдорӣ ба тариқи маданӣ ронда мешавад. Инро бевосита бо ҳолати назарбандии ҳукмронон шарҳ додан мумкин аст. Вай баъди ин аввал дар Ғузор сипас дар Наҳрпай дар вазифаи қозигӣ иҷрои амал кард. Ин воқеа ба солҳои 70-ум қариб дар тӯли 5-6 сол доир гардид.

Пас аз он ки Дониш аз корҳои давлатдорӣ фориғ гардид, тамоми қувват ва истеъдоди худро ба эҷоди асарҳои илмиву фалсафӣ ва бадеӣ сарф кард. Қариб дар муддати 15-сол (аз солҳои 1870-1885) «Наводир-ул-вақоеъ»-ро навишта ба охир расонид.

Пас аз соли 1885 баъд аз вафоти амир Музаффар Дониш ба Бухоро баргашт ва бо илтифоту такаллуфи риёкоронаву сохтаи амир Абдулаҳад ба вазифаи китобдори яке аз мадрасаҳои Бухоро таъин гардид. Дар ин муддат «Наводир-ул-вақоеъ» аз нав таҳриру такмил ёфта, дар нусхаҳои гуногун паҳн карда мешуд.

Аҳмад махдум ибн Носир Дониш тақрибан моҳи марти соли 1898 дар зодгоҳ чашм аз дунё пӯшид.

Аҳмади Дониш яке аз нависандагони пуркору сермаҳсултарини давру замони хеш буд. Ӯ ҳанӯз аз замони таҳсил дар мадраса то охири ҳаёташ ҳамеша машғули корҳои эҷодӣ ва илмӣ буда, то ба имрӯз маҳсули фаъолияти эҷодии ӯ дар захираи дастнависҳои А.Ф.Ӯзбекистон,

Институти Шарқшиносии Тошканд, Институти Шарқшиносии А.Ф.Тоҷикистон ва дар захираи дастнависҳои Санкт-петербург маҳфуз аст. Тахминан аз синни 50 - солагӣ Аҳмади Дониш ба ҷамъоварии навиштаҷоти хеш оғоз мекунад ва аз ин мусаввадаҳои пароканда чанде осори мураккаб бунёд мекунад. Умуман, Аҳмади Дониш аз солҳои 1970 сар карда, ба таснифу танзим ва таълифи асарҳои парокандаву нав оғоз менамояд. Ӯ чанде аз осорашро бо дасти худ қаламӣ карда, ба таритиби муайян даровардааст. Мувофиқи шаҳодати манбаъҳо Аҳмади Дониш пеш аз вафоташ китобхона ва дастнависҳои худро ҳамоно ба касе насупорида ё худ васияте накардааст. Аммо қисми зиёди осори илмӣ-адабии ӯ то ба имрӯз гоҳе дар нусхаи аслӣ, гоҳе дар шакли дастхати каси дигар омада расидааст. Дар ин поя хизмати бархе аз соҳибмаърифатони замон - Садри Зиё, Садриддин Айнӣ, Ҳайрат, Абдулвоҳиди Мунзим инчунин ҳаммаслакону ёру дӯстон ва наздикони адиби пурҳунар беандоза калон аст.

Аз сабаби он ки дар мероси илмӣ-адабии Аҳмади Дониш оид ба тарҷумаи ҳолу фаъолияти олимии ӯ, тарзи зиндагӣ, муҳити иҷтимоии давр маълумотхои мухталиферо дучор меоем, омӯхтани ҳарҷонибаи ин мероси бой беаҳамият нестанд. Дар асарҳои илмии тадқиқотӣ, ки бобати хаёту фаъолияти илмӣ-эҷодии Дониш сухан меравад, ба ғайр аз китоби доктори фанҳои филологӣ, проф. Р.Ҳодизода «Аҳмади Дониш» то ба имрӯз тавсифу таснифи мукаммале дида намешавад. Маҳз дар тадқиқоти зикргаштаи олим таснифи мукаммалтари осори илмӣ-адабии эҷодиёти Аҳмади Дониш ба назар мерасад, ки мувофиқи он муҳимтарини осори адиби маорифпарвар дар қарори зерин аст:

«Манозил-ул-кавокиб». Тарҷумаи тоҷикиаш бо номи «Сурат ё мавқеи ситораҳо» мебошад, ки аз асарҳои аввалини Аҳмади Дониш буда, он дар чанд нусха то ба мо омада расидааст. Ин асар, асосан, дар мавзӯи илми нуҷуми анъанавӣ иншо гаштааст ва он гӯё ба гуфтаи худи Аҳмади

Дониш бо дархосту хоҳиши яке аз аҳбоб[1] таълиф шудааст. Инчунин дар асар ишорати дигаре низ ҳаст, ки онро бо ташвиқи амир навиштааст. Рисолаи мазкур аз муқаддима, 7 боб (манзар) ва хотима иборат гаштааст. Манзараи аввал дар бобати тақвими бурҷҳо, дуюм дар дарки мизоҷи бурҷи дувоздаҳгона, сеюм дар дарки сайёраҳои ҳафтгона (ҳафтдодарон), чаҳорум дар қироноти кавокиб (сайёраҳо), панҷум дар баёни осори назорати ситораҳо, шашум дар масъалаи дигари илми нуҷум, ҳафтум тафриқаи байни илми нуҷум аз дигар илмҳо. Санаи ба охир расидани таълифи рисолаи мазкур 5 апрели соли 1865 қаламдод гаштааст.

«Рисола фӣ аъмолил-кура»-Рисола дар бораи истифодаи кура (глобус) Мувофиқи маълумотҳои сарчашмаҳо ва қайдҳои худи муаллиф дар арафаи яке аз сафарҳо аз ҷониби директори Департаменти Осиёии Вазорати корҳои хориҷии Руссия Пётр Николаевич Стремоухов ду глобус ба Аҳмади Дониш тӯҳфа гаштааст. Рисолаи мазкур баъд аз ин ҳодиса барои нишон додан ва амалан истифода бурдани глобусҳо, ки яке кураи арз-само ва кураи дигар кураи замин буд навишта шудааст. Ин рисола соли 1870 ва аввали соли 1871 таълиф ёфтааст. Нусхаи ягонаи ин асар дар А.Ф Ӯзбекистон таҳти рақами 2247/1 маҳфуз буда, ҳамаги дар ҳаҷми чор варақ то ба мо омада расидааст, ки бо дасти худи муаллиф қаламӣ гаштааст. Аҳамияти ин рисола дар он аст, ки Аҳмади Дониш ақидаҳои бобати илми нуҷум доштаашро дар сатҳи илми астрономия ва географияи Аврупо баён сохтааст. Дигар ин, ки дараҷаи дониши вай дар бораи илми космологияи замонавӣ зиёд гашта бевосита ин асар нишонгари он аст, ки Дониш аз илми нуҷуми анъанавӣ баромада, ба илми космологияи замонавӣ пардохтааст, аз ин лиҳоз рисолаи мазкур гуфтан мумкин аст, ки барои пайдоиши илми нуҷуми замонавӣ ва география қадаме ҷиддӣ буд. Ин рисола аҳамият ва арзиши дастуруламалӣ ва методӣ низ дорад.

[1] Аҳбоб- дӯстон

«Рисола дар табаддул ва тағайюри давлатҳо аз қирони[1] улвайн». Ин рисола оид ба илми нуҷум буда, аз масъалаи ба воситаи қирони сайёраҳо тағйир ёфтани тақдир ва бахти шахсони алоҳида баҳс мекунад. Рисола соли 1884-85 дар Хузор (Ноҳияи Ғузори вилояти Қашқадарё) таълиф гаштааст.

«Таодули хамсаи мутаҳаййира». Ин рисола низ оиди илми нуҷум буда, аз ҳаракати панҷ сайёра-Уторуд, Зӯҳра, Миррих, Муштарӣ, Зуҳал бахс мекунад. Ин рисола низ дар Хузор соли 1882-83 таълиф ва китобат шудааст.

5 «Меъёр-ут-тадоюн» («Андоза ва меъёру ҳадди диёнату диндорӣ»)

Ин асар дар тазкираҳои ҳамон давр то ибтидои асри XX ягон маротиба ҳам зикр нагардидааст. Фақат онро дар тавсифи мухтасари феҳристи китобхонааш Садри Зиё зикр менамояд. Ин асари Дониш се сол пеш аз вафоташ дар охири умри адиб навишта шудааст, ки тахминан ба 18 июни соли 1894 рост меояд. Дар бобҳои асар барои исботу далели фикрҳояш аз рубоиёти Абулмаонӣ-(Бедил) истифода бурдааст. Асар аз қисматҳои муқаддимавӣ, се фасл ва хотима иборт аст. Фасли аввал дар масъалаи диндорӣ, тафтиши роҳи рост дар ин ҷода аст. Фасли дуюм дар таҳқиқи дини ҳақ миёни чаҳор дини ҷаҳонӣ- исломиён, яҳудиён, насрониён ва ташнеъӣ. Фасли саввум дар бобати суннату фарзҳо, қоидаҳои дини исломӣ, тарзи намозгузорӣ ва ғайраҳо баҳс менамояд.

Дар ин асар нуктаҳои аслии дини ислом ва қонуну қавоиди он аз нуқтаи назари масъалаҳои ҳаётӣ таҳлил гардид. Ӯ дар ин асари худ, бо бурҳонҳои қотеъ нишон дод, ки аҳкоми диниву қоидаҳои шаръии диниро на аз рӯи ғарази ҳаёти шахсӣ, балки бо таҷрибаи ҳаётӣ, дониставу дида ва фаҳмида бо моҳияташ ҳамҷоя бояд тадбиқ кард. Рисолаи мазкур дар ягон тазкираи охири асри XIX ҳамчун асари алоҳида зикр нагардидааст. Аммо ягона шахсе, ки номи ин асар ва муаллифи онро бори аввал зикр менамояд, Садри Зиё мебошад. Дигар шахсе, ки дар хусуси ин асар ва

[1] Қирон- наздикшавӣ

унвони он сухан кушодааст, Абдулғани Мирзоев мебошад. Дар мақолаи худ Абдулғани Мирзоев номи ин асарро «Номус-ул-аъзам» зикр менамояд, ки дуруст нест. Нодурустии ин фикр аз ҷониби устод Расулхон Ҳодизода бо далелҳои қотеъ собит гардидааст[1]. Ин иштибоҳ аз он рух додаст, ки дар хотимаи асар барои ҳамду саноъ зикри лақаби Пайғамбар алайҳи васаллам аз ҷониби нависанда оварда шудааст, ки он «Номус-ул-аъзам» аст. Дар хотима адиб овардааст. «Ва нашукру ли ихтимоми ҳозо-л-хитоби ва-с-салоту… ало… расулиҳи–л-мукаррам ал–мулаққаб би номус-ил-аъзам». Аслан номи ин асар чуноне ки дар болотар зикр намудем, «Меъёр-ут-тадоюн» мебошад ва дар ин асар сухан на танҳо дар бораи меъёрҳои диндорӣ, балки дар хусуси покизагии хулқу атвори инсонӣ меравад. Зеро маънои дигари вожаи «тадоюн» ин покии хулқи инсоснӣ аст. Асар аз лиҳози сохтор ба се қисм тақсим мешавад, ки онҳоро шартан фасл меноманд. Дар асар бобати масъалаи дин, талошу муноқишаи ҷонибдорони мазҳабҳои сунниву шиа низ мулоҳизоти ҷолиби нависанда акс ёфтааст, ки то ба ҳол арзиш ва аҳамияти худро гум накардаанд. Яке аз муҳимтарин нуктаҳои асари мазкур аз ин иборат аст, ки нависанда дар ифодаву баён ва тавҷеҳи масъалаҳои муҳимтарини иҷтимоӣ-динӣ майл ба воқеънигорӣ дорад. Масалан, дар хусуси риояти қонун ва қавоиди шариати исломӣ ва ё он чиро, ки уламо ва арбоби дин риоят менамоянд, ба сари мардуми оддии меҳнаткаш зам намудан ва иҷрои онро ҳатмӣ шуморидан амали ношоям аст. Аз назари муаллиф бояд барои ин тоифаи мардум «роҳи мутавассит»[2] тарҷеҳ дод, ки онҳо ҳам ба кору бори худ машғул шаванду ҳам аз риояти қоидаву қонунҳои шариат бознамонанд. Нуктаи дигаре, ки Аҳмади Дониш дар ин рисола ба миён мегузорад, мақсади асосии инсонро аз зиндагӣ дар риоят намудани ҳуқуқи ҳамдигарӣ ва ба тариқи адлу инсоф тартиб додани ҷамъияти инсонӣ мебошад:

---

[1] Ҳодизода Р. Аҳамади Дониш. Тарҷумаи ҳол ва мероси адабию илмӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. Саҳ.-83.

[2] Мутавассит-шароити мусоид ва мақбул, ҳолати мўътадил

«Яъне шарти мурувват ва одамият дар ин ҷаҳони бе сару бун, ки ҳама кори ӯ ба вайронӣ дорад, беҳтар ва хубтар он бошад, ки халқ барои тамаддун ва таовун одоби ҳуқуқи ҳамдигар нигоҳ доранд ва муҳаббату улфат ва ба амонату садоқат зист кунанд» (Меъёр-ут-тадоюн, нусхаи №383 (Душ.) вараҳи 135 а.).

Аҳмади Дониш мафҳуми «тадоюн»-ро дар ҳамин маврид на фақат ба маънои диндорӣ, балки чун покизагии хулқ, беолоишии рӯҳ, меъёрҳои адлу инсоф, покизагии тинату вичдони инсон дар ҷамъият дар назар доштааст. Ӯ дар ин хусус риояти «тадоюн»-ро ҳамчун фарзи ҳар як инсон дар ҷамъият зикр менамояд:

«Ва асли тадоюн ин аст, ки бар гардани ҳар тане ҳамчу қарзу дайн бошад ва бояд ба адолату мувосот (баробар) қиём кунад. Пас асли тадоюн панҷ чиз аст: илм ва таҳорат ва ибодат ва касб ва никоҳ» (Меъёр-ут-тадоюн, нусхаи №383 (Душ.) вараки 89-90 а.).

Аз назари муаллиф ин панҷ унсур асосҳои ахлоқу хулқи поки инсон, заруриёти ахлоқи ҳамидаи одамӣ аст ва бе вуҷуди он инсон ва низоми ҷамъият номумкин аст ва ба ин маънӣ чун хулоса муаллиф менигорад. «Ва ин умури хамса асли тадоюн аст, ки агар аз осмон ҳеҷ китобе наёмад ҳам, ин муомилот бар гардани халқ дайн будӣ ва лозим будӣ, ки ба ҳамон рафтор амал намоянд» (Меъёр-ут-тадоюн, нусхаи №383 (Душ.) вараҳи 159 а.). Аз назари муаллиф ин панҷ фарз барои тамоми мардум, қатъи назар аз дину диёнат ва эътиқод ҳатмист.

Мутаасифона, ба сабабҳои маълум дар асарҳои тадқиқотие, ки доир ба эҷодиёти Аҳмади Дониш навишта шудаанд, як ҷиҳати бунёдии назари ӯ ба эътибор гирифта нашудааст. Тамоми ислоҳотеро, ки Аҳмади Дониш мехост воқеъ шавад, мебоист дар заминаи муносибати нав ба дини ислом воқеӣ кард. Дар ин замина назари таҷадудҳоҳии ӯ ба дин ошкор мегардад. Муқовимати ӯ бо рӯҳониёни ҷоҳил ва таваҷҷӯҳ ба илму маърифати замонӣ низ ба ҳамин далел аст. Аҳмади Дониш аз дину мазҳаб ҳимоя мекунад, вале мехоҳад амир ба адли илоҳӣ рӯ оварад, ақлро аз ҷаҳл тарҷеҳ диҳад. Ба таъкид дар оғози «Наводир-ул-вақоеъ»

меоварад, ки «вилоят доштан… халифагии ҳақ таъоло кардан аст». Ва дар ин равиш масъулияти халифаро таъкид мекунад.

Аз ин мавқеъ метавон натиҷа бардошт, ки асари мазкури Аҳмади Дониш дар баробари арзишҳои фалсафию ахлоқӣ ва ҳаётӣ доштанаш дар муайян кардани афкори иҷтимоию сиёсӣ ва ахлоқии адиб низ мавқеи ба худ хос дорад.

Ғайр аз рисолаҳои мазкур боз панҷ дафтари мусаввадаи Аҳмади Дониш то ба мо омада расидааст, ки дар онҳо масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, илмӣ-фалсафӣ, ҳаётӣ ва хотироту ёддоштҳои гуногуни парокандаи адиб дарҷ гардидаанд. Бахусус, дафтари мусаввадаи чаҳорум ва панҷум дар таҳқиқу тадқиқи ҳаёту эҷодиёти худи нависанда аҳамияти хосеро дорост. Дафтари мусаввадаи панҷум таҳти рақами 2279 дар А.Ф.Ӯзбекистон бо номи «Баёзи мансур» вуҷуд дорад, ки дар он масъалаҳои гуногуни фалсафӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ то дараҷае тахлилу тадқиқ гардидааст. Дар ин дафтар аз саргузашт ва лаҳзаҳои гуногуни ҳаёти адиб ёддошту хотироти мухталиф ҷой гирифтаанд. Бештарини масъалаҳои асосии дар ин баёз ҷамъ омада дар китоби калонтарини нависанда «Наводир-ул-вақоеъ» оварда шудааст. Ин дафтари мусаввада аз якчанд боб ё фасл иборат буда, дар онҳо аз байту рубоиҳои шоирони машҳури гузашта ба мавридона истифода бурда шудааст. Аз ҷумла ӯ менигарад:

Бедил ба ҳусули ризқ омада ба сар,
Саг тобеи саг нашуд, хар тобеи хар.
Аз мухтароти коргоҳи имкон,
Ин нанги шуур нест, ҷуз сунъи башар.

Адиб маънии рубоии болоиро шарҳ дода мегӯяд, ки ба ҷамоае тобеъ гардидани ҷамоаи дигари инсонӣ аз қазову қадар набуда, балки он ихтирои одамон аст. Ɜ-ин сабаб зиндагии озодонаеро баҳри худ барпо кунад ва дар ин роҳ бояд кӯшиш намояд.

Умуман, муаллиф дар ин дафтар ба масъалаҳои хеле муҳим; аз ҷумла, шарҳи абъёти вакилони гузаштаи адабиёт, масъалаи қазову

қадар, дар бораи молу сарватдорӣ, ҳалоливу ҳаромии моли дунё, таҳқири бесаводии аҳли ҳуком, қаҳтиву сахтӣ ва гуруснагӣ дар ҷомеа, масъалаҳои динӣ ва аҳли дину ахлоқи онҳо бобати илми мусиқӣ, бобати пешаву ҳунарҳо ва аҳамияти амалии он, бевафогии дунё ва аҳли он ва ғайраҳо даст зада, онро дар доираи донишу фаҳмиши хеш ҳарҷониба таҳлилу тадқиқ менамояд.

Осори манзуми Аҳмади Дониш. Дониш на танҳо дар насри илмиву бадеӣ, балки дар равияи назмӣ низ маҳорати хосе дошта, ҳанӯз аз овони ҷавонӣ ба шеърнависӣ шавқу ҳаваси баланде доштааст. Аммо, вақте ки ӯ беқадрии шеъру шоирӣ, ҳарзагӯии шоирони замонро дид, аз ин касб даст кашида, ҳатто ба шоирон нафрат пайдо кард. Аз осори манзуми адиб як қасида, ки ба Амир Музаффар бахшида шудааст, як қитъаи таърих ба муносибати тӯи духтари императори рус бо ташвиқи Козим-бек (мутарҷим), қитъаи миннатдорӣ ба Стеремдухов -барои кураи арз ва само, аз таассуротҳои сафариаш дар Петербург ва ҷашнҳои шоҳона як манзумаи калон дар шакли маснавӣ иншо гардадааст, ки онҳо ҷо-ҷо дар «Наводир-ул-вақоеъ» ва рисолаи таърихӣ сабтшудаанд. Ғайр аз ин дар дафтарҳои мусаввада, ғазал, рубоӣ, қитъа ва порчаҳои дигари шеърӣ ҷой доранд, ки мазмуну мундариҷаи асосии онҳоро афкору ақидаҳои фалсафии шоир, таассуротҳои пайдокардаи ӯ аз одаму одамгарӣ, тасвири зебоиҳои манзараи табиат ташкил медиҳад. Шеърҳои ҳаҷвӣ низ дар осори манзуми Дониш ҷой доранд, ки дар ҳамон давр ба ҳукми анъана даромада буд. Онҳо дар шакли қитъаву абъёти ҷудогона ба назар мерасанд: Мероси манзуми Аҳмади Дониш низ аризиши калони ғоявию бадеӣ дорад, ки бояд он дар оянда омӯхта шавад. Инак чанд намуна аз осори манзуми Аҳмади Дониш:

Ба Аделина Паттӣ

Потии Понсӣ, он сарвқади зӯҳраҷабин,
Дар табассум сӯи доман зи даҳан гул мерехт.
Зулфи пурчини хам андар хами ӯ дар буни гӯш,

Обрӯи тарӣ аз ҷабҳаи сунбул мерехт.
Диданаш он ҳама кайфияти ҳайрат медод,
К-ӯ зи саҳбои нигаҳ дар кафи он мул мерехт.
Лаҳну овози вай он сон, ки ба гӯши ушшоқ,
Гаҳ ҳаши саъва, гаҳе чаҳ-чаҳи булбул мерехт.
Аз Фетербург азимат чу ба Амриқо кард,
Нолаҳо аз сару аз по ҳама ғулғул мерехт.

Ғазал

Абрӯи чун ҳилоли ту ҷонро шикор кард,
Мижгони обдори ту дил беқарор кард.
Холи лаби ту сурмаи чашми умедвор,
Ранги рухат басити замин лолазор кард.
Дасти булӯрранги ту қадри гуҳар шикаст,
Лабҳои чун ақиқи ту ёқут хор кард.
Аз хоки пираҳан чу намуд он тани ҳарир,
Олам пур аз таровати бӯи баҳор кард.
Соқи сафеду сими даст ҷони ман бисӯхт ,
Пои камаррикоби ту ёқут хор кард.
Сарви қади ту қуллаи нур аст ҷонфиреб,
Фархунда толее, ки туро дар канор кард.
Гоҳе, ки кач кулаҳи зар ба фарқи ту,
Ҳар кас, ки дид ҷони киромӣ нисор кард.
Дебои сурх дар бадани нозанини ту,
Аз хуни дида ранги тароват баҳор кард.
Калпӯши зар, ки маст ба торак ниҳодаӣ.
Бар қомати дурру гуҳар интишор кард.
Ту осмону ман чу замин чун кунам, валек
Лутфи дигар ба бӯсаам уммедвор кард.
Чун соя зери пои ту н-фтам, чӣ мекунам!
К-ин зулфи чун каманд диламро шикор кард.
Заринкамар, ки ҳалқаи мӯи миёнат аст,
Аз ғояти шиоъ ба худ ифтихор кард.
Дониш, ки иззи бандагии дастбӯс ёфт,
Номи ғуломият ба ду кавн ихтиёр кард.

*** *** ***

Ҷаҳонхудой чу хоҳад, ҷаҳон хароб кунад,
Ба ҳоли неку бади халқи худ напардозад.
Ба адл некиву бо зулм бад чаро надҳад?

Ба саъйи фосиқу обид назар наяндозад.
На аз Зуҳал асари шарру наҳсият ояд,
На Муштарӣ амали саъду хайрият созад.
Равад шариф пиёда ба теғи кулфату ранҷ,
Вазеъ асби тағаллуб ба ҳар тараф тозад.
Фасоду фитна дар аркони коинот афтод ,
Гули муроду тараб обу ранг дарбозад.
На шавқатеву тараҳҳум бузургро бархӯрд,
Ғанӣ ба уҷубу такаббур фақир нанвозад.
Чу боғбон шавад аз кишту заръи худ дилгир,
Ба сӯи шӯраву гул чашми шавқ нандозад.
Агар иродаи воҷиб бувад ба ободӣ,
Сарири мулк ба султони одил афрозад.
В-гар харобии аҳволи халқ мехоҳад,
Ба зулм шоҳ ҷаҳонро зи амн пардозад.

**** *** ****

Ба шаклу ҳайъати инсон зи раҳ марав зинҳор,
Тавон ба сабру таҳаммул шинохт ҷавҳари мард.
Агар на пок бувад аз бало нахоҳад ҷаст,
В-гар дар асл бувад пок, сабр хоҳад кард.

Рисолаҳои Аҳамади Дониш. Дар мероси адабию илмии Аҳмади Дониш мавқеи рисолаҳо кам нестанд. Як чанд рисола дар илми нуҷум ва ҳайъат ва нақша (Харитаи ҷуғрофӣ)-и Бухоро низ тартиб дода шудааст. **«Рисолаи таърихӣ»**, ки он сарлавҳа ва номи асосии асари охирини тозабунёди Дониш аст, дар охирҳои ҳаёташ иншо гаштааст. Ба он худи муаллиф низ ном нагузоштааст. Дар он марҳилаҳои ҳукмронии сулолаи манғитиён дар тӯли садсолаи охир таҳлилу тадқиқ гардидааст. Давраи ҳукмронии баъзе аз он сулола аз нуқтаи назари танқидиву ҳаҷвнигорӣ хеле батафсил тасвир шудааст. Ин рисола дар асл ба тарзи пинҳонӣ таълиф гардида, дар вақти зиндагӣ ва пас аз вафоти ӯ хеле мӯҳлат нусхабардорӣ нашуд ва мутаассифона он ба охир нарасида монд. «Рисолаи таърихӣ» пас аз «Наводир-ул-вақоеъ» дуюмин асари Аҳамади Дониш аст, ки барои муайян кардани афкори сиёсиву иҷтимоӣ ва

ақидаҳои маорифпарварию ислоҳотхоҳонаи адиб мавқеъ дорад. Дар бораи ин рисолаи Аҳмади Дониш то даврaҳои наздик на ҳамзамонони адиб ва на муҳаққиқони мероси адабии ӯ сухан боз кардаанд. Ҳатто Шарифҷон Махдуми Садри Зиё ва Садриддин Айнӣ низ дар бораи ин рисола дар осори худ ягон ҳарфе нагуфтаанд. Аввалин шахсе, ки дар бори ин рисола ҳарф мезанад олими шарқшинос Е.Э.Бертельс буда, дар аввалҳои солҳои сиюм дар як мақолаи худ «Нусхаҳои хаттии осори Аҳмади Калла» дар хусуси чунин рисола доштани адиб маълумот медиҳад. Дар ин мақола дар бораи рисолаи мазкур маълумоти мухтасар дода шудааст. Дертар дар хусуси ин рисола Сотим Улуғзода, И.А.Наҷафова маълумот дода гузаштаанд. Дар бори мазмуну мундариҷаи ғоявӣ, таърихи таълифи он, хусусиятҳои жанрии ин асар, унвони он, аҳамияти адабию бадеӣ ва таърихию илмии ин рисола дар шакли комилтар аз китоби Р.Ҳодизода метавон маълумот пайдо намуд. Соли 1992 нашрияи «Сарват» дар асоси таҳияи Далер рисолаи мазкурро дар хати кириллӣ нашр намуд[1].

Мазмун ва мундариҷаи асари мазкур ва афкору ақидаҳои ҷиддии танқидии адиб, ки дар рисола дарҷ гардидааст, моро ба он водор менамояд, то ба хулосае оем, ки асар тахминан дар охирҳои умри нависанда, яъне солҳои 1895-1897 навишта шудааст. Ин фикрро Р.Ҳодизода ҳам тасдиқ менамояд. Аз асари мавриди назар то ба замони мо панҷ нусха боқӣ мондааст. Аҳмади Дониш муқаддимаи асарро ба масъалаи тараққӣ ва таназзули ҷамъияти инсонӣ тахсис намуда, замони ба тахт нишастани амир Шоҳмуродро давраи нави тараққии иҷтимоӣ қаламдод намудааст. Дар ҳамин муқаддима Аҳмади Дониш матлаби хешро баён месозад, ки рисоларо дар ду қисмат: қисмати аввал дар бораи тараққӣ ва таназзули садсолаи давраи ҳукуматдории амирони манғит ва сониян дар бораи тарзи идораи давлат мутобиқи «замону

[1] Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. –Душанбе: Сарват, 1992. (Таҳияи Далер- иборат аз 98 саҳ).

макон» ҳамчун дастуруламал барои ҳукуматдорони оянда бахш намояд. Аммо он панҷ нусхае, ки то ба замони мо омада расидаанд, аз рӯи мазмуну мундариҷа фақат мутобиқи матлаби қисмати аввал ҳастанду халос. Пас, ба хулосае омадан мумкин аст, ки асар нотамом мондааст. Яъне мақсади асосии адиб аз навиштани асари мазкур танҳо иборат аз дарҷ намудани таърихи салатанати хонадони амирони манғит набуда, балки дар он тарзи идораи давлат, масъалаҳои давлатдорӣ аз нуқтаи назари нав, ворид намудани ислоҳот дар сохтори давлату ҷамъият низ ҳамчун масъалаҳои асосӣ қарор ёфтаанд.

Аз мазмуну мундариҷаи рисолаи мазкур дарёфтан душвор нест, ки Аҳмади Дониш ба масъалаи сиёсати давлатдорӣ, тарзи идораи давлат ва минбаъд тадриҷан ислоҳ намудани сохтори давлат боз бори дигар, бо ҷаҳонбинии тозаву васеъ, таҳлилҳои амиқи илмӣ, мушоҳидаҳои комил, нуқтаи назари наву замонавӣ пас аз «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» инчунин бобҳои мухталифи «Наводир-ул-вақоеъ» таваҷҷӯҳ карданист. Ба ин маънӣ устод Расулхон Ҳодизода менигорад, ки «Пас аз таҳлили таърихии ҳукмронии ин сулола ва исботи ногузир аз байн рафтани ин ҳокимон муаллиф мехостааст тарзи нави давлатдориро тасвир намояд, ки аз ғояву мазмуни рисолаи сиёсияш ба куллӣ фарқ дошта бошад. Ба назари мо ин ҷо муаллиф на аз ислоҳи ҷомеаи мавҷуда, балки тасвири як иҷтимои сиёсии нав ба миён оварданӣ буд».[1] Дар нусхаҳои гунгун, ки котибони ин рисола ба он гузоштаанд, унвонҳои гунгуни асарро дидан мумкин аст. «Таърихча» (нусхаи 572 Душ.), «Рисолаи саёҳат» (нусхаи 2566, Душ.), «Тарҷимаи аҳволи амирони Бухорои Шариф аз амир Дониёл то асри Амир Абдулаҳад» (нусхаи 1987 Тош.) ва «Таърихчаи Бухоро» (Нусхаи китобхонаи шахсии А.Мирзоев). Аммо чуноне, ки дар боло гуфта шуд, ягон аз ин унвонҳо аз ҷониби худи муаллиф ба асар гузошта нашудааст.

[1] Ҳодизода Р. Аҳамади Дониш. Тарҷумаи ҳол ва мероси адабию илмӣ. –Душанбе: Ирфон, 1976. Саҳ.-255.

Асари мазкур аз лиҳози жанр ва муҳтавои мазмун ба жанрҳои гуногун нисбат дода мешавад. Аз ҷониби А.Мирзоев асри мавриди назар ба рисолаи таърихӣ ва ё асарҳои ҳамтипи таърихии адабиёти мумтоз, нисбат дода шавад, дигаре онро вобаста ба он, ки дар асар тафсилоти таассуроти баъзе сафарҳои адиб дода шудааст, ба жанри сафарномаи анъанавӣ нисбат медиҳанд. Дар ҳамин асос асари мавриди назар дар тадқиқотҳои Р.Ҳодизода вобаста ба мақсадҳои ғоявии нависанда, ки на ба тасвири сафару саёҳат, на рисолаи сирф фалсафию ахлоқӣ бахшида шудаасту на ҷанбаъҳои иҷтимоию ахлоқӣ дорад, аз рӯи шаклу мазмун, мундариҷаву мавзӯъ, аз ҳайси марому мақсади адиб дар таърихи афкори адабию эстетикӣ ҳамчун ҳодисаи нав баррасӣ мегардад ва рисола ба жанри **помфлет** ва сабку услуби он ба **публитсистикаи сиёсиву адабӣ** нисбат дода мешавад, ки мувофиқи мақсад аст. «Помфлет» асари аксаран тунди ҳаҷвист, ки дар шакли тези фошкунандаи сохти сиёсӣ, ҳодисаи ҷамъиятӣ, дастур ва низомҳои давлатӣ, гурӯҳ ва ғайраро мазаммат мекунад. Аз рӯи мазмуну мундариҷа ва ғояву маром инчунин аз нуқтаи назари илми адабиётшиносии имрӯза асари мазкури Аҳмади Донишро ба ин жанр нисбат додан мумкин аст. Рисола аз осори гузаштагон тафовути куллие дорад, худи усули тарзи баёне, ки Аҳмади Дониш дар ин рисола пеш гирифтааст, ба куллӣ услуби бадеист, ва сабки баён ба сабки публитсистӣ хеле наздик аст.[1] Асар аҳамияти бадеӣ ва таърихиро низ молик аст. Арзиши бадеии асар дар ҳамин чиз зоҳир мегардад, ки ба маврид ҳодисаҳо типикӣ кунонида мешаванд ва на ҳамаи воқеаҳо ба ҳақиқати таърихӣ рост меоянд. Дар асар ҳикояҳои хурди таърихиеро дучор омадан мумкин аст, ки дар онҳо фантазияи нависанда, мутобиққунии мазмуни онҳо ба марому мақсади ғоявии адиб мушоҳида мегардад. Ғайр аз ин дар тасвири воқеаву ҳодисаҳо, симои таърихии ашхос аз санъатҳои бадеии киноя, рамз, ҳаҷву мутояба, ташбеҳ, муболиға ва ғайраҳо истифода мебарад. Асар ҷанбаи муайяни халқӣ

[1] Ҳамин асар. Саҳ.- 276.

дорад. Дар он аз ҳикоятҳои халқӣ, зарбулмасал ва мақолҳо, латифаҳои гуногуни мардумӣ, қиссаву ривоятҳои мазҳабиву динӣ истифода бурда шудааст. Асарро иҷмолан дар шакли зайл метавон устухонбандӣ намуд. Муқаддима, қисмати асосӣ ва хотима. Дар муқаддима дар бораи тараққӣ ва таназзули давлат ва ҳукумат ва амри тақдир будани тараққиёту таназзулот афкори фалсафии адиб дарҷ гардидааст. Мутобиқи ақидаҳои адиб рафти ҷамъияти инсонӣ ҳамеша бо тараққӣ ва таназзул ҷараён дорад. Мутобиқи ақидаи адиб тараққиву таназзул аз лиҳози фарогирии замону вақт мутаносиб ҳастанд. Яъне, чӣ қадар тараққӣ бошад, ҳамон қадар таназзул ҳам ҳаст. Ин фикрҳо дар бобҳои ҷудогонаи «Наводир-ул-вақоеъ» ва осори маорифпарварони дигар низ ба чашм мерасад. Аз назари ӯ тараққиёти олам ва ҷамъияти инсонӣ аз рӯи муборизаи қувваҳои мутақобил сурат мегирад, ки мантиқан дуруст аст.

Дар қисмати асосии рисола дар хусуси тарзи салатанатдории амирони манғит ва бурду бохти онҳо, бартарии яке бар дигаре батафсил ва дар асоси мисолҳо нишон дода мешавад. Аз рӯи тасвироти Аҳмади Дониш таназзули ҳукумати амирони Манғит пас аз вафоти амир Шоҳмурод сурат гирифтааст ва дар давраи аморати Музаффар он ба авҷи аъло расид. Дар рисола ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам берунии беақлонаи амир Музаффар, ки аз назари адиб халқу раият ва давлатро ба вартаи таназзул оварда расонид, аз системаи вайрону бенизоми идораи давлат, бемаърифативу ҷоҳилии амиру атрофиёни ӯст.

Дар хотимаи асар дар асоси қонуниятҳои илми нуҷум ва қирони сайёраҳо Аҳмади Дониш фикри боҷасоратонаеро баён менамояд, ки аморати манғитии Бухоро дар вақтҳои наздик суқут ва пош хоҳад хӯрд. Ин амри табиӣ ва ҳукми қонун аст, зеро ин давлате, ки ба зулму истибдод, ситаму ҷоҳилият асос ёфтааст, бояд аз байн равад.

«Наводир-ул-вақоеъ» ва мазмуну мундариҷаи ғоявии он.

Нуктаҳои асосӣ ва такявии мавзӯъ:

1. *«Наводир –ул- вақоеъ» чун асари бадеӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ.*
2. *Дараҷаи тадқиқ ва омӯзиши асари мазкур.*
3. *Таснифи бобҳои «Наводир-ул вақоеъ» ва мундариҷоти онҳо.*
4. *Арзиши илмӣ, таърихӣ ва бадеии асар.*

Инкишофи насри бадеӣ-фалсафӣ дар таърихи адабиёти тоҷик маҳз аз нимаи дуюми асри XIX оғоз гардид. Гуфтан ҷоиз аст, ки намунаи аввалин ва сарочашмаи насри бадеӣ дар давраи нав ба маънои томаш «Наводир-ул-вақоеъ» аст. Ин асар-асари калонҳаҷмтарини Дониш буда, дар он масъалаҳои гуногуни илмӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, динӣ, ҳаётӣ, воқеӣ, сиёсӣ, бадеӣ-эстетикӣ ва танқидӣ мавриди баҳс қарор дода шудааст. Асар тахминан дар давоми 15 сол (соли 1870-1885) таълиф гардидааст. Тавассути асари мазкур дар таърихи тамаддуни халқи тоҷик Аҳмади Дониш ҳамчун олим нависанда ва мутафаккири замон шинохта шуд. Гуфтан мумкин аст, ки асар дар ташаккули афкори иҷтимоию–фалсафӣ, бедории фикрии зиёиёни пешқадами замон ва дертар барои таҷаддудхоҳон нақши худро гузошт. Асари мазкур дар ду нусхаи дастхатӣ, ки бо дасти худи муаллиф қаламӣ гардидааст, то замони мо омада расидааст. Яке аз ин дастнависҳо дар захираҳои дастнависи шӯъбаи шарқшиносии Санкт-Петербург таҳти рақами В 716, дигаре дар музеи кишваршиносии шаҳри Бухоро нигаҳ дошта мешавад. Гуфтан лозим аст, ки барои дар шакли пурра то ба мо омадани нусхаи мукаммалтар ва интиқодии ин асар хизматҳои Шарифҷон махдуми Садри Зиё, Мирсиддиқи Ҳайрат, Абдулвоҳиди Мунзим ва Садриддин Айнӣ хеле калон аст. Доманаи мавзӯъ ва масъалаҳои «Наводир-ул-вақоеъ» хеле гуногуну васеъанд. Дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар адабиёти маорифпарварӣ ин асар дар қатори осори фалсафӣ–хотиротӣ ва бадеии Ахмади Дониш мавқеъ дорад.

Ин асар дар адабиёти маорифпарварӣ дар корбасти ҳодисаҳои аҷоибу ғароиб, рӯйдодҳои муҳими ҳаётӣ, таҷассуми масъалаҳои

мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва фарҳангии мардуми хориҷа, сатҳи зиндагии онҳо, ифодаи мазмунҳои тозаи ҳаёти воқеӣ ҳарҷониба мусоидат намуд. Дар ин асар диққати муаллиф ба дараҷаи маданиятнокӣ, вижагиҳои тафаккур, симои ахлоқию фарҳангии мардуми мутамаддини Аврупо нигаронида шудааст. Аҳмади Дониш бо ин асар ба жанри куҳану анъанавии адабиёт бори ғоявии навро ҳамл карда, онро ба ифодагари ғояҳои наву тараққипарварона ва маърифатпарварона табдил кард. Гуфтан мумкин аст, ки дар ҳар як сафарномаи адабиёти маорифпарварии тоҷик таъсир ва нуфузи асари Аҳмади Дониш «Наводир–ул–вақоеъ» назаррас аст.

Мақсаду матлаби Аҳмади Дониш аввалан бо «Наводир–ул–вақоеъ» чашми мардуми ғафлатзадаро ба олами мутамаддини Русия ва ба воситаи он ба оламу дунёи Ғарб боз карда, пешрафти илму техника, маданияту фарҳанг ва ҷаҳонбинии мардуми Аврупоро нишон додан аст, ки дар он ҷанбаи субъективии тасвир пурқувват асту баъзан руҳи публитсистии шадид дида мешавад.

Устод Айнӣ ба далели он ки «Аҳмад махдуми Дониш дар боби адабиёти мансура хеле роҳи нав ва услуби тозаро бо илҳоми даҳо ва истеъдоди фитрии худ эҷод карда» (11,529), ин давраро ҳангоми тақсимбандии адабиёт тафовут додааст. Бо вуҷуди таъкид махсусиятҳои ҳунарӣ ва равишҳои тозаи эҷодиёти Аҳмади Дониш, Айнӣ «сари таърихи адабиёти нави тоҷикро соли 1905 ба ин далел шинохтааст, ки «вақте ки инқилоби мазкур ба вуқӯъ омада, чопи рӯзномаҷот ва китобҳои тоза дар Бухоро ва Туркистон умумият гирифт, соҳибқаламони тозанавис ҷо-ҷо сар баровардand».[1]

Агар мо сари ин сухани Айнӣ истодагарӣ кунем, аз ҳақиқати ҳаёти адабӣ то андозае сарфи назар мекунем. Воқеият ҳамон аст, ки худи Айнӣ иқрор кардааст. Аҳмади Дониш нафақат «дар роҳи адабиёти мансура хеле роҳи нав ва услуби тозаро» эҷод кард, балки мазмуни

[1] Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. Сах. 529

адабиёти ин даврaро дигар сохт. Ин далелҳо кофист, ки мо суханро аз адабиёти навину сифатан тоза маҳз аз эҷодиёти Аҳмади Дониш шурӯъ кунем. Барои собит намудани ин фикрҳо кифоя аст, ки дар хусуси баъзе аз навиштаҳои адиб истода гузарем.

Аз лиҳози мазмун ва мундариҷаи ғоявӣ ҳикоятҳои сафарии Аҳмади Дониш сафарномаи сирф маорифпарварист ва рӯҳи замонавии он хеле қавист. Дар ҳикоятҳои сафарии Аҳмади Дониш, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва ҳатто саёҳатномаи Зайнулобиддин Мароғаӣ хусусияти типологии ҷанбаи субъективии тасвири воқеот, шарҳу тавзеҳи дидаву шунидаҳо ва аз сар гузаронидаҳои худи адиб, аз мавқеи муайяни мафкуравӣ–фалсафӣ тамоюли муайяни ғоявӣ ифода кардани марому мақсад ва матлаб ҷиҳати муҳим аст. Аз назари мо тафовут ва фарқияти сафарномаҳои аҳди маорифпарварӣ асосан ба мақсадҳои муайяни ғоявии муаллифон нигаронида шудани онҳо вобастагӣ дорад.

Олимони адабиётшиноси ӯзбек Бегалӣ Қосимов, Улуғбек Долимов, Шариф Юсупов, Шӯҳрат Ризаев, Суннат Аҳмедов дар китоби худ «Миллий уйғониш даври ӯзбек адабиёти» жанри «Наводир–ул–вақоеъ»–ро ба эътибори мазмуни умумии асар ба жанри ёддошт (мемуар)–и фалсафӣ–таърихӣ нисбат медиҳанд[1]. Характери умумии бобҳои асари мазкур ба истилоҳи фавқ мантиқан мувофиқат мекунад. Аммо ба қисматҳои муайяни «Наводир–ул–вақоеъ» нисбат додани истилоҳи сафарнома шарт ва зарур аст. Сафарномаи Аҳмади Дониш аз саёҳатномаҳои адабиёти мумтози форсу тоҷик на танҳо аз лиҳози мазмуну мундариҷаи ғоявӣ, балки аз ҷиҳати тарзу усулуби баён низ тафовут дорад. Дар асари мазкур ба факту рақамҳо, далелу санадҳо, тӯлу арзи роҳ ва масоҳати сафар эътибори ҷиддӣ дода намешавад. Дониш дар офаридани ҳикоятҳои сафарӣ ба ҳамин восита роҳи худиро кашф кард. Зотан, барои баёни мақсаду мароми нависандаи маърифатхоҳ ин ҷиҳат

[1] Қосимов Б., Юсупов Ш., Долимов У., Ризаев Ш., Аҳмедов С. Миллий уйғониш даври ӯзбек адабиёти. – Тошкент: Маънавият, 2004. – 62- б.

гӯё муҳим набуд. Ба ҳамин маънӣ, Р.Ҳодизода таъкид менамояд, ки: «Аҳмади Дониш воқеаҳои ҳикоятиашро на ҳамчун қайдҳои сафар ба тартиби рӯз ва эъломи санаву таърихи вуқӯъи воқеаҳо тасвир мекунад. Нависанда ба воситаи нақли ин ёддоштҳо ба хонандаи онрӯзаи Бухоро як ҷаҳони дигареро нишон додан мехост»[1]. Ин гуфтаҳо далел бар онанд, ки дар иншои «Наводир–ул–вақоеъ» нависанда гоҳо барои нишонрасу муассир баромадани матлаб ва барои ба асари худ обу ранги бадеӣ бахшидан аз талаботи жанри сафарнома берун рафтааст. Ин ҳолат бештар таъсирпазирии Аҳмади Донишро аз анъанаҳои насри бадеии форсу тоҷик шаҳодат медиҳад.

Дар сафарномаи Дониш ҷанбаи субъективии мақсад ва мароми нависанда назаррас буда, муаллиф мувофиқи анъанаи сафарноманависӣ аз тарзи тасвири реалистӣ истифода бурдааст. Тарзи реалистии тасвир ё худ воқеанигорӣ хусусияти типии сафарномаҳои адабиёти маорифпарварӣ–таҷаддудхоҳии тоҷик буда, аслан ин усулро қонунияти дохилии жанри мазкур тақозо мекунад. Ҳақиқатнигорӣ ва гаравидан ба вуқӯъгӯӣ ҷиҳати муҳими жанри сафарнома ва умуман, адабиёти маорифпарварист. Тасвири воқеият дар ҳикоятҳои сафарии Аҳмади Дониш ранги бадеӣ–публитсистӣ дошта, ин чиз шавқангезии асарро таъмин кардааст. Аҳмади Дониш дар баробари воқеънигорӣ ва ҳақиқатгӯӣ муносибати худро ба чизу дидаҳояш бамаврид баён месозад. Ин ҷо қаҳрамони асосии асар, яъне худи муаллиф аз мавқеи холисӣ ва бетарафӣ берун меравад. Вай тадқиқу таҳлили масъалаҳоро ба миён мегузорад, ба муайян кардани ҳақиқат, аслу маншаи падидаҳои нави ҳаёти мутараққии мардуми Аврупо, моҳияти воқеаҳо, сабабҳои пайдоиши ин ё он мекӯшад. Мақсади адиб дар зимни воқеънигорӣ тасвиркории маҳз нест, балки он ба ғояҳои муайяни эҷодӣ, матлаби худи

[1] Ҳодизода Р. Насри бадеии Аҳмади Дониш. //Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тоҷик (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Ирфон, 1974. – Саҳ.- 72.

нависанда вобаста аст. Аз ин лиҳоз, сафарномаи Аҳмади Дониш ва сафарномаи Мирзо Сироҷи Ҳаким айният дошта, маҳз ҳамин ҷиҳат онҳоро аз сафарномаи Возеҳ тафовут медиҳад.

Зеро мақсади ғоявии Аҳмади Дониш ва Мирзо Сироҷ ҳамчун адибони маорифпарвар аз эҷоди сафарномаҳо аз рӯи тамоюли «сафар кардан – ҷаҳон дидан» набуда, балки дар асоси ғояҳои муайяни эҷодӣ, аз рӯи принсипҳои «сафар кардан ибрат омӯхтан, эҳё намудан, ислоҳот овардан, падидаҳои навро кашф кардан, калиди ниҳонии тамаддунро дарёфтан, ҳаётро бо чашми хираду ақл, заковату андеша маърифат кардан» иборат буд.

Дигар ин аст, ки ҷанбаи реалистии асари сафарии Дониш пурқувваттар буда, он бо хусусиятҳои соддабаёнӣ, забони зиндаи муошират ва услуби ифодаи худ арзиши махсусро молик аст. Дар «Наводир–ул–вақоеъ» мулоҳизоти амиқи илмӣ, тафаккури танқидию таҳлилӣ, афкори фалсафии мутафаккиронаи муаллиф, драматизми тасвиру тарзи ифода ҷиҳатҳои махсусанд, ки қимати асарро меафзоянд.

Ҳамин тариқ, дар таълифоти насрии Аҳмади Дониш омезиши ду навъи сафарнома–сафарномаи воқеӣ–ҳуҷҷатӣ ва сафарномаи бадеиро метавон мушоҳида кард, ки бо тақозои ҳаёт ва талаботи он дар адабиёти маорифпарварӣ падид омадааст.

Асар аз муқаддима (сабаб ва шароити таълифи асар) 23 боб иборат аст. Бояд зикр кард, ки дар таҳрирҳои гуногун шумораи бобҳо дар ҳудуди 23-25 аст. асари мазкур чуноне, ки дар боло зикр гардид дар асоси хати сужети ягона таълиф нагардидааст. Он дар шакли бобҳои алоҳида масъалаҳои мухталифи ҳаётӣ, воқӣ, таърихӣ, илмӣ ва фалсафию ахлоқиро фаро мегирад. Гарчи ҳар як боб мазмун ва мундариҷаи ҷудогонаро дорад, аз лиҳози гузориши масъалаҳо ва услуби ҳаллу фасли онҳо бобҳо ба ҳамдигар наздиканд. Инчунин баъзе ибобҳо вобаста ба ифодаи марому мақсади ғоявии нависанда мантиқан низ пайвандӣ доранд. Тавсифи 15 боби асар дар қарори зерин аст:



Боби 1: Дар ҳаққи ҳуқуқи абавайн (падарон ва ҳадди ҳуқуқи онҳо). Дар ин боб Дониш дар бораи ҳуқуқи падар нисбат ба фарзанд, ки дар шариати исломӣ масъалаи муҳим буд, баҳс мекушояд. Боби мазкури асар дар бораи муносибатҳои гуногуни фарзандон ва волидайн баҳс

мекунад. Дар ҳамин боб ба тарзи муколама дар хусуси масъалаи пайравӣ намудан ва тақлид кардан ба падар ва модар низ сухан меравад. Аҳмади Дониш эътироф мекунад, ки «Дар ҳар масъала, ки чунин рӯй намояд, тақлиди касе раво надорад, чаро, ки одамиро пурсиш ба ақли худ хоҳад буд, на ба ақли дигарон».[1] Яъне адиб дар ҳама кор тақлидро аз амалҳои ношоям ҳисоб мекунад. Дар боби мазкур пас аз муқаддимоти ҷиддӣ Аҳмади Дониш ба таҳқиқи масъалаи ҳуқуқи падару модар дар назди фарзандон мегузарад. «Падару модар мавриди эҳсону шукранд, бар тақдире, ки солеҳ бошанд ва ба фарзандони худ некӯӣ хоҳанд ва салоҳи ҳоли ӯ ҷӯянд: ки агар фосиқ бошанд ва ба фарзанд некӯӣ намехоҳанд, салоҳи ҳоли ӯ наметалабанд, балки ғарази худро меҷӯянд, мавриди он ҳуқуқ, ки дар оёт ва аҳодис омада, нестанд… Агар (падар ва модар) мувофиқ ва мутобиқи офоқу анфус (ҳаёти воқеӣ) аст ва фарзанд дар он мухолиф ва муонид,- осӣ ва оқ аст. Ва агар он кирдору гуфтор мухолифи офоқу анфус аст, волидайн осианд». Аҳмади Дониш ин ҷо ба масъалаи муҳими рӯзгори мардум эътибор медиҳад. Аз назари Аҳмади Дониш ҳамон волидон мавриди эҳсону шукранд - сазовори ҳурмату эҳтиром ҳастанд, ки солеҳ бошанд ва некӯаҳволии фарзандони хешро хоҳанд. Падару модари фосиқ ба ин ҳурмат сазовор буда наметавонанд, зеро онҳо аз фарзанди хеш ғаразу тамаъ доранд. Дар ин маврид Дониш аз ҳадисҳо ва оёти Қуръони карим берун намеравад ва дар асоси онҳо ба ҳаллу фасли масъала мепардозад. Дар боби мазкур Аҳмади Дониш бо мисолҳои оддии ҳаётӣ собит менамояд, ки ҳуқуқ ва маҷбуриятҳои волидайн дар назди фарзандон то кадом дараҷа аст. «Масалан агар падар ба рӯзе як дирам додан тавонад, лекин ним дирам медиҳад, дар сурати исёни писар падар осим аст ва агар аз як дирам зиёд хоҳад, писар осист. Ва ин ҳақ то вақтест, ки писар дар иёли падар бошад. Пас, агар падар ҳақи писар адо кардааст ва илми зарурӣ ва пешаи лоиқ ва таҳсил кунонида ва зан додаст, писарро ҳеҷ ҷои хост нест, магар ҳаққи

[1] Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, 1988. Саҳ- 29

мурувватӣ ва одатӣ». Аҳмади Дониш дар муайян кардани ҳуқуқ ва маҷбуриятҳои падару модар ва фарзандон дар ҳар як мамлакати ободу инкишофёфта мавҷуд будани «маҳкамаи қозӣ ва равнақи доруламора» - ро шарти муҳим меҳисобад, то ки пархоши падару фарзандонро муоина намояд. Дар ҳамин боб Дониш масъалаи мафҳуми «ҳикмати маданиву манзилӣ»- ро низ ба миён мегузорад, ки он вобаста аст ба забону гуфтор ва кирдор дар оила. Дар мавриди хонабезор ва бо нохалафон ҳамроҳу ҳамгашт шудани фарзанд, Аҳмади Дониш ҳар ду тарафро осӣ ҳисоб мекунад. «Ва писар аз ҷиҳати эҳтиёҷ мутолабат менамояд, чун аз падар эҳмол ва имҳол мебинад, пас дар исёну саркашӣ меафтад ва ба дуздию қимору суол кори ӯ оид мегардад ва бошад, ки бигрезад ва ё ба қаландарон ихтилот намояд ва шабҳою рӯзҳо дар хона наояд. Пас, виболи ин ҳама исён ва иқоқу шиқоқи ӯ ба рӯзгори падар оид гардада ва тарафайн осим бошанд. Ва гуноҳи падар бузургтар бувад, ки писарро ба исён овардааст»[1]. Аз назари Аҳмади Дониш функсияи мард дар оила ва оиладорӣ хеле ва хеле бузург аст. Мард дар манзил чун дил дар бадан аст. Тамоми вубол ва савоби оиладорӣ бар гардани ӯст. Ҳам ризоияти модар ва ҳам салоҳияти ҳоли ҳамсару фарзандон ба ӯ вобаста аст.

Дар ҳамин боб ва бобҳои дигар Аҳмади Дониш барои исботи қазияҳои хеш афкори фалсафӣ – ҳаётии худро низ ҷо-ҷо иброз медорад. «Дар «фусуси одоб» оварда, ки мадори наҷоту фалоҳ бар илтизоми[2] се асл аст: Яке адои фароизи андак ва бисёр, осон ва душвор; дуюм, иҷтиноб аз маҳорим-қавлан ва феълан, хоҳ кабира боши хоҳ сағира; саввум тарки дунё. Дар ҳамин боб чуноне ки маълум гардид муаллиф ба бобҳои навбатии асараш низ замина муҳайё месозад. Маҳз ҳамин услуб узвияти бобҳои асарро таъмин месозад. Масалан, масъалаи зерин бевосита ба бобҳои баъдинаи асар тааллуқ дорад: «Сари ҳар гуноҳ куфр аст, пас муҳаббати дунё куфр бошад ва сари ҳар ибодат имон аст, пас

[1] Аҳмади Дониш. Наводир-ул вақоеъ. Китоби 1. – Душанбе: Дониш, 1988. Саҳ. – 36.

[2] Илтизом- иҷро кардани чизе, бар ўҳдаи худ гирифтани амале ва коре.

тарки дунё имон бувад»[1]. Маълум мегардад, ки Дониш гузориши масъалаҳоро дар асоси қоида ва қонуниятҳои шариати расмии дини Ислом ба миён мегузорад ва бевосита фикрҳои боҷуръатонаро низ баён мекунад. Масалан, аз нуқтаи назари ӯ «Мутлақи имон восита аст миёни нуру зулмат, пас имони мутлақ ба зоҳири шариат будан ва имони комил ба ботини он рафтан аст. Имон бар зоҳири шаръ имон аст, аммо наҷотдиҳанда нест. Ғоят он ки аз куфр афзалтар аст ва ба наҷот қарибтар».[2] Маълум мегардад, ки Аҳмади Дониш дар риояти қонуниятҳои шариат ибодати тақлидӣ ва зоҳриро намеписандад, барои ӯ имони комил доштан аз ҳар гуна тоату ибодати расмии зоҳирӣ афзалтар аст. Аз назари Дониш инсон набояд ба ҷамъоварии молу дунё меҳр бандад, балки ӯ бояд босабру боқаноат бошад ва эҳсонкор бошад. Аз назари ӯ ҳар фарзанди оқил агар давлат дорад, эҳсон аввалан ба волидайн кунад, сониян хешу ақрабо (қарибон), пас бепадарон ва ятимону мискинон ва агар боз молу чизи зиёдатӣ дорад, мусофиронро эҳсон кардан хуб аст. Дар масъалаи қадру қиммати модару падар низ фикрҳои Аҳмади Дониш ҷолиби диққат ҳастанд, ки тавассути ҳадисҳо ва оятҳои Қуръони карим собит мегарданд. Ин ҷо афкори Дониш ранг ва ҷилваи тарбиявӣ дорад. Дар ҳамин боб иброз мегардад, ки дар муошират, дар мутолиа, дар муносибат ҳаққи зан аз ҳаққи мард кам нест. Ин фикри тоза ва нав аст. Бояд мардон баъзан аз камбудии занон ва нуқсоноти эшон чашм бипӯшанд, зеро ин нуқсон аз офариниш дар зоти онҳо будааст, «зеро ки онҳо офарида шудаанд аз устухони паҳлӯи чапи Абулбашар Одам алайҳиссалом – каҷтарин устухони қабурғаи тарафи болоии ӯст. Агар хоҳӣ, ки рост кунӣ, бишканад ва агар бигузорӣ, ҳамон каҷии ӯ доимӣ бошад». Ин ҷо ба тариқи рамзӣ Дониш ҳамон қиссаи офариниши зоти занонро ба миён мегузорад. Меъёри эҳсон ба ҳамсар аз назари нависанда ҳамон аст, ки мард ҳар чӣ бихӯрад, бояд

[1] Ҳамин асар. Саҳ. -38
[2] Ҳамин асар. Саҳ. -38

занаш ҳам хӯрад, ҳар чӣ бипӯшад, бояд ӯ ҳам ҳамин тавр пӯшад, агар кор бо зарбу лагат анҷомад ҳам, ба рӯяш назанад, аз ӯ дурӣ маҷӯяд. Зеро занон мабдаи офариниш ҳастанд. Аммо дар баъзе маврид фикрҳои Дониш ихтилофот низ дорад. Масалан, ӯ марди мутеъ ва тобеи занро намеписандад ва ба хулосае меояд, ки мардон ҳамон вақт тобеъ ва мутеи занон ҳастанд, ки нафси бад доранд. Аз назари адиб миннат кардани нон ва миннат кардаани шири сапед аз ҷониби падару модар низ чизи номатлуб аст. Нону шир ин неъмати худованд аст, агар шир бар тифл дода нашавад «шири ӯ барояш офати ҷон аст ва мӯриси саратони пистон, ки соате таҳаммулу сабр дар ҷамъи он ва ҳифзи он надорад… ва миннати падар барои нон низ аз ҷаҳолати ӯст».[1] Ба ақидаи Дониш аблаҳии фарзанд, фосиқӣ ва бетарбиягии ӯ низ ба волидайн вобаста аст. «…Нек дарнигарӣ ва тааммуқ кунӣ, ин шарорат низ аз касофати ҳазрати абавайн дар валади шариф ба зуҳур расида… дар ағлаб ҳоли падари бузургвор низ маълум мешавад, ки ин «хоҷабаччагони мақбул» аз куҷо омадаанд ва ин ахлоқи сутуда[2] аз куҷо омӯхта. Ва савобу самараи ин фарзанди азиз низ ба дунё ва охират ба рӯзгори ин абавайн мулҳақ хоҳад буд.

Пас аз ин ҷо маълум шуд, ки накбат ва идбор аз шумии абавайн ба фарзанд оид мешавад, на аз мухолафати онҳо ва давлат ва иқтидор аз касбу тараддуд ба даст меояд, на аз ризоии онҳо».[3]

Пас бояд волидайн барои тарбия кардани фарзанд пеш аз ҳама худ тарбиятдида бошанд. Молу мулки падар ба фарзанд вафо надорад. Он тавассути саъю кӯшиш ва ҷидду ҷаҳд, меҳнати сангин ва касбу тараддуд ба даст меояд, дар ин поя ризоияти онҳо кам аст. Аз назари Аҳмади Дониш, чуноне, ки дар аввали боб оиди масъалаи тақлид баён карда буд, инсон бояд дар ҳар масъала фикри худро, сухани хешро дошта бошад.

---

[1] Ҳамин асар. Саҳ.- 56
[2] Сутуда (ситуда) - мадҳкардашуда, таърифкардашуда, писанддидашуда.
[3] Ҳамин асар. Саҳ.- 61

«Гар сухан аз худ надорӣ, лаб бубанд аз гуфтугӯ,
То ба кай чун хома ронӣ ҳарфи мардум бар забон» (Бедил)

Ҷанбаи ахлоқию ҳаётии боби мазкурро эътироф намуда, бо ҳамин қадар иктифо менамоем, ки масъалаи интихобии Аҳмади Дониш дар асар масъалаи ҷиддӣ ва муаммои доғи рӯз аст ва гузориши он бо талаб ва тақозои ҳаёти воқеии мардум ба вуқӯъ пайвастааст инчунин ин масъалаҳо то ба ҳол аҳамият ва арзиши худро гум накардааст.

Боби II: Дар таҳқиқи матои дунё ва ҳақиқати муомилоти он. Дониш дар ин бобат бар он ақида аст, ки боиси бадбахтии миллату халқ пеш аз ҳама дар ҳирси молу бизоати дунёӣ ва ба он руҷӯъ мондани одамон аст. Ба ин восита, менигорад адиб, онҳо аз захираи маънавӣ дур рафтаанд. Аҳмади Дониш ба масъалаи дардноктарини рӯзгор даст зада, бобати ороиши зиёдатӣ ва ҳирси молу маноли дунё ва ба он дилбастагии зиёд доштанро нисбати мардҳои рӯзгор камбудии ҷиддии ахлоқӣ ҳисоб менамояд. Дар қисми аввали боб Аҳмади Дониш масъалаи меъёр ва андозаро ба миён мегузорад. Дар зиндагӣ аз назари муаллиф меъёр ва андоза шарти муҳим аст, инсон ба қадри зарурӣ бояд ба молу дунё дилбастагӣ дошта бошад. «…таом ба қадри сади ҷӯъ, хона ба қадри дафъи барду ҳарр ва либос ба қадри ситри аврат ва зан барои ҷиҳати осоиш ва ихтилот ва ҳар чӣ аз ин зиёда аст, дар гардани халқ қилода аст, балки полаҳанг, ки сабаби хуноқ ва ҳалок гардад…».[1] Ба ақидаи Аҳмади Дониш кори дунё ва муяссар гардидани дунё ба инсон аз таълим ва илм омӯхтан аст. Ӯ мегӯяд. «Агар иродаи дунё охират бувад, бояд ки илм омӯзад, ки ба илм кори охират мекунад ва ба тааллум бо халқ худи дунё оянда аст ба қадри каффоф… Касби дунё ба ҷамъ аст ва касби охират ба тарк…, ки агар тарк мекунӣ, ба илм тарк кун ва агар ҷамъ мекунӣ ҳам ба илм, ки ҷамъу тарк бе илм муфизӣ ба ҳалокат аст».[2] Ин ҷо Дониш ба ақидае мӯътақид аст, ки инсон дар ҳар ду ҳолат ҳам бояд бо ақлу хирад амал ва рафтор намояд. Дар ин маврид маънои калимаи «ҷамъ» ва

[1] Ҳамин асар. Саҳ. -64
[2] Ҳамин асар.- Саҳ.-65

«тарк»-ро бояд амиқан фаҳмид. Зеро «ҷамъ» – далолат аст ба озодии нафс, ҳирсу оз, «тарк» - кашиши нафс, қаноат, сабр, шикасти нафс. Ин тарзи баёни фикрҳои фалсафӣ дар бобҳои асар бисёр дучор мешаванд. Дар ҳамин боб Аҳмади Дониш ба масъалаи зуҳду тақво низ истода мегузарад. Аз назари ӯ «зуҳд он бувад, ки ба илм (ақлу тамиз, дониш-С.Х.) бояд, ки дар миёни халқ буда ва иттифоъ аз эшон дареғ надошта, зуҳд варзад ва ин хеле саъбу душвор бувад, ки «кач дору марез» ва аз халқ низ мунтафеъ бошад. Ғоят он ки як чанде ба хилвату узлат дарояд ҳам, ба миёни халқ тоату зикри ӯ маликаи нафси ӯ гардад ва боз ба халқ ояд. Маълум мегардад, ки Дониш зуҳди мустаҳкам ва қатъию қавиро қоил нест ва инсон дар назари ӯ аз ҷамоат ҷудо гардида наметавонад, инсонигарии одам бо ҷамъият аст, на берун аз он. Қаноат низ аз назари Дониш кори вазнин ва сангин аст ва аз ӯҳдаи ин кор на ҳама баромада метавонад, магар ки олим бувад ва аз улулми раббонӣ косиб бошад.[1] Дар ҳамин боб боз ба масъалаи дигаре дахл намудани адибро мушоҳида намудан мумкин аст. Ӯ дар хусуси узлатнишинӣ ва гӯшанишинӣ ихтиёр намудани баъзе аз ҳамзамонони худ истода гузашта, таъкид менамояд, ки инсон бояд аз ҳирси молу ҷоҳ гузашта, бояд ба андӯхтани илми ҳақиқӣ кӯшиш намояд. Мурод аз илми ҳақиқӣ аз назари адиб кӯшидан баҳри покии ботин аст. Аҳмади Дониш зуҳди мӯътадилро барои покизагии хислати инсон ва парҳези молу ҷоҳ ташвиқ менамояд. Аммо барои ободии мамлакат ва давлату зиндагии мардум муносибати байниҳамдигарии одамон (муносибатҳои истеҳсолӣ) ва ба ибораи дигар муносибатҳои иҷтимоӣ зарур аст. Аз ин ҷост, ки ҳикмати ***тамаддун*** (сиёсати давлат) ва ***таовун*** (меъёрҳои муносибати инсонӣ дар ҷамъият) муқаррар карда шудааст.

Омилҳои ба молу дунё ҳирс бастани инсон аз назари Дониш дар қарори зерин аст. Аввалан, умед доштан аз дарозумрӣ ва тӯли амалу мансаб. Аммо ин ҳолат ва тарзи фикрронӣ нодуруст ва бемантиқ аст.

[1] Ҳамин асар.- Саҳ.-66

Адиб таъкид мекунад, ки инсон нафас ба нафас бемор шуда мурда метавонад. Марг ба инсон қариб аст. Ин маъниро, яъне мафҳуми инсон ва қарибии маргро ба одам Аҳмади Дониш чунин талқин мекунад, ки ранги бадеӣ ҳам дорад. «Агар дар ҷавҳари хеш тааммуқ кунад ва ба ғавр бингарад, бидонад, ки вай чист ва аз чӣ чиз аст, як тӯда устухоне ва бар он шаҳме ва лаҳме, ки на тоқат бар гармо дорад ва на сабр бар сармо… нисбати ҳаёт дар бадан чун нисбати шӯълаи чароғ дар фатила ва равған аст, ки як боди мухолиф мунтафӣ шавад ва назди ғолибаи равған ё нуқсони он хомӯш гардад».[1] Пас аз назари адиб, меҳр бастан ба молу ҷиҳози дунё ва моддиёти он аз рӯи оқилӣ нест. Дигаре аз омилҳое, ки таваҷҷӯҳи инсонро ба молу мулки дунё зиёда мекунад, хабар наомадан аз он дунё аст ва инсон ду се рӯза таматтӯъро аз ҳар чиз аз рӯи ҷоҳилияташ афзал медонад. Фавоиди ҷамъ вобаста аст аз некӯ пӯшидан, некӯ хӯрдан ва ба ҳар кӣ хоҳад бидиҳад. Адиб таъкид мекунад, ки «… ин ду муқаддима ба ҳамдигар зиддонанд, ки ҳеҷ нафс ҷое, ки ҷамъ бувад, таркро ихтиёр накунад».[2] Аз назари Дониш дунё ва масоили он масъалаи ҳадису қадим аст. Инсон бояд дар ин дунё ё ба омӯхтани илми динӣ пардохта, бо ҳамин ба саодати охират бирасад ё ки аз баҳри Худову Расул гузашта, фақат ба қонеъ гардонидани талаботу эҳтиёҷоти ҷисмонияш машғул шавад. Аз назари ӯ илми илоҳӣ ва молу манолу ҷоҳи дунё дар як ҷой ғунҷоиш надоранд. Ин тарзи баёни ақида ҳамон сатрҳои машҳури Абӯшакури Балхиро пеши назар меорад, ки гуфта буд:

Донишу хоста аст наргису гул,
Ки ба як ҷой нашкуфанд ба ҳам.
Ҳар киро дониш аст, хоста нест,
В-он киро хостааст, дониш кам.

Муаллифи асар боз иброз медорад: Ва он фавоид, ки дар ҷамъ шуморида шуд, ҳама дар ҳақиқат зарару зиён аст ва офату хусрон. Масалан, некӯ хӯрдан ва аз паи алафу майда авқот масраф кардан кори

[1] Ҳамин асар. Саҳ.-67.
[2] Ҳамин асар. Саҳ.-71.

сутурон аст ва кам хӯрдану нохӯрдан, кам хусбидан сифати одамӣ ва малоика. …Некӯ пӯшидан ва бар он рағбат намудан шеваи занон ва пешаи муханнасон[1] аст, на кори мардон. Мутобиқи афкори Дониш одамӣ бо ҳеҷ вачҳу сабабе агар тамоми оламро зери фармон дорад, ҳам ғаму андӯҳ ва кулфатро аз худ дур карда натавонад. Зеро маърифати ҳақиқати матои дунё тавассути дину диёнати пок ва ҳақиқӣ ба даст меояд ва асоси дину диёнат ба тарк (шикасти нафс) аст, на ба ҷамъ (тамаъ ва ҳирс). Дар ҳамин боб муносибати Дониш ба занон низ баён гардидааст ва муаллиф занро монеаи аслии тарк ва шикасти нафс меҳисобад инчунин менигорад: «….мавонеи тарку зуҳд зан аст ва бад-он дилхушӣ ва дилбастагӣ дорад (яъне мард С.Х.), бидонад, ки дар ғалате азим рафтааст… Занон аз сифати вафо ва хислати ҳаё холианд. Вафо ва ҳаё, ки аз эшон мушоҳида меравад, бақо ва субот надорад».[2] Дидори фарзандон ва авлод низ аз назари Дониш муваққатӣ ва ориятӣ аст. «…чӣ муҳаббат миёни абавайн ва авлод ду-се рӯзи оризӣ ва ориятӣ аст, ки назди рушди булуғи авлод он муҳаббат дар аксар ва ағлаб ба адоват кашад. Халлоқи ҳаким ин муҳаббат чанде дар миён ниҳод, то валад зоеъ нашавад ва аз сақату лақат эмин бошад».[3] Дониш мегӯяд, ки ин гуна меҳри тараҳҳумӣ дар ҳамаи ҳайвонот ва ҷонзотҳо ҳаст ва то балоғати фарзанду авлод ӯро ҳимоя мекунанд ва баъди он аз худ меронанд. Инсон ин хел нест. Бадбахтии дигари инсон дар он аст, ки фарзанд ва авлод тамоми нохушнудиҳои ҳаёти хешро аз волидайн медонанд. Падар аз назари Дониш бандаи зархарид, ё муздури аҳлу иёл аст, инчунин кулфату машаққати падар назди фарзанд ҳеҷ эътиборе надорад. Май ва майпарастӣ низ аз назари муаллиф амали нодуруст ва нофорам аст. Зеро «май муҳаййиҷи фитна ва шаҳват аст, уқало фитнаю шаҳватро бихобонанд, на ки шӯронанд. Мастӣ агар давом дорад, зарари дунёву

[1] Муханнас- хуносо, разилу паст, тарсончак, номард, дунпарвар.
[2] Ҳамин китоб. Саҳ.-73.
[3] Ҳамин китоб. Саҳ.-74.

охират аст».[1] Дар охири ҳамин боб Дониш дар бораи масъалаи **ҳудусу қидам**[2] низ истода мегузарад. «Аломати ҳудус аз шаш ҷиҳати олами имкон ҳувайдо ва зоҳир аст,- аз тағайюр ва табаддули замону макон ва мавту ҳаёт ва ғаму нишот ва харобии вай ва ободӣ»

Боби III: Дар таҳқики таърихи одам ва тафтиши ҳудусу қидам. (**Ҳудусу қидам -** назарияи фалсафиест, ки доир ба қадимию азалӣ будан, ва ё баъду сонӣ офарида шудани коинот баҳс мекунад). Боби мазкур мазмунан ва мантиқан идомаи боби дуюм буда, Дониш дертар ба он масъалаи пайдоиши дунё ва такомули ҳаёти инсониро илова мекунад. Аҳмади Дониш пайдоиш ва ҳаракати тамоми мавҷудоти оламро ба қувваи иродаи арши аъзам (илоҳӣ) медонад. Ба ақидаи ӯ гӯи арш (кураи фазо ва коинот) қадим аст ва боқӣ ҳама аҷсом баъд аз он падид омадаанд.

Боби IV: Дар иллати накбати уқало (оқилон) ва сабаби давлати суфаҳо (ҷоҳилон). Дар ин боб Дониш ақидаеро пеш меронад, ки бой шудан ва камбағал будан аз қазо, яъне тақдир бошад ҳам, аммо аз худ кардани сарвату давлат ба худи инсон вобаста аст. Қиёси боигарии моддӣ ва боигарии маънавӣ, бахту саодати ҳақиқӣ, ҳирсу тамаъ ва сахоро ба миён мегузорад ва таҳлил мекунад. Нуқтаи назари Аҳмади Дониш дар баъзе масъалаҳо дар ин боб эзоҳталабанд. Масалан, ӯ камбағаливу боигариро аз тақдир медонад, аммо касби сарвату давлат ба дасти инсон ва иқтидори ӯ вобаста аст. «Агар шоҳ фақр кунад тавонад ва агар гадо кулоҳу дастгоҳи шоҳӣ талабад, бирасад. Ғоят он, ки агар ғанӣ агар фақр хоҳад, ҳиммат баланд бояд ва фақр агар ғино ҷӯяд таҳаммулу заҳмат, машаққату ранҷ бояд». Аммо Аҳмади Дониш тамоми роҳату саодат ва бахту иқболи ҳақиқии инсонро дар боигарӣ ва ҷамъ кардани он намебинад. Аз рӯи фаҳмиши ӯ ононе, ки аз илму ҳикмат дуранд, ба дараҷаи пасттарини ақли баҳимӣ (ҳайвонӣ) меистанд.

---

[1] Ҳамин китоб. Саҳ.-76.

[2] Ҳудус- пайдоиш, ба вуҷуд омадани чизе; қидам- пешина, қадим, мозӣ.

Боби V. Дар ҳикояти фаромӯшхона. Боби мазкур низ ба тариқи муколама сурат гирифтааст. Дар он дар бораи таълимоти фаромӯшонӣ-таълимоти масонӣ сухан карда мешавад, ки дар ҳамин давр дар Аврупо хеле интишор гардида буд. Табақоти ҷамъият дар он ҷо баробар буда, на сарват ва на давлат дар он мақом дошт. Ҳама баробарҳуқуқ ва байни худ баробар будаанд. Моҳияти аслии ҳикоят, ки аз ҷониби муаллиф ба дӯстон ва ҳаммаслакон нақл карда мешуд, дар он зоҳир мегардад, ки тараққиёт ва мӯҷизоти илму амал дар дунё бисёр аст. Фақат саъй ва ҳаракат бояд кард. «Ғоят он ки онҳо тараддуду талаб намуданд - ёфтанд ва мо накрдему нарасидем». Дар ҳамин боб баъзе аз масъалаҳои муҳим низ гузориш ёфтааст. Аз ҷумла, инсон бояд, аз назари адиб пайваста ба таҳқиқу тадқиқи илми ҳақиқӣ кӯшиш намояд. Пас метавонад кашфиётҳои бузургеро дар соҳаҳои гуногун ба даст биёрад. Дар асоси омӯзиш ва таҳқиқи табиии ҳодисоти олам метавон табадулотҳои иҷтимоиро низ падид овард. «Қурби соат», яъне фарорасии қиёмат низ аз назари адиб дур намондааст. Ӯ тадқиқотҳои бузурги илмии дунё, табадулотҳои калони иҷтимоӣ ва кашфиётҳои бузургро дар назар гирифта наздик омадан ва нишонаи комил доштани қиёматро баён мекунад. Нишонаи дигари қурби соат аз назари Аҳмади Дониш ин ғалабаи куфр бар имон аст, ки дар мамолики гуногун аҳли Ислом дини ғайрро қабул намудаанд ва имони худро фурӯхтаанд. Ин ақидаҳо дар шароити имрӯза низ аҳамияту арзиши худро гум накардааст. Аз мазмун ва мундариҷаи ғоявии боби мазкури «Наводир-ул-вақоеъ» дарёфтан ва пайхас намудани ғояҳои худшиносии миллӣ ва худогоҳии таърихӣ, даъват ба илмомӯзӣ чандон душворӣ намекунад.

Боби VI. Дар ҳикояти ҳоҷӣ ва манофеи сафар ва хислати занон. Дар боби мазкур аҳамият ва афзалиятҳои сафар ва сафар намудан ба мамолики хориҷа нишон дода шудааст. Аз назари маорифпарварон яке аз роҳҳои берун овардани мардуми ғафлатзадаи Бухоро тавассути сафар, бо чашми хирад дидан ва ибрат гирифтан аз падидаҳои тозаи ҳаёти

мардуми мамлакатҳои мутараққӣ аст. Пас, оварда шудани боби мазкур дар таркиби ин асар тасоддуфӣ нест. Дар боб гарчи масъалаи асосӣ нишон додани аҳамият ва арзиши сафар аст, масъалаи худшиносии миллӣ низ ҳамчун масъалаи асосӣ ба миён гузошта шудааст. «Ва моро оварданд, то ҷаҳонро обод дорем ва баҳрҳо ва конҳо бикшоем ва аҷоиботи олами арконро зоҳир гардонем. Набинӣ, ки токи ангур, агар тарбият накунӣ ҳар соле аз соли гузашта мева камтар диҳад, то он ки хушк гардад. Шумо мева аз ток мехӯред, дигар ғам надоред-агар бехи ӯро кирм занад ва сарашро сармо; филоҷарам ҷаҳондори қадим ва қуддус Моро иститоат бахшида, то боғи ҷаҳонро аз боғбони нодон холӣ гардонем ва замин аз хасу хошоки монеаи заръ пок кунем, то қобили интифоъ ва истинфоъ (манфиат) гардад.»

Боби VII. Дар ҳикояти Абулқосим бӣ ва сафари Руссия.

Боби VIII. Дар сафорати Абулқодирбек ва аҷоиби зимни Руссия.

Боби IX. Дар хикояти гирдоби Искандар ва ғинои марди аҷамӣ. (Дар бораи ин се қисмати асари Аҳмади Дониш дар саҳфаҳои поёнтар гуфтугузор хоҳем кард.)

Боби X. Дар таҳқиқи ишқу муҳаббати ҳақиқӣ ва миҷозӣ ва одоби ишқбозӣ. Қиёси муҳаббати маҷозӣ ва ишқи ҳақиқӣ маншаи аслии ишқ, аслу моҳияти ишқ. Боби мазкур дар шакли диалог бо як нафар дӯсти Аҳмади Дониш сурат гирифтааст. Аз назари адиб ва мулоҳизоти ӯ ҳар кӣ ишқу муҳаббат надорад, аз доираи одамият хориҷ ва соқит аст ва ҳар кӣ аз он даст кашид дар мартабаи баҳоим (ҳайвонот) аст ва ҳар кӣ ба ин водӣ даромад камтар солим баромад. Аҳамади Дониш дар ин боб аз назария ва фаҳмиши анъанавии ишқу муҳаббат ва нуқтаи назари динию фалсафӣ-ирфонии ишқ бадартар рафтааст. Ӯ менависад: «Ҳақиқати ишқу муҳаббат майли табъ аст ва (ҳар кас) бо мо юлоими худ (ба чизи ба таъбаш наздик) майл хоҳад кард. Ва номи ишқ бар мутлақи майлҳо ва ҳавасҳо ҷорӣ нашавад, балки он ки майл ба сувари ҷамила дорад, онро ошиқ ва майлашро ишқ хонанд… Ишқу муҳаббат хуб ё бад мешавад.

Ишқи хуб он аст, ки ба шариат ва ақл риоя намояд, ишқи бад он аст, ки ба ин ҳар ду риоят накунад. Ошиқ бояд танҳо ба шаҳват ва таскини майлу хоҳиши нафси ҷисмонии худ дода нашавад, ҳарчанд ки маншаи ишқ қувваи шаҳват аст».[1] Дӯсти Аҳмади Дониш ба ӯ савол медиҳад, ки агар хашму шаҳват ва нафси бад ба ишқ ҳамроҳ бошад пас ишқ кори баде будааст ва барои ин бояд роҳи дурустеро ҷустуҷӯ намуд, ки инсон ба ишқварзӣ майл накунад. Дониш ҷавоб медиҳад, ки фақат шахсоне, ки дар ниҳояти шармгинӣ ва хасису мумсикӣ гирифторанд ва ё дар ниҳояти аҳмақӣ ва аблаҳӣ мубталоянд, аз ишқ худдорӣ карда метавонанд. Касе, ки аз ишқ безор аст, бояд аз халқ тарки алоқа кунад. «Хоҳӣ, ки ба кас дил набандӣ, дида бубанд».[2] Дар бори ишқу муҳаббат сухан карда Аҳмади Дониш эътироф менамояд, ки байни ошиқу маъшуқ бояд эътидол ва мувофиқат бошад. Ҳар ду ҷониб низ сифатҳои муайянеро доро бошанд. «Шарти аъзам ва ақдами он аст, ки марди ишқпешаро зар бояд ва ҳиммати олӣ, ки зару хок дар назди ӯ яксон бошад, то агар маъшуқ сар хоҳад, филҳол ба даст кунад ва дар назди маъшуқ гузорад, то дили маъшуқро ба зару инъом ва эҳсон сайд тавонад кард. … Дигар марде донишманд бувад ва аз ҳама улуму фунун бохабар, хосса илми тағаннӣ ва алҳон (суруду мусиқӣ) ва қисасу таворих ва мусаввирию наққошӣ ва заргарӣ ва ҳайётию хаттотӣ, ки агар маъшуқа майл ба ҳунар дорад, …аз маорифу машоҳири мардум бувад, марде ваҷеҳ бувад, зоҳири сураташ мутанаффир (нафратовар) набошад, марде асилу наҷиб бувад, то риояти мурувватту утувватро ба поён расонида тавонад, ҳуқуқи дӯстиву муҳаббатро муроот тавонад кард». Дигар ин аст, ки дар ин масъала, хусусан, масъалаи ишқварзӣ Дониш солимии ақлро аз муҳимтарин ҷузъҳо ҳисоб мекунад ва мегӯяд: «Дар роҳи ишқварзӣ саломатӣ бувад, илло маломат»[3]. Маъшуқа низ бояд ба чанд шарт риоят намояд: аввалан дониста ошиқ ихтиёр кунад, аслу насаби хуб дошта

[1] Ҳамин китоб. Саҳ.-206.
[2] Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. – Душанбе: Дониш, 1988. Саҳ.- 210.
[3] Ҳамин китоб.- Саҳ.- 212

бошад, «маҳбуб афиф бувад ва ба ағёр камтар ихтилот кунад ва агар кунад ҳам аз ошиқи худ ҳатталимкон мастур дорад». Дар ҳамин боб ба назар мерасад, ки дар масъалаи баён ва шарҳи масъала Аҳмади Дониш аз тарзи тафаккури асримиёнагӣ берун нарафтааст, баҳои ӯ ба ҷинси латиф низ аз ҳамин мавқеъ баён гардидааст.

Боби XI. Дар одоби никоҳ ва баёни хусумати модаршӯ. Ин боб ба тарзи суолу ҷавоб байни дӯсти номаълуми Дониш ва худи ӯ навишта шудааст. Аҳмади Дониш дар ин боб дар бораи сабаби офарида шудани зан, мақоми ӯ дар ҷамъияти инсонӣ аз нуқтаи назари таълимоти дини исломӣ фикри худро баён месозад. Дар авали боб Дониш ҳолатеро баён мекунад, ки дар он сурате вуҷуд дорад ва дар сурат се манзара ва ё ҳолати мард ба тасвир омадааст. Дар сурати якум мард даст бар сари зону дар тафаккур аст ва дар сурати сонӣ мард даст бар сар мезанаду гӯё аз карда пушаймон аст, саввуми мардест, ки даст бар само дораду гӯё рақс мекунад. Дониш шарҳ медиҳад; сурати аввал ифодагари ҳолати мардест, ки ҳоло хонадор нашудааст, муҷаррад аст ва аз балои макру ҳияли зан озод аст ва дудила асту фикр мекунад, сурати дуюм ҳолати мардеро ифода мекунад, ки хонадор шудааст ва бар ин бало гирифтору аз карда пушаймон аст ва даст бар сар мезанад, дар сурати саввум симои марде тасвир карда шудааст, ки дар он аз тавассути талоқ аз қайду банди зан озод гардидааст. Дар назари Дониш занони пурмакру ҳиял ҳама аҳли дӯзаханд ва аммо занон мазруфи вуҷуд ва офаринишанд, ҳамчун ҷилди донаву пӯсти байза аз мартабаи эътидоду эътибор соқит бошанд, аз ҷилд ҳамоно дона матлаб асту аз байза ҳамон чӯжа. Ӯ занро танҳо барои давом додани насли инсонӣ тавсиф мекунад. Аммо ба ақидаи Дониш занон ҳамчун тарбиятгар дар оила ва ҷамъият эътибор надоранд, зеро аксарияти занон мурабии нафсонияти ҳайвонии фарзанд ҳастанд ва ҳамеша хӯрдану хобидану, пӯшидан ва тамоми он чӣ ки ба нафс вобаста аст, медиҳанд. Аз назари Дониш зани солеҳаро низ модарарӯс ба кӯрафторӣ мекашад. Дар моҳи авали издивоҷ тамоми корҳо хуб аст ва

дар моҳи дуюм ва ё саввум бо дахолати модарарӯс ва қарибони ӯ тафаккури зан низ дигар мешавад ва балову қазо ба сари мард меборад.

Инчунин дар охири боб Дониш дар ҷамъият ҳолати занони ҷамъиятро нишон медиҳад, ки ин нишонаи болоравии тафаккури ӯ дар бораи ҷамъият ва оила аст.

Боби XII – асар ба масъалаи қазову қадар – тақдири инсонӣ бахшида шудааст, ки дар ин бора низ ақидаи Аҳмади Дониш аз доираи таълимоти исломӣ берун намеравад. Гӯё ҳама хати зиндагии инсон ба «қалами тақдир» вобаста аст. Инсон қудрати дарки ҳодисаҳои ба вуқӯъ ояндаро гӯё надорад. Илми инсонӣ на барои дарки қувваи қул, балки барои фаҳмиши ҷузъиёт асту халос. Аммо ба ҳар ҳол ақидаи Дониш дар ин бобат ранги дигар низ дорад, ки мувофиқи он бояд инсон саъю тараддуд кунад, то зиндагӣ намояд. Зиндагиро Дониш аз чор рукн иборат медонад, ки мувофиқи он: хӯрдан, пӯшидан, зану фарзанд кардан ва маскан сохтан масъалаи асосӣ аст.

Боби XIII «Дар васияти фарзандон ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо» ном дорад. Дар боби зикргашта баробари васияту насиҳат ба фарзандон манзараи ҷамъияти ҳамонзамона ва муносибати Дониш нисбати он баён гардидааст. Ин боби «Наводир-ул-вақоеъ» ҷанбаи ахлоқию фалсафӣ ва дастурию таълимиро низ молик аст. Чуноне ки худи Дониш таъкид мекунад, ин боб барои такмили тафаккуру ҷаҳонбинии фарзандони Дониш Абдулкарам ва Асъад ба тариқи панду насиҳат ва маслиҳатҳои муфид интишор шудааст. Дар оғози боб аз мушкилоти ҳаёт ва муаммоҳои он, душвории зиндагӣ ва печу хамҳои он ба фарзандон гӯшрас карда мешавад. Боби мазкури китоб низ мисли дигар бобҳо аз фикрҳои фалсафӣ холӣ нест. Дониш таъкид мекунад, ки дар зиндагӣ ва ҳаёт барои мақом ёфтан ва фаҳмиши моҳияти он инсон бояд то қадри зарурӣ илм омӯзад. Дар ин поя адиби маорифпарвар барои ҷавонон ва фарзандону қарибон чунин шартҳоро пеш мегузорад:

Инсон бояд касбе ва ё пешаеро аз бар намояд, ки барои таъмини маоши зиндагӣ кӯмак расонад. Ба ҳунар ва ё касбе, ки интихоб гардидааст, халқ эҳтиёҷи қавӣ дошат бошад. Касбу ҳунар то дараҷае бошад, ки барои таъмини худ ва аҳли оила кофӣ бошад. Илова бар он адиб ишорат дорад, ки «...албатта, майл ба азхори зиёдатӣ макунед, ки то марг дар кашмакаши алоиқ гирифтор монед ва раҳоӣ наёбед...».[1] Ин ҳамон аст, ки ҳирс бастан ба молу мулки зиёдатӣ, захираи аз ҳад зиёд ва меҳр бастан ба боигарии моддӣ чандон дуруст нест. Захира кардани молу мулк ва ба он ҳирс бастан мисли дар батлоқзор ғарқ шудан ва ё дармондан аст, зеро ҳар чӣ қадар талош варзӣ ва ҳаракат кунӣ, ҳамон қадар дарунтар ва амиқтар фурӯ меравӣ, аз ин доми тазвир ва бало халос нахоҳӣ шуд ва то дами марг нороҳат зиндагӣ мекунӣ. Адиби равшанфикр илова мекунад, ки дар интихоби пешаву касбҳо аввало ҷиҳати фоидаовари онро бояд ба инобат гирифт. Баъдан ҳунару касбу пеша танҳо барои дарёфти нону маош нест. Аз ин ҷо пайдо мешавад, ки аз назари адиб ҳунар ва касбу пеша унсурҳои санъат аст ва ин ҳама бояд барои манфиати ҷамъият хизмат кунад. Дар таҳсили улум адиб шарт мегузорад, ки аввалин чизи азбаршаванда, илми шариат аст. Аз назари адиб шариат «ҷавҳари рӯҳ ва ақл биафзояд...». Гузашта аз ин ғарази инсон аз касби шариат набояд таҳсили ҷоҳу мансаб ва ҳукумату амал бошад, балки шариат ва шариатпаноҳ бояд барои рафъ (бартараф) намудани эҳтиёҷи халқ, таълими инсоният, иршоду ҳидояти дуруст хизмат кунад. Яъне Аҳмади Дониш шариати маъмулии ҳамондавраро бо ин гуфтаҳо рад мекунад ва шариати асил ва покизаву беолоишро ҷонибдорӣ. Дар боби мазкур бамаврид афкори ахлоқии адиб низ дарҷ мегардад. Масалан, ӯ дар мавриде таъкид мекунад, ки «Мардон нони кас дар шиками худ қарз донанд». Ин гуфтаҳо аз як тараф тамоюли ахлоқӣ дошта бошад, аз тарафи дигар ҷанбаи танқидӣ иҷтимоӣ ва маънавӣ низ дорад, зеро айшу нӯш, ишрату базмҳои зиёдатӣ ва гашту гузори бемаъёр

[1] Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. –Душанбе: Дониш, 1989. -Саҳ.-15

ва беҳуда дар зиндагӣ суде надоранд ва онҳоро адиб танқид мекунад. Пур хӯрдан, бисёр хусбидан (хобидан) бемеъёр сухан гуфтан ва бисёр ихтилот кардан низ аз назари адиб хислати хуб ва хоси инсони ҳақиқӣ нест, аммо адиб дар ибодати холиқ буданро эътироф мекунад.[1] Дониш ба фарзандон ва қарибон аз салтанат ва аҳли он дур буданро маслиҳат медиҳад ва ин ҷиҳатро бо мисолҳои ҳаётӣ собит мекунад. Дар ин қатор адиб ба масъалаи иқтисоди оилавӣ низ дахолат мекунад. Яъне агар инсон ба шартҳои болоӣ риоят кунад, оила низ барқарор ва аз ҷиҳати иқтисодӣ таъмин мегардад. Ӯ дар баробари ҳамин ҷонибдори ҳунари асил ва санъати нодиру латиф аст. Аз назари адиб набояд, ки ҳунари асил ва намунаҳои он пӯшидаву нуҳуфта монад ва истеъдоди ҳақиқию фитрии ҳунармандон қадр нагардад. Ин гуфтаҳо ҷанбаи танқидӣ-шиквоӣ инчунин дастурӣ дорад, зеро дар замони адиб дар ҷамъият аҳли ҳунар ва соҳибҳунарон хор ва эътибору обрӯи муайяне надоштанд.

Дар масъалаи илмомӯзӣ низ Дониш дар ҳамин мавқеъ қарор дорад. Аз назари адиб дар илмомӯзӣ ва интихоби касбу пеша бояд ҳар як шахс соҳибихтиёр бошад. Ин чунин маънӣ ҳам дорад, ки илмомӯзӣ ба тариқи маҷбурӣ сурат набояд гирад, баръакс дар ин самт озод будани ҳар як толибилм шарт аст. Ин тарзи баёни фикр дар замони адиб ақидаи инқилобӣ ва дар айни ҳол фикри тозаву нав буд.

Боби мазкури китоби Дониш арзиши илмӣ ва таърихӣ низ дорад. Аз саҳфаҳои мухталафи боб собит мегардад, ки он характери саргузаштӣ, ёддоштӣ ва тарҷумаиҳолӣ ҳам дорад. Зеро дар чандин саҳифаи ин боб тарҷумаи ҳоли адиб ва саргузаштҳои ӯ дарҷ гардидаанд.

Ҳамин тариқа Аҳмади Дониш аҳли пешаву касбҳоро ба тоифаҳо тақсим мекунад. Яъне аҳли сайф, саворӣ, миршаб, асокир, аҳли ҷоҳу мансаб, аҳли хираф-заргарӣ, хадодӣ, наҷҷорӣ, гилкорӣ, бофандагӣ, ҳайётӣ ва ғайра. Аҳли деҳқанат (деҳқонӣ, боғдорӣ, полизкорӣ,

[1] Ҳамин манбаъ.- Саҳ.- 19.

гулпарварӣ ва ғайра). Аз назари адиб ин се тоифа «чун масолеҳи ободии ҷаҳонро воситаанд, маҳмуданд ва аз он ҷиҳат, ки дар ҷавҳари рӯҳ ва ақл нуқсон меоранд, мазмум».[1] Ин ҷо пайдост, ки ба ин тоифаи касбу пешаҳо Дониш аз нуқтаи назари мафкураи замони худ баҳо медиҳад. Яъне деҳқонӣ, миршабӣ, саворӣ, аскарӣ, ва ҳунарҳои дигаре, ки бештар меҳнати ҷисмониро тақозо мекунанд, хуб ҳастанд, аммо вобаста ба он, ки онҳо барои ташккули ақлу рӯҳ ва ҷавҳари он созгор нестанд, аз назари адиб пасттар меистанд. Ин тарзи биниш аз назари мо кӯҳнатар аст.

Аммо пешаҳое, монанди фиқҳ, фароиз, ҳисоб, ҳандаса, фатво, тибб, нуҷум, шеъру китобат, хатту нақш, муаллимию дабирӣ аз он ҷиҳат, ки ба ҳикмати маданӣ ва тараққиёт асос меёбанд, аз ҳар ҷиҳат хуб ҳастанд. Ин пешаҳо аз он ҷиҳат хуб ва маҳмуд ҳастанд, ки ба ақлу рӯҳ асос меёбанд ва набояд аз онҳо ғараз нон ва ризқу рӯзӣ бошад. Дар навбати аввал аз ин пешаҳо манфиати умум ва тараққиёти ҷамъият ва инкишофи маданият дар мадди назар бояд бошад. Масалан, дар бораи шеър ва шоирӣ ӯ фикру мулоҳизоти ба худ хос дорад. Вай рисолати шеър ва шоирро мукаррам медонист. Ва шоириро пешае медонист, ки “аҳли қаламро бад-он мубоҳот ва ифтихор ояд”, чунки “маншаъи тафаввуқ ва тафаззул гардад”. Дар ин замина “музовалаи ашъори мавзун ва гуфтани шеърҳои бомазмун”-ро аз муҳимияти ин касб шумурдааст. ”Валҳақ,-навишта буд Дониш,-шеър кардан ва гуфтан хислати ҳамида ва санъате писандида аст, агар мӯҳтавиҷ бувад бар... мавъизат ва насиҳат. Ва агар муштамил бувад бар фаҳш ва луғв ва ҳисо ва мадҳи ағниё ва умаро бад хислатест ва номаҳмуд сифате”.[2] Аз ин иқтибос назари интиқодии Дониш ба воқеияти адабии замонаш, ки ҳунар хор гашта буд, равшан мегардад. Вай рисолати шеър ва адабиётро дигар хел мешинохт. Ва худаш дар ин роҳ сабқат нишон медод, зеро аз назари ӯ “обрӯи маънӣ

[1] Ҳамин китоб. Саҳ.- 50.
[2] Аҳмади Дониш, Осори баргузидаи бадеӣ. - Душанбе, Дониш, 1976, саҳ. 202/.

дар пои ситоиши дунон бояд нарехт”. Дар ин маслак вай худро ҳамрою ҳампои шоирони якрӯю бериёи қадим, аз ҷумла Абулмаонӣ медонад. Ва беваҷҳ нест, ки дар ин боб бештар ба Бедил такя карда, шеъри ӯро иқтибос мекунад.

Дониш аз онҳое, ки ба роҳи шеъру шоирӣ меафтанд, тақозо дорад, ки нахуст нафси хешро такмил диҳанд, сониян ҳунарро. Агар ин амр риоят нашавад “дар нанги залолати абадӣ бояд” бимонад. Пас, “ҳайф иборате, ки аз муаммои ифодааш номи ҷефа барояд ва афсӯс маъние, ки аз оинаи латофаташ муддаъои касиф чеҳра кушояд”. Ҳарфи ӯ дар боби мавқеъ ва манзалати шеъру шоир ниҳоят қотеъ аст. Вай аз шоирони газофгӯй, ки мадҳи одамони носазовор ҷаҳл ва қаҳр мекунанд, эҳтироз карда, амали ин гуна шоиронеро, ки “машқи таърифи салотин” кардаанд, ба “машқи таълими шаётин” баробар медонад. Ва сирри “таълими шаётин”-ро шарҳ медиҳад:

Чист таълими шаётин? - ҳубби ҷоҳ.
Эй шаётин муршидат, рӯят сиёҳ!
Фахри табъат мадҳи шоҳе беш нест,
К-он ҳама тахту кулоҳе беш нест.
Имтиёзе, то бидонӣ шоҳ кист,
Ин қафаспарварди аҳли ҷоҳ кист?
Бар сараш афтода он заррин рухом,
Омада пояш ба санге - тахт ном.
Тахт симу афсари заррин ду санг,
Ӯ чу оташ дар миёни ин ду санг.
Фил-ҳақиқат, оташ аст ӯ, шоҳ нест,
Лек ҳар оташпараст огоҳ нест.
Қурби ин оташ балои ҷони туст,
Барқи дину хирмани имони туст.
Гар ба базми шоҳ қурбандешаӣ,
Бегумон, зардушти кофирпешаӣ.
Рафта гир оинаи динат зи даст,
Нест ҳаргиз ҳақпараст оташпараст.

Ӯ мегӯяд: “Ва ман медидам, ки аксаре арбоби шеъру қофия мағрур ва мутакаббир буданд ва шеъри номарбути худро фазилате аъло эътиқод

мекарданд ва ба ҳар дари касу нокас ба мадҳу қасида мерафтанд ва таваққуъи силаву ҷоиза мекарданд ва ғайри шуароро аз ҳайизи эътибор соқит медонистанд. Ва шеъри ишонро дар нафс ба ҷуз тахайюли шаҳват ё тамаккуни фаҳш ҳеҷ таъсире набувад: ё ҳаҷви касе, ё музахрафоти ботила: ва аз шеъри мамдӯҳ билмарра отил буданд, чунки аҳли он набуданд”. Ва ин гуна шеъреро, ки барангезандаи шаҳват ва таблиғи бадахлоқист, манзалати ахлоқӣ нест наҳ мезанад ва ин гуна шоиронро аз аҳли ҳунар намешиносад.

Дониш аъло ва ашрафи пешаи аҳли қаламро илми расмӣ ва дарсу тадаррус, таълиму тааллум ҳисоб мекунад, ба шарте ки холият бошад.

Қозигӣ ва раёсат аз назари Дониш ҳеҷ як ҷиҳати ҳалолӣ надоранд, ғайр аз ҳароми маҳз ва шубаҳот. Ин аз ҷумлаи пешаҳоест, ки фисқу фасод ва ҷавру зулм, фиребу найранг дар тору пуди онҳост.

Ҳамин тариқ Дониш дар ин боби китоб дар бораи мушрифӣ ва дабирӣ, илми фатво, илми тибб, илми нуҷум, илми шеър ва шоирӣ, наққошӣ, суратгарӣ ва ғайра як-як маълумот дода, ҷиҳатҳои афзалии онҳо ва дар баробари ҳамин камбудиҳои ин касбу пешаҳоро нишон медиҳад.

Аз назари адиб ва мутафаккир фазли ҳақиқӣ ду ҷиҳат дорад, яке назария ва дигаре амалия. Илме, ки бар он амал карда намешавад, илми ҳақиқӣ ва назарияи пухтаву мутлақ нест. Илми ҳақиқӣ чун ишқ аст ва он дар дилу қалбҳои пок чун нақш дар санг акс меёбад. Пас аз назари адиб инсоне, ки қалбу тинат ва сирати нопок дорад илм омӯхта наметавонад ва ғаразу чирк монеаи асосии илму ҳунаромӯзист. Ҳунар ва ҳунармандӣ низ дар ҳамин боб арзиши худро ёфтааст. Ин як навъ фикри фалсафии Дониш аст, ки асосҳои мантиқӣ низ дорад. Яъне илму дониши боғараз натиҷа ва оқибати бад ҳам дорад. Ин тарзи биниш ва фикррорнӣ имрӯзҳо низ исботи худро меёбад. Дониш мегӯяд, ки «мумкин аст, ки ҳунар мардро ба шақовати ҷовид кашад, чун чашми ҳақиқатбин

надорад; чӣ мебинад, ки беҳунарон».[1] Ҳунарманди ҳақиқӣ ва марди боҳунар, ки фазлу дониш низ касби ӯст, моҳияти корро амиқан сарфаҳм меравад, анҷоми онро андеша мекунад ва хулоса мебарорад. Чуноне ки мебинем, дар баробари баёни хусусияти касбу пешаҳо Аҳмади Дониш масъалаҳои муҳимтарини рӯзгор ва ҷамъиятро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ҳамин тариқ, боби мазкури «Наводир-ул-вақоеъ» яке аз бобҳои муҳими асар буда, он арзиши илмӣ, таърихӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва ахлоқию ҳаётӣ дорад.

Боби XIV. Дар боби мазкур ақоиди фалсафии Дониш дар таҳқиқи рӯҳ ва тааллуқ доштани нисбии он ба бадан (танаи инсон) баён гаштааст. Ин ҷо ақидаи Дониш руҳияи идеалистӣ дошта, афкори ӯ дар доираи фалсафаи исломӣ шарҳ дода мешавад. Аҳмади Дониш аксари чизҳоро ба рӯҳ ва ҷавҳари тамоми ҳастии инсонро ба он вобаста медонад. Рӯҳро Дониш на дар тани инсон ва на дар хориҷи он меҳисобад. Вай рӯҳро ба шӯълаи чароғ монанд мекунад, ки бадану қолиб ба чароғу фатила монанд асту рӯҳ ба шӯълаи аз онҳо ҷудошаванда.

Дониш марги табиии инсониро эътироф мекунад, аммо таъкид менамояд, ки пас аз марги инсон рӯҳи вай ба мабдаи худ, асли макони худ бармегардаду рӯҳи ҳайвонӣ пас аз марги тана ба қолиби дигар мекӯчад.

Ғояи асоситарини боб дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф инсонро мавҷудоти олитарини дунё медонаду боқӣ тамоми ҳастиро тобеи одамӣ ва таъкид менамояд, ки инсон бояд ҳамеша барои пок доштани ахлоқи худ саъю кӯшиш намояд.

Боби XV дар дохили «Наводир-ул-вақоеъ» ба сари худ мустақил аст. Он ҳарчанд ба бобҳои гузаштаи «Наводир-ул-вақоеъ» пайвастагии мазмуниву мантиқӣ дошта бошад ҳам, онро ҳамчун асари мустақил шуморидан мумкин аст. Ин асар (ё худ боб)-ро муаллиф ҳамчун низоми давлат (қомуси давлатӣ) таълиф кардааст. Ин боб ба сари худ

[1] Ҳамин китоб.-Саҳ.-65

консепсияи тарзи нави давлатдорӣ аст, ки аз ҷониби адиб пешниҳод гардидааст. Рисола аз се фасл муқаддима ва хотима иборат аст. Фасли аввал дар фазилати аморат, фасли дуюм дар сулуки амирон ва сипоҳиён, фасли саввум дар тариқати раиятдорӣ ва фуқаропарварист. Хотима дар тарзи гузаронидани маҷлис, муошират (машварат) бештар аҳамияти муқаддимаи ин рисола, ки дар он ақидаҳои Дониш бобати одаму инсон, роҳи зиндагии ӯ, қудрату ақлу хиради инсонӣ, шариати ҳаётӣ ва ғайраҳо баён гардидааст, калон аст. Аҳмади Дониш барномаи ислоҳоти осоишта, вале куллии тамоми соҳаҳои идории аморатро дар «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» пеш мегузорад. Ӯ бо мақсади ислоҳоти куллӣ рисоларо ба амир Музаффар пешниҳод кард ва навишт, ки «агар раъйи султон ин иқтиҷо дорад, ки ман зумраи аҳли қалам дар ҷаридаи асҳоби сайф духул ёбам, бояд низоми аҳли дувал дар ин давлат ҷорӣ бошанд». Вале ин хоҳиши ватандӯстона ва адлҷӯёнаи адиби бузург аз ҷониби султони вақт пазируфта нашуд.

Принсипи асосии Аҳмади Дониш дар шинохти мавқеи «султони вақт» илм ва амал буд. Ӯ таъкид кардааст, ки «асл дар вилоятдорӣ ва ҳукумат илм ва амал аст». Ба ақидаи ӯ танҳо ақл метавонад дар идораи мамлакат адолатро таҳким бахшад: «то ғазаб ва шаҳват мусаххари ақл набошад адл сурат набандад ва адл аз камоли ақл хезад».

Аҳмади Дониш ба мақсади ислоҳи умури идорӣ тартиботи вазоратро ҷорӣ кардан мехоҳад. Ба ин далел, ки ҳар вазорат бояд масъули корҳои хоҷагӣ ва ҳаёти мамлакат бошад. Ва ӯ низоми кори чунин вазоратҳоро таъин мекунад. Ӯ ҳатто дар вазорат шӯрои мушовараро пешбинӣ кардааст. Дар ин замина менависад, ки «ва султонро гузир набувад аз вуҷуди мардумони зирак аз ҳар табақа, то дар лавозими муҳим истишора аз ҳар қисме кунад, балки дор-ул-машвара таъин кунад ва бар он раисе адиб мансуб гардонад ва мавоҷиб муқаррар гардонад, то ҳар рӯзе дар он аз табақоти мардум гирд оянд, дар умури мулкӣ ва молӣ ва ободии вилоят мушоварат мекунанд ва манофеъ ва

музирри ҳар маслиҳатро мешумуранд, то ба як амр иттифоқ афтад». Ба навъе ин ҳамон палата ва шӯрои олии давлатӣ аст, ки барои беҳбудии мамлакат хизмат мекунад. Нутфаи ин фикр озодандешона аст, ки аз табиати Аҳмади Дониши донишманд ва равшанзамир башорат медиҳад. Вай бо уламо ва аиммаи дин арҷ дода, ҷаҳолат ва риёкориро маҳкум мекунад ва дар умури идории давлат мавқеи эшонро шарҳ медиҳад. Ба ин ваҷҳ менависад «… уламо ва аиммаи динро шарҳ ва иззат дорад ва ба истисвоби эшон ҳукм ронад то салтанат мутеи шаръ бошад, на шариат забуни салтанат».

Аҳмади Дониш сари вақт фаҳмида буд, ки ин тарзи давлатдории амирони манғит, аз ҷумла, амир Музаффар, шаҳодат медиҳад, ки «амир агар ба дорулсалтанат бошад шаб то субҳ ба фасод ва фисқ эҳё кунанд, як ҷамоъа аз раққосони амрад, як ҷамоъа аз раққосони зан баъд аз ъашо ба ҳарамсаро, ки бонуҳои хоса дароранд зан ва мард дар ҳузури амир ба рақс ва суруд оянд, ки тарҷеъбанди он:… ҳазрат саломат бошад. Ин тарҷеъро бо овози баланд гӯянд, то ки аксари мардуми шаҳр бишнаванд, ифтитоҳи ин маҷлис аз бонги намози ъашо бувад, ҳеҷ кас ба бонги азон гӯш надиҳад ва ҷавоб надиҳад». Ва чун субҳ қариб ояд амир ҳамроҳи дусе амрад хоболуда бетаҳорат намози хуфтан хонад, алфавр бомдод бихонад бихуспад то соати даҳу ним аз рӯз, он гоҳ ба хало равад худро холӣ кунад ва дасташ бишӯяд пас бо оина ва шона ва сурма ва ғозаи хеш бипардозад то ним соат ва пас барояд барои салом гирифтан ва гоҳо ин саломро пеш аз тулӯъи офтоб бигирад».

Аз ҳамин сабаб Аҳмади Дониш воқеабинона сарой ва сурати гурӯҳро қаламдод карда, табоҳии маънавию ахлоқии ононро ошкор сохт. Ӯ навишта буд, ки «аммо ва вазир, уламо ва умаро ҳама ҳамқадам бар қадами якдигар буданд, олим ва мутааллим ҳамшакл буданд ҳама ҳиммато мақсур ва мақфур ҳама саргарми он ки султон ӯро бишносад, қозӣ дар паҳлӯи хеш нишонад ва ба раис ҳамкоса ва ба асос ҳамсоя бошад. Агар ҳоли султонро тафтиш кунӣ фосиқу золиму саффоке. Қозӣ

марди муртади ҳаромхоре, раис ..... бедиёнате, асос махмуре саркардаи роҳзанон ва сарҳалқаи сорикон мебуд».

Боби XVI дар бораи пайдоиши ҷинсҳои кӯҳӣ конҳо, маъданҳо ва заминҷунбиву вулқонҳои табиӣ маълумот дода мешавад, ки онҳо дар доираи фаҳмишу тасаввуроти Аҳмади Дониш шарҳ дода шудааст.

Боби XVII дар ин боб баъзе хотирот, ки дар зиндагиаш содир кардааст, нақл карда мешавад.

Боби XVIII дар бораи саргузашти Хол Муҳаммади Бойсунӣ, ки воқеоти нодиру аҷибе бо ҳайвоноти дарранда аз сар гузаронидааст, нақл карда мешавад. Дертар дар таҳрироти минбаъда ҳикояти Шукурбек низ дохил мегардад.

Боби XIX дар бобати таъбири хобҳои пурҳавлу-ҳарос ва вобастагии онҳо бо ҳаёти воқеӣ баҳс мекунад.

Боби XX иборат аст аз тавзеҳу таҳрири баъзе байтҳои душворфаҳму мушкилписанди Бедил.

Боби XXI бахшида шудааст ба ҳикояи «Бӯзинаи таббоҳ», ки ҳикояти хандаовар ва ҳаҷвӣ буда, баъзан аз доираи одоб берун аст.

Боби XXII ба масъалаҳои гуногуни динӣ бахшида шудааст.

Боби XXIII дар ташхиси ахлоқи инсон; – Аз ҷиҳати ахлоқӣ Дониш инсонро ба тиллову нуқра монанд мекунад, ки бояд то софу пок шудан аз чанд қӯраву бӯта бигзаранд. Қудрати ақлу тафаккури инсониро Дониш баҳои баланд медиҳад. Таъкид мекунад, ки инсон мурғро аз осмон ба замин мефарорад, бо шаст моҳиро берун мекашад, бо теша синаи кӯҳро мешикофад, бо манҷаниқ ба само парвоз мекунад.

Аз тавсифи умумии «Наводир-ул-вақоеъ» маълум мегардад, ки асар – асари мукаммалу ҷомеъ буда, он дар масъалаҳои гуногуни фалсафию иҷтимоӣ, сиёсиву ахлоқӣ, назариёти адабиву эстетикӣ фароҳам омадааст. Аз ҷиҳати сохти таркибии асар ва фароҳам овардани бобҳое, ки масъалаҳои мухталифро дарбар мегиранд, он ба асари машҳури Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» шабеҳият дорад. Аммо ин умумият дар зоҳир асту

халос. Дар байни ин ду асар аз ҷиҳати ғояи умумӣ ва ҳам мазмуну мундариҷа тафовути куллие вуҷуд дорад. Жанри асарро олимон ба сафарнома мансуб дониста, онро жанри илмиву адабӣ номидаанд, ки ин дар адабиёти классикии тоҷик як роҳу услуби тозае буд. Вақте ки мундариҷаи бобҳои асар аз назар гузаронида мешавад, маълум мегардад, ки бобҳои асар гарчи ба масъалаҳои мухталифи зиндагии ҷомеа бахшида шудаанд, то боби XV, яъне «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» мантиқан ва мазмунан давоми ҳамдигаранд. Аз таҳлил ва таҳқиқи мазмуну мундаричаи ғоявии бобҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мурод аз зиндагӣ ободу озод нигоҳ доштани ҷаҳон аст, ки ин ба ҳикмати **тамаддун (сиёсати давлатӣ)** ва **таовун (муносибати шахсӣ ва иҷтимоӣ)** вобаста аст. Ба тарзи умумӣ агар инро хулоса карданӣ бошем, метавон гуфт, ки пайдарпай дар чаҳордаҳ боб Дониш масъалаи инсон ва муносибатҳои иҷтимоии вайро таҳқиқ кардааст. Аз ин рӯ масъалаҳои муҳими тамоми бобҳои асар (то боби XV) байни ҳамдигар иртиботи мантиқии ногусастание доранд. Дар ин бобҳо мақсади ягонаи нависандаи ҷаҳондида иборат аст аз ташкил намудани ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсии инсон. Аммо бояд таъкид карда гузашт, ки ҳарчанд бобҳои асар бо ғояи худ умумияте дошта бошанд ҳам, дар асар мавзӯъ ва масъалаҳои гуногуни фалсафӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, динӣ мавриди баҳс қарор гирифтаанд. Инчунин ашъори дилписанди адиб ва шоирони гузашта дарҷ ёфтаанд, ки аҳамияти хосе доранд.

Ба ғайр аз ин 15 бобе, ки аз ҳайси ғоявӣ узван вобастаи ҳамдигаранду байни худ иртиботе доранд, боз 8 боби дигари асар ҳаст, ки бо сохту устухонбандии худ бо қисми аввали асар камтар вобастагӣ доранд. Дар бобҳои 16 - 23 порчаҳои ҷудогонаи адабию-фалсафӣ ва илмиро метавон мушоҳида кард. Байни ин бобҳо ягон робитаи маънавию мантиқиро мушоҳида кардан душвор аст. Онҳо аз лиҳози мазмуну мундариҷа ба сари худ мустақиланд, аммо ин маънии онро

надорад, ки бобҳои 16-23, яъне 8 боби қисми дуюми асар аз бобҳои қисми аввал аз ҷиҳати мазмуну мундариҷаи ғоявӣ пасттар меистанд. Дар ин бобҳо ҳикоёти дилнишин, масъалаҳои муҳими илмӣ-фалсафӣ (Оиди пайдоиши маъданҳои кӯҳӣ, моҳияти ахлоқии инсон, тафсиру таҳлили байтҳои ҷудогонаи Бедил) дарҷ гардидаанд, ки аҳамияту арзиши калони илмӣ доранд. Дар ин поя Аҳмади Дониш беҳтарин анъанаҳои адабиёти классикиро идома додаанд.

Ғояҳои инсондӯстӣ ва худшиносии миллӣ дар осори Аҳмадаи Дониш вобаста ба масъалаҳои гуногун дар баробари афкори дигари фалсафию иҷтимоии худи адиб дар бобҳои мухталифи «Наводир-ул-вақоеъ», рисолаҳои фалсафию таърихии ӯ пароканда аст. Аҳмади Дониш дар асоси муҳокимаҳои ақливу мантиқӣ, бо далелҳои илмии дақиқ ва таҷрибаи амалияи олами табиат дар бисёр масъалаҳои фалсафӣ – табиӣ фикрҳои мустақил ва нави пешқадамона баён намудааст. Муаллиф бобҳои махсуси ин асари калонҳаҷми худро оиди пайдоиши олам, ҳаёт ва вазифаҳои иҷтимоӣ -таърихии инсон дар ҷамъият, масъалаҳои дардноктарину доғноктарини рӯзгори мардум бахшидааст. Аз назари ин адиб ва мутафаккир худшиносӣ ва худогоҳӣ пеш аз ҳама аз маърифатнокист. Адиб дар осори худ ишоратҳо дорад, ки таърих ва саҳфаҳои зарҳалии он барои бунёди ҷамъияти пешқадаму мутараққии нав кӯмаки амалӣ хоҳад расонид. Худшиносӣ ва худогоҳии Аҳамади Дониш на фақат бо инъикос ва ё ифодаи дарду ҳасрат ва армонҳои мардуми аморати Бухоро маҳдуд мешавад, балки он ба тамоми ҷиҳатҳои дардноктарини ҳаёти мардуми зери истилои мамолики Ғарб қарор гирифта тааллуқ дорад. Ин аст, ки дарди миллат барои Аҳмади Дониш низ танҳо дарду ҳасрати миллати тоҷику ӯзбеку қирғиз нест, балки он дарду ҳасрати тамоми мардуми мамлакатҳои мусалмонӣ аст. Афкори худшиносии миллии Аҳмади Донишро метавон дар ҳолати танқиди иллату нуқсонҳои ҷамъият ва ё дар мавриди баррасии афкори башардӯстонаи ӯ мушоҳида намуд. Дониш тарғибгари инсондӯстӣ ва

гуманизми баланд аст. Афкори башардӯстонаи ин адиб аз анъанаҳои адабиёти классикии форсу тоҷик баҳрабардор аст. Аммо бо замон ҳамқадам будани ин адиб аз ҳамин чиз ҳам равшан ба назар мерасад, ки афкору ақидаҳои адиб тадриҷан боло рафта ба ифодаи мармузтарин ва дардноктарин ҷароҳатҳои миллату қавмиятҳои мусалмонӣ тааллуқ дорад. Адиб то дараҷае худшиносу ҳақшинос аст, ки низои байни мазҳабҳо, хилофати байни миллатҳои Машриқзаминро кори нангину ғамгинтарини рӯзгор ҳисоб менамояд. Барои ин адиби инсондӯсту ҳақшинос ва ҳақиқатпараст тафовуту бартарии миллате бар миллати дигар, ё худ мазҳабе бар мазҳаби дигар вуҷуд надорад. Адиб ва мутафаккири барҷаста ҷонибдори чунин ғояест, ки башарият барои ободонии ҷаҳону хушбахтии бани инсон вуҷуд дошта, ба ҳамдигар бояд мушфиқу меҳрубон бошанд. Ӯ дар ин бора чунин фикр баён менамояд, ки ба муқобили онҳое, ки мустамликадор буданду бедории мардуми ин сарзаминро намехостанд, нигаронида шудааст. «Ҳеҷ миллате бо миллати дигар ва ҳеҷ давлате бо давлати дигар ба ҳамдигар музоҳиму мухосим набошанд, магар ба тариқу улфату мувофиқат». Дар ҷои дигар ин адиб дар бораи мухолифати мазҳабӣ, ки дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX низ дар аморати Бухоро аз бехабарию ноогоҳии мардуми ҷоҳил сар зада буд, изҳори ақида намуда қайд менамояд, ки бояд аз доираи нифоқи мазҳабу қавмият берун рафт, зеро ин боигарии табиие, ки ҳаст, он ба шахсони махсус, ба намояндагони мазҳабҳои алоҳида тааллуқ надошта, ризқу рӯзии ҳамагон мебошад. Бинобар ин баҳри ғасб намудани боигарии моддӣ ва сарвату моли ҷаҳон ба ҳамдигар тазйиқу ҳуҷум овардани мардум ғайр аз ҷоҳилият чизе дигар нест. «Зиндагӣ чизе ва неъмати зиёде надорад, ки дарёфту таъаннуми онро ғанимат донӣ ва он чӣ ҳаст, неъмате алассавост, мӯъминону муваҳҳид ва ҳама ҳайвонот дар он шариканд». Худ ҳамин даъвои Аҳмади Дониш нишонаи бузурги худшиносист, ки ҳама аз маърифат буда, адиби зиндадилу ҳақшинос будани ӯро бори дигар ба мо собит хоҳад кард.

Гузашта аз ин Аҳмади Дониш дар бобҳои ҷудогонаи асарҳои фалсафӣ-таърихии худ аз гузаштаи дурахшони таъриху тамаддуни мардуми машриқзамин санадҳо меовард, пораҳои ашъори шоиронро барои исботи даъвоҳои худ истинод мекунад ва аз онҳо босамарона истифода мебарад. Худшиносии Аҳамади Дониш аз ҳақшиносиву ҳақиқатпарастӣ аст. Ин нуктаро метавон дар тамоми понздаҳ боби аввали «Наводир-ул-вақоеъ» пайдо кард. Барои исботи ин даъво мо метавонем, ки аз байтҳои дар ин асари адиб иқтибосгардида мисол биёрем:

Нест шӯҳратталаб он кас, ки камоле дорад,
Ҳаргиз ангангуштнамо бадр набошад чу ҳилол.

Дар байти мазкур ҳам маълум мегардад, ки Аҳмади Дониш онро ки шӯҳратталаб аст нишонаи камолоти инсонии ӯ намеҳисобад ё худ инсони баркамол ва бофарҳанг аз паи шӯҳрату мансаб намеравад ва худ табиатан барои инсони комил таърифу тавсифи зиёдатӣ лозим нест, ӯ чун ҳилол дар самост, ки ӯро бо ангушт нишон додан ҳоҷат надорад.

Ҷустуҷӯ аз баҳри рӯзӣ боиси шармандагист,
З-ин хиҷолат осиё ангушт дорад дар даҳон.

Шоир дар ҷамъият мавҷудии инсон, амалу ҳаракати ӯро танҳо аз баҳри дарёфти ризқу рӯзӣ ва саъю ҳаракати ҳирсӣ ва қонеъкунии нафс кор ва амали номатлуб ҳисоб менамояд ва таъкид менамояд, ки аз ҳамин сабаб осиё дар даҳони худ ангушт (чӯбчаи махсусест, ки меъёри резиши гандумро ба даври санги осиё мӯътадил мегардонад) дорд, то ки дар гулӯяш дони зиёд дар намонад ва резиши донаро ба санги осиёб мӯътадил гардонад.

Дар масъалаи худшиносию худогоҳӣ адиб дар «Наводир-ул-вақоеъ» дар боби «Дар иллати накбати уқало ва сабаби давлати суфаҳо» фикрҳои ҷолиби диққат дорад. Дар ин бобат мо ба ҳамин қадар қаноат менамоем, ки Аҳмади Дониш ҳамчун яке аз сарварони ҷараёни маорифпарварӣ барои бедории мардум, ҳаққу ҳуқуқ доштани онҳо ва худшиносию аз таърихи тамаддуни мардуми Шарқ огоҳ будани онҳо ҷидду ҷаҳдҳои

зиёде кардааст ва тарзи ифодаи ин навъи афкори адиб дар шаклҳои омехта бо ақидаҳои фалсафию иҷтимоӣ, таърихию динӣ ва илмию адабии мутафаккир таҷассум гардидааст. Ҳамин чиз аён аст, ки нависандаи барҷастаи нимаи дуюми асри XIX тоҷик Аҳмади Дониш масъалаҳои худшиносию худогоҳии таърихиро дар мавридҳои танқиди сохти давлатдорӣ, тарзи рӯзгору зисти мардуми аморати Бухоро, баҳри бедор сохтани онҳо баён менамояд.

Дар ташаккули жанри **ҳикоя ва навъи махсуси он ҳикояи бадеию фалсафӣ** рол ва мавқеи Аҳмади Дониш хеле калон аст. Ӯ на танҳо анъанаҳои беҳтарини насри классикиро идома дод, балки ҳам дар санъати сухан ва ҳам дар ташаккулу таҳаввули жанри мазкур роҳу салиқаи навини худро ҷорӣ кард. Ҳикоятҳои таркиби «Наводир–ул–вақоеъ» дар пайравии насри бадеии асрҳои пешина, ки дар қиссаҳои гуногун овардани ҳикоятҳои тамсилӣ расм буд, дарҷ гардидааст. Аҳмади Дониш дар ин ҳикоятҳо ба равияи реалистии тасвири бадеӣ эътибори махсус додааст. Дар ҳикоятҳо Дониш ба ҷои тасвири рамзиву маҷозӣ усули тасвири реалистию романтикиро корбаст кардааст. Ба ин навъ асарҳо ҳикоятҳои «...гирдоби Искандар ва ғинои марди аҷамӣ» ва «…. ҳоҷӣ ва манофеи сафар» мансубанд. Бобати хусусиятҳои жанрии ҳикоятҳои мазкур дар мақолаи муҳаққиқи шинохтаи тоҷик Р.Ҳодизода хулосаҳои дуруст бароварда шудааст. Азбаски ҳикоятҳои мазкур «ҳам ранги бадеӣ доранду ҳам мазмуни фалсафӣ» ё худ дар онҳо «мақсаду мароми фалсафӣ ба тарзи бадеӣ ифода ёфтааст», онҳо ба жанри ҳикоя ва ё навъи махсуси он ҳикояи бадеию фалсафӣ тааллуқ доранд. [1]

Дар ҳикоятҳои дигари Аҳмади Дониш, ки дар таркиби «Наводир–ул–вақоеъ» омадаанд, нақли тафсилоти саёҳатҳои муаллиф дар шакли ҳикоятҳои сафарии алоҳида анҷом ёфтаанд ва онҳо бо унвони «Дар ҳикояти Абулқосимбӣ ва сафари Русия» ва «Дар сафорати

[1]Ҳодизода Р. Насри бадеии Аҳмади Дониш. //Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тоҷик (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Ирфон, 1974. – С. 64-65.

Абдулқодирбек ва баёни аҷиботи базм ва ҷашни Русия» машҳуранд. Ҳар як ҳикоя дорои воқеаҳои муайян ва устухонбандии мураттабанд.

Дар ҳар ду ҳикояи сафарии Аҳмади Дониш қаҳрамони асосӣ худи муаллиф аст, ки аз хусусиятҳои хоси жанри сафарнома аст. Дар онҳо Аҳмади Дониш ба қавли Р.Ҳодизода «умумикунонии бадеиро, ки ба мафҳуми типизатсияи бадеии имрӯза наздик аст», истифода бурдааст.[1] Ҳикоятҳои сафарии мазкур баробари мазмун ва мундариҷаи ғоявии нав дорои мазмуни фалсафӣ ва тасвири бадеӣ низ ҳастанд, ки дар ин бобат дар тадқиқоти Р.Ҳодизода «Насри бадеии Аҳмади Дониш» баҳси тозае кушода шудааст. Муҳаққиқ ҳини таҳлили ҳикоёти мазкур ба масъалаи хусусиятҳои жанрии онҳо дахолат намуда, ба жанри қиссаи фалсафию бадеӣ тааллуқ донистааст[2]. Муҳаққиқ ҷо–ҷо изҳор дорад, ки «Аҳмади Дониш воқеаҳои ҳикояҳояшро на ҳамчун қайдҳои сафар ба тартиби рӯз ва эъломи санаву таърихи вуқӯи воқеаҳо тасвир мекунад».[3] Аслан, дар асоси ба мулоҳиза гирифтани хусусиятҳои мазмуну мундариҷа ва ғояю шакли ҳикоятҳо пай бурдан душвор нест, ки ҷанбаи сафарномагии ҳикоятҳои мазкур хеле назаррас аст. Аз ҷумла, тафсилоти сафар, тартиб ва ё рабти нақли воқеаҳои сафар, қайдҳои ҷудогонаи хотироти сафар, марҳилаи роҳ, айнияти тасвир, ҷанбаи реалистии тарзи тасвир, услуби воқеъногорӣ дар тасвири ҳодисаҳои иҷтимоӣ–сиёсӣ ва фарҳангию маданӣ, сужети муайяни ягона надоштан ва ғайра ҷанбаи сафарномагии ҳикоёти мазкурро нишон медиҳанд.

Дар ҳикоёти номбаршуда зоҳиран мазмунҳои фалсафӣ ва масъалаҳои марбут ба ирфону худоҷӯӣ, аз ҷумла «қазову қадар», «тақдири азал», «лутфи эзиди таъоло», «одоби мулкдорӣ» ва ғайра баррасӣ гардидааст. Аммо дар онҳо зимни саргузаштҳои сафари қаҳрамонони хеш Дониш ба масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодию сиёсӣ ва фарҳанги кишвари худ–аморати Бухоро эътибор

[1] Ҳамин манбаъ. Саҳ.- 72.
[2] Ҳамин манбаъ. Саҳ.- 61.
[3] Ҳамин манбаъ. Саҳ.- 72.

медиҳад ва онҳоро ҳаллу фасл менамояд. Дар ин ҳикоятҳо адиб ба мавзӯи «фавоиди сафар» таваҷҷӯҳ намуда, манфиати онро дар ташаккулу вусъати ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии мардум алоҳида таъкид менамояд.

Муҳаққиқ М.Адашев низ перомуни хусусиятҳои жанрии ҳикоёти мазкур сухан ронда, дар гузоришоти худ «Чанд мулоҳиза доир ба шаклу мазмун дар адабиёти маорифпарварии тоҷик» ин ҳикоётро бо инкори ақидаи Р.Ҳодизода ба жанри ҳикояти бадеиву саргузаштӣ мансуб медонад.[1] Ин ҷо муҳаққиқ дар муайян кардани хусусияти жанрии ҳикояҳо ҷанбаи саргузаштӣ доштани мазмуни онро ба инобат гирифтаасту халос. Агар дар онҳо таҳлили амиқи масъалаҳои муҳимтарини иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ, инчунин таваҷҷӯҳи адиб ба манфиатҳои сафару баёни тафсилоти мусофирати қаҳрамони худ, сабабҳои ақибмондагӣ ва ғафлатзадагии мардуми маҳаллӣ дар азми сафар ихтиёр накардани онҳо вобаста дониста шавад, жанри ҳикоётро ба сафарнома мансуб донистан мумкин аст ва ҳамчунин дар онҳо хусусиятҳои сафарнома нисбат ба мазмун ва мундариҷаи фалсафӣ болотар аст. Аммо ин ҳикояҳои сафарӣ аз сафарномаҳои пешини Аҳмади Дониш тафовут дорад. Дар ин ҳикоёт қаҳрамони марказӣ на ин ки худи муаллиф, балки инсонҳои дигар ва тафсилоти сафарҳои шахсони дигар тасвир гардидааст. Дар ҳикоёти сафарии «Наводир–ул–вақоеъ» ҷанбаи бадеӣ нисбатан пурқувваттар буда, онҳо дар воқеабандӣ, образофарӣ, тарзи тасвир ва тахайюли бадеии адиб зоҳир мегардад. Аз ин мавқеъ, онҳоро ба навъи сафарномаи бадеӣ мансуб донистан мумкин аст. Чунки дар сафарномаҳои мазкур дар баробари тасвири воқеаҳои реалистӣ тафсилоти сафари шахсони мушаххаси ҳаётӣ низ таҷассум ёфтааст. Дар ҳар ду ҳикояти сафарӣ масъала ва муаммоҳои ҳаётӣ ба воситаи тасвири бадеӣ сурат гирифтааст. Муҳаққиқи ҷавон З.Юнусзода

[1] Адашев М. Чанд мулоҳиза доир ба таносуби шаклу мазмун дар адабиёти маорифпарварии тоҷик. //Масъалаи филологияи тоҷик. Мақола ва гузоришоти илмӣ.– Самарқанд, УДС, 1997. – Саҳ.- 99.

бобати ҳамин ҳикояи таркиби «Наводир–ул–вақоеъ», яъне «Дар ҳикояти ҳоҷӣ ва манофеи сафар ва хислати занон» изҳори ақида намуда, онро комилан ба жанри сафарнома мансуб медонад [1]. Агар ҳикояти мазкур дар мақолаи Р.Ҳодизода «Насри бадеии Аҳмади Дониш» ба «жанри қиссаи фалсафию бадеӣ»[2] мансуб дониста шуда бошад, дар мақолаи зикршудаи М.Адашев ба жанри ҳикоя (ҳикояи мазмуни саргузаштӣ доштаи ба сафарнома монанд) нисбат дода мешавад [3]. Дар ҳақиқат, дар ин ҳикояҳо ҳам мазмуну мундариҷаи фалсафию бадеӣ, ҳам ҷанбаи сафарномагӣ ва ҳам паҳлӯҳои саргузаштӣ–ёддоштӣ мавҷуд аст. Дар тадқиқотҳои фавқ ба жанрҳои мухталиф нисбат дода шудани ҳикоя низ аз ҳамин ҷост, ки перомуни он сухан кардем.

Гап дар сари он аст, ки ҳикояи мазкур дорои хусусияти жанрию поэтикии хос аст. Дар ин ҳикояҳо ҳам мазмун ва мундариҷаи фалсафӣ, ҳам хусусияти саргузаштӣ ва ҳам паҳлӯҳои ҷудогонаи жанри сафарнома омезиш ёфтааст ва онҳо ба ҳамдигар тавъаманд. Аммо дар муайян кардани жанри ҳикояи мазкур ҳеҷ яке аз истилоҳоти болоӣ, яъне «сафарнома», «қиссаи бадеию фалсафӣ», ҳикояи саргузаштӣ ва ё ҳикояи ба сафарнома монанд» ба назари мо ҳукми қатъӣ ва охирон нест. Агарчи Аҳмади Дониш пасмондагиву ғафлатзадагии ҷамъияти Бухорои феодалиро ба воситаи ин ҳикоят, ки ҳам ранги бадеию ҳам мазмуни фалсафӣ дорад, ба хонанда муассиртар, боварибахштар нишон додан мехоҳад, ба эътибори ҳамин ҳоло гуфтаҳои болоӣ онро танҳо ба жанри «қиссаи бадеию фалсафӣ» мансуб донистан маънои пурраи муайян кардани жанри ин ҳикоятро надорад.

---

[1] Юнусзода З. Оиди хусусиятҳои жанрии ҳикояти сафарии Аҳмади Дониш. //Масъалаҳои филология (Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ). – Самарқанд: ДДС, 2003. – Саҳ.- 53 .

[2] Ҳодизода Р. Насри бадеии Аҳмади Дониш. //Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тоҷик (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Ирфон, 1974. – Саҳ- 61.

[3] Адашев М. Чанд мулоҳиза доир ба таносуби шаклу мазмун дар адабиёти маорифпарварии тоҷик. //Масъалаи филологияи тоҷик. Мақола ва гузоришоти илмӣ.– Самарқанд, УДС, 1997. – Саҳ.- 88.

Дигар ин ки мақсаду мароми нависанда ва афкори фалсафии ӯ дар ҳикоя ба тарзи бадеӣ ифода ёфтааст ва Аҳмади Дониш сюжети муайянеро гирифта онро ба устухонбандии бадеӣ дар шакли як қиссаи том корбаст намудааст ва дар маркази тамоми воқеот образи марди ҳоҷӣ истодааст ва он симову портрети бадеӣ дорад, дар ҳикоят баъзе воқеаҳои ғайричашмдошт ва фавқулодда бештар бо пафоси романтикӣ ифода ёфтаанд, дар он хислат ва характери бадеии қаҳрамон – марди ҳоҷӣ дар ҳолати психологӣ бо тасвироти барҷастаи бадеӣ, яъне тавассути тахайюли бадеӣ нишон дода мешавад, саноеи лафзию маънавӣ ва воситаҳои бадеии тасвир сар то пои асар мавҷуданд, аз ин рӯ, жанри ин асарро пурра сафарнома гуфтан хатост. Ба назар чунин мерасад, ки нависанда дар зимни иншои ин ҳикоя ҳамчун мақсади асосии ғоявии худ манфиати сафарро дар ҳаёт ва ташаккули олами рӯҳию ҷаҳонбинии инсон нишон додан мехоҳад, чуноне ки аз сарлавҳаи ҳикоя бармеояд.

Ҳамин тариқа «Наводир-ул вақоеъ» асарест нодир ва дар замони худ ҳодисаи фавқулоддаи адабӣ. Аҳмади Дониш бо навиштаҳои худ на танҳо дидгоҳҳои суннатии адабиёти моро тағйир бахшид, балки чун як марди таҷаддудхоҳ адабиётро, навиштаҳояшро дар хидмати мардум гузошт ва заминае барои рушди афкори равшангароӣ муҳайё сохт, ки дастгири ҷадидон дар ҳаракатҳои ибтидои асри XX гардид.

Савол ва супоришот:

1. Дар бораи дараҷаи тадқиқ ва омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Аҳмади Дониш.
2. Аҳмади Дониш ҳамчун сарвар ва поягузори ҳаракати маорифпарварӣ.
3. Аҳмади Дониш ва маорифпарварони даврaҳои баъд.
4. Фаъолияти эҷодии Аҳмади Дониш.
5. Назми Аҳмади Дониш ва мазмуну мундариҷаи ғоявии он.
6. Насри бадеиии Аҳмади Дониш.
7. Рисолаҳои илмии Аҳмади Дониш ва доираи мавзӯоти он.

8. Мавқеи рисолаи «Меъёр-ут-тадоюн» дар эҷодиёти Аҳмади Дониш.
9. Мавқеи Аҳмади Дониш дар густариш ва инкишофи насри бадеии тоҷик.
10. «Рисолаи таърихӣ» ва мавқеи он дар осори Аҳмади Дониш.
11. Мавқеи «Наводир-ул-вақоеъ» дар адабиёти тоҷик.
12. Хусусиятҳои мазмунӣ мундариҷавӣ, ғоявии асари мазкур.
13. «Наводир-ул-вақоеъ» ва устухонбандии он.
14. Масъалаи ишқу ошиқӣ аз назари Аҳмади Дониш.
15. Аҳамияти сафар дар такомули ҷаҳонбинии инсон аз назари адиб.
16. Мафҳуми тамаддун ва таовун аз нигоҳи Аҳмади Дониш.
17. Масъалаҳои оила ва оиладорӣ аз назари Аҳмади Дониш.
18. Муносибати нависанда ба касбу пешаҳо ва аҳамияти онҳо.
19. Хусусиятҳои жанрии асари мазкур.

Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва мероси адабии ӯ.

Нуктаҳои асосӣ:

1. *Дараҷаи таҳқиқ ва омӯзиши аҳволу осори адиб.*
2. *Зиндагиномаи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ.*
3. *Мавқеи Возеҳ дар шаклгирии адабиёти моҳиятан нави маорифпарварӣ.*
4. *Осори манзуми Возеҳ ва хусусиятҳои бадеии он.*
5. *Осори мансури Возеҳ.*

Дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX тоҷик Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ аз симоҳои барҷаста ба шумор меравад. Ӯ ҳамчун адиби равшанфикру пешқадам дар ташаккули адабиёти сифатан нав инчунин дар масъалаи идомаи анъанаҳои беҳтарини адабиёти мумтози тоҷик ҳиссаи арзандае гузоштааст. Бахусус, дар интишору ташаккули ғояи нави иҷтимоӣ осори адабии вай ролу мақоми хосеро дорост. Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ибни Муҳаммадашӯри Бухороӣ шоир, олим ва адиби маорифпарвари тоҷик аст. Вай тахминан дар байни солҳои 1817 – 1818 дар шаҳри Бухоро таваллуд шудааст. Баъд аз таҳсили мактаби ибтидоӣ барои омӯхтани Қуръон ба мактаби қориён дохил гашт. Баъди хатми Қуръон ва ин муассисаи таълимӣ ба мадраса дохил гардид. Илмҳои расмии дар мадраса ҷоригаштаи замонаашро дар назди домуллои мадрасагиаш домулло Ҳоҷибой аз худ карда, ба тарзи мустақилона илмҳои таърих ва тибро омӯхт ва дар бораи ин илмҳо дониши амиқе ҳосил кард. Ӯ мадрасаро соли 1844 бомуввафақият хатм намуда, бо саъю кӯшиши худ баъзе илмҳои дунявӣ, санъатҳои гуногуни нафиса, таърих, тиб, ҳандаса, нуҷум, мантиқ, арӯз ва ғайраро омӯхт. Возеҳ забонҳои арабӣ ва туркиро аз худ намуд ва бевосита бо адабиёти ин халқҳо шинос гардид. Ӯ ба се забон, тоҷикӣ, арабӣ ва туркӣ шеър гуфтааст. Дар асоси сарчашмаҳои адибиву таърихӣ метавон гуфт, ки ашъори дар ҳар се забон офаридаи Возеҳ писандидаи аҳли адиб будаанд. Ҷиҳати маҳорати шоирии ин адиб тазкиранигорони давр баҳои баланд додаанд. Аз ҷумла, Афзал махдуми Пирмастӣ мегӯяд: «…то кораш бадон

дараҷа расида, ки аксари таълифот аз назари ӯ дуру маҳҷур намонда ва балки кутуби ҳар илм ва рисолаи ҳар фанро дида ва хонда», Хоҷа Аъзами Шаръӣ мегӯяд: «…дар шеъри форсӣ аз мумтозони табақаи аввалӣ ва дар шеъри арабӣ дар ин диёр ва дар ин айём адимунназир ва якто ба шумор мерафт», Ҳашмати Бухороӣ бошад дар шеъри туркӣ лутфи тамом доштани ин шоирро таъкид карда мегузарад.

Возеҳ соли 1853 ба дарбори амир даъват карда мешавад. Дар давраи ба тахти аморат нишастани амир Музаффар (1865) ӯ дарборро тарк мекунад. Дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ оварда шудааст, ки Возеҳ аз дарбор ба тарзи маҷбурӣ дур карда шудааст. Дар ин айём аҳволи Возеҳ чӣ аз ҷиҳати моддӣ ва чӣ аз ҷиҳати маънавӣ сахту вазнин буд. Возеҳ барои таъмин намудани некӯаҳволии худ қасидаеро, инчунин тазкираи «Тӯҳфат-ул-аҳбоб»-ро, ки соли 1871 ба охир расонида буд, ба номи амир Музаффар унвон мекунад. Аммо ҳамаи ин натиҷаи судманде набахшиданд. Баъди вафоти Амир Музаффар соли 1885 писари ӯ Амир Абдулаҳад ба тахти аморат нишаст. Аммо баъд аз ин низ зиндагии Возеҳ хуб набуд. Ӯ соли 1886 ба сафари мамолики хориҷӣ меравад. Ба воситаи саҳрои Туркманистон, шимолии Эрон, канораҳои баҳри Каспӣ, мамлакатҳои Кавказ, баҳри Сиёҳ, баҳри Миёназамин ва баҳри Сурх сӯи Ҳиҷоз сафар намудани Возеҳ маълум аст. Ӯ дар давоми ин сафари худ бо ҳаёти бисёре аз шаҳру мавзеъҳо, аз ҷумла Қарокӯл, Чорҷӯй, Марв, Боку, Тбилиси, Ботуми, Истамбул, Искандария, Ҷадда, Кӯфа, Бағдод ва ғайра шиносо гардида, дар бозгашт шаҳрҳои Эрон Кирмоншоҳ, Теҳронро низ тамошо мекунад ва соли 1887 ба Бухоро бозмегардад. Ҷараёни идомаи сафари шоир дар ташаккули ҷаҳонбинии ӯ бесамар намондаанд. Возеҳ аксаран дар ин шаҳрҳо бо фузалову уламои замон сӯҳбатҳо мегузаронид. Баъд аз сафар низ аҳволу зиндагии шоир хуб набуд. Азбаски бозори фазлу дониш дар Бухоро хеле касод буд, аҳволу зиндагии аҳли илму адаб низ дар ҳолати муздурона мегузашт.

Возеҳ пас аз сафар аз рӯи таассуротҳои ҳосилкардааш асари сафарномавии худ «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик» (Воқеаи роҳҳо ва масофаи байни кишварҳо)-ро менависад, ки номи дигари он «Ғароиб-ул-хабар фи-аҷоиб–ус-сафар» аст.

Ӯ асари сафарномавии худро ба амир Абдулаҳад мебахшад. Аммо пас аз сафар зиндагии шоир бисёр давом накард. Возеҳ аксаран хаставу бемор буда, пас аз сафари Ҳиҷоз баъди 7 сол-соли 1311-ҳичрӣ мутобиқи соли 1894 мелодӣ дар синни 77-78 солагӣ аз олам чашм пӯшид. Ҷои вафоти шоир дар Бухоро буда, то ба ҳол қабри ӯ муайян нагардидааст.

Дар таърихи адабиёти тоҷик Возеҳро ҳамчун шоир ва нависанда мешиносанд. Дар бораи осори манзум ва мансури ӯ тазкираҳои замонаш; аз ҷумла тазкираҳои Аъзами Шаръӣ, Мирсиддиқи Ҳашмат, Ҳоҷи Неъматуллоҳи Мӯҳтарам, Афзал Махдуми Пирмастӣ, Абдулқодирхоҷаи Абдӣ ва тазкираи Садри Зиё маълумоти хеле муҳим дода метавонанд. Дар байни ин маълумотҳо ахбороти дар тазкираи Шаръӣ овардашуда муфассалтар аст. Инчунин дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ дар бораи ин шоир ва фаъолияти эҷодии ӯ маълумот пайдо намудан мумкин аст.

Дар илми адабиётшиносии тоҷик дар бораи осору рӯзгори ин адиб солҳои 60–уми асри гузашта бо тавсияи олими шинохта Расулхон Ҳодизода, Турсунбой Неъматзода монографияи илмие офаридааст, ки дар баррасии ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ин адиб маълумотҳои муайян дода метавонад. Дар бораи ин адиб инчунин аз китобҳои; Холиқ Мирзозода «Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX», Расулхон Ҳодизода «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX» маълумот дода шудааст. Дар хусуси тарҷумаи ҳол ва мероси адабии Возеҳ аз китоби дарсии Р.Ҳодизода, У.Каримов, С.Саъдиев – «Адабиёти тоҷик дар асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX» низ маълумот пайдо кардан мумкин аст. Солҳои охир дар бораи сафарномаи ин адиб олимаи ҷавон З.Юнусзода низ ҷустуҷӯйҳои илмӣ

пеш бурда, дар бораи хусусиятҳои жанрии «Савонеҳ-ул-масолик…» маълумотҳои муфидеро ба ҳукми ҳаводорони адабиёт пешкаш намуд. Инчунин дар ин бобат аз ЭАСТ ҷилди аввал моддаи «Возеҳ» саҳифаҳои 328-329 маълумот пайдо намудан мумкин аст.

Манбаи дигари муҳиме, ки дар хусуси рӯзгор ва осору аҳволи ин адиб маълумоти эътимодбахш дода метавонад, асарҳо ва навиштаҳои худи муаллиф аст, ки дар поён як-як таваққуф хоҳем кард. Хусусан дар ин бобат мавқеи тазкираи адиб – «Тӯҳфат-ул-аҳбоб», сафарномаи ӯ – «Савонеҳ-ул-масолик», баъзе қасидаҳои шарҳиҳолӣ ва шиквоии вай муҳиманд. Аз Возеҳ мероси илмӣ-адабии бое боқӣ мондааст. Аммо ҳамаи онҳо то ба мо омада нарасидаанд ва пас аз фавти шоир аз ҷониби ворисони ӯ фурӯхта несту нобуд гардидаанд. Он чизе ки аз мероси илмӣ-адабии Возеҳ боқӣ мондааст, дар китобхонаҳои калони ҷумҳурии Тоҷикистону Ӯзбекистон дар шакли дастхатӣ маҳфуз аст: 15 нусхаи дастхатии «Тӯҳфат-ул-аҳбоб», 8 нусхаи дастнависи «Савонеҳ-ул-масолик», се нусхаи дастнависи «Кони лаззат ва хони неъмат», ягона нусхаи дастхатии «Ақоид-ун-нисоъ» ва маснавии «Барфу ях», ду баёзи дастнавис:-«Баёзи назм ва насри форсӣ-тоҷикӣ» ва «Баёзи назм ва насри арабӣ» инчунин шеърҳои парокандаи бисёре нигоҳдорӣ мешаванд, ки мероси бадеиву илмии Қори Раҳматуллоҳи Возеҳро ташкил менамоянд.

Тазкираи ӯ «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» дар бораи зиёда аз 145 шоир ва нависандагони охири асри XVIII ва замони худи адиб маълумот медиҳад, ки 73 нафари онҳо то нимаи аввали асри XIX умр ба сар бурдаанд. Дар бораи 24 нафари онҳо ҳам дар ин тазкира ва ҳам дар тазкираҳои эҷодкорони дигар маълумотҳои муҷмал дода шудаанд. Боқӣ 48 нафари онҳо баъд аз нимаи дуюми асри XIX зиндагӣ кардаанд. Тазкираи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ яке аз тазкираҳои мӯътамадтарин ва боэътибортарини даврони зиндагии шоир ба шумор меравад. Мувофиқи маълумотҳо барои тазкираҳои баъдина, ки шумораи онҳо дар ҳамин

марҳилаи таърихи адабиёти тоҷик кам нестанд, ин тазкира ҳамчун манбаи асосӣ хизмат намудааст.



«Тӯҳфат-ул-аҳбоб» яке аз асарҳои илмиву адабии ба чашм намоёни адабиёти нимаи дуюми асри XIX буда, мувофиқи қайди худи адиб соли 1871 ба итмом расонида шудааст. Асар дар шакли дастнавис дар 15 нусха дар ИШАФ Ӯзбекистон ва дар шӯъбаи дастхатҳои АФ Тоҷикистон маҳфуз аст. Чуноне ки дар боло зикр шуд, нусхаҳои мукаммали асар доир ба 145 шоиру нависандагони нимаи дуюми қарни XVIII ва асри XIX дар асоси тартиби алифбои арабӣ маълумоти биографӣ медиҳад.

Ин асар аз муқаддима, тарҷумаи ҳоли адибон ва намунаи ашъори онҳо ва хотима иборат аст. Дар муқаддима сабаби таълифи асар, дар қисми асосӣ дар 24 боб оиди адибони замонаш маълумот меорад. Аз 145 нафар шоир ва олимон 2 нафар афғон, 6 нафар эронӣ, 3 нафар ҳинд, як нафар турк мебошанд, ки берун аз ҳудуди Осиёи Миёна зиндагӣ кардаанд.

Возеҳ шоиру олимонро аз рӯи мансабашон низ ба табақаҳо ҷудо намудааст, ки 14 нафар қозӣ, 18 нафар надимону муншиёни дарбор, 20 нафар мударрис, 11 нафар талаба, 7 нафар имом, 40 нафар мактабдор, 8 нафар савдогару аттор ва косиб будаанд. Бобати касбу кори шоирону фозилони боқимонда адиб хомӯш мондааст. Маълумотҳои дар бораи адибон додаи Возеҳ ҳаҷман тафовут доранд, ки вобаста ба маълумоти ҷамъкардаи ӯ мебошад. Яъне таълифи ин асар дар асоси тамоюлоти дастрасӣ ва дастҷамъӣ сурат гирифтааст. Адиб дар бораи 116 шоир ва ватани аслии онҳо маълумоти пурра медиҳад, аммо дар бораи макони аслии 29 адиби боқимонда сухане намегӯяд. Дар асар намунаи ашъори адибон оварда шавад ҳам, аз ҷиҳати мундариҷа ва шакл амиқан таҳлил намегардад. Дар тазкира аз доираи адабии Қӯқанд асосан, шоирони дузабонаро бо таъкиди ба Қӯқанд мансуб буданашон дохил кардааст. Чунончи, дар бораи Мулло Раҷаббои Дониш менависад: “Аз шуарои аҳди давлати ҳазрати амири фирдавсмаконӣ яъне, Умархон буда”. Дар

бораи шоир Риндӣ меоварад: “Аз шуарои Намангон, аз тарбиятёфтагони Муҳаммад Умархон”.

Возеҳ ҳамаи шоирони шомили тазкираро махсус таъкид мекунад, ки кадоме аз онҳо касбисту кадоме ҳаваскор. Аз ин қайду шарҳҳо шоирони намоёни асри XIX-ро ҷудо метавон кард. Чунончи, дар бораи Рашид устоди амир Ҳайдар омадааст: “Гоҳе бинобар инбисоти /хушии/ табъ ва имтиҳони хотир рабт-ул-лисони шаҳди ашъор низ мегардиданд”. Дар бораи Афсаҳ чунин мегӯяд: “Баъд аз хатми улуми расмӣ дар шеър гуфтан ҳавас намуда ва бад-он машҳур гашта”.

Возеҳ дар бораи мазмуни ғоявӣ ва мансубияти табақотии ашъори шоирон дар тазкираи худ, албатта, чизе нагуфтааст. Лекин вай дар бораи тарзу салиқа ва мундариҷаи ашъори шоирон ишораҳо дорад ва аз он равияҳои умумии эҷодиёти ин ё он шоирро муайян кардан мумкин аст.

Ба ҳамин тариқ, шоирон ва адибони тазкираи Возеҳро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Гурӯҳи аввал намояндагони адабиёти дарборӣ, ки бештар ба остонаи амир алоқаманд будаанд, дар мадҳи амиру вазир қасидаҳо мегуфтаанд. Барои базмҳои хосаи дарбор ашъори ҳаҷвию ҳазломез мебофтанд. Ба ин гурӯҳ намояндагони дарбори Қӯқанд низ дохил мешаванд. Гурӯҳи дуюм шоирони мутасаввиф, қаландару дарвешон, эшонҳо ва умуман рӯҳониёни расмии ислом буданд. Қариб дар ҳама ҷо мазмуни сӯфиёнаи ашъори мутасаввифии ин шоирон зикр шудааст. Чунончи, дар боби Сират манависад: “ба тариқаи аҳли тасаввуф ва тазарруф дохил. Ҷомеъи сулуки тариқаи нақшбандияи адлияро тамом намуда.” Гурӯҳи сеюм шоироне, ки ба адабиёти дарборӣ ва доираи арбоби давлат мансуб набуданд, аз қабили Ҳасрат, Парии Ҳисорӣ, Ирсӣ, Ширин, Савдо, Афгор ва ғайра. Аксари ин шоирон фазлу дониши баркамол доштанд, аммо дар фақру нодорӣ мезистанд. Ашъори онҳо мазмуни шиквоӣ ва танқиди замон дорад ва бо сабку услуб аз ашъори сӯфиёна ва бедилонаи ду гурӯҳи аввал тафовут дорад.

Возеҳ мероси адабии ҳамаи адибонро бевосита хондааст ва интиқоду тавсифи ӯ натиҷаи тадқиқ ва таҳқиқи наққодона ва сухансанҷона аст. Чунончӣ. Дар бораи Қоонӣ мегӯяд: “Китоби мазкур, яъне “Парешон” дар мавриди фатрати Қоҷория аз дасти туркмон дар Бухоро афтод. Муҳаррири авроқ ба шарафи мутолиаи он китоб мушарраф шуд”. Дар бораи Рашид меоварад: “Маҷмӯаи ашъори эшон он чи ба назари ҳақир расида, аз чаҳор ҳазор байт мутаҷовиз аст”. Дар бораи Фазлӣ низ: “Ва ӯро “Тазкират-уш-шуарост” маҳсур ва мақсур бар зикри шуаро ва он китобест зебо ва ба назари қосир расида”.

Дар муқаддимаи тазкира аз ном, мартаба, унвон ва баъзе хислатҳои шахсии шоир маълумот ҳаст. Тавсифи эҷодӣ ва ба мазмуни эҷодиёт, балки бештар ба сабку услуб ва забону тарзи баёни шоир оид аст. Ин ҳам на дар ҳамаи шоирон. Чунончи “ашъораш соф ва ҳамвор воқеъ шуда”, “ашъораш низ бағоят латиф ва мавзун”, “манзумоташ латиф ва матбӯъ аст” ва ғайра. Аз ин бармеояд, ки мулоҳизаҳои танқидӣ ва тадқиқии Возеҳ дар асар хеле муҳим ва бе таҳлили мисолҳои муайяни ашъори шоир омода шудааст. Возеҳ ғайр аз тавсифу такрир ба эҷодиёти шоирон ё ба шеъру асарҳои ҷудогонаи онҳо назари танқидии худро низ баён кардааст. Вале ин гуна мулоҳизоти ӯ хеле умумӣ ва бедалел аст. Масалан, дар бораи яке аз шахсиятҳои тавонои адабиёти ин давр Ҷунайдуллои Ҳозиқ ҳеҷ ҳарфи мушаххасе намегӯяд. Возеҳ баъзан дар бораи рӯҳу ғояи ашъори шоирон мухтасар андеша рондааст. Вай аксар пайравони Бедилро махсус таъкид мекунад. Чунончи мегӯяд: “Мӯътақиди ашъори Мирзо Абдулқодири Бедил ва дар мушовараи абёти мушкил ҳавзе болоӣ дошта”. Мазмуни шикваомези ашъори Ҳасрат ва оҳанги шӯҳу ҳазломези шеъри Ирсиро таъкид мекунад. Ҳарчанд чунон ки ишора шуд, аз тазкира назари хоси интиқодии муаллиф равшан нест, бо вуҷуди ин мароми интихоби ӯро навъе накди завқӣ метавон таъбир кард.

Умуман, тазкираи «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» дар муайян кардани ҳаёти маданиву адабии нимаи дуюми асри XVIII ва барои кашф кардани осору фаъолияти бадеии адибони асри XIX аҳамияти ба худ хоси илмӣ-адабӣ дорад. Гуфтан мумкин аст, ки асари мазкур аз ҷиҳати характери худ дар байни тазкираҳои охири асри XIX мавқеи муайянеро соҳиб аст. Ин тазкираро аз ҷиҳати дастовардҳову маълумотҳо баъд аз тазкираи Малеҳои Самарқандӣ - «Музаккир-ул-асҳоб» дар ҷои дуюм гузоштан мумкин аст.

2.**«Кони лаззат ва хони неъмат».** Дар ин асар Возеҳ бобати тарзи тайёр кардани таом, ширинӣ ва нонҳое, ки дар байни мардуми Осиёи Миёна бахусус Бухоро ҷорӣ буд, маъулмот медиҳад. Ин асар аз ду ҷилд иборат буда онро ба тарзи шартӣ дар қарори зерин метавон тақсимбандӣ кард: муқаддима, ду матлаб ва хотима. Дар асар ба тарзи муфассал тариқи пухтан ё худ тайёр кардани нону таомҳо, ҳалвою мураббо ва очорҳо (салатҳо) маълумот гирд оварда шудааст. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо ин рисола соли 1880-81 мелодӣ таълиф гаштааст. Асар аз ду ҷилд иборат буда, муқаддима ва матлаби аввал дар ҷилди якум, матлаби дуюм ва хотима дар ҷилди дуюм ҷойгир аст. Дар муқаддима оиди 18 навъи нон (бодомӣ, боқирхонӣ, понер, падҳван, буксамот, тафтон, хурмо, хитоӣ, хуббонӣ, самид, сангак, нахӯдӣ, ширмол, фарунӣ, кӯмоҷ, варақӣ) маълумот дода шудааст. Дар матлаби аввал оиди 228 навъи ош, дар матлаби дуюм оиди 169 қисм ҳалво, дар фасли аввали хотима оиди 23 хел очор ва дар фасли дуюми хотима оиди 33 ранги мураббо сухан меронад. Аҳамияти муҳими асар аз он иборат аст, ки адиб маълумотҳо ва ё ба ибораи дигар ретсепти тайёр кардани таомҳои гуногунро гирд оварда, онҳоро аз рӯи фаҳмишу дониш ва малакаи худ боз ҳам пурратар намудааст. Дар асар дар қатори нишон додани тарзи тайёр кардани ошҳои халқу миллатҳои гуногуни Осиёи Миёна тарзи тайёр кардани таомҳои машҳури мамолики дигар низ ба

эътибор гирифта мешавад. Масалан Бӯрони хиёр–дар Эрон, Барро-дар Ҳиндустон.

Аз ин рӯ ин асар пеш аз ҳама барои омӯхтани таърихи таомҳои миллӣ ва ҳаёти ҳунармандӣ, маданияти кулинарии мамолики Шарқ аҳамияти махсусро молик аст. Имрӯз низ аз ин асар ҳамчун дастуруламал истифода бурдан мумкин аст. Асар дар омӯзиши тарзи маишии мардуми Бухорои нимаи дуюми асри XIX низ аҳамияти муҳими этнографӣ дорад.

4. «Ақоид-ун-нисоъ» яке аз асарҳои ҳаҷман хурди Возеҳ буда, соли таълифи он низ маълум нест. Чуноне ки худи муаллиф таъкид мекунад асар дар бораи «баёни аҳволу афъол (феъл)-и занон» мебошад. Ин асар аз муқаддима ва 16 боби хурд-хурд иборат буда, тахмин меравад, ки солҳои 1882-1883 китобат шудааст. Муаллиф дар 16 боб урфу одатҳои хурофию номақбули занони замонро аз нуқтаи назари шариати исломӣ масхараомезона нақл мекунад. Асар характери ҳаҷвӣ дошта, дар он кирду кор ва рафтору пиндори номарғуби занони давр масхара карда мешавад. Аз мундариҷаи ҳамин асар маълум мегардад, ки дар Бухорои асри XIX як қатор урфу одатҳои хурофотӣ дар байни занон амал мекард.

«Ақоид-ун-нисоъ» аз ҷиҳати ғояи худ бар зидди урфу одатҳои бемаънию, бемантиқи замона равона карда шудааст. Аз ҷиҳати дигар асар далел бар он аст, ки аллакай дар нимаи дуюми асри XIX ҳолату зиндагии ногувор ва дар зери асорати хурофоти асримиёнагӣ мондани мардум ва мазлума будани занону духтарон диққати баъзе аз мутафаккирони пешқадами замонро ба худ ҷалб карда буд. Дар асар, бахусус, дар боби даҳуми он то дараҷае ҳаққу ҳуқуқи занҳо ва соҳибҳуқуқ будани эшон дар ҷамъият ишора карда мешавад. Аммо як ҷиҳати нуқсноки асар ҳам ҳаст, ки Возеҳ нуқсонҳои ҳаёти заифон ва маҳдудии доираи урфу одати онҳоро бо вазъи иҷтимоии замон изоҳ надода, онро ба фаъолияту рафтори 5 нафар шахси алоҳида вобаста менамояд. Ин аст нуқсу маҳдудияти ақоиди Возеҳ дар «Ақоид-ун-нисоъ».

Осори манзуми Возеҳ. Агарчанде ашъори Возеҳ пурра то давари мо тадқиқ нагардида бошад ҳам, дар шакли пароканда миқдори муайяни ашъори ӯ аз ҳаҷми як девон мегузарад. Аз ҷумла, аз ашъори шоир то ба мо 4788 мисраъ шеър ба даст даромадааст. Ин шеърҳо аз нуқтаи назари намудҳои анъанавии назм ба зеринҳо тақсим мешаванд:

Ба забони тоҷикӣ: Ғазал - 58 адад - 1218 мисраъ, мухаммас - 12 адад - 390 мисраъ, тарҷеъбанд-1 адад - 70 мисраъ, рубоӣ - 23 адад - 92 мисраъ, қасида-10 адад - 662 мисраъ, фард - 12 адад - 24 мисраъ, қитъаҳо, порчаҳои нотамом, байтҳои ҷудогона - 16 адад - 88 мисраъ, мутоибот - 2 адад - 208 мисраъ, маснавӣ - 1 адад - 178 мисраъ. **Ба забони ӯзбекӣ:** Ғазал - 1 адад - 8 мисраъ, мухаммас - 2 адад - 60 мисраъ. **Ба забони арабӣ:** ғазал - 2 адад - 26 мисраъ, қасида ва ғайра **порчаҳои шеърӣ-30 адад - 1754 мисраъ.**

Ҳангоми аз ҷиҳати мундариҷа аз назар гузаронидани ашъори парокандаи Возеҳ намоён мегардад, ки дар онҳо чун дар маҳсули адабии дигар шоирони асримиёнагӣ мавзӯъҳои анъанавӣ-тасвирӣ ҳусни ёр, нокомӣ, бемеҳрии маъшуқа, ғами ҳиҷрон, шикоят аз рақиб, тасвири манзараҳои дилфиреби табиат ва фаслҳои сол, муносибати гулу булбул, маю соқӣ, шамъу парвона ва монанди инҳо кам нестанд. Вале истеъмол ё худ кор карда шудани онҳо дар эҷодиёти Возеҳ ба таври хос аст. Возеҳ мавзӯъҳои анъанавиро ба тасвири ҳолати руҳӣ-изтироби дарунии худ пайваст намуда, ба ин васила онҳоро бештар ба масъалаҳои зиндагӣ алоқаманд гардонидааст. Чунончи, ӯ манзараҳои дилфиреби табиат, алалхусус фасли навбаҳорро бо тамоми ҳусну тароваташ тасвир намуда истода, дар чунин фасли тарабангез ҳамоно аз банди андӯҳу ғурбат халос набудан ва дили ношоду пур аз ҳасрат доштани худро арз мекунад. Ё худ ба тавсифи шамъ килки баён кашида, аз кулфати беинтиҳо аз шом то ба субҳ сӯхтан ва аз дида ашк ҷорӣ намудани худро мегӯяд. Дигар хизмати шоир дар ифода намудани мавзӯъҳои анъанавӣ боз аз он иборат аст, ки ӯ дар шароити нимаи дуюми асри XIX дар намунаҳои ашъори худ сайри

таърихии ин анъанаи адабиёти классикиро бо як сабку салиқаи ба худ хосе давом ва тараққӣ дод. Аз ин рӯ, ин қисмати ашъори парокандаи Возеҳ низ аз аҳамият холӣ нест. Лекин он масъалаҳои ҳаётӣ-иҷтимоие, ки ӯ дахл карда мегузарад, аз ҳар ҷиҳат қобили диққатанд. Яке аз ин гуна масъалаҳои ҳаётӣ дар шеърҳои ӯ акс ёфтани аҳволи сахти худи шоир мебошад. Дар ин порча шоир тасвири ҳоли худро чунин додааст:

Зи бас гирифта дил аз вазъи олами пирам,
Ба рӯзгори ҷавонӣ чу ғунча дилгирам.

Бо ин тариқ дар шеърҳои парешони Возеҳ ба садои дилхароши ғурбат, ғаму андӯҳ, оҳангҳои шикоятӣ, коҳиш ва норозигӣ аз замона ҳамроҳ мегардад. Дар доираи ҳамин оҳанги ғамангез ва ҳисси норозиёна Возеҳ дар дар симои қаҳрамони лирикӣ дарду алам, ғаму ҳасрати мардуми маҳаллиро дар шеърҳои парокандааш тараннум мекунад. Аз ин ҷост, ки ин ду мавзӯъ, агарчанде бештар ба шарҳи ҳоли худи шоири талхком ва андӯҳи вай вобастааст, вале дар айни ҳол тасвири образнок ва бадеии ҳаёт ва ҳолати руҳияи онвақтаи халқ низ мебошад.

Масъалаи муҳими дигаре, ки Возеҳ ба он аҳамият додааст, танқиди замони феодалӣ ва дар он хор будани илму фазл ва аҳли он мебошад.

Возеҳ дар ин қисм мавзӯъҳои шеърҳои парокандааш бар зидди муҳити иҷтимоии онвақтаи аморати Бухоро сахт эътироз менамояд, ки дар он ба илму дониш аҳамият дода намешавад:

Аҳдест, ки илму фазлу дониш хор аст,
Ҳиммат масруфи сарфаи динор аст.

Ғазал дар байни шеърҳои Возеҳ мавқеи муҳим дорад. Хизмати асосии шоир дар ҷодаи ғазалсароӣ иборат аз он аст, ки вай беҳтарин анъанаҳои шоирони килассикии тоҷикро давом дод, хусусиятҳои хубтарини эҷодиёти онҳоро дар нафосат, соддагии забон, равшан ифода кардани мазмун ба эътибор гирифта, ҷанбаи халқии ашъор, хусусан, ғазалиёти хешро таъмин кард. Маълум аст, ки дар ашъори шоирони адабиёти нимаи дуюми асри XIX тоҷик эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил ва сабку салиқаи ӯ таъсири муайяне дошт ва аксарияти шоирон ба

ӯ пайравӣ мекарданд. Дар чунин як вақт бо забони равшан, ташбеҳҳои ҳаётӣ ва ба тарзи равон суруда шудани ғазалҳои Возеҳ характернок аст. Дуруст аст, ки Возеҳ дар аввалҳо ба монанди дӯсти наздики худ Абдулқодирхоҷаи Савдо дар пайравии ашъори Мирзо Бедил баъзе ғазалҳои ҷавобия навишта буд. Вале чунин ҷавобияҳои ӯ бо соддагии забон ва равшании мазмун аз ғазалҳои Бедил фарқ мекунад ва дар онҳо оҳангҳои тасаввуфӣ-ирфонии Бедил ва гузаштагонро камтар мушоҳида мекунем. Барои исботи ин гуфтаҳо идомаи анъанаҳои беҳтарини ғазалсароёни адабиёти мумтоз қиёсан бо ғазалҳои назиравии Возеҳ мавриди муҳокима қарор мегирад.:

Бедил:

Бо баду нек аст, як ранги ҳавас оинаро,
Нест изҳори хилофи ҳеҷ кас оинаро.
Сурмаи биншин ҷаҳон дар чашми мо торик кард,
Шӯхии ҷавҳар бувад дар дида хас оинаро.

Возеҳ:

То кашид он шӯх аз мастӣ канор оинаро,
Ҷайбу доман кард пургул чун баҳор оинаро.
Бо рухи некӯи ӯ худро муқобил мекунам,
Хатти бутлон шуд зи ҷавҳар бар узор оинаро.

Қисми зиёди ғазалҳои ҷавобияи Возеҳ он ғазалҳое мебошанд, ки шоир дар пайравии Ҳофиз эҷод кардааст. Аз назар гузаронидани онҳо ба ҳамин фикр далолат мекунад, ки Возеҳ аз ӯҳдаи ҷавоби ғазалҳои Ҳофиз ба хубӣ баромадааст. Аз ҷумла инро аз муқоисаи ду ғазали зерин низ пай бурдан мумкин аст:

Ҳофиз:

Равшан аз партави рӯят назаре нест, ки нест,
Миннати хоки дарат бар басаре нест, ки нест.
Нозири рӯи ту соҳибназаронанд, вале,
Сирри гесӯи ту дар ҳеҷ саре нест, ки нест.

Возеҳ:

Шармсори гули рӯят чамане нест, ки нест,
Фитнаи сунбули мӯят сумане нест, ки нест.

Дар хами зулфи ту ҳар гӯша ҳазорон чин аст,
Зери ҳар ҳалқа аз он ҳам хутане нест, ки нест.

Чанде ғазалҳои Возеҳ дар пайравии ғазалҳои Абдураҳмони Ҷомӣ суруда шудаанд. Дар ин қисми ҷавобияҳои худ Возеҳ ба қоидаҳои назиранависӣ низ эътибори ҷиддӣ додаст. Онҳо дар вазн, қофия, радиф ба ғазалҳои Ҷомӣ пурра мувофиқат мекунанд ва дар бисёр мавридҳо тарзи баён ва ташбеҳҳояшон назар ба ғазалҳои Ҷомӣ ба андозае содда ва зудфаҳмтаранд. Барои мисол ғазали зерини Ҷомӣ ва назираи ба он гуфтаи Возеҳро меоварем:

Ҷомӣ:

Хез, соқӣ, к-аз фурӯғи субҳ шуд ховар сафед,
Зоғи шабро сохт гардун чун ҳавосил пар сафед.
Субҳ кофурӣ, саҳоб аз осмон кофурбор,
Байзаи кофурро монад замин яксар сафед.

Возеҳ:

Эй туро хат сабзу ораз чун маҳи анвар сафед,
Сурхлаб чун лаълу дандон чун маҳи анвар сафед.
Аз фурӯғи лутфу андоми ту чашме хира шуд,
Ҳамчунон к-аз субҳ гардад, дидаи ахтар сафед.

Ба навъе ки дида мешавад, агарчанде ин ду ғазал аз ҷиҳати хусусиятҳои шаклӣ байни худ ҳамоҳангӣ ва як навъ умумияте дошта бошанд ҳам, аммо мазмуни онҳо як хел нест. Ғазали Ҷомӣ асосан, ба тасвири барфу зимистон ва назираи Возеҳ ба мавзӯи ишқу муҳаббат ё худ ба тасвири ҳусни маъшуқа бахшида шуда, мундариҷаи ҳар кадом мувофиқи мазмуни худ мебошад. Ин ҳолат, моро дар навбати худ ба чунин мулоҳиза меорад, ки ғазалҳои ҷавобия назираҳои ба равияи ашъори Ҷомӣ эҷод кардаи Возеҳ низ тақлиди хушку холӣ набуда, балки ба таври мустақил бо маҳорати баланди шоирона эҷод гардидаанд.

Аз ин ҳама пайдост, ки Возеҳ дар гуфтани ғазал маҳорати калоне дорад. Ҳамин матлаб ҳангоми ғазалҳои шоирро бо ғазалҳои маъруфтарин суханварони нимаи дуюми асри XIX муқоиса намудан низ зоҳир мегардад. Аз ҷумла, барои собит намудани ин фикрҳо ғазали

зерини Шоҳин ва ғазали ба ҳамон равия суруда шудаи Возеҳро аз назар гузаронидан кифоя хоҳад буд:

Шоҳин:

Гар ба ин оина акси ӯ нузуле карданист,
Мумтанеъ дар олами имкон хулуле карданист.
Бас ки з-ин саҳро ба таъҷили ҷунун бояд гузашт,
Ваҳшати реги равон ҳам тезбӯле карданист.

Возеҳ:

Боз сатре чанд ҳарфи тоза иншо карданист,
Нусхаи бетобии дилро варақ во карданист.
Ин қадар ҳам дар шикасти мо фалак кӯшиш надошт,
Зоҳиран кас бар надорад он чӣ бо мо карданист.

Ғазали Возеҳ, ба навъе ки дида мешавад аз ғазали Шоҳин паст намеистад. Балки бо равшан ифода ёфтани мазмун ва тобиши руҳи маънавӣ аз он фарқ мекунад. Инчунин дар ин ғазал радиф низ бамавқеъ ва зеботар истифода гардидааст.

Қисми зиёди ғазалҳои ба даст даромадаи Возеҳ аз 7, 9 ва 11 байт иборат буда, дар намудҳои гуногуни баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, мунсареъ ва музореъ эҷод ёфтаанд.

Дар муайян намудани шарҳи ҳол ва тарзи зиндагии адиб мавқеи **осори лирикии** шоир низ аҳамияти махсус доранд. Дар ин поя пеш аз ҳама арзиши қасидаҳои шарҳиҳолии адибро алоҳида таъкид намудан мувофиқи мақсад аст. Яке аз калонтарин қасидаҳои Возеҳ, ки аз 190 мисраъ иборат мебошад, қасидаи «Таъдод–ул–фазоил» буда, дар баҳри «рамали мусаммани мақсур» дар шакли гуфтушуниди байни шоир ва маҳбубааш навишта шудааст, ба навъе мактубу муншаот. Возеҳ дар тамоми ин қасидаи фахрия, мартабаи камолоти илмӣ ва балоғати шоирии худро як-як баён карда истода, ба муқобили хираднописандиву санъатношиносии аҳли замонаи худ сахт эътироз мекунад, ки бо ин ҳама

соҳиби фазлу камол будан, замона ӯро намеписандад ва ӯ дар назди аҳли замон қадру қимате надорад:

То чӣ бад кардам, ки бо ин дастгоҳи илму фазл,
Хуни дил омад насибам ҷои роҳатпарварӣ.
Қадри як чав нест, қадрам пеши чашми мардумон,
Ин чӣ бедоду чӣ зулм аст, ин чӣ бераҳмигарӣ.[1]

Ин навъ мазмун аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шоир дар айни замон ба аҳволу ҳолати зиндагонии худ дуруст сарфаҳм рафтааст. Яъне ӯ худшиносу ҳақшинос аст. Характерноктарин қасидаи ҳолияи дигари шоир, ки «Шикоят аз ҳоли худ» ном дорад, ки аз 110 мисраъ иборат мебошад.

Шабам ғам насиб асту рӯзам тазаллум,
Бад-ин сон гузариш маҳу сол дорам…
Маро раҳм бояд, ки чун чархи золим,
Ба худ душмани сахти қаттол дорам.

Қасидаи бо унвони «Шикоят аз толеи худ», ки он аз 38 мисраъ иборат буда, дар баҳри «муҷтаси мусаммани махбуни аслам» навишта шудааст ва бо байти:

Зи бас гирифта дил аз вазъи олами пирам,
Бо рӯзгори чавонӣ чу ғунча дилгирам,

сар мешавад, сар то охир низ ба тасвири ҳоли «ошуфтаву шикаставу парешон» - и шоир ва ногувориҳои дар зиндагонии ӯ рӯй дода бахшида шудааст:

Чунон шикаставу ошуфтаву парешонам,
Ки ҳамчу мавҷ мебошад қабули таъмирам.
Насиби ман ба ҷаҳон ғайри талхкомӣ нест,
Магар ки айём рехта заҳр дар ширам.

Возеҳ махсус бахшида ба васфи харбуза дар баҳри «муҷтаси мусаммани аслам» қасидае гуфтааст, ки он аз 58 мисраъ иборат буда, бо байти:

---

[1] Неъматзода Т. Возеҳ. – Душанбе: Ирфон, 1967. – Саҳ.- 40

«Чу субҳ зад алами зар ба пои харбуза,
Чаҳон гирифт беҳҷат сафои харбуза»

шурӯъ мешавад. Возеҳ худ қайд мекунад, ки пеш аз ӯ касе махсус барои харбуза шеъре нагуфтааст:

Зи шоирони чаҳон аз ту пештар ҳаргиз,
Нагуфта шеър касе аз барои харбуза.

Пеш аз Возеҳ касе бахшида ба васфи харбуза шеъри алоҳида ба тафсиле гуфта буд, ё не ҳоло маълуми мо нагардид. Возеҳ дар ин қасида харбузаро ба ҳамаи сифатҳои ба худ хосаш васф намуда истода иброз медорад, ки ӯ барои харбуза харидан ҳам пул надорад:

Зи бепулӣ ба чаҳон ҳеч муфлисе ё раб,
Мабод монда чу ман дар балои харбуза.

Дар асоси шаҳодати фактҳои боло метавон гуфт, ки Возеҳ дар нимаи дуюми асри XIX бештар қасидаи мазмунан шиквоияро ривоҷу вусъат додаст.

Дигар дар қасидаи бо унвони «Дар наъти ҳазрат», ки он аз 38 байт иборат буда, дар вақтҳои дар сафар будани Возеҳ дар шаҳри Мадина дар баҳри «рамали мусаммани махбуни мусаббат» навишта шудааст, асосан ҳамду наъти пайғамбар ва дигар мафҳумҳои динӣ ифода гардидаанд.

Инчунин шоир дар қасидаи «Дар наъти ҳазрат» омехта ба кайфиятҳои навмедӣ ва тасаввуроти динии худ баъзан лаҳзаҳои ҳолати руҳияшро низ ошкор сохтааст, ки онро аз байтҳои поён пай бурдан мумкин аст:

Баста шуд роҳи умедам, бинмо раҳм ба ҳолам,
Шуд зи каф сабру шикебам, бикшо уқда зи корам.
Не маро илм, ки аз зулмати ҷаҳлам бираҳонад,
Не аламест, ки аз он хеш ба ҷое бирасонам…
Дастам аз кор бурун рафтаву корам шуда аз даст.
Бар сарам неҳ қадам аз лутф, ки аз пой фитодам.

Бо ин тариқ, аз назар гузаронидани қасидаҳои боло моро ба чунин мулоҳиза меоварад, ки Возеҳ ин шакли назмро, асосан, барои тасвир

намудани ҳасби ҳол, оҳангҳои шикоятӣ ва ғояҳои зидди замонии худ бо муваффақият истифода намудааст. Инунин ӯ кӯшиш кардааст, ки ба қасидаҳояш аз ҷиҳати мазмун навигарие низ дохил намояд. Ин кӯшиши вайро махсусан, дар қасидаи «Васфи харбуза» мушоҳида кардан мумкин аст. Қасидаҳои ба мадҳи ҳукмрони замон ва ба мавзӯи динӣ бахшидаи шоир чуноне ки дида мешавад, бо дарбар кардани баъзе мазмунҳои ҳаётӣ ва оҳангҳои шикоятӣ аз ин қабил қасидаҳои шоирони дарборӣ ва мутасаввиф ба куллӣ фарқ мекунанд.

Хулоса, қасидаҳои Возеҳ бо характер ва хусусиятҳои худ пеш аз ҳама барои барқарор намудани шарҳи ҳол, муайян кардани ҳолати рӯҳӣ ва чаҳонбинии шоир аҳамияти махсус доранд. Дуруст аст, ки дар ашъори лирикии шоир мо масъалаҳои худшиносии миллӣ ва худогоҳиии таърихиро ба дараҷаи равшану возеҳ мушоҳида намекунем, ва онҳо дар таркиби ғояҳои маорифпарварии шоир маҳлул шуда дар шакли омехта омадаанд. Аз ин сабаб метавон гуфт, ки онҳо то дараҷаи мавзӯъ ва масъалаҳои асосии осори шоир нарасидаанд. Онҳо танҳо аз ҳамон ғояҳои нави ифода намудаи шоирон ба назар мерасанду халос. Ҳатто дар баррасии ғояҳои нави маорифпарварӣ ва худшиносии миллӣ шоирони нимаи дуюми асри XIX ба дараҷаи шоирони ибтидои асри XX баробар шуда ҳам наметавонанд ва ин масъаларо онҳо кушоду равшан ва огоҳона хоса ифода низ накардаанд. Бинобар ҳамин он фикрҳоеро, ки мо дар ин фасл аз номи эшон баён намудем нисбӣ аст. Аксарияти қасидаҳои Возеҳ чуноне, ки дар боло мушоҳида карда шуд асосан мазмуни шикоятӣ доранд ва дар онҳо бештар ҳамин гуна оҳангу ишораҳо ба назар мерасад. Хизматҳои асосии Возеҳ аз он иборат аст, ки дар ҳамин гуна шароити тангу тор аз имконоти ин жанри деринаи адабиёти форсу тоҷик ба хубӣ истифода бурда тавонист ва онҳоро барои ифодаи марому мақсадҳои муайяни хеш, танқиди баъзе аз нобасомониҳои давр, фош намудани иллат ва нуқсонҳои ҷомеа мутобиқ намуд. Дар ин жанр низ мисли дигар шаклҳои шеърӣ руҳияти воқеънигорона ворид гардид, дар

ҷараёни адабӣ тозагие падид оварда ва ин ҳолат дар нимаи дуюми асри XIX аз ҷиҳатҳои муҳими эҷодиёти шоирони маорифпарвари тоҷик ба шумор мерафт.

Рубоӣ. Хусусияти рубоиёти Возеҳ пеш аз ҳама иборат аз он аст, ки баробари содда ва равон будан дар онҳо бештар тасвири ҳоли забун ва оҳангҳои шикоятӣ акс ёфтааст:

Афсӯс, ки дар ҷаҳон маро ёре нест,
Бисёр ғаму нишони ғамхоре нест,
Он колаи ноқисам ба бозори ҷаҳон,
К-аз беқадрӣ маро харидоре нест.

Хусусияти дигари рубоиёти Возеҳ дар онҳо ба монанди ғазалиёту фардиёти шоир ба хубӣ истеъмол гардидани як миқдор санъатҳои бадеист. Аз ҷумла, санъати бозгашт ва такрор хеле моҳирона кор фармуда шудааст:

Бозгашт:

Ин абр, ки дар саҳни чаман мегиряд,
Бар хандаи насрину суман мегиряд,
Не, не ки ба ғурбат аз ситамҳои фалак,
Бар ҳоли ғариби зори ман, мегиряд.

Возеҳ дар байти якуми ин рубоӣ фикреро баён карда истода, дар байти дуюми он якбора аз он фикри баён намудаи худ бармегардад. Инак, байти сонӣ нисбат ба байти аввал бозгашт ҳисоб меёбад.

Тарҷеъбанд. Ин намуди назм дар байни ашъори парокандаи Возеҳ хеле кам дучор меояд. Тарҷеъбанде, ки то мо омада расидааст, аз 5 банд иборат буда, ҳар як банди он аз 6 байт воқеъ шудааст. Ҳамаи бандҳо дар як вазн-рамали мусаддаси солим, вале дар қофияҳои гуногун мураттаб гардидаанд. Байти ҷудогонаи пас аз ҳар як банд такроршавандаи он, ки сари банд ном дорад, ба ҳамаи бандҳо ҳамвазн буда, аз ҷиҳати қофияю радифи махсус доштан фарқ мекунад. Дар тарҷеъбанди мазкур табиати зебои ватан, манзараҳои фасли навбаҳор хеле санъаткорона тасвир шудааст. Аммо, Возеҳ дар чунин фасли дилфиребу тарабнок ҳамоно аз

ҳоли ғамангези худ боз ҳам нолаву шикваҳо менамояд. Дар байти паз аз ҳар як банд такроршаванда, ки он алоқаи байни бандҳоро таъмин мекунад, санъати тарсеъ ба таври табиӣ истеъмол гардидааст:

Гулрухи ман сайри бӯстонат ғанимат,
Навраси ман фасли ёронат ғанимат.

Шоир дар ин байт, чуноне ки дида мешавад, суханҳои мутавозиро рӯ ба рӯи ҳамдигар гузошта, ба мувофиқати ҳисса ва ҳамоҳангии онҳо диққати махсус додаст, ки дар натиҷаи ин байт боз бештар латиф баромада ба тарҷеъбанди ӯ таровату ҳусни иловагие бахшидааст.

Мухаммас. Возеҳ дар мухаммасҳои тоҷикӣ ва ҳам ӯзбекии худ ба ҳамаи қоидаҳои мухаммасбандӣ пурра риоя мекунад. Ӯ аз ғазалҳои Ҳофиз, Навоӣ, Бедил, Соиб, Самим, Наҷиб, Нозим, Амир, Масеҳо ва дигарон беҳтарин ва хушоҳангтаринашро интихоб намуда, мухаммас бастааст. Мисраъҳои иловагии Возеҳ бо байтҳои соҳиби ғазал на танҳо аз ҷиҳати вазну қофия ё худ хусусиятҳои шаклӣ мутаносибият доранд, балки аз ҷиҳати мазмун ҳам байни ҳамдигар як умумияте доранд. Барои намуна байти аввали мухаммаси ба яке аз ғазалҳои Ҳофиз бастаи Возеҳро аз назар гузаронем:

Шуд баҳору лолаҳо бар тарфи кӯҳсорон хуш аст,
Доштани сӯҳбат ба васли чеҳра гулнорон хуш аст,
Чун гуҳар дар саҳфаи гул қатраи борон хуш аст,
Саҳни бӯстон завқбахшу сӯҳбати ёрон хуш аст,
Вақти гул хуш бод, к-аз вай вақти майхорон хуш аст.

Ҳамин хусусиятро дар мухаммасҳои ӯзбекии Возеҳ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Барои намуна ду банди мухаммаси ба ғазали Навоӣ гуфтаи шоирро меорем:

Яна ағёр қасдиға, ки лутфини беҳисоб айлаб,
Қаронғу байти-ул эҳзонимни офтоб айлаб,
Кулуб ӯйнаб боқиш бирла бағримни кабоб айлаб,
Тун,оқшом келди кулбам сори ул гулрух шитоб айлаб,
Хироми суръатидин гулюза қӯйдинг гулоб айлаб.

Манингдек бӯлмасун ёраб киши ишрат куни мундоқ,

Балову ранҷу ғам бирла муҳаббат туни мундоқ,
Биза Возеҳ чу мумкин васли йўқ ҳичрат туни мундоқ,
Ани ким айлагай васлин ўйи ишрат туни мундоқ,
Навоий дил ёнар то субҳи машҳар тарки хоб айлаб.

Возеҳ инчунин мухаммасе дорад, ки онро ба ғазали худ бастааст. Банди авали он ин аст:

Туи гул дар риёзи ҳусн сарви дилнишинастӣ,
Маҳо лаб муштарӣ, ғабғаб сиҳи, қад маҳҷабинастӣ,
Ҷафоҷӯ, барқ ҷавлон, шўълахў, сеҳрофаринастӣ,
Надидам чун ту шўхе, офати рўи заминастӣ,
Балои ҷони ошиқ, фитнаи дунёву династӣ.

Бо ин тариқ Возеҳ бо ду роҳ: 1) ба ғазалҳои дигарон 2) ба ғазалҳои худ ва ё дар намуди муқаррарӣ мухаммас гуфтааст. Дар ҳар ду маврид ҳам иқтидори комил доштани ӯ ҳувайдост.

Маснавӣ. Ягона маснавии Возеҳ, ки дар айни замон дастраси мо гардидааст, ин маснавии «Барфу ях» мебошад. Возеҳ онро дар вақти бозгашт аз сафари Ҳичоз, зимистони соли 1304 ҳ. / 1887 м. дар баҳри «ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф» - дар аснои тай намудани роҳи Кирмоншоҳ ва мавзеи Қум эҷод кардааст:

Зи Кирмоншоҳ то маъсумаи Қум,
Шуд ин манзума зинатбахши анҷум.

Маснавии мазкур аз 89 байт иборат буда, сюжети муайяне надорад, ба тасвири барфу ях бахшида шудааст. Санъаткории Возеҳ дар ин ҷост, ки ӯ бо услуби равон, бо калимаву ифодаҳои ҳамафаҳм ва ташбеҳҳои ҳаётӣ манзараи зимистонро бо хусусиятҳои ба худ хосаш дар пеши назари хонанда муҷассам кунонида тавонистааст:

Чунон ях баста аз тоби сармо,
Ки шуд фарши булурин саҳни габро.
Зи бас афзунии ях дар замона,
Шуда гетӣ яке оинахона.
Зимистон гўиё аз баҳри тазйин,
Ҷаҳонро баста аз оина оин.
Чунон ях шўша баст аз новадон хуб,
Ки шуд баста, наботи мисрӣ бар чўб.

Зи маҳрути бинои қуллаи кӯҳ,
Аён гардида қанди русӣ анбӯҳ.
Ба рӯи барф шаб акси маҳтоб,
Ту гуфтӣ мавҷа зад дарёи симоб.
Шуда ҳамвору софӣ он чунон дашт,
Ки мӯре аз ду фарсах дида мегашт…
Шуда аз боди сармо барф рах-рах,
Ки пиндори сафед обест аз ях…
Ба ғирболи фалак аз баҳри мардум,
Ҳаме безид аз барф орди анҷум.
Гар афтодӣ касе аз асп ё хар,
Фитодӣ гӯиё бар бистари пар.

Возеҳ дар эҷод намудани ташбеҳҳои тозаи зуддаркшаванда моҳир будани худро дар ин маснавӣ ҳам зоҳир намудааст. Дар порчаи боло чи навъе ки дида мешавад, шӯшабандиҳои яхро ба наботи мисрӣ, барфи шабона ба дарёи симоб, бориши барфро ба орди ғирбол нисбат додани Возеҳ аз ташбеҳҳои хос ва тозаэҷодкардаи ӯ буда, фикри болоро тасдиқ мекунад. Дигар ҷиҳате, ки ба назар мерасад, дар масанавии мазкур зуҳур ёфтани унсурҳои реалии воқеӣ аст.

Бо ин тариқ аз назар гузаронидани шеърҳои парокандаи шоир моро ба чунин хулоса меоварад, ки навъҳои назм дар қалами Возеҳ ҷилваҳои тоза ва хусусиятҳои ба худ хос қабул намудаанд. Қисми зиёд ва асосии ашъори Возеҳ мазмун ва мундариҷаи ғоявии анъанавӣ касб намудааст. Инчунин ҳоло дар ашъонри Возеҳ ғояҳои маорифпарварӣ низ мукаммалан дарҷ нагардидаанд. Гарчи як қатор масъалаҳои ҳаётӣ-иҷтимоӣ ва оҳангу мотивҳои шикоятӣ ва норизоӣ ва танқидӣ ба назар мерасанд, ин мавзӯъ ва оҳангҳо ба дараҷаи масъалаи асосии назми шоир нарасидаанд. Дар баробари ҳамин шеърҳои Возеҳ забон ва услуби содда, халқона дошта, бар хилофи услуби душворфаҳми бедилӣ ва мураккабнависиҳои шоирони дарборӣ гуфта шудаанд. Ин маънӣ аз ҷониби худи Возеҳ дар мухаммасаш низ эътироф карда шудааст:

Ба шеъри дилкашат Возеҳ зи аҳли табъ дар олам,
Бихӯрди мадҳу таҳсину сазои офаринастӣ.

Сафарномаи «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих ул- мамолик» - Возеҳ ва мушаххасоти ин асар. «Савонеҳ-ул-масолик» ҷамъбасти таассуротҳои сафари яксола, вале тӯлонии Возеҳ аст, ки ин асар соли 304 ҳичрӣ мутобиқи соли 1887 мелодӣ дар Бухоро иншо гаштааст. Аз асар то ба мо 8 нусхаи дастхатӣ омада расидааст, ки 4 нусхаи он дар ИШАФ Ӯзбекистон ва 4 нусхаи дигараш дар ИШАФ Тоҷикистон маҳфуз аст. Ин асар аз муқаддима ва қисми асосӣ иборат аст. Ин сафарнома дар асоси таассуроти сафари яксолаи Возеҳ навишта шудааст, ки хати сафари адиб чунин аст:



Дар муқаддима пас аз ҳамду наът, сабаби номгузории асар баён мегардад ва дар ин қисми асар ба Амир Абдулаҳад бахшида шудани он гуфта мешавад. Дар қисми асосии асар таъкид мегардад, ки адиб ҳар он чӣ паймудааст ва ҳар он чӣ дидааст ҳаққонӣ тасвир менамояд. Муаллиф дар аснои номбар кардани шаҳрҳои сафаркардааш ба масъалаҳои обёрӣ кардани замин, боғдорӣ, анвои паррандаву ҳайвоноти он, кону маъданҳои зеризаминӣ, иқлиму релефи он ҷойҳо, ободиву харобии

манзилҳо, бузургиву хурдии он, тасвири дарёву боғоти маҳалҳо маълумот медиҳад, ки хеле муфид аст. Масалан, Даҷла 32 равоқ дорад, зиёратгоҳи зиёди Боғдод мавҷуд аст ва ғайраҳо. Инчунин дар баъзе ҷойҳо оид ба этимологияи номигузории шаҳрҳо, номи дарёҳо, маҳалҳо низ суханҳои Возеҳ ҷолиби диққатанд. Ахбороти дар бораи ба кадом дину мазҳаб мутааллиқ будани аҳолии ин ё он шаҳр, бобати корвонсарою раставу бозорҳо, молҳои дар фурӯш буда ва асоси корҳои тиҷоратии онҳо, маълумот дар бораи муомилоти пулии ҳар як давлат додаи муаллиф арзиши ба худ хос доранд. Илова бар он Возеҳ дар ҷо-ҷои асараш дар бораи урфу одат, расму русми мардуми маҳаллӣ низ сухан меронад. Аз ҷумла, маросими дафни шахси амалдор ё олими номдор дар шаҳри Машҳад. Умуман, Возеҳ дар асараш дар бораи зиёда аз 50 шаҳру деҳот маълумот додааст. Возеҳ дар хати сафариаш дар вақти тасвири роҳ ба се масъалаи асосӣ; масофаи тайкардашуда, шарту шароит ва нақлиёти асосии ин роҳ ва тасвири ҳақиқати аҳволи роҳи тайкардашуда таваҷҷӯҳ менамояд.

Дар асар дар баробари тасвири шаҳру деҳот Возеҳ аз ду ҳикоят ва зиёда аз 132 байт шеър истифода мебарад, ки дар мавридҳои муайян корбаст шудаанд. Инчунин мулоқотҳои адиб бо шахсони фозили замон дар асар мунтазам ва бомаврид дода мешавад.

Сафарномаи «Савонеҳ-ул-масолик» аз ҷиҳати сохт, тарзи баён, услуб ва тасвири материалҳо ба «Сафарнома»-и Носири Хусрав ҳамоҳангӣ дорад. Аз ҷиҳати нишон додани об, зироат, дарахту боғот, кону маъдан, рельеф, дарё, иқлим ва ғайра асар аҳамияти муҳими географӣ дорад.

Асар характери таърихӣ низ дорад, ки он дар овардани маълумотҳои таърихӣ дар бораи пайдоиши шаҳру деҳот, иморат ва зиёратгоҳҳои калон намудор мегардад. Асар аҳамияти топономикӣ, этнографӣ, этимологӣ низ дорад, ки дар ин бобат маълумотҳои «Савонеҳ-ул-масолик» инчунин дар бобати омӯхтани биографияи худи

адиб низ аҳамияти махсусро молик аст. Асар барои омӯхтани вазъи забони тоҷикӣ дар нимаи дуюми асри XIX яке аз асарҳои пуразиши адабӣ ба шумор меравад. Аз ҷиҳати забон ва услуби баён асар содда ва равон буда, намунаи беҳтарини забони адабии тоҷик дар ин давр маҳсуб мешавад. Барои муаллифи «Савонеҳ–ул–масолик ва фаросих–ул–мамолик» масъалаҳои ҳаётиву навгониҳои техникӣ, муваффақият ва дастовардҳои олами фарҳангии мардуми хориҷа низ муҳим аст. Дар бораи мазмун ва сохтори ин асар ва муаллифи он рисолаи номзадии Т.Неъматзода маълумоти кофӣ медиҳад.[1] Инчунин дар тадқиқоти муҳаққиқи адабиёти нимаи дуюми асри XIX Р.Ҳодизода[2] дар бобати асари мавриди назар гуфтугузоре рафта, аммо дар ҳар ду тадқиқот бобати хусусиятҳои жанрии ин асар ва мушаххасоти он қазияҳои ҷиддӣ ба назар намерасанд.

Дар боло таъкид гардид, ки асари Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ «Савонеҳ–ул–масолик ва фаросих–ул–мамолик» ба жанри сафарнома хос аст ва дар байни осори боқимондаи Возеҳ мавқеи ҷудогона дорад. Агар Аҳмади Дониш ба жанри куҳану анъанавии адабиёт бори ғоявии навро ҳамл карда, онро ба ифодагари ғояҳои наву тараққипарварона ва маърифатпарварона табдил карда бошад, Возеҳ анъанаи сафарноманависиро дар адабиёти маорифпарварӣ устувор сохт. Сафари Возеҳ сафари ҳаҷҷӣ–зиёрати ҳарамоти шарифаи Макка ва Мадина буда, он аз саёҳати мамлакатҳои Шарқи мусулмонӣ иборат аст, ки ҳанӯз дар онҳо дараҷаи тараққиёт ва пешрафтҳову дастовардҳои ҳаётӣ чандон зиёд набуданд.

«Савонеҳ–ул–масолик» ҳамчун асари сафарномавӣ дорои арзиши калони таърихӣ, ҷуғрофӣ, фарҳангӣ, динӣ ва этнографию мардумшиносӣ аст. Тамоми маълумотҳое, ки дар асар оварда мешаванд, боварибахш ва эътимоднокланд ва аз талабот ва тақозои мушаххасоти жанрии

[1] Неъматзода Т. Возеҳ. – Душанбе: Ирфон, 1967. – Саҳ.- 83-111.

[2] Ҳодизода Р. Каримов У. Саъдиев С. Адабиёти тоҷик. Асрҳои ХУ1 – XIX ва ибтидои асри XX. – Душанбе: Маориф, 1988. – Саҳ.- 234-250

сафарнома берун меоянд. Сафарномаи Возеҳ рӯҳи замонавӣ дошта, тамоми воқеа ва ҳодисаҳои дидашуда ва мушоҳидагардидаи адиб тавассути афкори маорифпарварии ӯ тасвир мегардад. Возеҳ тавассути асари худ мардуми Бухороро бо лавҳаҳои ибратбахши ҳаёти ҳамтақдиру ҳамқисмат ва ҳаммазҳаби мардуми Шарқ ошно сохтан аст. Аз ҳамин мавқеъ, бо тафовут аз сафарномаҳои Аҳмади Дониш ва Мирзо Сироҷ, ки дар онҳо ҷанбаи субъективии тасвир пурқувват асту баъзан руҳи публитсистии шадид дида мешавад, дар сафарномаи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ баръакси ин ҳол гузориши бетарафонаи воқеияти ҳаёт, объективии ҳуҷҷатҳои сафарӣ, қайди холисонаи ҳақиқати ҳол, тасвири бевоситаи дидаву шунидаҳо ҷиҳати муҳим аст. Зулфия Юнусзода зимни муайян кардани хусусиятҳои жанрии сафарномаи Возеҳ аз ҳамин ҷиҳат онро ба сафарномаи Носири Хисрав мушобеҳ донистааст, ки қобили қабул аст.[1] Аз лиҳози мазмун ва мундариҷаи ғоявӣ ҳикоятҳои сафарии Аҳмади Дониш сафарномаи сирф маорифпарварист ва рӯҳи замонавии он хеле қавист. Ин ҳол дар сафарномаи Возеҳ як нав омезиш ёфтааст. «Савонеҳ–ул–масолик»–ро шакли омехтаи сафарномаи ҳуҷҷатӣ–анъанавӣ ва маорифпарварӣ гуфтан мумкин аст. Тафовути мазмунии байни сафарномаи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва маорифпарварони дигарро муносибати ба воқеият доштаи эҷодкор ташкил менамояд. Дар тасвири воқеот Возеҳ муносибати холисона, тамоюли бетарафиро пеш гирифтаааст. Возеҳ тасвири объективии воқеияти зиндагии мардуми кишвари дар хати сафараш бударо ҳамчун усули хоси сафарноманигорӣ интихоб менамояд. Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ низ дар асари худ чун нависандаи вуқӯъгӯ амал мекунад. Ба мулоҳиза гирифта мешавад, ки ба қавли дурусти муҳаққиқи ҷавон З.Юнусзода «...майлу рағбати Возеҳ ба ҳақиқатнигорӣ аз нуқтаи назари холисона ифода кардани воқеият аст.

[1] Юнусзода З. Баъзе хусусиятҳои жанрии «Савонеҳ–ул–масолик»–и Возеҳ. //Филологик изланишлар (Илмий мақолалар тўплами). – Самарқанд: СамДУ, 2003. – Саҳ.- 58 .

Мақсади адиб ҳуҷҷатнигорӣ, воқеанависӣ, айнан ва бетағйир ба қалам овардани чигунагии чизу ҳодисаҳои мушоҳида кардааш мебошад».[1]

Сафарномаи Возеҳ низ ҷанбаи пурқуввати реалистӣ–воқеъногорӣ дорад. Ба ғайр аз ин асари ӯ ҷанбаи мустанадӣ–илмӣ дошта, фақат ба маълумотдиҳӣ, ҳуҷҷатнигорӣ ва воқеанависӣ асос ёфтааст. Аз ин рӯ дар сафарномаи Возеҳ таҳлили қиёсии воқеаҳо, ки ба сафарномаҳои адибони дигари аҳди маорифпарварӣ–таҷаддудхоҳӣ хос аст, комилан дида намешавад. Дар асар баъзе муҳокимаҳои илмӣ–фалсафии адиб ва инчунин назари сиёсии муаллиф таҷассум ёфтаанд, ки арзиши иҷтимоии асарро меафзоянд. Асар аз лиҳози услуб ва забон низ хеле содда ва ҳамафаҳм аст. Дар сафарномаи Возеҳ системаи муайяни афкори сиёсӣ–иҷтимоӣ ва тараққипарваронаи адиб бо услуби ба худ хос баён гардидааст. Умуман, сафарномаи Возеҳ низ дар талқини ғояҳои нав, ташаккули афкори мардум, бедории фикрии онҳо ва инкишофи афкори тараққихоҳонаи мардуми маҳаллӣ, пайдоиши равияи тоза дар ҷараёни адабӣ, шаклгирии насри бадеиву ҳуҷҷатӣ дар адабиёти тоҷик, инкишоф ва вусъати мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии осори бадеӣ дар адабиёт мавқеи сазовор дорад.

Савол ва супоришот:

1. Дараҷаи тадқиқи аҳвол ва осори адабии Возеҳ.
2. Манбаъҳои асосии тадқиқ ва омӯзиши ҳаёту фаъолияти ин адиб.
3. Тазкираи Возеҳ ва аҳамияти илмӣ-таърихии он дар адабиёти ин давра.
4. Сафарнома ва анъанаи сафарноманависӣ дар осори адиб.
5. Мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва инъикоси ҳаёти рӯзмарраи мардум дар осори адиб.
6. Асари атъимавии Возеҳ ва қиммату арзиши он.

[1] Ҳамин манбаъ. Саҳ.- 60.

7. Мавзӯи танқиди иллатҳои замон дар ашъори лирикии Возеҳ.
8. Мавқеи жанри қасида дар осори адиб.

Абдулқодирхоҷаи Савдо ва рӯзгору осори ӯ.

Нуктаҳои асосӣ:

1. *Абдулқодирхоҷаи Савдо ва адабиёти маорифпарварии тоҷик.*
2. *Рӯзгор ва осори Савдо.*
3. *Дараҷаи омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Абдулқодирхоҷаи Савдо.*
4. *Осори манзум ва мансури Савдо ва мазмуну мундариҷаи ғоявии онҳо.*
5. *Ҳаҷв ва анъанаи ҳаҷвнигорӣ дар эҷодиёти Савдо.*

Абдулқодирхоҷаи Савдо яке аз вакилони намоёни адабиёти нимаи дуюми асри XIX маҳсуб мешавад. Вай ҳамчун шоиру ҳаҷвнигор дар ҳаёти мадании нимаи дуюми асри XIX шинохта шудааст. Ӯ тақрибан солҳои 1823-1824 дар Бухоро таваллуд шудааст. Дар сарчашмаҳои илмию адабӣ, аз ҷумла дар тазкираи Қори Раҳматуллоҳи Возеҳ «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» дар бораи ӯ чунин маълумот дода шудааст. «Савдо-исми сомияш Абдулқодирхоҷа Ӯроқ. Падараш, яъне насаби шарифаш Мавлоно Шариф–аз уламою фузалои давр аст. Вай дар соири саноеъ, таҳсили улуми мутадовила[1] ва фунуни ҷузъия эҳтимоми комил ба кор бурдааст. Хусусан, дар фанни мусиқа ва адвор (ишораҳои махсус барои навиштани мусиқӣ, оҳанг) ва наққошӣ ва заргарӣ ва тарроҳӣ[2] ҳунари баланд дорад. Дар илми нуҷум ва рамл низ маҳорати хосе дошта, дар ахлоқу одоб низ ҳисоли ҳамида зоҳир намуда… Дар баъзе мақом чун

[1] Мутадовила – маъмул.
[2] Тарроҳ – тарҳкашӣ, нақшкашӣ.

абёти муфлисона гуфта, «Бепул» тахаллус мекунад». Дар асоси маълумоти ҳамин тазкира гуфта метавон, ки ӯ аз оилаи шахсони мӯътабару фозили давр будааст. Вай тахминан дар 22-23 солагӣ таҳсили мадрасаро ба охир расонида, илмҳои расмии замонашро аз бар мекунад, дар илмҳои маъмули замон ва баъзе санъатҳои нафиса (нақшкашӣ, тарҳгузорӣ, заргарӣ, мусиқа) низ ҳунарҳои хосе дошт. Мувофиқи маълумоти тазкираи Ҳашмат ва Садри Зиё вай дар хаттотӣ низ комилан аз пешқадамони замони худ будааст. Дар мусиқа ва навохтани асбобҳои мусиқӣ (хусусан танбӯр) низ маҳорати том доштани ӯ нақл карда мешавад. Ва бешубҳа, барои мо маҳорату истеъдоди фитрии ӯ дар касби шоирӣ эътибор дорад. Вай дар ашъори лирикиаш «Савдо» ва дар шеърҳои ҳаҷвомезу шӯхиомезаш «Бепул» тахаллус дошт. Мувофиқи баъзе–маълумотҳо чанд муддат дар хидмати дарбор будани Савдо низ маълум мегардад. Бахусус, дар вақти ҳукмронии Амир Насрулло (1826-1860) ва дар вақти аморати амир Музаффар (1880-1885) дар дарбори амирӣ дар хидмат будани ӯ маълум аст. Эътироф мегардад, ки ашъори «шӯхиомез»-и Савдо дар ҳамин давра офарида шудаанд ва ин тарзу салиқаи шеъргӯӣ мувофиқи табъи амири давр буд. Гарчи дар дарбор бошад ҳам, зиндагии Савдо ба осонӣ ва якмаром нагузаштааст. Ашъори Савдо ҳамчун девон ё маҷмӯаи ашъор ҷамъ карда нашуда буд. Аз рӯи қисми боқимондаи осори назмии Савдо гуфтан мумкин аст, ки мероси манзуми ӯ аз ғазалиёт, қасидот, мухаммас ва рубоӣ иборат аст ва аксари онҳо дар дафтарҳои баёзу, тазкираҳои адибони ҳамзамонаш ҷой доранд. Солҳои 60-ум як маҷмӯаи ашъори манзуми Савдо дастрас гардидааст, ки таҳти рақами 279 дар Ганҷинаи дастнависҳои Институти Шарқшиносии АФ Ӯзбекистон бо номи «Баёзи Савдо» нигоҳдорӣ мешавад. Аз мероси адабии Савдо якчанд ҳикоёти ҳаҷвӣ низ боқӣ мондааст, ки бо номи «Музҳакот» машҳур аст. Соли 1958 нашриёти давлатии Тоҷикистон мунтахаботи Савдоро дар асоси ҷустуҷӯйҳои Гулсум Галимова дар таҳти

назари Абдулғанӣ Мирзоев аз нашр баровардааст. Дар таҳқиқ ва муайян намудани аҳвол ва осори ин адиб хизматҳои Холиқ Мирзозода ва Расулхон Ҳодизодаро алоҳида таъкид намудан мувофиқи мақсад аст. Холиқ Мирзозода дар бораи рӯзгор ва осори ин адиб дар китоби худ «Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX» ва Расулхон Ҳодизода дар китоби «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX» маълумот дода гузаштанд. Дар хусуси тарҷумаи ҳол ва мухтасари мероси адабии Абдулқодирхоҷаи Савдо дар ЭАСТ ҷилди саввум, моддаи Савдо (Саҳ. – 79) маълумот пайдо намудан мумкин аст. Инчунин дар бораи рӯзгору баъзе хусусиятҳои ашъори ӯ Ҷ.Азизқулов дар брашураи хурдакаки худ «Абдулқодирхоҷаи Савдо»[1] фикру мулоҳизоти хешро баён намудааст.

Лирикаи Савдо. Ашъори лирикии Савдоро метавон гуфт, ки аз мавзӯъҳои пешқадами маорифпарварӣ холӣ аст. Зеро дар замони зиндагиву фаъолияти эҷодии Савдо ҷунбишҳои фикрии сиёсӣ иҷтимоӣ ҳанӯз интишор наёфта буд. Лирикаи Савдо дорои мундариҷаву шакли муайяни системавӣ буда дар он такомулу мутаносибияти муайяни мазмуниву шаклиро дидан мумкин аст. Мероси лиркии Савдоро ба ду қисм: лирикаи ишқӣ ва ашъори ҳаҷвию мутоибавӣ метавон қисмат кард. Оғози давраи эҷодии шоир аз анъанаи офаридани ашъори бедилона ва пайравӣ ба сабки бедилӣ рост меояд. Аз ин рӯ як қисми ашъори ӯ дар зери таъсири ашъори Бедил ва пайравони ӯ гуфта шудааст. Инчунин ғазалҳоеро дар ашъори шоир дучор меоем, ки дар пайравии Ҳофиз гуфта шуда, мазмунҳои тасаввуфона ва сӯфиёна доранд ва онҳо аз ҷиҳати шумора кам ҳам нестанд.

Савдо дар ғазалҳои тақлидии худ афкори ахлоқӣ ва фикрҳои танқидии худро низ баён мекунад. Аз ҷумла:

Ғайри ранҷурон зи кас аҳволи ранҷурон мапурс,
Захм донад чист ҳоли ҷисми лоғар теғро,

[1] Ҷ.Азизқулов Абдулқодирхоҷаи Савдо. – Сталинобод: Нашр.Дав.Тоҷ., 1960.– 12 с.

Донишат гар ҳаст асбоби тамаллуқ[1] гӯ, мабош,
Зевараш лозим набошад, ҳаст гавҳар теғро.
Аз мувосиҳои[2] софитинатон эмин мабош,
Фитнаҳо дар табъи ҳамвор аст музмар[33] теғро.
Фитна чӯёни замонро тарбият кардан хатост,
Чарх аз моҳи нав охир хӯрд бар сар теғро…

Дар баъзе ғазалу абёти шоир мазмунҳои танқидиву шикоятиро низ мушоҳида карда метавонем, ки бевосита натиҷаи таассуротҳои худи шоир ва маҳсули мушоҳидаҳои шоиранд. Тасвири шароити вазнини давру замон ва ҷамъият низ яке аз паҳлуҳои муҳими ғазалиёти шоир мебошанд.

Дар баъзе ғазалҳои шоир аз пайравию тақлиди мазмунҳои тасаввуфии адабиёти мумтоз берун рафтани Савдоро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин шеърҳо Савдо бар муқобили таассуботи динӣ ва ҷаҳолату нодонӣ баромада назари некбинонае зоҳир мекунад.

Аз ҷумла;

Зоҳид, чӣ диҳӣ маро ту пандо?
Чун панди ту нест судмандо,
Ман нӯш гирифтам аз лабонаш,
Дигар чӣ куни ҳадиси қандо?
Ишқидани мо на ихтиёрист,
Моро накуннед ришхандо.
Тарзи дигаре биёр, Савдо,
Чун тарзи туро намехарандо.

Дар ғазалиёти ишқӣ Савдо ишқи заминии инсониро тараннум менамояд. Шахси ошиқ дар ғазалиёти ӯ ҳамоно чун шахси лоқайду шӯх намудор мегардад…

Дил гум шуда ман ба пеши раммол,
Рафтам, ки «барои ман бизан фол».
Оҳид, ки «ин матоъ бурдаст,
Маҳбубаки шӯхи хурдакаксол»

---

[1] Тамаллуқ - лаганбардорӣ, чоплусӣ, хушомадгӯӣ.
[2] Мувосӣ - муросо, мадоро, созиш кардан.
[3] Музмар – дар замир буда, дар дил буда,(мағ.)- махфӣ,пӯшида.

Як зарра вафо бурун наомад,
Хоки ҳама бехтам ба ғирбол
Саҳл аст, ки дар ҷафо басабрам,
Хосияти сабр аст исҳол.
Эй ҷони балокашида меоҳ.
В-эй қалби ситамрасида менол!
Акнун ту ба дасти ишқи ӯӣ,
Монандаи мурда пеши ғассол.
Пас дар ҳама умри худ надидам,
Ороми тану фароғати бол.
Хубон чу ба мо баилтифотанд,
Моро чӣ зарурат аст ин ҳол?
Савдо сари ишқбозият ҳаст,
Аввал ба каф ор маблағу мол.

Дар ғазалҳои Савдо тасвири зебоӣ вобаста ба ҳаёти воқеӣ набуда, дар ин поя шоир аз ташбеҳу истиороти классикӣ-романтикӣ истифода мебарад. Шоир аз лиҳози тарзи тасвир, счабку салиқаи ба худ хос, бо образнокии калом, корбасти мақолҳову таркиботи нав ва калимаҳои халқӣ дар ҷодаи эҷод қадами ҷиддие ба пеш гузошта тавонист. Дар ашъори лирикии шоир тасвири зебоӣ, ҳолату рӯҳияи ошиқу маъшуқ, ишқи инсонӣ, ҳаҷру фироқи ёр мавқеи муҳим дошта бошанд ҳам, аммо оҳангҳои танқидӣ, даъвату хитобаҳо ва мазмуну ғояҳои иҷтимоӣ ба назар намерасанд. Баъзе оҳангҳои шиквоӣ ва яъсу ноумедӣ низ дар ашъори лирикии шоир аз мавзӯи марказӣ набуданд.

Ҳаҷв ва мутоиботи Абдулқодирхоҷаи Савдо. Осори манзуму мансури ҳаҷвӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик тарзи эҷоди наве набуда, балки то давраи фаъолияти эҷодии Савдо ҳамчун анъана идома ёфтааст. Аммо таъкид бамаврид аст, ки дар таърихи адабиёт танҳо ба қисме аз эҷодкорони ҳаҷвнигор муяссар гардидааст, то ки дар ин поя мақому манзалати хосеро доро гарданд. Аз ҷумла, Убайди Зоконӣ, Мушфиқӣ ва нафарони дигар. Метавон яке аз вакилони адабиёти маорифпарварӣ Абдулқодирхоҷаи Савдоро дар ҳамин радиф зикр кард.

Дар мероси манзуму мансури Савдо ҳаҷву мутоибот мавқеи махсус дорад. Аслан ба ҳамин маънӣ, ҳунари ҳаҷвнигроӣ ва осори ҳаҷвиаш Савдоро дар қатори адибони маорифарвар гузоштан мумкин аст Ҳаҷву зарофат, оҳангҳои лутфнок дар ашъори шоир бамавриду бамавқеъ корбаст мегарданд. Ҳатто дар ашъори шоир гоҳо байтҳои ҷудогонаи бозарофату болутфро дучор омадан мумкин аст, ки тарзи ба худ хоси эҷодиёти шоир аст. Бо ин тарз шоир оҳангу руҳи ашъори лирикиашро шӯхтару ҷаззобтар, хонотару ширинтар менамояд.

Аксаран Савдо дар ашъори ҳаҷвии худ «Бепул» тахаллус кардааст. Осори манзуму мансури ҳаҷвии адибро аз рӯи хусусияту моҳияташон ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст: 1). Ашъори ҳазломез ва мутоиботие, ки ба тарзи шӯхӣ ва зарофат навишта шудаанд: 2). Шеърҳое, ки ба равияи ашъори Абӯ Исҳоқи Атъима иншо гардидааст: 3). Ҳаҷвияҳое, ки дар он нуқсону иллатҳои иҷтимоии замони адиб мазаммат гардидаанд.

Аз осори боқимондаи Савдо маълум мегардад, ки як қатор ғазалиёт ва манзумоти дар мавзӯъҳои лирикӣ навишташудаи ӯ низ бо зарофату мутоиботи ширин ва ҳазломезу базлагӯӣ омезиш ёфтаанд. Дар ин гуна ашъор Савдо барои тасвири ҳолати руҳии қаҳрамони лирикиаш, инчунин дар корбасти таркиботу ибораҳои халқӣ аз анъанаҳои адабиёти классикии форсу тоҷик қадаме ба берун мегузорад. Вай ба ҷои санъатҳои бадеии анъанавӣ аз ибораву калимаҳо ва зарбулмасалу мақолҳои халқӣ бамавқеъ истифода мебарад. Симои ошиқ, ки қаҳрамони лирикии шоир аст, дар ин поя нағз тасаввур карда мешавад. Вай ошиқест зудбовару соддалавҳ, гарчи ҳаҷру фироқи ёр барои ошиқ гарону азиятовар аст, ошиқи ашъори Савдо ин дардро ба осониву хушнудӣ паси сар мекунад. Руҳи шӯхи ӯ аз таънаву танбеҳҳои ҳазломез ва зарофатҳои ширин ҳеҷ гоҳ намекоҳад. Чунин ашъори лирикӣ дар назми он замон ва пеш аз Савдо ба мушоҳида намерасад. Ин ҷиҳат низ яке аз роҳҳои эҷодиест, ки Савдо

онро ваъз кардааст. Бо ин тарз Савдо мазмуни ашъори лирикиро ба ҳаёти мардум наздик кардан хостааст ва ҷанбаи халқии ашъори лирикии ӯро ин ҷиҳат таъмин намудааст. Эҳсоси ишқу ошиқӣ на ба маҷозу киноя̆ҳои вобастаи «олами рӯҳонӣ», балки ба воситаҳои бадеии «олами ҷисмонӣ-моддӣ» тасвир гардидааст. Ин навъ тарзи тасвири ишқу ошиқӣ дертар дар осори Шамсиддин Шоҳин ва Ҳайрат низ идома дода шуд. Дар асл услуби мазкур дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX ба ҳукми анъана даромада буд.

Қисми дигари ҳазлиёту мутоиботи осори Савдо ашъори атъимаи ӯ мебошанд. Инҳо ҳамон ғазалҳоеанд, ки шоир дар васфи таомҳои гуногун гуфтааст ё̈ худ дар тарзи тасвир ба ҷои образҳои анъанавӣ аз истилоҳоти соҳаи таому таомпазӣ (кулинария) истифода намудааст. Ин навъ ашъори шоир дар пайравии Абӯ Исҳоқи Атъимаи Шерозӣ гуфта шудаанд.

Ашъори атъимаи Савдо вобаста бо табъу завқи аҳли дарбор ва амалдорони дарборӣ, ки дар маҳфилҳо хонда шудани онро меписандиданд ва нисбат ба хӯришҳои гуногун таъмаву ҳирси ғайриодамӣ зоҳир мекарданду ин гуна ашъор ҷоизи таҳсину таърифҳо мегардиданд, таълиф карда шудааст. Дар ашъори атъимаи Савдо, ки дар қолибҳои муқаррарӣ ва жанрҳои маъмули адабиёти мумтоз буданд ва бештар дар шакли ғазалу маснавӣ иншо гардидаанд, эҳсоси тарзи нави эҷодиро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин навъ ашъор дар муқобили лирикаи анъанавӣ ғизову хӯрокҳо мавриди тасвир қарор гирифтаанд. Қаҳрамони лирикии шоир дар ин қабил шеърҳо дар сурати ошиқу шайдои навъҳои гуногуни хурокворӣ ба тасвир омадааст. Аз ҷумла:

Дар раҳи шикам ҷомаю ҷонро гиравидем,
Ал-миннату лиллоҳ, охир палавидем,
Ҳарчанд дар ин кӯча тапидему давидем,
То чашм сӯи каллаю гипо бикушудем.

Баъзан афкори адабию эстетикии Савдо низ дар ин навъи ашъор ифода мегардад.

Зи ҷӯши чойҷӯшам ин нидо дар гӯш меояд,
Ки чои талх равшан мекунад табъи сухандонро.
Қадам то аз адам дар арсаи эҷод бинҳодем,
Ба уммеди тамошои рухи нон чашм бикшодем.

Дар байтҳои фавқуззикр маҳорати эҷодӣ ва табъи суханварии худро Савдо ба «чои талх» ва «тамошои рухи нон» вобаста медонад. Ба тарзи дигар гӯем Савдо сарчашмаи илҳоми худро аз лаззати таомҳои гуногун медонад. Дар байти дуввум шоир ишорат ба ҳолати муздуру ночори хеш низ кардааст. Ин ишоратест, ки аз назари шоир мардуми эҷодкор дар замони ӯ сахт ночор буда, баҳри ризқу рӯзӣ саъй ва ҳаракат дошт. Санъати ташбеҳ низ дар як байти атъима бомаҳорат корбаст гардидааст.

Нишолло,-Лайлии соҳибҷамолу банда Маҷнунам,
Мураббо,-дилбари Ширинхисолу банда Фарҳодам.

Аз назари аввал шеър аз лиҳози шаклу шамоил зебо тобад ҳам, аммо он аз лиҳози таносуби калом, мазмуни умумӣ, ғоявият, маънои мантиқӣ нуқсҳо дорад. Ба як сухан ин гунна шеърҳоро дар радифи шеърҳои лоуболонаи шоир зикр намудан мувофиқи матлаб аст. Дар ин навъ ашъор такаллуф ва суханбозӣ аз ҳар чизи дигар болотар аст. Дар шеъри зерин ҳолати дигареро мушоҳида намудан мумкин аст.

Он ки ранге дораду бӯи хуше дорад, гул аст,
В-он ки ӯ аз шавқи гул дар боғ нолад, булбул аст.
Он ки бораш мегузориву савораш мешавӣ,
Ӯ хар асту он чи бар пушташ биандозӣ, ҷул аст.
Пораи ноне ба пеши қонеон қурси маҳ аст,
Косаи обе ба чашми ташнагон ҷоми мул аст.
Он ки дорад кафш дар по, ҷома бар дӯш, зар ба ҷайб,
Гарчи беақл аст, мегӯянд,ӯ ақли кул аст.
Хоҳ қонеъ бош дар дунёи дун, хоҳи ҳарис,
Нафсро то вақти мурдан бар сари нон ғулғул аст.
Бонги ҷуғзе бар сарои мо навои барбат аст.
Лиқ-лиқи деге ба базми мо садои қул-ғул аст.
Он ки дар нафрин таҳаммул мекунад, ҳинду бувад,

В-он кӣ аз тезӣ ба хашм ояд, зи аҳли Кобул аст.
Он кӣ дар нафрин таҳаммул мекунад, ҳинду бувад,
В-он кӣ бӯе медиҳад аз зулфи хубон, сунбул аст.
Гарчи пулдорист дар олам маноти эътибор,
Ғам махӯр аз бепулӣ, Бепул, ки дарё бепул аст.

Ин ҷо ҳамон киноя ва рамзу ишоратест, ки онро дар бисьёр ҷойҳои «Наводир-ул-вақоеъ» ва махсусан, дар «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Шоҳин ба тарзи комиле дидан мумкин аст. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар усули ифодаи киноявӣ-хаҷвӣ дар адабиёти он давр ҳам дар назм ва ҳам дар наср қадамҳои аввалинро Савдо гузошта буд. Ин ба тарзест, ки танқид бо ҳаҷв омезиш ёфтааст. Ба назар чунин мерасад, ки Савдо ва қаҳрамони лирикии ӯ руҳияти истеҳзоомез дорад. Рамзу киноя ҳаҷвӣ ин рамзу киноя оддии муқаррарӣ нест ва лоуболии қаҳрамони лирикӣ аз гуфтаҳои ӯ ба назар равшан намудоранд.

Агар хонанда дақиқтар назар афканад, дарк менамояд, ки дар ин навъ ашъор кӯшишоти Савдо дар дарёфти тарзи нави эҷодӣ ба зиндагӣ ва ба ҳаёт наздик сохтани мазмуни осори бадеист ва ин чиз яке аз талабҳои асосии адабиёти маорифпарварӣ буд. Аммо ин навъи эҷоди бадеиро ба маънии том реалистӣ номидан хатост. Бо вуҷуди он дар ин поя кӯшишоти шоирро навҷуии эҷодӣ ва майли ба зиндагӣ вобаста кардани шеър маънидод кардан мумкин аст. Дар баъзе ашъори шиквоию шарҳиҳолиаш, ки нимҷиддиву нимшӯхӣ гуфта шудаанд тахайюли бадеӣ сусттар буда, ҷанбаи воқеънигорӣ ва халқонаи онҳо пурқувваттар аст. Дар онҳо аз такаллуфоту суханпардозиҳо даст кашидани шоир равшан намудор аст.

Тахмин карда мешавад, ки Савдо аксари шеърҳои «атъимаи» худро бо супориши амир ё барои дилхушии атрофиёни ӯ навиштааст. Илова бар ин дар эҷодиёти Возеҳ ҳам мавқеъ пайдо кардани ин навъ ашъор шояд аз он ҷиҳат бошад, ки дар асрҳои XVIII-XIX равиши хурде дар ин қолаб навиштани шеър ба расмият даромада будааст.

Дар ашъори атъимаи Савдо низ баъзе аз хислату хӯи бади амиру дарбориёни амалдор, ки бо пурхӯриву нафси бад нафратовар буданд, бо зарофату киноя̆ҳои пӯшида бо истеҳзову ханда мазаммат карда мешаванд. Аз ҷумла:

Ҳарифонанд дар бозори имкон,
Ки хӯрдан дӯст медоранд зи ҷон.
Зи ҷинси хӯрданӣ чизе биёбанд,
Ба рағбат мехӯранд, илло пушаймон.
Ғаму савганд пеши пову ҳасрат,
Лагад бо чӯбу нафрини фаровон.
Ҳар он чизе ки саг ҳаргиз нахӯрдӣ,
Агар бигзоштандӣ, дар сари хон.
Шикамхорон ба ҳар давре бихӯранд,
На чандону на чандону на чандон.

Дар ин гуна осори ҳаҷвӣ мазаммати ҳирсу таъмакорӣ нисбати молу сарвати дунё, судхӯриву муфтхӯрӣ, танпарварӣ, танбаливу ҳақи касхӯрӣ дида мешавад, ки боиси бадбахтии асосии ҷамъият буд. Пулпарастӣ ва мазаммати нодонӣ дар байти зер чунин ифшо мешавад.

Гарчи пулдорист дар олам маноти эътибор,
Ғам махӯр аз бепулӣ, Бепул, ки дарё бепул аст.

Дар ашъоре, ки дар онҳо Савдо бо ҳазлу шӯхӣ муфлисӣ, бебизоатӣ, фақириву камбағалӣ ва бенавоии муҳити фақиронаи замонашро тасвир мекунад, вазъи эҳтиёҷмандиву тоқатфарсои зиндагии аҳли илму адаб нишон дода мешавад.

Гоҳо дар ашъори шоир аҳволи вазнини ситамдидагону бенавоён ва ҳирси ваҳшиёнаи табақаи ҳукмрон воқеънигорона ва сахт мазаммат карда мешавад. Дар ҳамин гуна мавридҳо дар раванди ашъори маорифпарварӣ мавқеъ пайдо намудани унсурҳои реалистии тасвирро мушоҳида кардан мумкин аст. Таваҷҷӯҳ намоед ба ин мухаммаси шоир:

Эй даҳр тарабгоҳи хаёли ману моят,
Авҳоми бисоти тараб афтад ба сароят.
Тӯли амал андохта занҷир ба поят,
Афганда туро ҳирси ту дар чоҳу балоят,

З-ин домгаҳ осон накунад, харҷи рибоят.

Ҳарчанд муҳити дару дар зар шуда бошӣ,
Бо рутбау ҷоҳ аз ҳама бартар шуда бошӣ.
Бошад, ки ба оина баробар шуда бошӣ,
Чун сурати худро нигарӣ, хар шуда бошӣ,
Расвоӣ, сихи хила бинӣ зи қафоят…

Дар ҳамин маврид таъкид намудан мумкин аст, ки рамзу киноя ва ҷанбаи маҷозии ҳаҷвиёти Савдо яке аз хусусиятҳои муҳимтарин ва воситаи муҳими арзи ақидаҳои танқидии шоир дар ҳаҷвиёт ва ҳазлиёти ӯ ба шумор мераванд.

Дар офаридани ҳаҷвиёт ва осори мутоибавӣ Савдо роҳу тариқи ба худ хосеро бунёд намуд. Ҳатто дар услуби Бедил эҷод карда, ба ғазалиёти ӯ нақизаҳо ҳам офаридааст. Рамзу киноя воситаи асосии ҳаҷвиёту ҳазлиёти шоиранд. Дар бораи муносибати Савдо ба ашъори Бедил ва пайравони ӯ Расулхон Ҳодизода ақидаи дурусту асоснокеро пешниҳод кардааст, ки дар поён меорем. «Дар сабку услуб чунин тақлидҳои ҳазломез (пародияҳои)-и Савдоро танқид ё мазаммати сабку услуби Бедил донистан хатост. Зеро Савдо ҳам дар мазмун ва ҳам дар шакл моҳияти эҷодиёти Бедилро хуб мефаҳмид ва мо дидем, ки дар роҳи пайравии роҳу равиши назми ӯ аз шоирони комилтарини замонаш буд.

Аз он чи то ҳол ба мо маълум аст, Савдо ба як ё ду ғазали Бедил тақлиди ҳазломез дорад. Яке аз онҳо ба ғазали: машҳури аввали девонҳои Бедил, ки матлааш ин аст:

Ба авҷи кибриё к-аз паҳлӯи аҷз аст роҳ, он ҷо,

Сари мӯе гар он ҷо хам шавӣ бишкан кулоҳ, он ҷо.

навишта шудааст:

Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо,
Сари мӯ харҷ афзунтар кунӣ, бишкан кулоҳ он ҷо.
Адабгоҳи хасосат харҷи беҷо барнамедорад,
Чу ҳамён сар ба мӯҳри танга меболад нигоҳ он ҷо.

Зи тарзи машраби имсок сайри бенавоӣ кун,
Ки бебокона натавон харҷ кардан пари коҳ он ҷо.
Кунам қарзе ба афсуни дили бемуддао, Бепул,
Аз он мумсик, ки гар мункир шавам, набвад гуноҳ он ҷо.

Хоҷати исбот кардан нест, ки Савдо дар ин шеър ба чӣ зарофат ва оҳанги шуху ҳазломез ба ғазали Бедил ба маҳорати том тақлид кардааст. Аммо ин тақлиди маҳз набуда, балки бо мазмуни ҳазлиёт ва ҳаҷвиёти Савдо сахт марбут буд»[1].

Қисми дигари ҳаҷвиёту ҳазлиёти Савдо шеърҳои ҳаҷвӣ ва танқидест, ки оҳанги иҷтимоӣ дорад. Ба ин қисмат осори мансури шоир низ дохил мегардад, ки аз ҳикоятҳои хурд - хурд иборат буда, онҳоро **«Музҳикот»** низ меноманд. Хусусан, танқиди таассуб ва одатҳои ҷаҳолатпарастонаи арбобони риёкори динӣ дар «Музҳикот» равшантар инъикос карда мешавад. Аз ҷумла, дар бобе, ки бо унвони «Достони Биби панирӣ Кайвонӣ ва Она Моҷони Ходим» омадааст, хурофоту ҷаҳолат ва таассуботи динӣ, ки байни занон буд, ҳаҷв карда мешавад. Ногуфта намонад, ки дар аксарияти тадқиқотҳои ба ин мавзӯъ бахшидашуда вақте сухан аз хусуси ин асар меравад, мундариҷаи онро танҳо аз танқиди иллат ва нуқсонҳои иҷтимоию хурофотии занон иборат донистаанд, ки хатои маҳз аст. Зеро дар «Музҳикот» ғайр аз ин нағамот боз ҳикоятҳои дигаре низ мавҷуд аст, ки масоили гуногунро фаро мегиранд. Аслан «Музҳикот» асарест, иборат аз ҳикоятҳои хурди ҳаҷвии мазмунан гуногун.

«Музҳика» ва ё «Музҳикот» асари насрии ҳаҷвии Савдо буда, аз панҷ нағма ва ё ҳикоёт иборат аст. Нағмаи аввал дар муҳоварати омиёнаи туркию форсию тозӣ, яъне тарзи салому алек ва пурсиши ҳамдигарӣ ва муомилоти байниҳамдигарии мардуми форснажод, турк ва араб аст. Нағмаи дуюм дар муҳокоти ҳумақо, нағмаи саввум дар мутоиботи риндона, нағмаи чаҳорум дар фуқуҳоти нисоъ (занон), нағмаи

[1] Р.Ҳодизода. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX. – Душанбе: Дониш, 1968. Саҳ 276.

панҷум дар муомилоти сибён (кӯдакон) бахшида шудааст. Гуфтан мумкин аст, ки ҳар як нағма ба тариқи ҳикоят гуфта шудаанд.

Аз ҷиҳати жанр ин «Музҳикоти» Савдо ба жанрҳои пешинаи осори насрии пандиву ахлоқие, ки ба тарзи бадеӣ навишта шудаанд, монандӣ надорад. Инчунин ба рисолаҳои ҳаҷвие, ки аз ҷониби Убайди Зоконӣ навишта шудааст, монанд нест. Дар худи сохти ин асари мансур Савдо кӯшиш намудааст, ки навигарие дохил намояд. Дар панҷ нағма тартиб додани ин асари ҳаҷвӣ бесабаб набуд. Муаллиф дар сарсуханаш менависад: «Пас ба матлаб медароям ва панҷ нағма дар панҷгоҳ аз панҷ мақул месароям ва хештанро зоҳиди панҷвақтӣ менамоям». Аввал ин ки муаллиф дар ин панҷ нағмаи панҷгоҳ (ба тартиби мақомҳои «Шашмақом») тартиб додани асарашро таъкид намуда гуё ба озодона будани мундариҷот ва мазмуни он ишора мекунад. Гӯё гуфтанист, ки дар ин ҷо панду насиҳатҳои хушкмизоҷонаи зоҳидона нест, балки тасвири зиндаи ҳаёти воқеӣ дода шудааст. Шоир беҳуда «хештанро зоҳиди панҷвақтӣ» (яъне шахси панҷ вақт намозхон) вонамуд мекунам нагуфтааст. Савдо гуё ҳис мекард, ки акнун жанрҳои осори ахлоқии пешина кӯҳна шудаанд ва ҳоло санъату эҷодиёти худро ба ҳаёт наздиктар кардан лозим аст. Худ дар ин асар мафҳуми «мақом» аз ҷиҳати лисонӣ-лексикӣ васеътар аст ва руҳияти халқона дошта, характеру оҳанги ҳаҷвнигорона дорад. Ин яке аз равияҳои асосии адабиёти пешқадами он давр буд, ки мо дар боло аз назар гузаронидем ва ин падида дар ҷараёни тасвири реалистонаи ҳаёт зоҳир мегардид.

Мо дар адабиёти классикӣ медидем, ки сохти асар ба сюжети он бештар мувофиқат мекард. Аммо дар ин ҷо сохту композитсияи асар ба марому мақсадҳои адиб, ҳадафи ғоявии ӯ мувофиқ кунонида шудааст.

Якум. Дар номи бобҳо, ки ба нағмаҳои мусиқии шашмақом ташбеҳ дода шудааст, муаллиф аз ғояҳои мавҷуда ва ба чорчӯба даровардашудаи китобҳои таърихиву бадеӣ ва ахлоқӣ дур рафтааст,

Дуюм. Дигаре аз хусусияти ин асар дар он зоҳир мегардад, ки мундариҷаи бобҳо гуногунанд, тамоюлоти ба воқеият гаравидани нависанда бараълоина намудор аст, ба ҷанбаи ҳаётии мазмуни ҳикояҳо ва ба зиндагии воқеӣ наздик кардани асари бадеӣ бештар ба назар мерасад, гарчи ҷанбаи бадеиву ғоявияти аксари ҳикоёти таркибии «Музҳикот» пурқувват нестанд.

Дуруст аст, ки Савдо ҳанӯз восита ва шаклҳои бадеии ба зиндагӣ наздик кардани асарро дуруст тасаввур карда наметавонист ва шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки дар «Музҳикот»-и ӯ дар қатори ҳаҷвҳои аҳамияти иҷтимоӣ дошта бисьёр ҳикоятҳои хандаовари каммазмун ва ҳатто қубҳиёте, ки мазмуни муайяни иҷтимоӣ надоранд, ва ё марому мақсади аслии нависанда маълум нест, дохил шудааст. Аммо ин нафақат камбудии эҷодии Савдо, балки нишонаи дараҷа ва ё сатҳи инкишофи ҳаёти маънавӣ ва маданиву адабӣ инчунин мафкуравии ҳамон замон буд.

Савдо дар ин ҷо (ва дар бисьёр ҷойҳои асари насрии худ) аз такаллуфоти зиёдатии санъати саҷъ, ки дар замони ӯ ва пеш аз вай ҳам хеле расм буд ва фаҳмидани асарҳои бадеиро хеле мушкил мекард, даст кашидааст. Баъзе мавридҳое, ки ӯ саҷъ кор фармудааст, бештар ҳаҷву танқиди шахсе ё воқеае мебошад. Дар ин ҷо ҳам вай бештар ба саҷъҳои классикӣ тақлиди ҳазломез (пародия) кардааст, ки оҳанги ҳаҷвию танқидии асарашро пурқувват намудааст. Чунончи дар ҳикояти «Ҳалвофуруш ва мулло» мо ин намунаи хуби «саҷъи ҳазломез» - и ӯро мебинем: «…Аммо мисраъе намехонд, ки калимоташ пӯла нашуда бошад ва аркони авзонаш шӯла. То ҳалвоӣ доде лундае ҳалвое дар кори мулло кардӣ ва муллоро аз ин ҳалвои бедуд хушнуд сохтӣ. Мулло бо даҳони ширин ба ширинмаколӣ ба мадҳи зуҳур-ул-ғайбаш низ пардохтӣ».

Дар наср, махсусан, дар насри бадеӣ чунин роҳи содданависиро пеш гирифтан ва дар асарҳои худ ҷорӣ намудани ин роҳ ба инкишофи

минбаъдаи насри бадеии тоҷик дар равияи содданигорӣ ва ба воқеъият наздик намудани он таъсири намоёне дошт. Инро мо дар асарҳои Возеҳ ва осори бадеию фалсафии Аҳмади Дониш равшан мебинем.

Ғайр аз нағмаҳои алоҳида дар ин асар баъзе ҳикоятҳо низ оварда мешаванд, ки аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва ғоя аҳамияти махсусро молик ҳастанд. Масалан, дар охири ин асар чунин ҳикояте оварда шудааст.

«Бандаро рӯзе бо мунаҷҷиме иттифоқи сӯҳбат афтод. Пурсидамаш, ки «дар овони Уторид мустақим шуда?». Гуфт: «Он чӣ Уқлидус дар Маҷастӣ гуфта, ки «қад қадамно лака, ё Совсур ва кун мин-ал-аввалин» (мо ба ту овардем ё Савсур ва ту аз аввалинҳо бош), далел бар он, ки куравияти арз ҳақиқӣ нест. Пас фалаки қамарро аз бурҷи асноашра хабаре набошад».

Чун ин миқдор иртиботи каломаш донистам, гуфтам:

«Зиҳӣ балидмаънӣ, чун ба ришу дасторат назар кунам, нашносам, ки чист маънии ту?!»

Гуфт: «Аз ин беҳтар такаллум кунам?»

Гуфтам: «На ба ҳолам тараҳҳум кун!»

Гуфт: «Магар аз ҳаводиси забунии зоиҷаи толеат нигарам?»

Гуфтам: «Агар кавкаби бахтам саъд будӣ, ҳар оина бо ту дучор нагардидаме»

Гуфт: «Донистам, ки ришхандам мекунӣ.»

Гуфтам: «Шукр Эзидро, ки ин миқдор фаросотат будааст».[1]

Аз мазмуни умумии ҳикояти мазкур танқид гардидани зоҳирпарастӣ ва беилмиву бефаросотии баъзе аз табақаҳои амалдори ҷамъият, уламои олимтарош, аҳли ҷоҳ маълум мегардад. Яъне он саршори руҳияти интиқодист ва ҷанбаъҳои воқеънигорона дорад. Инчунин дар ҳамин ҳикоя масъалаи лаҳни номафҳуми аз фаҳму идрок дур, забони муркаби ба ном «аҳли илму адаб»-и Бухорои ҳамон давр,

[1] Савдо. Мунтахабот. – Душанбе: Нашрдавтоҷ. 1958. Саҳ.- 133.

ки аз худ олиму донишманд метарошиданд, зоҳиран ва тарзи либоспӯшии фохир дошатанд танқид карда шудааст. Дар ин ҳикоят омезиши оҳангҳои танқидиву ҳаҷвиро мушоҳида намудан мумкин аст. Дар ҳикоят дар баробари ҳамин унсурҳои реализми танқидиро низ мушоҳида намудан мумкин аст, ки ҳодисаи типикии адабиёти давр ба шумор мерафт. Ин ҳамон ҳодисаест, ки тадриҷан таъсир ва нуфузи афкори пешқадами давр ба эҷодиёти адибон неш медавонд.

Сабку услуби осори насрии Савдоро услубу тарзи эҷодии нав номидан мумкин аст, ки онҳо дар инкишофи минбаъдаи забони адабии тоҷик таъсири мусбие расонидааст. Ин пеш аз ҳама аз такаллуфоту санъатҳои анъанавии иншоии классикӣ даст кашидан, ба фаҳми умум наздик сохтани забони асари бадеӣ буд. Вай дар осори насрии хеш аз забони гуфтугӯии табақаҳои гуногуни мардум, гуфтугӯи омиёна ва умуман таъбиру ибораҳои шинам бамавриду бамавқеъ истифода бурдааст. Умуман, тарзи эҷодие, ки дар сабку услуби насри бадеӣ Савдо вазъ намудааст ба адибони минбаъда низ таъсири зиёде гузошт.

Эҷодиёти Савдо аз ҷиҳати инъикоси ақидаҳои маорифпарварӣ ҳанӯз дар пояҳои аввалини инкишофи адабӣ бошад ҳам, аммо мувофиқи шароити давраи худ аз адибони сермаҳсулу намоёни адабиёти пешқадами он давр ба шумор мерафт. Мазмуни реалии эҷодиёти Савдо ва кӯшишоти ӯ дар роҳи ба ҳаёт ва воқеият наздик намудани адабиёт, сабку услуби тозаи содданигории ӯ ба шоирони минбаъдаи адабиёти нимаи дуюми асри XIX таъсири зиёде расонд. Аз ин ҷост, ки Савдо бо вуҷуди ҳаҷми нисбатан хурди мероси адабиаш дар ҳаёти адабии он давр мавқеи намоёне дорад.

Аз ғазалиёт

Он ки ранге дораду бӯи хуше дорад, гул аст,
В-он ки ӯ аз шавқи гул дар боғ нолад, булбул аст.
Он ки бораш мегузориву савораш мешавӣ,
Ӯ хар асту он чи бар пушташ биандозӣ, ҷул аст.

Пораи ноне ба пеши қонеон қурси маҳ аст,
Косаи обе ба чашми ташнагон ҷоми мул аст.
Он ки дорад кафш дар по, ҷома бар дӯш, зар ба ҷайб,
Гарчи беақл аст, мегӯянд, ӯ ақли кул аст.
Хоҳ қонеъ бош дар дунёи дун, хоҳи ҳарис,
Нафсро то вақти мурдан бар сари нон ғулғул аст.
Бонги ҷуғзе бар сарои мо навои барбат аст.
Лиқ-лиқи деге ба базми мо садои қул-ғул аст.
Он ки дар нафрин таҳаммул мекунад, ҳинду бувад,
В-он кӣ аз тезӣ ба хашм ояд, зи аҳли Кобул аст.
Он кӣ дар нафрин таҳаммул мекунад, ҳинду бувад,
В-он кӣ бӯе медиҳад аз зулфи хубон, сунбул аст.
Гар чи пулдорист дар олам маноти эътибор,
Ғам махӯр аз бепулӣ, Бепул, ки дарё бепул аст.

*** *** ***

Эй дил, аз мазраи уммед баре дидӣ?- Не,
В-аз ниҳоли амали худ самаре дидӣ?- Не.
Умрҳо дар талаби ёр давидӣ, охир,
Хайри ӯ ҳеҷ ба олам дигаре дидӣ?- Не.
Дигар аз ман макун уммеди салоҳ, эй носеҳ,
Бар ман охир зи насиҳат асаре дидӣ?- Не.
Кош пурсанд ҳарифон зи ману ман гӯям:
Дар ҷаҳон ғайри муҳаббат ҳунаре дидӣ?- Не.
Зоҳид, афсӯс ки девона чаро бошам ман?
Ману андӯҳ, ки з-ин бад бадтаре дидӣ?- Не.
Ҳифзи асрори муҳаббат талабад дӯст зи мо,
К-андар ин роҳ харе ё шутуре дидӣ?- Не.
Гӯям он дам шутуре ҳеҷ надидам, лекин,
Нархаре дидам з-он хар дигаре дидӣ?- Не.
Шаҳна аст, он ки харобот харобод кунад,
Дар харӣ хубтар аз шаҳна харе дидӣ?- Не.
Ҷуз ҳарими дари арбоби муҳаббат, Савдо,
Асари файзу каромат зи даре дидӣ?- Не.

Савол ва супоришот:

1. Саҳифаҳои ибратомӯз ва шахсияту хислатҳои Савдо.
2. Дараҷаи омӯзиши ҳаёту фаъолияти эҷодии шоир.
3. Мероси адабии Савдо ва таснифоти он.

4. Савдо ва анъанаи ҳаҷвнигории адабиёти классикии тоҷик.
5. Лирикаи Савдо ва мазмуну мундариҷаи ғоявии он.
6. Хусусият ва моҳияти асосии ҳаҷвиёти Савдо.
7. Танқиди иллату нуқсонҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷвияҳои шоир.
8. Тарзу услуби ба худ хоси ҳаҷвиёт ва мутоиботи Савдо.

Рӯзгор ва осори Шамсиддин Шоҳин.

Шамсиддин–махдум Шоҳин (1858-59, Бухоро-1893-94, Насаф-Қаршӣ) шоир ва носири маорифпарвари тоҷик, яке аз шоирони забардасту соҳибистеъдоди давомдиҳандаи равияи анъанавии адабиёти мумтози тоҷик, пайрав ва ҳаммаслаки Аҳмади Дониш, тарҳгузори сабки тоза ва нав дар насри бадеӣ.

Нуктаҳои асосӣ:

1. *Дараҷаи омӯзиши аҳвол ва осори Шамсиддин Шоҳин.*
2. *Рӯзгор ва осори Шамсиддин Шоҳин.*
3. *Шамсиддин Шоҳин ва адабиёти маорифпарварӣ.*
4. *Лирикаи Шамсиддин Шоҳин.*
5. *Хусусиятҳои анъанавӣ ва навоваронаи лирикаи Шоҳин*
6. *Осори насрии Шамсиддин Шоҳин*
7. *Хулосаҳо.*

Бори аввал соли 1937 бо ташаббуси ходими илмии китобхонаи ба номи Фирдавсӣ Мирзо Қобил, девони аввалини Шоҳин тартиб дода шуд. Аммо дар ин девон «Тӯҳфаи дӯстон» ва боз чандин шеърҳои Шоҳин дарҷ нагардидаанд. Гуфтан мумкин аст, ки дар бораи ин шоири ширинкалом ва соҳибистеъдод аз ҷониби олимони адабиётшиноси тоҷик тадқиқотҳои мухталиф бурда шудааст. Дар хусуси зиндагинома ва мероси адабии ӯ пеш аз ҳама тавассути сарчашмаҳои илмию адабии охири асри XIX ва ибтидои асри XX маълумоти боарзиш гирифтан мумкин аст. Манбаи дигаре, ки барои рӯшан кардани баъзе аз саҳфаҳои рӯзгори адиб кӯмак мерасонанд, ривояту нақлҳои гуногун ба шумор мераванд. Дигар ин аст, ки мероси адабии худи адиб низ барои шинохти шахсият ва маҳорати шоирии ин адиб аҳамияти махсусро молик ҳастанд. Тадқиқи аҳвол ва осори Шамсиддин Шоҳин дар илми адабиётшиносии тоҷик ҳанӯз аз солҳои 50-уми асри гузашта оғоз гардида буд. Дар ин ҷода хизматҳои Холиқ Мирзозода ва Расулхон Ҳодизодаро алоҳида таъкид намудан мувофиқи мақсад аст. Холиқ Мирзозода дар бораи рӯзгор ва осори ин адиб дар китоби худ «Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX» ва дертар тавассути мақолаи пурмӯҳтавои худ «Баъзе масъалаҳои шакл, услуб, ва воситаҳои бадеӣ дар эҷодиёти Шамсиддин Шоҳин» дар китоби «Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт», Расулхон Ҳодизода дар китоби «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX» маълумот дода гузаштанд. Дар хусуси тарҷумаи ҳол ва мероси адабии Шамсиддин Шоҳин дар ЭАСТ ҷилди саввум, моддаи Шоҳин (Саҳ. – 378-379) маълумот пайдо намудан мумкин аст. Нашриёти «Адиб» соли 2006 зери назари Расулхон Ҳодизода ва Абдуҷаббор Раҳмонов «Куллиёт»-и адибро аз нав нашр намуд, ки шакли комили ашъору осори адибро фаро гирифтааст. Дар иншои сатрҳои мазкур ба ҳамин манбаъҳо асосан такя карда шуд.

Муҳаммад Шамсиддин мутахаллис ба Шоҳин аз намоёнтарин шоирони адабиёти тоҷик аст, ки дар охирҳои асри XIX умр ба сар

бурдааст. Мероси гаронбаҳои ӯ чӣ аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва чӣ аз ҷиҳати шакли бадеӣ дар таърихи адабиёти тоҷик мақоми ба худ хосеро сазовор аст. Шоҳин дар таърихи адабиёти форсизабонон ҳамчун шоири рангинхаёлу носири боистеъдод муаррифӣ мегардад. Эҷодиёти ӯ аз пайравию тазмини асарҳои устодони бузурги сухани бадеӣ Низомӣ, Саъдӣ, Анварӣ, Ҳофиз ва Бедил оғоз ёфта, ҳамчун шоири пешқадам ба услуб ва ақидаҳои маорифпарварӣ омада мерасад. Вай аз муосирон ва ҳаммаслаку пайрави афкори иҷтимоию маорифпарварии Аҳмади Дониш мебошад.

Аслу насаби Шамсиддин аз хатлонзамин буда, падари ӯ Мулло Амон аввалан ба Самарқанд барои таҳсил меояд, дертар дар замони ҳукмронии Амир Ҳайдар ба Бухоро омада доиман муқим мегардад. Модари Шамсиддин Бухороӣ буда, авлодонаш аз хоҷагони Ҷӯйбори Бухоро буд. Шоҳин дар ҳамин оила соли 1859-мелодӣ ба дунё меояд. Вай дар синни даҳсолагӣ аз падар ятим мондааст. Мувофиқи баъзе маълумотҳо ӯ минбаъд дар сарпарастии моддиву маънавии шоир ва донишманди машҳур Зарири Бухороӣ ба камол мерасад. Шоҳин ҳанӯз аз ҷавонӣ табъи шеъргӯӣ дошт. Баъди хатми мактаб дар мадраса ва дар назди Зарири Бухороӣ таҳсили илмро давом медиҳад. Истеъдоди фитрии шоирии Шоҳин дар вақтҳои ҷавониаш зоҳир гардида буд. Бо касби шеъргӯӣ-шоирӣ ҳанӯз дар ҷавонӣ машғул буд ва ба назари аҳли ашроф афтода, эҳтиромаш мекарданд. Дар шеърҳои ӯ дарёфти мазмун ва маъниҳои дақиқ, нуктаҳои нозук имконпазир аст. Зеро вай аз илмҳои каломи бадеъ, маонӣ, мантиқ, ашроқ,[1] ҳикмати тиббӣ, фиқҳ, тасаввуф ва ғайраҳо ба хубӣ огоҳ буд.

Тахмин меравад, ки вай ҳамчун надим соли 1879 ба дарбори амир Абдулаҳад даъват карда мешавад. Маҳз дар ҳамин давра мувофиқи урфи дарбору дарбориён чандин қасидаи мадеҳавӣ ва ашъори мувофиқи табъу завқи ашрофону амалдорони дарборӣ навиштааст. Аммо дере нагузашта тамоми муҳити дарбор, амалиёти ношоями онҳо ба шоир маълум

мегардид ва номусоидиҳои амалҳои дарборӣ табъи ӯро хира ва руҳашро коста менамояд. Дар ин хусус адиб дар асари насриаш - «Бадоеъ-ус-саноеъ» низ ишораҳо дорад.

Дере нагузашта афкори иҷтимоии пешқадами замона, ки аз ҷониби Аҳмади Дониш бунёд гузошта шуда буд, дар тафаккури ӯ табаддулоти наве ба зуҳур овард. Бешубҳа, дар ташаккули афкори маорифпарваронаи Шамсиддин Шоҳин рол ва мавқеи асари Аҳмади Дониш – «Наводир-ул-вақоеъ» назаррас аст, зеро баъди мутолиаи ин китоб дар васфи Дониш қасидаи «Мадҳи Аҳмад Махдуми Дониш» иншо гардида буд, ки матлааш чунин аст:

Дидам «Наводир»-и туву аз сафаҳи ҳак,
Кардам вақоеи ҳукамои гузашта ҳақ.

Дар навбати худ Аҳмади Дониш низ ба ашъори рангину баландпарвози Шамсиддин Шоҳин баҳои баланд додааст. Ҳақиқатнигорӣ ва ҳақиқатдӯстиву баландсанъатӣ хоси ашъори ӯ ва хислати вай буданд.

Дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ-адабӣ омада, ки дар шахсияти шоир «ғурур ва такаббурию худписандӣ» зиёд буда. Аммо дар баъзе тазкираҳо ин даъво рад карда мешаванд ва ӯро ҳамчун шоири маърифатдӯсту олимашраб қаламдод менамоянд. Шоир дар асл шахсони фозилтарини замонашро меписандид, ҳурмату эҳтиромашонро бар ҷой мегузошт. Мадҳияҳои ӯ ба Дониш, Савдо, Иноят, Зарир исботи гуфтаҳои болоиянд. Инчунин дар тазкираҳои давр, аз ҷумла дар тазкираи Садри Зиё - «Тазкори ашъор» ба нисбати ин шоири ширинхаёл баҳои холисонае дода шудааст[1].

Шамсиддин Шоҳин аз шахсони фозилест, ки тамоми умри худро дар муҳити дарбор гузаронидааст. Вай ҳамчун надими амир Абдулаҳад ҳамеша бо вай буд. Соли 1311 ҳичрӣ, мутобиқ ба соли 1893 – (дар баъзе маълумотҳо соли 1894) мелодӣ Амир Абдулаҳад ба Қаршӣ сафар

[1] Шарифҷон Махдуми Садри Зиё, Тазкори ашъор. Бо тасҳеҳи Саҳобиддин Сиддиқ. Сарсухан, таҳияи матн ба кӯшиши Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. – Теҳрон: Сурӯш, 1380 ҳ. – 543 с.

мекунад ва бо худ Шоҳинро низ ҳамроҳ интихоб менамояд. Азбаски ранҷуриву ғамгинӣ аз сабаби вафоти ҳамсараш, инчунин муҳити тоқатфарсои дарбор бар саломатии шоир асар карда буд ва солҳои охир аз дарди сил азият мекашид, Шоҳин дар ин сафар ба азобҳои роҳ ва машаққати он тоб наёварда ва дар соли 1893-1994 дар Қаршӣ вафот кард.

Шоҳин гарчи умри кӯтоҳ (35 сол) дидааст, асари манзуму мансури ҷолиби диққат аз худ мерос гузоштааст. Аз осори адабии ӯ, ки қимату арзиши бадеии баландро молик аст, маълум мегардад, ки дар нимаи дуюми асри XIX ба мисли ӯ эҷодкори хушсалиқа ва шоири бомаҳорат камназир аст. Шоир аз ҷумлаи эҷодкоронест, ки дар шаклҳои анъанавии адабиёти классикӣ мазмунҳои наву фикрҳои мутараққии замонашро бомаҳорат корбаст карда тавонистааст.

Мероси адабии Шоҳин дар шакли дастхатӣ дар маҷмӯаву намунаҳои адабиёт ва баёзҳои гуногун то ба мо омада расидаанд, ки дар шӯъбаи дастхатҳои АФ Ӯзбекистон, институти Шарқшиносии Тошканд, дар шӯъбаи дастхатҳои АФ Тоҷикистон маҳфуз аст. Ҳаҷм ва таркиби мероси адабии то ба мо омада расидаи Шоҳин ба тариқи зерин аст.



Тамоми осори манзуми Шоҳин 14487 мисраъро ташкил медиҳад. Осори насрии Шоҳин «Бадоеъ-ус-саноеъ» буда, якуним ҷузъи чопиро ташкил медиҳад. Ин асарро рисола низ ном мебаранд, ки дар солҳои охири умри адиб таълиф гардидааст.

Шоҳин дар адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ҳамчун шоир ва нависандаи пешқадам мақоми хоссае дорад. Афкори танқидию иҷтимоии шоир, ки ба муқобили зулму истибдод равона шудааст, тарғибу ташвиқи ӯ ба роҳи дониш, беҳтар намудани вазъи мамлакату зиндагии раият, ба ҳимояи мардуми меҳнаткашу мазлум бо далерию ҷасорат овоз баланд кардани шоир ӯро баъди Аҳмади Дониш дар адабиёти маорифпарварӣ дар сафи дуюм мегузорад.

Шоҳин шоири лирик, яъне сарояндаи ишқу ошиқӣ буд. Дар лирикаи ӯ жанрҳои ғазал ва қасида мавқеи муҳим доранд. Ғазалиёти Шамсиддин Шоҳинро ба ду қисмат тақсим намудан мумкин аст. Аввал лирикаи ишқӣ ва лирикаи иҷтимоӣ-шикоятӣ-танқидӣ. Қисми асосии ғазалиёти шоирро лирикаи ишқӣ-анъанавӣ ташкил менамояд. Ӯ дар ин мавзӯи ҷовидонии адабиёти форс-тоҷик ба шоирони бузургтарини ғазалсаро, махсусан, Саъдиву Ҳофиз, бо камоли маҳорат пайравӣ кардааст. Баробари ин ӯ дар шеър ва махсусан дар жанри ғазал сабки хоси худро вазъ намудааст. Ин аз як тараф, ба ғазал дохил намудани оҳангҳои танқидӣ - иҷтимоӣ ва аз тарафи дигар, ба соддагӣ ва заминаи воқеият наздик кардани сувароти бадеӣ ва тасвирҳои шоирона мебошад. Шоҳин ҳам дар наср ва ҳам дар назм унсурҳои забони халқӣ ва таъбиру ибораҳои маъмули мардуми тоҷикро дохил намудааст. Ҳамаи ин заминаи халқӣ ва доираи интишори афкори Шоҳинро пурзӯр кард ва ин ба ҷараёни минбаъдаи инкишофи адабиёти тоҷик таъсири мусбат гузошт.

Услуб ва воситаҳои бадеӣ яке аз ҷиҳатҳои муҳими эҷодиёти нависанда ва шоир аст. Ин ҷиҳати асари бадеӣ шакли мундариҷаи

ғоявии эҷоди адабӣ буда, дар аксарияти мавридҳо бо он мутобиқат ва ҳамрангӣ менамояд. Дар эҷодиёти Шоҳин мундариҷаи ғоявӣ ақиб намонда пеш рафтааст ва шоир аз унсурҳои шакли адабиёти классикӣ бомуваффақият истифода бурдааст ва дар баъзе мавридҳо навоварӣ ҳам дорад. Азбаски Шоҳин шакли шеърии классикиро хеле моҳирона истифода бурдааст, дар назари аввал чунин менамояд, ки дар эҷодиёти ӯ шакл нисбат ба мундариҷаи худ пеш рафтааст, зеро дар мундариҷаи ғоявии ашъори ӯ фикрҳои нав дар шакли пешина акс ёфтааст. Ин ҳол ҳам табиӣ аст, зеро шакли кӯҳна метавонад ба мундариҷаи нав хизмат кунад.

Шоҳин дар услуби эҷодӣ аз методи танқидии классикии даврои гузашта кор сар карда, баъд ба методи танқидӣ-реалистии маорифпарварӣ қадамҳои ибтидоӣ гузаштааст. Ҳарчанд ки ин метод ҳанӯз дар эҷодиёти ӯ такмил наёфтааст, вале ҳамин услуб равияи асосии эҷодиёти шоир гардида буд. Услуби умумии эҷодиёти Шоҳин аввалҳо услуби шоирони дарбор ва равияи тақлидӣ ба адабиёти классикӣ буда, баъд ба услуби умумии шоирон ва нависандагони озодфикр гузаштааст. Дар ин мавриди қайд кардан лозим аст, ки дар баъзе лаҳзаҳо дар асарҳои Шоҳин таъсири услуби шоирони алоҳидаи тоҷик ҳам дида мешавад.

Чунончи, дар бобати лирикаи ишқӣ ва усулҳои адабии он таъсири услуби ғазалҳои Ҳофизро равшан дадан мумкин аст. Масалан:

Аз ғазали Ҳофиз:

Бирав ба кори худ, аё воиз, ин чӣ фаръёд аст!
Маро фитода дил аз каф, туро чӣ афтодааст?

Аз ғазали Шоҳин:

Дилам ба чанбари зулфаш агарчи афтодааст,
Вале хуш аст аз он тоире, ки озод аст.

Аз ғазали Ҳофиз:

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр!
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, ғам махӯр!

Ғазали Шоҳин ба тазмини ғазали Ҳофиз сар шуда, мисраи дуюми байти авали ӯро пурра гирифтааст:

«*Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон,ғам махӯр!»*
Бишкуфад гулҳои васл аз хори ҳичрон, ғам махӯр,

Дар ин ғазалҳо ягонагии қофия, радиф, вазн, оҳанг, тарзи баёни фикр ва ҳиссиёт мушоҳида шавад ҳам, аз ҷиҳати мазмун ҳоло ягонагӣ ва мувофиқат нест. Дар байтҳои Шоҳин танҳо мазмуни ошиқона буда, дар ишқи накӯён дар байни ошиқон ном баровардани ӯ даъво шудааст. Байтҳои мисоли дуюм ҳам ҳамин тавр аст.

Достони «Лайлӣ ва Маҷнун» соли 1888 дар муддати камтар аз як моҳ навишта ба охир расонида шудааст. Вазни достон ба шакли анъанавии ҳазаҷи мусаддас буда, ҳаҷман аз 4484 мисраъ иборат аст. Асари Шамсиддин Шоҳин асари ба таври худ мустақил аст. Дар асари Шамсиддин Шоҳин хати сужети омехтаи ду достони ҳамноми Низомӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ ба назар мерасад. Бештар тамоюлоти Амир Хусравро пайгирӣ кардани Шамсиддин Шоҳин ба назар мерасад. Фарқияти аввалини ин достон аз достонҳои пешин дар хати сужет ва фарогирии лаҳзаҳо ба назар мерасад. Фарқи дуюм дар устухонбандии воқеаҳо намоён мегардад. Агар дар асари Низомӣ мувофиқи тамоюли вафодорию сидқ воқеаҳо ривоҷ ёбанд, дар Амир Хусрав гиреҳкушоии воқеаҳо зуд сурат мегирад. Дар достони Шоҳин бошад устухонбандии асар бо мақсади рӯшантар кардани бевафоӣ, фиребгарӣ, бераҳмӣ, дурӯғгӯӣ, беақлии Маҷнун ва ҷиҳати бовафоии Лайлӣ сурат мебандад. Маҷнуни Шамсиддин Шоҳин характери дигар дорад, ки дар асари Низомӣ дида намешавад. Вай дар роҳи ишқ устувор нест, амалиёти ӯ кӯр-кӯрона аз рӯи тақдиру қисмат ҷараён дорад. Барои Маҷнун Лайлӣ ягона маҳбуби мушфиқ ҳам нест. Вай аз ҳад зиёд фармонбардори падару модар аст. Характери мусбии инсонӣ қариб дар ин симо дида намешавад.

«Тӯҳфаи дӯстон» маснавиест, ки дар пайравии «Бӯстон»-и Саъдӣ навишта шудааст. Вақти навишта шудани ин маснавӣ аз ҷониби муҳаққиқон соли 1890 таъин гардидааст. Асар аз даҳ боб иборат буда, дар асар бобати масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти иҷтимоии мардуми Бухоро сухан ронда мешавад. Муқаддимаи ин масанавӣ аз чанд ҳикоёт, тамсилу масал иборат аст, ки характери танқидӣ доранд. Дар ин қисмат масъалаҳои макру фиреби аҳли ҳукумат, бефоидагии хизмат дар дарбор, ғафлатзадагии мардуми маҳаллӣ, ҷаҳолату нодонии онон, набудани озодии шахс ва сухан дар ҷамъият мавриди муҳокима қарор гирифтаанд.

Умуман, Шоҳин дар таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун шоиру нависанда ва адиби хушсалиқаву шахси маърифатпарвар мавқеи намоёнеро соҳиб аст. Ӯро адабиётшиносон аз намоёнтарин шоири нимаи дуюми асри XIX медонанд, ки баҳои хос аст нисбати ӯ. Шоҳин чӣ дар шеърият ва чӣ дар корбасти мазмунҳои нави иҷтимоӣ дар осори бадеӣ дар замони худ дар пояи баландтарин меистад.

«Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Шамсиддин Шоҳин соли 1906 дар Бухоро бо ташаббуси Мулло Наҷмиддини Саҳҳофи Бухороӣ нашри литографӣ карда шудааст. Лекин чопи он хати бад ва ғалат дошт, аммо ҳамин нусха ҳам хеле камёб мебошад.

Дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX рӯй овардани маорифпарварон ба эҷоди насри бадеӣ ҳодисаи муҳими ҷараёни адабӣ ба шумор меравад. Аллакай адибони маорифпарвар дарк намуданд, ки барои ифодаи марому мақсади эшон, ки иборат аз талқину ташвиқи ғояҳои ҷадиду тоза, ислоҳ намудани сохт ва структураи давлатдорӣ, дигаргун намудани самти рӯзгори мардум, ташвиқи тарзи зиндагии нави аврупоӣ, таблиғи тамаддуни пешқадами Ғарб, аз хоби ғафлат бедор намудани мардуми бумии Осиёи Марказӣ маҳсуб мегардид, чаҳорчӯбаи назм тангӣ мекунад ва бояд онро шикаст ва ё ба насри бадеӣ муроҷиат намуд, ки дар ин ҷода имкониятҳои васеъ дорад. Шояд ба ҳамин мақсад ва ё дар зери таъсири ҷараёни адабии нав ё бо таблиғу ташвиқи ёрону

дӯстон ва ё ки зери нуфузу таъсири мутафаккир ва адиби маорифпарвар Аҳмад Махдуми Дониш дар охирҳои умраш Шамсиддин Шоҳин низ ба ин навъи эҷоди бадеӣ муроҷиат намуд.

«Бадоеъ-ус-саноеъ» ҳамчун асари охирини Шоҳин, инъикосгари ақида ва ҷаҳонбинии солҳои охирини эҷодиёти ӯ ҳисоб мешавад. Шоҳин дар тамоми муддати эҷодиёти худаш дар як ҷой муқим намонда, торафт аз мавқеи кӯҳна ва нисбатан ақибмондаи давраи аввали эҷодиёти худ берун баромада пеш рафтааст. Гумон меравад, ки асари мазкур баъд аз мутолиа карда шудани «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, маҳз дар зери таъсири ин асар навишта шудааст. Ӯ дар пояи гуногуни эҷодиёташ дар адабиёт симои дуюмдараҷае ҳисоб меёфт, аммо маълум аст, ки минбаъд вобаста ба мухолифатҳои замона ва тараққиёти нисбии афкори пешқадами ҷамъиятӣ, ҷаҳонбинии Шоҳин торафт ба баҳри масоили муҳимтарини фалсафии ҳаёт, масъалаҳои доғтарини рӯзгори иҷтимоии мардум чуқуртар ғӯта зада ва зиддияти фикрии вай нисбати нобасомониҳои давраш зиёд ва тезу тунд мешуд. Эътиқод ва орзуи охирини вай он буд, ки ҳар чӣ бодобод, дигаргунӣ шавад, ҳар чанд ки чигунагӣ ва бо қувваи кӣ, чӣ хел ба вуҷуд омадани онро тасаввур карда наметавонад. Шоҳин бо сохти иҷтимоии онрӯза ва тартиботи амирӣ дигар сабр ва тоқат карда наметавонист. Ин ақида Шоҳинро дар ҳамон шароит боз як қадам ба сӯи пешравӣ меронд. Мафкураи ӯ нисбати замон ва сохтори ҷамъият аллакай дигар аст. Дарҳақиқат, «Бадоеъ-ус-саноеъ» маҳсули солҳои охири эҷодиёти адиб ба шумор меравад. Асари мазкур дар байни солҳои 1891-1894 навишта шудааст. Аз ҳамин ҷиҳат бо боварии қатъӣ гуфтан мумкин аст, ки асар баъд аз шиносоии ӯ бо «Наводир-ул-вақое»-и Аҳмади Дониш, маҳз дар зери таъсир ва нуфузи он навишта шудааст. Ҷасорати фошгӯии нависанда ва ба тариқи воқеънигорӣ зери танқиди тозиёна гирифта шудани аҳволи иҷтимоии рӯзгори мардум, кору кирдор ва амалҳои ношоями амалдорону сукондорони замон, гарчи услубан маҷозиву рамзӣ ва пардапӯш аст,

маҳз дар ҳамин асари адиб равшантар ва возеҳтар ба назар мерасад. Дар асар мисли Аҳмади Дониш нависанда кӯшиш ба харҷ додааст, ки решаҳои беназмию беработии сохти давлатдории амиру амалдорони ӯро ба тарзи рамзӣ дақиқтар зери танқид гирад. Аз назари адиб барои тағйир додани тарзи зиндагии мардум ва аз хоби ғафлат бедор намудани онҳо, ислоҳ намудани тартиботи мавҷудаи аморат ва сохтори давлатдорӣ дар шакли сатҳӣ сурат нахоҳад гирифт ва дар ҳамин замина адиб тамоми дарду ҳасрати худро ва гуфтан ҷоиз бошад, ақидаҳои танқидию маорифпарваронаи хешро дар асари мансури худ - «Бадоеъ-ус-саноеъ» ҷамъбаст намудааст. Асар бо рамзу киноя ва ҷумлаҳои пӯшидаву духӯра иншо гардидааст, ки шояд ба хотири эминияти шахсияти худ нависанда ин сабку услубро пеш гирифта бошад. Зеро адиб то охири умр побанди дарбор будааст ва ба дарбор тааллуқ дошта истода ин гуна асар навиштан ва танқиду фош кардани иллатҳои ҷамъият ҷасорати махсусро тақозо менамуд. Асар тавассути ибораҳои рехтаву пурмаънӣ, ҳамчун зарбулмасал ва мақолҳоҳои халқӣ навишта шудааст, ки ин тарзи нигориш дар урфи мардум маъруфият дошта, дар кӯҳистонҳои дурдаст ба таври васеъ истифода мегардид ва он ҳамчун жанри махсуси фолклори кӯҳистон (татол) дар санъати сухан эътибор дорад. Сабк ва тарзи нигориши асар заминаҳои ғайру бегона надорад ва бештар ба анъанаҳои худӣ такя мекунад. Дар илми адабиётшиносӣ онро ҳамчун санъати **титол** ё худ жанри **татол** низ истифода мебаранд. Шоҳин маҳз ба ҳамин восита иллату нуқсонҳои ҷамъият ва камбудиҳои амалдорону ҳамзамонони худро фош ва танқид менамояд. Хулосаҳои амиқ ва ягонае, ки аз ин танқид ва фошгӯиҳои адиб бармеояд, он аст, ки бунёди ҷомеаи замонро дигар бояд сохт ва ин асосҳои давлатдорӣ пояндаву барҷо нахоҳад монд ва бақои он дер нахоҳад буд, вагарна илоҷи беҳбудии халқ ва мамлакат ҳосил намешавад.[1]

[1] Шамсиддин Шоҳин. Куллиёт.- Душанбе: Адиб, 2006. саҳ 13. (Аз сармақолаи Расулхон Ҳодизода).

Худи муаллиф дар муқаддима бобати мақсад ва матлаби иншо гардидани ин асар, баъзе хусусиятҳои жанрии он чунин менигорад. «Ба сабаби он ки ҳуҷуми ғаму андӯҳ маро парешон дошта буд, хостам, ки мувофиқи ҳолам маҷмӯаи шикоят ороста, тарзи иншои аҷибе созам–ба он тарзе ки хонанда баробари хондан бихандад, аммо баъди фаҳми мазмуни он расидан бигиряд. Ҳарчанд мавриди шикоят кас гиря мекунад, лекин аз он ки хоҳиши гиря кардан сабаби таълифи ин шикоятҳо шудааст, муносиб надидам, ки дар мавриди изҳори шикоят бо иншои он чи, ки танҳо сабабаи ашкрезӣ мешавад маҳдуд бишавам. Гуфтаанд, ки кас ба каси дигар он чиро, ки шахси радкунандаи хубиву зиштӣ таҳаммул мекунад, набояд раво бинад. Бинобар ин, маъниҳои пӯшида қитъа-қитъа дар шакли мазмунҳои хандаовари фиқра-фиқра, то он ҷо, ки дар доираи қудрати хомаи бадеънигори ман буд, ҷамъ шуд-ҳамчун сурури қалбу гиряи чашм».[1] Дар асар нависанда на танҳо бо ҷумла ва ибороти зарбулмасаломез ва мақолмонанд, балки бо ҷумлаҳои ҳаҷвию киноямез, таркиботи масхаромез низ ба танқид ва фош намудани иллату нуқсони амалдорон ва ҷамъияти ҳамон давра кӯшиш менамояд. Шоҳин азбаски худ вобастаи дарбор ва кору кирдори он буд, дар зоҳир аморат ва сохти давлати амирро бошукӯҳ ва пуртаҷаммул мепиндорад ва ба ин тарз қабул намудан маҷбур ҳам буд. Аммо адиб дар охир аз ин ҳарзагӯиву беҳудагӯиҳо дилгир гардида тавбаҳо низ мекунад: «Аллоҳ, Аллоҳ, дунё турфа тамошогоҳе шуда, афсӯс, ки дидаи бино ва дили огоҳ нест, то он чӣ ба дида бинад, ба дил гузорад, он чӣ ба дил гузорад, ба саҳфа нигорад. Ислом исме шуда дар миёнаи он алифу лом. Агар аз инсоф пурсӣ, ҳақиқати он соф. Ҳарфи дин бар гӯшҳо чун матолибаи дайн гарон ва сурати шаръ дар дидаҳо чун айн уш-шарр ва шарр-ул-айн аён. Илм чун алам дар мазорҳо хуфта…»[2]

[1] Ҳамин асар. Саҳифаи 15
[2] Ҳамин китоб. Саҳифаи 542.

Шоҳин ба хонанда талқин ва тарҷеҳ медиҳад, ки ба аҳволи зоҳирии ҷамъият ва намуди берунии корҳо, ки дар назар хубу дуруст меояд, фирефта шудан нашояд, балки ботини воқеаҳо, ба зери пардаи ин хубнамоиҳои замон нигоҳ кардан лозим аст: Он гоҳ кас мефаҳмад, ки ҳоли ҷомеаву замон то чӣ андоза табоҳ ва вазнин аст, вазъи зиндагии мардум то чӣ андоза пурмусибату кулфатангез. Ба назар чунин мерасад, ки адибро мақсад аз навиштани асар, маҳз, аз миён бардоштани пардаи рози ҷамъият аст, ки аксари аҳли дарбор ва амалдорону саромадони давлат хешро чунин мепиндоранд. Шоҳин ҳам амиру вазир ва ҳам амалдорони дарбору аморатро, ки дар ҷаҳолату нодонӣ ҳамто надоштанд ва сабабаи асосии ин гуна нохушиҳо ва кулфатҳои ба сари мардум омада буданд, бо суханони обдор ва киноямомезу ҳаҷвомез зери танқид мегирад ва нисбати онҳо ҳам дар шакли илтиҷо ва ҳам дар қолаби хоҳишу баёнот чунин мегӯяд. «Оҳ аз ин давороти муттасила, ки ҳар як аз он ҳамчунин аблаҳеро дар олами кавну фасод бармеангезад, ки обрӯи як олам донишро ба хоки тира мерезад. Чароғи афрӯхтаро ҷое, ки равған диҳанд, доман мезанад, чӣ умеди рӯшноӣ! Ва кӯдаки навомӯхтаро ҷое, ки сим диҳанд, бим медиҳанд-чӣ тамаи ошноӣ… Фарёд аз ин доягони бемеҳр, ки ба атфоли худ ҷои шир хун медиҳанд… Мурғи хонагиро аз бедонагӣ ҳаром мекушанд, то ҳалол шавад ва ҷӯҷаи сихпарро ба сих мекашанд, то шағол набарад… Гӯсола то гов ва мошоба то палов фарқе натавонанд намуд… Мард дар назари ин тоифа муаннас аст, аз он ки худҳо муҳаннасанд… Агар оина пеши рӯй гузоранд ҳар чӣ ба худ бинанд, ба дигаре бишморанд, Ҳар ҷо қӯшест, ишон гови он қӯшанд ва ҳар ҷо гӯшест, ишон хари он гӯш. Ба худо паноҳ мечӯям аз ҳасади онҳо ва маро ба зумраи онҳо мулҳақ насоз! Худоё ба ман ҳақро нишон деҳ ва ба ҳақ пайравӣ намуданро рӯзӣ кун ва ботилро ботил нишон деҳ ва аз ботил парҳез намуданро рӯзӣ кун».

Шамсиддин Шоҳин мисли дигар равшанфикрони маорифпарвари охири асри XIX маҳз дар ҳамин асар сарфаҳм рафт, ки бо ин тоифаи

мардуми беилму, бесубот кор кардан ва ҳамраъйӣ намудан на ба кору кирдори дину на ба кору кирдори дунё рост меояд ва ин ҳама рафтор аз гуноҳе беш нест ва дар ин роҳи сарпеч аз Яздони пок роҳи наҷотро ва чашми бинои комилеро дархост менамояд, то ҳақро аз ноҳақ, ростро аз ботил фарқ карда тавонад. Дар ҳамин ҷо боз як масъаларо гуфтан бамаврид менамояд, ки дар ин асар адиб на фақат аз аҳволи замон ва ҳодисоти нохуши давру амалиёти амиру атрофиёни ӯ, балки тарзи вазнинии аҳволу рӯзгори худ низ гилаомезона ва норозиёна сухан менамояд ва онро ба тариқи рамзӣ ҷо-ҷо дар асари мазкур сабт менамояд. Шоҳин аллакай пас аз ошноии комил бо муҳити дарбор дар рикоби амир ва дар маҳбаси маънавию иҷбории аморати Бухоро, дар муҳити сахту вазнини иҷтимоӣ фоҷеаи зиндагиномаи худро низ медид ва аз ин вартаи ҳалокатбор роҳи берун рафтанро, халосиву озодиро ҷустуҷӯ менамуд, вале онро пайдо карда наметавонист. Аммо ба хулосае омада буд, ки аз ин варта бояд худро берун кашид. Дар охири ин асар ҳамин гуна байтеро дарёфт намудан мумкин аст, ки гӯё аз рикоби амир рафтан барои ӯ мушкилтарин кор аст ва бо як ҳисси ноумедона чунин мегӯяд.

«Мо озмудем дар ин шаҳр бахти хеш
Бояд бурун кашидан аз ин варта рахти хеш».

Шамсиддин Шоҳин фаҳмида буд, ки сабаби бисёр мусибатҳо ва кулфату азобҳое, ки боиси харобии диёр гардидааст, аввало худи сарварони давлат ва вазиру амалдорони он ба шумор мераванд. Ӯ мехост разолати давр ва ҳомиёни ин разолатро ба тариқи махсус фош намояд, то ки ҳар як хонанда дар куҷо будани решаи касофатро донад, чӣ будани фоҷеаи он даврро, омилҳои асосии онро фаҳмад, симои ҳақиқии арбоби давлат ва уламои ҷоҳлро шинохта тавонад. Ба назар чунин мерасад, ки шахси аз аҳвол ва воқеаву ҳаводиси таърихию иҷтимоии охири асри XIX бехабар асарро дар як хондан фаҳмида наметавонад ва ҳатто онро мазмунан низ ҳазм намуда наметавонад. Барои дарки амиқи ин асар инсон пеш аз ҳама аз вазъу ҳолати ҳақиқии давр бояд бохабар бошад.

Сипас, метавонад, ки мазмун ва мантиқи гуфтаҳои нависандаро дарк намояд. Дар ҳамин ҳолат низ барои амиқан фаҳмидани мақсади ғоявии нависанда, ки онҳо гӯё дар шакли тезис пешниҳод гардидаанд, такрор ба такрор хондани асар ва ё ҷумлаву таркибҳо, ишоратҳои шартии нависандаро дар мадди назар доштан, дар болои ҳар як сухан ва ҳар як ҷумла муҳокимаи мантиқӣ рондан, руҷӯъҳои лирикӣ ва гурезҳои мантиқиро, рамузҳои маънавиро ба эътибор гирифтан ва таҳлил намудан, гуфтаҳои нависандаро бо ҳолату вазъияти сиёсию иҷтимоии давр муқоиса намудан, аз розу асрори ниҳонии суханҳои адиб маънӣ ва мазмун ҷудо карда тавонистан шарт ва зарур аст, вагарна мазмуни умумии асарро фаро гирифтан, дар хусуси мақсади асосии нависанда хулосаҳои амиқ гуфтан корест басо мушкил ва душвор. Худи нависанда низ ин маъниро дар муқаддимаи асараш бо ин рубоӣ баён намудааст.

Ин нусха, ки аз шоибаи нуқс барист,
Маъҷуни мураккаби тозию дарист.
Ҳар кас, ки аз ӯ бихӯрд чун шориби хамр,
Аввал бинамуд хандаву, он гаҳ бигирист.

Дар ин мисраъҳо агар эътибор ба истилоҳи «маъҷун» дода шавад, гуфтаҳои болоии мо бобати хусусияти жанрии асар собит хоҳанд шуд. Зеро «маъҷун» дар луғатҳо ба маънии чизи омехташудаи мураккаб ва мушкила омадааст. Ин аст, ки дар мадди назари адиб ҳам санъати титол асту ҳам суннати гӯишҳо ва мусталиҳотилурфии мардуми қадими кӯҳистон. Пас, метавон натиҷа бардошт, ки дар навиштани ин асар адиби равшанзамир аз ин ду унсур хеле бомаҳорат истифода бурдааст.

Ин нигошта аз лиҳози сохт ва структура бо сарлавҳа ва фаслу бобҳо ҷудо нагардидааст. Чуноне, ки дар боло зикр гардид, суханони муаллиф тавассути ҷумлаҳои кӯтоҳи бомантиқ, ҷумлаҳои чистонгуна ва ё тезисмонанд ба тариқи фиқраҳо ва пораҳои ҷудогона офарида шудаанд, ки ҳар яки онҳо ба сари худ мақсаду мааром ва бори ғоявии муайянеро дороянд. Шоҳин дар оғози ин асараш ба хонанда таъкид менамояд, ки

дар ҷараёни хониш ба зоҳири асар фирефта нашаванд, хонанда бояд ба асоси масъала ва моҳияти он назар намояд.

Ё худ дар фиқраҳои дигар: «Нафаси сахти говро дами исавӣ пиндоштан аз харист ва оташкови нонворо асои Калим ангоштан ғояти бехабарӣ. Хирси кӯҳро ба хатиби масҷиди калон муқояса хатост ва бӯзинаи даштро рӯдзани маҷлиси бузургон муносибат норавост»[1].

Дар ҷои дигари асараш Шамсиддин Шоҳин чунин иброз медорад, ки «Обмӯрӣ гар аз боғ калон аст, гила на аз кундии хору пастии девор? Аблаҳии боғбон аст»[2]. Ҷумлаи кӯтоҳ, мушаххас, мӯъҷаз, духӯра, мухтасар, вале вазнину пурмаънӣ ва обдору нешдор. Мақсад аз гуфтани ин суханҳо зоҳиран ин аст, ки агар обмӯрӣ калон бошад ва хоре, ки дар обмӯрӣ гузошта шудааст кунд бошаду бар замми ин девор паст бошад талаву тороҷ гардидани боғ ва маҳсулоти онро фақат метавон ба аблаҳии боғбон нисбат дод, зеро боғбон агар чунин намекарду оқилу доно мебуд, обмӯриро хурдтар мегузошт, хори тозаву тезтар мемонд ва ё деворро баландтар мечид, боғ ва ҳосили он аз балову қазо эмин мемонд. Чуноне ки дида шуд дар ин порча маънии зоҳирии гуфтаҳо аз ҳаёти воқеӣ аст. Ин ҷиҳати зоҳирии масъала аст. Аслу мақсад ва моҳияти масъала дар зимни ин гуфтаҳо нуҳуфтааст. ***Боғбон*** ишорат бар сарвари давлат аст, ***боғ*** маҷозан давлат ва масоҳати онро ифода менамояд. ***Обмӯрӣ*** рамзи дарвозаҳои шаҳру давлат ва кӯшку қасру арк аст, ки ҳама даромдгоҳҳо – ҳам алоқаҳои иқтисодӣ, ҳам алоқаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ҳам захираҳои давлатӣ аз он ҷост, ***хор*** рамзи қудрати ҳарбии давлат аст, ки онро аз балову қазо ва зарбу ҳарби душманон эмин нигоҳ медорад. ***Девор*** рамзи сохтор ва структураи давлат ва аморат аст, ки он чӣ миқдор пурқудрат ва чӣ қадар тавоно ва баланду мустаҳкам бошад, пояҳои давлат ҳамон қадар пояндаву устувор боқӣ хоҳад монд. Дар акси ҳол ин гуна давлатро ҳатто душманони ночизе низ метавонанд несту нобуд ва

[1] Ҳамин китоб. Саҳифаи 540.
[2] Ҳамин китоб. Саҳифаи 543.

талаву тороҷ намоянд. Аз назари адиб мустаҳкам намудани дару девор, барпо намудани давлати соҳибиқтидор, таҳким бахшидан ва барҷо намудани структура ва сохтори давлат ба ҳукмрони давр - боғбон, ақлу заковат ва дараҷаи хирадмандии ӯ вобастагии қавӣ дорад. Агар соҳибдавлат мисли боғбони ғофил нодону ҷоҳил ва камфаросоту камақл ва бепарвою аблаҳ бошад, бунёди давлати абарқудрат ба ӯ муяссар нахоҳад гашт. Аз ин лиҳоз нависанда тамоми айбро ба гардани амири ҷоҳилу аблаҳ, ҳукмдори нодон зам менамояд. Аз назари ӯ ободии мулк ва тараққиёти он аз сарвари давлат асту, инчунин қафомондагиву вайронӣ ва валангории давлату мамлакат низ ба ӯ вобастагӣ дорад. Ин ҷо симои Шоҳин ҳамчун адиби маорифпарвар намудор мегардад ва ӯ дар сари ҳукумат қарор доштани ҳукмрони оқилу доноро ҷонибдорӣ менамояд. Шахси фориғболу аблаҳ ва нодону ҷоҳил мамлакат ва раиятро идора карда наметавонад. Чунончи ӯ мегӯяд. «Каллаи гӯсола чун таҳаммули юғ надорад, сазои он зери хок ва хараки хокӣ чун тоқати гаштан надорад, ҷои он миёни хасу хошок. Аммо ҳайронам аз инқилоби давр, ки чаро онро ба мехи ҷафо набастаанд ва аз инъикоси давр инро ба ҷул наороста? Ва мӯрчаи аспакро ба зери зин накашидаанд? Боис чист? Донистам, ки чӯтгир ва тӯдакаш нест».[1] Каллаи гӯсола киноя аз зимомдорону амалдорони давр аст. Зеро дар асл онҳо мавқеъ ва ҷои худро намедонанд. Ин ҳам як ишорат аст ба зимомдорон ва ҳукуматдорони давр, ки онҳо на қудрату тавоноии дар сари ҳукмат дуруст нишастан доранду на қобилияти идора намудани онро доранд. Бинобар ҳамин ҷои онҳо зери хоку хору хас аст. Бо вуҷуди ҳамин ҳамномӣ, ки каллаи гӯсоларо аз гӯсола ва хараки хокиро аз хар, мӯрчаи аспакиро аз асп бояд фарқ кард. Зеро дар табиат чӣ хеле ки ҳаст, ҳар як ҷонвар вазифа ва функсияи муайяни худро дорад. Агар мӯрчаяки аспакиро зину лаҷом занӣ ҳам он ба тӯда даромада улоғро гирифта

[1] Ҳамин асар. Саҳифаи 541.

баромада наметавонад, хараки хокӣ бо вуҷуди бо ҷул оро дода шуданаш вазифаи харро адо наметавонад кард, каллаи гӯсола - каллаи гӯсола аст, ки на эъзозро медонаду на эҳтиётро. Шоир ба тариқи тамсил агарчи ҳадафи тасвири худро аз ҳайвон ва ҷонварони майда интихоб менамояд, дар зимни гуфтаҳои ӯ мазмунҳои дақиқи фалсафӣ нуҳуфтааст. Аз назари адиб бояд дар ҷамъият ҳар як фард вазифа ва функсияи хешро дуруст иҷро намаояд. Субот ва тартибу низоми ҷамъият дар ҳамин аст.

Дар поён алоқадри ҳол чанд порае аз «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Шоҳин шарҳ ва тавзеҳ хоҳем дод, ки барои хонандагон муфид хоҳад буд:

«Оллоҳ, оллоҳ афсӯс, ки дидаи бино ва дили огоҳ нест, то он чӣ ба дида бинад, ба дил гузарад, он чӣ ба дил гузорад, ба саҳфа нигарад»…[1]

Дар фикраи аввал тағофул ва ғафлатзадагии мардум, ҷоҳилияти онон, кӯрдилии аҳли ҳуккумат ифода гардидааст. Ин як тарафи масъала аст. Паҳлӯи дигари масъала он аст, ки ишорати Шоҳин ба вакилони адабиёти давр низ нигаронида шудааст. Дили огоҳ, дидаи бино, ба саҳфа гузоштан муроҷиат ба ҳамасрон аст, ки тамоми нохушиҳои ҷамъиятро дидаву шунида истода, ҷазми ин корро намекарданд.

«Ҳуқуқи модар агар аз роҳи додани шир аст, бетафовут ҳукми модаргов»[2]*.*

Дар фиқараи мазкур ҳақ ва ҳуқуқи модар дар назди фарзанд баён мегардад. Ин масъала ба тариқи дигартар ва батафсилтар дар боби ёздаҳуми «Наводир-ул-вақоеъ» низ гузориш ёфтааст. Аммо Шоҳин онро ба таври ба худ хос, мӯъҷаз ва мушаххасу кӯтоҳ бадеҳатан ифода мекунад. Вай низ мисли Дониш ҳақ ва ҳуқуқи модарро дар назди фарзанд фақат аз қонеъ гардонидани нафс иборат надониста, иброз медорад, ки агар мавқеи модар дар тарбияи фарзанд аз рӯи тӯъма ва ғизо додан ба тифл арзиш ёбад, фарқ байни модар ва модагов (ҳайвонот) нахоҳад монд. Аз назари Шоҳин модар бояд дар оила ба ғайр аз шир

[1] Ҳодизода Р, Каримов У, Саъдиев С. Адабиёти тоҷик асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX. Душанбе «Маориф», соли 1988, саҳифаи 384.
[2] Ҳамон манбаъ, саҳифаи 240.

додан функсияи тарбиятгариро низ адо кунад. Ин фикра чуноне ки маълум гардид, ҷанбаи тарбиявӣ-маърифатӣ дорад.

«Аз устухони паҳлӯи ятим паркола бояд дод, ки то пораи ҷигари бевазан аз ҳилоли дандони ин зангиёни одамхор ситонидан тавонӣ ва домани паризоди саломат аз кафи ихтиёр бояд ниҳод, то дар гӯшаи узлат аз санги маломати ин одамони девсар эмин бошӣ»[1].

Дар ин пора дараҷаи зулм, ҷафокории аҳли ҳукумат, беадолатӣ ва ноинсофӣ инъикоси бадеии худро ёфтааст. Барои аҳли ҳукумат на ятиме эътибор дораду на бевазани мӯҳтоҷ. Аз фикраи мазкур як навъ вазъи иҷтимоии давр, ҳолат ва тарзи зиндагии мардуми оддӣ ва бекасу бенаворо низ пайхас намудан мумкин аст, ки хеле вазнин ва гарон аст.

«Фарёд аз ин доягони бемеҳр, ки ба атфоли худ ҷои шир хун медиҳанд… Мурғи хонагиро аз бедонагӣ ҳаром мекушанд ва ҷӯҷаи сихпарро ба сих мекашанд, то шағол набарад»[2].

Дар ин пора нуқтаи назари сиёсӣ ва танқидии Шоҳин дарҷ гардидааст. Зоҳиран нависанда аз замон ва сукондорони он шикоят мекунад. Доягони бемеҳр дар ин фикра киноя аз сарварони давлат аст. Атфол- рамзи мардум ва раияти мамлакат аст. Яъне амиру амалдорони мамлакат раият ва халқи хешро ба ҷои меҳру ризқу рӯзӣ додан, хун мехӯронад, яъне ранҷу азобу шиканҷа медиҳад. Маҳз аз ҷоҳилии сарварони мамлакат молу мулки онон талаву тороҷ аст ва ризқи мардум дар коми дигарон. Онҳо дар тамоми корҳо сару суботе надоранд, дар корбарии эшон сомоне, тартибе ва мароме нест.

Оҳ аз ин давороти муттасила, ки ҳар як аз он ҳамчунин аблаҳеро дар олами кавну фасод бармеангезад, ки обрӯи як олам донишро ба хоки тира мерезад.

Дар ин порча шикоят аз сукондорони замон ва гардиши фалак аст, ки дар сари ҳукумат ҷоҳилону нодонон омадаанду на қадри илму дониш

[1] Девони Шоҳин, саҳифаи 240.
[2] Девони Шоҳин, саҳифаи 254.

на эътибори мардуми пурҳунарро медонад. Ин тарзи баён анъанавист ва шикоят аз замон ва чархи фалак характери онро муайян мекунад.

Чароғи афрӯхтаро ҷое, ки равған диҳанд, доман мезанад, чӣ умеди рӯшноӣ!

Дар ин пора ғояи худшиносӣ ва худогоҳӣ маҳфуз аст. Зеро ба тарзи рамзӣ мақсад аз ибораи «чароғи афрӯхта» тамаддун, илму донишу фарҳанг ва маданияти чандинасра ва қадрияту анъанаҳои беҳтарини мардум аст, ки дар давраи амирони манғит хору залил гардид. Яъне адиб иброз дорад, ки ба ҷои афзудан ва ривоҷу равнақ додани илму фарҳангу маданияти ниёгон мо онро ба хомӯш кардан, несту нобуд сохтан овардаем. «Рӯшноӣ» низ маънии маҷозӣ дорад ва дар зимни ин мафҳум маърифат, тараққиёт, пешравӣ, равнақи ҷамъият, ҳаёти озоду мунаввар нуҳуфтааст. Пас, мантиқан аз фикраи боло чунин маънӣ бармеояд, ки мо бояд аз хоби ғафлат ва ҷоҳилият бархезем ва суннатҳои ниёгонро давом диҳем, онро набояд хомӯш кард. Барои ин худшиносии миллӣ ва худогоҳии таърихӣ лозим ва зарур аст.

Ва кӯдаки навомӯхтаро ҷое, ки сим диҳанд, бим медиҳанд-чӣ тамаи ошноӣ…

Дар ин пора танқиди сохти таълим аст. Ба қавли адиб дар он замон омӯзонидан ва таълим додан нест, балки кӯдаки навомӯхтаро ба ҷои рағбатноккунонидан тарсу ваҳм мекунаонем. Ин низ нишонаи ҷоҳилият аст.

«Дағобозиҳои фалак чун кабӯтар дар катакам карда ва шӯрангезиҳои даҳр дили роҳатам намак. Агар чун гуннҷишк хона кунам, ҳоҷиби остона тузоқи тифлон аст ва агар чун гӯсфанд азми саҳро намоям, қоиди тариқ - таёқи чӯпон; ба ҳар кӣ чун шоҳи шатранҷ рух мениҳам, пишт мешунавам.

Дар ин фикра адиб боз аз нобасомониҳои замона ва ҳоли ноҳинҷори худ шиква мекунад. Ӯ худро дар дарбори амир чун кабӯтаре

дар қафас мепиндорад ва гӯё ин талхиву шӯрангезиҳои дунё ба қалби дардноку кабоби ӯ ба ҷои малҳам намак пошида. Қадри адибу эҷодкор ҳатто чун гунҷишке ҳам нест ва хонаи худро ҳам надорад ва агар нияти хонасохтан кунад чун тифлони кӯча лонавайронӣ мекунанд ва агар ақаллан, чун гӯсфанди саркаше (чабоне) аз ин муҳит азми берун рафтан кунад, таёқи чӯпон (маҷозан шамшери аҳли ҳукумат) бар сар хоҳад омад ва дар ҳар куҷову ба ҳар кас сухани ҳақу ҳақиқатро гуфтан дар ин замона вазнину гарон гардидааст, ки агар чун дар шатранҷ (шоҳмот) «рух» пеш кунад «пишт» мешунавад. Дар ин фикра адиб аз озодии мутлақ надоштани аҳли қалами дарбор ва озод набудани сухан ибрози ақида намудааст, ки ҳолати воқеӣ аст. Дар ҳамин пора, ки мисол овардем як навъ аҳволи зиндагии худи адиб баён гардидааст ва он характери шиквоию шарҳиҳолӣ дорад. Дар пораи поёнӣ низ ҳамин ҳолатро метавон мушоҳида кард, ки дар муайян намудани аҳвол ва рӯзгори худи шоир арзиши вижа дорад:

Замона ҳар заҳри коғазпече, ки омезад, чун кадуи нос дар коми ман мерезад ва гетӣ ҳар дуди талхе, ки ангезад, чун наи калён дар димоғи ман мебезад. Ҳамвора чун деги ҳариса насибаи ман қаллоқ аст ва ҳамеша, чун кӯдаки мактабгурез, насиби ман фаллоқ. Даст ҳар ҷо, ки мегузорам, чун кафи муздур олуда ба неш бармедорам ва паҳлӯ ҳар ҷо, ки мефишорам, чун пушти ҳаммол оганда ба реш. Гӯшаи хотирам чун дӯкончаи наддоф маҷмааи парешонӣ аст ва хилвати дидаам чун оина манбаи ҳайронӣ. Агар ба рӯи ҳарир нишинам, ҳасир аст ва агар аз ҳасир бархезам - ҳарир. Шир дар косаи ман чурғот ва мавиз дар кисаи ман қарақот…»[1].

Дигар: *«Аҳвал агар якеро ду хонад, ойина дар муқобилаш дор, то чорпоии худро ба шаҳодати мушоҳида донад ва остини рад бар эътиқоди худ афшонад».* Маънии зоҳирии фикра: агар аҳвал (чашмолус) як чизро дуто гӯяд, бояд дар муқобилаш ойина гузошт, то ин ки худашро хуб

[1] Девони Шоҳин, саҳифаи 255-256.

ташхис намояд ва аз сурат хуб донист, ки хато аз ӯст, ва камбудии худро ислоҳ хоҳад кард. Маънии ботинии фикра; касонеанд, ки хусусияти каҷфаҳмӣ, вайронкорӣ ва нуқтаи назари каҷбинона доранд, вале фикри ғалати худро ҳамчун эътиқоди дуруст пеш меронанд, бояд камбудии эшон фавран ошкор карда шавад ва рӯёрӯи онҳо оина гузошт, ки то худро дарҳақиқат бишносанд.

Дигар: «Агар нон дар дастурхон аст, ба хизмати дастур ё хон кӣ равад ва агар об дар кӯза аст, пой дар мӯза кӣ кунад». Маънии зоҳирии ин фикра равшан аст. Аммо бештар маънии ботинии он эътибор дорад. Агар дар хона нон дорӣ ва дастурхонат пур аз нозу неъмат аст, ба хизмати дастур (вазиру вузаро) ва хон (амир) ҳоҷати рафтан нест. Агар об дар кӯза дорӣ, ҷонро дар хатар гузошта мӯза ба пой кашида ба дарё фурӯ рафтан нашояд. Дар байн масъалаи эҳтиёҷи моддӣ ва маданӣ ҳаст. Бинобар ҳамин касе, ки дорадманд аст, пас ба дигаре мӯҳтоҷ шудан ҳоҷат надорад. Инчунин Шоҳин ишора бар он ҳам дорад, ки баҳри нафс агар дорадманд ҳастӣ, ҷонро ба хатар набояд гузошт. Ин маънӣ дар қисмати дуввуми ин фикра равшантар аст.

Маълум мегардад, ки «Бадоеъ–ус–саноеъ» на фақат аҳамияти иҷтимоӣ, сиёсӣ, фалсафӣ ва ахлоқӣ дорад, балки ин асар арзиши автобиографиро низ молик аст. Зеро дар асоси таҳлили порчаҳои асари мавриди назар баъзе масъалаҳои шарҳи ҳол ва зиндагиномаи адибро низ рӯшанӣ андохтан мумкин аст. Адиб изҳори ақида мекунад, ки нобасомониҳои замону давр тамоми талхиҳо ва дуди заҳролударо ба ӯ сазовор дидааст, ҳолати ӯ чун деги ҳариса аст, ки фақат лату кӯб насибаш аст ва ғайра.

Аз ин мавқеъ, барои ҳамчун адиби маорифпарвар ва навовару насрнависи моҳир шинохтани Шамсиддин Шоҳин «Бадоеъ-ус-саноеъ» мавқеи муайянеро дорост. Ин асар дар баробари фаро гирифтани масъалаҳои муҳимтарини ҳаёт сабку услуби ба худ хос, ақидаҳои амиқи фалсафӣ-ахлоқӣ, масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ва маънавиро низ дар бар дорад, ки аз ҳар ҷиҳат қобили омӯзиш аст. Дар асари мавриди назар беҳтарин анъанаҳои насрнигории адабиёти мумтози форсу тоҷик, анъанаҳои нуҳуфтаи насри халқӣ, санъатҳои ба худ хоси адабиёти мумтоз идома ёфтааст ва дар қатори ҳамин он руҳияти тоза ва мазмуну мундариҷаи ғоявии замонавӣ дорад. Асар дар шакли махсуси интихобкардаи адиб таълиф гардидааст, ки ҳар як ҷумла бори ғоявии амиқ ва дақиқи фалсафӣ, ҳаётӣ, танқидӣ, эстетикӣ, ахлоқӣ касб намудаанд. Онҳоро аз тезисҳои муқаррарии илмӣ ва ё публитсистӣ ҷанбаи пурқуввати рамзӣ ва маҷозӣ тафовут медиҳад ва ин ҷиҳат барои ранги бадеӣ гирифтани асар роли муҳим бозидааст. Бешубҳа, ин асар яке аз намунаҳои беҳтарини насри бадеии тоҷик ва ифшогари иллату нуқсонҳои ҷамъият баъд аз «Наводир-ул-вақоеъ» дар ин давр маҳсуб мегардад.

Ин аст, ки Шамсиддин Шоҳин яке аз адибони маъруфи нимаи дуюми асри XIX ба шумор меравад ва барои дарёфти афкори маорифпарварии вай таҳлил ва мутолиаи ҳамин асар кӯмаки амалӣ мерасонад. Маълум мегардад, ки ӯ на фақат дар назм, балки дар офаридани асарҳои насрӣ низ салоҳияту қобилияти баланд дорад.

Аз ғазалиёт

Доғи ишқи ту ба рухсораи дил ҳоли ман аст,
Аз ту идбор гар ояд ба ман иқболи ман аст.
Қадди шамшоди ту ҳар ҷо ки равад, аз дунбол
Тани ҳамчун алифу қомати чун доли ман аст,
Ҳар мазаллат, ки ба ман мерасад аз даври сипеҳр,
Рост гӯям асари шумии афъоли ман аст.
Ҳар куҷо меравам, эй рашки бутон, бахти сиёҳ

Ҳамчу гесӯи ту афтода ба дунболи ман аст…
Гаҳ ғами дал хӯраму гаҳ ситами дида кашам,
Ин ду худком аҷаб мардуми ғассоли ман аст.
Ҳусни ошиқсифатон ғайри гирифторӣ нест…
Ҳалқаи дом ба по зинати халхоли ман аст.
Тӯъмаи руҳ бувад аҳли хирадро, Шоҳин,
Сайди маънӣ, ки асири хами чанголи ман аст.

****

Дар таҳайюр баски дар вайронӣ ободам кунанд,
К-ӯ шикасти ранг то таъмири бунёдам кунанд?
Он қадарҳо шахси ман маъдуми мутлақ нест, нест,
Гар яке оина бардоранд, эҷодам кунанд.
Аз сабуквазъӣ за ҳарфи мардум оям дар ситез,
Шӯълаам яъне ба таҳрики нафас бодам кунанд.
Мебарандам шишаҳо ҳар як ба афсуни дигар
То магар овораи мулки паризодам кунанд.
Аз сияҳбахтон набояд ҷуст ғайр аз хомӯшӣ,
Сурма болидам, чӣ сон таклифи фарёдам кунанд?
Мекашад охир зи ҷонам нолаи воҳасрато,
Гарчи дар аввал ба афсуни амал шодам кунанд.
Ҳар нафас Шоҳин ба ақди нав арӯси маъние
Ҳуҷраи андеша ороянду домодам кунанд.

****

Ёди он шабҳо, ки аз гетӣ фароғат доштам,
Бо бутони тозарӯ то субҳ сӯҳбат доштам.
Дар тариқи лоуболӣ ҳам ниҳон ҳам ошкор
Бо қаландар – машрабон тарҳи садоқат доштам.
Ҷои миннат нест бо ман чархро, к-аз хони ӯ
Чун маҳи нав бо лаби ноне қаноат доштам.
Гоҳ таълими усулу гоҳ талқини фурӯъ,
Як ба як тамҳид асбоби ҳидоят доштам…
Бар далели дониши ман гӯш нанҳод осмон,
В-арна бар даъвии худ чандин ривоят доштам.
Ҳосили илми мани бечора аз идбори бахт,
Шарру офат шуд агар чашми шарофат доштам.
Гар кунад чандин ситам бар ҷони ман гетӣ равост,
То чаро з-он кинахӯ чашми муруввat доштам…

****

Эй ки набвад чун дили сахтат, ба сахтӣ хорае,
То кай ин сангиндилӣ дар бораи бечорае?
Дил ҳазорон пора хоҳам кард аз теғи ғамат,
То диҳам пайванд бар ҳар тора мӯят порае.
Бас ки доғат бар дил, эй маҳ, чун савобит нақш баст,
Мечакад ҳар ашки ман аз дида чун сайёрае.
Аз заифӣ дар такопӯи ту эй мижгон-баланд,
Аз асо холӣ намебинам кафи наззорае.
Бегумон дил аз бари ушшоқи мискин мебарад,
Нест ҳамчун турраат дар дилбарӣ таррорае.
Дид чун дил дар даҳон омад маро аз ғусса, гуфт:
Шӯъла дар минқор дорад, мурғи оташхорае.
Ку диле к-оворагарди кӯчаи зулфи ту нест,
Эй муқими ҳар хами зулфат дили оворае?!
Модари гетӣ зи-бас хушк аст пистонаш зи шир,
Мемакад ангушти ҳайрат тифли ҳар гаҳворае.
Бар ҳалоки ҷони ӯ ҳаргиз нахоҳам ҳукм кард,
То хадангат аз дили Шоҳин нагирад порае.

****

Дам ба дам аз гиря фикри даври дигар кардаем,
Неши мижгоне ба мавҷи хуни дил тар кардаем.
Нест бефарсуди саъй андешаи таҳсили ҷоҳ
Обила гаштем то сомони афсар кардаем.
Мо заифонро шикаст охир хумори бухудӣ,
Гардиши ранге, ки дар базми ту соғар кардаем.
Нотавониҳо паноҳи нотавоно будааст,
Мо ҳам акнун такя бар паҳлуи лоғар кардаем.
Дар уруҷи рутба, Шоҳин, оҷизӣ дарбори мост
Бе пару болем агар парвоз бартар кардаем.

****

Ман аз ҷафои чарх гирифтори сад шиканҷ,
Фориғ зи ман ту дар паи сад шуғли дигарӣ.
Ҷӯши баҳори нашъаи фазлам, замона лек
Берун надод рухсатам аз шиша чун парӣ.
Ҳар чанд дар сабиқаи ашъор кам наям
Дар рӯзгори хеш зи Саъдию Анварӣ,
Лекин на аз Атобеки бахтам умеди лутф,

Не бошадам зи толеи Маҳмуд ёварӣ.
Амсоли ман зи ман ҳама пастанд дар камол.
Доранд бар ҷалол вале, ҷумла бартарӣ!
Дармондаам ба маслиҳати кори худ, чаро
Фикре наменамоию роҳе намебарӣ?
Бинӣ маро зи боди ғам ошуфта ҳамчу мӯ,
Чун ғунча сар зи ҷайби тағофул наёварӣ?
Гуфт: эй ҷафокашида ба кини замона чанд,
Дасти ситеза бар мани бечора афшурӣ?!
Ман он наям, ки ӯҳда кунам кори чархро,
Ё он ки бо замона бароям ба ҳамсарӣ!..

****

Рӯзгорест, ба абрӯи ту ҷанг аст маро,
Рӯи ҳиммат ба дами теғи фаранг аст маро.
Маънии нозук аз он мӯи миён мебастам ,
Чӣ кунам аз даҳанат қофия танг аст маро?
Раҳ ба сарманзили мақсад натавонад бурдан,
Пои ҳиммат, ки дар ин бодия ланг аст маро .
Аз паи моҳии соқи ту ба по афтодаст ,
Сари зулфи ту , ки қуллоби наҳанг аст маро.
Аз камонхонаи абрӯи ту дар дил дорам,
Ки ба ҳар ғамза чӣ миқдор хаданг аст маро?
Майли ман бар тую майл аз ту гирифтан, ҳайҳот!
Ба чи навъ аст турову ба чи ранг аст маро?
Мекашад теғ ба сар аз ҳасад абрӯи туам,
Ки чаро домани зулфи ту ба чанг аст маро?
Гӯ мадеҳ, соғари он наргиси фаттон, ки ҳанӯз,
Дар сари фоли ту кайфияти банг аст маро.
Дили бечораи Шоҳин ба хами турраи ӯ,
Ҳамчу оҳубарра дар чанги паланг аст маро.

****

Ман кӣ бошам сар кашам аз хатти фармони шумо ?
Ҳар чи ояд бар сарам, ман банда, ҳукм они шумо.
Як сари мискин чӣ бошад, к-аз шумо дорам дареғ?
Гар дилу ҷон аст, он ҳам бод қурьони шумо.
Дар хами он зулфи чун чавгон дили моро чӣ қадр?
Эй сари афсартарозон гӯйи майдони шумо!
Мекашад доман зи рӯи ноз чун оби зулол,

Ашки талхи ман зи лаъли шаккарафшони шумо.
Сад чаман гул атсазан бархезад аз домони хок,
Гар сабо орад насиме аз гиребони шумо.
Бар дили девонаам, эй носеҳон афсун дамед!
Вақф кардам оҳани сарде ба сандони шумо.
Гар кунад Шоҳин ба васфи ин даҳан маҷмӯае ,
Мезанад раҳ ба дилаш зулфи парешони шумо.

****

Эй лабат шаккарфишону турраат анбарсиришт,
Талъати хуршед пеши хубии рӯи ту зишт.
Ҷазбаи ишқи ту берун мекунад аз роҳи шавқ,
Зоҳидонро аз савомеъ, роғибонро аз куништ.
Он на хуршед асту маҳ, к-аз ғайрати ҳуснат сипеҳр,
Мезанад ҳар рӯзу ҳар шаб, эй санам дар сина хишт.
Бо чунин ҳусни диловезе, ки ҷоно, мар турост,
Не фаришта аз фалак хезад, на ҳӯре аз биҳишт.
Хост то чоки гиребони одам созад руфӯъ,
Пайкари моро ғамат бориктар аз ришта биришт.
Шарҳи шавқат менавиштам, дидаи хунбор гуфт,
Ҷои сурхиҳош бигзорӣ, ки ман хоҳам навишт.
Ҳар куҷо тухми муҳаббат буд, деҳқони азал ,
Ҷамъ карду як ба як дар синаи Шоҳин кишт…

****

Дилам шикаставу тан хаставу ҷигар хун аст,
Биё бубин, ки маро бе ту зиндагӣ чун аст!
Ғами дилам ба қиёсу ҳисоб н-ояд рост,
Ки аз ҳисоб бурун, в-аз қиёс берун аст.
Ба ҷомахоб зи маи маст хуфтааст нигор,
Дило бикӯш, ки имшаб шаби шабехун аст.
Маро ба ваъдаи ту ҷои эътмод намонд,
Ки кору бори ту пайваста макру афсун аст.
Ту рафтӣ аз барам, эй сарви ноз, аз паи ту,
Зи ҳар ҳадиқаи чашмам равона ҷайҳун аст.
Ба решаҳои дилам баҳри нолапардозӣ,
Ғамат чу захмаи мутриб ба тори қонун аст.
Бирав ба майкада аз зарқ хирқа пок бишӯй,
Ки лои зери хуми бода беҳ зи собун аст.
Дилам ба соғари май майл мекунад доим.
Магар ба наргиси махмури ёр мафтун аст?

Кунад ба шеъри ту, Шоҳин ақидаи комил,
Касе, ки мухлиси ашъори табъи мавзун аст.

****

Шикастахотиру ранҷуру нотавон шудаам,
Биё бубин, ки дилат ҳар чи хост, он шудаам.
Ба ғайри хору хаси меҳнатам наёмад пеш,
Ба ҳар тараф, ки чун оби равон, равон шудаам.
Маро чу шохи суман кард тарбият айём,
Вале чи суд, ки маҳруми бӯстон шудаам?
Ба ҳар ки майл кунам, мекунад канора маро,
Ба хотири ҳама чун бори ғам гарон шудаам.
Ду даста нуқли ғаму ғуссаам ба пеш гузошт,
Ба хони ишрати ҳар кас, ки меҳмон шудаам,
Зи хоки тира ба сад поя камтарам, аммо,
Гумон кунанд халоиқ, ки осмон шудаам.
Ба ҳеҷ кисватам аз тан нарафт урёнӣ,
Фурӯғи моҳаму дар пардаи катон шудаам.
Ман он гӯлам, ки аз ошӯби бесуботии даҳр,
Накарда тоза димоғи касе, хазон шудаам,
Ачал тафаққуди ҳолам намекунад, варна,
Ҳазор бор аз ин зиндагӣ ба ҷон шудаам.
Ба фазлу дониши худ ҳайф оядам, Шоҳин,
Ки ман ба ин ҳама ганҷ аз чӣ ройгон шудаам?

****

Лаб аст он, ё ақиқ аст он, рух аст ин, ё баҳор аст ин,
К-аз он шуд коми ман сероб, аз ин шуд фикри ман рангин?
Ба ҳангоми арақ, дорам шигифт, аз рӯи ангушташ.
Ки аз бадре фишонад бо ҳилоле хӯшаи Парвин.
Агар ораз барафрӯзад в-гар боло барафрозад ,
Маҳ аз чарх офарин хонад бар ӯ, сарв аз замин таҳсин.
Касе дидаст ҷононе, ки дорад чун нигори ман :
Рух аз моҳу лаб аз лаълу қад аз сарву бар аз насрин?
Лаби шаккарнисору зулфи мушкафшони ӯ бинад,
Наёрад корвон дигар шакар аз Мисру мушк аз Чин.
Агар дар по фишонад турра, афтад дар замин афъӣ,
В-гар бар чеҳра тобад зулф, печад бар фалак танин.
Ба дафъи захми чашм аз қадду рӯяш дар чаман доим,
Кашад сарви саҳӣ дасти дуо, гӯяд суман: омин!
Чи сон бо ғунчаву сунбул даҳону турраш монад?

Ки ғунча нест шаккарбору сунбул нест атрогин.
Бад-он монад, ки дар минқор гирад барги гул тӯтӣ,
Ба манъи ман зи бӯса лаб газад ҳар гаҳ лаби зерин.
Чаман ҳар лаҳза аз сарве нигорад маънии мавзун,
Кунад то мисраи барҷастаи қадди туро тазмин.
Нишони тешаи Фарҳод шуд аз Бесутун зоил,
Чӣ Ширини, ки меҳри туст боқӣ дар дили Шоҳин?!

Савол ва супоришот:

1. Дараҷаи тадқиқ ва омӯзиши аҳвол ва осори Шамсиддин Шоҳин.
2. Лирикаи Шамсиддин Шоҳин ва хусусиятҳои мазмунӣ ва мундариҷавии он.
3. Анъанаи достонсароӣ дар эҷодиёти Шамсиддин Шоҳин.
4. Маснавии «Тӯҳфаи дӯстон»-и Шамсиддин Шоҳин.
5. «Бадоеъ-ус-саноеъ» ва хусусиятҳои мазмуниву мундариҷавии он.
6. Ақидаҳои танқидӣ ва маорифпарварии Шамсиддин Шоҳин.
7. Шоҳин шоири равияи анъанавӣ.
8. Мавқеи жанри ғазал дар осори Шамсиддин Шоҳин.
9. Таркиби жанрии куллиёти Шамсиддин Шоҳин.
10. Муносибати Шамсиддин Шоҳин ба Аҳмади Дониш.

Ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мадании халқҳои Осиёи Марказӣ дар ибтидои асри XX.

Нуктаҳои асосӣ:

1. *Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маданиву фарҳангии мардуми Осиёи Марказӣ дар ибтидои асри XX.*
2. *Ҳаракати таҷаддудхоҳӣ ва омилҳои асосии пайдоиши он.*
3. *«Ҷавонбухороиён» ва моҳияти ин ҳаракат.*
4. *Ҷадидон ва қадимиён.*
5. *Адабиёти маорифпарварии таҷаддудхоҳӣ ва мазмуну моҳияти он.*
6. *Равияҳои асосии адабӣ дар ин марҳила.*
7. *Мазмун ва мундариҷаи ғоявии адабиёти таҷаддудхоҳии тоҷик.*
8. *Тамоюлоти асосии адабиёти ҷадидияи тоҷик.*
9. *Рӯзноманигорӣ дар ин давра ва хусусиятҳои ба худ хоси он.*
10. *Пайдоиши драматургияи миллӣ ҳамчун падидаи тоза дар ибтидои асри XX.*

Ибтидои асри XX бо тезутундии воқеаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ дар таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ характернок аст. Таъсири сиёсати мустамликадоронаи Руссия дар ин давра дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мардуми маҳалҳое, ки зери тасарруфи Руссияи подшоҳӣ даромада буданд, ба мушоҳида мерасад. Ин марҳилаи таърихӣ аз охирҳои асри XIX сар шуда то солҳои 1926 идома ёфтааст ва он дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, маданиву маишӣ аз ҷиҳати вусъати воқеаҳои таърихӣ мавқеи муҳиме дорад.

Дар натиҷаи доман паҳн кардани сиёсати мустамликадоронаи ҳукумати подшоҳӣ беҳуқуқиву қашшоқӣ ва бенавоию ранҷбарии аҳолии маҳаллӣ торафт меафзояд. Гарчи дар ин давра дар шаҳрҳои гуногуни Осиёи Марказӣ корхонаҳои хурд-хурди саноатӣ (заводҳои пахтатозакунӣ, равғанбарорӣ) консервабарорӣ, нӯшокиҳои спиртӣ, чармгарӣ ва ғайраҳо) сохта шуда бошанд ҳам, барои беҳбудии зиндагии мардум чандон аҳамият надоштанд. Дар натиҷаи афзоиши талаботи ҳукумати подшоҳӣ ба ашёи хом, афзудани нуфузи муомилоти пулӣ дар ин ҷойҳо низ боёни маҳаллие пайдо гардиданд, ки бо саноатчиёни рус дар рақобат буданд. Дар натиҷаи инкишофи муомилоти савдо ва рақобати бозорӣ маҳсулоти саноатии косибон ва ҳунармандони маҳаллӣ арзиши хешро гум кард ва аҳволи табақаи ҳунарманд нисбатан бад гашт.

Гузориши масъалаҳо тақозо менамояд, ки ба воқеияти сиёсӣ-иҷтимоӣ ва таърихию мадании охири асри XIX ва аввали асри XX аз дидгоҳи тоза назар афканда шавад. Таҳлили амиқи воқеият ва моҳияти ҳодисот, ки дар заминаи қонуниятҳои табииву иҷтимоӣ ба вуҷуд омада буданд, тақозо мекунад, ки муфассалан ба ин масъалаҳо таваққуф карда шавад. Ҳамчунин мушоҳидаву таҳлили манзараи таърихӣ ва сиёсати дохилӣ дар баррасии мавзӯи мавриди назар муҳим аст.

Дар чунин шароит гӯё Руссия ба корҳои дохилии Бухорои «мустақил» мудохила намекард. Аслан ва амалан дар шароити қуруни вусто, ки дар Осиёи Миёна мастаъмӣ буд, сурат напазируфтани таҳаввулоти ҷиддиро дар ҳама самт дарк намудан мумкин аст. Адабиётшиноси тоҷик Х.Асозода менависад, ки дар ин сарзамин (Осиёи Марказӣ–С.Х.) ҳанӯз ҳам гароишҳои феодалӣ ва тамоюлоти мазҳабӣ бечуну чаро давом мекарданд. Яъне ин сарзамин ҳаёти анъанавии худро идома медод, мисли ин ки ақоид ва афкори навин фақат дар шароиту муҳити басо душвори он роҳ меёфт».[1]

Ба қавли Иржи Бечка сарзамини Сино ва мардуми он ба дуо ва бадтар аз он бо сеҳру ҷоду кор мекарданд ва мардуми сарзамини ахтаршиноси бузург–Улуғбек гумон мекарданд, ки хуршед ба даври замин мегардад.

Ҳамин тариқа, манзараи ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии халқҳои Осиёи Марказӣ бо баъзе пешрафтҳои ҷиддӣ нисбатан ранги дигар гирифта бошад ҳам, аҳволи мардуми маҳаллӣ, бахусус, табақаҳои оддии ҷамъиятӣ тоқатфарсо буд. Ин гуна аҳволи вазнин нафрату ғазаби мардумро бар ҳукумат як бар чанд афзуд. Ин буд, ки баъди инқилоби солҳои 1905-1907, ки дар Руссия рух дод, байни мардум ҷунбишҳои фикрӣ, дигаргуниҳои маънавӣ ба миён омад ва он ба мардуми маҳаллии

[1] Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ. – Душанбе: Маориф, 1999.Сах. – 8 .

Осиёи Марказӣ таъсири назаррасе падид овард. Дар зери ин таъсир дар Осиёи Миёна низ ҷунбиши фикрию иҷтимоии гуногуне ба вуҷуд омад. Асосан, дар шаҳрҳои калонтарини Осиёи Марказӣ, - Қӯқанд, Тошканд, Андиҷон, Самарқанд, Хӯҷанд хурӯҷҳои гуногуни иҷтимоиро дидан мумкин аст. Баъди солҳои 1905-1907 низ метавон гуфт, ки тарзи тафаккур ва як навъ ҷаҳонбинии мардум тадриҷан таҳаввул ёфт. Дар ибтидои асри асри XX байни табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ тезу тунд шудани муносибатҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Аз дохили мардуми маҳаллӣ шахсоне пайдо гаштанд, ки барои озодии миллӣ саъю кӯшишҳо доштанд. Дар ин давра мобайни халқ низ ақидаҳои гуногуни ташвиқӣ ва тарғибӣ паҳн карда шуда буд. Умуман, ин давра низ бо бедории фикрии умум хеле характернок аст.

Аз аввалҳои асри XX дар Осиёи Миёна ҷунбиши иҷтимоию сиёсие бо номи ҳаракати ҷадидӣ ба майдон омад, ки яке аз воқеияти муҳими ин давр маҳсуб мегардад. Вобаста ба тақозо ва нишондоди сиёсати ҳизбии расмии давраи шӯравӣ бобати ин давраи адабиёт муддати муайяне таҳқиқот низ дар асоси таҳрифоти ҳақиқат сурат гирфтааст.

Аз ҷониби Руссияи подшоҳӣ забт гардидани Осиёи Марказӣ, ки аз нимаи дуюми асри XIX оғоз гардида буд, дар аввалҳои асри XX тамоми шаҳру вилоятҳоро зери таъсири худ гирифт. Натиҷаи ҳамин буд, ки дар муддати кӯтоҳ ҳукмронии мустамликавӣ ва зулми тоқатфарсои дутарафа, ҳам аз ҷониби феодалони маҳаллӣ ва ҳам аз ҷониби амалдорони рус ҷорӣ карда шуд. Ҳатто ин вазъият аз ҷониби яке намояндагони сиёсии рус ба тариқи зайл ташреҳ меёбад: «Вилоятҳои мустамликавӣ фақат тавассути тиру туфанг ва шамшеру теғ сари итоат фуруд оварданд. Ба аҳолии маҳаллӣ муносибати ваҳшиёна ҷорӣ карда шуда буд. Дар чунин ҳолати тоқатфарсо халқи маҳаллӣ барои дафъатан дур сохтани зулму истибдод кӯшиш ва ҳаракат дошт».

Чуноне, ки дар боло ишора рафт, инқилоби солҳои 1905–1907, ки дар Руссия амалӣ гардид, дар Осиёи Миёна низ таъсири худро гузошт ва

дар байни мардум ҷунбиши фикрии қавиеро падид овард. Бо сабаби харҷу-марҷҳои ҷанги якуми ҷаҳонӣ аҳволи иқтисодию сиёсии мамлакат тангтар шуд ва бо мақсади рӯйпӯш кардани ин хароҷот боҷу хироҷ барои халқи маҳаллӣ дучанд гардид.

Бояд иброз дошт, ки дар баробари тамоми тағайюроту таҳаввулоти солҳои аввали асри XX воқеияту дигаргунии муҳимро дар раванди сиёсии мамлакатҳои Осиёи Миёна ҳодисаҳои сиёсии солҳои 1905-1907 гузошт. Рӯзафзунии ҷунбишу ҳаракоти табақаи ранҷбару зиёиёни маҳаллӣ зери таъсиру нуфузи тамаддуни аврупоӣ, инчунин зери таъсиру нуфузи русҳо хонсолори Бухоро тадриҷан истиқлоли сиёсии хешро аз даст дод ва русҳо дигар имкон надоданд, ки вазъи салтанату даврони ҳукумати маҳаллӣ беҳбуд гардад. Ба ин пеш аз ҳама, ҳукумату риҷоли дарбори амир мухолифат доштанду ягон зарроти таҷаддудхоҳӣ ва ислоҳотпарастиро дар мулк роҳ надоданд. Ҳамин буд, ки салтанат ва мулки аморату қудрати сиёсии амири давр рӯ ба таназзул овард. Аммо дар Туркистону Бухоро дар ҳамин гуна шароити тангу фарсуда низ мардони инқилобию равшанзамир, бедордилу равшанфикр падид омаданд ва барои беҳбудии зиндагии ҷомеа камар барбастанд. Тадриҷан ғоя ва мафкураи ҳаракати маорифпарварию таҷаддудхоҳӣ ба саҳфаҳои адабиёти бадеӣ гузашт. Адабиёт рангу бори тоза касб намуд ва барои ифодаи марому мақсад ва матлаби зиёиёни маорифпарвар мутобиқ карда шуд. Дар ҷодаи эҷоди бадеӣ адибон ба ду равия тақсим шуданд. Қисме адибон агар роҳи навини маорифпарвариро интихоб намуда бошанд, қисми дигаре аз онҳо анъанаҳои беҳтарину хубтарини адабиёти классикии форсу тоҷикро идома доданд.

Дигар аз нуктаҳои муҳим ин аст, ки аксаре аз адибони маорифпарвар ва зиёии давр ҳам дар рушду нумӯи адабиёти маорифпарварии тоҷик ва ҳам дар ташаккулу инкишофи адабиёти бедории миллии ӯзбек саҳмгузоранд. Зеро аксарияти маорифпарварони зиёӣ адибони зуллисонайн буданд ва аз ин лиҳоз хизматҳои эшон дар

шаклгирии адабиёти сифатан нави ҳар ду миллат баробар аст. Аз ин ҷиҳат яке аз хусусиятҳои муҳимтарини адабиёти маорифпарварӣ-тағаддудхоҳӣ дар идома ёфтан ва устувор будани анъанаи зуллисонайнӣ зоҳир мегардад. Аммо аз соли 1907 сар карда давраи пурбории фарҳангӣ оғоз гардид. Мардум тавассути нашрияҳо ва фарҳанги мамолики мутараққии Аврупо, Эрон, Туркия ва баъзе аз давлатҳои Шарқ ба муҳити дунявии илму фарҳанг ошоно гардиданд. Ҷои шубҳа нест, ки аввалин омил дар ташаккули муҳити илмию фарҳангии халқҳои Осиёи Марказӣ фарҳангу илми Руссия буд ва тавассути ҳамин чиз ба илму адаби Аврупо низ роҳ кушода шуд. Ошноии фарҳангӣ боиси ҷунбишҳои табақоти равшанфикру демократии ҷомеа гардид. Аслан, ин ҷунбиш аз нимаи дуюми асри XIX дар ин минтақа падид омада, ғоя ва мояи аслии он аз ҷониби равшанфикрону маорифпарварони ҳамин давр баён гардида буд. Дар оғози асри XX зери таъсири ҷунбишҳои миллӣ–озодихоҳӣ, тағаддудхоҳию маорифпарварии наҳзатҳои маҳаллӣ, ки имрӯз саромади онро Исмоили Гаспиралӣ медонанд, муҳити илмӣ, адабӣ, фарҳангию иҷтимоии халқҳои маҳаллӣ самти тоза дарёфт. Зери таъсири ҷунбиши тағаддудгароён (ҷадидон) дар Бухоро падид омадану мавқеи сиёсӣ-иҷтимоӣ пайдо кардани наҳзати ҷавонбухориён низ маъруфият дорад.

Ҷавонбухороиён-*гурӯҳе, ки мақсад ва маслаки онҳо дар ибтидо тараққӣ, нашри маорифи замонӣ ва пешрафти мамлакат буд ва роҳбару аъзоёнаш ба эътибори аксарият ҷавонон ва навфикрон буданд, аъзоёни ин гурӯҳ, мисли «ҷавонтуркон»-и Туркияи он давра худро «ҷавонбухороиён» меномиданд. (С.Айнӣ, Таърихи инқилоби Бухоро, саҳ.-70). Ин ташкилот ва аъзоёни он дар манбаъҳои мухталиф бо унвонҳои гуногун «ҷавонфикрон», «ҷадидон», «тағаддудхоҳон», «навфикрон», «тараққипарварон», «равшанфикрон», «озодфикрон» ва ғайраҳо муаррифӣ мешавад.*

Аммо дар боби моҳият ба ҳамфикрию ҳамраъйии заиф, дастури номуназзаму манфиатҷӯёна майл доштани баъзе аз аъзоёни ин ҳаракат

ва ҷунбиш бо маънои том дар пешрафти ҳаёти мардум дер ва абадан мақом наёфт. Гуфтан мумкин аст, ки боиси пароканда гардидани ин наҳзати таҷаддудгароёна дар фаъолияти тарафпарастии баъзе аз вакилони онҳо, баъзан манфиатпарастии аъзоёни он намудор мегардад. Ҳадафи аслии қисме аз онҳо мароми муайяну муштарак надошт. Аммо дар таркиби ин равшанфикрон ва тараққипарварону таҷаддудхоҳони комил низ буданд, ки дар самти пешравии ҳаёти мардум, тарғиби илму маорифи дунявӣ, падид омадани нашрияҳои нав, дигаргуншавии ҳаёти иҷтимоии мардуми маҳаллӣ, бедории фикрии онҳо ва муҳимтараш самти тоза дарёфтани адабиёти бадеӣ ҳисса гузоштанд. Гап дар сари он аст, ки дар ибтидои асри XX ҳар ки худро зиёӣ мепиндошт, дар рушду нумӯъ ва инкишофу таҳаввули адабиёт ва маданиятнокии мардум саҳмгузор буданд.

Ҷадидон барномаи комили навсозии маорифпарваронаи ҷомеаро ба миён гузошта буданд. Дар нигоҳи ин гурӯҳ бозҷусти роҳи фардо бо танқиди сохти воқеияти замонӣ ҳамроҳ мерафт. Интиқоду ифшогарӣ даъвату хитоба аз хусусиятҳои аслии адабиёти ин равия буд. Ормонҳои олии маорифпарварии навхоҳон дар асарҳои Фитрат, Аҷзӣ, Асирӣ, Мирзо Сироҷ, Беҳбудӣ барин намояндагони ин равия равшан ба назар мерасад. Дар вақташ Фитрат каҷфаҳмиҳоро дар шинохти мароми ҷадидон хеле равшан тафсир карда буд, ки имрӯз низ арзиш дорад. Ӯ сабаби ихтилофоти ҷадиду қадимро шарҳ дода таъкид карда буд, ки *«миллати наҷибаи Бухороро пӯшида нахоҳад буд, ки муддатест ихтилофи ҷадид ва қадим, ки мабдааш ба ҷуз иштибоҳкорӣ ва фасодати баъзе хоинони миллат чизи дигаре нест, Ватани муқаддаси моро фаро гирифта, ҷамоаи муттаҳидаи аҳолиро ба унвони ҷадид ва қадим-ду фирқа ва ҳар кадомро нохушнудони дигар намуд».* Моҳияти ин суханони Фитрат дар он ҳам зоҳир мегардад, ки ӯ пеш аз ҳама ихтилофоти байни миллатҳо ва мазҳабҳоро инкор мекунад. Ин тарзи ифодаи фикр хеле ҷиддӣ ва дар айни замон муҳим аст.

Зиёиёни бомаърифат сари вақт дарк намуданд, ки инкишофи ҷамъият, маҳз тавассути ташаккулу бунёди маърифат, илму дониши нави замонавӣ имконпазир аст. Ин мулоҳиза бо гуфтаи сарвари давлат Ислом Абдуғаниевич Каримов низ ҳамоҳангӣ дорад. Ӯ таъкид менамояд, ки «… асос ва пояи тараққиёти ҷамъияти ягона ва муқтадире, ки онро аз доми ҳалокат наҷот дода метавонад, фақат маърифат аст»[1]. Пас, дар ривоҷу равнақ ва пешрафти ҳаёти маданию фарҳангии мардуми Осиёи Марказӣ саҳми маорифпарварони номбардор ва навиштаҳои илмиву таърихӣ ва фалсафию бадеии онҳо хеле арзишманд аст.

Ҷунбиши таҷаддудхоҳони миллӣ аз чанд ҷиҳат аз андешаҳои тараққихоҳонаи саромади ҷараёни маорифпарварӣ ва адабиёти бедории миллӣ-Аҳмади Дониш сарчашма мегирифт. Ин буд, ки дар ташаккул ва рушду нумӯи афкори навини эшон мавқеи осори бадеӣ–адабиёт хеле калон буд. Тағйироти муҳимтарини сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию маданӣ дар осори бадеии вакилони пешқадами давр инъикос меёфт. Пайваста ба дигаргун шудани шароит, тамоюлоту афкори тараққипарваронаю навҷӯёна адабиёт мазмунан ранги тоза дарёфт. Афкори нави танқидию ахлоқӣ, фалсафию иҷтимоӣ бевосита, боиси тағйироту таҷаддуди соҳаҳои мухталифи ҳаёти мардум гардид. Адабиёт зимни таъсири ин афкор тавассути эҷодиёти намояндагони барҷастаи ин давраи он бо мазмун ва мундариҷаи ғоявии тоза ба марҳилаи нав самти тоза дарёфт. Инъикоси ғоя ва мазмуну мавзӯоти нави тараққипарваронаю маорифпарварона дар ташаккули мазмуни адабиёти ин давр таъсири амиқе расонид. Воқеан, дар чунин навишатҳо доираи мавзӯву масъалаҳо комилан нав буд. Бори аввал устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ба ин масъала ишора карда, аз ҷумла навишта буд, ки мавзӯи ин гуна осор «ба эътибори умумият ватан, миллат, дин, илм ва маориф буда, ташвиқ ба муқобили ҳукумати

[1] И. Каримов. Тарихий хотирасиз келажак йўқ. – Тошкент: Шарқ, 1998. – 21.

мустабида зимнан, ҳуҷум ба уламо сароҳан аз мавзӯъҳои муҳими ин давра ба шумор мерафт»[1].

Шарқшиноси рус А.Н.Самоилович дар яке аз мақолаҳояш «Драматическая литература сартов» соли 1910 менигорад, ки «Дар оғози асри XX дар Туркистон (Осиёи Марказӣ С.Х.) адабиёти моҳиятан наве ба майдон омад». Дуруст аст, ки муаллифи сатрҳои фавқ бо назардошти жанрҳои дарамавӣ дар ин давра ба майдон омадани адабиёти моҳиятан навро дар Осиёи Марказӣ таъкид мекунад. Аммо, агар дақиқтар назар афканда шавад, пай бурдан душвор нест, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳаёти мадании халқҳои Осиёи Марказӣ табаддулот ва тағйироти тоза дар ҳамаи ҷабҳаҳо назаррасанд. Падид омадани ҷараёни маорифпарварӣ омили асосии ин табаддулот ва тағйирот аст. Зеро дар асоси факт ва далелу бурҳонҳои қотеъ собит кардан мумкин аст, ки дар охири асри XIX ва оғози садаи XX ба ҷои қонуниятҳои деринаю меъёрии адабиёти мумтоз, ки асосан дар устувории қолабҳои анъанавии шаклии осори адабӣ қазоват мекунад, ҳам аз ҷиҳати мазмуну мундариҷаи ғоявӣ ва ҳам аз ҷиҳати шаклу услуб адабиёти тадриҷан навгаштае дар равиши тоза бо мазмуну мундариҷаи ғоявии нав ба майдон омада буд. Дар як муддати кӯтоҳ адабиёт ҷараёни дигаре пайдо намуда, дар асоси қонуният ва услубу принсипҳои нав рӯ ба инкишоф ниҳод, ки ин ба омилҳои болоӣ сахт марбут аст.

Ҷоиз ба тавзеҳ аст, ки то даврaҳои наздик маҳз ҳамин даврaи таърихи адабиёт ҳамчун даврaи инкишофнаёфтаи адабиёти тоҷик баррасӣ гардида, тадқиқотҳои дар ин ҷода анҷомёфта низ дар доираи маҳдуд сурат гирифтаанд.

Ин даврaи таърихи адабиёт, яъне адабиёти оғози қарни XX, ба унвон адабиёти таҷаддудхоҳӣ ва ё ҷадидӣ мантиқан идомаи адабиёти маорифпарварӣ буда, он қисми ҷудонашаванда ва марҳилаи яклухти адабиёти маорифпарварист.

[1] А

Дар адабиёти ин давр ҷиҳати аз ҳама муҳим дар эҷоди бадеӣ тадриҷан тағйир пазируфтани шаклу мазмун аст. Зеро бо оҳистагӣ бошад ҳам дар ҳамин марҳила тағйиру таҷаддуди шаклию мазмуни осори бадеиро мушоҳида кардан мумкин аст. Ин ҷараён, аслан, аз нимаи дуюми асри XIX оғоз гардида буд. Дар адабиёти тоҷик, маҳз, аз ҳамин давра муносибат ба жанру шаклҳои адабӣ тағйир пазируфт. Дар эҷодиёти адибон як навъ муносибати мусбиеро нисбати жанрҳои адабиёти мамолики Ғарб ва мамлакатҳои нисбатан тараққиёфтаи Шарқ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар охири асри XIX ва ибтидои XX бахусус, аз солҳои 10-уми ин аср дар асоси таҷрибаҳову робитаҳои адабии нав дар ташаккули жанр ва навъҳои адабӣ, мазмуну мундариҷаи осори бадеӣ муҳчаҳои аввалине шукуфтанд. Ин ҳолатро ҳамчун ҳодисоти мусбии ташаккули адабиёт ва қадами ҷиддие пиндоштан ва онро дар асоси пайдоиши жанрҳои драмавию публисистӣ, инчунин таҷаддуди шакливу мазмунии баъзе аз жанрҳои анъанавии адабиёти мумтоз эзоҳ додан мумкин аст.

Боис ин буд, ки дар Осиёи Марказӣ низ ҷунбишҳо ва ҳаракатҳои ислоҳотхоҳона баҳри озодию ваҳдат ба вуҷуд меомад. Имрӯзҳо бояд иқрор гардид, ки сарвари ин ҳама ҷунбишҳои иҷтимоӣ зиёиёни маҳаллии бедорфикру равшанзамир буданд.

Мақсад ва мароми ин гурӯҳи ҷомеа аз таъмини озодию ободӣ, ваҳдату ягонагии миллӣ, посдошти анъанаҳои миллӣ, тараққӣ додани дараҷаи зиндагӣ, маданият, вусъати илми дунявӣ ва замонавӣ, таҷаддудхоҳию маърифатпарварӣ, барҳам додани иллату нуқсон, бедории мафкуравӣ, тарғиби ғояҳои солим, худшиносӣ ва худогоҳии миллию таърихӣ, ки аслу ҷавҳари тараққиётро ташкил медиҳанд, иборат буд.

Омилҳои асосии ин ҳама тағйиротҳо дар поёни асри XIX ба вуҷуд омада буданд. Руссия бинобар ташаккули муносибатҳои сармоядории хеш Осиёи Миёнаро чун кони манотиқи ашёву манобеи хом дарёфта буд. Муқовимат ва муносибатҳои мутақобилаи дохилӣ, дар навоҳию манотиқи мухталиф сар задани шӯришу туғёнҳои маҳаллӣ аҳволи сиёсии аморат ва хонигариҳои Осиёи Миёнаро муташанниҷ сохта буд.

Ана дар ҳамин равиш адабиёти равшангарии тоҷик, ки адабиёти ҷадида низ як шохаи он аст, зуҳур кард ва инкишоф ёфт. Мутаасифона, солиёни дароз адабиёти ҷадида ҳамчун зуҳуроти манфӣ дар таърихи адабиёт зикр мешуд. То рӯзҳои наздик ин ҳаракат ҳамчун ҳаракати «буржуазияи савдоию тиҷоратии маҳаллӣ» ва аъзоёни он «зиёиёни миллатчӣ» муаррифӣ мешуд. Ин тарзи баҳодиҳӣ ба масъала яктарафа аст. Ин ҳама вобаста бо сиёсати ҳукуматии ҳамонвақта буд. Имрӯзҳо собит гаштааст, ки ин ҳаракат аз чанд ҷиҳат муҳим буд. Дар асл ҷараёни ҷадида дар таърихи адабиёти тоҷик мақоми мусбат дошта, дар замонааш рисолати бузурги иҷтимоиро бар дӯш гирифта буд. Моҳияти ин равишро донишманди маъруфи адабиёти тоҷик Муҳаммадҷон Шукуров хеле возеҳ тавсиф кардааст[1]:

«равшангарон нисбат ба муҳофизакорони кӯҳнапараст, нисбат ба қадимиён худро ҷадид номиданд ва хостанд ҷомеъаро нав кунанд, миллатро аз гирдоби хурофоту таасубот берун оварда, ба шаҳроҳи тараққии илму фанни замон бароранд, то ки миллат аз фарҳанги тозаи асри мо, аз дастовардҳои илму маорифи нави даврон баҳра бардорад».

Воқеан ҳам ҷадидон мехостанд миллатро аз чанги вомондагӣ раҳо бахшанд. Бинобар ин ҳам таъкид мекарданд, ки «аввалин наҷотдиҳандаи мо илм аст».

Дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX назм инкишофи сатҳӣ дошт. Кӯшиши амирони манғит дар роҳи ҷалби аҳли адаб ба дарбор чандон

[1] Шакурӣ М. (Шукуров М). Садри Бухоро. Чопи дувум. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 327 с.

натиҷанок набуд. Бо вуҷуди он ки Бухоро маркази ҷомеъи фарҳангӣ ба назар меомад, рушди неруҳои адабӣ ба ҳоли худ буд. Вобаста ба ҳамин адабиёти ибтидои асри XX-ро давраи сифатан нави инкишофи равияҳои адабӣ низ номидан мумкин аст. Зеро дар ҳамин давр муносибати шоирон ва адибони ҷараёни таҷаддудхоҳии нав нисбати мазмуну мундариҷа ва ғояи осори бадеӣ, ҳамчунин шаклу намудҳои эҷоди бадеӣ тағйир пазируфт. Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки оғози асри XX дар ташаккул ва таҳаввулоти жанру намудҳои осори бадеӣ марҳилаи тоза ва нав аст.

Дар асоси нишондоди Ғ.Маҳмудов «ҷамъияти ниҳонии ҷадидон» соли 1910 дар Осиёи Миёна ташкил карда шудааст. Ҳаракати ҷадидии халқҳои ӯзбеку-тоҷикро ба чор зина тақсим мекунад. Зинаи аввал нимаи дуюми асри XIX то солҳои 1910. Зинаи дуюм аз солҳои 1910-1917. Зинаи сеюм соли 1917- то давраи инқилоб. Зинаи чаҳорум аз солҳои 1920 то барҳам дода шудани ин ҳаракат.

Умуман, намояндагони ин ҳаракат тарафдорони талқину тарғиби маданияти аврупоӣ буда, бештар ба ҳаёти маданиву маишии халқҳои Аврупо таваҷҷӯҳи махсус доштанд ва онро тарғиб менамуданд. Яке аз чорабиниҳои калони онҳо дар ин поя ташкили мактабҳои усули ҷадида буд. Инчунин тарғиби ислоҳотхоҳӣ дар сохт ва структураи давлату тадриси муассисаҳои таълим инчунин тадриҷан такмил додани адабиёти бадеӣ аз ҷониби адибони маорифпарвар мақсади асосӣ ба шумор мерафт.

Таъсиру нуфузи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии халқҳои Аврупо ва унсурҳои тарзи зиндагии онон ба ҳаёти маданию адабии халқҳои Осиёи Марказӣ назаррас аст. Аввалан, ин ки дар шаҳрҳои калонтарини Осиёи Марказӣ – Самарқанд ва Тошканд кушода шудани матбааҳои литографӣ ва дар ин нашриётҳо чоп гаштани асарҳои вакилони адабиёти маорифпарварии ибтидои асри XX - Мирзо Сироҷи Ҳаким, Асирӣ, Туғрал, Васлӣ, Аҷзӣ ва ғайраҳо. Ба роҳ монда шудани нашри чандин газетаву журналҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ; дар Самарқанд

маҷаллаи «Оина» ва «Самарқанд»-у «Зарафшон» дар Бухоро «Бухорои шариф» ва ғайраҳо. Дар онҳо дарҷ гардидани воқеаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, хабарҳои гуногуни хориҷӣ, нашри мақолаҳои илмӣ, гузоришоти гуногун, ки тарғиби илму дониши дунявӣ, танқиди безабтии корҳои дохилии мамлакат, материалҳои адабӣ, фоидаҳои мактабҳои усули ҷадид ва ғайраҳо дар онҳо мавқеи калон доштанд, чоп карда мешуданд.

Дар ҳаёти мардуми маҳаллӣ кушодашавии мактабҳои усули ҷадид, ташкил карда шудани театрҳои миллӣ, нашр гардидани газетаву журналҳо ва таъсисиси матбааҳо, баъзе тағиротҳои соҳаи маорифу-маданиятро ҳамчун воқеаҳои муҳими мадании давр зикр кардан мувофиқи мақсад аст.

Дар ибтидои асри XX дар Осиёи Марказӣ муҳити ягонаи пурқуввати адабӣ вуҷуд надошт. Адабиёт дар ин давр асосан дар шаҳрҳо ва марказҳои калонтарини аҳолинишини Осиёи Марказӣ вусъат дошт. Аз ҷумла дар Қӯқон, Тошканд, Бухоро, Хева, Самарқанд, Хӯҷанд ва ғайраҳо. Ин марказҳои адабӣ аз ҳамдигар зоҳиран ҷудо бошанд, ҳам аз лиҳози интишори мавзӯъ ва мазмунҳои нави иҷтимоӣ, ғоявият хусусиятҳои муштарак низ доштанд. Бевосита байни муҳитҳои адабӣ робитаҳои муайяне вуҷуд дошт. Ҷоиз ба тавзеҳ аст, ки дар ин давра адабиёт ҳамчун як ҷабҳаи ҳаёти маданиву маънавӣ бо самти дигар ва ранги тозае дар инкишоф буда, дар ин роҳ вакилони ҳақиқии он саҳми хешро мегузоштанд. Аз ҷумла, дар ташаккули муҳити адабии Самарқанд хизматҳои Беҳбудӣ, Аҷзӣ, Хоҷӣ Муин, Васлӣ арзишманд бошад, дар Бухоро ин вазифаро Мирзо Сироҷ, Абдулвоҳиди Мунзим, Ҳайрат, Айнӣ, Фитрат, Садрӣ Зиё бар зимма доштанд.

Аз нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, маданиву фарҳангӣ ва адабии Самарқанд зери таъсир ва нуфузи тамаддуни мамолики Ғарб ва Руссия тағйиротҳои назаррас ба вуҷуд омаданд. Мувофиқи маълумоти манбаъҳо ва сарчашмаҳои илмӣ – таърихӣ аз асри XVIII то нимаи авали асри XIX дар Самарқанд ва

атрофи он барои шакл гирифтани адабиёт ва санъат шароити мусоиде мавҷуд набуд. Дар асоси тадбирҳои амири манғит-амир Шоҳмурод ва тадбиркории ӯ дар муҳити адабии ин диёр тағйиротҳои куллӣ ба тарзи тадриҷӣ ба вуҷуд омад. Аз нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар Самарқанд ҳаёт каме ҷон гирифт ва бо оҳистагӣ бошад ҳам насими адабиёту санъат дар ин сарзамини шоирхезу адабиётпарвар аз нав руҳияти тоза касб намуд. Дар ҳаёти адабии Самарқанд низ баъди ду асри сукут бедории маънавӣ ба вуҷуд омад. Омили муҳимтарини падид омадани ин дигаргунӣ ва тағйиротҳо пеш аз ҳама воқеаҳои муҳимтарини таърихию сиёсӣ ва иҷтимоии давр маҳсуб мегардад. Азбаски Самарқанд аз азал ҳамчун яке аз марказҳои адабии асосии тамаддуни Машриқзамин ба шумор мерафт, имкон надошт, ки дар ин сарзамин решаҳои пурқуввати адабиёту санъат ва тамаддуни башарӣ аз нав муғча набандаду ба суқуту ёдҳои фаромӯшонӣ равад. Бо саъю эҳтимоми зумрае аз тадбиркорони давр ва омилҳои объективию субъективӣ дар ин маҳал боз адабиёти бадеӣ аз бӯҳрони маънавӣ бадар рафт ва рӯ ба инкишоф ниҳод. Ин адабиёт агар аз як ҷиҳат дар асоси суннат ва анъанаҳои адабиёти мумтози форсу тоҷик арзи ҳастӣ карда бошад, аз ҷиҳати дигар он руҳияти тоза ва моҳияту сифати наве дошт. Самарқанд ва муҳити адабии он дар ин марҳила омада дар ҳудуди Осиёи Марказӣ ҳамчун маркази адабии ба худ хос амал мекард. Яке аз хусусиятҳои муҳимтарини адабиёти ин давра ба ду забон асар офаридани эҷодкорон ба шумор меравад. Ҷиҳати муҳимтарини масъала дар он зоҳир мегардад, ки мисли марказҳои адабии Қӯқанду Тошканд, Хоразму Бухоро ва ё Хуҷанд ҳамчун ҳодисаи типологӣ дар муҳити адабии Самарқанд низ анъанаи зуллисонайнӣ аз нав барқарор карда шуд. Ин ҷо шоире ва ё эҷодкореро ба ин ё он адабиёт хос аст гуфтан нашояд. Зеро ҳар як шоир ва ё адиб дар рушду нумӯи ҳар ду адабиёт баробар ҳиссагузоранд. Дар ин давра дар Самарқанд зумрае эҷодкорон қаламронӣ карданд, ки онҳо бо осору намунаҳои эҷоди худ дар таърихи адабиёти тоҷику ӯзбек

мавқеи ба худ хос доранд. Дар ин давра як қатор шоирони номиро зикр намудан мумкин аст, ки бо осори худ характер ва хусусияти муҳимтарини адабиёти даврро ифода менамоянд. Аз ҷумла, Саидаҳмад Васлӣ, Нақибхони Туғрал, Саидаҳмад Сиддиқии Аҷзӣ, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Хоҷӣ Муин, Тамҳид, Сипандии Самарқандӣ, Фахриддин Роҷӣ, Иброҳим Ҷуръат, Абдулғанӣ Ҷавдат, Шакурии Самарқандӣ, Саидризо Вализода ва ғайраро номбар намудан мумкин аст, ки дар давру замони худ аз шоирони номӣ ва ҳомиёни илму маданияти маҳаллӣ ба шумор мерафтанд. Дертар бевосита ба ин муҳити адабӣ Абдурауф Фитрат ва Садриддин Айнӣ низ ворид гардиданд. Аксарияти мақолот ва ашъори эшон дар рӯзномаву маҷаллаҳои Самарқанд табъу нашр мегардид. Мувофиқи шаҳодати муҳққиқи шинохта Садрӣ Саъдиев муҳити адабии Самарқанд дар ин давра на фақат аз лиҳози ташаккули мазмуну мундариҷаи адабиёт, ривоҷу таҳавул бо муҳити адабии Бухоро баробар шуд, балки аз он ҳам болотар рафт.

Дар бораи мероси адабӣ ва ҳаёту фаъолияти шоирони даврааи мавриди назари муҳити адабии Самарқанд тадқиқотҳои илмӣ каманд ва то ба ҳол онҳо пурра омӯхта нашудаанд. Аз солҳои 60-уми асри гузашта бо саъю эҳтимоми баъзе аз олимони тоҷику ӯзбек ҳаёту фаъолияти эҷодкорони Самарқанд мавриди тадқиқ қарор гирифт. Дар ҳамин радиф Солеҳҷон Ҳалимов дар бораи равобити адабии тоҷику ӯзбек дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, дар мисоли муҳити адабии Самарқанд рисолаи номзадӣ дифоъ намуд. Дертар Холиқ Мирзозода низ дар рисолаи доктории худ дар асоси осори шоирони ибтидои асри XX Самарқанд тамоюлоти асосии равияҳои адабиёти тоҷику ӯзбекро тадқиқ намуд.

Дар адабиёти ибтидои асри XX-и Самарқанд равияи асосӣ равияи маорифпарварист. Аммо дар қатори адабиёти маорифпарварӣ равияи анъанавии адабиёти мумтоз низ идома дошт, ки анъанаҳои беҳтарини назму насри адабиёти мумтози форсу тоҷик ва ӯзбек дар эҷодиёти онҳо

давом дода шудааст. Бештар ин адабиёт ба тарғибу талқини ғояҳои маорифпарварӣ асос ёфта буд. Барои пайдоиши адабиёти маорифпарварӣ- таҷаддудхоҳӣ дар Самарқанд таъсир ва нуфузи Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ роли асосӣ мебозад. Дигаре аз омилҳои шаклгирии муҳити адабии Самарқанд ба тағйиротҳои соҳаи илму фарҳанг, бахусус, вусъат ва пайдоиши матбуот вобастагии қавӣ дорад. Дар ин марҳила метавон гуфт, ки муҳити адабии Самарқанд яке аз марказҳои асосии адабии Осиёи Марказӣ ба шумор мерафт. Худ дар қатори рушду нумӯи матбуоти даврӣ, пайдоиши жанри драма дар ин муҳит исботи гуфтаҳои болоиянд. Вакилони адабиёти маорифпарварии тоҷику ӯзбек дар давраи мавриди назар на бо миқдору шумораи худ, балки бо осори пуразиши худ мавқеъ ва манзалати ба худ хос доранд. Адабиёти маорифпарварии ибтидои асри XX бо талқини ғояҳои ислоҳотпарастиву ислоҳотхоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, худшиносии милливу худогоҳии таърихӣ, талқини озодии ватан ва истиқлоли миллӣ бо мафкураи имрӯз созгор аст. Ташккули адабиёти тоҷику ӯзбек дар ибтидои асри XX бо ҳамин ғояҳои маорифпарварию таҷаддудхоҳӣ вобастагии қавӣ дорад.

Чуноне ки дар болотар ишора рафт, адабиёти ибтидои асри XX моҳиятан ва мантиқан идомаи адабиёти нимаи дуюми асри XIX буда, ин давраи адабиёт нисбатан камтар мавриди тадқиқотҳои илмӣ қарор гирифтааст. Дуруст аст, ки аз ҷониби адабиётшиносони маъруф ҳамчун Айнӣ, Холиқ Мирзозода, Расулхон Ҳодизода, Муҳаммадҷон Шукуров, Соҳиб Табаров, Садри Саъдиев, Маъруфи Раҷабӣ, Солеҳ Ҳалимов дар ин бобат тадқиқотҳои пуразиш ба сомон расонида шудааст. Аммо аксари ин тадқиқотҳо бо назардошти сиёсати расмии ҳизбӣ ва талаботу тамоюлоти он анҷом пазируфтааст ва баъзе аз ин тадқиқотҳо таҷдиди назар мехоҳад.

Дар асл бо навиштаҳои маорифпарварон дар ҳаёти мардум афкори иҷтимоӣ қадаме бузург гузошта ва шуури шинохти зебоӣ хеле тағйир

ёфта бошад, бо зуҳури ҷадидия ва афкори ҷадидон мафҳумҳои «Ватан», «Миллат», «Ислом» ва «Ватандорӣ» маънои тозаи иҷтимоӣ касб карда, ба ғояи асливу асосии адабиёт табдил ёфт.

Дар ин замина, воқеан ҳам «адабиёт комилан мазмуни иҷтимоӣ пайдо кард ва адабиёти миллӣ шуд, на танҳо дар бораи инсон ва ё фарди алоҳида, балки бештар дар бораи миллат сухан меронд, сарнавишти миллатро, имрӯзу фардои онро ба андеша гирифт ва агарчи он гоҳ дар бораи миллату миллият тасаврот ҳанӯз чандон мушаххас набуд, ба ҳар ҳол адабиёт ба ташаккули худшиносии милӣ мусоидат кард» (М.Шакурӣ). «Дар бораи миллату миллият» тасаввуроти «ҳанӯз чандон мушаххас» надоштани ҷадидон аз барномаи воқеии онҳо сарманша мегирад. Ислом рукни идеологии ҷадидон буд. Танҳо дар заминаи ахлоқ ва афкори исломӣ, на ҳуруфот онҳо барномаи амалашонро мураттаб сохта буданд. Инро дар асоси санадҳои зиёди қотеъ аз осори Мирзо Сироҷ ва Фитрату Аҷзӣ ва ҳатто Асирӣ собит кардан мумкин аст, ки бамаврид дида хоҳем баромад.

Солҳои охир дар бораи баъзе вакилони адабиёти ибтидои асри XX, тамоюлоти эҷодиёти онҳо, мазмун ва мундариҷаи ғоявии осори онон мақолаву гузоришоти зиёде дарҷ гардидаанд. Дар ин ҷо зикр кардани корҳои тадқиқии Расулхон Ҳодизода, Маъруфи Раҷабӣ «Ислом, инқилоб ва ҷадидия», «Ба фикри ман», мақолот ва гузоришоти Садрӣ Саъдиев бобати муҳити адабии Самарқанд дар ибтидои асри XX ва вакилони он (аз таркиби китоби «Самарқанд адабий муҳити таърих кузгусида»), мақолаи Пайванди Гулмурод «Джадидская школа» и просветителское движение в Бухаре», Олимҷон Салимов дар бораи публитсистикаи миллии ин давр, Ҳамза Боқиев дар хусуси рӯзгор ва осори Мирзо Сироҷ, Абдухолиқи Набавӣ дар бораи рӯзноманигории марҳилаи мавриди назар, Масрур Абдулло «Адабиёти ҷадидия ва худшиносии миллӣ», Муҳаммадҷон Шакурӣ «Навиштаҳои Садри Зиё ва аҳамияти таърихии он», мақолот ва навиштаҳои Соҳиб Табаров дар бораи Абдулвоҳиди

Мунзим ва ҷаҳони маънавии Фитрат, гузоришот ва мақолаҳои Абдулҳай Маҳмадаминов, тадқиқотҳо ва мақолаҳои Солеҳҷон Ҳалимов ва нависандаи ин сатрҳо ҳатмист. Зеро ин тадқиқотҳо ва мақолаву гузоришот дар бораи баъзе масъалаҳои муҳими адабиёти ибтидои асри XX саҳифаҳои тозаеро кушода медиҳанд.

Ташаккули адабиёти ибтидои асри XX ба вусъати воқеаҳои сиёсӣ иҷтимоӣ ва тағйиротҳои ҷиддии дар ин ҷабҳаи ҳаёт рухдода вобастагии қавӣ дорад. Метавон ин давраи адабиётро низ ҳамчун адабиёти нимаи дуюми асри XIX ба ду равияи асосӣ тақсим намуд. Аввалан адабиёти равияи анъанавӣ, ки мавзӯъ ва мазмуни ғоявии он барои ҳимояи манфиатҳои ҳукумати дар амалбуда, хоҳишу иродати онҳо равона гардида буд. Равияи дигар адабиёти пешқадами замонавӣ, маорифпарварӣ-таҷаддудхоҳист, ки дар он ғояҳои нави иҷтимоӣ дар сабку услуби тоза интишор меёфт. Бояд зикр карда гузашт, ки дар ибтидои асри XX адабиёти дарборӣ чун ҷузви муҳими адабиёти суннатӣ нисбатан мавқеи худро аз даст дод.

Адабиёти ибтидои асри XX аз он ҷиҳат характернок аст, ки он дар ин давра тамоман бо ғояҳои нави иҷтимоӣ мусаллаҳ гардид. Аз ҷиҳати сабку услуб, тарзи нигориш соддаву равон карда шуд. Унсурҳои демократӣ ва ғояҳои тамаддунхоҳиву тараққипарварона, ҷанбаъ ва мотивҳои тарғиботиву ташвиқотӣ, танқидию ифшогарӣ, даъватию хитобатӣ дар он устувор гардид.

Дар адабиёти ибтидои асри XX ғояву афкори пешқадами маорифпарварӣ мавқеи муҳиме дорад. Ташаккули ин ғояҳо дар эҷодиёти Садри Зиё, Ҳайрат, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Аҷзӣ, Фитрат, Беҳбудӣ, Васлӣ, Иброҳим Ҷуръат, Тошхоҷа Асирӣ ва нафарони дигар хеле назаррас аст. Мувофиқи гуфтаи Расулхон Ҳодизода дар ин поя «чӣ тавре ки Дониш аз маорифпарварони гузашта Ҷомӣ, Бедил ва дигарон канда набуд, ҳамин тавр маорифпарварони адабиёти ибтидои асри XX низ дар баррасии мавзӯъҳо аз ҷиҳати ғоявӣ аз Аҳмади Дониш ва гузаштагони

миллату адабиёти мардуми худ канда набуданд. Аз ин рӯ, ҳамон мавзӯъҳои танқидиву ҳаҷвӣ иллатҳои иҷтимоию сиёсии давр, шикоят ва беқадрии аҳли илму дониш, тарғиби маданият ва илму фарҳанги дунявӣ, мазаммати зулму ситам ва беадолатии табақаи ҳукмрон, инчунин ғояҳои табаддулотхоҳонаю ислоҳотпарварона дар осори адабии намояндагони адабиёти ибтидои асри XX дар шаклу дараҷаҳои гуногун ифода гардидаанд. Идома ёфтани мавзӯъҳои иҷтимоӣ-маорифпарвариро дар осори адибони ибтидои асри XX Р.Ҳодизода «пеш аз ҳама дар ҳал нашудани воқеаҳо ва муаммоҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсию мадании он давр» маҳсуб медонад, ки ҳақиқати маҳз аст.

Афкору ғояҳои равшанфикрони ибтидои асри XX дар адабиёт равияи нави эҷодӣ ё худ ҷараёни нави адабиро ба вуҷуд овард, ки дар он пешрафтҳои ҷиддии маданӣ, илмӣ, фарҳангӣ бо майли тамом ҷонибдорӣ карда мешуд. Ба ибораи том ин ҷараёни адабии навро гоҳо адабиёти «ҷадидӣ» ё «ҷадидия» ё худ адабиёти маорифпарварии ҷадидӣ меноманд. Дар ин адабиёт ислоҳи сохти мактабу маориф, тарғиби мактабҳои усули нав, ташвиқи тарзи зиндагии мутамаддин ва ҷорӣ намудани табаддулотҳои иҷтимоию сиёсӣ, худшиносии миллӣ ва худогоҳии таърихӣ, танқиди иллат ва нуқсонҳои ҷомеа, барҳам задани ҷоҳилият ва нодонӣ, ватан ва ватандӯстӣ, ислоҳ намудани сохт ва структураи давлатдорӣ, озодии миллӣ ва истиқлолият аз мавзӯъҳои асосӣ буданд.

Дар баъзе аз ҳолатҳо шоирони давр ба жанрҳои анъанавӣ ва қадимӣ бо назари шубҳа нигариста, масъалаи аз нав кор кардани онро ҳамчунин аз мавзӯъҳои анъанавӣ даст кашиданро, аз таърифу тасвирҳои ғайривоқеӣ сарфи назар карданро ба миён мегузоранд ва онро сахт ҷонибдорӣ мекунад. Ин навъ мазмун дар шеъри «Ҷавоби мутояба»–и Мирзо Сироҷи Ҳаким, ки дар ду шумораи рӯзномаи «Бухорои Шариф» (№ 51–52), 11 майи соли 1912 рӯи чопро дида буд, дарҷ гардидааст:

Мо ҷумла шоирон баробар,
Аз пой фитодаем яксар.

Дар васфи узору чашми шаҳло,
Гуфтем қасидаҳои ғарро.
Дар гӯшаи ишқҳои мавҳум.
Кардем басе раҳи талаб гум.
З–ин гуна абас ғазалсароӣ,
Мондем ба рӯзи бенавоӣ.
Ҳастем кунун забонбурида,
Дар гӯшаи узлат орамида.
Ҳолия чу он рафиқи ҳамроз,
Карданд ҳама дари сухан боз.
Мо ҳам ба ҷавоби он хирадманд,
Бишкаста қалам кунем пайванд.
Услуби дигар кунем бунёд,
Созем равони Рӯдакӣ шод…
Ободии ин Ватан ба мо фарз,
Бошад, ки адо кунем ин қарз.
Кошонаи худ кунем обод,
Рӯҳи падарони хештан шод…
Хезед, ки на вақти «ишқбозист»,
«Вақти ҳунар асту сарфарозист»
Равнақ бидиҳем илму фанро,
Обод кунем ин Ватанро[1].

Ин тарзи биниши интиқодӣ, афкори адабию эстетикӣ дар ҷараёни адабии халқҳои бародар, ки санҷиши ҷиддии таърихиро аз сар мегузаронидаанд, ҳодисаи умумию типологист. Маҳфуз мондани анъанаҳои шеър ва назми волои суннатии классикӣ дар адабиёти маорифпарварии тоҷик ва ҳамчунин дар адабиёти маорифпарварии Эрон низ як навъ норизоиятии аҳли адаб ва рӯшанфикрони замонро ба вуҷуд оварда буд. Аз ҷумла, дер давом кардани анъанаҳои шеъри суннатӣ, муҳимтараш арзиши амалӣ ва ҳаётӣ надоштани мазмуну мундариҷоти онҳоро дар назми ин давра тасвири лаҳзае аз маҷлиси шеърхонӣ, ки дар саёҳатномаи Зайнулобиддини Мароғаӣ омадааст, мушоҳида намудан мумкин аст: «Як нафар аз меҳмононро, ки дар маҷлис ҷой дошт, яке аз ҳуззор хитоб дошта ба овози баланд гуфт: Ҷаноби

[1] «Бухорои Шариф» (№ 51–52), 11 майи соли 1912

Шамсушшуаро, ба тозагӣ чизе иншо фармудаед? Гуфт: Бале, дишаб чизе ба наввоби воло Мирзода навиштам. Фардо, ҷумъа, бурда ба ҳузур хоҳам хонд. Даст карда ба бағал, коғазе дар овард. Бино кард ба хонадан ва дар итмоми ҳар байте аз мустамеин «боракаллоҳ, аҳсант–аҳсант» баланд мешуд… Пас рӯй ба ман кард, ки чи тур аст, Машҳадӣ? Гуфтам: Банда аз ин чизҳо намефаҳмам. Гуфт: чӣ тур намефаҳмӣ? Каломе, ки саропо рӯҳ аст. Гуфтам: хеҷ рӯҳе надорад. Ин шева кӯҳна шуда… ба баҳои ин суханони дурӯғ дар ҳеҷ ҷои дунё як динор намедиҳанд, магар дар ин мулк, ки сабаби он ҳам ба ҷуз бекоре ва беморе ва беамале ва ғафлату лаимеро ба саховат ситоиш кунӣ…»[1]. Аз ин иқтибос маълум мешавад, ки дар шеъри аҳди маорифпарварии Эрон низ ҳамоно анъанаҳои шеъри бозгашт устувор будааст. Зеро маорифпарварон ва равшанзамирони эронӣ аллакай дигаргун сохтани тарзи эҷод ва ворид намудани навигариҳои ҷиддиро дар ин поя ҷиҳати муҳим мепиндоштанд. Равшанфикрони Эрон, чунон ки аз мулоҳизаҳои Мароғаӣ бармеояд, ба ин аҳвол изҳори норизоӣ намуда, вазифаи шеъру шоириро дар шароити нави таърихӣ иборат аз тарғиби ғояҳои таҷдиду тараққӣ медонистанд. Дар ин бора дар манбаи болозикр чунин омадааст: «…Имрӯз мӯи миён дар миён нест, камони абрӯ шикаста, чашмони оҳу аз бими он растааст. Ба ҷои холи лаб аз зуғоли маъданӣ бояд сухан гуфт… Аз домони симинбарон даст бикаш ва дар синаи маодини нуқраву оҳан биёвез. Бисоти айшро барчин, дастгоҳи қолибофиро паҳн кун. Имрӯз истимои савти роҳи оҳан даркор аст, на навои андалеби рӯзгор, ҳикояти шамъу парвона кӯҳна шуда, аз эҷоди корхонаи шамъ сухан соз кун».[2]

Аз ин иқтибос натиҷа бардоштан мумкин аст, ки даъвои маорифпарварон ва равшанфикрони давр мансуб ба тағйири тамоюлҳои

---

[1] Зайнулобидин Мароғаӣ. Саёҳатномаи Иброҳимбек ё балои таассуби ӯ. – Душанбе: Адиб, 1991. – Саҳ.-56 .

[2] Зайнулобидин Мароғаӣ. Саёҳатномаи Иброҳимбек ё балои таассуби ӯ. – Душанбе: Адиб, 1991. – Саҳ.-36 .

эҷодӣ аст. Ҳамин даъво боис гардид, ки функсияи баъзе аз навъҳои лирикӣ дар оғози асри XX тағйир ёбад. Табиӣ ва ба ҳақиқат наздик аст, ки тағйир ва таҷдиди мазмуну мундариҷаи ашъори лирикӣ ва эпикии шоирону адибони маорифпарвар дар асоси ҳамин тамоюлот бояд муайян карда шавад. Зеро ашъори маорифпарварӣ як навъ гаравидан ба ҳаёти дунявию воқеист ва дар он тавсифи олами моддӣ мавқеият дорад. Ин ҷиҳат тафовути ҷиддии мазмуни ашъору осори маорифпарварӣ аз адабиёти анъанавии классикист, ки саропо, эҳсосот, шавқу руҷӯъ, тахайюл, рӯҳ ва олами рӯҳият аст. Ашъори лирикии анъанавии форсу тоҷик, ки дар давоми асрҳо ифодагари эҳсоси рӯҳию қалбии инсоният буд, аз оғози асри XX бо роҳи ақлу тафаккур пеш мерафту мабдаи ифодаи он ҳастӣ ва олами воқеӣ, муаммоҳои зиндагии башарият шуд. Аз як ҷиҳат чунин оҳангҳои шадиди иҷтимоӣ ва мазмунҳои тозаи танқидию тарғибӣ ҷанбаи ҳақиқатнигорӣ, қувваи сиёсию сафарбарӣ ва арзиши иҷтимоии ашъори шоирони ин давраинаи ҳам Эрон ва ҳам тоҷикро пурқувват гардонида бошад, аз ҷониби дигар инкори жанрҳои лирикии анъанавӣ ва мавзӯоти он, ҳамчунин танқиди тарзи тасвири бадеӣ, васоити тасвири бадеӣ дар оғози асри XX сабаби ҷиддии инкишоф наёфтани жанрҳои ошиқона шуд, шаклу мазмуни мувофиқро наёфтани баъзе шоирон сабаби дигари таҳаввул ва таҷаддуд наёфтани назми анъанавӣ гардид. Ба ибораи дигар дар эҷодиёти баъзе аз вакилони адабиёти давр бадеият коста шуд. Ва мувофиқи ақидаи Ш.Раҳмонов «Бегонагӣ, ба доираҳои маънавии миллӣ бо шубҳа нигоҳ кардан, мувофиқ ва мутобиқ карда натавонистани жанрҳои дирӯз дар замони имрӯз (дар ин давра–С.Х), аҳамияти бисёр жанрҳоро кост[1]. Ба мазмуни рӯз мутобиқ намудани ғазалро дар эҷодиёти Аҷзӣ, Асирӣ, Фитрат, Айнӣ, Мунзим, Ҳамдӣ, Роҷӣ, Хоҷӣ Муин ва дигарон дидан мумкин аст. Ин хусусият ҳамчун ҳодисаи типологӣ дар лирикаи тамоми шоирони маорифпарвари Осиёи Марказӣ дида мешавад.

[1] Раҳмонов Ш. Сухане чанд аз лирикаи форси тоҷикӣ. –Душанбе: шарқи озод, 1999. Саҳ-9.

Ин ҳодисаи адабиро метавон дар мисоли таҳаввул ва такмили тадриҷии жанрҳои суннатии адабиёт аз назар гузаронид. Дар адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX истилоҳоти жанрҳои адабиёт (ғазал, маснавӣ, қитъа, мусаммат, мухаммас ва ғ.) маънии нисбӣ доранд. Зеро онҳо аз лиҳози мазмуну мундариҷа, услубу тарзи нигориш тағйир пазируфтаанд. Дар ашъори шоирони ибтидои асри XX мавзӯъҳои мухталиф ва тасвири ҳодисоти иҷтимоӣ; ба монанди ҷанг ва таъсири он ба ҳаёти мардум, мардикорӣ ва воқеоти мухталифи ҳаётии иҷтимоӣ ва мадании давр, мавзӯъҳои сиёсӣ, ахлоқӣ ва фалсафию табиӣ дар шаклҳои нав инъикос ёфтанд. Ногуфта намонад, ки ин ҳолат ба адабиёти ҳаминдавраинаи ӯзбек низ тааллуқ дорад.

Ғазал ҳамчун жанри серистеъмоли адабиёт дар ин марҳилаи инкишофи таърихи адабиёти тоҷик мавқеи асосӣ дорад. Шумораи байтҳои ғазал вобаста ба мазмуни он гуногун буда, дар осори аксари шоирон, аз ҷумла, Возеҳ, Шоҳин, Савдо, Ҳайрат, Ҳамдӣ, Айнӣ, Аҷзӣ, Васлӣ, Асирӣ барои ифодаи мазмунҳои ишқӣ, ҳаҷру фироқ, сӯзу гудоз, нобасомониҳои давр истифода гардидааст. Таъкид ҷоиз аст, ки дар ғазалиёти ин шоирон, ки аламбардори равияи пешқадами адабиёти давр буданд, ҷанбаи иҷтимоии мазмун, оҳангҳои шикоятӣ пурқувваттар гардид. Аз лиҳози сабку услуб низ навпардозиҳои чашмрас ба вуҷуд омад.

Агар ғазали анъанавӣ дар асоси қолабу хусусиятҳои мазмун ва мундариҷаи худ баҳри тавсифу таърифи ишқу ошиқӣ, ҳусни маъшуқа, дарду гудози ишқ, орзуву армони ошиқ суруда шавад, ғазали адабиёти маорифпарварӣ бори нави ғоявӣ бар дӯш гирифт. Мавзӯи асосии он на тараннуми ишқ, балки мавзӯи муҳимтарини ҳаёти иҷтимоӣ–маорифпарварӣ буд. Ҳамин чиз, яъне мавзӯи нав тақозо намуд, ки дар унсурҳои мундариҷа ва шакли ғазал низ тағйиротҳо ба вуҷуд ояд. Ғазал, аслан, дар луғатҳо ба маънои «изҳори ишқу муҳаббат» омадааст. Маънии истилоҳии он низ ба маънии луғавиаш қаробати мантиқӣ дорад.

Яъне чун истилоҳи адабиётшиносӣ ғазал ба ду маънӣ истифода мешавад. Аввалан, умуман сухани ошиқона будани ғазал, сарфи назар аз сохту қонуниятҳои шаклиаш дар шеъру адаб эътироф гардидааст. Сониян, аз нуқтаи назари категорияи умумназарӣ; ғазал жанри лирикиест, ки аксаран дар мавзӯи ишқ дар ҳаҷми 7–12 байт суруда мешавад ва тарзи қофиябандии аа, ба, ва, га–ро доро мебошад.[1] Пеш аз ҳама ғазал ҳамчун жанри адабӣ шакли ягонаи «сарбаста» дорад. Ягонагии шакли он аз байти матлаъ сар мешавад, ки як навъ муқаддимаи мавзӯъ ва дар айни замон оҳанги сухан низ ҳаст. Пайвастагии зоҳирии ҷузъҳои онро тарзи қофия муайян мекунад, яъне умумияти овозии охири ҳар байте аз матлаъ то мақтаъ аст, ки, ваҳдати дохилии шакли он ба шумор меравад. Бинобар ҳамин мувофиқи мақсад аст, ки оид ба баъзе ҷиҳатҳои махсуси жанри мазкур дар адабиёти маорифпарварии ибтидои асри XX тавваққуф карда шавад, то ки фаҳмиши ин истилоҳ ҳамчун категорияи таърихӣ зоҳир гардад, ба ибораи дигар, инкишоф ва таҳаввулу такомули тадриҷии ин жанри адабиро дар адабиёти маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ муайян намоем.

Чуноне ки ишора рафт таҳаввулу таҷдиди аломатҳои асосии жанри ғазал ба номи Садри Зиё, Аҷзӣ, Айнӣ, Фитрат, Ҳоҷӣ Муин, Аҳмадҷон Ҳамдӣ, Ҳайрат, Асирӣ, Туғрал, Васлии Самарқандӣ, Иброҳими Ҷуръат, Фахриддини Роҷӣ сахт марбут аст. Тафовути байни ғазалиёти адабиёти аввали асри XX ва ғазалҳои адабиёти классикӣ, қабл аз ҳама дар мундариҷа, мавзӯъ, ғоя, мазмун, тарзи тасвиру услуби гуфтор ва сохти он зоҳир мегардад. Таҷаддудгароён, асосан, афкору ақоиди пешқадами замонавӣ ва ғояҳои нави ҳаётиро дар қолабу жанрҳои анъанавии классикӣ ифода намудаанд. Зеро тарғибгари асосӣ ва минбари эълону ташвиқи ин ғояҳо, қабл аз ҳама, адабиёти бадеӣ буд. Аз ин рӯ, дар инкишофу рушди ғояҳои аслии маорифпарварӣ, тарғибу ташвиқи

[1] Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990. – Саҳ.- 169.

мазмунҳои тозаи иҷтимоӣ адабиёт ҳамчун воситаи асосӣ таъсири тақдирсоз дошт.

Як хусусияти дигари ашъори лирикии ин даврро бояд қайд кард, ки барои таъмини амнияти худ эҷодкороне чун Аҷзӣ, Ҷуръат, Роҷӣ, Мунзим, Садри Зиё, Айнӣ ва нафарони дигар бештар ба маъноҳои умумии рамзӣ, мазмунҳои маҷозии шеър эътибор додаанд. Зеро сиёсати сахти мустамликадории рус, сензураи адабии рус ашъори таблиғотиву тарғиботиро сахт назорат мекард. Аҷзӣ ба ин маънӣ ишорате дорад:

Дорад абётам зи кори даҳр рамзе дар бағал,
Сарв агар гӯям зи қадди ёр намеорад хабар.

Аз ин ҷиҳат, боз як хусусияти ашъори лирикии адабиёти ин давр кашф мегардад, ки ҳам мазмуни зоҳирӣ ва ҳам мазмуни ботинӣ доштани он аст. Дар зимни шарҳи байти поёнӣ метавон ин фикрро бори дигар собит кард:

Мондаӣ зулфи чалипо рӯи абрӯи ҳилол,
То куҷо дар зери по гирад ҳилолеро салиб.

Маънии зоҳирии байт ин аст, ки: «Эй маъшуқ ту зери пои зулфи худ абрӯи ҳилолатро пинҳон кардаӣ. Ин ҳолат то ба кай давом хоҳад кард, яъне ки ҳилол (абрӯ)–ро салиб (зулф) то кай пинҳон ва нуҳуфта медорад. Маънии ботинии байт: Азбаски ҳилол (моҳи нав) рамзи мусулмонисту салиб (крест) аломати қудсии насоро (христианҳо) мебошад, шоир ба ҳамин ишорат карда, гуфтан мехоҳад, ки то кай мусулмонон зери пои мардуми насоро (русҳо) мемонанд. Яъне гуфтан мумкин аст, ки дар назми ибтидои асри ХХ маънӣ ва мазмуни дар зимндоштаи ашъори лирикӣ аз маънии зоҳирии онҳо куллан фарқ мекунад. Агар дар назари аввал аз онҳо маънои ишқӣ фаҳмида шавад, аз маънои дар зимндоштаи он мазмунҳои иҷтимоӣ бардошта мешавад ва шоирони оғози асри ХХ ин фазилати шеърҳои лирикии классикиро дар ифодаи мақсаду маром ва ғояҳои пешқадаму тараққипарваронаи хеш дуруст корбаст кардаанд. Ин ҳолатро дар ҳар ду байти болоӣ метавон мушоҳида кард.

Ин навъ ашъорро на фақат дар мисоли ашъори лирикии Аҷзӣ, балки дар эҷодиёти шоирони дигар низ дучор омадан мумкин аст. Аз ҷумла, шоири номии ин давраи Самарқанд – Ҷуръат, ки аз ӯ то ба мо як маҷмӯаи ашъор бо унвони «Тӯҳфат–ул–аҳбоб» боқӣ мондааст, мазмунҳои тозаи сиёсию иҷтимоӣ ва афкори маорифпарварию тағдидгароёнаи худро дар ғазалиёташ инъикос мекунад. Дар ғазалҳои шоир оқибатҳои ҷанги империалистӣ рукни асосӣ буда, дар натиҷаи тӯл кашидани он озор ёфтани халқи маҳаллӣ–тоҷикҳову ӯзбекҳо кулфату ситамҳои ба сари халқи оддӣ омада инъикос меёбад. Ҷанбаи шиквоӣ дар ғазалҳои шоир пурқувватанд. Масалан, дар ғазале, ки ба мавзӯи ҷанги империалистӣ ва оқибатҳои хунини ӯ бахшида шудааст, хусусиятҳои зеринро мушоҳида кардан мумкин аст. Ғазал чунин оғоз мегардад:

Хуни ҳуррият хокро кард чун гулзор сурх,
Пошикаста, сарбурида, синаи афгор сурх.
Аскарони мо– мусулмонон, зи ҳуккоми шадид,
Карда аз теғи ситам то куртаву эзор сурх.
Кушта шуд чандин ҳазор аз навҷавонони ғаюр,
Аз қӯмондони шадиду золими ғаддор сурх…

Маълум мегардад, ки дар шеъри мазкур навпардозии шоир на фақат дар мазмун, балки дар услубу тарзи баён ва забони он низ падид омадааст. Шоир бевосита ба ифшои сиёсати ҷангҷӯёнаи Русияи подшоҳӣ кӯшиш мекунад. Тарғиби ана ҳамин мавзӯъ сабаб гардидааст, ки шоир дар баёни мавзӯи нав, ифодаи мазмунҳои тоза, тарзу услуби нави баёнро пеш гирад. Ин кӯшишоти Ҷуръат барои кашфи мавзӯъ ва мазмунҳои нав, васеъшавии доираи мавзӯоти жанрҳои лирикӣ–анъанавӣ, аз ҷумла ғазал сабаб шуд.

Чуноне ки дар боло ишора гардид, дар оғози асри XX дар ҷараёни адабӣ мафҳумҳои «шеъри нав», «шеъри услуби тоза», «шеъри тарзи ҷадид» ҳамчун падидаҳои тозаи эҷоди бадеӣ ба вуҷуд омада буд. Дар чунин ҳолат баъзе вакилони адабдӯст ва шеърфаҳми ҳамон давр, чуноне ки болотар зикр кардем, нисбати чунин ашъор истилоҳи «шеъри нав» ва

ё мафҳумҳои иловагии «ғазали услуби тоза», «ғазали рангин», «ғазали тарзи ҷадид»–ро мулҳақ кардаанд. Аз ҷумла, дар «Тазкори ашъор»–и Садри Зиё мехонем: «…ғазали рангин ба услуби тоза ва тарзи ҷадид зодаи табъи ибни Абӯсаъид (Аҳмадҷон–махдуми Абӯсаъидзодаи Ҳамдӣ – С.Х.)» буда,он ғазал ин аст:

Рӯи чаманат хандазани Порич̣у Москав,
Мӯи зақанат таънадеҳи Ботуму Воршав.
Дар тозагӣ, эй рашки бутони загоранич,
Дар чобукӣ, эй ибрати хубони Фаронсав.
Дар давлати ҳусни ту намуд он ки хиёнат,
Дар маҳкамаи қаҳри ту афтод ба тиргав.
Абрӯи ту зинатдеҳи меҳроб ба масҷид,
Гесӯи ту ошӯби чалипост ба чиркав…»[1]

Таҳлили амиқ ва таҳқиқи пурраи ғазали мазкур дар китоби пурмӯҳтавои олими маъруф Муҳаммадҷон Шакурӣ-«Садри Бухоро» (саҳ. 115–116) мавҷуд аст. Мо ин ҷо ҳамин қадар афзудан мехоҳем, ки дар ғазали мазкур услуби тоза ва тарзи ҷадиди гуфтор вобаста ба навгониҳои ҳаёти иҷтимоии мардум падид омадаанд. Таркибот ва калимоти ғайриоддии *«загоранич», «Фаронсав», «тиргав», «чиркав»* таъминкунандаи ҳама рамзҳои ҳаёти нави иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва мадании мардуманд. Дигар аз навгониҳои шаклӣ дар баробари мазмун дар шеъри мазкур ҳамчун қофия интихоб гардидани калимаҳои ғайр, аз қабили «Москав», «Воршав», «Фаронсав», «тиргав», «чиркав» ва ғайраҳоянд. Ҳамдӣ аз паи роҳҳои нави ифода шуда, барои таъмини серобурангии мазмун, дар шаклу услуб ва маъниву мантиқи шеър тозагиҳо ба вуҷуд овардааст. Қофияи нав ва тоза дар жанри анъанавӣ таъминкунандаи ҷилваҳои тоза ва тарзи ифодаи нав гардидааст. Маҳз ҳамин таркибот ва калимот тарзи нави тасвири шоиронаро таъмин намудааст. Аз ҷумла, таркибот ва ибороти ташбеҳкунандаи «хандазани Порич̣у Москав», «таънадеҳи Ботуму Воршав», истиораҳои «рашки бутони загоранич (хорич̣а)», «ибрати хубони Фаронсав», «дар маҳкамаи

[1] Шакурӣ М. Садри бухоро. Чопи дуввум.-Душанбе: Деваштич, 2005. Саҳ.- 115.

қаҳр ба тиргав афтидан», «ошӯби чалипо будани гесӯ дар черкав» аз тасвирҳои нави шоирона ва тозапардозиҳои ӯ дар жанри ғазал аст. Дар асоси ҳамин фикру мулоҳиза метавон гуфт, ки домани тасвирҳои шоирона ё худ масштабу меҳвар ва қутбҳои ҷуғрофии шеър дар нимаи дуюми асри XIX ва оғози асри XX аз ҳудудҳои анъанавии мамолики Шарқ (Ҳинд, Чин, Табрезу Хутан, Тӯсу Балх, Самарқанду Бухоро, Марву Шошу Кеш) то ба мамолики Ғарб берун рафт. Ин аст, ки мазмуни тоза ва ба навгониҳои рӯзгори воқеии мардум гаравидани шоирон услуби тозаро дар ашъори онҳо ба вуҷуд овардааст. Ғайр аз ин дар шеър устувории оҳанги ашъори халқӣ ба назар мерасад, ки он дар адабиёти маорифпарварии халқҳои Осиёи Миёна ҳолати типологӣ буда, назираш дар осори шоирони маорифпарвар бештар дида мешавад ва онҳо барои ифодаи марому мақсадҳои худ, таъмини таъсирбахшоии ашъор ва ба омма наздик будан аз ин тарзи ифода истифода кардаанд. Аз ин мавқеъ шоир Аҳмадҷон Ҳамдиро низ яке аз шоирони таҷдидгаро зикр намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар асоси таҳлили ғазалиёти шоирони номии ибтидои асри XX ҳолати тағйирёбии мазмуни ғазалро ба мушоҳида гирифта, гуфтан мумкин аст, ки жанри ғазал то дараҷае дар адабиёти ибтидои асри XX таҷдид ёфтааст, ки на фақат барои ифодаи мазмунҳои ишқию ошиқӣ, балки барои ифодаи мазмунҳои пурмӯҳтавои иҷтимоӣ, аз қабили худшиносӣ ва истиқлоли миллӣ, эҳёгарӣ, озодиву ободӣ, ислоҳотхоҳӣ, мавзӯи ҷангу оқибатҳои он, тарғиби илму дониш, масъалаи ислоҳи сохти таълиму тадрис, мактабу мадорис, ватану ватанпарастӣ низ то дараҷае созгор гардонида шудааст. Корбасти мазмунҳои тоза дар жанри анъанавии адабиёт, мувофиқати мавзӯи нав дар он вобаста ба лаёқату истеъдод, диди эстетикиву ҷаҳонбинӣ ва маҳорати эҷодкоронаи шоирони давр сурат гирифтааст. Аммо дар осори баъзе аз шоирони адабиёти ин давр, бахусус, дар жанрҳои анъанавӣ тамоми ҷозибаи жанрҳои анъанавии классикӣ комилан дида намешаванд. Эътибори

асосии эҷодкорон на ба ҷанбаи бадеияти жанрҳо, балки ба мӯҳтавои мавзӯъ, ифодаи мазмунҳои тоза, сабку услуби содда, таъсирбахшоии шеър, ҷиҳати тарғибию ташвиқотии он нигаронида шудааст. Дар ашъори лирикии маорифпарварӣ дар баробари таҷдиди воситаҳои тасвири бадеӣ тағйири ҳолати рӯҳии қаҳрамони лирикиро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки он услуб ва сабки нисбатан соддаеро қазават мекунад. Мавзӯи тоза ва мазмунҳои нав ба ҷанбаи бадеии осори лирикӣ бетаъсир намонд. Ҳатто дар ашъори лирикӣ хусусиятҳои публитсистика, ҷанбаи публитсистии баёни фикр дар асоси нуфузи афкори тарғибию ташвиқӣ, интибоҳию хитобатӣ мавқеъ пайдо кард. Ин ҳолатро шароити муайяни иҷтимоӣ, ҳаёту муҳити ҳамондавраинаи маданиву фарҳангӣ тақозо мекард. Аз ин рӯ, дар шаклу мазмуни осори адабии анъанавӣ як навъ номутобиқатӣ, номутаносибӣ низ вуҷуд дошт. Зеро мазмун ва мавзӯъҳои тозаи иҷтимоии маорифпарварӣ дар шаклҳои деринаи адабиёт, ки функсияи махсуси ғоявиро бар дӯш доштанд ва аксаран дар қолаби анъанавии вазни арӯз иншо мегаштанд, ба тарзи иҷборӣ ва муваққатӣ дар шаклҳои кӯҳнаву анъанавии адабиёт ҷой дода шуданд. Вобаста ба ҳамин ҳолат моҳият ва хусусиятҳои шаклу мазмуни жанрҳо низ дигар шуд. Ба эътибори мазмунҳои тозаи иҷтимоӣ ва бо тақозои воситаҳои тасвири бадеии нав жанрҳои лирикии адабиёти маорифпарварӣ–ҷадидиро бо ҳамон жанрҳои деринаи адабиёти мумтоз айнан як чиз пиндоштан нодуруст аст. Аз ҷумла, аз лиҳози вазифа, унсурҳои мазмун, тарзи тасвир, тарзи ифода, забону услуб, мавзӯъ ва ғайраҳо жанри ғазали маорифпарвариро аз ғазали адабиёти классикӣ фарқ бояд кард. На фақат дар жанри ғазал, балки дар тамоми системаи жанрҳои назмии ин давра ба ҷои сувароти шартиву рамзӣ, ки дар асрҳои охир ба воситаи сабки ҳиндӣ ва услуби бедилӣ нуфузи калон пайдо карда буд, сувароти реалӣ, яъне тарзи тасвири бадеии ба фаҳми хонанда наздику қарин бештар ҷой гирифт. Чунончи такомули эҷодӣ дар ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шамсиддин

Шоҳин, Ҳайрат, Мунзим, Мирзо Сироҷ, Ҷуръат, Аҷзӣ, Асирӣ, Ҳамдӣ, Фитрат, Айнӣ ва дигарон равшану возеҳ ба назар мерасад. Ин шоирон ва аксари онҳо дар зинаи дуюми эҷодиёташон шеърро ба ҷодаи тасвири реалистӣ андохтанд. Баъзе муҳаққиқон бар он мӯътақиданд, ки бояд ба ҳар як жанри лирикии маорифпарварӣ истилоҳ–мафҳуме илова карда шавад, то тафовути байни хусусиятҳои жанрии ин навъи бадеӣ ошкор бошад. Масалан, муҳаққиқ С.Ҳалимов менигорад: «Ҳар гоҳ ғазал ба хотир ояд, пеш аз ҳама, шеъри ишқӣ тасаввур карда мешавад. Аз ин рӯ, ғазали адабиёти маорифпарвариро бо ғазали классикӣ тамоман як чиз ҳисоб кардан душвор аст. Бинобар ҳамин моро лозим аст, ки ба истилоҳи ғазал мафҳуме афзоем, то ки он хоси ғазали маорифпарварӣ будани онро ифода созад. Ба назари мо танҳо ғазали иҷтимоӣ номидани ғазали адабиёти маорифпарварӣ кифоя нест. Шояд онро ғазали иҷтимоии маърифатхоҳӣ номидан беҳтар бошад».[1] Ба фикри мо саҳеҳтар он аст, ки барои ифодаи тафовути ғазали классикӣ аз жанри ҳамноми адабиёти маорифпарварӣ иловаи як мафҳум, яъне «маорифпарварӣ» кофист. Мафҳуми «ғазали маорифпарварӣ» фаҳмиши дурусти ин жанр аст, яъне як қисм нишонаҳои жанрии нав; мавзӯи тоза, мазмуни иҷтимоӣ, ғояи нави замонавӣ (ободии кишвар, худшиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстӣ, бузургдошти шахсу миллати мусалмонӣ ва ғайраҳо), воситаҳои тасвири ҷадиду ваҳдати дохилии шакли он аст, ки услуби тасвири воқеънигорона касб кардааст ва ин ҳама аз нишонаҳои муҳими ғазалиёти шуарои маорифпарвари оғози асри XX ба шумор меравад. Зеро дар зимни ҳамин мафҳум ҳар ду маънӣ низ дарк карда мешавад. Аз ин мавқеъ ғазал ва анвои жанрҳои дигари лирикӣ дар аҳди маорифпарварӣ ҳам аз лиҳози мазмуну мундариҷаи ғоявӣ ва ҳам аз ҷиҳати сохтору услуб ба тағйиротҳои ҷиддӣ дучор шуданд.

[1] Ҳалимов С. Баъзе масъалаҳои шакл ва мазмун дар адабиёти маорифпарварии тоҷик. //Масъалаҳои адабиёти маорифпарварии тоҷик. Маҷмӯи мақолаҳо. – Самарқанд: ДДС, 1995. – Саҳ.-.39.

Жанрҳои дигари лирикӣ, аз ҷумла, қитъа, қасида, рубоӣ, махаммас, маснавӣ низ дар адабиёти ин давр мавқеи хос доштанд. Шоирони давр то дараҷае дар ҳамин жанрҳои лирикӣ ғояҳои нави тараққипарваронаву ислоҳотхоҳонаи хешро ифода кардаанд. Аммо баъзе аз жанрҳои лирикӣ дар ин давра вобаста ба имконият ва қонунияти дохилии худ мавқеи хешро аз даст доданд. Зеро мазмун ва мавзӯи нави иҷтимоӣ дар жанрҳои хурди лирикӣ комилан инъикос ёфта наметавонист. Қасида, рубоӣ, фард, дубайтӣ, қитъа асосан дар мавзӯъҳои анъанавӣ навишта шудаанд. Аммо дар жанрҳои дигари лирикӣ шоирон кӯшиш намудаанд, ки баъзе афкори иҷтимоии хешро ифода кунанд.

Мавзӯи ватандӯстӣ, ватанпарастӣ ва аз ғами ватан ҳарф задан, кулфату азияти ба сари халқи он омадаро баррасӣ кардан, аз гузаштаи шоёни он ифтихори миллӣ ва худшиносии таърихӣ доштан аз мавзӯъҳои муҳими адабиёти давр шуд ва ҳамчунин мавзӯи мазкур тақозо кард, ки дар тарзи гуфтор, услуби эҷод, оҳанги ифода, шакли осор тағйиротҳои ҷиддӣ падид оянд. Дар ин бобат фикрҳои олими шодравон Маъруфи Раҷабӣ ҷолибият дорад. «…ҳукми ҷадидия ва шоирону адибони аввали асри ХХ дар хусуси Бухоро ва муҳити он давраина ҳукми таърихии кӯҳани Шарқу тамаддуни ҷавони Аврупои муосир аст»[1]. Дарёфти ин маънӣ чӣ дар ашъори ҷудогонаи адибони маорифпарвар ва чӣ дар осори насрии онҳо аз Аҳмади Дониш то Айнӣ он қадар душвор нест. Аммо фарқият дар он аст, ки ифтихор ва ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, инъикоси ҳолат ва вазъияти дилафгори Бухоро дар осори онҳо дар сатҳҳои гуногун қарор дорад.

Дар баробари тазод ва парадоксҳои «қадим» ва «ҷадид», «усули нав»–у «усули кӯҳна» истилоҳи тазодие байни осори адибони давр сурат дошт ва он бо истилоҳи «ашъори ишқия» ва «ашъори миллия» муаррифӣ гардидааст. Ба ақидаи академик М.Шукуров дар ашъори шоирони

[1] Раҷабов М.С. Андаке дар бораи «душманони халқ». //Ҷавononи Тоҷикистон. 19 декабри 1990, – № 147. –Саҳ.- 2.

ибтидои асри XX «вожаи «миллат» комилан маънои иҷтимоӣ дорад ва «ашъори миллӣ» ҳамон ашъорест, ки дарди дили миллат аст, бо душамнони миллат ҷангидан аст, барои эҳёи анъанаҳои мазҳабию маънавии миллат мубориза бурдан аст».[1] Дар ҳақиқат ашъореро, ки мазмун ва мӯҳтавои тозаи замонӣ дорад, мавзӯъҳои муҳимтарини иҷтимоии давр, аз қабили истиқлоли миллӣ, худшиносии миллӣ, эҳёи қадриятҳо ва анъанаҳои маънавию фарҳангии миллат, озодӣ, мактабу мадорис, тарғиби илми дунявӣ ва ғайраро фаро гирифтааст, услубан ва ҷолибан тозагиҳо дорад ба «ашъори миллӣ» нисбат додан мумкин аст. Ҳамзамон ашъоре, ки дарду аламҳои миллатро баён мекунад, шеъре, ки баҳри ҳифзи миллату Ватан ва дину мазҳаб чун силоҳ хизмат менамояд, барои аҳкоми дин, эҳёи суннатҳои таърихии шоён мусоидат менамояд шеъри миллии нав ном дорад. Барои исботи фикр як банди шеъри Абдурауф Фитратро меорем:

Эй уммати Муҳаммад, эй бандаи Худо,
Дини ту мондааст ҳаме дар дами бало.
Бархез, то ману ту зи баҳри наҷоти ӯ
Созем молу ҷону сари хеш фидо.
Ё ҷон диҳем дар раҳи Ислом мардвор,
Ё мурдавор ҷой бигирем дар мазор[2].

Ин шеър як навъ даъват ва хитоба аз пархоши роҳи эҳёи миллӣ, роҳи қадр кардани суннат ва анъанаҳои маънавии миллат, намунае аз муборизаи миллии озодихоҳӣ алайҳи куфру мустамлика аст, ки мардуми мусулмонро ба бедорию худогоҳӣ даъват менамояд. Дар он эҳсосоти баланди муборизӣ дида мешавад. Ва бар хилофи ин осори лирикие, ки мазмуну мундариҷаи ғоявии анъанавӣ дорад, дар асоси қолабҳои анъанавии шеъри классикӣ офарида шудаанд, дар онҳо сӯзу гудози қаҳрамони лирикӣ аз ишқу ошиқӣ ҷузъи муҳим аст, «ашъори ишқия» ном бурдан мумкин аст.

[1] Шакурӣ М. (Шукуров М). Садри Бухоро. Чопи дувум. – Душанбе: Деваштич, 2005. – Саҳ.-122
[2] Ҳамин китоб: Саҳ.-168

Дар адабиёти ин давр ҳам он мавзӯи анъанавии адабиёти форсӣ–тоҷикӣ, ки шикоят аз замон ва поймол шудани адолати иҷтимоиро фаро мегирад, ҳамчунин аз афзоиши ҷавру зулми амалдорон ба дод омада, аз он пайваста дар шикоятанд, низ мавҷуд буда, онҳо дар осори тағдидгароёни ин аҳд инъикос ёфтааст. Ин маъниро дар мисоли шеъри зерини Айнӣ низ дидан мумкин аст.

Ин ҳамон мулки Бухорост зи ҷаҳди аҳлаш,
Манбаи илм ба ислом шуда чандин сол…
Ин ҳамон мулки Бухорост, Алӣ Синоро
Рутбае дод,ки нодида касе то ин ҳол.

Ва ҳоло дар ин диёр:

Меҳру шафқат ба ҷаҳон нест, агар ҳаст риё,
Одамият ба ҷаҳон нест, агар ҳаст – хиёл.
Мил бар дида гузоранду бигӯянд: «Хамӯш!»,
Тир бар сина халонанду бигӯянд: «Манол!».
Ёрмандӣ ба банӣ – навъ бидонанд ҳаром,
Хуни ислом ба ислом бидонанд ҳалол.
Ҳокими шаръ мутеъ аст ба амри авбош,
Муфтии шаър асир аст ба дасти арзол.
Ҳукми такфири мусулмон биситонанд ба зӯр,
Амри татҳир зи исён бифурӯшанд ба мол.
Ҳоли мо сахт парешон шуда, эй фахри расул,
Дастгирӣ накунӣ, зуд яқин аст завол.
Чашми лутфе тарафи олами Ислом фикан,
Дасти меҳре ба сари уммати мазлум бимол[1].

Амиқрафти ҳисси миллии шоирони ибтидои асри XX маҳз дар ҳамин чиз зоҳир мегардад, ки мавзӯи зулму ситамро низ характери иҷтимоӣ касб кунонида, онро нафақат ба зулми ҷисмонӣ, балки дар маънои зулми маънавӣ низ корбаст менамоянд. Шеъри болоӣ мазмуни шиквоӣ дорад, аммо шикояти шоир шикваи фардӣ набуда, обу ранги умумӣ, тобишҳои иҷтимоӣ–ҷомеӣ касб кардааст. Шоир аз зулму ситам, бефарқию фалокати ба сари тамоми мусулмонон омада шикваву шикоят

[1] Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 8. –Душанбе: Ирфон, 1981. Саҳ.-224

менамояд. Ин чиз далел бар он аст, ки тақвияти ҳисси худшиносию ҳисси миллии таҷдидгароёни ибтидои асри XX хеле амиқ буд. Ба қавли муҳаққиқи фоқиди ӯзбек Б.Қосимов бедории миллӣ аввало аз худшиносӣ, худогоҳӣ, шинохтани таърихи ҳаёти ниёгон, бобоён ва аҷдодони худ, аз ифтихори милливу таърихии хеш оғоз меёбад.[1] Ин ҳама нуктаҳо дар асоси маърифат ва маорифпарварӣ амалӣ мегардад. Ба эътибори ҳамин нукта адабиёти ибтидои асри XX–ро осори мазмунан нав ва марҳилаи тозаи давраи бедории миллӣ номидан мумкин аст.

Дар ин давра тарзи таҷдиди ҷолибро дар шаклу мазмуни маснавӣ низ дидан мумкин аст, ки дар адабиёти ибтидои асри XX мавқеи муайян дорад. Аз меъёри категорияи таърихӣ маснавӣ аз аввал ҳамчун манзума–шеъри лирикии дорои сюжет пайдо шуд, баъд таҳаввул ёфта ба мазмуни калонтаре соҳиб гардид ва ба жанри фаъоли доманфарохе табдил ёфт, ки дар он мазмунҳои мухталифи ишқию романтикӣ, ахлоқӣ, ирфонию фалсафӣ, иҷтимоию сиёсӣ, қаҳрамонию паҳлавонӣ, хаёлию воқеӣ ифодаи худро ёфтаанд ва дар он хати сужети ягона барҳам хӯрд. Ин жанри серистеъмол вобаста ба хусусиятҳои услубияш ва имконоти жанрии худ, ки доманаи васеъву паҳновар дорад ва баҳри ифодаи андешаву афкори мухталифи муаллиф созгор аст, дар оғози асри XX низ арзи ҳастӣ кард, таҳаввул ва таҷдид ёфт.

Хусусиятҳои тоза касб кардани маснавиро дар ду навъи ин жанр аз эҷодиёти Аҷзӣ ва дар мисоли маснавии «Тимсол»–и Асирӣ дида баромадан мумкин аст. Ин се асар–«Миръоти ибрат», «Анҷумани арвоҳ»–и Аҷзӣ ва «Тимсол»–и Асирӣ дар адабиёти ибтидои асри XX намунаи расотарини жанри маснавии маорифпарварӣ ба ҳисоб мераванд. Аҷзӣ дар ду маснавӣ афкори пешқадами замонавӣ ва маорифпарварӣ, ғояҳои муҳими ҳаётии худро нисбат ба ҷамъияту

[1] Қосимов Б. Миллий уйғониш. Жасорат, маърифат, фидоийлик.–Тошкент: Маънавият, 2002. – 356 бет.

воқеият ба тарзи хос нигоштааст. Гуфтан мумкин аст, ки афкори маорифпарварии шоир, ки дар ғазалҳояш ифода ёфтаанд, дар ҳамин ду маснавӣ шакли ҷомеъ гирифта, як навъ ҷамъбаст гардидаанд. Маснавиҳои мазкур дар замина ва қонуну қавоиди маснавиофарии анъанавӣ навишта шудаанд. Дар онҳо унсурҳои шаклии асар, устухонбандӣ, вазн, қофиябандии анъанавӣ риоя гардидаанд. Аммо ҳар ду маснавӣ аз лиҳози мазмун ва баъзе унсурҳои шаклӣ (сохтор, образҳо, васоити тасвири бадеӣ, сабку услуб) тозагиҳо доранд. Дар хусуси ҳар як маснавӣ ба тарзи алоҳида дар мавридҳои муайн сухан хоҳем кард.

Аз ҷиҳати шакли бадеӣ, сабку услуб ва воситаҳои тасвири бадеӣ низ аксари намояндагони ин даврai адабиёт аз паи анъанаву суннатҳои адабиёти классикӣ мерафтанд. Дар масъалаи сабку услуб роҳи соддаанвисӣ ва ба забони омма наздиктар кардани забони асари бадеӣ комилан риоя карда шудааст. Аммо яке аз масъалаҳои хеле муҳими адабиёти ин давр аз он иборат аст, ки дар масъалаи тарзи тасвири реалистӣ - воқеънигорӣ дар осори бадеӣ қадами ҷиддие гузошта шуд.

Рӯзноманигорӣ ҳамчун падидаи нав дар адабиёти маорифпарварии ибтидои асри XX. Чуноне ки таъкид рафт, дар системаи жанрии адабиёти ибтидои асри XX ду навъи эҷоди бадеӣ арзи вуҷуд карданд, ки дар таърихи адабиёти тоҷик ҳодисаи нав аст. Яке аз жанрҳои нав, ки маҳсули давраи маорифпарварӣ-таҷаддудхоҳӣ аст, публитсистика мебошад, ки аз оғози асри XX дар баробари ташкил гардидану равнақи нашриётҳо, матбааҳо, ҳамчунин матбуоти миллӣ кашф гардид. Жанрҳои публитсистӣ, асосан баъди солҳои 1905-1907 дар Самарқанду Когон, Қӯқанду Андиҷон ва Тошканду Бухоро ҳамчун жанри ҳозирҷавобу фаврӣ барои ифодаи орзуву омол, мақсаду маром, мазмунҳои нави иҷтимоӣ, масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданиву фарҳангӣ арзи ҳастӣ кард. Дар оғоз аз жанрҳои публитсистӣ мақолаву мубоҳиса, мунозираву хитобнома, тақриз ва ғайраҳо ба майдон омада буданд. Дар раванди инкишофи жанрҳои публитсистӣ Маҳмудхоҷаи

Беҳбудӣ, Аҷзӣ, Фитрат, Айнӣ, Мирзоҷалол Юсуфзода, Мирзо Сироҷ, Шакурӣ, Садри Зиё ва нафарони дигар саҳми арзанда гузоштаанд.

Публитсистика дар ибтидои асри XX ҳамчун жанри фаврӣ (оперативӣ), ки мавзӯъҳои рӯзмарраи замонро фаро мегирифт, дар муддати кӯтоҳ мавқеъ пайдо кард. Дар адабиёти ибтидои асри XX комилан қарор ёфтани ин навъи адабиро метавон ба се омил вобаста дид. Аввалан, дахолати фаъолонаи эҷодкорон ба ҳаёти иҷтимоиву сиёсии мамлакат, ки дар натиҷаи тараққӣ ёфтани афкори умум, аксари эҷодкорону равшанфикрони замон ба хизмат ва корҳои тарғибиву ташвиқӣ комилан майл карданд. Бояд зикр карда гузашт, ки мӯҳтавои мавзӯи осори публитсистӣ дар ин давра маҳдуд нест. Эҷодкорон ва равшанфикрон на фақат ба масъалаҳои ислоҳотталабию таҷаддудхоҳӣ ё ин ки тарғиби илму дониши замонавӣ, балки ба масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, маданӣ ва фарҳангӣ эътибори ҷиддӣ додаанд.

Омили дигар, бешубҳа, равнақи матбааю нашрияҳои маҳаллӣ ва таъсиру нуфузи рӯзномаю маҷаллаҳои хориҷию дохилӣ «Тарҷумон», «Раъд», «Иршод», «Машварат», «Бетараф», «Эрони имрӯз», «Шероз», «Муфаттиши Эрон», «Иттиҳод», «Вақт», «Юлдуз», «Шӯълаи инқилоб», «Садои Фарғона», «Наҷот» ва ғайра аст, ки боиси ташаккули жанрҳои публитсистӣ гардидааст.

Омили дигар ва асоситарин дар қарор ёфтани анвои жанрҳои публитсистӣ дар ин давра талабот ва тақозои ҳаёти иҷтимоӣ ва маданӣ аст. Зеро фаъолияти намунавии вакилони мактаби маорифпарварӣ, бахусус, мероси илмию маърифатпарварӣ, афкори иқтисодию иҷтимоии онҳо тақозо намуд, ки шакли тозае дар баёни фикр ва ғояҳои нав кашф гардад.

Жанрҳои публитсистӣ аз лиҳози фарогирии мавзӯъ ва мавод маҳдуд нестанд. Дар мақола ва жанрҳои дигари публитсистӣ масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданиву адабии давр

инъикос ёфтаанд. Аммо жанрҳои публитсиистии ин давраи адабиётро ҳанӯз чун намунаи беҳтарини васоити ахбори оммавӣ ва шаклан мукаммал эътироф карда намешавад. Вале онҳо аз лиҳози забон ва услуби гуфтор хеле ҷолиби диққатанд. Новобаста ба он, ки муаллифони ин жанрҳои публитсистӣ мухбир ва ё рӯзноманигори касбӣ нестанд, ҳолати муқаррар аст, ки дар корбасти мундариҷот ва гузоришу тавсеаи мазмуну мавзӯъ ба носаҳеҳиҳо роҳ медиҳанд. Аммо дар ҳар як гузоришоту мақола роҷеъ ба масъалаҳои муайян ва ё ҳодисаҳои гуногуни иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодию маданӣ хабар медиҳанд ва ё худ маълумоти муфид мерасонанд. Дар ин таълифот онҳо чун шахсони фаъоли ҷамъиятӣ, фарди бедорфикру инсони ҳаётдида, сиёсатдону ҷамъиятшинос, донишманди таъриху фарҳанги миллат ва маданияту адабиёти халқи хеш намоён мешаванд. Муҳимтар он аст, ки онҳо нисбати ҳаёти мардум ва тарзи он бефарқ нестанд.

Дар аксари жанрҳои публитсистӣ ҷанбаи ахбордиҳӣ, тарғибию ташвиқӣ, таҳлилию мубоҳисавӣ ва пафоси танқидӣ қавитар аст. Аз ҷумла дар навиштаҳои Беҳбудӣ, Айнӣ, Фитрат, Мирзо Сироҷ, Мирз Ҷалол Юсуфзода, Ҳоҷӣ Муин, Аҷзӣ ин ҷиҳат хеле устувор аст.

Нашрияҳое, ки дар ин давра барои ташаккули жанрҳои публитсистӣ роҳ кушоданд, рӯзномаҳои «Зарафшон» (дар Самарқанд), «Бухорои Шариф» (дар Бухоро), маҷаллаҳои «Вақт», «Иқбол», «Юлдуз», «Шӯълаи инқилоб», «Садои Фарғона», «Наҷот», «Оина» ва ғайраҳо мебошанд. Як хусусияти хоси ин нашрияҳо аз он иборат аст, ки аксаре аз онҳо нашрияҳои дузабона буданд. Аз ин нашрияҳои маҳаллӣ, ки дар ташаккули жанрҳои публитсистии адабиёти тоҷик нақши муҳим доранд, маҷаллаи «Оина» ва рӯзномаҳои «Бухорои Шариф», «Тӯрон», «Зарафшон» шинохта шудаанд, ки аз онҳо рӯзномаи «Бухорои Шариф» сирф тоҷикӣ буд. Дар ин рӯзномаю маҷаллаҳо Беҳбудӣ, Фитрат, Айнӣ, Саидризо Ализода, Роҷии Самарқандӣ, Ҳоҷӣ Муин, Васлӣ, Аҷзӣ,

Исматуллоҳи Раҳматуллозода, Иброҳими Ҷуръат, Мулло Икром, Мирзоҷалол Юсуфзода, Мирзо Сироҷи Ҳаким Бухороӣ баромадҳои ҷиддӣ карда, дар ташаккули жанрҳои публитсистӣ хизмати шоёнеро анҷом додаанд.

Драма ва асарҳои драмавӣ дар адабиёти ибтидои асри XX. Пайдоиши жанрҳои нави адабӣ аз хусусиятҳои муҳимтарини адабиёти ибтидои асри XX ба шумор меравад. Жанрҳои драмавӣ дар адабиёти ин давра барои тасвири аҳвол ва тарзи зиндагию дараҷаи ташаккули мафкураи мардуми маҳаллӣ хизмат кард. Дар драмаҳои ин даврии адабиёт масъалаҳои асосии ҳаёти иҷтимоӣ: мактабу маориф, озодию ободии мулк, мавқеи инсон дар ҷамъият, худшиносии миллӣ, бедории фикрӣ ва истиқлоли миллӣ ҳамчун ғояҳои асосӣ ба миён гузошта шуданд. Чун навъи алоҳидаи жанрҳои адабӣ жанрҳои драмавӣ барои ташаккули афкори эстетикии мардуми маҳаллӣ, ҷаҳонбинию завқи мадании онҳо низ хизмат кард. Зеро дар тарғиб ва ташвиқи ғояҳои нави иҷтимоӣ, инчунин амалӣ гардонидани мақсад ва мароми худ маорифпарварон навъи бадеии аз ҳама муассир-драматургияро интихоб намуданд. Ин чиз имкон дод, ки ба воситаи асарҳои драмавӣ муборизаи ғояҳо, зиддияти шадиди манзараҳои ҳаётӣ, воқеа ва ҳодисаҳои иҷтимоӣ, умуман, драматизми ҳаёт фасеҳ ва равшантар намоён гардад. Пайдоиши жанри драма ва асарҳои драмавӣ дар адабиёт дар асоси талабот ва қонуниятҳои ҳаётиву табии рух додааст. Зеро ба қавли Гегел «драма ҳамчун навъи адабиёт бо тақозои ҳаёт ба вуҷуд меояд»[1].

Пайдоиши жанрҳои драмавӣ дар адабиёти ибтидои асри XX ҳодисаи тоза буда, ин ҳолат ба омилҳои муайяни субективӣ ва обективӣ вобастагӣ дорад. Зеро ҳар як давраи адабиёт барои ифодаи моҳият ва мақсаду маром, инчунин тарғиби ғояҳои нав шаклу намудҳои наверо тақозо мекунад ва ҳатто ба вуҷуд меорад.

---

[1] Гегел. Эстетика. 3 том. саҳ. 357.

Омили дигаре, ки пайдоиши жанри драмаро дар адабиёти ин давр тақозо кард, методи реалистии тасвир аст, ки дар адабиёт боиси дигаргуниҳои куллии ғоявию мазмунӣ, характерҳои нав, мавзӯи нав, васоити тасвирии нав шуда, тамоюлоти нави эстетикиеро тақозо кард, ки манзараҳои ҳаётиро дар шакли нав ва жанрҳои мувофиқи адабӣ инъикос намуданд. Ташаккул ва инкишофи методи реалистии тасвир ё худ ба воқеънигорӣ гаравидани эҷодкорон, аввалан, таҷаддуди мазмуниву мундариҷавӣ ва ғоявии осори анъанавии классикиро тақозо карда бошад, сониян зуҳуроти жанрҳои нави эпикӣ ва драмавиро таъмин намуд, ҳамчунин дар инкишофи сабку услуби асарҳои бадеӣ асос гардид. Аз ин ҷост, ки драма ҳамчун жанри нави адабӣ бо тақозои воқеот ва ҳодисаҳои нави иҷтимоӣ, маданӣ ва фарҳангии халқ ба вуҷуд омад. Навъҳои асарҳои драмавӣ барои нишон додани ҳаёти зиддиятноку муборизаҳои шаддиди мутақобил ва конфликтҳои ҳаёти иҷтимоӣ арзи ҳастӣ карданд. Дар драмаҳои ин давра масъалаҳои муҳими ҳаёт ҳамчун зарурати объективӣ мавқеи асосӣ доштанд. Инчунин драмаҳои давр барои баён ва инъикоси мазмуну ғояҳои нав, асосҳои пуршиддати ҳаётӣ ба вуҷуд омаданд. Дар драмаҳои адабиёти ибтидои асри XX нисбат ба бадеият муҳимтар будани ҷиҳати ғоявии асар ба назар мерасад. Драмнависони ин давр Беҳбудӣ, Фитрат, Ҳоҷӣ Муин, Нусратулло Қудратулло, Абдулло Бадрӣ ва нафарони дигар аксаран ба забони ӯзбекӣ эҷод кардаанд, аммо ин маънии онро надорад, ки асрҳои драмавии дар ин марҳила офаридашуда танҳо моли мадании халқи ӯзбек аст. Асосгузори жанри драма дар адабиёти халқҳои бумии Осиёи Марказӣ Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ аст ва драмаи «Падаркуш»-и вай аввалин намунаи асари драмавӣ дар адабиёти ин халқҳост. Ин ҷо мо баъзе хусусиятҳои жанрии драмаҳои адабиёти ибтидои асри XX-ро дар асоси ҳамин асар нишон хоҳем дод. Ногуфта намонад, ки асар аввал ба забони ӯзбекӣ навишта шуда ва дертар аз ҷониби Ҳоҷӣ Муин ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида буд.

«Падаркуш» ба маънои томаш на фақат асари дидактикӣ-ахлоқӣ, балки асари фалсафиву иҷтимоии давраи худ аст. Мувофиқи гуфтаи Саид Аҳмад, «новобаста ба он ки «Падаркуш» асари аввалини саҳнавӣ дар адабиёти миллӣ аст, дар он образҳо ва сақъияи тимсолҳо, муколамаҳои драмавӣ, мизонсаҳнаҳо ба тарзи мушаххас офарида шудааст. Дар асар ҳар як тимсол сақъияи худро доро буда, дар он унсурҳои зарурии асари драмавӣ – муболиғаҳо, киноя ва истеҳзоҳо, умуман, васоити тасвири бадеӣ бо меъёри муайян кор фармуда шудааст»[1].

Дар асар мазмуни воқеии ҳаётӣ дар ниҳояти соддагӣ, мӯҷаз ифода гардидааст. Асар бо услуби хеле содда иншо гардидааст. Аз корбасти мазмун ва тарзи офариниши асар метавон хулоса гирифт, ки Беҳбудӣ аҳамияти иҷтимоӣ, дараҷа ва меъёру асосҳои назарии офариниши онро аз аввал медонист, зеро «Падаркуш» ҳамчун асари драмавӣ функсияи аввалини худро комилан иҷро кард. Дар зимни он афкору ақоиди нави иҷтимоӣ, ғояҳои нави тамаддунхоҳӣ интишор ёфт. Ин асар барои дарки худшиносии милии мардуми маҳаллӣ такони калоне расонид. Беҳбудӣ дар барррасии бадеии масоили милливу иҷтимоӣ дар ин намоишнома ба кулли мардуми кишвар муроҷиат мекунад.

Драмаи «Падаркуш» дар нақди адабии асри гузашта ҳамчун намоишнома «фоҷиаи миллӣ» ном гирифта буд, ки асар бо тамоми моҳият ба ин мафҳум қаробати мантиқӣ дорад. Драма ба маънои томаш фоҷиаи на фақат як миллат, балки фоҷиаи миллии кулли мардуми кишвар буд. Аммо дар баррасии хусусиятҳои жанрии ин драма мафҳуми «фоҷиа»-трагедия характери нисбӣ дорад. Зеро на фақат дар асар, балки дар тамоми драмаҳои фоҷиавии адабиёти ибтидои асри XX истилоҳи софи «трагедия» ё худ мафҳуми «жанри трагедия» бояд ба тарзи нисбӣ фаҳмида шавад. Зеро дар ин намоишномаҳо гарчи унсурҳои фоҷиавӣ мавҷуд бошанд ҳам, маънии софи истилоҳии жанри фоҷеа ё худ

[1] Саид Аҳмад. Бағирдаги чӯғ. Адабиёт ва санъат. 1992, 23-сон.

трагедияро ифода намекунад. Ба эътибори ҳамин мулоҳизот ва ё тақозои сиёсати ҳизбии шӯравӣ дар илми адабиётшинсии асри XX бобати ин асар фикрҳои мухталифе баён гардидаанд. Аз ҷумла, дар китоби «Таърихи адабиёти ӯзбек» гуфта мешавад, ки «асарҳои драмавие, ки дар ибтидои асри XX офарида шудаанд, дар ташаккули таърихии адабиётҳои миллӣ чандон аҳамият надоранд. Аз ҷумла, дар драмаи «Падаркуш» тезисҳо ва фактҳои ғоявии нодурусте вуҷуд доранд. Яъне «Падаркуш» намоишномаест, ки дар вай факти ғоявӣ- «бомаърифат шудан барои рӯёнидани пулу боигарист»[1].

Хулосаи муаллифи китоб ин аст, ки драмаҳои адабиёти ҷадида барои нишон додани ҳақиқати ҳаёт оҷизӣ мекунад, ҳамин маънӣ дар китоби Сайдулло Мирзоев ва Саид Шермуҳаммедов «Ҳозирги замон ӯзбек адабиёти тарихи» айнан такрор мешавад[2]. Аммо «Падаркуш» ва драмаҳои дигари адабиёти ибтидои асри XX бо тақозои воқеияти ҳаётӣ ба майдон омадаанд. Дар баррасии хусусиятҳои жанрии драмаҳои ҷадидӣ бояд ин ҷиҳатро ба эътибор гирифт. Зеро «ҳар як ҷинс ва жанрҳои адабӣ барои ба ин ё он дараҷа ифода намудани паҳлӯҳои ҳаёти инсон ҳамчун зарурати обективӣ ба майдон меоянд»[3].

Азбаски асар– асари драмавӣ-саҳнавӣ аст, дар он унсурҳои шаклии асарҳои саҳнавӣ: парда, мизонсаҳнаҳо, инкишоф ва зиддияти воқеаҳо, реплика, ремарка ва муколамаҳои драматикӣ комилан риоя гардидаст.

Дар намоишнома соддагӣ ва ваҳдату ягонагии ҳаракат нигоҳ дошта шудааст, ки яке аз хусусиятҳои хоси асари саҳнавӣ аст. Дар корбасти мазмун ва таҳлили он Беҳбудӣ аз талаботи жанри интихобиаш «фоҷеа» берун набаромадааст. Дар асар аз «тафсилоти воқеа ва воқеанигорӣ, ки барои драматургия ғайр аст»[4], худдорӣ ва ҳазар карда

---

[1] Ғ.Каримов. Ӯзбек адабиёти тарихи. 3-китоб. – Тошкент: Ӯқитувчи, 1975, 326 бет.
[2] С.Мирзоев, С.Шермуҳаммедов. Ҳозирги замон Ӯзбек адабиёти тарихи. – Тошкент: Ӯзбекистон, 1993. 12-бет
[3] В.Г.Белинский. Собронное соченение. 2том. – Москва, 68 стр.
[4] Р.Мусулмониён. Назарияи адабиёт. Душанбе: Маориф, 1990.

шудааст. Муаллиф дар асоси нигоҳ доштани ягонагии ҳаракат таносуб ва яклухтии мазмуну шакли асарро таъмин намудааст.

Беҳбудӣ дар офариниши асар аз масъалаҳои типии замонавӣ, ки аксари фоҷеаҳои тақдири миллатро фаро мегирифт, истифода мебарад. Аммо дар асар баъзе нуқсонҳои мазмунӣ, норасоиҳои шаклӣ ва камбудиҳои услубӣ чашмрасанд. Муҳаққиқони муосир ҳамчун нуқсони асосӣ дар «Падаркуш» пурра таҳлил ва таҳқиқ нагардидани моҳияти масъалаҳои иҷтимоии ҳаётро эътироф кардаанд, ки дуруст аст. Инчунин дар асар пухтакории адиб дар офариниши тимсолҳо ва шахсияту характери қаҳрамони асар ба чашм намерасад. Зиддияти шидиду сахт, ки ҷавҳари асари драмавиро ташкил мекунад, нисбаттан мукаммал нест. Дар асар як навъ ҷозибадории мазмун ноқис аст. Бо вуҷуди ин ҳама «Падаркуш» ҳамчун асари ахлоқӣ, фалсафӣ-ичтимоӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии мардум, диди эстетикии онҳо, дар таърихи адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ арзиши хосеро соҳиб аст.

Ҳамин тариқ, шиносоӣ бо як асари драмавӣ имкон медиҳад, ки то дараҷае дар асоси фикрҳои манзургашта омилҳои пайдоиш ва баъзе хусусиятҳои жанрии драмаҳои адабиёти ибтидои асри XX муайян карда шавад. Тадқиқи хусусиятҳои жанрии тамоми драмаҳои адабиёти ибтидои асри XX кори мукаммали илмиро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, баррасии ин масъаларо ҳамчун кори оянда эътироф карда, гуфтан мумкин аст, ки драматургия ҳамчун падидаи нави бадеӣ дар таърихи адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ маҳз дар ибтидои асри арзиши хос дорад ва маҳз ҳамин асар минбаъд барои пайдоиши драматургияи миллии тоҷик мавқеи хос дошт.

Савол ва супоришот:

1. Адабиёти ибтидои асри XX ҳамчун марҳилаи нави таърихи адабиёти тоҷик.
2. Ғояҳои асосии ҳаракати тараққиҳоҳӣ.
3. Ҷавонбухориён ва марому мақсади онҳо.
4. Вакилони асосии адабиёти ибтидои асри XX тоҷик.

5. Системаи жанрии адабиёти ин марҳила.

6. Омилҳои асосии шаклгирии адабиёти маорифпарварӣ-тачаддудхоҳии тоҷик.

7. Дарачаи тадқиқ ва омӯзиши адабиёти ин марҳила.

8. Мавқеи муҳити адабии Самарқанд дар шаклгирии адабиёти тачаддудхоҳии тоҷик.

9. Равияҳои асосии муҳити адабии Самарқанд.

10. Вакилони асосии муҳити адабии Самарқанд дар ибтидои асри XX.

11. Мавқеи жанрҳои адабӣ–классикӣ дар ин муҳит.

12. Хусусиятҳои ба худ хоси муҳити адабии Самарқанд.

13. Дарачаи тадқиқ ва таҳқиқи муҳити адабии Самарқанд дар адабиётшиносии тоҷик.

14. Идомаи анъанаҳои зуллисонайнӣ дар муҳити адабии Самарқанд.

15. Жанри ғазал ва мавқеи он дар эҷодиёти шоирони маорифпарвар-тачаддудхоҳ.

16. Мафҳуми «шеъри миллия» ва «шеъри ишқия» дар адбиёти ин марҳила.

17. Рӯзноманигорӣ ва омилҳои пайдоиши он дар адабиёти маорифпарварии тоҷик.

18. Рӯзномаву мачаллаҳои давр ва мазмуну мундариҷаи онҳо.

19. Хизматҳои маорифпарварон дар рушди матбуоти миллӣ.

20. Пайдоиши осори драмавӣ ва намунаҳои аввалини он.

21. Омилҳои шаклгирии осори драмавӣ дар Осиёи Марказӣ.

22. Хусусиятҳои жанриву мазмунии драмаҳои миллӣ.

23. «Падаркуш»-и Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ва мазмуну мундариҷаи ғоявии он.

24. Аввалин драмаи миллии тоҷик ва хусусиятҳои муҳимтарини он.

Мирзо Сироҷи Ҳакими Бухороӣ

Нуктаҳои асосӣ:

1. *Дараҷаи тадқиқи аҳвол ва осори Мирзо Сироҷ*
2. *Мирзо Сироҷ адиби маорифпарвар.*
3. *Хатҳои сафари Мирзо Сироҷ ва моҳияти онҳо.*
4. *Сафарнома ва мавқеи он дар эҷодиёти Мирзо Сироҷ.*
5. *Ҳунари шоирии Мирзо Сироҷ.*
6. *Афкори танқидӣ, адабӣ, эстетикӣ ва маорифпарварии Мирзо Сироҷ.*

Мирзо Сироҷи Ҳаким Бухороӣ яке аз маорифпарварони забардасти охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба шумор меравад. Ин адиб ва шоири боистеъдод дар адабиёти тоҷик руҳу таровати тоза ва нав ворид кард. Манбаи асосии маълумот дар бораи Мирзо Сироҷиддини Бухороӣ таълифот худи ӯ мебошад, ки ин маълумотҳо дар асари мукаммали ӯ «Туҳафи аҳли Бухоро» (соли таълиф 1328 ҳичрӣ мутобиқ ба соли 1910 мелодӣ) дарҷ ёфтаанд. Дар хусуси аҳвол ва осори ин адиби шинохтаи тоҷик дар манбаъ ва сарчашмаҳои гуногуни адабию таърихӣ ва матбуоти даврӣ маълумот пайдо намудан мумкин аст. Манбаи муҳими дигаре, ки дар бораи зиндагиномаи ин адиб маълумот медиҳад, тазкираҳои давр мебошанд. Дар тазкираҳои Шарифҷон Махдуми Садри Зиё–«Тазкори ашъор» ва дар тазкираи Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» оиди саҳифаҳои ҷудогонаи зиндагиномаи ӯ маълумот дода шудааст. Дар илми адабиётшиносии муосир омӯзиши ҷиддии ҳаёт ва фаъолияти Мирзо Сироҷ аз солҳои 60-уми асри XX оғоз гардида буд. Холиқ Мирзозода дар бораи ин адиб мақолаи пурмӯҳтавое навишта ба сомон расонидааст, ки ин мақола дар китоби ӯ «Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт» бо унвони «Ҳотифи тамаддуни нав» (саҳифаҳои 119-165) дарҷ гардидааст. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Сироҷӣ олими Ҳамза Боқиев низ диссертатсияи номзадӣ дифоъ намуда чеҳраи адабии ӯро талқин карда тавонист. Дар бораи Мирзо Сироҷ дар китоби Расулхон Ҳодизода «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX»

маълумоти мушаххас дода шудааст. Инчунин дар бораи рӯзгор ва осори ин адиб дар саҳфаи 266-и ЭАСТ ҷилди дуюм маълумот гирифтан мумкин аст.

Мирзо Сироҷиддин валади Мирзо Абдуррауфи Бухорӣ соли 1294-и ҳиҷрӣ мутобиқи соли 1877 –и мелодӣ дар Бухоро, дар оилаи тоҷир ва сарроф ба дуньё омадааст. Бо тахаллусҳои Сироҷӣ ва Доктор Собир маълум аст. Дар ибтидо ӯ дар ҳамин ҷо соҳиби савод ва маълумоти анъанавии мактабӣ гашта, баъдтар аз паи такмили донишҳои худ гаштааст. Муаллиф айёми тифлӣ ва навҷавонашро ин тарз ба қалам овардааст: «Махфӣ мабод ки ин банда дар овоне ки панҷсола будам, падарам моро ба дабистон ниҳод, то ба синни даҳсолагӣ саводи форсиям баромада, ҷузъе хату саводи форсиро доро шудам. Баъдро қариб ба ду сол дар манзили худ пеши як нафар муаллими босавод баъзе мутолиаи кутуби форсии ахлоқию таворих ва ашъору «нисоъб» ва луғоти арабӣ менамудам. Баъдро, чун касби обоии банда саррофӣ буд бинобар фармудаи падарам бо ҷузъе сармоя машғули касб гардида ба яке аз дӯконҳои саррофӣ нишастам. Бо вуҷуди он ағлаби майлу шуғлам дар хондану навиштан буда, баъд аз як соли касб, ба замми он пеши як нафар муаллими русидон шурӯъ ба хондану навиштани забони русӣ намуда, дар муддти шаш моҳ хондану навиштани хати русиро балад шудам… Пас аз он дар яке аз мактабҳои русӣ, ки тоза дар Бухоро мафтӯҳ шуд, дохил шуда як сол таҳсили лисон, риёзӣ, ҷуғрофӣ намудам. Ағлаби шабҳо дарс мегирифтам ва бар аксари газетаҳои русӣ ва туркӣ обуна гардидам, туркиро ҳам хуб балад шудам. Ва ба қадри шаш моҳ дар назди як нафар муаллими фаронсидон хату саводу лисони фаронсаро бо ҷузъе луғат таҳсил намудам… Ва гоҳе шеъри форсӣ ҳам машқ мекардам. Рафта-рафта бад шоире ҳам нашудам. Ҳолия ҳам гоҳ шеър мегӯям. Баъд

қариб як сол пеши як нафар аз мударрисҳои Бухоро сарфу наҳву қадре фиқҳ ҳам ба забони арабӣ таламмуз намудам…»[1]

Баъдтар муаллиф дар Бухоро дӯкони саррофӣ боз карда машғули тиҷорат ва хариду фурӯши пунба мешавад. Барои равнақ додани корҳои тиҷоратии худ Мирзо Сироҷ ба Фарғона рафта, ба хариди пиллаву абрешим низ мепардозад, колои худро бо васотати «Бонки Хитоиский» барои фурӯш ба Милану Марсел мефиристод ва ё ин ки бевосита ба тоҷирони рус мефурӯхт.

Дар синни биступанҷсолагӣ Мирзо Сироҷ пешаи тиҷоратро як маврид қатъ карда ба аввалин сафари тӯлонии худ ба Аврупо баромад. 5 июни соли 1902 Мирзо Сироҷ, бо шавқи дунъёбинӣ дар дил тарки Бухоро мекунад. Аз саҳрои туркман гузашта то Красноводск, аз он ҷо савори киштӣ ба Боку ва Тифлису Ботуми меравад, аз он ҷо бо баҳр ба Туркия омада, дар бадали бист рӯз Самсон ва Истамбулро тамошо мекунад. Аз он ҷо ба Аврупо нақли макон карда, Мирзо Сироҷ поездсавор аз шаҳрҳои София, Белград, Будапешт гузашта ба Вена меояд. Дар ин ҷо ӯ 61 рӯз меистад, баъд як ҳафтаи дар Берлину Париж таваққуф намудан, баҳран ба Лондон меравад. Пас аз ду ҳафтаи иқомат дар ин ҷо аз Берлин ба Берн (Шиветсария) ва дубора ба Фаронса (Париж, Марсель) ва баъд ба Вена мегузарад. Аз он ҷо тавассути Варшава роҳ ба Москав гирифта ба Боку меояд, аз Красноводск ва Ашхобод гузашта моҳи январи соли1903 ба Бухоро бармегардад.

Як моҳи зиндагӣ дар хонаи падар бо ҷанҷоле дар болои маблағе бо яке аз хешавандон меанҷомад. Мирзо Сироҷ аз он сахт қаҳр мекунад. Ин дафъа ӯ ба Хуросони Эрон–Куҷон, Машҳад, Нишопур меравад ва 8 моҳ муқими Сабзавор мешавад. Дар ин ҷо ӯ мекӯшад, ки фурӯши панбаро ба Руссия ва Аврупо ба роҳ монад. Вале корҳояш барор намегирад. Дар задухӯрде бо авбошони Сабзавор Мирзо Сироҷ захмӣ мешавад ва ӯро ба Машҳад меоранд. Баъди сиҳат ёфтанаш консули рус ба Мирзо Сироҷ

[1] Мирзо Сирочи Ҳакими Бухороӣ. Туҳафи аҳли Бухоро. –Душанбе: Адиб, 1992. Саҳ.- 4-5.

хабар медиҳад, ки ӯро ба Бухоро даъват мекунанд, он ҷо ӯро мурофиаи суд аз боиси қарз интизор аст. Мирзо Сироҷ дар ҳайрат меафтад, чунки ёд надошт, ки аз касе қарз дошта бошад. Бо вуҷуди он лозим меояд, ки Эронро тарк гӯяд. То Ашхобод омада, хидматгори худ Азизро бо ашьёву анҷом ба Бухоро мефирстад ва дубора ба Эрон бармегардад, ки маблағи дар дасти як тоҷири ҳиротӣ будаашро бигирад. Ба умеди дарьёфти ин тоҷир ба Ҳирот меояд, вале ӯро пайдо карда наметавонад.

Дар сарҳади Афғонистон ӯро дастгир карда ба Ҳирот меоранд ва то ҳаллу фасли масъала дар ҳабс нигоҳ медорад. Ҳангоми дар ҳабс будани Мирзо Сироҷ ҳар ҳафта якборӣ иҷозати шаҳр баромадан дошт. Дар ин муддат ӯ бо шаҳр ва аҳли он шиносоӣ пайдо кард. Пас аз се моҳ аз Кобул фармони амири Афғонистон-Ҳабибулохон омад, ки дар он ҳамроҳи дигар маҳбусон ба Кобул фиристондани ӯ сабт шуда буд. Дар Кобул Мирзо Сироҷро ба маҳбаси «Қалъаи Қозӣ» ҷойгир карданд, баъдтар ба маҳбаси «Сарои Аминуддавла» гузаронданд.

Сабаби ба ҳабс гирифта шудани Мирзо Сироҷ аз байни чизу чорааш ёфт шудани хотироти сафар аст, ки ба забонҳои форсӣ ва русӣ нигошта шуда буд. Зиёда аз даҳ моҳ Мирзо Сироҷ дар маҳбас монд, дар ин муддат дар маҳбас дӯкондорӣ кард ва иҷозати ба шаҳр рафту омад карданро гирифт, бо мардум муошират кард. Боре аз Бухоро ба номи амир Ҳабибуллохон мактубе расид, ки дар он бегуноҳии Мирзо Сироҷ собит мешуд. Амир Ҳабибуллохон Мирзо Сироҷро аз ҳабс озод карда, тӯҳфаи зиёде ва се ҳазор рупияи афғонӣ ҳадья кард, ваъда ҳам дод, ки ҳамаи чизу чораи мусодирашудаи ӯ низ баргардонида хоҳад шуд.

16 июни соли 1905 Мирзо Сироҷ дар ҷайб бо муаррафномаи амири Афғонистон равонаи Бухорои шариф шуд. Дар бозгашт аз Бомиён, Тошқӯрғон, Мазори Шариф, Термиз, Чорҷӯй гузашт. Бо ҳамин саёҳати дуюм ва пурмоҷарои ӯ ба Эрону Афғонистон ба интиҳо расид.

Баъди як моҳи зист дар Бухоро Мирзо Сироҷ боз ба ҷангу ҷидоле кашида шуд. Ин дафъа ҷанҷолро аҷли савдое аз одамони амир

Ҳабубулло хезонд. Мирзо Сироҷи ба хашмомада зодгоҳашро ба панҷ сол тарк гуфт. Дар ибтидои ин сафараш аввал ба аёлоти туркманишин меояд, ки дар сарҳади Афғонистон буд. Бо нияти қарзҳои аз қарздорони дерин ва алалхусус, аз тоҷири ҳиротӣ наситондаашро гирифтан аз ҳукумати Афғонистон иҷозати аз сарҳад гузаштанро мепурсад. То омадани ҷавоб Мирзо Сироҷ ба дидану саёҳати деҳоту шаҳрҳои туркманишин мебарояд. Аз шаҳрҳои Чорҷӯй, Марв, Панҷ, Тахтабозор, Юлотон, Кушка, Таҷан, Сарахс, Тӯрткӯл, Урганҷ, Хева гузашта киштисавор ба Красноводск меояд ва дорую дармон харида дар бадали як моҳ машғули табибӣ мешавад. Пас аз он ба Боку ва аз он ҷо ба Эрон меравад.

Дар Теҳрон Мирзо Сироҷ ҷиддан бо омӯзиши илми тибби аврупоӣ шуғул меварзад. Чанде нагузашта шаҳодатномаи духтури амрози дарунӣ (терапевт) -ро сарфароз мегарданд ва дар яке аз бемористонҳои Теҳрон ба кор дохил шуда малакаи худро дар муассисаи табобатии америкоӣ такмил медиҳад.

Ҳангоми ба вуқӯъ омадани инқилоби зиддифеодалӣ ва зиддисармоядории Эрон дар солҳои 1905-1911 Мирзо Сироҷ дар Теҳрон буд. То рафт бад шудани вазъи сиёсӣ метавонист нияту нақшаи ба саёҳати Ҳиндустон рафтани Мирзо Сирҷро халал расонад. Бинобар он ӯ фавран ҳамсафаре ба худ ёфта, рафтагори Ҳиндустон шуд. Ӯ ба ҷануби Эрон омад, савори киштӣ, пас аз панҷ рӯза роҳи баҳрӣ ба Бомбай расид. Дар ин шаҳр даҳ рӯз истод, ба Ҳайдаробод гузашт ва низ даҳ рӯз таваққуф намуд, қариб як моҳ дар Деҳлӣ зиндагӣ кард. Англисҳо ӯро ҷосуси Руссия гумон карда чанд рӯз дар ҳабс нигоҳ доштанд, вале бегуноҳиашро муайян карда зуд сар доданд.

Ба Эрон Мирзо Сироҷ бо роҳи омадааш баргашт. Дар ин ҳангом шоҳ Музаффариддин аз дунё гузашта ба ҷои ӯ Муҳаммад Алӣ ба тахт нишаст (моҳи январи соли 1907). Чаҳор соли баъдинаро Мирзо Сироҷ дар Мозандарон гузаронд, дар он ҷо таҳти лақаби доктор Собир то соли

1910 бо корҳои табобату муолиҷа машғул шуд. Дар ин ҷо ҳам аз сабаби муноқишаву ҷидол доштанаш бо як тоҷири арманӣ консули рус Мирзо Сироҷро ба баргаштан ба Бухоро водор мекунад. Баъд аз ба Бухоро омадан ҳам ӯ дар мӯҳлати як моҳ таҳти назорат ва дар ҳабси хонагӣ буд.

Ҳамин тариқ сайру саёҳату оворагардиҳои зиёда аз ҳаштсолаи Мирзо Сироҷи Бухороӣ интиҳо меёбад. Марҳилаи охирини ҳаёти ӯ солҳои 1910 - 1914 дар зодгоҳи азизаш Бухоро гузашта ва ҳамон ҷо дар синни 37 солагӣ аз олам чашм пӯшид.

Баъди баргаштан аз сафар ӯ ба ҷуз табобату муолиҷа машғули навиштани мақола ва шеърҳо барои рӯзномаҳои «Бухорои Шариф», «Тӯрон», маҷаллаи «Оина» шуд.

Мирзо Сироҷ дар баробари фаъолияти нависандагӣ, публисистӣ ва шифокорӣ дар иншои шеър низ маҳорати хос дошт. Ашъори ӯ дар матбуоти даврӣ зуд-зуд нашр гардидааст. Перомуни **маҳорати шоирии Мирзо Сироҷ** Ҳоҷи Неъматуллоҳи Мӯҳтарам дар тазкираи худ «Тазкират–уш–шуаро» маълумот дода қобилияти суханшиносии Сироҷиро арзиши хос медиҳад. Мирзо Сироҷ мисли Абдурауф Фитрат ва равшанфикрони Эрону Афғон, минҷумла, Зайнулобиддини Мароғаӣ, Абдураҳим Толибов, Маҳмуди Тарзӣ ва ғайраҳо маҳдудияти ғоявӣ ва мӯҳтавои мавзӯъ, хусусияти консервативӣ-анаъанавии ашъори лирикии адабиёти мумтозро танқид менамояд. Ӯ дар асоси корбасти анъанаҳои адабиёти классикӣ дар жанрҳои адабӣ, аз ҷумла ғазал, рубоӣ, қитъа, қасида, мухаммас, маснавӣ ва ғайраҳо ҷустуҷӯйҳои наву тозае дар услубу баён ва шаклу сохтори он дорад. Мисоли равшани ин гуфтаҳо шеъри «Ёд бод...» аст, ки дар пайравии як ғазали Бедил ва ё татаббӯи ғазали Шамсиддин Шоҳин навишта шудааст ва дар он мазмунҳои тозаи иҷтимоӣ ва падидаҳои тозаи шакливу услубиро дучор меоем:

Ёд бод, эй дил, ки мо ҳам обрӯе доштем,
Дар гулистони тамаддун рангу бӯе доштем,
Солу моҳи саъд, айёми накӯе доштем,

Дар тараққӣ ҷидду ҷаҳду ҷустуҷӯе доштем.
Доимо будем мо дар тавсани давлат савор,
Эмин аз қайди замину аз ҷафои рӯзгор.
Ҷаҳлу нодонӣ кунун аз он ҳама авҷи камол,
Дар замин андохт морову намуда поймол,
Рафт аз каф илму фазлу донишу иқболу мол,
Мондаем акнун парешону забуну гунгу лол.
Орзуҳо ҷумлагӣ гашта ба маъюсӣ бадал,
Дода селоби ҷаҳолат бар бинои мо халал.[1]

Дар шеър ғояи асосӣ даъват ба худшиносии миллӣ аст. Зеро шоир тавассути ин мазмун аз гузаштаи деринаи бошукӯҳи мардум ва аҷдодони хеш ҳарф мегӯяд ва дар банди дуюм боиси парешонии қавмро дар ғофиливу ҷоҳилӣ, бебаҳраву бехабар аз илм будан мебинад. Масъалаи худшиносӣ ва худогоҳии таърихӣ асоси шеъри мазкурро ташкил намудааст, яъне мавзӯъ ва мӯҳтавои шеър нав аст ва ба он шубҳае нест. Бар зимми ин шоир барои ифодаи мазмуни тозаи ҳаётӣ, ифодаи орзуву омол, ормонҳои қалби худ гузаштаро ба ёд меорад ва дар ифодаи он шакли хоси шеъриро интихоб мекунад. Шеъри мазкур дар шакли анъанавии мусаддас омада, ҳар банди он аз 6 мисраъ таркиб ёфтааст. Аммо тарзи қофиябандии байти охири ҳар ду банд аз ҳамдигар тафовут доранд ва он ба тарзи қофиябандии таркиббанд монанд аст. Вале он ба жанри тарҷеъбанд низ хос нест. Зеро байти фикраи ҳар банд тағйир ёфта меистад, чуноне ки дар ду банди болоӣ дида мешавад. Ин дигаргунии ҷузъи дар шакли шеър дар назари аввал гӯё камарзиш аст. Вобаста ба он ки «ҳамчун навъи тозаи адабӣ «шеъри нав» сароғоз дар асоси синтези жанрҳои хурди лирикӣ падид омадааст»,[2] ин қолабшикании Мирзо Сироҷ такопӯе баҳри ба вуҷуд овардани шаклу намудҳои тозаи адабӣ аст. Зеро аз назари мо дар ин шеър синтези шакли мусаддас ва тарҷеъбанд дида мешавад. Шеъри мазкур аз лиҳози услуб ва тарзи

[1] Мирзо Сироҷи Ҳаким. Ёд бод! //Ойина.–Самарқанд: 1913, № 2. – Саҳ-. 3.; Рӯзномаи «Омӯзгор», 14 августи соли 1990.
[2] Раҳмонов Ш. Сухане чанд аз лирикаи форсии тоҷикӣ. – Душанбе: Шарқи озод, 1999. – Саҳ.-71

нигориш, ҳамчунин корбасти мазмун ба ашъори шоирони дигари маорифпарвари ибтидои асри ХХ хусусияти муштарак дорад.

Таҳлил ва таҳқиқи ашъори шоир моро водор месозад ба хулосае оем, ки мероси адабии ӯ дар ҷараёни адабии ибтидои асри ХХ мавқеи хос дорад. Зеро афкор ва ғояи мутараққии иҷтимоӣ, оҳанги танқидӣ, тарғибу ташвиқи илму маърифат, гаравидан ба воқеъбинии ҳаётӣ, оҳангҳои муҳими башардӯстӣ, бузургдошти қадриятҳои миллии азалии маънавӣ ва маданӣ хусусиятҳои муҳимтарин ва паҳлӯҳои ашъори шоир аст. Шоир дар ашъори худ баробари истифодаи арзишҳои анъанавии адабӣ ба корбасти мавзӯъҳои нав, образҳои бадеии ҷадид ва унсурҳои услубии тозаву тар эътибори махсус медиҳад. Ин масъала дар тадқиқотҳои олимон Х.Мирзозода, С.Ҳоҷиев ва Ҳ.Боқиев то дараҷаи муайян ҳаллу фасл гардидаанд. Мо ба тариқи илова афзудан мехостем, ки ҳамин гуна кӯшиш ва такопӯ баҳри ба вуҷуд овардани навгонӣ дар мазмун ва шакли шеър аз ҷониби Мирзо Сироҷ ва ҳамзамонони ӯ худ кори ҷиддие дар дигаргун кардани самти ҷараёни адабии охири асри XIX ва ибтидои асри ХХ буд ва онро ҳамчун марҳилаи гузариш ба адабиёти давраи навин эзоҳ додан мумкин аст.

Вале дар таърихи адабиёти ибтидои асри ХХ тоҷик ӯ бо асари бисёр ҷолиби диққати худ **«Тӯҳафи аҳли Бухоро»** машҳур гашт. Аз мутолиаи ин китоби бисёр сара хонандаи имрӯза зуд метавонад пай барад, ки муаллиф аз вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии аморати Бухорои ибтидои асри ХХ ба хубӣ воқиф будааст. Аз ин лиҳоз ӯ на танҳо бо ҷиҳатҳои ҷозибу шавқовари мамлакатҳои сафаркардааш ҳамватанони худро шинос мекунад, балки инчунин тавассути муқоисаҳо мефаҳмонад, ки дар хориҷи чордевори «Бухорои Шариф» низ дунёи рангини диданӣ, ҳаёти аҷиби ибратангезе вуҷуд дорад. Ӯ чашми мардуми дар хоби ғафлат ғунудаи сарзамини азизашро боз кардан хастаст, то бидонад, ки дӯст кист, душманӣ чист, бубинанд, ки меҳнат, маърифат, фарҳанг инсонро ба чӣ пояи бузургӣ мерасондааст ва ғайра. Воқеан, дар ақида ва назариёти

муаллиф нисбат ба ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, маънидоди нуқсҳои сохти сиёсӣ ва мадании кишварҳои мухталиф маҳдудияти таърихӣ низ мушоҳида мешавад. Вале муҳимаш барои мо он аст, ки ӯ доираҳои тираву тор ва зулматсиришти Бухороро сахт мазаммат мекунанд, ки ҳар навъ падидаи тараққӣ ва навии ҳаётро бераҳмона несту нобуд мекарданд.

Мирзо Сироҷ асари худро ба равияи анъанаҳои саёҳатномаҳо ва китобҳои публитсистии дорои маълумоти таърихӣ ва ҷуғрофии асри XIX таълиф кардааст, ки ба хонанда аз рӯи асарҳои «Мунтахаб-ут-таворих»-и Мирзо Ҳакимхон, «Наводир-ул-воқоеъ»-и Аҳмади Дониш «Савонеҳ-ул-Масолик»-и Вазеҳ ва ғайра шинос аст. Аммо фарқи асари Мирзо Сироҷиддин аз он қабил таълифот ин аст, ки ҷанбаи публитсистии асари ӯ хеле қавист, маълумоти зиёди аҷибе оид ба таърихи навтарини Афғонистону Эрон овардаи муаллиф дорои арзиши махсуси илмӣ-таърихӣ аст, чунки ӯ шоҳиди бевоситаи он воқеаҳо буд. Барои хонандаи муосир боз чунин хусусияти китоби Мирзо Сироҷ диққатҷалбкунанда хоҳад буд, ки ӯ чун ватандӯсти оташинсухан аз ҳоли табоҳу зисти ҳақирона, ҷаҳолату бемаърифатии халқи худ бо сӯзу гудоз сухан мегӯяд:

«Бибунед, ки илму сарват кори миллати Ӯрупоро ба куҷо расонида, беилмию танбалӣ кори мо, аҳолии Осиёро ба чӣ пояи пастӣ кашонда!.. Сабаб чӣ шуд, ки тамоми улум ва фунунро онон гирифтанаанд, мо мӯҳтоҷи илму ҳунари онон шудаем ва тамоми рӯи заминро онон тасарруф намудаанд, мо зердасти онон шудаем… Аз пираҳани атфол гирифта то кафани мурдагонамон бояд аз Аврупо биёяд. Тамоми асбоби зиндагии мо бояд аз хориҷа харидорӣ шавад. Акнун мо мӯҳтоҷ набуда, кӣ бошад? Онон ки тамоми сарвати мо мардуми Осиёро мебаранд, босарват нашуда кӣ шавад? Вале мо тариқи дахлро намедонем. Умри худро ба лавҳу лааб (сарф карда) ва таълим намекунем… Дар тамоми Аврупо як нафар гадо ва як одами бекор дида намешавад. Афсӯс бар мо,

афсӯс бар мо! Банда ҳар қадар Порисоро сайру гашт мекардам, бисёртар ватани азиз ба хотирам расида, ҳама вақт ашк аз чашмонам мерехт…»[1]

Аз ҷиҳати забону сабк низ ин асари пураразиши Мирзо Сироҷ аз таълифоти дигар дорои махсусияти чашмгир аст. «Туҳафи аҳли Бухоро», ки китоби бадеӣ ва илмии оммабоб аст, бо забони бисёр соддаву фасеҳ нигошта шудааст ва пурра рӯҳи замонро мунъакис менамояд. Дар он адади зиёди калима ва истилоҳоти тозаи соҳаҳои техника ва илмҳои гуногун ба назар мерасад. Муаллиф истинодҳо аз забони русӣ ва бозёфтаҳои шеваи шевои Бухоро, унсурҳои форсӣ-дарии Афғонистонро бисёр бамавқеъ мавриди истифода қарор додааст, ки ба ҳусни таълифи ӯ афзудаанд.

«Туҳафи аҳли Бухоро»–и Мирзо Сироҷ Ҳакими Бухороӣ дар баробари фарогирии масъалаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодию мадании ҳамонвақта, манбаи асосии омӯзиши ҳаёту фаъолияти худи адиб аст. «Туҳафи аҳли Бухоро» чун сафарнома ҷамъбасти таассуроти сафарҳои муаллиф ва тавсифи умумии саёҳати тӯлонии ӯ ба мамолики Ғарбу Шарқ аст, ки аз 5 июни 1902 оғоз гардида, соли 1910 ба итмом мерасад. Асари мазкури Мирзо Сироҷи Ҳаким Бухороӣ айнан дар қолабу шакли анъанавии асарҳои сафарномавии адабиёти форсу тоҷик: «Сафарнома»–и Носири Хусрав, «Мунтахаб–ут–таворих»–и Мирзо Ҳакимхон, «Савонеҳ–ул–масолик»–и Возеҳ иншо гардидааст. Бинобар таъкиди дурусти муҳаққиқ Ҳамза Боқиев «Мирзо Сироҷи Ҳаким Бухороӣ ба жанри мазкур (сафарнома С.Х.) характер ва услуби хос ворид намуда, онро чун очерки роҳ иншо кардааст ва барои навиштани он услуби махсуси муншаот–мактубро истифода кардааст. Дар «Туҳафи аҳли Бухоро» хусусияти мушаххаси публитсистӣ, маълумотҳои таърихӣ–ҳуҷҷатӣ, характери илмӣ–бадеӣ муҷассам аст».[2] «Туҳафи аҳли Бухоро» очерки реалистии ахлоқӣ аст, ки дар он нависанда

---

[1] Мирзо Сироҷиддин Ҳаким. Туҳафи аҳли Бухоро. – Душанбе: Адиб, 1992. Иборат аз 269 с. Саҳ.- 8

[2] Боқиев Х. Творческий путь и просветительские взгляды Мирзо Сироджа Хакима. АКД. – Душанбе: ТГПУ, 2000. – 13 с.

бобати падидаҳои мухталифи дидаву шунидааш сухан меронад. Ин ҷиҳат тафриқаи байни сафарномаҳои аҳди маорифпарварӣ ва асари Мирзо Сироҷи Ҳакимро таъмин менамояд. Фарқияти дигари ин асар аз осори насрии нимаи дуюми асри XIX дар таҳқиқи шинохти худогоҳии таърихӣ ва воқеияти он аст. Шояд аз Мирзо Сироҷу Фитрат оғоз гардида бошад, ки масъалаи таърихи тамаддуни гузашта ва ифтихори таърихӣ ба ҳақиқат наздиктар ва қаринтар таҷассум ёфтааст. Чунончи, дар ин бора муҳаққиқ М.Раҷабӣ таъкид мекунад: «Аҳмади Дониш дар «Рисолаи таърихӣ», Шамсиддин Шоҳин дар «Бадоеъ–ус–саноеъ» (ва гузашта аз он дар аввали асри XX Аҷзӣ дар «Анҷумани арвоҳ» С.Х) амирони манғит–яке амир Шоҳмурод, ва дигаре амир Музаффарро ғайривоқеӣ тасвир кардаанд. Шоҳмуроду Музаффар дар тасвири Донишу Шоҳин ҳокимони одилу адолатҷӯянд, ки ба амирони замони худи адибон муқобил гузошта шудаанд. Вале дар эҷодиёти таҷаддудхоҳон (ҳам Фитрат ва ҳам Мирзо Сироҷ) ин ҳолатро намебинем, балки дар асарҳои онҳо замони сулолаи манғития дар маҷмӯъ сиёҳ, замони ҳукмронии Сомониён сафед ба тасвир омадааст, ки ба воқеият созгортар аст».[1] Дар «Туҳафи аҳли Бухоро» мисли сафарномаҳои анъанавӣ тамоми воқеот ва ҳодисот аз забони нақлкунандаи воқеаву ҳодисаҳо баён мегардад, ки дар асоси талаботи жанри мазкур ин образ бо образи худи муаллиф айният ва мусовӣ дорад. Дар асар тамоми ҳолатҳои ҳиссӣ ва ботинии нақлкунанда нисбати ҳодисот ва воқеоти дар асар дарҷгардида инъикос ёфтааст. Дар асари мазкур афкори иҷтимоию сиёсӣ, бадеиву эстетикии муаллиф низ дарҷ гардидааст. Аз ин рӯ асари мазкур нафақат аҳамияти таърихӣ (бо он ҷиҳат, ки бобати таърихи навтарини Эрону Афғонистон маълумотҳои муфид медиҳад), балки арзиши иҷтимоию сиёсӣ, бадеиву эстетикиро низ

[1] Раҷабов М.С. Андаке дар бораи «душманони халқ». //Ҷавонони Тоҷикистон. 19 декабри 1990, – № 147. –Саҳ. 2.

дорост. Аз ин мавқеъ асари Сироҷӣ аз сафарномаҳои Аҳмади Дониш ва Возеҳ бо характери мустанадии худ фарқ мекунад.

Дар асар тамоми воқеа ва ҳодисаҳои ҷамъиятию сиёсӣ, маданию фарҳангии мамолики Ғарбу Шарқ бо ҳаёти пасмондаву ғафлатзадаи мардуми маҳаллии Бухоро қиёсан ба тасвир гирифта мешавад, ки ин хусусият дар сафарномаи Аҳмади Дониш низ ҳамчун принсипи асосии эҷоди сафарнома мавқеъ дорад, аммо дар сафарномаи Возеҳ ба ин дараҷа нест. Дар асар назари муаллиф нисбат ба ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, маҳдудияти таърихӣ низ мушоҳида мешавад. Асари Мирзо Сироҷ бо моҳият ва мазмуни худ дар равияи анъанаи сафарноманависии адабиёти маорифпарварӣ нигошта шудааст. Фарқи байни таълифоти асари адаб аз асарҳои Донишу Возеҳ пеш аз ҳама дар пурқувватии ҷанбаи публитсистӣ - таҳлилии он зоҳир мегардад. Зеро дар сафарномаи Мирзо Сироҷ таҳлили қиёсии воқеаҳо, ҳодисаҳо, сатҳи маданияту тамаддуни халқҳои мамолики Ғарбу Шарқ равшантар инъикос ёфтааст. Асари мавриди назар шомили 4 қисмат буда, қисми аввал аз ҳамду наъти анъанавӣ иборат мебошад, ки онро муқаддима низ гуфтан мумкин аст. Дар қисмати дуюм муаллиф дар бораи тафсилоти сафари 8 моҳаи мамолики Ғарб, дар қисмати саввум бобати сафари пурхатари Афғонистон, дар қисмати чаҳорум перомуни сафари сонии Афғонистону Хуросон, Эрону Ҳиндустон, ки қариб 5 сол тӯл кашида буд, мулоҳиза меронад. Мирзо Сироҷи Ҳаким ба воситаи тасвири сафари Аврупо ба рӯи мардуми дар торикистони ҷаҳолатмондаи Бухоро олами мутараққию пешрафтаи маданиро боз менамояд. Муаллиф дар бораи илму маърифат, дараҷаи саводнокӣ ва илмнокии мардум бо як ҳисси дилсӯзиву ғамхорӣ сухан меронад, аз норасоиҳову камбудиҳо дилхаста мешавад, пару болаш мерезад, нафрат мекунад. Чунончи: «Банда вақте ки ин вазъро мушоҳида кардам, фавран ба хотирам мактабҳои худамо ва ба рӯи бӯрёпора нишастану тахтаҳои касиф ва муаллимони бесаводи

худамо, ки мисли мири ғазаб ба атфол муомила мекунанд, расида, беихтиёр ашки ҳасрату рашк, аз дидаам рехта гуфтам:

Туфу бар ту эй чархи гардун, туфу,
Ки мо илмро хор кардем, хор шудем.

Аз ин рӯ, ногузир китоби «Туҳафи аҳли Бухоро» ҷанбаи интиқодии қавӣ дорад ва тасвири бисёре аз ҳолатҳои нобасомониҳои рӯзгори иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодиву мадании мардуми Бухорои охири асри XIX ва ибтидои асри XX–ро метавон дар ин асар мушоҳида кард. Муҳимтарин ва барозтарин мавзӯе, ки дар сафарномаи Мирзо Сироҷ матраҳ шудааст ва бештар аз он сухан меравад, зуҳуроти айбу нуқсони иҷтимоӣ, ҳаёти маданиву сиёсӣ ва фарҳангии мардуми мусулмон ва худношиносии онҳост, нисбат ба сафарномаҳои Аҳмади Дониш ва Возеҳ амиқтару пуршиддаттар инъикос ёфтааст. Дар асар ҳаёту табақоти умумии мардуми мусулмон мавриди доварӣ қарор мегирад ва нуқсу иллатҳои ҳар кадоми онҳо хеле назаррас ба қалам омадааст. Пайдост, нависанда чунин қасд дошта, ки дар шеваи зиндагӣ, аҳволи мардум пиндору гуфтор ва кирдори онҳо дигаргунӣ ворид кунад.

Дар сафарномаи Мирзо Сироҷ нақли воқеа ҷои асосиро ишғол намекунад. Асар сюжет ва зиддияти ягонаро низ доро нест. Азбаски яке аз талаботи жанри сафарнома ва ҳадафи умдаи муаллифи офаридани образ ва характери комили бадеӣ нест, дар «Туҳафи аҳли Бухоро» низ ин чиз дида намешавад. Нависанда баъзе шахсони алоҳида ва хулқу хӯю феълу атвори онҳоро дар амал ба тарзи воқеӣ нишон медиҳаду халос. Аз ҷумла, ҳангоми сафари Истамбул (Исломбул) дар бораи Мир Муҳиддин, Абдураҳим ва ҷо–ҷо бобати шахсияту инсонигарии одамони табақоти мухталифи ҷамъият изҳори ақида дорад. Сафарномаи Сироҷӣ даъват ва хитобате барои ислоҳоти идорӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва бедории мардум аст. Ба қавли доктор Ғуломҳусайн Юсуфӣ «Аксари навиштаҳои иҷтимоӣ ва интиқодии мақоруни машрутият ҳадафи омӯзандагӣ ва ҳидоятӣ доштааст ва нависандагон илова бар он барои боз кардани чашму гӯши

мардум, роҳи пешрафт ва тараққӣ ва некбахтиро низ ба хонандагон менамудаанд»[1]. Азбаски сафарнома дар адабиёти ҳамтипи маорифпарварии Эрон ва тоҷик ҳамчун ҳодисаи типологӣ арзи ҳастӣ карда ва мавқеъ низ пайдо намудааст, сафарномаи Мирзо Сироҷ низ махсусиятҳои болоиро дорад. Ҷиҳати дигари масъала ин аст, ки дар баробари таъсирпазирӣ аз сафарномаи Аҳмади Дониш, дар сафарномаи Сироҷӣ бархурдорӣ аз саёҳатномаҳои адабиёти давраи машрутияти Эрон ба мушоҳида мерасад. Ин монандӣ ва муштаракӣ дар мақсадҳои ғоявии эҷодкорон, мавзӯъ ва мундариҷаи осори онҳо зоҳир мегардад. Дар таълифоти худ доктор Ғуломҳусайни Юсуфӣ менигорад, ки «Хоҷӣ Зайнулобиддин Мароғаӣ низ, ки вазифаи огоҳонидан ва иршоди мардумро вачҳи ҳиммати худ қарор дода буд, ба ин кор даст задааст».[2] Мақсад аз саёҳатнома, ба қавли ҳамин муҳаҳаққиқ, нишон додани ҷанбаҳои зиндагонии иҷтимоӣ будааст, бахусус, масоили идорӣ (маъмурӣ), иқтисодӣ, фарҳангӣ, созмонҳои гуногуни ҷомеа ва тарбияти ахлоқии умум. Ин тамоюлот дар сафарномаи Мирзо Сироҷ низ комилан риоя гардидааст. Ногуфта намонад, ки дар баёни афкор ва ифодаи мақсадҳои ғоявӣ амиқрафти тарзи тафаккури ҳам адибони равшанфикри Эрон ва ҳам адибони маорифпарвари тоҷик ба мушоҳида мерасад. Зеро ҳангоми ифодаи матлаб ва мақсадҳои ғоявӣ муаллифони сафарномаҳо ба масъалаҳои хеле нозуки иҷтимоӣ–сиёсӣ дахл карда, онро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор медиҳанд, агар лозим ояд нисбати он афкори танқидии хешро иброз медоранд. Аз ҷумла, ҳақ ва ҳуқуқталошӣ дар ҷамъият, адолат ва додхоҳӣ, тарки беэътиноӣ ва ғафлатзадагӣ, таъсиси мадорис ва интишори улуми ҷадид, ислоҳотхоҳӣ дар идораи давлат ва ғайраҳо. Муаллифи «Туҳафи аҳли Бухоро» дар асар бо як мавзӯъ иктифо намекунад. Дар аснои баён ва ифодаи матлаб аз таассуроти хеш ба мавриди қазоват менамояд ва ин ҷиҳат аз талаботи хусусиятҳои жанрӣ ва

[1] Юсуфӣ Ғ. Дидоре бо аҳли қалам. – Табрез: Маҳорат, 1374 ҳ. – 136 с.
[2] Ҳамин манбаъ. Саҳ.- 136.

фарохии имконоти жанри сафарнома бармеояд. Ҳамин хусусияти гуногунмавзӯӣ ва баррасии масоили мухталифи асар тадриҷан тағйирпазирии сабки нигориши нависандаро тақозо намудааст. Дар асар нависанда аз ин мавқеъ гоҳ шеваи рӯзноманигорӣ, гоҳ сабки номапардозӣ, гоҳи дигар рисолати иҷтимоии шеърро ҳамчун тарзи хоси эҷоди бадеӣ пеш мегирад.

Сафарномаи Мирзо Сироҷ аз лиҳози мазмуни иҷтимоӣ ва интиқодӣ асари хеле мушаххас аст. Ҷанбаи адабӣ–бадеии он таҳти ҳамин мушаххасот қарор гирифтааст. Ҷиҳати муҳимтарини бадеияти асарро бо ғоянокии он эзоҳ додан мумкин аст. Нависанда ҳангоми навиштани асараш лаҳни равону фасеҳ ва пандомезиро ихтиёр менамояд ва ин лаҳн гоҳ ба хитобаи нуктаҳои муҳими интиқодӣ ва иҷтимоӣ табдил меёбанд. Ҳунари нависандагии Сироҷӣ дар ҳамин чиз зоҳир мегардад, ки ӯ аксар мазмуни ғоявии асарашро зимни ҳамин хитобаҳо баён месозад. Муаллиф аз оғоз то анҷоми сафарнома кӯшиш намудааст, ки батафсил ва бо рабти муайяну муназзам сухан гӯяд, яъне бо тамоми ҷузъиёт таассуроти хешро ифода намояд. Олими эронӣ доктор Ғуломҳусайн Юсуфӣ тафсилотпардозии Мароғаиро аз камбудӣ ва нуқсонҳои асари ӯ мешуморад ва қайд менамояд, ки «Нуктаҳоеро баҳонаи хитоб ва итоб қарор додан ва батафсил сухан гуфтан, гоҳ рӯҳи таълимии хушке ба китоб додааст, ки ба табиати достоннависӣ созгор нест. Эътиноб ва дарозгӯӣ яке аз айбҳои умдаи нависанда аст. Ҳамин қадар, ки матлабе пайдо карда дар он доди сухан дода, агарчи мутакаррир ва нобаҷо будааст»[1]. Муҳаққиқ ба ҷузъҳое аз китоби «Саёҳатномаи Иброҳимбек» эрод гирифтааст, ки бештар рӯҳи хитобатӣ ва мазмуну маънии такрорӣ доранд. Мазмунҳои такрорӣ ва ҷузъҳои хитобӣ дар сафарномаи Сироҷӣ низ мавҷуданд, аммо онҳо бамаврид бо мақсадҳои муайяни эҷодӣ ҳамчун руҷӯъ барои таъмини пурқувват намудани ғояи асар хизмат намудаанд. Шояд худи муаллиф аз рисолати эҷоди сафарнома ва

[1] Ҳамин манбаъ. Саҳ.- 143-144.

моҳияти ин жанр огоҳӣ дошта, ки баъд аз хитобае ибрози назар менамояд ва мегӯяд: «Ғарази банда сафарноманигорӣ аст, вале дар баъзе ҷой ихтиёр аз кафам хориҷ мешавад». Дар асар сар то по феълу атвор ва характери танҳо як шахс, яъне худи муаллиф бештар мавқеъ дорад. Дар сафарномаи Мирзо Сироҷ яклухтиву ягонагии асарро оғоз ва анҷоми сафарҳо ташкил намудааст. Ин ҷиҳат асосан ба мароми эҷодии муаллиф сахт вобастагӣ дорад. Чуноне ки дар боло ишорат рафт, сохт ва шаклу шамоили асарро шартан ба чаҳор қисмат тақсим намудем. Инчунин «Туҳафи аҳли Бухоро» асари сафарномавиест, ки дар асоси ду хати сафар ва ду самти сафар офарида шудааст. Яке хати сафар ба мамолики Ғарб ва дигаре ба мамаолики Шарқ. Худ ҳамин сохти асар нишон медиҳад, ки дар «Туҳаф…» характер ва руҳияти ифодаи афкор ду навъ аст. Яке инъикоси назари ибратбахши адиб ва таассуротҳои мусбии ӯ аз сафари мамолики Аврупо, дигар назари танқидӣ ва таассуроту надомати манфӣ нисбати ҳаёт ва рӯзгору тарзи зиндагии мардуми мамолики Шарқи мусулмон. Дар қисми аввал ҳолати рӯҳии муаллиф ва қаҳрамони асосии асар бо ҳолати психологии қаҳрамони сафарномаи Аҳмади Дониш айният дорад. Ин ҳолат аз вачду шӯр ва таҳайюру ангушти ҳайрат газидани қаҳрамонон аз таассуроти сафари мамолики мутараққии Аврупо ва падидаҳои тозаи ҳаёти нави маданию фарҳангӣ, иқтисодию иҷтимоии мардуми Ғарб бармеояд. Дар қисми дуюм, яъне ҳангоми баёни воқеоти сафари мамолики Шарқ ҳолати рӯҳии қаҳрамони асар ва муаллифи он характери пессемистӣ–афтодарӯҳӣ гирифтааст. Ҷанбаи интиқодии гуфтори муаллиф ва суханони ӯ пурқувваттар ва шадидтаранд.

Асар ва тарзи нигориши он гувоҳӣ медиҳад, ки вай «китоби бадеӣ ва илмии оммабоб аст ва бо забони бисёр соддаву фасеҳ нигошта шудааст. Он пурра рӯҳи замонро мунъакис менамояд»[1]. Инро

[1] Мирзо Сирочиддин Ҳаким. Туҳафи аҳли Бухоро. – Душанбе: Адиб, 1992. – Саҳ.- 8.

муаллифони сарсухан ва нашри оммавии асар С.Солеҳов ва М.Мирзоев, ки дар боло иқтибос шуд, тасдиқ кардаанд.

Сафарномаи Мирзо Сироҷ ҳам аз лиҳози мушаххасии сохтор ва ҷанбаи ҳунариву сабку услуб ва ҳам аз ҷиҳати ҳадафи таъсири иҷтимоӣ дар рӯзгору замони худ ва ҳатто имрӯз низ асари пуразриш ва қобили омӯхтанист. Дар насри бадеии тоҷик дар баробари сафарномаҳо ва осори насрии бадеии дигар ин асар аз кӯшишоти аввалинест баҳри ба вуҷуд омадани романи миллӣ. Асари мазкур дар талқини ҳунари нависандагӣ, тағйиру таҷдиди шеваи насрофарӣ дар адабиёти миллӣ падидаи хосе буд. Нависандаи ин асар аз зумраи ҳамон равшанзамиронест, ки аз иншои насри суннатӣ ва сабки мушкилфаҳму тумтароқ даст кашиданд ва ба забони соддаи муҳовара рӯй оварданд. «Туҳафи аҳли Бухоро» намунаи хоси насри бадеии аввали асри ХХ тоҷик аст, ки аз лиҳози сабк, тарзи нигориш, тарзи тасвир, мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявӣ, сохту шакл, нармию равонӣ дар таърихи адабиёт мавқеи хос дорад. Дар асар меъёрҳои забони адабӣ дар ҳолати мӯътадил ва табиӣ риоя шуда, аз ин лиҳоз низ он эҳтиёҷ ба омӯзиш дорад. Дар ин асар шумораи зиёди калимаву таъбирҳои халқӣ, истилоҳоти тозаи соҳаҳои техникӣ ва илмии замонавӣ ба назар мерасад. Муаллиф дар истифодаи истинодҳои русӣ, форсӣ, афғонӣ бисёр дақиқ амал менамояд ва онҳоро бамавқеъ истифода мебарад. Ҳамин тариқа, асари мазкур дар ташаккул ва рушду нумӯи афкору ҷаҳонбинии мардум арзиши хосро доро аст.

Савол ва супоришот:

1. Манбаъҳои асосии омӯзиши ҳаёт ва фаолияти Мирзо Сироҷ.
2. Хатҳои сафари Мирзо Сироҷ ва тафриқаи байни онҳоро нишон диҳед.
3. Мирзо Сироҷ ва дараҷаи таҳқиқи аҳвол ва осори ӯ.
4. Ҳунари шоирии Мирзо Сироҷ.
5. Мирзо Сироҷ ва инъикоси ғояҳои маорифпарварӣ дар осори ӯ.

6. Лирикаи Мирзо Сироҷ ва мазмуну мундариҷаи ғоявии он.
7. «Туҳафи аҳли Бухоро» ҳамчун асари сафарномавӣ ва хусусиятҳои муҳимтарини он.
8. Мирзо Сироҷ адиби насрнавис.
9. Мирзо Сироҷ ва фаъолияти публитсистии ӯ.
10. Талқини афкори адабӣ-эстетикӣ,танқидиву ахлоқӣ ва ғояҳои худшиносии миллӣ дар назму насри ин адиб.

Шарифҷон махдуми Садри Зиё

Нуктаҳои асосӣ:

1. *Зиндагинома ва шарҳи ҳоли Шарифҷон махдуми Садри Зиё.*
2. *Дараҷаи тадқиқи аҳволу ососри адиб*
3. *Садри Зиё ҳамчун ҳомии адабиёту фарҳанги миллӣ.*
4. *Асарҳои Садри Зиё ва арзиши онҳо.*
5. *Идомаи анъанаи тазкиранигорӣ дар эҷодиёти адиб.*
6. *Ҳунари шоирӣ ва нависандагии Садри Зиё*

Устод Садриддин Айнӣ гувоҳӣ медиҳад, ки Шарифҷон махдум «аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ буд». Беш аз ин Айнӣ таъкид мекунад, ки Шарифҷон махдум «аз мухлисони Аҳмади Калла ва Мирзо Сомӣ буда, иншо, мактуб ва хотироти худро боз ҳам соддатар ва оммафаҳмтар карда менавишт».[1] Ин ду далел аз фаъолияти давлатию адабии Садри Зиё гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ аз ҳаммаслакони Аҳмади Дониш буда, шахсияти таҷаддудхоҳ ва навпараст шинохта шудааст.

Ба шаҳодати фарзанди Садри Зиё донишманди маъруф Муҳаммадҷон Шакурӣ–Шарифҷон махдуми Садри Зиё шоир, насрнавис ва таърихнигори тоҷик аст. Шариф номи ӯст, махдум калимаест, ки ба номи муллозодагон илова мекарданд, садр унвони илмии динист, ки дар Бухорои асрҳои охир саввумин (баъд аз ӯроқ ва судур) олитарин унвони уламо ба шумор меомад. Зиё тахаллуси адабист.

Дар бораи Садри Зиё дар як қатор асарҳои илмию тадқиқӣ ва адабию бадеӣ маълумоти ҷолиби диққат оварда шудаанд. Агар ҳамаи онҳо як ҷо ҷамъ ва ба тартиб дароварда шавад, дар бораи рӯзгор ва осору афкори Садри Зиё тасаввуроти умумие ҳосил намудан мумкин аст. Манбаъҳои муҳимтарине, ки дар бораи ин адиб маълумоти пурқиммат дода метавонад сараввал асарҳои худи адиб ба шумор мераванд. Зеро гуфтан мумкин аст, ки Садри Зиё барои хонандагон ва ихлосмандони осори худ ин вазифаро осон ва саҳл намудааст. Асарҳои адиб дар бораи

[1] Айнӣ С. Куллиёт, ҷ.7. – Душанбе: Нашр. Давл. Тоҷик, 1962. – 646 с. Саҳ.- 231

саҳфаҳои мухталифу нозуктарини ҳаёт ва рӯзгори адиб барои мо маълумоти ҷолиб дода метавонанд. Дар ин радиф тазкираи адиб-«Тазкори ашъор», «Рӯзнома» ва «Наводири зиёия»-ро метавон зикр намуд. Сониян, аввалин шахс ва муҳаққиқи аҳволу осори ин адиби ҳамакор, ки хизматҳояшро дар раванди фарҳангу тамаддуни мардум дуруст ва барҳақ тарҷеҳ дода арзиши фаолияти ӯро нишон дода тавонистааст, Садриддин Айнӣ аст. Адиб ҳақшиносона ва сипосгузорона дар рушду нумӯи адабиёт мавқеи ин шахсро арзёбӣ намудааст. Мисоли равшани ин саҳифаҳои мухталифи «Намунаи адабиёти тоҷик», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ва ниҳоят бобу фаслҳои ҷудогонаи «Ёддоштҳо» ба шумор меравад. Метавон гуфт, ки ҳаматарафа ва ҳарҷониба тадқиқ ва таҳлилу баррасии аҳвол ва осори Шарифҷон Махдуми Садри Зиё аз солҳои 70-уми асри XX дубора ҷон гирифт. Дар ин ҷода саҳм ва хизматҳои Муҳаммадҷон Шукуров хеле калон аст, ки самараи ин корҳоро як-як дар баррасии аҳвол ва осори адиб бамаврид хоҳем дид. [1]

Мувофиқи маълумотҳо аҷдоди Садри Зиё аз аҳли ҳунар буда, ба касби шустагарӣ машғул будаанд. Падари ӯ Абдушукур баробари мударрис, мансабдор, донишманди илмҳои динӣ, таърих, адабиёт буданаш, то дараҷаи қозикалони Бухоро расиданаш низ хабар дода мешавад. Ӯ, назар ба ахбори Садри Зиё, соҳиби китобхонаи «муаззаму муназзаме» будааст, ки дар он «аз навиштаи тамоми котибони номдор мавҷуд» будааст.

Садри Зиё 2-юми феврали соли 1867, ки падараш Абдушукури Оят дар вилояти Зиёуддини аморати Бухоро қозӣ буд, таваллуд шудааст.

---

[1] Шакурӣ М. (Шукуров М). Навиштаҳои Садри Зиё ва аҳамияти таърихии онҳо. //Гули мурод, 1997, – № 4–6 (2). – С. 23 – 28. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ. – Душанбе: Бунёди Оли Сомон, 1999. – 247 с. Шарифҷон Махдуми Садри Зиё, Тазкори ашъор. Бо тасҳеҳи Саҳобиддин Сиддиқ. Сарсухан, таҳияи матн ба кӯшиши Муҳаммадҷон Шакурии Бухоронӣ. – Теҳрон: Сурӯш, 1380 ҳ. – 543 с. Шакурӣ М. (Шукуров М). Садриддин Айнӣ – равшангари бузурги таърихи тоҷикон. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. – 106 с. Садри Бухоро. Чопи дувум. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 327 с. Шаммае аз рӯзгори Садри Зиё. //Садои Шарқ, 1989, – № 1. – С. 101 – 113. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи XX. //Садои Шарқ, 1998, – № 1–6. – С. 87 – 93.

Азбаки валодати вай дар вилояти Зиёуддин воқеъ шуда буд, падараш ба ӯ Зиёуддин ном ва бинобар он ки ин воқеа дар рӯзи ҷумъаи моҳи рамазон рӯй додаст, Муҳаммад Шариф лақаб ниҳода буд. Вале Садри Зиё на бо номи аслӣ, балки бо лақаби худ шӯҳрат ёфт. Инро худи ӯ чунин қайд кардааст: «Ба мурури айём лақаб авзаҳ аз исм шуда, номи аслӣ билкулл матрук гашт. Лиҳозо аз барои эҳёи номи аслӣ «Зиё»-ро дар ҷаридаи ашъор тахаллус қарор додам». «Зиё», - мегӯяд Мӯҳтарам дар «Тазкират-уш-шуаро»-и худ, - таҳсили улуми диниро тамоман дар назди падари худ аз бар намуда…»

Худи Садри Зиё ин фикрро тасдиқ карда, дар айни замон муддате дар назди Исо-махдум (1829-1898) таҳсил карданашро қайд намудааст. Аз овони хурдсолӣ Садри Зиё ба хондани китоб ва ҳунари хушнависӣ ҳаваси зиёд пайдо карда буд. Аз як тараф, аз ҷиҳати моддӣ таъмин будан, аз тарафи дигар, муҳаббати китоб ва шавқи илму дониш Садри Зиёро аз ҷавонӣ ба ҷамъоварии дастнависҳои нодир водор намуда буд. Ӯ пулеро, ки дар даст дошт, барои харидани дастнависҳои пурқимати камъёб ва китобати онҳо истифода мекунад, ки дар натиҷа соли 1891, ба шаҳодати Садриддин Айнӣ, - китобхонаи шахсии худро бунёд месозад, ки дар замони ӯ шӯҳрат доштааст. «Китобхонаи Шарифҷон-махдум,- навиштааст Садриддин Айнӣ, - беҳтарин ва бойтарин китобхонаҳои хусусии шаҳри Бухоро буд. Дар вай нодиртарин китобҳоро бо хати хубу хоно ва бо китобати ба замони таълиф наздик ва баъзан бо дастхати муаллиф ёфтан мумкин буд».

Устод Айнӣ Садри Зиёро бо дигар махдумони Бухоро муқоиса карда, дар барои фазилатҳои ӯ дар «Ёддоштҳо»-яш чунин гуфтааст: «Шарифҷон-маҳдум дар хушхатӣ, хушсаводӣ, шеърфаҳмӣ ва маорифдӯстӣ дар байни муллозодагони Бухоро қариб ягона буд».

Сифатҳои ҳамидаи Садри Зиёро тазкиранависони муосираш низ таъкид кардаанд. Аз ҷумла Афзал-маҳдуми Пирмастӣ навишта буд: «Бо вуҷуди он ки қомати истеъдодаш бо ҳильяи (зевари) ин ҳама фазоил

ороставу пироста аст, ҳаргиз нотиқи (қамарбанди) лоуболӣ аз хотира намегузорад ва хоки пои аҳли маъниро кӯҳли босира (сурмаи чашмон) мешуморад».

Дар маҷлисҳои хонаи Шарифҷон-маҳдум масъалиҳои адабиёт муҳокима мешуд, дар бораи аҳволи замон ва кирдори мансабдорон сухан мерафт, хубиҳои баъзе касони намоён, ба мисли Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин, Мирзо Ҳайити Саҳбо ва ғайра зикр меёфт. Бино ба қавли М.Шукуров «рисолати таърихии маҳфили адабии Садри Зиё ин будааст, ки ҷасорати ҳақгӯӣ, маънавиятгустарии маорифпарварӣ ва пархоши иҷтимоиро, ки Аҳмади Дониш бо қатъияти тамом ба майдон овард, устуворӣ бахшид ва барои нуфузафзоии маорифпарварӣ дар ҷомеа мусоидат намуд».[1] Метавон гуфт, ки ин маҳфил ва маҷлисҳо барои вусъат гирифтани ғояҳои маорифпарварӣ ва такмил ёфтани ақидаҳои нави иҷтимоӣ-танқидӣ ва ҳатто барои пайдоиши адбиёти сифатан нави таҷаддудхоҳӣ низ аҳамияти вижа дорад. Худ Шарифҷон - махдуми Садри Зиё дар ҷунбиши ҷадидон ва ҳаракати онҳо бевосита иштирок надошт вале ӯ ҳамеша пуштибон ва ҳомию муттакои ҳаракти аъзоёни он буд. Ин фикрро писари худи адиб низ эътироф мекунад. Зеро таъминоти моддии ҷамъияти «Тарбияи атфол» гӯё ба гардани Садри Зиё будааст. Фарзанди худи Садри Зиё дар мактаби усули нав хонда таҳсил гирифтааст ва инро Садри Зиё дастгирӣ низ кардааст. Маҷлиси Садри Зиё барои вусъати фикр ва пешрафти эҷодии суханворони пешқадаму озодфикри охири асри XIX ва ибтидои асри XX –и муҳити адабии Бухоро, хусусан шоирони ҷавони вақт (ба монанди Садриддин Айнӣ, Абдулвоҳид Мунзим, Ҳайрат ва ғайра) таъсир калон ва мусбат дошт. Ба ақидаи И.С.Баргинский, маҳфили Шарифҷон-махдум барои Айнии ҷавон як «сарчашмаи ҳаётбахш» буд.

[1] Шукуров М. Садри Бухоро. –Душанбе: Деваштич, 2005. Саҳ.-21.

Аз 22 моҳи шавволи санаи 1310 ҳичрӣ (9 маи соли 1893 м.) фаъолияти қозигии Садри Зиё сар шуд, ки бо фосилаҳо тақрибан то соли 1920, то ғалабаи инқилоби Бухоро давом кард.

Садри Зиё, ба гуфти худаш, ҳангоми қозигӣ дар туману вилоятҳо аз худ нишоне боқӣ мегузоштааст. Чунончи, ӯ соли 1893 ҳангоми дар туман (ноҳия)-и Пешкӯҳ қозӣ буданаш сарбанди даръёро дуруст карда, ба ин туман об овардааст, ки муддати ҳафт сол дар он ҷо аз беобӣ зироат намешудааст. Ё ки ҳангоми дар Чорҷӯй қозӣ буданаш барои толибилмон расман даҳяк (стипендия)-ро ҷорӣ намуда, истиқомати ҳуҷраҳои мадрасаҳои Чорҷӯйро низ ба онҳо супурдааст ва ғайра.

Зоҳиран, Садри Зиё аз мансаби қозигиаш чандон қаноатманд набудааст, ки бисъёр вақтҳо баъди маъзулӣ баръакси расму одат ба рикоби амир ва зиёрати қозикалону раису вазир намерафтааст. «Ин кирдори ман,-мегӯяд ӯ,-мушир (ишорат) ба истеъфо аз хизмати қозигӣ буд. Ин маъниро ба худ лозим гардонда будам. Баъд-ул-явм қатъан қозӣ намешавам, гуфта қасд доштам». Аммо амирон, шояд бо ғаразе бошад, аз баҳри ӯ намегузаштаанд. Баръакс амир Олимхон (1910-1920) бо машварати Мирзо Насуруллоҳи вазир 29 марти соли 1917 ӯро қозикалони Бухоро таъин кард. «Амиру вазир,-мегӯяд Садри Зиё дар «Рӯзнома»-аш,-роқимро ба арки Бухоро талаб карда, қозикалонии дорилфохираро қилодаи рақабаи (гарданбанди гулӯи) ман намуданд. Ҳарчанд истеъфо ва истиғфор кардам, қабул нанамунданд, ночор то мудати шаш моҳ муваққатан мутақаббил гаштам (қабул кардам). Ману қушбегии мазкур (яъне Мирзо Насурллоҳи вазир) ба гирдоби бало афтодем».

Дар ҳақиқат, пас аз инқилоби феврали Руссия, баъди эълон шудани фармони ислоҳоти амир (7 апрели 1917) ошӯби иртиҷоиён баланд шуд ва ба сари пешқадамони замон, аз ҷумла Садри Зиё фоҷиаҳо омад. Амир барои файсал додани иғвои муллоён Мирзо Насруллоҳи вазир,

Абдусамадхоҷаи раис ва Садри Зиёро мутасаддӣ карда, худ ҳеҷ гуна чорае надид.

Ин рафтори амир ба муллоёни ошӯбгар рӯҳ бахшида, Абдусамадхоҷаи раисро ба лат кашиданд ва бо хоҳиши онҳо амир Мирзо Насруллоҳи вазирро аз мансабаш озод карда, ба Кармина маҳбус ва дар он ҷо ба қатл расонид. Муллоёни шӯрида бо ташвиқи Бурҳониддини қозикалони собиқ Садри Зиёро ҳам руҳан мачрӯҳ сохтанд.

Садри Зиё пас аз маъзулӣ дар Бухоро истиқомат мекард. Тамоми ваҳшониятеро, ки амир ва нӯкорони вай дар ҳаққи тараққиталабон ва ҷадидҳо содир карданд, медид ва мешунид. Дар ин вақт амир Олимхон ӯро ба Арк даъват намуда, таклифи қозигӣ кард, вале ӯ ин таклифро рад намуд. «Баъди ду рӯзи ин ҳодиса,-мегӯяд Садир Зиё,-Баротбеки удайчӣ оҳиста хабаре гуфт, ки ин бор низ инкор ва исрор намоям, ба Кармина маҳбус мегардам. Ночор қабул кардам». Ба ин тариқ, 10 – уми октябри соли 1917 Садри Зиё қозии Қарши таъин шуд.

Моҳи марти соли 1918 дар Бухоро дуюмин қатлу ғорати «ҳурриятхоҳӣ» сар шуд, ки дар натиҷа ба шаҳодати Садри Зиё, «Ҳазорон хуни бегуноҳон рехта» шуд. Қатлу ғорат ба куштори умумии аҳолии бепаноҳ мубаддал гардид. Ин вазъият тамоми ноҳияву вилоятҳои аморатро фаро гирифта буд. Чунончи, дар як рӯз дар Қаршӣ 450 нафар зану мард ва кӯдакони маъсум ба қатл расиданд. «Ҳам дар ин маврид, - навиштааст Садри Зиё,-роқими сутурро (нависандаи ин сатрҳо) дар 20 ҷумодӣ-юс-сонии санаи мазкур (3 апрели соли 1918-с.) ҳамроҳи Абдуғафур-махдум додарам ва Абдувакил-маҳдуми ҷиянам ба сад тантана ва ҳазор воҳима оварда ба қӯрғони Қаршӣ дар як хона ҳабс намуданд. Тамоми асбобу анҷоми маро қарз, ғорат (забт) карда, 16 нафар зуафо ва нисвон (занону духтарон), ки мутааллиқони, ман буданд, фақат ба либоси тан дар як хона ҷо додаанд, ки муддате аз ҳаёту мамоти ҳамдигар хабар надоштем. Имрӯз якшанбе буд. Ҳамин бегоҳ баъд аз

намози хуфтан Абдувакил-маҳдуми бечораро ба ҳоле ки забони кас ба такрир ва хома ба таҳрири он оҷиз аст, ба қатл оварданд». Дар чунин вазъият марг ба Садри Зиё ҳам таҳдид мекард. Ӯ навиштааст, ки «маро низ соат ба соат бими қатл ва ҳар дақиқа ваҳми куштан муайян ва мутаяққин буд», «шак надоштам, ки ҳамин дам ба олами дигар хоҳам рафт»,-зеро,-мегӯяд Садри Зиё,-қотилон ҳамон шаб «се нафар сағир ва нисвон»-ро низ паронда буданд.

Садри Зиё шаби аввалро бо тарсу воҳима ба рӯз расонида ва бовар ҳосил кард, ки як рӯзи дигар умр хоҳад дид, зеро «медонистам, ки одатан амсоли мо мардумро дар рӯз намекуштанд». Баъд аз чанд рӯзи маҳбусӣ Аҳрорқуллибеки иноқ-ҳокими Қаршӣ ба назди Садри Зиё омада гуфтааст: «Ҷаноби олӣ дар ҳаққи шумоён падарӣ карданд, аз хуни шумо ва додаратон гузаштанд. Ду миллион сӯм бадали хуни шумо, як миллион сӯм барои додаратон фармуданд».

Баъди озодӣ 8 июни соли 1918 ва қозӣ таъин шудан ба Шаҳрисабз ҳам таҳдиди қатл аз сари ӯ бартараф нашуда буд. Хусусан, -мегӯяд Садри Зиё, - «аз хунхории тӯра, яъне Акрамхон дар хавфу риҷо будам». Баъд аз он ки шӯриши аҳолии Қаршӣ ба муқобили Акрамхон бо қувваҳои ҳарбии Бухоро торумор шуд, амир Садри Зиёро боз ба Қаршӣ қозӣ таъин карда, ин дафъа ӯро ба назорати тағоии худ Саидбеки иноқ супурд. Моҳи сентябри соли 1920 дар Бухоро инқилоб шуда гузашт. Ҳокими Қаршӣ Саидбеки иноқ тараддуди роҳи Афғонистон мекард. Садри Зиё аз ҳоким пинҳонӣ ба корвони савдогарони бухороӣ ҳамроҳ шуда, аввал ба Ғиҷдувон ва баъд ба Бухоро омад.

Чунон ки худи Садри Зиё қайд мекунад, ҳукумати нав нисбат ба вай шафқат варзида, ҷони ӯро аз қасди гумоштагони амир эмин сохт. Ӯ ба хидмати ҳукумати Бухоро дохил шуда, аввал дар вазифаи «назорати авқоф ва мумайизии уламо» ва баъдҳо дар қӯмитаи иҷроияи Бухоро кор кардааст.

«Аз одамоне, ки дар он вақт кордор ва соҳибэътибор буданд,- гуфтааст Садри Зиё, -як нафар боқӣ намонд. Фақат ҳукумати ҳозира дар бораи ман, ки дар вақташ ҷодаи ҳақ паймудам, бетарафона истодам, мисли дигарон ҳаракатҳои дар муқобили ин тоифа, яъне тараққихоҳон-накардам, мутаарризи ҳоли ман нагаштанд.

Садри Зиё то соли 1924 дар идораҳои ҳукуматӣ кор карда, ба шаҳодати писараш Муҳаммадҷон Шукуров, тахминан охирҳои моҳи апрели соли 1932 аз касалии хафақон, ки ба ин касалӣ соли 1902 дар Каркӣ гирифтор шуда буд, инчунин ба бемории тиф гирифтор шуда, вафот кардааст.

Ҳоло аз **мероси адабию илмӣ ва расмии Садри Зиё** 11 ҷилд «Маҷмӯаи асарҳо» ва китобҳои ҷудогона маҳфуз мондааст, ки асосан дар ганҷинаи дастхатҳои АФ Ӯзбекистон ва қисман дар захираи дастхатҳои АФ Тоҷикистон ва дар китобхонаҳои шахсӣ маҳфуз ҳастанд.

Мероси адабию ҳуҷҷатӣ ва расмии Садри Зиё зиёд аст. Мувофиқи шаҳодати яке аз муҳаққиқони мероси адабии ӯ- Саҳобиддини Сиддиқ асарҳои боқимондаи Садри Зиё зиёда аз шасту панҷ адад аст. Бештарини ин асарҳо бо хати худи муаллиф дастнавис гардида дар ҳаҷми ёздаҳ ҷилд гирдоварӣ шудаанд. Аксарияти навиштаҳои Садри Зиё дар шӯъбаи дастнависҳои Институти шарқшиносии ба номи Абу Райҳон Берунӣ нигоҳдорӣ мешавад. асарҳое, ки аз Садри Зиё боқӣ мондаанд, ду навъанд. Яке он асарҳое, ки ба қалами худи муаллиф тааллуқ доранд, дуввум он асарҳое, ки мувофиқи нақлу ривоятҳо ва бозгӯйҳои мардуму қарибони адиб иншо шудаанд. Навиштаҳои Садри Зиё дар қарори зеринанд: **«Наводири зиёия»**- дар қолаб ва интишороти асарҳои насрии анъанавӣ офарида шудааст ва характери автобиографӣ дорад. Ин асар зиндагиномаи худи муаллиф ва рӯзгори падару аҳли оилаи ӯ, инчунин қисмати **«Латоифу мутоибот», «Тазкират-ул-ҳумақо»** ва **«Тазкират-ул-вузаро»**-ро дарбар мегирад. Инчунин дар таҳрири дуввуми ин китоб, ки ба хати криллӣ чоп гардидааст, асари дигар бо унвони «Сабаби

инқилоби Бухоро» илова гардидааст. Дар ҳамин радиф нуктаеро таъкид карда гузаштан лозим аст, ки ба қалами ин адиб ду асари ҳамтип ва монанд тааллуқ дорад. Аввал «Осори зиёия» ва сониян «Наводири зиёия». Ҳар ду дар шакли маҷмӯаҳо интишор ва дастнавис шуда, якуми хеле бузург аст ва 18 баёзи хурду калонро фаро мегирад ва дуввуми мунтахаб аз асари аввал аст. Бинобар ҳамин дар омӯзиши масъала ин ихтилофи назарро бояд ба инобат гирифт. Зеро аз 18 асаре, ки дар маҷмӯаи аввал аст дар «Наводири зиёия» фақат панҷ асар фаро гирифта шудааст. Соли интишори **«Наводири зиёия»** 1343 ҳиҷрӣ, мутобиқи соли 1924 мелодӣ аст. «Наводири зиёия» асари яклухту мукаммал дар як хати сужет нест. Ба ибораи дигар ин асар сужети ягона надорад. Қисми зиёди асарро ҳикояҳои хурд-хурди воқеӣ ташкил кардааст, ки аксарияти онҳо характери ёддоштӣ ва хотиротӣ доранд. Худи Садри Зиё низ ин ҳолатро таъкид мекунад. дар бораи асар Садриддин Айнӣ низ баҳои худро додааст. «Ин маҷмӯа мӯҳтавист бар ҳикоёти ширин ва латоифи намакин, ки муҳаррир дидаву шунидаи худро ба иборати соддаи ҳазломез тасвир кардааст».[1] Аз ин гуфтаҳо чунин масъала бармеояд, ки «Наводири зиёия» дарҳақиқат асари яклухту том нест ва он аз маҷмӯаҳои ҳикоёт ва латоиф иборат аст, дигар ин ки асар ҷанбаи воқеиву ҳаётӣ дорад, зеро онро нависанда аз сари худаш гузаронидааст, сониян, асар аз маҷмӯаи ҳикоёте таркиб ёфтааст, ки характери ҳаҷвӣ ва ҳазломезона доранд ва онҳо латиф низ ҳастанд. Ба эътиқодмандии Саҳобиддин Сиддиқ дар ин маҷмӯа 2 ҳикоёти воқеӣ, рисолаи «Ҳикоёти мутааххирин ва муосирин» 69 ҳикоят, «Ҳикоёти мутақаддимин» 52 ҳикоят, «Ҳикоёти уламои мутабаҳҳирини Бухоро» 13 ҳикоятро дарбар мегирад. Ин чиз далолат бар он аст, ки дар эҷодиёти адиб жанри ҳикоя мавқеи калон дорад. Аммо бояд таъкид намуд, ки ин ҳама ҳикоятҳо ҷанбаи пурқуввати танқидӣ,

[1] Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Москав: Чопхонаи марказӣ, 1926. Саҳ.-402.

таҳлилӣ, маорифпарварӣ надоранд. Дар онҳо муносибати муаллиф ба воқеият аз нуқтаи назари холисона дарҷ гардидаанд.

Аҳамияти онҳо дар ҳамин чиз аст, ки дар аксарияти онҳо аз ҳаёти одамони наҷиб ва вакилони адабиёт, ҳамзамонони муаллиф маълумоти пурқиммат ва шавқовар дода шудаанд. Метавон гуфт, ки аз баъзеи ин ҳикоятҳо барои тадриси толибилмон ҳамчун манбаъ ва сарчашмаи муҳими таърихӣ истифода бурдан мумкин аст. «Наводири зиёия» як навъ намунаи насри бадеии ибтидои асри XX тоҷик аст, ки онро аз лиҳози сабку услуб ва мароми нависанда давоми мантиқии «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, «Савонеҳ-ул-масолик»-и Возеҳ, «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Сироҷӣ номидан мумкин аст. Аз мутолиаи дақиқи китоби мазкур ба назар чунин мерасад, ки тамоюли пешгирифтаи нависанда холисият аст. Чуноне ки дар сатрҳои болотар ҳам ишорат гардид, Садри Зиё масъалаҳоро дар ҳикоёт бе ягон хулосаҳои мантиқӣ ва ҳаллу фасли амиқу дақиқ мавриди гуфтугузор қарор медиҳад. Ҷанбаъҳои ғоявияти онҳо аз нуқтаи назари ҷараёни маорифпарварӣ хеле заиф аст. Ин аст, ки гоҳо хулосаҳои муаллиф яктарафа, норавшан ва ғоявияту мароми нависанда мубҳаму мавҳум сурат гирифтаанд. Дар аксаре аз ҳикояҳо қатъият ва ҷиддият намерасанд. Дар онҳо ҳаллу фасли амиқи масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии давр ва нишон додани роҳҳои кушоиши муаммоҳо дида намешаванд. Ба назар чунин менамояд, ки дар иншои ҳикояҳо муаллиф ҳадаф ва мақсади ғоявии муайян надорад. Фарқ ва тафовути ҳикоёти Садри Зиё аз навиштаҳои маорифпарварони гузаштаву ҳамзамононаш низ дар ҳамин чиз зоҳир мегардад.

Садри Зиё шеър ҳам гуфтааст. Аммо қобилияти шоирии Садри Зиё аз ҷониби ҳамзамононаш худи адиб ва адабиётшиносони имрӯз низ дуруст арзёбӣ гардидааст. Афзал махдуми Пирмастӣ эътироф мекунад, ки Садри Зиё «ин шеваро коре намешуморад ва шуур камтар мегуморад».[1]

[1] Афзал –махдуми Афзал. Афзалуттазкор фи зикри шуаро. Чопи сангӣ, Тошканд,1918. Саҳ.-72

Садриддин Айнӣ мегӯяд, ки «шеърро бисёр хуб мефаҳмид ва иқтидори шоириаш паст бошад ҳам, шеър мегуфт». М.Шукуров низ қайд мекунад, ки «сабаби шеър камнависии ӯ шояд он бошад, ки шеъраш баробари насраш қавӣ набудааст».[1] Ашъори Шарифҷон – махдуми Садри Зиё дар дастнависҳояш ва дафтарҳои мусаввада ҷо-ҷо ба муносибате гуфта шудаанд. Садри Зиё худ шоириро даъво намекунад. Шоирӣ ва шеърнависии ӯ мисли Аҳмади Дониш аст. Шеърҳои ӯ ба муносибате ва ё ба вақҳе гуфта шудаанд, ки дастхатҳои он зери рақами 2367 дар шӯъбаи дастхатҳои Институти шарқшиносии Тошканд ба номи Абу Райҳон Берунӣ маҳфуз аст. Таркиби ин ашъорро 7 ғазал, 3 мухаммас, 3 қасида, 2 марсия, 4 рубоӣ ва 130 байт шеърҳои шоирони давру замонаш, ки ба худи ӯ бахшида шудаанд ташкил мекунад. Гуфтан мумкин аст, ки аз лиҳози мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявӣ ашъори Садри Зиё ҳам анъанавӣ асту ҳам нав. Зеро дар қатори ин шеърҳо ки дар боло зикр намудем, дар дохили «Рӯзнома» шеърҳои ҷудогонаи ӯ ба назар мерасанд, ки онҳо мазмунҳои иҷтимоӣ низ доранд.

Ҳаминро ҳам бояд эътироф намуд, ки Садри Зиё дар шинохти моҳият ва мазмуни ашъори ҳамасрони худ хизматҳои шоёнеро анҷом додаст. Дар ин бора мутолиаи **«Тазкори ашъор»** ба мо маълумотҳои пурқимматеро дода метавонад. Баъзе аз ин фикру мулоҳизотро дар мавриди баррасии мавзӯи обзорӣ ва гузориши масъалаи «шеъри нав» истилоҳоти «ашъори миллия» ва «ашъори ишқия» дида баромадем, ки ин гуфтаҳоро собит мекунанд.

«Тазкори ашъор» дар байни тазкирагуна ва навиштаҳои дигари Садри Зиё муҳимтарин ва арзишмандтарин асар ба шумор меравад. Таҳрири ва танзими аввалин нусхаи ин асар соли 1905-1907 анҷом дода шудааст. Таҳрири дуввуми ин асар дар шакли мухтасар соли 1920 ба охир мерасад. Дар тазкира танҳо шоирони Бухоро фаро гирифта шуда, дар нусхае, ки Саҳобиддин Сиддиқ матни интиқодии асарро фароҳам

[1] Шакурӣ М. Садри Бухоро. –Душанбе: Деваштич, 2005. Саҳ.-55

овардааст, 49 шоир ва намунаи ашъори онҳоро дарбар мегирад ва аксари онҳо дар чоряки аввали асри XX зиндагӣ ва фаъолият кардаанд. Асар, ки дар шакли назм иншо гардидааст, ҷамъ 1444 байтро фаро мегирад. Намунаи ашъори шоирони дар тазкира зикргардида 2616 байтро дарбар гирифтааст. Матни тазкира дар вазни мутақориби мусаммани мақсур омадааст. Аз ин ҷиҳат мутобиқи гуфтаҳои Р.Ҳодизода «Тазкори ашъор» низ яке аз «Сарчашмаҳои таҳқиқи адабиёти тоҷикии нимаи дуввуми садаи XIX ва ибтидои асри XX» ба шумор меравад. Мароми навиштани тазкира ва мақсади асосии муаллифи он ислоҳ намудани баъзе нуқсонҳо ва камбудиҳои тазкираҳои Афзал - махдуми Пирмастӣ ва Абдулқодирхоҷаи Абдӣ будааст, ки дар ин бора худи муаллиф ишораҳо дорад. Мувофиқи гуфтаҳои Р.Ҳодизода танҳо Садри Зиё дар ҳамин тазкира дар бораи Шамсиддин Шоҳин ва осори ӯ нотарсона ошкоро ва ҳақгӯёнаву ҳаққонӣ баҳо додааст. Аз 49 нафар шоироне, ки дар тазкира зикр карда шудаанд, 20 нафарашон муборизи фаъол ва бештаринашон маорифпарвар ҳастанд. Ин далел бар он аст, ки Садри Зиё худ расман аз тоифаи ҷадидон набошад ҳам, дар роҳи мубориза ва ваҳдати миллӣ, дастгирии маорифпарварон, ҳусни тавоҷҷӯҳ доштан, нисбати онҳо бефарқ ва дар канор набудааст. Ҳар боби тазкира бахше аз тавсифнома ва ҳунару камоли эҷодиёти шоирони алоҳида аст. Фарқ ва тафовути тазкираи Садри Зиё нисбати тазкираҳои дигари давр дар мазмуну мақсади он ба назар мерасад. Ӯ шаҳодатномаест, баҳри ҳимоят ва ҷонибдории шоирони маорифпарвар, дар он майл ба шоирони тараққихоҳ, назари солеҳу ҳаққонӣ доштан нисбати равшанфикрон бештар ҳувайдост. Масъалаи муҳиме, ки дар асар ба назар мерасад масъалаи «шеъри нав» аст ва тавассути он нуқтаи назари адабиётшиносии Садри Зиё низ муайян мегардад. Дар ин хусус дар мавриди муҳокимаи мавзӯи обзорӣ, баррасии ашъори Фитрат ва нафарони дигар гуфтугузор карда шуд. Ҳамин нукта муҳим аст, ки тавассути ин асар Садри Зиё масъалаи тозаеро дар илми

адабиётшиносии тоҷик яке аз аввалинҳо шуда боз кардааст, ки то ҳол аз эътибор дур нест. Инчунин ин асар барои муайян кардани назари интиқодӣ ва эстетикии адиб арзиши махсусро молик аст. Чунончи асар дар муайян кардани ҳунари шоирии Абдурауф Фитрат, Мунзим, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Садриддин Айнӣ ва ғайраҳо, масъалаҳои умдатарини эҷодиёти адибони давр ва умуман ҷараёни адабӣ аҳамият дорад.

«Рӯзнома» яке аз калонтарин асарҳои Садри Зиё буда, бо дастхати худи ӯ дар ҳаҷми 500 саҳифа интишор гардидааст. Аз унвони асар бармеояд, ки асар асари хотиротӣ ва ёддоштӣ аст. Муқаддимаи асар аз вақти гузашти падараш Абдушшакури Оят сар мешавад. Аз ин хулосае бармеояд, ки навишт ва қайдҳои хотирот аз овони хурдсолии адиб сар шуда то ду се соли охири умри ӯ давом кардааст. Асар як маротиба сӯхта шудааст ва дар ин бора худи муаллиф низ хабар медиҳад ва дубора барои он ки муаллиф дар хусуси рӯзгори иҷтимоии давр мақсади нигоштае боқӣ мондан доштааст, муаллиф онро дубора аз нав дар асоси хотироти худ иншо кардааст. Рӯзномаи Садри Зиё чандон рӯзнома ва ёдномаи мукаммали бадеиву фалсафӣ нест. Ин асар аз шакли рӯзномаҳо ва хотироту ёддоште, ки ҳамон вақтҳо дар Аврупо ва қисман дар адабиёти халқҳои Осиё расм шуда буд, фарқи куллӣ дорад. Нависанда дар ин навиштаҳо воқеаҳои ҳаррӯзаи даврро сабт кардааст. Ин асар бештар тарҷумаи ҳоли муфассалтари муаллиф аст. Аз ин ҷиҳат асари мазкур пеш аз ҳама ҷанбаи автобиографӣ дорад. Ба ин маънӣ М.Шукуров қайд мекунад: «Рӯзнома асарест, ки аз он дар доираи мақсадҳои маҳдуди нависанда чанде аз нишебу фарози зиндагии худи ӯ ва баъзе ҷиҳатҳои муҳими замонро мебинем, аз баъзе махсусиятҳои ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии охири садаи нуздаҳ ва ибтидои асри XX огоҳӣ меёбем, аз ҷумла, бо ҷаҳонбинӣ ва ақидаҳои иҷтимоии ӯ шинос мешавем».[1] Дигар ин аст, ки дар асар ҷо-ҷо шарҳ ва таъбиру зикри хоби нависанда низ оварда мешавад ва бо тарзи тасвир адиб баъзе ҳодисаҳои

[1] Ҳамин манбаъ. Саҳ.-61.

таърихии ибтидои асри ХХ – ро шарҳу тавзеҳ медиҳад ва пешгӯӣ низ мекунад. Ин тарзи биниши воқеаҳои таърихӣ ва огоҳ намудани мардум аз саъбу хушомадҳои он як навъ услуби эҷодиест, ки дар осори маорифпарварон дида мешавад. Ин маъниро М.Шукуров чунин шарҳ медиҳанд. «Аз оғоз то анҷоми «Рӯзнома» чанд хоби Садри Зиё тасвир шудааст. Тасвири хоб яке аз вижагиҳои «Рӯзнома»-и Садри Зиёст, ки дар дигар асарҳои он замон ба ин шаклу равия дида намешавад. Ба назари мо баъзеи ин хобҳо аҳамияти ҷудогона доранд... Аз донишмандони садаи бист, ки дар фалсафаи хоб изҳори ақида кардаанд, Мишел Фуко таъкид кардааст,ки хоббинӣ чандон «такрори осебдидагии гузашта нест, балки пешгӯии таърих аст... Дар хоббинӣ муҳимтарин на он аст, ки чизе аз гузашта дубора зинда мекунад, балки он аст, ки чизе аз оянда хабар медиҳад». Чунин пешгӯии таърих, пешгӯии як фоҷеаи калони таърихиро дар «хоби парешони падар», ки дар «Рӯзнома» омадааст дидан мумкин аст».[1]

Ҳамин тариқ, Шарифҷон Махдуми Садри Зиё дар раванди назму насри тоҷик дар ибтидои садаи ХХ мақом ва манзалати ба худ хос дорад. Ӯ биниши интиқодии қавӣ дошта, асарҳои ӯ чун манбаъ ва сарчашмаҳои муҳимтарин барои тадқиқ ва таҳлили адабиёти давр аҳамияти муайян дорад. Асари тазкиравии адиб дар бораи ҳамзамонон ва шоирони боҳунари давр маълумотҳои пурқиматеро дода метавонад. Садри Зиё на фақат бо эҷодиёти худ, балки тавассути дастгирӣ ва пуштибонии ҷавонони лаёқатманд дар оғози асри гузашта хизматҳои шоёнеро ба сомон расонидааст, ки бояд имрӯз арзёбӣ гарданд.

Савол ва супоришот:

1. Дараҷаи тадқиқи ҳаёт ва эҷодиёти Садри Зиё.
2. Мавқеи Садри Зиё дар адабиёти маорифпарварии тоҷик.
3. «Тазкори ашъор» ва арзиши илмиву таърихии он.
4. Анъанаи ёддоштнависӣ дар осори ин адиб.
5. «Наводири зиёия» ва хусусиятҳои асосии он.

[1] Ҳамин манбаъ. Саҳ.- 92

6. Ақидаҳои адабӣ, эстетикӣ ва танқидии Садри Зиё.
7. Садри Зиё ва давраи истиқлол.
8. Ғояҳои маорифпарварӣ дар осори ин адиб



Абдурауфи Фитрат ва рӯзгору осори ӯ.

Абдурауф Фитрат (таваллуд соли 1886, дар Бухоро – вафот 4 октябри соли 1938) сиёсатмадор, шоир, насрнавис, адабиётшинос, публитсисти моҳир, драматург, олими забоншиносу адабиётшинос ва ҳомии миллату халқ. Яке аз ташаббускорон ва асосгузорони ҳаракати таҷаддудхоҳӣ дар Бухорои ибтидои асри XX. Шоири навпардоз ва адиби зуллисонайн

Нуктаҳои асосӣ:

1. *Омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Фитрат дар адабиётшиносии ӯзбеку тоҷик.*
2. *Мавқеи ин адиб дар адабиёти маорифпарварии тоҷик.*
3. *Фитрат ва фаолияти шоирии ӯ.*
4. *Абдурауф Фитрат ва осори насрии ӯ.*
5. *Абдурауф Фитрат ва ҳунари поэтики ӯ.*
6. *Фитрат олим ва драматург.*
7. *Шинохти шахсияти Фитрат дар давраи Истиқлол*

Воқеияти сиёсию иҷтимоии 70 соли ҳукмронии сиёсии ҳизбӣ намегузошт, ки баъзе саҳфаҳои таърихи тамаддуни халқҳои мусулмони Осиёи Марказӣ рӯёб гардад. Таъсири ҳамин сиёсат буд, ки то муддатҳои муайян шахсони бонуфуз, зиёиёни маорифпарвар, олимону адибони ибтидои асри ХХ ҳамчун симои гумном ба забон гирифта намешуданд ва номгирии онҳо мамнӯъ буд. Яке аз ҳамин гуна симоҳои барҷастаи адабиёти ибтидои асри ХХ Абдурауф Фитрат аст. Фитрат дар луғатҳо маънои табиат, табиати модарзод, истеъдоди фитрӣ, тавлидро мефаҳмонад.

Абдурауф Фитрат соли 1886 дар Бухоро дар оилаи тоҷир – савдогар ба дунё омадааст. Падари ӯ Абдураҳимбой шахси босаводу маърифатнок ва дунёдидае буд. Модараш Бибиҷон низ аз шахсони аҳли фаҳми Бухоро маҳсуб мегардид. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо Абдурауф аввал дар мактаби кӯҳна, сониян дар мадрасаи «Мири араб»

таҳсил мегирад. Фитрат пас аз таҳсили мадраса бо ташаббуси ҷамъияти «Тарбияи атфол» соли 1909 ба Истамбул фиристода мешавад. Ин фактро Айнӣ низ тасдиқ менамояд[1].

Фитрат дар Истамбул дар байни солҳои 1909-1913 таҳсил гирифт. Петровский қайд мекунад, ки «Фитрат то синни 18 солагиаш дар Бухоро таҳсил гирифта, аз мамолики Шарқ Туркия, Ҳиндустон, Арабистонро ва аз мамолики Ғарб Руссияи Марказӣ: Москав, Петербургро саёҳат кард». Аз ин гуфтаҳо чунин хулоса бармеояд, ки Фитрат то солҳои 1904 дар Бухоро таҳсил гирифтааст. Дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Неъматуллоҳи Мӯҳтарам номи Фитрат дар шакли «Ҳоҷи мулло Абдурауф» зикр мегардад, ки далел бар сафари ҳаҷ кардани ӯст.

Тадқиқи аҳвол ва осори Абдурауф Фитрат ҳанӯз аз замони зиндагии адиб сурат гирифта буд. Вай ҳамчун шоир, насрнавис, адабиётшинос, публитсисти моҳир, драматург, олими забоншиносу адабиётшинос ва ҳомии миллату халқ шинохта шуда буд. Дар даврони шӯравӣ дар бораи ин адиб сухан гуфтан мушкил буд. Омӯзиши аҳвол ва осори ин адиби хушсалиқа хусусан, дар даврони бозсозӣ ва мустақилият сурат гирифт. Аввалқадам иқдомоти ҷиддӣ дар баррасии масъалаҳои зиндагии ин адиб дар илми адабиётшиносии ӯзбек гузошта шуд. Дар ин ҷода тадқиқотҳои олимони ӯзбек Бегали Қосимов, Улуғбек Долимов, Шӯҳрат Ризаев, Ҳамидулло Болтабоев, Илҳом Ғаниев, Нодира Офоқова ва нафарони дигарро алоҳида таъкид намудан мумкин аст. Олимони тоҷик низ дар масъалаи тадқиқи аҳвол ва осори Абдурауф Фитрат дар канор намонданд. Дар ин ҷода зикр намудани номҳои олимон чун Расулхон Ҳодизода, Соҳиб Табаров, Абдулҳай Маҳмадаминов, Холиқ Мирзозода, Муҳаммадҷон Шукуров, Пайванд Гулмуродзода зарур аст.

[1] Айнӣ С. Куллиёт. Иборат аз 14 ҷилд. Ҷилди 14. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. – Душанбе: Матбуот, 2005. Иборат аз 269 саҳифа. Саҳ.-201.

Гуфтан мумкин аст, ки дар ташаккули афкори сиёсию иҷтимоӣ ва маънавии Фитрат ҳаёти маданию фарҳангии Туркия таъсири амиқе гузошт. Аз ҳамон солҳо ӯ ба масъалаи сиёсат дахолат карда буд ва ҳамчун адиб ба корҳои эҷодӣ низ машғул гардид. Зикр гардидани номи Абдурауф дар тазкираи Қорӣ Неъматуллоҳи Мӯҳтарам (1903-1904) гувоҳӣ медиҳад, ки Фитрат ҳанӯз аз овони ҷавонӣ ҳамчун шоир шинохта шуда будааст ва бо тахаллуси «Миҷмар» шеърҳо эҷод намудааст.

Қорӣ Неъматуллоҳи Мӯҳтарам дар сифати ӯ таркибот ва ибороти «ҳарифи сухандонон» ва «саррофи сухан»-ро истифода мебарад ва ғазалҳои тоҷикии ӯро аз лиҳози дарбаргирии руҳияти нозуку латиф ба эътибор мегирад. Ҳамин маъниро ба назар гирифта Айнӣ ӯро дар «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) асосгузори адабиёти навини тоҷик меномад.

Солҳои 1909-1913 дар Истамбул якчанд асарҳои Фитрат ба забони форсӣ-тоҷикӣ нашр гардид. Чунончи соли 1909 «Мунозира» аз нашр баромад. Ин асар ба қавли Бегали Қосимов асари драматикӣ публитсистиест, ки дар он муноқишаи ду гурӯҳи иҷтимоии давр қадимиён (мударрис) ва ҷадидон (фарангӣ) ба нақша гирифта шудааст. Дар он баҳси тарафайн бобати маориф, маданият ва вазъи иҷтимоию сиёсии Бухорои ҳамонвақта мавриди таҳлил қарор дорад. Асар дар шакли диалог эҷод гардидааст, аз ҳамин рӯ онро Бегалӣ Қосимов асари драматикӣ-публитсистӣ номидааст. Аммо асар–асари сирф публитсистӣ буда, жанри он мунозира аст. Зеро дар асар ҷанбаи публитсистӣ, унсурҳои публитсистӣ, бархӯрди афкору ақоиди мухталиф, муноқишаву мубоҳиса ва таҳлили амиқи мантии қӣ, ҳамчунин хулосаи умумӣ ҷой дорад. Муаллиф дар асар хурофотҳоро маҳкум месозад ва бар зидди он эътиқоди ҳақиқиро мегузорад. Асар барои бедории фикрии умум таъсири амиқе гузошт. Ин маъниро Айнӣ низ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» қайд мекунад; «Мунозира» барои тараққиёти давр таъсири

бағоят самарабахш расонид». Асари мазкур соли 1911 дар асоси тарҷумаи Ҳоҷи Муин ба забони ӯзбекӣ гардонида шудааст.

Соли 1912 асари дуюми машҳури Фитрат таълиф гардид, ки бо унвони «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» шӯҳрат дорад. Асари мазкурро аз лиҳози жанр адабиётшиносони тоҷик сафарномаи типи «сафар дар ватан» номбар мекунанд. Асар дар асоси тасвири воқеънигорона иншо гардидааст. Бегалӣ Қосимов бошад, онро асари «очерки роҳӣ» меномад, ки дар он аҳволи маданиву маишии халқи Бухоро, сохти сиёсию иқтисодии он аз назари як шахси дунёдида таҳлил гардидааст.

Осори назмии Фитрат ва хусусиятҳои поэтикии онҳо. Ба қалами Фитрат девони хурди шеърии «Сайҳа» низ тааллуқ дорад. Дар байни

осори лирикии шоирони ибтидои асри XX ин маҷмӯаи ашъори форсӣ–тоҷикии Абдурауф Фитрат-«Сайҳа»–ро алоҳида зикр кардан салоҳ аст. Маҷмӯаи мазкур соли 1911 дар Истамбул нашр шуда буд. «Сайҳа» дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои «бонг, фарёди даҳшатангез, бонги изтироб ва наъра» омадааст, ки мантиқан ба мазмуну мундариҷаи ашъори дар ин маҷмӯа гирдомада мутобиқ аст. Аксари ашъори ин маҷмӯа ба мавзӯи ватан ва ватандӯстӣ бахшида шудааст. Дар маҷмӯаи мазкур шеърҳоеро дучор омадан мумкин аст, ки шоир дар онҳо изтиробу фарёди ҷонкоҳи хешро ифода намудааст. Аз ин боис ҳам Садри Зиё, Садриддин Айнӣ, Муҳаммадҷон Шукуров, Бегали Қосимов, Ҳамидулло Болтабоев ашъори мутазаккираи маҷмӯаи шоирро “шеъри миллӣ” қаламдод менамоянд. Фитрат дар шеърҳои худ нисбати вожаи «ватан» ботамкину бовиқор, ба тариқи осоишта сухан гуфта наметавонад. Шоир нисбати «ҳоли хароб»–и ватан аз «панҷаи ғам», «пираҳани чокии» ватани худ ба дод омадааст. Нисбати чунин вазъу ҳоли ҳузнангез ӯ бефарқ нест. Ӯ бо гузаштаи гулгулшукуфони ватани худ ифтихор дорад, аммо аз ҳоли имрӯзаи он (давраи зиндагии шоир С.Х) дилаш садпора аст. Онро шоир аз ҳама чиз муқаддас меҳисобад, барои халосиаш аз вартаи ҳалокатбор роҳи наҷот мечӯяд:

Бинмо саҳарӣ азми тавофи ватани ман,
Оҳ–оҳ, чӣ ватан, саҷдагаҳи ҷону тани ман.
Ҳам моҳи ман, осоиши иззу шарафи ман,
Ҳам Каъбаи ман, қиблаи ман, ҳам чамани ман.

Мавзӯи ватан ва ватандӯстӣ дар осори Фитрат аз мавзӯъҳои муҳимтарин ва асосӣ аст. Яке аз шеърҳои беҳтарини Фитрат, ки ба мавзӯи ватан ва ифтихор аз он бахшида шудааст, бо матлаи хитобии:

«Эй модари азизи ман, эй хиттаи Бухор!
Эй бо ту ифтихораму в–эй бо ту эътибор!»

оғоз меёбад. Шеъри мазкури Абдурауф Фитрат дар бораи Бухоро намунаи ҳамин қабил ашъор аст ва ин шеър зоҳиран мазмуну мӯҳтавои маҳаллӣ дошта бошад ҳам, аммо он дар ҳаққи «ватани кӯчак» шеърест, ки мазмуни умумӣ ва ҷамъбастӣ касб намудааст. Барои исботи фикр шеъри мазкурро, ки дар шакли ғазал навишта шудааст, пурра меорем:

Эй модари азизи ман, эй хиттаи Бухор!
Эй бо ту ифтихораму в–эй бо ту эътибор!
Эй кӯҳи илм, баҳри шаҳомот, фазои файз,
Саҳрои маҷд, боғи ҳунар,соҳаи виқор.
Арши шараф, сипеҳри саодат, биҳишти адл,
Лавҳи сафо, ситораи изз, бурҷи иқтидор!
Рӯҳӣ, чаро чу колбади мурда мондаӣ?
Зери сутуни ду–се дуни нобакор!
Аршӣ, валек хоки ҷаҳонӣ, ба чашми ман
Имрӯз дар заминат бинам фитода зор!
Охир на дар бинои адолат будӣ асос?!
Охир на дар асоси мурувват будӣ мадор?!
Эй он ки аз ту буд қароре замонаро,
Баҳри чиат замона чунин кард беқарор?
Уммедгаҳи халқи ҷаҳон будӣ, ҳол чист?
Аз ҳар касе барои чӣ гаштӣ умедвор?![1]

Шеъри мазкур ва таҳлили он дар китоби дарсии синфи X (Муаллифон С.Саъдиев ва А.Самадов) омадааст. Инак, дар ҳамин китоб мехонем: «Ин шеъри Фитрат, ки дар васфи Бухоро гуфта шудааст, аз саволу хитоб иборат мебошад. Дар он дунёи ботинии қаҳрамони лирикӣ тасвир ёфтааст, ки аз ҷаҳолату беработии мулки Бухорои хунинҷигару аз ҳоли мардуми кишвар талх–талх гирён аст. Ба ин маънӣ васфи Бухоро ва сифатҳои олии он дар шеър вазифаи муҳими маорифпарвариро касб намудааст. Шоир мехоҳад меҳри ватанро дар дилҳо ба ҷунбиш оварда, ҳисси меҳанпарастиро дар қалбҳо пойдор гардонад, то ки ин эҳсоси

[1] Саъдиев С. Самадов А. Адабиёт.// Китоби дарсӣ барои синфи X. –Тошканд: Ӯзбекистон, 2005. Саҳ.-159.

баланди инсонӣ барои ободиву озодии ватан хидмат адо намояд».[1] Ин таҳлили мухтасар аст ва барои амиқан исбот намудани мазмун ва мӯҳтавои шеъри мазкур, баррасии сохт ва услуби тоза, ҳар як калимаву ибора ҳамчунин таркиботи он аҳамияти вижа дорад. Дар оғози асри XX рӯҳияти ватандӯстӣ ва миҳанпарастӣ яке аз муҳимтарин падидаҳои тозаи ашъори шоирон ва маҳсули замони муборизаи озодихоҳӣ буд ва ин гуна оҳанг ва руҳияти қавӣ ашъори шоирони маорифпарварро аз осори лирикии давраи пешин тафовут медиҳад. Аз ҷумла вожаи «ватан» дар эҷодиёти Фитрат, умуман, дар адабиёти ибтидои асри XX чӣ дар насри бадеӣ ва чӣ дар назм мазмуни иҷтимоӣ гирифтааст, зеро он на танҳо зодгоҳ, сарзамини бумии фарди алоҳидаи ҷамъият, балки ҳастию ҷойгоҳи тамоми миллату халқи ҳамдину ҳамэътиқодро ифода намуд. Дарҳақиқат шеъри мазкур аз лиҳози мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявӣ шеъри маорифпарварист. Аммо навгонию тозагии шеър танҳо бо ин маҳдуд намешавад, зеро гузашта аз мавзӯъ ва мазмуну ғоя дар шеър услуби хос, оҳанги шадиди хитобӣ, ки онро ба жанри марш ё худ гимн шабоҳат медиҳад, ба назар мерасад. Ба ин дараҷа эҳсоси баланди фахрӣ, самимияту дард сухан гуфтани шоир исботи ин даъво аст. Дар ҳамон давра ин навъ мазмун ва хитобаҳо ҳамчун шиори муборизавӣ, суруди мутантани ҳар як миллат барои дарки таърих ва тамаддуни пурифтихори худ арзиши муҳими ғоявӣ дошт. Аз ғазали мазкур «ошкор мегардад, ки дар ду даҳаи аввали асри XX ёди таърихӣ мӯҳтавои тозаи иҷтимоӣ пайдо карда ва амиқ рафта, ба мояи ифтихори миллӣ табдил ёфта, ба раванди худшиносии таърихиву фарҳангии миллат мусоидат намудааст».[2] Ин аст ки мавзӯи ватандӯстӣ, ватанпарастӣ ва аз ғами ватан ҳарф задан, кулфату азияти ба сари халқи он омадаро баррасӣ кардан, аз гузаштаи шоёни он ифтихори миллӣ ва худшиносии таърихӣ доштан аз мавзӯъҳои муҳими адабиёти давр шуд ва ҳамчунин мавзӯи мазкур тақозо кард, ки

[1] Саъдиев С. Самадов А. Адабиёт. //Китоби дарсӣ барои синфи X. – Тошкент: Ӯзбекистон, 2005. – Саҳ.-159

[2] Шакурӣ М. (Шукуров М). Садри Бухоро. Чопи дувум. – Душанбе: Деваштич, 2005. – Саҳ.-123.

дар тарзи гуфтор, услуби эҷод, оҳанги ифода, шакли осор тағйиротҳои ҷиддӣ падид оянд.

Дар аксари манбаъҳо Абдурауф Фитрат ҳамчун шоири навҷӯ ва навпардозу навгувора, новар эътироф карда мешавад. Аз ҷумла дар «Тазкори ашъор» Садри Зиё ҳамаи ашъори иҷтимоии Фитратро, яъне қариб тамоми ашъори мавҷудаи ӯро ба ҷуз ашъори ишқие, ки дар аввали фаъолияти эҷодиаш шоир бо тахаллуси «Миҷмар» гуфта буд, бинобар он, ки шеърҳояш характери миллӣ доштанд, дар қатори шеъри нав ба шумор овардааст. Ба ин тариқ, тағйири мазмунии ашъори лирикӣ дар осори Фитрат низ ҷиддан ба мушоҳида мерасад. Ҳамин ҷо зикри як нуктаро муҳим мешуморем, ки ашъори миллии Фитрат дар шинохт ва баррасии хусусиятҳои жанрии адабиёти оғози асри бистум муҳим менамояд. Шеъри Абдурауф Фитрат «Фарёд», ки 29 июн, 3 июли соли 1912 дар «Бухорои шариф» чоп шудааст, намунаи ҳамин гуна ашъор аст ва дар он ғояҳои худшиносии миллӣ, худогоҳии таърихӣ, даъват ба дигаргун кардани самт ва раванди адабиёти бадеӣ ва хусусан шеър равшану возеҳ намудор аст:

Фарёд, ки зору нотавонем,
Берӯҳтарин мардумонем.
Нашкуфта ба гулшани тамаддун,
Афсурдаи меҳнати хазонем.
Не ҳурмати он , ки як қадам пеш
Дар ҷодаи мардумӣ бимонем,
Не тоқати ин ки хештанро
Беғайрату беҳунар бихонем…
Эй панҷаи беамони ғафлат,
Моро зи чӣ рӯ хароб кардӣ?!.
Мо олими рӯзгор будем,
Мо фозили номдор будем.
Дар маҷмаи орифони олам,
Бо иззату эътибор будем.

Аз файзу шараф ҷаҳониёнро,
Сармояи ифтихор будем.
Олам ҳама маст буду лекин,
Мо яксара ҳушёр будем.
Дар сояи кӯшиши паёпай,
Осудаву бахтиёр будем…
Эй панҷаи беамони ғафлат,
Моро зи чӣ рӯ хароб кардӣ.
Ку донишу ку фазилати мо?!
Ку бартарию наҷобати мо?!
Мискину фақиру уфтодаем,
Ку он ҳама ҷоҳу сарвати мо?
Пур буд даҳону гӯши мардум,
Аз замзамаи шарофати мо,
Э воҳ! Кадом дасти золим,
Шуд боиси ин фалокати мо.
Ҳайҳот чунин баногаҳ,
Шуд дур зи мо саодати мо..?
Эй панҷаи беамони ғафлат,
Моро зи чӣ рӯ хароб кардӣ.
Бас … оҳ..! Бас ин харобӣ,
Ночориву фақринтисобӣ,
Эй нури ду чашми Ибни Сино!
Бигзашт замони беҳисобӣ.
То кай ба ҷаҳолат ин мадоро?
То чанд зи илм чеҳратобӣ?
Қасри шарфат фитод аз пой,
Вақтаст, ки баъди ин нахобӣ.
Бархезиву бо камоли шӯриш,
Бар ғафлати худ кунӣ хитобе!
Эй панҷаи беамони ғафлат,

Моро зи чӣ рӯ хароб кардӣ…[1]

Ин ҳама исбот бар он аст, ки эҷодиёти адибони таҷаддудхоҳу маорифпарвари давраи мавриди назар дар масъалаи истифодаи жанрҳои анъанавӣ аз марҳилаҳои мутақаддимин бо он тафовут дорад, ки агар дар ғазалу маснавӣ, қитъаву қасида, рубоиву дубайтӣ, мухаммасу тарҷеъбанду таркиббанд ва жанрҳои дигари адабиёти классикӣ услуби романтикии тасвир мавқеи намоён дошта бошад, мазмуну мундариҷоти ашъори лирикии адабиёти маорифпарварии ибтидои асри XX–ро таҳқиқи бадеии муаммоҳои ҳаёти иҷтимоӣ–сиёсӣ ва воқеӣ ташкил мекунад. Дар назми адибони рӯшанфикр бо ин гармӣ шиддат гирифтани баҳс боиси ягонагии афкори шуаро гардид ва бархе бар он ақида буданд, ки мавзӯъ, дарунмоя, сабку равиши адабиётро дигар бояд кард, то ба масъалаҳои дардноку ҷонкоҳи замон ҷавобгӯ бошад. Аз ин ҷост, ки дар системаи образҳои шоирона ва ашёи тасвири жанрҳои лирикии анъанавӣ ва жанрҳои лирикии маорифпарварӣ тафовутҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, ба ҷои «ёри бовафо» фидоии ҳақиқии ватандӯсту ватанпарвар ва ғамхори миллату халқ, ба ҷои «маъшуқаи зебо» манзил ва манзараи дилафгору риққатовари мамлакат ва дарди ҷузъии ошиқро дарди умумии миллату халқ ишғол намудааст. Рӯҳи қаҳрамони лирикӣ аз аҳволи тоқатфарсои мамлакату шароити зиндагии мардум дар шӯр аст. Объекти тасвир аз ҷузъӣ ба умумӣ табдил кардааст. Ба қавли Абдухолиқ Набиев (А. Набавӣ), «Яке аз комёбиҳои ин мубоҳисаи интиқодӣ тақвият бахшидан ба фикри воқеагаро дар осори адабӣ ба шумор меояд»[2], ки ҳақ асту рост. Дигар аз мушаххасоти шеъри давраи мавриди назар бо пурқувватшавии ҷанбаи маънавии онҳо эзоҳ меёбад ва ин нукта дар баррасии хусусиятҳои ашъори маорифпарварӣ муҳим аст. Забон ва услуби нигориш дар ашъори шуаро нисбатан содда аст. Аммо на ҳамаи

---

[1] Фитрат (Абдурауф). Фарёд! //Бухорои шариф, 29 июн– 3 июл (7 июл) –и 1912. – С. 4.

[2] Набавӣ А. Нахустин рӯзномаи тоҷикӣ ва фарҳанги рӯзноманигорӣ. («Бухорои шариф», «Самарқанд», «Ойина»). – Душанбе: Эҷод, 2007. – 33 с.

жанрҳои адабии анъанавӣ дар масъалаи таҷдиду таҳаввул мавқеи якхела доранд. Ба эътибори тағйиру интишори мазмуну мавзӯи тозаи иҷтимоӣ ва сохту мундариҷаи ғояҳо ҳамон жанрҳое мавқеи асосӣ доштанд, ки бо хусусияту аломатҳои жанриашон дар инъикоси ин падидаҳои нав мутобиқати нисбӣ пайдо кардаанд.

Гузашта аз ҳамаи ин дар назми адабиёти ибтидои асри XX як навъ қолабшиканиро дар жанрҳои лирикӣ дидан мумкин аст, ки аслан боиси пайдоиши «шеъри нав»–и тоҷикӣ гардидааст. Қолабшиканӣ дар сохти шеър пеш аз ҳама дар системаи қофиябандии он рух дод. Ин ҳодисаро дар баъзе шеърҳои Садриддин Айнӣ, Абдурауф Фитрат, Мирзо Сироҷ ва шоирони дигари маорифпарвар дидан мумкин аст. Ба ақидаи М.Шукуров ин тарзи қолабшиканӣ дар сохти шеър ва назми тоҷик аз шеъри Аврупо ва адабиёти рус ба мо гузаштааст Мушоҳида ва таҳлилу муқоиса собит менамояд, ки фикрҳои муҳаққиқ ба ҳақиқат наздиканд, аммо аз ҷиҳати дигар пайдоиши падидаҳои тозаи шакли шеърӣ ва сифативу созмонии ашъори Абдурауфи Фитратро бе таъсир ва нуфузи адабиёти маорирфпарварии Туркия тасаввур кардан нашояд. Дигар он аст, ки мавзӯъ ва оҳангҳои нав тарзи ҷадиди сохтори жанрҳо ва навшавии шакли онҳоро тақозо намуд ва он ҳолати табиӣ буд. Ба ҳар ҳол дар қофиябандии шеъри тоҷикӣ усули наве ба миён омад, ки барои пайдо кардани навъҳои тоза ба тоза дар қофиябандӣ роҳ кушод. Мисоли равшани ин ҳолатро дар шеъри «Ҷанги Болқон»–и Абдурауф Фитрат дидан мумкин аст, ки дар «Тазкори ашъор»–и Садри Зиё чун шеъри нав қаламдод шудааст. Мо ин ҷо иқтибоси нисбатан пурраи шеъри фавқуззикрро бо мақсади амиқан муайян намудани тағйироти шаклӣ–сохтории шеър мувофиқи мақсад шуморидем:

Эй ҳама, эй рафиқи садоқатқарини ман,
Эй ёваргузидаву ёри гузини ман,
Эй чашм дар ду дидаи оташфишони ман.
Эй қалби ғамрасидаи оташнишони ман,

Эй сина, эй хазинаи андӯҳу меҳнатам,
Эй сабр, эй тасаллии ҳангоми кулфатам.
Эй гиря, эй аниси дами ғамрасидаам,
Эй нома, эй рафиқи гаҳи дард дидаам.
Эй ёвари ягонаи айёми бекасем,
В–эй ёри ғамгусори шаби дил тапидагем.
То ман–манам ба даҳр набудаст ҷуз шумо,
Як кас маро рафиқу ҳамоҳангу ғамзудо.
Исён намуд боз дами оташини ман,
В–андар салотам омада дарёи кини ман.
Ғурриш намуда ғизи ҷаҳонкамнишони ман,
Хезед то занед ба ҳама даҳру ҳар чӣ ҳаст,
Дар даҳр аз нишебу фарозу баланду паст.
Гардем ҳар як аз ғазаб порае шарор.
Сӯзем ҳар чӣ ҳаст дар ин даҳри нобакор.
Яксар канем соҳати манҳуси арзро,
Аз ҳамлаҳои сахти паёпай харобазор.
Дар ҷунбиш оварем бинои ҳаётро,
Оташ занем ҳар тарафи коинотро.
Ҳар чанд сулҳҷӯй шудему вафошиор,
Моро замона ҳеҷ наёвард дар шумор.
То ҳашр агар дам занем аз адлу мардумӣ,
Гардуни дун ба мо надиҳад ҳеҷ эътибор... [1]

Шеъри мазкур дар китоби академик М.Шукуров «Садри Бухоро» ба жанри мусаддас нисбат дода мешавад. Мавзӯи асосии шеър мавзӯи сиёсӣ аст. Дар он ғояи асосӣ даъват ба худшиносӣ, ҳақиқатталошӣ ва додхоҳию хештаншиносии таърихист. Аммо аз он ҷиҳат, ки байти василаи бандҳои шеъри мазкур ба истиснои ёздаҳ байти аввал, ҳам мазмунан ва ҳам аз ҷиҳати қофиябандӣ тағйир ёфта меистад, шеър нисбат аз жанри мусаддас ба жанри таркиббанд наздиктар аст, зеро аз ҷиҳати назарӣ, банду баст, структура–сохтор ва созмон ба жанри таркиббанд мансуб будани шеъри мазкур ба ҳақиқат қаринтар мебошад. Дарҳақиқат, мазмунан ва аз лиҳози мӯҳтаво шеъри мазкури Фитрат дар адабиёти оғози садаи бистуми тоҷик падидаи нави муҳимест, ки рӯҳи

[1] Шакурӣ М. Садри Бухоро. – Чопи дуввум. –Душанбе: Деваштич, 2005, Саҳ.-167

қавии муборизӣ дорад ва он тарз ва услуби хоси тарғиботӣ–ташвиқотӣ бар дӯш гирифтааст. Сохт ва шакли тозаи қофиябандии шеър дар муайян кардани таҷдиди тадриҷии назм аз бозёфтҳои муҳимтарини он маҳсуб мешавад. Аз рӯи қофиябандӣ муайян кардани жанри ин шеър низ баъзе мушкилиҳо дорад. Зеро дар шеър тамоми 11 байт ба тарзи хос ҳамқофия шуда омадааст. Аз як ҷиҳат чунин тарзи қофиябандӣ ба қофиябандии маснавӣ шабоҳат дорад. Аммо бо назари амиқ дарк намудан душвор нест, ки дар шеъри мавриди назар шоир қолаби анъанавии қофиябандии маснавиро низ шикастааст. Гӯё қофияҳои анъанавӣ дар шароити нави таърихӣ ба дигаргуниҳои сифатӣ дучор шудааст. Ин тағйирот, пеш аз ҳама, бо тақозои мавзӯи нави сиёсӣ ва корбасти мазмуни тоза сурат гирифтааст. Аз ҷиҳати дигар амвоҷи ҳиссу ҳаяҷон, афкори фалсафии шоирона, дарду ормонҳо ва ғаму ҳасратҳое, ки аз қалби пуртуғёну лабрез ва озодипараст шоир ҳамчун мавҷи тӯфоне фаввора мезананд, дар қолабҳои қатъии шеъри мумтози форсу тоҷик ғунҷоиш намеёбанд ва ин қолабҳоро барҳам зада бо тамоми нозукиҳо ва сиру синоат арзи ҳастӣ мекунанд. Барои шоир дар ин шеър гӯё ифодаи асрору дардҳои ниҳонии қалб, эҳсоси воқеият, амиқии андеша, арзи ҳолати руҳӣ, кушоду рӯшан баён кардани марому матлаб, ифшои иллату нуқсони ҷамъият муҳим аст, на ин ки шакли анъанавӣ ва талаботу қолабу сохтори қофиябандии шеър. Шоир аз ибрози ибораву суханҳои подарҳавою номафҳум дар ҳазар аст, барои ӯ васфи қадриятҳои миллӣ, ғамхорӣ нисбати тақдири миллат, ифодаи орзуву ормонҳои мардум муҳимтар аст. Ин аст, ки дигаргуншавии диди эстетикии шоир нисбати масоили эҷоди бадеӣ, ба навгониҳо кӯшиш намудани ӯ барҳамзании қолаби шеъри анъанавиро падид овардааст. Аз назари мо, азбаски мавзӯи шеър мавзӯи нав аст ва масъалаи асосии он масъалаи сиёсӣ аст, дар шеър баъзе аз унсурҳои шакл низ дигар шудааст. Дар шеър ва тарзи қофиябандии он як навъ синтези қофиябандии назми мумтоз ва назми адабиёти Аврупо ба назар мерасад. Қофия бо оҳанги шеър гӯё ҳамовоз гардида, ритму зарб сурати

наву шадид, хитобаи хос гирифта оҳанги даъвату муроҷиат, маршу сафарбарӣ пайдо намудааст. Агар тарзи қофиябандии ёздаҳ байти аввали шеър истисно ва сарфи назар карда шавад, дар асоси ба инобат гирифтани бандҳои боқимондаи шеър, онро мумкин аст ба жанри таркиббанд нисбат диҳем. Аз ин мавқеъ, дар шеър қолабшикании ҷиддии Фитратро мушоҳида кардан мумкин аст. Зеро ҳар банди он ба тарзи қофиябандии *аабббв, вбвбгб* ва ғ. омадааст. Ин ҷо пай бурдан душвор нест, ки дар сохтори шеър ва сабку услуби қофиябандии он Фитрат тозагиҳо кардааст, навҷӯиҳо ба кор бурдааст. Ин ҳолат исботи он аст, ки ба саъй ва эҳтимоми баъзе шоирони маорифпарвар ҳанӯз аз оғози асри ХХ дар назм тарзу стилҳои нави қофиябандӣ ба вуҷуд омад. Феълан, Абдурауф Фитрат дуруст дарк кардааст, ки комбинатсияҳои нав дар қофиябандӣ дар инъикоси мазмунҳои мухталиф дар асоси синтези унсурҳои жанрӣ ва ё омезиши шакли қофиябандии тарҷеот ва таркиббанду мустазод барои шоир имкониятҳои қавӣ фароҳам меоварад. Аввалан ин ки дар ин шеър мисраъҳо байни худ алоқаи мустаҳками маънавию мантиқӣ ва синтаксисӣ доранд. Дигар ин ки мисраи аз қофия озоди банд то андозае маънии фардӣ пайдо намуда, бо мисраъҳои ҳамқофияи банд дар якҷоягӣ маънои муайяни конкретро ифода намудааст. Ба мушоҳида мерасад, ки дар шеъри фавқуззикри Фитрат мисраи панҷуми ҳар банд ҳамин вазифаро адо кардааст. Ба тариқи мисол банди дигари ҳамин шеърро меорем:

…Ё ал–аҷаб чӣ шуд, к–аз давлат ҷудо шудем,
Бе эътибору бешарафу бенаво шудем.
Моро кадом қуввати бераҳми хашмкор
Бе дасту по фиканд ба майдони гирудор.
Моро кадом дасти тааддӣ чунин фиканд,
Дар зери пои душмани бебок чун ғубор..

Дар шеър масъалаи асосӣ муборизаи ҷиддӣ нисбати беадолатиҳо, ворид гардидани дасти ғасбкори мамолики хориҷӣ ба сарзаминҳои мусулмонӣ, зери по гардидани ҳақ ва ҳуқуқҳои мардуми мусулмон, сабаб

ва натиҷаҳои асосии он ҳамчун масъалаи асосӣ баррасӣ гардидааст. Дар банди мазкури шеър ягонагии мазмунро маънии умумии байту мисраъҳо ташкил менамояд. Аммо мисраи панҷуми ҳар банд мисли банди болоӣ тарзи қофиябандии махсус доштани шеъри мавриди назарро нишон медиҳад. Ин чиз гувоҳ бар он аст, ки Фитрат ҳамчун шоири навовар барои ифодаҳои нави мантиқию маънавӣ, фикрҳои хоси шоирона ва ғояҳои тозаи иҷтимоӣ маорифпарварӣ тарзи хос ва шаклҳои махсуси шеърофариро ба кор бурдааст ва назари тозаи эстетикии ӯ низ дар ҳамин чиз зоҳир мегардад.

Аз назари мо шеъри мазкури Фитрат дар асоси синтези қофиябандии маснавӣ ва таркиббанд сохта шудааст, ки онро ба ду ҷузъ, яъне 2+4 тақсим кардан мумкин аст. Ин тарзи қофиябандӣ шакли нав қофиябандии нав буда, дар асоси синтез ва ё омезиши ифодаҳои маънавию мантиқии адабиёти мумтози форсу тоҷик ва адабиёти Аврупою рус ба вуҷуд омад. Ва ин чиз дар системаи жанрҳои анъанавии назми форсу тоҷик (дар мисоли қофиябандӣ) ҳолатҳо, тағйиротҳо, табаддулоти шаклию мазмунӣ, мантиқӣ ва мавзӯву мундариҷаро падид овард. Ба қавли муҳаққиқ Ш.Раҳмонов «Қофия ва комбинатсияҳои он дар синтези ифодаҳои маънавию мантиқии назми ҷаҳонӣ пайдо шуда, системаи нави ифодаҳои жанриро ба вуҷуд оварда, ба ин минвол мавзӯъ мазмунро густариш дод. Дар комбинатсияҳои нав табиати жанр зарар надид, балки роҳҳои нави ифода кушода шуд»[1]. Мисоли равшани ҳамин ҳодиса дар шеъри болоии Абдурауф Фитрат комилан чашмрас аст. Гузашта аз ин ба эътиқодмандии муҳаққиқи адабиёти ҳаминдавраинаи ӯзбек Н.Афоқова дар осори Абдурауф Фитрат як навъ омезиш ё худ синтези шакли шеъри озод ба истилоҳ «шеъри сарбаст» ва шакли шеъри ҳиҷоии анъанавӣ ба мушоҳида мерасад. Бахусус дар ашъори ӯзбекии Абдурауф Фитрат на танҳо кам ё беш шудани миқдори ҳиҷоҳо, балки кушоду озод ивазшавии вазни ҳиҷо ба шакли наву озоди шеър ба назар

[1] Раҳмонов Ш. Сухане чанд аз лирикаи форсии тоҷикӣ. – Душанбе: Шарқи озод, 1999. – Саҳ.-50.

мерасад[1]. Ба қавли ҳамин муҳаққиқ дар шеъри «Яна ёндим» («Боз сӯхтам») аз 30 мисраъ фақат дар се мисраи он (мисраъҳои 3, 7, 13,) қонунияти ягонагиии миқдори ҳиҷоҳо риоя шуда, қисми боқимондаи мисраъҳои шеър дар шакли озод ва оҳангу ритми ба худ хос иншо шудааст. Барои исботи мулоҳизоти фавқ мо низ салоҳи иқтибоси як банди шеърро ба худ раво донистем:

Бироқ у
Менга сира боқмади,
Йиғладим,
Кулдим,
Ёлиндим,
Тушундим.
Биттаси ҳам мижозига ёқмади.
Йиғла бироз ӯксузланган тилагим,
Мен ҳам сендай бахтсизликка тутиндим.
Умидсизлик ора тушиб йӯқсул жоним ӯртанди [2].

Ба назари мо масъалаи шеъри нав дар мақолаи пуразиши олими адабиётшиноси ӯзбек Ҳамидулло Болтабоев «Сайҳа» қисматидан лавҳалар ёки шоир Фитрат ҳақида» дақиқтар тарҷеҳ ёфтааст. Ба ақидаи ҳамин муҳаққиқ «Сайҳа» маҷмӯаи ашъорест, ки ҳанӯз дар оғози асри XX дар дили зиндаи мардуми маҳаллӣ ва боҳавсалаи замон ғулғулаи наве ангехта буд. Зеро «дар ин ашъор бозтоби ғояҳои истиқлоли миллӣ бори аввал равшану возеҳ ифодаи бадеии худро ёфта буданд».[3] Аз ҷиҳати дигар дар шеъри мазкур ҷаззобӣ ва оҳанги назми адабиёти мумтоз ба назар мерасад. Муҳаққиқ дар ҷои дигари ҳамин мақола оиди шеъри болоии Фитрат фикр ронда, қайд менамояд, ки «дар мероси поэтикии адиб шеъри фавқ мавқеи калонеро молик аст. Зеро дар он «захмҳои хунину вазнин»–и мамолики Шарқ ва мардуми он ошкоро нишон дода мешавад:

---

[1] Афоқова Н. Ӯзбек жадид адабиётида шеърий шакллар тараққиёти тамоиллари. ДДА.–Тошкент: ӮзФА Тил ва Адабиёт Институти, 2005. – 22 б.
[2] Фитрат Абдурауф. Танланган асарлар, 4 жилдда (Сӯз боши ва изоҳлар муаллифи Ҳ.Болтабоев). – Тошкент: Маънавият, 2000. –29-бет.
[3] Болтабоев Ҳ. Фитрат ва жадидчилик. //Илмий тадқиқий мақолалар. Алишер Навоий номидаги Ӯзбекистон Миллий кутубхонаси нашриёти. – Тошкент: 2007. – 72 -бет.

Бироқ;бу кун эзилар ким бу ӯлка
Ҳар томондан таланмишдир йӯлсизча
Хотинларнинг пардаси
Болаларнинг юраги,
Қариларнинг гавдаси–
Йиртилган,
Ёрилган,
Эзилган!.[1].

Дар ин шеър шоир заминаҳои иҷтимоӣ ва сабабҳои асосии захмҳо ва дарду ҳасрати мардумро дарёфтанӣ мешавад ва онро дармеёбад ҳам». Ба тарзи нави шеърофарӣ даст задани Абдурауф Фитрат ҳанӯз дар замони худи шоир аз ҷониби Садри Зиё ва Садриддин Айнӣ эътироф гардида буд. Аз ҷумла, Садриддин Айнӣ мегӯяд: «Фитрат дар байни адибони ӯзбек аз аввалинҳо шуда дар шакли фолклорӣ шеърҳо навишт. Ин падидаи наве дар адабиёти зиёда аз ҳазорсолаи арӯзии мо буд».[2] Ба эътиқодмандии муҳаққиқ Ҳ.Болтабоев «Ашъори Фитрат, бахусус лирикаи ӯ (бо лафзи худи ӯ «шеърҳои рубоӣ») аз тамоми нафосату зебоиҳои лирикаи Шарқ саршор аст ва дар баробари ҳамин мушаххасоти хоси худро дорост, ки навигарии онҳоро таъмин месозад… Ашъори Фитратро тозагӣ дар забону услуб аст ва ӯ ташаккули сохтории шеърро дар адабиёти сифатан нави ӯзбек таъин кард»[3]. Аз ҷумла, дар шеъри «Шарқ» низ ҳамин ҳолатро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар адабиёти ӯзбек дар эҷодиёти шоирони ибтидои асри ХХ на танҳо Фитрат, балки Чӯлпон, Маҷидӣ, Ҳамза ва нафарони дигар низ ба ин тарзи шеърофарӣ даст задаанд ва метавон гуфт, ки аввалин намунаҳои шеъри ба истилоҳ «озод» ва ё «нав»–ро дар ин адабиёт асос гузоштаанд. Зеро дар таркиби ашъори Чӯлпон шеърҳои «Тун» («Шаб»), «Ҳукм куни» («Рӯзи ҳукм») (1919), дар осори Ҳамза «Шеъри мансур» (Ин шеър соли 1914 дар рӯзномаи «Садои Туркистон» нашр шудааст.) ва «Қутлуғ

[1] Фитрат Абдурауф. Танланган асарлар, 4 жилдда (Сӯз боши ва изоҳлар муаллифи Ҳ.Болтабоев). – Тошкент: Маънавият, 2000. - 29

[2] Болтабоев Ҳ. Фитрат ва жадидчилик. //Илмий тадқиқий мақолалар. Алишер Навоий номидаги Ӯзбекистон Миллий кутубхонаси нашриёти. – Тошкент: 2007. – 47 -бет.

[3] Ҳамин китоб. 72—73 бетлар.

бӯлсун» («Муборак бошад») (1927) дар шаклу мазмуни худ тозагиҳо дошта, ба шакли шеърии адабиёти Ғарб–верлибр шабоҳат доранд. Ин ҳама наҳзати шакли нави шеърофарӣ, нишонаи пайдоиши «шеъри нав» ва ё «шеъри озод» дар адабиёти давраи бедории миллӣ аст ва ин ҳодиса дар адабиёти миллӣ ҳодисаи типологӣ ба шумор меравад ҳамчунин он дар муайян намудани раванди умумии адабиёти давраи мавриди назар арзиши хос дорад.

Дарҳақиқат, Фитрат диди замонӣ ва навхоҳоне дошт. Вай аз шоирони аввалине буд, ки маромҳои кӯҳнаро дар шеъри замонӣ писанд намекард. Ин мақсадашро вай ҳанӯз соли 1909 дар асари ҷолибаш «Мунозира» равшан баён карда буд. Вале ҳама вақт вай ба сухани бадеӣ ва ҳунар эҳтироми хос дошт. Воқеиятро шоирона медид. Заруру нозарур ба шеърҳои дар мавзӯи табиат навиштааш масъалаҳои иҷтимоиро дохил намекард. Ин ҳодиса боис шудааст, ки муҳаққиқон ин паҳлуи фаъолияти ӯро танқид кунанд. Муаллифони ин қисмати «Таърихи адабиёти муосири тоҷик» аз шеърҳои пейзажии Фитрат камбудӣ ҷуста «дар адабиёти танқидии охири солҳои бист шеърҳои ба мавсими зимистон ва тирамоҳ бахшидаи Фитратро ифодаи рамзии ғояҳои зидди советӣ маънидод кардаанд». Вақте имрӯз он шеърҳои Фитратро таҳлил мекунем, мебинем, ки ин даъвоҳо заминаҳои сиёсӣ ва душманона доранд. Ин гуна биниши интиқодӣ дар замони шӯроҳо ба расмият даромада буд. Аксари шеърҳое, ки Фитрат дар васфи табиат, фаслҳои сол ва ҳодисаҳои табиӣ навиштааст, барои китобҳои дарсӣ таҳия шудаанд ва шоир дар ин гуна шеърҳо хусусияти тафаккур ва синну соли кӯдакон ва наврасонро сахт ба эътибор гирифтааст, ки гувоҳи маҳорати ҳунарии ӯст. Масалан, қитъаи зер, ки дар васфи фасли зимистон аст, бо соддагӣ ва равонию фаҳмрасиаш ҷолиб аст:

Зимистон расидааст, ҷони бародар,
Ҷаҳонро гирифтааст сармо саросар.
Ҳама дар таҳи барф гардида пинҳон,

Чи кӯҳу чи саҳро, чи девору дар.
Чунон абр бебок гардида ин фасл,
Ки хуршед аз бар н-орад бурун сар.
Чӣ ёро, ки оҳу ба саҳро занад сум,
Чӣ ҳадде, ки пашша занад дар ҳаво пар.

Аз ин шеър ба хулоса омадан мумкин аст, ки Фитрат чун шахсияти адабӣ, ки дар хазинаи адабиёти пешин тарбият ёфта буд, бо бачагон чӣ гуфтанашро хуб медонист. Хуб медонист, ки кӯдакону наврасон омодаи фаҳмидану таҳлилҳо ва хулосабарориҳои мураккаби шеърӣ нестанд, бо онҳо мувофиқи фаҳму идрокашон бояд сухан гуфт, хоса дар шеър.

Абдурауф нафақат ҳамчун шоир, балки ҳамчун насрнависи моҳир низ шинохта шудааст ва ба қалами ӯ чандин **асарҳои насрӣ** тааллуқ дорад, ки онҳо ба масъалаҳои мухталифи ҳаётии он давр бахшида шудаанд. Аз ҷумла, **«Баёноти сайёҳи ҳиндӣ», «Қиёмат» ва «Мунозира…»** аз ҳамин гуна асарҳои ин адиб ба шумор мераванд. Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик мунозара ва шаклҳои махсуси мунозарамонандро бисёр дучор омадан мумкин аст. Аммо жанри мазкур танҳо дар адабиёти ибтидои асри XX ҳам аз лиҳози шакл ва ҳам аз ҷиҳати мазмун ба жанри махсуси адабиёт табдил ёфт. Баъзе муҳаққиқон пайдоиши жанри мунозараро ба замони пайдоиши матбуот марбут медонанд, ки хеле ҷолиб аст. Зеро дар ин жанр назар ба бадеият ҷанбаи публитсистӣ, устувории таҳлили воқеаву ҳодисаҳо мавқеи асосӣ дорад. Инак, беҳтарин ва намунаи баландтарини жанри мазкурро дар адабиёти ибтидои асри XX дар эҷодиёти Абдурауфи Фитрат дучор омадан мумкин аст, ки бо унвони **«Мунозара» ё худ «Мунозараи мударриси Бухороӣ бо як фарангӣ дар Ҳиндустон дар бораи макотиби ҷадида»** маълум аст ва он соли 1909 дар Истамбул аз ҳисоби худи муаллиф нашр ва пинҳонӣ дар аморати Бухоро паҳн гардидааст.

Вақте ки бобати хусусиятҳои мазмуниву мундариҷавӣ ва ғоявию жанрии асар сухан меравад, дар тадқиқотҳо ба афкори мухталиф дучор

омадан мумкин аст. С.Айнӣ асари мазкурро ба жанри роман, Ғ.Маҳмудов ба жанри диалоги бадеию публитсистӣ, Пайванди Гулмуродзод ба жанри «маъмулии публитсистӣ–мусоҳиба» мансуб медонанд. Ба назари мо жанри ин асар на роман, ва на диалоги бадеию публитсистӣ ва ё мусоҳиба, балки айнан ҳамноми асар–*мунозира* аст. Яъне, жанри деринаи адабиёти классикӣ тавассути асари Фитрат боз руҳи нав касб карда, ифодагари мазмунҳои иҷтимоӣ ва ғояҳои тозаи маорифпарварӣ–тақаддудхоҳӣ гардидааст. Азбаски дар асру замонаҳои гуногун намунаҳои мутақаддими жанри мазкур дар шакли қасида, қитъа, маснавӣ иншо шудааст, адабиётшиносони ӯзбек дар китоби «Адабий турлар ва жанрлар» онҳоро «поэмаи лиро–эпикӣ» низ ном бурдаанд. Аммо дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX муносибат ба жанрҳои анъанавӣ тағйир пазируфт. Эҷодкорони давр барои ифодаи марому мақсадҳои хеш, инчунин мутобиқ гардонидани ғояҳои нави маорифпарварӣ аз жанрҳои маъмули адабиёт ва нисбатан мувофиқаткунандаи он истифода бурданд. Мунозара низ аз чунин жанрҳои адабӣ маҳсуб мегардад.

Асари номбурдаи Фитрат аз муқаддима, қисми асосӣ ва хотима иборат аст. Дар муқаддима Фитрат ишора менамояд, ки асар бо мақсади барҳам додани ихтилофоти нохушнуди байни қадима ва ҷадида иншо шудааст. Мунаққид ва адабиётшиноси маъруфи тоҷик Соҳиб Табаров дар тадқиқоти пураризиши худ «Мунозара»–и Абдурауфи Фитрат (эссеи тадқиқотӣ)» (1997) дар баррасии хусусиятҳои жанрии асар онро дар қатори беҳтарин ва барҷастатарин асарҳои насри фалсафӣ, публитсистӣ, таълимии Абдурауфи Фитрат зикр намудааст.[1] Муҳаққиқ Абдулҳай Маҳмадаминов бар он мӯътақид аст, ки «Мусулмонони дорурроҳат»–и Исмоили Гаспиринский (дар асоси муқоисаи иҷмолӣ) ба эҷодиёти Абдурауфи Фитрат таъсири босазое гузоштааст. Зеро «Мундариҷа ва

[1] Табаров С. «Мунозара»–и Абдурауфи Фитрат. – Душанбе: Деваштич, 1997. – 27 с.

ғояи ин китоб ба «Мунозараи мударриси Бухорой бо як нафар фарангӣ дар Ҳиндустон дар бораи макотиби ҷадида», «Сайҳа», «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ», «Раҳбари наҷот», баъзе мақолаҳои илмию фалсафӣ, махсусан публитсистикаи Абдурауфи Фитрат ҳам дар мазмуну ғоя, ҳам дар системаи образҳо, поэтика ва ниҳоят дар ҳадафҳои иҷтимоию сиёсии адиб таъсири муайяне расонидааст.[1] Ин ақида, яъне таъсирпазирии Абдурауфи Фитрат аз асари фавқуззикри Исмоили Гаспиринский аз он ҷиҳат саҳеҳ аст, ки Фитрат асари номбаршударо ҳангоми таҳсил дар Истамбул пас аз навиштани «Мунозара», дар ҷараёни навиштани «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» тарҷума карда буд .

Дар «Мунозира» пас аз муқаддимаи кӯтоҳ баҳсу мунозараи фарангӣ ва мударрис оғоз мегардад. Мунозара ба тарзи мусоҳиба ё худ диалог шурӯъ мешавад, аммо равшан аст, ки мақсади нависанда танҳо инъикоси саволу ҷавоби муқаррарии ду шахс нест. Мусоҳибаро муаллиф тадриҷан ранги мубоҳисавӣ ва муноқишавӣ мебахшад, ки ҷавҳари жанри мунозараро ташкил менамояд. Муаллиф ҳар як модда ва ҳар як муамморо тавре гузориш медиҳад, ки дар асоси он баҳс ва талоши тарафайн сурат мегирад. Асар аз нигоҳи адиб барои таҳлили амиқи масъалаҳои гузоришёфта дар асоси баҳс иншо гардидааст. Тамоми мазмуни асар ба таҳлилу ташвиқи афкори ислоҳотпарастиву табаддулотхоҳонаи адиб нигаронида шудааст. Маҳз ҳамин тарзи масъалагузорӣ ё худ гузориши масъалаҳои рӯзмарраи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангӣ ва илмӣ, ҳамчунин ифодаи марому мақсади адиб дар заминаи афкори маорифпарварӣ–таҷаддудхоҳӣ ҷиҳати монандӣ ва ё хусусияти типологии мунозираҳои адабиёти маорифпарварии тоҷик ва боз ҷузъҳои мунозарамонанди таркиби сафарномаҳои адабиёти ин марҳиларо ташкил менамояд. Зимнан ин монандӣ ба мунозараҳои

[1] Гаспаринский И. Мусулмонони Дор–ур–роҳат. Аз туркии тоторӣ тарҷумаи Абдурауф Фитрат. – Бухоро – 1914. Нашри тоза ба кириллик бо сарсухан, тавзеҳот, шарҳи луғот ва феҳрист аз профессор. А.Маҳмадаминов. – Душанбе: Диловар–ДДМТ, 2002. – Саҳ.-21.

давраи машрутияти Эрон ва ҷузъҳои мазмуни мубоҳисавӣ доштаи таркиби сафарномаи Абдураҳим Толибов низ хос аст. Адиб масъалаҳоеро мавриди баҳси тарафайн қарор медиҳад, ки онҳо дар асоси баҳс ва муноқишаҳои тӯлонии ду тоифаи ашхос ҳаллу фасл мегарданд. Ин чиз махсусан ба хусусиятҳои жанрии мунозара мувофиқат мекунад. Яъне, ба тарзи қаринавӣ овардани вожаҳои парадоксӣ, муноқишаҳои тезу тунди тарафҳо, афкори тазодӣ, андешаву мулоҳизоте, ки боиси баҳс ва зиддиятҳои афкор мегарданд хоси жанри мунозара аст. Ҳамин ҷиҳатро дар мунозараи Фитрат дидан мумкин аст. Адиб дар ҷараёни мунозараи тарафайн афкору ақидаҳои фалсафию иҷтимоии хешро аз забони фарангӣ (як нафар намояндаи мардуми Аврупо) иброз медорад. Дар асоси баҳси онҳо иллатҳои хоси иҷтимоӣ ва аҳволи сиёсию иқтисодӣ, маданию фарҳангии мардуми Бухорои ҳамонвақтаро фош месозад. Дар асар касодии рӯзгор, сохти нодурусти таълим, фиребгарии ошкорои аҳли ҷоҳ, қафомондагию ғафлатзадагии мардум, оқибатноандешию ба тақдири азал ҳавола кардани қисмати халқ сахт танқид мегардад, ки ин ҳама арзиши ғоявии асарро таъмин кардааст. Доир ба асари мавриди назар олими америкоӣ Э.Оллварт дар мақолаи хеш «The Modern Uzbeks» нуқтаи назари хешро иброз дошта таъкид менамояд, ки «…таркиб ва маънои «Мунозара» на бо ҳаҷву истеҳзои ақлӣ ва на бо услуби адабии баланд, балки бо сухану мафҳумҳои равшану возеҳи мантиқию маънавӣ ифода ёфтаанд. Бинобар ҳамин ҳам мақсади муаллиф ба офариниши образи бадеӣ не, балки ба тафсиру далелҳои мантиқӣ нигаронида шудааст».[1] Ин ҷузъ аз муҳимтарин хусусиятҳои «Мунозара»–и Фитрат аст. Дар қисми хотимавии асар фишурдаи афкори иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодию мадании адиб баён гардидааст, ки низ рӯҳи танқидӣ дорад ва он бори ғоявӣ мекашад.

[1] Edward A. Allworth. The Modern Uzbeks. From the Fourteenth Centuri to the present.. A Cultura History.– California: Hoover Institution Press Stanford Universiti, 1990. – p. 236

Асари мазкурро чун жанри мустақили публитсистии адабиёти маорифпарварию таҷаддудхоҳии ибтидои ҳазорсолаи дуюм зикр кардан мумкин аст. Ин жанр дар адабиёти маорифпарварии ибтидои асри XX дар асоси синтези бадеӣ бори нави ғоявӣ касб карда, ба жанри сифатан ва моҳиятан тозае табдил ёфтааст. Нависанда дар асоси нигоҳ доштани баъзе хусусиятҳои анъанавии жанри мунозара (рамзияти образҳо, баҳспазирии масъалаҳо, муноқиша ва мухталифии афкор, задухӯрди ғояҳо) ба он рӯҳи тозаи ҳаётӣ мебахшад. Онро ба инъикоси воқеияти ҳаёт, ифодаи марому мақсад, ғояҳои нави ҳаётӣ–воқеӣ мутобиқ мегардонад. Ба иборае дар адабиёти маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ мазмун ва мундариҷаи ғоявӣ нисбат ба унсурҳои шаклии асари бадеӣ мавқеи аввалиндараҷа касб менамояд.

Накшаи "Скелети мохй" дар асоси мавзуи шаклгириии жанри мунозира дар адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX

Мунозара мисли сафарнома сюжети муайян ва устухонбандии хос надошта, дар он яклухтиву ягонагии асарро оғоз ва анҷоми масъалаи мунозаравӣ ташкил менамояд. Баҳс ва муноқишаҳои тӯлонӣ бобати масъалаҳои мухталиф ҷавҳари жанри мазкур аст.

Муаллиф дар асари мазкур аз услуби диалог–муколама, ки дар жанрҳои драма ва мусоҳиба дучор меояд, моҳирона истифода бурдааст. Баҳсу муноқиша моҳияти асосии асар, муҳаррик ва омили муҳими он аст. Бинобар ҳамин жанри мазкур аз жанри мусоҳиба (интервю)–и публитсистӣ тафовут дорад. Дар асар бархӯрди афкор, зиддияти ғояҳову муноқишаи ақидаҳо мавқеи асосӣ доранд, ки ин ҷиҳат дар мусоҳибаҳои публитсистӣ дида намешавад. Дар мусоҳиба саволу ҷавоби ду шахс бе баҳс мавқеият дорад. Дар мунозара бошад ҳар як фикр, ҳар як ақида, ҳар як ғоя ҷанбаи муноқишавиро дорост. Ғайр аз ин дар «Мунозара»–и Фитрат шахси сеюм, яъне худи муаллиф низ ба тарзи мавҳум амал мекунад, ки рафти баҳс ва ҷараёни мунозараро доварӣ мекунад ва дар асоси ҳар як масъала хулоса ва ҳукмҳои ҳаққонӣ мебарорад. Ба ибораи дигар худи образи фарангӣ характери автобиографӣ дорад. Ин образ ба ҳамон образи Мулло Аббоси «Мусулмонони дору–р–роҳат»–и Исмоилбеки Гаспиринский ҳамранг аст. Ба эътиқодмандии муҳаққиқ ва олими адабиётшинос Ҳ.Болтабоев баҳси Мударрис бо Фарангӣ (дар «Мунозара») ва сӯҳбати Мулло Аббос бо Қозӣ аз «Дору–р–роҳат» то дараҷаи муайян ҳамоҳанг ҳастанд.[1] Дарҳақиқат ин образ як навъ таҷассумгари симои иҷтимоии худи муаллиф аст. Гарчи ба тарзи мавҳум аст, аммо он тимсоли «автобиографӣ» ё худ нусхаву симои шахсӣ ва дар айни замон образи мавҳуми маърифатпарвари зиёӣ–худи муаллиф аст.

Ҷанбаи публитсистию драматизми асари мавриди гуфтугӯи Фитрат хеле пурқувват аст. Зеро дар он нисбат ба бадеият ва тасвиркории бадеию эстетикӣ, ҷиҳати маълумотдиҳӣ, масъалагузорӣ, тарғибу

[1] Болтабоев Ҳ. Фитрат ва жадидчилик. //Илмий тадқиқий мақолалар. Алишер Навоий номидаги Ўзбекистон Миллий кутубхонаси нашриёти. – Тошкент: 2007. – 128 -бет.

ташвиқи ғояҳо, таҳлили масъалаҳо мавқеи муҳим доранд. Нисбатан арзиши баланди иҷтимоӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва маърифӣ доштани асари мазкур ҳанӯз аз ҷониби мутарҷими русии ин асар–полковник Ягелло қайд гардида буд. Муаллиф ба тарзи мунозараи муқоисавӣ, ки яке аз унсурҳои асосии услубии жанри мунозараи маорифпарварӣ аст, ҳар як масъалаи гузоришёфтаро аз назари таҳлилӣ ҳал мекунад.

Умумият ва яклухтии ғоявию мазмуни асарро мақсаду маром ва афкори ислоҳотхоҳонаи адиб ташкил менамояд. Нависанда барои пуртаъсир ва нишонрас гардидани асараш аз жанри маъмули публитсистӣ–мунозара истифода бурдааст. Ба воқеияти замон муносибати амиқи интиқодии муаллиф аён аст. Дар «Мунозара» назари хоси эстетикӣ ва тарбиявию ахлоқии муаллиф оид ба соҳаи таълим, илму маърифат, адабиёт ва санъат акс меёбад. Ӯ дар ин асар ҷонибдори он аст, ки «дар макотиб ва мадорис баъзан ашъори ошиқонаи ахлоқвайронкунанда ва таҳқиқоти пучу ломҷинсро барҳам дода, аз рӯи китобҳои ахлоқ таълим дода, матбаа кушода, халқро ба воситаи ҷароид ба ахлоқи ҳасана тарғиб кардан зарур аст». Дар асоси «Мунозара» Фитрат ду ҷаҳонбинӣ, ду тарзи фаҳмиш, ду шакли ғояҳои иҷтимоию фарҳангиро ба ҳам муқобил мегузорад. Ин маънӣ дар китоби олими маъруфи ӯзбек Бегали Қосимов «Маслакдошлар» ба тариқи зайл ифода гардидааст. «Дар асари мазкур, ки ба публитсистикаи драматикӣ майл дорад, оиди баҳси ду фарде, ки бо мурури замон вакили ду марҳилаи тараққиёти таърихианд, нисбати дин ва дунё, ҷамъият ва маърифат ду тарзи ҷаҳонбинӣ доранд, навишта шудааст».[1]

Баъзе мунаққидон ақида доранд, ки мунозара ва мубоҳиса қонунияти жанрии хос надоранд ва онҳо дар фарогирию баёни фикр озод ҳастанд. Ин фаразия чандон саҳеҳ нест. Зеро мунозара ҳам мисли

[1] Қосимов Б. Маслакдошлар. – Тошкент: Шарқ, 1994. – 75 бет.

жанрҳои дигари адабӣ дар асоси андешаву мақсадҳои муайян шакл мегирад ва табиист, ки махсусиятҳои шаклию маънавӣ (мазмунӣ)–и худро дорост. Агар шаклҳои воқеъшавии мунозараро яке аз мушаххасоти он донем, усули фарогирии мавод, гузориши масъала, таҳлил ва дар бар кардани маълумот, ки дар маҷмӯъ бояд созмони устувор дошта бошад, аз махсусиятҳои умдаи он маҳсуб мешавад. Устувории шакл ва созмони он ба савия ва маҳорати худи адиб вобаста аст.

Дар адабиёти маорифпарварии-таҷаддудхоҳӣ пайдоиш ва дубора зинда шудану аз нав ҷон гирифтани жанри мазкурро аҳли таҳқиқ эҳтиёҷи ҷомеа донистаанд, ки асоснок буда, дар ҳақиқат жанри мазкур дар заминаи тақозои воқеоти давр падид омадааст. Омили дигари дубора ҷон гирифтан ва аз нав мавқеъ пайдо намудани жанри мунозара, аз ҷумла ҳамин асари Фитрат мавҷуд будани ихтилофи андешаҳо, ғояҳо, афкори парадоксии ҷамъиятӣ аст. Зеро дар асоси мавҷудияти андешаҳои пурихтилофи иҷтимоӣ, сиёсӣ, фалсафию ахлоқӣ ва илмӣ хоҳу нохоҳ мубоҳиса ё мунозара сурат мегирад. Дар асоси баҳсу мунозараи тарафайн ҳақиқати мушкилот ва масъала кашф мегардад. Мавҷудият ва рӯзмаррагии муаммои ҳалталаби иҷтимоӣ низ боиси пайдоиши мунозара аст. Баҳсҳои назарӣ дар ошкор сохтани ҳақиқати ҳол, ҳамчунин таълифоти мунозаравӣ дар айни вазъият нақши муҳим доранд.

Сабку услуби мунозара ё худ мубоҳиса, инчунин одоби сухан дар он бояд салису равон ва дилчасп бошад, вагарна забони дурушт эътибору арзишмандии андешаи муаллифро мекоҳад. Ҳар як сухан дар мизони ақлу андеша ва санҷидаву фаҳмида бояд гуфта шавад, меъёр ва мавқеи сухану ҳарфу ҳиҷои мубоҳисон нигоҳ дошта шуда, барои тасдиқ ва ё инкори фикри мусоҳиб бояд далелҳои саҳеҳ истифода шаванд. Ин аст, ки дар «Мунозара»–и Фитрат ин талаботҳо бо тамоми ҷиҳат инъикос гардидаанд. Абдурауфи Фитрат барои таҷдиди назар оид ба масъалаҳои консепсуалии ҳаёти иҷтимоӣ, инчунин барои иттилоъ

додани равияҳои носолим аз баҳсу мунозараҳои муноқишавӣ истифода бурдааст.

Дар «Мунозара»–и Абдурауфи Фитрат масъалаҳои мухталифи баҳсталаби ҳаёти иҷтимоӣ, аз ҷумла нодурустии усули таълим, ҳамдигарнофаҳмӣ, касодии рӯзгори мардум ва сабабҳои он, оқибатноандешӣ, ғафлатзадагӣ, ҷоҳилию нодонӣ, сохти нодурсти давлатдорӣ, муҳити тираву тори илмиву фарҳангии мардуми Бухоро ба қалам дода мешавад. Ҳамзамон дар мақолаи олими туркшиноси япон Хисао Коматсу «Fitrat'in Munazara'si Uzerine Notlar» арзиши баланди ғоявӣ доштани асар ва он аз ҷиҳати мундариҷа роҷеъ ба масъалаҳои сиёсӣ, маориф, санъат, таърих, илоҳиёт, фалсафа ва ба ҳамин монанд зиёда аз бист масъалаи муҳимтарини замон баҳс кардани он эътироф мегардад ҳамчунин олим дар охир қайд менамояд, ки асари мазкур барои фаҳмиши ҳаёти маданиву иҷтимоиии оғози садаи XX Бухоро ва Туркистон манбаи муҳимтарин ба шумор меравад.[1]

Ҳамин тариқ, тавассути асари мазкур Абдурауфи Фитрат афкори сиёсию иҷтимоӣ ва ғояҳои тараққипарваронаву ислоҳотхоҳонаи хешро ифода менамояд. Маводи асосии «Мунозара»–и Абдурауфи Фитрат баҳс дар бораи мактабҳои усули ҷадид аст. Дар он воқеа ба мисли қиссаи «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» дар рӯҳи драматикӣ омадааст. Абдурауфи Фитрат бо тафовут аз Мирзо Сироҷи Ҳаким ва маорифпарварону зиёиёни давр ҳанӯз дар оғози асри XX ба ҳамин нукта комилан сарфаҳм рафта буд, ки хулосаҳои баҳспазир ва дар ҳамин асос баёни матлаб арзиши баланди назариву амалӣ дорад. Агар Мирзо Сироҷ дар «Туҳафи аҳли Бухоро» афзалияти илму фарҳанги дунявӣ ва сафарро дар шаклгирии ҷаҳонбинии мардуми Бухоро ҷузъи муҳим ҳисобад, Абдурауф Фитрат ба пойдевори ҳаёти ҷомеа, ки он аз ислоҳи мактабу маориф ва соҳаи таълим сурат мегирад, эътибор медиҳад. Абдурауф

[1] Komatsu H. Fitrat'in Munozara'si Uzerine Notlar. //Dogu Dilleri. 1981. Cild 2. Sayy 4. – S. 157.

Фитрат дар ин асараш бар он мӯътақид аст, ки маҳз ислоҳи ҳамин соҳа ба дигаргуншавии ҷаҳонбинии мардум ва бедории маънавии онҳо оварда мерасонад. Ҳамин ҷиҳат тафовути ғоявии «Туҳафи аҳли Бухоро» ва «Мунозара»–и Фитратро ташкил мекунад. Таъсири чунин хулосаҳои мантиқӣ дар ҳаёт, ки дар асоси талошу муноқишаҳои шадид падид меояд, як бар чанд афзун аст. Ба ибораи дигар хулосаҳое, ки дар асоси баҳсу мунозара, таҳлилу муноқиша падид омадаанд, дар ҳаёт роҳи дурустро нишон дода метавонанд.

«Мунозара»–и Абдурауф Фитрат низ кӯшиши нахустин буд дар роҳи эҳёи жанри деринаи адабиёти мумтоз, ҳидояти мардум ба такмили донишу ҷаҳонбинӣ, бедорию бедорфикрӣ, ташкили мактаби усули ҷадид, тарғиби илму дониши дунявӣ, хештаншиносию худогоҳии таърихӣ, ватандӯстӣ ва иттифоқу иттиҳод, ки имрӯз низ аҳамияти махсуси худро гум накардааст. «Мунозара», ки бо назардошти рӯҳияи мардуми Бухоро ба забони соддаву возеҳ иншо гардида буд, бо шаҳодати устод Айнӣ ба мардуми Бухоро таъсири хеле хубе бахшид. Ба зудӣ ба забонҳои ӯзбекӣ ва русӣ аз ҷониби Ҳоҷӣ Муин ва Ягелло тарҷума шудани ин асар гувоҳи он аст, ки дар давраи табаддулоти миллӣ дар байни халқ ва хонандагон асари мазкур нақши муҳиме доштааст. Асари Фитрат дар замони мо низ арзиши ғоявии баландеро дорост. Иқтибос фармудани мулоҳизоти зерин дар анҷоми ин гуфтаҳо нисбат ба ин асар хеле бамаврид аст: «Бародарон! Басо рӯзҳо, хеле фурсатҳоро ба ғафлату танбалӣ гузаронидем. Ҳоло бас, дигар вақти ғафлат нест, ҳар кадоми шуморо маълум аст, ки насоро аз ҳар тарафе ба тохтутози ислом сар бароварда, ҳар соат барои нобуд кардани мо, барҳам додани дини мо баҳонае ба даст меоранд… Бухоро ватани муқаддаси мост, Бухоро модари меҳрубони мост, Бухоро ҷои нашъунамои мост, Бухоро маъшуқи азизи

мост, Бухоро маҳбуби ба ҷон баробари мост, Бухоро аз мост, мо аз Бухороем!».[1]

Дар адабиёти маорифпарварӣ–таҷаддудхоҳии ибтидои асри XX намунаи ба худ хоси жанри сафарномаҳоро дучор омадан мумкин аст, ки шакли «сафар дар ватан»–ро дорад. Ин навъ сафарномаҳо дар таърихи адабиёти форсу тоҷик навоварӣ набуда, балки беҳтарин намунаи анъанаҳои сафарноманависӣ ба шумор меравад. Ин навъи сафарномаҳоро дар эҷодиёти адибони равшанфикри ӯзбек Муқимӣ ва Фурқат аз адибони тоҷик дар осори Ҳайрат ва Аҷзӣ низ дидан мумкин аст. **Асари Абдурауфи Фитрат «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ»** (1912) айнан шакли «сафар дар ватан»–ро дорад. Дар сафарномаи Фитрат сафар кардан ҳамчун услуби эҷодӣ намоён мегардад. Қаҳрамони асар аз масоҳати Ватан ва сарҳади он берун по намегузорад, балки ҳар чиро ки дар шаҳру навоҳии Ватани худ мебинад, бо ҳисси дилсӯзӣ ва ғамхорӣ баён месозад. Абдурауфи Фитрат аз он чиз, ки дар сафарнома худи муаллиф қаҳрамони асосист, даст кашида, қаҳрамони саёҳатномаи хешро аз берун интихоб мекунад. Бо чашму дидаи шахси хориҷа муҳити номақбулу ғафлатзадаи мамлакати хешро ба тасвир мегирад. Аммо адиб нисбати тақдир ва ҳар як ҷузъиёти масъалаи ба таҳлилкашидааш бефарқ нест. Қаҳрамони ӯ–сайёҳи ҳиндӣ бо мақсаду мароми нависанда амал мекунад. Ӯ ифодагари марому мақсади адиб аст. Ин асар аз «Муқаддима» ва «Шурӯъ», ки қисми асосии он аст, иборат буда, нависанда дар муқаддимаи асараш фуқарои мамлакатро ба се гурӯҳ – уламо, умаро ва аҳолӣ ҷудо карда ҳар гурӯҳро тавсиф мекунад.

Қаҳрамони асосии қисса сайёҳи донишманди ҳиндист. Ин мусулмони донишманду равшанфикр бо ёрии одамони тараққихоҳи Бухоро шаҳри Бухоро ва туманҳои ғарбии аморатро сайёҳат карда, бо

[1] Фитрат Бухороӣ. Мунозараи мударриси бухороӣ бо як нафар фарангӣ дар Ҳиндустон дар бораи макотиби ҷадида. Ҳақиқат натиҷаи тасоддими афкор аст. Табъи аввал. – Истанбул: Матбаи исломияи Ҳикмат, 1327 / 1911.– 68 с.; – Душанбе: ТГУ, 1992. – 55 с.; // – Душанбе: УДТ, 1992, –Саҳ.-51-52

камбудиҳо ва ақибмонии фикрии он шинос мешавад ва онро зери танқид мегирад. Сайёҳи донишманди ҳиндӣ барои муаллиф воситаи баёни фикр буда, дар асл худи ӯ прототипи ин қаҳрамон аст. Дар асар персонажи дигаре низ ҳаст, ки оид ба масъалаҳои тандурустӣ маслиҳат медиҳад ва ин фарди рус мебошад.

Фитрат дар муқаддимаи асар мақсаду мароми сайёҳи ҳиндиро баён карда, баъди тавсифи қишрҳои мардуми Бухоро ба баёни мақсади асосӣ мегузарад. Ва баъд аз ин мо баёноти муфассали сайёҳи донишманди ҳиндиро дар бораи уламо, умаро ва фуқаро мешунавему мехонем. Ногуфта намонад, ки дар ин асари Фитрат сайёҳи ҳиндӣ чун шахси фозилу донишманд ба тасвир омадааст.

Пас аз хондани қисмати «Уламо» мо чеҳраи ҷомеро мешиносем, ки «имрӯз аз улуми ҳақиқия хабаре надоранд, бист сол таҳсил ва бист соли дигар фаребгӯӣ карда, баъд аз он ба мансаби муфтигӣ расида, бо мутолиа кутуби арабиеро, ки мушкил бувад ва худро ба истеъмоли кутуби фақҳияи форсия мачбур медонанд, мақоми ҷалили рӯҳонияти Бухороро гирифтаанд» (103,15). Оре, Фитрат бо диди огоҳ ва моҳиятҷӯ аз ақибмондагии Бухорои замони истибдод сухани ба дард мегӯяд. Вале Фитрат дар асараш аз воқеияти муҳити тираи Бухоро сухан мегӯяд. Ба ибораи дигар, воқеиятро дар пешорӯи мо мегузорад. Ва мо бо қиёси таърихӣ бовар мекунем, ки дар ҳақиқат ҳам ҳамин гуна ҷамоаи уламо «аз тарафе ҳамагии ақвофи Бухороро ғайри шарти воқиф нӯши ҷон намоянд, аз тарафи дигар, аҳолии мискин, ки номи таҳсили фоиданокро ҳам нашунидаанд, буду набуди худро ба номи шогирдӣ фидои онҳо месозад».[1] Сайёҳи ҳиндӣ бо ин баёнот уламоро бо аъмоли зишташон ба мурофия мекашад. Фитрати ватандӯст ва халқпарвар ҳамчунон, ки дар «Мунозира» мехоҳад мардуми кишвараш дигар шаванд, ба тараққӣ бирасанд, дар ин асараш низ ҳаминро мехост. Вале дар «Баёноти сайёҳи

[1] Фитрат А. (Абду-р-рауф.) Баёноти сайёҳи ҳиндӣ. Дору - л - хилофот. - Истамбул: Матбаи исломияи Ҳикмат, 1330/ 1912. – 128 с.; //Садои Шарқ, 1988, - № 6. – С. 14 - 89; Саҳ.-15

ҳиндӣ» вай ба амалҳои қафомондагии кишвар бештар диққат дода, ин омилҳои зиёноварро ном мебарад ва зина-зина аҳволи ватандорони Бухороро, ки умарову фуқаро низ ҷузъи он ҳастанд, фош месозад.

Муроди мо насиҳат буд, гуфтем,
Ҳаволат бо худо кардему рафтем.

Фитрат чӣ қадар мехостааст кишвараш дигар шавад! Ғояи эҳёи миллату давлат, ки дар пояи мактабу маориф, илм ва иқтисоду сайёҳату тиҷорати комил устувор бошад, аз армонҳои бо худ бурдаи Фитарт будааст.

Дар илми адабиётшиносии тоҷик нисбат ба хусусиятҳои жанрии ин қисса фикру мулоҳизоти мухталиф баён гардидааст. Дар тадқиқотҳо муҳаққиқон онро ба қиссаи бадеию фалсафӣ ва ҳатто ба жанри роман мансуб донистаанд. Аз ҷумла, С.Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» «Мунозара» ва «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ»–ро ба жанри роман мансуб медонад. Ғ.Маҳмудов дар яке аз гузоришоти худ жанри қиссаи мазкурро «қиссаи бадеию фалсафӣ» қаламдод кардааст. Аммо таҳлили амиқи қисса гувоҳӣ медиҳад, ки дар баробари мазмуни фалсафию ахлоқӣ ин асар ҳам аз лиҳози мазмун ва ҳам аз ҷиҳати мундариҷаи ғоявӣ ба жанри сафарнома шабоҳат дорад. Дар асар ҷанбаи реалистии муайянеро мушоҳида кардан мумкин аст. Гуфта метавон, ки дар қиссаи мазкур ҳам услуби публитсистӣ ва ҳам услуби бадеӣ бо драматизми махсус омезиш ёфтааст. Асар бо забони соддаву ҳамафаҳм иншо гардида, муаллиф мисли муаллифони сафарномаҳои пешин ба факту санадҳо ва рақамҳои мушаххас чандон эътибор намедиҳад. Дар ин маврид як нуктаи муҳимро гӯшрас кардан мумкин аст, ки сафарнома дар шакли «сафар дар ватан» функсияи муайяни ғоявӣ дорад ва ин функсия онро аз сафарномаҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Сироҷ, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ва ғайраҳо тафовут медиҳад. Фарқият дар мӯҳтавои хатти сафар, мақсадҳои ғоявии муаллиф, тарзи ифода, тасвири муҳити шинос, хитобаҳои лирикӣ, мундариҷаи ғоявӣ ва услуби эҷодии хос зоҳир мегардад. Фарқияти дигари ин асари

Фитрат дар ҳамин зоҳир мегардад, ки дар он ҷанбаи субъективии тасвир хеле назаррас аст. Дигар ин аст, ки мисли ҳам «Мусулмонони дорурроҳат»–и Исмоил Гаспиринский ва ҳам мисли «Мунозара» дар ин асар низ дар офариниши симоҳои асосӣ «автобиографизм» хеле мукаммал аст. Дар ҷумлаи асарҳои номбурда ҳам сайёҳи ҳинд, ҳам мударрис ва ҳам Мулло Аббос хусусиятҳои муштараке доранд. Ин маънӣ аз ҷониби олимони ӯзбек, бахусус, Ҳ.Болтабоев на як бору ду бор, балки борҳо такрор мешавад[1]. Дарҳақиқат дар асар маром ва мақсади нависанда хеле назаррас аст. Олими номии америкоӣ Э.Оллворт қиссаи мазкурро таҳлил карда истода кӯшиши шадиди қаҳрамони асосии асарро нисбати адолати иҷтимоӣ дар мадди аввал мегузорад ва нобасомониҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва қафомондагию ғафлатзадагии мардумро аз назари сайёҳи ҳинд таҳлил менамояд.[2] Дар ин бобат муҳаққиқи ӯзбек Ҳ.Болтабоев низ мулоҳиза ронда таъкид менамояд, ки дар мақолаи Э.Оллворт ҳини таҳлили ҳаводис ва воқеияти асар назари мардуми ғарбӣ баландтар аст. Масалан, хиёнати мударрисон нисбати толибилмон, вайроншавии қонун аз номи суди шариат, судхӯрии шадид дар ҷамъият ва ғайраҳо аз назари муаллиф ҷиҳатҳои муҳими мазмунӣ ва мундариҷавию ғоявии асар аст. Ҳамчунин муҳаққиқи америкоӣ даъво дорад, ки Фитрат тавассути ин асар масъалаҳои муҳимтарини ҷамъиятии замонро ҳаллу фасл кардан мехоҳад. Албатта, дар талқини олими америкоӣ чунин сурат гирифтани афкор ҳолати табиист. Аммо таҳқиқи ҷиддии асар аз ҷониби муҳаққиқи хориҷӣ ҷолибият дорад. Дигар ин аст, ки Фитрат қаҳрамони асосии асарашро на аз мардуми маҳаллӣ, балки берун аз марзи Бухорои ҳамондавра интихоб менамояд. Ин ҳолат ҳам равияи муайяни ба ҳукми анъана даромадаи эҷодиёти равшанфикрони давр буд, ки маъмулан дар адабиёти маорифпарварии ҷаҳон ба назар

[1] Болтабоев Ҳ. Фитрат ва жадидчилик. //Илмий тадқиқий мақолалар. Алишер Навоий номидаги Ўзбекистон Миллий кутубхонаси нашриёти. – Тошкент: 2007. – 22 - бет.
[2] Edward A. Allworth. The Modern Uzbeks. From the Fourteenth Centuri to the present.. A Cultura History.– California: Hoover Institution Press Stanford Universiti, 1990. – p. 144.

мерасад ва ин амал дар осори адибони маорифпарвари оғози асри XX низ ба ҳукми анъана даромада буд. Аммо муҳим он аст, ки бо нигоҳи ғайру бегона ва шахси хориҷӣ Фитрат замину макон, ҳолату ҳаводиси марзу буми падарии хешро ба тасвир мекашад. Тасвир воқеӣ ва реалӣ сурат мегирад. Қаҳрамони асосии асари Фитрат мушобеҳи қаҳрамонҳои асосии осори сафарномавии дигар, мин ҷумла, «Туҳафи аҳли Бухоро»–и Мирзо Сироҷ, «Мусулмонони дорурроҳат»–Исмоил Гаспиринский, «Миръоти ибрат»–и Аҷзӣ ва ғайраҳо орзуҳои хаёлию романтикӣ намекунад, балки нигоҳи воқеию танқидӣ дорад. Ин ҷузъ дар асари Фитрат ҷиҳати хеле муҳим аст. Аз ин мавқеъ, асари мазкури Фитрат дар роҳи эҷодии ӯ мавқеи муайян дорад.

Асари дигари бисёр баарзиши Фитрат **«Раҳбари наҷот»** мебошад, «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» ва «Роҳбари наҷот» то ҷое якдигарро такмил мебахшанд. Дар ин асар низ муаллиф сабабҳои ақибмондагии иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми аморати Бухороро бо камоли диққат ва ҳафсала нишон медиҳад. «Раҳбари наҷот» низ мисли «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» асари публитсистӣ буда, ғояи азнавсозӣ ва бунёдкории кишвар онро оро медиҳад. Фитрат китобашро «Маҷмӯаи ахлоқия» медонад, ки роҳи наҷотро бар мардум бояд роҳбарӣ кунад. Рисола бо «Ҳасби ҳол» шурӯъ шуда, муаллиф сабабҳо ва решаҳои ақибмонии фарҳангӣ ва иҷтимоии мардуми аморати Бухороро бо далелҳои шаръӣ баён менамояд. Ва сабаби қафомонии миллатро аз ҷамоаи Аврупо танҳо дар танбалӣ, бедонишӣ ва раҳношиносии он мебинад. Дар боби муқаддима ҳаёт ва ғояи ҳаётиро тафсир карда вазифаҳои ахлоқияро баён мекунад, ки иборат аст аз қисматҳои мазкур; а) вазифаи нафсия, б) вазифаи оила, в) вазифаи навъия ё инсония. Ва ҳар яке аз ин вазифаҳоро дар яке аз қисматҳои китоби худ шарҳ медиҳад.

Фитрат дар ин замина вазоифи нафсонияро аввал медонад ва таъкид мекунад, ки «инсон барои ҳифзи тараққии хеш» ба адои вазифаи нафсонӣ «маҷбур аст», «яъне ҳар одамеро лозим аст, ки нафси худро

(чунончи лозими эҳтиёҷоти одамият аст) ба дараҷаи камол расонад». Ва камоли нафсро дар он мебинад, ки бояд «одамӣ ҳам ба худ ва ҳам ба ҳамҷинсони худ фоидабахш ва нофеъ (нафърасон) гардад». Ба фикри Фитрат инсон ба ин дараҷа замоне мерасад, ки нафсашро ба аъмоли нек оро диҳад ва аъмоли бадро аз худ дур кунад. Ана дар ҳамин равиш рӯшангари бузург тарҳи роҳи саодатро барои ҳамватанонаш мекашад. Агар дақиқтар эътибор кунем, маълум мегардад, ки байни ин фикрҳои Фитрат ва мулоҳизоти Аҳмади Дониш дар бобҳои авали «Наводир-ул-вақоеъ» як навъ ҳамоҳангӣ ва муштаракӣ ба назар мерасад. Фитрат нахуст роҳи дастёбӣ ба камолоти нафсониро нишон дода, дар ин замина ҳикмат, иффат, шуҷоат ва адолатро рукни асосии вазифаҳои нафсонӣ ҳисоб мекунад. Дар роҳи комёб шудан ба ин амал ислоҳи қувваи ақлияро воҷиб медонад, ки он бе таҳсили илм ғайримкон аст. Адиб дар ҳамин равиш андешаҳояшро «дар ҳаққи илму тариқи таҳсилот ва таъини фавоиташ» баён мекунад. Дар ин раванд омӯхтани илм, аз ҷумла, илмҳои шоеъи замонаш монанди илми тафсир, илми ҳадис, илми фиқҳ, илми калом, улуми лисония, илми таърих, ҷуғрофиё, илми табобат, илми ҳикмати табиия, илми наботот, илми ҳайвонот, илми маодин (маъдан), улуми риёзия бо чаҳор шӯъбааш 1) ҳисоб, 2) ҷабр, 3) ҳандаса, 4) ҳайати улуми фалсафия бо рукнҳои он – илми рӯҳ, илми илоҳӣ (теософия), илми ахлоқ, илми мантиқро зарур медонад. Ин як тарзи ба худ хоси гузориши масъала як навъ тарҳи нақшаи хониш аст барои дорулфунунҳо ва макотиби давр. Аз ҳамин нуқтаи назар низ ин асар чун раҳбари дониш ва маърифат қайд гардидааст.

Фаъолияти эҷодии Фитрат на фақат бо шоирӣ ва нависандагӣ, балки бо рӯзноманигорию матбуот ва инчунин драматургия низ вобаста аст. Дар он замонаи тираву тор ба ин кор иқдом кардани Фитрат осон набуд. Вай қабл аз ҳама мехост усули таълимро аз бадбахтиҳои домангир наҷот диҳад. Ҳарфҳои зерини ӯ дуди ҳасрати дили пурдарди ӯянд, ки аз ғами бедонишии қавм ва усули хароби давлатдорӣ шарҳа-

шарҳа, гашта, имрӯз низ хеле – хеле замонӣ ба гӯш мерасад. Таваҷҷӯҳ кунед. Фитрат чӣ мегӯяд? «Мо Туркистониҳо бо он ки муддати бист сол бо камоли машаққату меҳнат таҳсил мекунем ва бо он ки таҳсили бистсолаи мо ба забони арабӣ ҷорист, бо он ки ҳамагӣ улуме, ки мо мехонем динӣ аст чаро дар миёни мо олиме, як масъалаи фақеҳияро бо куллиёти усули фиқҳ татбиқ кунад, надорем? Чаро аз фозиле, ки аққалан сад касеро ба давраи худ ҷамъ карда, аз ҳадиси Шариф дарс гӯяд, маҳрумем? Чаро як муфассире, ки ҳосили маънои як ояти Каримро ба мо фаҳмонад намебинем? Чаро…Чаро!?».

Бубинед, Фитрат қаблан аз усули таълими дин танқид мекунад. Ба назари ӯ коре, ки мадрасаҳо бояд иҷро кунанд ҳамин аст, вале ҳамин кор низ натиҷаи ҳеҷ доштааст. Фитрат дар рисола барномаи мукаммали инсони комилро, ки бояд дар пешрафти илму фарҳанг ва ҷанбаи иқтисодии кишвар саҳмгузор бошад, тартиб медиҳад. Ин барнома роҳҳои дастёбӣ ва пешрафти иқтисодро низ шарҳ дода, дар ин замина пешрафти кишоварзӣ, саноат ва тиҷоратро шарти муҳими ислоҳот медонад. Бисёр мулоҳизаҳое, ки Фитрат баён кардааст, имрӯз низ муҳим ва корбасти онҳо судманд мебошад. Аз ин мавқеъ арзиши ин рисола, бо гузашти замон кам нашуда ва низ кам нахоҳад шуд. Ана ба ҳамин далел чеҳраи ин марди ватанпарвар барои бозмондагонаш, ки насли имрӯз аст, бояд азиз ва мукаррам бимонад.

Боиси таассуф аст, ки замонаи номард дар хаққи Фитрат ва даҳҳо ҳаммаслакони ӯ носипосӣ кард. Баъд аз инқилоб нигилистон ва пайравони сотсиологизми вулгар борҳо Фитратро бадном карданӣ шуданд ва ин тоифаро адиби оташинқалам дар як шеъри худ «сияҳтинатони ниқоби сурхпӯш» номидааст:

Фитрат, махӯр фиреби сиёҳтинатони зуҳд,
Ҳарчанд бастаанд ба ораз ниқоби сурх.

Ва ниҳоят ин «сияҳтинатон» солҳои ҷабри сталинӣ ба муроди нопоки худ расиданд. Онҳо гуноҳҳои набударо ба сари Фитрат бор карда, аввал таъбидаш карданд, баъд ўро ба қатл расониданд. Имрӯз дар оғози садаи нав чеҳраи Фитрат аз ҷилдҳои кутуби меросгузоштааш бо ҳамон покиву ҷаррорӣ, ҳақгӯиву ҳақҷӯӣ ва арҷманди поку беолоиш ва азизу гиромиқадр ба назар меояд.

Асари дигари ӯ «Оила» дар боби масъалаҳои ислоҳи ҳаёти оилавӣ баҳс мекунад. Адиб суннатҳои неки оиладориро дастгирӣ карда, мухолифи ҳама гуна хуруфот аст. Дар ин боб вай бо Аҳмади Дониш ҳамфикр мебошад.

Саҳнаи фаъолияти Фитрат дар он замони мураккабу ихтилофнок васеъ буд. Ӯ аз аввалин адабиётшиносон буда, мақолаҳои пурмазмуни «Сайфи Исфарагӣ», «Луғати Ҳофизи Убаҳӣ» ба қаламаш таалуқ дорад. Фитрат дар таҳияи алифбои лотинии тоҷикӣ низ саҳми арзанда гузоштааст.

Фитрат афкори иҷтимоиашро асосан дар асарҳои насриаш ифода кардааст. Яке аз чунин навиштаҳои ҷолиби ӯ «Аморати Бухоро» мебошад, ки соли 1930 ба забони тоҷикӣ нашр шуд. «Дар ин асар, - менависад Х.Мирзозода, - моҳияти зидди халқии хонадони манғитияи Бухоро фош ва ақидаҳои зидди феодалии муаллиф, ки дар асарҳои пеш аз инқилобаш равшан таҷассум ёфта буданд, ҷамъбаст шудаанд».

Фитрат бо мақола ва гузоришоти илмиву иҷтимоии худ мунтазам дар рӯзнома ва маҷаллаҳои давр – «Тӯрон», «Бухорои шариф», «Ойина», «Ҳуррият» ва ғайраҳо баромадҳо дошт. Аз ҷумла, мақолаҳои «Забонамон», «Гаҷакҳои ночасп» аз зумраи мақолаҳои танқидӣ-илмии Фитрат ҳисоб меёбанд.

Фитратро дар илми адабиётшиносӣ ҳамчун драматург низ мешиносанд, ки ба қалами ӯ якчанд драмаҳо тааллуқ доранд. Аз ҷумла «Ихтилочиёни Ҳинд», «Абулфайзхон», «Арслон», «Чин севиш» ва ғайраҳо. Муҳимтарин ҷиҳат барои мо дар ҳамин аст, ки Абдурауф

Фитрат соли 1926 драмаи таърихии «Шӯриши Восеъ»-ро ба забони тоҷикӣ иншо намуд ва бо ин асари худ дар пайдоиши драмаи миллии тоҷик саҳми хубе гузошт. Инчунин ба қалами ӯ асарҳои публитсистӣ-драмавии «Роҳбари наҷот» (1915), «Оила» (1916), «Бегиҷон» (1916), «Мавлуди Шариф» (1916), «Абу Муслим» (1916) тааллуқ доранд, ки намунаҳои нодире ҳисоб меёбад.

Соли 1937 дар санаи 23-24 апрел Фитрат бо айбдории миллатчӣ, аъзои ташкилоти аксулинқилобӣ ба ҳабс гирифта шуд ва соли 1938 дар санаи 5 октябр бо қарори бригвоенюрист Алексеев, бригвоенюрист Зайдев ва нафарони дигар ҳукми парронданбароварда шуд ва пеш аз ҳукм он амалӣ гардид; – 4 октябри соли 1938.

Савол ва супоришот:

1. Дараҷаи тадқиқ ва омӯзиши ҳаёт ва фаолияти эҷодии Абдурауф Фитрат.
2. Фитрат ва маорифпарварони нимаи дуюми асри XIX.
3. Осори манзуми Абдурауф Фитрат.
4. Фитрат ва осори насрии ӯ.
5. Омӯзиши аҳвол ва осори Фитрат дар хориҷа.
6. Хусусиятҳои жанрии асарҳои Фитрат.
7. Фитрат-публитсист.
8. Ашъори миллии Фитрат ва мазмуну мундариҷаи ғоявии он.
9. Фитрат шоири зуллисонайн.
10. Фитрат ва ҳаракати таҷаддудхоҳӣ.
11. Масъалаи мактабу маориф ва ислоҳи ин система дар осори Фитрат.
12. Омилҳои ташккули афкори маорифпарварӣ дар осори Фитрат.
13. Драматургияи Фитрат.
14. Фаъолияти публитсистӣ ва илмии Фитрат.
15. Мавқеи Фитрат дар адабиёти тоҷику ӯзбек ҳамчун нависанда ва шоиру драматург.

Саид Аҳмад Сидиқии Аҷзӣ

Нуктаҳои асосӣ:

1. ***Дараҷаи омӯзиши ҳаёту фаъолияти эҷодии Саидаҳмади Аҷзӣ.***
2. ***Муҳити адабии Самарқанд ва таъсири он ба осори Аҷзӣ.***
3. ***Равияҳои асосии эҷодиёти Аҷзии Самарқандӣ.***
4. ***Мавқеи жанри ғазал ва хусусиятҳои ба худ хоси он дар осори Аҷзӣ.***
5. ***Маснавиёти Аҷзӣ ва мазмуну мундариҷаи ғоявии он.***
6. ***Аҷзӣ ва адабиёти таҷаддудхоҳии тоҷик.***

Омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Саидаҳмади Сиддиқии Аҷзӣ аз нимаи дуюми асри XX диққат ва эътибори олимони тоҷику ӯзбекро ба худ ҷалб намуд. Ин кӯшишот аз солҳои 60-80–уми асри гузашта боз ҷиддитар сурат гирифт. Дар хусуси аҳвол ва осори ин адиб нахуст дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ маълумот пайдо намудан мумкин аст. Аммо баъд аз ин дар бораи ҳунари шоирии ин адиб ва хусусияти муҳимтарини ашъори ӯ то солҳои 60-уми асри XX тадқиқоти алоҳидае дучор намеояд. Бо саъй ва эҳтимоми олими шинохтаи тоҷик Холиқ Мирзозода ва Солеҳҷон Ҳалимов аз ҳамин давра сар карда тадқиқи

илмии осори ин адиб сурат гирифт. Номи ӯ Саид Аҳмад, номи падараш Сиддиқ аст. Тахаллуси шоириаш Аҷзӣ. Вай соли 1868 дар оилаи косиб Сиддиқ дар гузари Ёминии шаҳри Самарқанд таваллуд шудааст. Аҳмад дар панҷсолагӣ аз падару модараш ятим монд ва тарбияи минбаъдааш ба зиммаи тоғояш, ки вай ҳам косиби шоҳибоф буд, афтод. Зани тоғояш – зани босавод, ҳатто мактабдор ҳам буд. Хату саводи Аҳмад дар зери роҳбарии зани тоғояш баромадааст. Аҳмад баъд аз хатми мактаби ибтидоии кӯҳна ба мадраса рафт ва дар он ҷо то «Шарҳи мулло» ном китоб, ки сарфу наҳви арабӣ аст, хонд. Саид Аҳмад бачаи илмдӯст, сертараддуд ва дар соҳаи дониш серкӯшиш буд. Аммо усули таълими мадраса ва мундариҷаи он Сиддиқиро қаноат намекунонд. Вай баъдҳо мундариҷаи пучи таълими мадраса ва фақат саллаву ҷома доштан-шакли берунӣ доштан, вале беилм будани муллоён, мударрисон ва муллобачагони замонашро дар маснавии «Миръоти ибрат» (Оинаи ибрат) ба тарзи зерин баён кардааст:

Дар он дорулфунунҳои мунаққаш,
Имороти баланду хубу дилкаш
Чӣ мехонанд, медонӣ, бикун гӯш:
Шунав бо гӯшу маҳкам гир бо ҳуш!
Ба наҳву сарф умре сарф созанд,
Ба рӯзе як сабақ гиранду бозанд.
Бувад ҳар рӯзашон як ҷумла таҳсил,
Ки дар ҳар ҳафта се рӯз аст таътил.
Мисоли дарси якрӯзина з-ин амр,
Фақат аз мушти Зайду каллаи Амр
Бад он рафтори мушкил солҳо чанд,
Бихонанду бихонанду бихонанд.

Аз як тараф қаноат накунондани мундариҷаи дарси мадрасаҳо ва аз тарафи дигар тангии иқтисод Сиддиқиро маҷбур кард, ки мадрасаро тарк кунад. Вай бо касби падар-шоҳибофӣ машғул шуд. Дар айни замон бо ташаббуси худ дар дасти муаллимони шахсӣ забони русиро омӯхт.

Дар охирҳои асри XIX маҳсулоти хушсифат ва арзони саноатии рус, дар бозори рақобат бозори маҳсулоти ҳунармандии косибони

маҳаллиро шикаст медод ва аҳли ҳунар хонавайрон мешуд. Сиддиқӣ яке аз он косибони шикастхӯрда буд. Вай дар Бухоро беҳтар будани аҳволи ҳунармандонро тасаввур карда, аз Самарқанд ба Бухоро рафт ва бо шоҳибофӣ машғул шуд. Вале дар он ҷо ҳам аҳволи косибон бад буд. Сиддиқӣ дар Бухоро бо ташвиқи шоирон-дӯстони бухориаш ба услуби анъанавӣ ба шеъргӯӣ шурӯъ намуд.

Дар солҳои охири асри XIX аҳволи бади косибон ва меҳнаткашон шуури шоирро бедор кард. Ба бедрии шоир ғайр аз ин забондонӣ, аз матбуоти даврӣ бохабар будан ва хондани рӯзнома ва китобҳои тараққипарварӣ низ сабаб шуда буданд. Вай на танҳо ба ҷамъияти мавҷудбуда, амирон ва руҳониён нафрат пайдо кард, балки ба адабиёти равияи анъанавӣ ва суханҳои такаллуфии кӯҳна низ бо назари нафрат нигоҳ карда, ҳатто шеърҳои ба услуби кӯҳна навиштаи худро сӯзонда партофт ва ба навиштани шеърҳои тараққипарварона шурӯъ кард.

Аҷзӣ дар солҳои 1900-1901 сафари мамлакатҳои Ғарбро ба худ лозим донист. Аҷзӣ бо баҳонаи ҳаҷ ба воситаи Руссия ба сафари мамлакатҳои атрофи баҳри Миёназамин рафт. Вай дар вилояти Ҳиҷоз чанд вақт дар консулхонаи рус ба сифати тарҷумон кор кард. Забони русӣ, арабӣ, туркӣ ва форсиро хуб донистан ба вай ин имкониятро дода буд. Вай Руссия, Арабистон, Миср ва баъзе шаҳрҳои Туркияро дида, соли 1903 боз ба ватанаш баргашт ва бо ташвиқоту тарғиботи илму маорифи нав, техника ва илми Аврупо, омӯхтани забонҳои хориҷӣ, хусусан, русӣ маданият ва адабиёти мамлакатҳои мутараққӣ, танқид кардани ақибмонии фикрӣ, илмӣ, техникӣ шурӯъ кард ва барои тараққии умумӣ зарурияти омӯхтани забони хориҷиро нишон дод. Дар ин бора дар достони «Миръоти ибрат» ва «Анҷумани арвоҳ» фикрҳои равшани адиб дида мешаванд:

Мусулмонон чаро дар мактаби рус,
Намехонанду месозанд номус?
Аз ин номус нуқсонҳо биёбанд,

Шавад рӯзе, ки ҷӯянду наёбанд.
Забони ӯ туро н-орад ба ҷуз суд,
Расӣ аз илми русӣ сӯи мақсуд,
Бихонӣ дар мактабҳои русӣ,
Шавӣ алломаи машҳури тӯсӣ.
Биёмӯзад туро илму тиҷорат,
Зи илму ихтироу тиббу ҳикмат.
Дигар илми зироатро надонӣ,
Яқин дон, доимо мӯҳтоҷи нонӣ,
Намебинӣ магар асбобу олот,
Мавошинҳо гиромофуну соот
Телефун, тилиграф, оташароба,
Чи махмалҳои зебову духоба,
Чи гӯям, ҷумла санъатҳо, ки донанд,
Тариқаш ҷумла дар мактаб бихонанд.
Агар сесад забон донӣ, фузун нест,
Ҳама рӯзе ба кор ояд, забун нест.
Надонӣ гар забони давлати худ,
Пушаймонӣ надорад оқибат суд!

Баъди сафар бо тамоми қувват ва дониши худ ҳам дар корҳои амалӣ, тадрису, талқин ва ҳам дар корҳои эҷодӣ, тарғиби фикрҳои тараққипарварӣ, маорифпарварӣ шурӯъ кард. Барои тараққии ватани худ қабул шудани маданият ва техникаи Аврупоро зарур шуморид:

Агар аз зиндагӣ дорӣ уммед,
Урупо ҳарчи медонад, бидонед!

Аз ин сабаб аст, ки ба таънаву таҳқиру сарзаниш ва кофир эълонкуниҳои рӯҳониёни ҷоҳил, миллатчиён ва дигар нодону ҷоҳолон нигоҳ накарда, халкро ба омӯхтани забон, адабиёт ва маданияти мамолики мутараққии Аврупо ҳидоят кард ва худаш намунаи беҳтарини ин корро нишон дод. Аҷзи ба ташвиқу тарғиби маданият маҳдуд нашуда, ба корҳои амалӣ ҳам сар кард. Барои тараққиёти маданият ва илму адаб аз худ кардани техникаи нави Аврупо, кушодан ва тараққӣ додани мактабҳои нав, таъсиси матбуоти мазмунан тараққипарваронаро зарур шуморид. Бинобар он дар соли 1903-1904 дар шаҳри Самарқанд бо

кӯшиши худ мактаби усули нав кушода, худ ҳам директор ва ҳам муаллим шуда, ба таълим додани толибилмон ва атфол оғоз намуд, афзалияти мактаби навро нисбат ба мактаби кӯҳна нишон дод ва барои мактабҳои усули нав китобҳои дарсӣ навишт.

Вай бо кушодани мактаби нав, хондани кӯдакон қаноат накарда, мактабҳои шабонаи калонслон кушод. Ғайр аз ин дар кӯчаи Растаи нав (кӯчаи Регистони ҳозира)-и шаҳри Самарқанд бо номи «Зарафшон» дӯкончаи асбобу анҷомҳои хониш кушод. Ба воситаи ин дӯкон китобҳои дарсӣ, илмӣ-адабӣ, рӯзнома ва маҷала, харитаҳои географӣ ба фурӯш гузошта шуд. Худаш ба рӯзнома ва маҷаллаҳои даврӣ ва журналҳои тараққипарварона муштарӣ буд.

Шеърҳо ва достонҳои дар солҳои ҷанги якӯми ҷаҳон (1914- 1918) навиштааш нишон медиҳанд, ки вай ба ҷаҳонгирон лаънатҳо гуфта муборизони озодихоҳи халқи сербро, ки барои истиқлолияти миллиӣ ва ватан мубориза карда буданд, тарафдорӣ ва табрик намудааст. Инро достони напурраи аз ҳаёти сербҳо гирифтаи ӯ исбот мекунад. Гузашта аз ин вай асрҳои Толстой, Гоголь, Тургенев, Лермонтов ва дигаронро дӯст дошта мехондааст. «Шинель» ном ҳикояи Гогольро тарҷума кардани ӯ маълум аст.

Соли 1918 Аҷзӣ ба вазифи раиси қӯмитаи адлияи вилояти Самарқанд таъин шудааст. Вай дар ин вазифа то соли 1922 кор кард ва баъд бо сабаби касалӣ аз хизмат озод карда шуда буд. Вай баъд аз ин боз ба корҳои педагогӣ машғул гашт. Дар қишлоқи Ҳалвоии шаҳри Самарқанд, дар мактабе, ки худаш бино карда буд, ҳамчун муаллим ва раҳбари мактаб фаолият нишон додааст. Дар соли 1925 раёсати маорифи Ӯзбекистон хизмати 25-солаи дар соҳаи маорифи халқ кардаи ӯро ба назар гирифта ба вай номи фахрии муаллими хизматнишондодаро дод ва нафақаи якумрӣ таъин кард. Аҷзӣ дар соли 1927 дар қишлоқи Ҳалвоии Самарқанд вафот кард.

Мероси адабии Аҷзӣ ва хусусиятҳои асосии осори лирики ӯ. Мероси адабии Аҷзӣ нисбат ба мероси адабии ҳамзамононаш хеле зиёд аст. Аз вай ду маҷмӯаи шеърҳои лирикӣ - «Ганҷинаи Ҳикмат» (1914, литографияи «Азия» шаҳри Тошканд), «Айнуладаб» (1915) ва ду маснавӣ мондааст, ки яке бо номи «Миръоти иборат» (соли 1912, матбааи «Шарқ» шаҳри Тифлис), дигаре бо номи «Анҷумани арвоҳ» (соли 1912, боз дар ҳамон ҷо) боқӣ мондааст. Ғайр аз инҳо, парчаҳои номатбӯъ, нотамом, достони нотамом, ва як асари насрӣ бо номи «Мукалимаи фаҷия» (фоҷияҳо) мавҷуд будааст, ки то ҳол ба даст надаромадааст.

Дар асарҳои Аҷзӣ фикрҳои тараққипарварӣ, маорифпарварӣ, тарғиби мактаби нав, маданият ва техникаи нав, мубориза алайҳи нодонӣ, ҷаҳолат, зидди рӯҳониёни зоҳирпараст, феодалҳо ва монанди инҳо ҷой гирифтааст. Масалан парчаҳои зеринро бинем:

Эй ҳавои мушкомезат сафобахши фазо!
В-эй ғуборат дода бар оинаи олам ҷило!
Бӯалӣ як сар зи хоки ҳикматомезат асар,
Хислати хокат ду сад аллома бардорад ба по.
Равнақафзои баҳорат буда боғи иҷтиҳод,
Зинаторои канорат чашмаи чанде з-авлиё
Кист ҷуз Исову Мӯсо ҳосили имрӯзаат?!
Ку Абулайси фақеҳат, Шайх Мансурат куҷо?!
Эй Самарқанд,эй биҳишт,эй махзани ирфону илм!
Хуфта дар зери лиҳофи ғафлатат бинам чаро?!
То кай аз хоки шарифат сар кашад дунпарварӣ?
Чанд ин ҷисми латифат ҷаҳл созад зери по?!
Чашмаи фазлу фунунат гашт аз дасти кӣ кӯр?
Фитнаро абвоб бар рӯят шуд аз дасти кӣ во?
Ҷуббаву дастори холиро шавӣ бозор чанд?
Чун Бухоро ном бифрӯшӣ, худоро то куҷо?
Бас кунун арзи тоғофул, интизоронро нигар!
Бори дигар чашмаҳои чашми ирфонат кушо!
Яъси маъюсӣ басо уммедворам мекунад.
Шояд, эй Аҷзӣ расад офат ба ин кирму вабо!

Дар ин шеър сухан дар барои ватан ва макону манзили шоир-Самарқанд аст. Шоир бо ҳиссиёти амиқи ватанпарварӣ табиат, обу ҳаво, зебоӣ, дар таърих маркази илму маданият будани он, Бӯалӣ–Сино, Фақеҳ Абӯлайс ва Шайх Мансур барин олимони номдор доштан ва дар оянда ҳам ба расонидани олимҳои забардаст лаёқат доштани ин шаҳр бовар дорад. Суханони шоир дар бораи зодгоҳи худ суханони оддию муқаррарӣ нест. Ин суханони дардноки миллӣ аст. Шоир дар шеър аз худшиносӣ, ифтихори миллӣ, худогоҳии таърихӣ ва эътиқод ба гузаштаи шоён, бунёди олами мутамаддини шаҳри Самарқанд ҳарф мезанад. Ин ғояи асосии ғазали мазкур аст. Шеърро чун шеърҳои Абдурауф Фитрат дар радифи ашъори миллия номбар кардан мумкин аст. Дар он такаллуф ва суханбозиҳои зиёдатӣ нест. Шеър дар асоси унсурҳои реализми танқидӣ гуфта шудааст ва бинобар ҳамин он ба типи шеърҳои нави ибтидои асри XX дохил мегардад. Дар он шайхони ҷоҳил, амалдорони мунофиқ, ки дари иғвову фитнаро ба рӯи ӯ кушода буданд, танқид карда мешавад. Шоир тасвир мекунад, ки Самарқанд ба ҷои бозори илму фазл, ба бозори худфурӯшӣ, худписандӣ, пастӣ, зоҳирпарастӣ, макони ҷоҳилон мубаддал гаштааст. Аҷзӣ дар шеър аз гузаштаи шаҳри азизаш, сайқали рӯи замин будани ин шаҳр, аммо дар шароити зиндагии шоир чун «Бухорои шариф» номи хушку холӣ доштани он дар таассуф аст. Ҳиссиёти шоир дар шеър хитобӣ, интибоҳӣ аст, он бо афсӯсу надомат аз гузаштаи ин шаҳри азим ёд мекунад. Шоир ба ҳамватанони худ мурочиат карда, ба сӯи интизорони илму дониш ва тараққиҳоҳони вай кушодани чашмаҳои фазлу донишро орзу мекунад ва аз маъюсӣ ба умед омада, ба мунофиқон, рӯҳониёни ҷаҳолатпарвар ва амалдорони тирадил расидани ягон офатро орзу мекунад. Вожаи Ватан дар ашъори Аҷзӣ низ мисли ашъори шоирони дигари маорифпарвар характери иҷтимоӣ касб кардааст.

Ин аст, ки таҳаввулу таҷдиди аломатҳои асосии жанри ғазал дар ин давра ба номи Садри Зиё, Аҷзӣ, Айнӣ, Фитрат, Ҳоҷӣ Муин, Иброҳими

Ҷуръат, Фахриддини Роҷӣ сахт марбут аст. Чуноне ки дар боло дидем, тафовути байни ғазалиёти адабиёти аввали асри XX ва ғазалҳои адабиёти классикӣ, қабл аз ҳама, дар мундариҷа, мавзӯъ, ғоя, мазмун, тарзи тасвиру услуби гуфтор ва сохти он зоҳир мегардад. Таҷаддудгароён асосан, афкору ақоиди пешқадами замонавӣ ва ғояҳои нави ҳаётиро дар қолабу жанрҳои анъанавии классикӣ ифода намудаанд. Зеро тарғибгари асосӣ ва минбари эълону ташвиқи ин ғояҳо, қабл аз ҳама, адабиёти бадеӣ буд. Аз ин рӯ, дар инкишофу рушди ғояҳои аслии маорифпарварӣ, тарғибу ташвиқи мазмунҳои тозаи иҷтимоӣ адабиёт ҳамчун воситаи асосӣ таъсири пурсамар гузошт. Дар эҷодиёти Саидаҳмад Сиддиқии Аҷзӣ ғазал мақоми хос дорад. Дар оғоз ашъори лирикии ӯ аз лиҳози мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявӣ пойбанди анъанаҳои классикӣ буда, мавзӯъҳои асосии ин навъи ашъори ӯро мавзӯи азалии ашъори лирикӣ–ишқу ошиқӣ ташкил медиҳад. Дар тазкираи Неъматуллоҳи Мӯҳтарам «Тазкират–уш–шуаро» ду намуна аз ғазалҳои Аҷзӣ дар мавзӯи ишқу ошиқӣ оварда мешавад, ки матлаи яке аз онҳо ин аст:

Ғалтида бар ораз зи по зулфат чу паҳлӯ мезанад,
Ҳар дам ба ҷони ошиқон сад ханҷар он мӯ мезанад. [1]

Дар равияи анъанавӣ ва пайравӣ офарида шудани ин ғазал аз он ҷиҳат низ муайян аст, ки оҳангу услуби офариниши он матлаи зерини ғазали Шавкати Бухороиро ба хотир меорад:

Ҳар куҷо наққош нақши он парирӯ мекашад,
Чун ба райҳони хаташ навбат расад бӯ мекашад.[2]

Ғазале, ки бо ин матлаъ оғоз мешавад, дар «Намунаи адабиёти тоҷик»–и С.Айнӣ баъди зикри ному тахаллус, санаи вафоти Шавкати Бухороӣ дарҷ гардидааст. Ин чиз бар он гувоҳ аст, ки дар марҳилаи аввали эҷод Аҷзӣ дар асоси анъана ва пайравӣ шеър месуруд. Аммо дар марҳилаи дуюми эҷодиёти шоир тамоман манзараи дигарро мушоҳида

[1] Муаллифон. Ганҷи зарафшон. –Душанбе: Адиб, 1991, 1990. Саҳ.-91
[2] Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. –Москва: Чопхонаи марказӣ, 1926. Саҳ.-160

кардан мумкин аст. Вай тадриҷан ба масъалаи шеъру шоирӣ ва мавқеи он дар ҷамъият назари нав пайдо кард. Дертар аз рӯи тамоюлоти нави адабӣ–эстетикӣ моҳияти шеър, умуман, раванди эҷодиро ӯ чунин эзоҳ додааст:

Ба сар чоҳе кан, обе каш зи баҳри манзилободӣ,
Хаёли осмонгардӣ макун бош аз заминиҳо.[1]

Ё худ дар ғазали дигари ӯ, ки дар ҳамон «Намуна»–и устод С.Айнӣ омадааст, гуфта мешавад:

Ноумедӣ дар намоишгоҳи ибрат мотам аст,
Ҳар қадар беш аст саъй, матлаби ирфон кам аст. [2]

Ин хитоба ва даъватест ба шоирони давраи худ, ки Аҷзӣ онҳоро барои дур шудан аз тасвири холу хати маъшуқа, тасвирҳои мавҳуму мубҳами такаллуфпардозона ангехта, баҳри манфиати мардуму миллати ғафлатзада, озодию ободии мамлакат саъй кардан даъват месозад. Аввалин ҷиҳате, ки аз байти якум ба назар мерасад, масъалаи худшиносист. Ин масъала дар аксарияти ашъори шоир чун хати сурх муайян аст. Дар ғазалиёти Аҷзӣ ҳолати ҳузнангезу дилафгори кишвари ғафлатзадаи беҳуқуқ, ҳаёти фарсудаи мардуми аз илму ирфон фарсаххо дур, амалиёти ҷаҳолатпарастони динӣ, сиёсати мустаъбидонаи мамолики хориҷа бо тамоми аломатҳояш хеле муассир ва шоирона баён гардидааст. Мазмунҳои интибоҳӣ ва танбеҳӣ доштани ғазалиёти Аҷзӣ аз ҷониби Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ҳанӯз дар чаҳоряки авали асри XX таъкид гардида буд. Бинобар гуфтаи вай «ин абёт ҳама интибоҳӣ ва танбеҳист, ҳар байти ин шеърҳои ӯ як олам маънию мазмун доранд ва зинҳор ки сар–сарӣ нагзаранд»[3]. Аслан ҳам ғазалиёти шоир собиткунандаи фикри болоиянд. Даъват ва хитобаҳои дигари Аҷзӣ дар ғазалиёти ӯ ҳамоно қувват гирифта иқтидор пайдо мекунад. Барои мисол шакли пурраву комили намунаи як ғазали маорифпарварии Аҷзиро меорем:

---

[1] Ҳамин китоб.Саҳ.- 433
[2] Ҳамин китоб.Саҳ.- 434
[3] Ҳамин манбаъ. Саҳ.- 433

Боғе, ки дар ӯ нест зи ирфон самар, ин ҷо,
Халқе, ки надорад сӯи ибрат назар, ин ҷо.
Ҷамъе, ки фурӯ рафта ба дарёи тағобун,
Баҳре, ки надорад зи маориф гуҳар, ин ҷо.
Чун мардумаки чашм ҳама тирадилонанд,
Аз мардумии даҳр набошад асар ин ҷо.
Ҳар қавм зи таҳқиқ сӯи мо назар андохт
Гӯяд, ки дар ин бодия ин мушти хар ин ҷо.
Ин мурдадилонро кафан аст ҷуббаву дастор,
Кас мурдаи ҷунбанда набинад магар ин ҷо.
То чанд зи худ бехабарӣ, баҳри худо гӯй,
Як бор ба худ ову ба ибрат нигар, ин ҷо!
Аз номфурӯшӣ чӣ кунӣ саъйи тиҷорат?
Суде натавон бурд каси беҳунар ин ҷо.
Моем фурӯмояи дунёву ҳам уқбо,
Шарманда дар ин маъракаву ханда дар ин ҷо.
Аҷзӣ, чӣ хӯрӣ ғуссаи ин қавми парешон,
Ҳар як ба саре сохта савдо дигар ин ҷо.[1].

«Халқе, ки таърихи худро намедонад, оянда надорад» мегӯяд сарвари мамлкат Ислом Абдуғаниевич Каримов.[2] Дар ғазали мазкур шоир амиқан сарфаҳм рафтааст ва худшиносонаву худогоҳона таъкид менамояд, ки ин мамлакат ва ин диёр мисли боғест, ки дар он аз ирфону илму дониш самаре дида намешавад ва баддтар он аст, ки халқи ин мамлакат низ назари ибратомӯз надорад ва он дар хоби ғафлат аст. Дар ин мамлакат ва сарзамин ҷамъе - издиҳоме гирд омадаанд, ки ҳама гирифтори фиребу макру ҳиял ҳастанд ва дар дарёи тағобун – маккорӣ ғарқ гаштаанд ва ин ҷо мисли баҳрест, ки аз маориф гавҳаре надорад. Ин мардум чун гавҳараки чашм тарсончаку ларзончак ҳастанд, тирадил ҳастанд ва аз он ки дар дунё чи қадар табаддулоту тараққиёт ҳаст бехабар ҳастанд ва аз он тамаддуну тараққиёт дар ин сарзамин нишонае ҳам нест. Агар таҳқиқи ин мардуми мо аз назари дигарон амалан сурат гирад, маълум мешавад, ки ба ғайр аз ҳайвоноти саворӣ дар ин бодия чизе дигар нест. Бо ин ташбеҳоти обдору нешдор ва даъвату хитобаҳо шоир заҳри килки хешро сӯи бехабарони аҳволи худ, яъне мардуми

[1] Ҳамин манбаъ. Саҳ.-434
[2] Каримов И. Истиқлол ва маънавият. –Тошкент: Ӯзбекистон, 1994. 4- бет.

ғафлатзадаву маънан хобидаи аморати Бухоро ва шаҳру навоҳии Самарқанд ва атрофу акнофи он мерезад.

Шоир то қадре аз аҳволи мардум огоҳ ва бохабар аст, ки мардуми ғафлатзадаро ба мурдадилону мурдаи ҷунбанда ташбеҳ менамояд. Ва сурати зоҳирии онҳоро, ки дар оғозгоҳи асри гузашта аз рӯи ҳамин карру фари одамон ба инсон баҳо медоданд ва чӣ қадар, ки саллаву ҷома калон бошад, гӯё он шахс мӯътабартарин ва шарифтарин зоти инсон маҳсуб мешуд, ба кафан нисбат медиҳад ва мардуми андаруни ин либосвориро ба мурдаи ҷунбанда шабеҳ менамояд.

Шоир ва қаҳрамони лирикии шеърро охир косаи сабр лабрез мешавад ва иддао менамояд, ки то кай дар ин ҳоли табоҳу вазнин гирифтор мегардӣ, охир ту ба худ ой ва ба аҳволи худ бо ибрат бинигар, ки чӣ ҳоле табоҳ дорӣ?!. Ту бояд ҳунар омӯзӣ ва аз ҳунар чизе рӯйиданаш мумкин аст, бояд фақат аз номфурӯшӣ ту гузар намоӣ. Зеро дар ин сарзамину дар ин гуна ҳолати вазнини ҷамъият одами беҳунар хору зор хоҳад шуд. Мо имрӯз фурӯмоятарин шахсони дунё ҳастем ва ҷамъияти қафомондатарин ҳастем, аз ин рӯ ҳам дар ин дунё ва ҳам дар он дунё ҳоламон бад аст, чунки дар ин маърака (шоир ҳамҷамъиятии ҳамонрӯзаи ҷаҳонро дар назар дорад) шарманда ҳастему дар он дунё низ боиси хандаву масхара қарор хоҳем гирифт.

Дар охирбайти ин ғазал Аҷзӣ ишорат ба он менамояд, ки ғами ин қавми парешонро хӯрдан суде надорад, зеро ҳар яки инҳо ба сари худ савдоеву дарди худро доранд.

Равшан аст, ки ғазали мазкур шаклан (аз лиҳози қолаб ва сохтору вазн) ба тамоми талаботи анъанавии поэтикаи меъёрии адабиёти классикӣ ҷавобгӯ мебошад. Яъне аз лиҳози қофиябандӣ (аа, ба, ва, га), вазн ва миқдори байтҳо (9 байт), сохти бандубаст – композитсионии вай ба ғазали анъанавӣ комилан шабоҳат дошта, дигар ҳама унсурҳо нав мебошанд. Ба эътибори ҳамин мазмун ва унсурҳои нави шаклӣ, инчунин ғоя, мавзӯи тоза, методи навишт ғазали мазкурро бо ғазалҳои анъанавӣ

айнан як шуморидан хатои маҳз аст. Мавзӯи ғазал тасвири ҳолати ақибмондагии мамлакат ва бесаводию ғафлатзадагии мардум аст. Ба ақидаи муҳаққиқи шинохтаи тоҷик Х.Шарифов «Мавзӯъ чизе куллӣ ва ом аст, тарафи шахсӣ ва шахсият дар ҳунар ва эҷод зоҳир мешавад. Ин ба тарзи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста аст, ки тағйирёбанда тасаввур мешаванд. Дар ҳолати ягонагӣ ва умумияти мавзӯъ ва ҳунар воситаи зуҳури шахсият будан, ба ҷои аввал оҳанг (мотив)–и сухан мегузарад. Зеро дар тарзи монологии сухан (чунончи аксаран ба жанри ғазал хос аст – С.Х.), ки шакли балоғӣ (хитобӣ, риторикӣ)–ро мегирад, сифати калом ба вазъ ё муносибати объект ба субъект вобаста аст на баръакс. Барои ҳамин оҳанги сухан ҳам вазифаи шакли ифодаро дорад ва ҳам маъноро. Дар натиҷа оҳанги гуфтор дар шакли ифода як навъ сарбастагии маъноро мегирад. Аз ҳамин ҷо ягонагии шаклӣ ва композитсионии ғазал ба вуҷуд меояд»[1]. Ин аст, ки ягонагӣ ва таносуби шаклу мазмун дар ғазали болоӣ нигоҳ дошта шудааст ва он дар асоси умумияти мавзӯъ, оҳанги сухан ва назари воқеии шоир ва ё қаҳрамони лирикӣ сурат гирифтааст. Дар ғазал мазмунҳои эътирозиву «интибоҳӣ» ва «танбеҳӣ» руҳи исёнгаронаи қаҳрамони лирикиро пурқувват намудааст. Ӯ дар баёни ҳолату зиндагии мардум, ки ақибмондаву ғафлатзада буданд, аз таъбирҳои хеле тезу тунди интибоҳӣ, гӯишҳои халқӣ ва ё «ағлоти урфӣ» (луғат ва калимот аз гӯишҳои мардум) истифода мебарад ва ин чиз дар адабиёти оғози асри ХХ ҳодисаи типологӣ буда, сабку услуб, тарзи гуфтору забони шеъри шоиронро дигаргун кардааст. Ташбеҳу истиорот ва рамзу маҷозҳои омиёна ва таъбиру ибороти «сияҳдилу тирадил», «мушти хару мурдаи ҷунбанда», «худбехабару номфурӯш», «шармандаву фурӯмоя» «шармандаи маърака» ва «қавми парешон» дар ғазали Аҷзӣ як навъ ифодагари оҳангҳои халқона ва воқеияти зиндагии мардум дар шеър шудаанд, ки

[1]Шарифов Х. Шоир ва шеър. (Маҷмӯаи мақолаҳо. // Мазмун ва шакл дар шеъри имрӯаи мо.) – Душанбе: Адиб, 1998. Саҳ.- 131.

тозагию навгонии сабку услуби онро таъмин намудааст. Дар баробари ҳамин воситаҳои тасвири бадеӣ, яъне «мушти хар», «мурдаи ҷунбанда», «шармандаи маърака», «қавми парешон» характери умумӣ, иҷтимоӣ ва ҳаҷвӣ касб намудааст. Истиора ва маҷозҳои ғазали мазкур, киноятҳои обдори он ҷиҳати навгонии шеърро таъмин намудаанд. Дар ғазал тасвири макон шакли анъанавӣ дорад ва он ғазали машҳури Зебуннисоро ба хотир меорад, вале таркиби ифодагари макон – «ин ҷо»– и ғазали мазкур нисбатан қатъитар ва мушаххасу гиротар аст. Ин мафҳум бо вожаи «Ватан» ҳаммуродиф аст ва он ҷамъияти ғафлатзадаву торикистони ҳамондавраинаи аморати Бухоро ва муҳити тираву тори Самарқандро, аҳволи мардуми онро ифода мекунад. Ба ин тарз Аҷзӣ ба назми адабиёти давр руҳияту мазмуни воқеии нав ворид сохт. Ӯ дар «ғунчаи арғувонии гулҳо» «хуни ноҳақрехта»–ро, дар «барги ҷигари»–и он «хоки Ватан»–ро дид. Ба ин васила шоир мехоҳад мардуми бепарвову ғафлатзадаи маҳаллиро аз хоби гарони ҷоҳилӣ бедор созад. Дар ғазал ғояи худшиносӣ, умуман, даъват ба худшиносии миллӣ ҷиҳати асосист. Ба назари мо ҳамин гуна мазмунҳои танқидӣ ва ифшогарӣ нишонае аз нуфузи унсурҳои реализми танқидӣ дар назми давраи мазкур аст, зеро реализми танқидӣ дар адабиёт аз худогоҳию худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ оғоз меёбад. Ин тарзи тасвир гӯё барои ифодаи мақсад ва мароми эҷодкор созгор омадааст. Дар маҷмӯаи «Ганҷинаи ҳикмат»–и шоир (Тошканд, 1915) ғазалҳои зиёдеро дучор омадан мумкин аст, ки аз лиҳози мазмун ва мундариҷаи ғоявӣ ба ғазали фавқ шабоҳат доранд. Барои собит намудани ин фикр ду байти дигарро аз ғазали дигари Аҷзӣ меорем:

Ашки хунин то кай аз ҳасрат бирезам аз ҷигар?!
Осиёи осмон то чанд гардонам ба сар?!
Ҳар қадар беэътиборӣ шуд зи миллат ошкор,
Ҷони ман дар оташи ғам сӯхт пинҳон алҳазар.

Дар диди аввал байтҳои мазкур чун байтҳои ошиқонаи ғазалиёти адабиёти классикӣ метобанд ва онҳоро ҳамин тавр низ шарҳ додан мумкин аст. Аслан ҳам аксари шоирони адабиёти классикӣ барои ифодаи тамоми ҳолатҳои ногувори худ ранҷу машаққатҳои ҳасратбори хешро ба тарзи фавқ ифода менамуданд, гӯё он ҳама ғаму кулфат аз «дарди ишқ» ва сӯзу гудози он сарчашма гирифта бошад. Вале дар ғазали болозикр тариқи сухани Аҷзӣ моҳияти дигар дошта, ҳолати изтиробии шоир–қаҳрамони лирикӣ аз «дарди ишқ ва сӯзу гудоз»–и он нест, балки ӯро коҳилию худбехабариҳо, ғафлатзадагию беэътибориҳо, бечуръатию беғайратии миллат ба ин ҳол гирифтор кардааст. Маҳз ҳамин гуна байт ва мисраъҳо ғазали адабиёти маорифпарвариро аз ғазалҳои силсилавии анъанавӣ тафовут медиҳанд. Зеро ин байту мисраъҳо ба тасвири лавҳаҳои амиқи воқеӣ бахшида шудаанд ва дар онҳо ҷанбаи воқеӣ, назари реалистии шоирон пурқувватанд. Дар намунаи болоӣ мисраи саввум ҳамин гуна хусусият дорад. Як ҷиҳати тарзи нави шеърофарии Аҷзӣ ва умуман, шоирони маорифпарвар дар он зоҳир мегардад, ки бо як ва ё ду байт бевосита жанри анъанавии адабиёти мумтозро ба жанри таҷдидёфтаи маорифпарварӣ табдил медиҳанд. Аксаран байт ва ё мисраъҳо мазмун ва ғояҳои нави маорифпарварӣ, танқидӣ, сиёсиву иҷтимоӣ касб мекунанд.

Як хусусияти дигари ашъори лирикии ин даврро бояд қайд кард, ки барои таъмини амнияти худ эҷодкороне чун Аҷзӣ, Ҷуръат, Роҷӣ, Мунзим, Беҳбудӣ, Садри Зиё, Айнӣ ва нафарони дигар бештар ба маъноҳои умумии рамзӣ, мазмунҳои маҷозии шеър эътибор додаанд. Зеро сиёсати сахти мустамликадории рус, сензураи адабии рус ашъори таблиғотиву тарғиботиро сахт назорат мекард. Аҷзӣ ба ин маънӣ ишорате дорад:

Дорад абётам зи кори даҳр рамзе дар бағал,
Сарв агар гӯям зи қадди ёр намеорад хабар.

Аз ин ҷиҳат, боз як хусусияти ашъори лирикии адабиёти ин давр кашф мегардад, ки ҳам мазмуни зоҳирӣ ва ҳам мазмуни ботинӣ доштани он аст. Дар зимни шарҳи байти поёнӣ метавон ин фикрро бори дигар собит кард:

Мондаӣ зулфи чалипо рӯи абрӯи ҳилол,
То куҷо дар зери по гирад ҳилолеро салиб.

Маънии зоҳирии байт ин аст, ки: эй маъшуқ ту зери пои зулфи худ абрӯи ҳилолатро пинҳон кардаӣ. Ин ҳолат то ба кай давом хоҳад кард, яъне ки ҳилол (абрӯ)–ро салиб (зулф) то кай пинҳон мекунад. Маънии ботинии байт: Азбаски ҳилол (моҳи нав) рамзи мусулмонисту салиб (крест) аломати қудсии насоро (христианҳо) мебошад, шоир ба ҳамин ишорат карда, гуфтан мехоҳад, ки то кай мусулмонон зери пои мардуми насоро мемонанд. Яъне гуфтан мумкин аст, ки дар назми ибтидои асри XX маънӣ ва мазмуни дар зимндоштаи ашъори лирикӣ аз маънии зоҳирии онҳо куллан фарқ мекунад. Агар дар назари аввал аз онҳо маънои ишқӣ фаҳмида шавад, аз маънои дар зимндоштаи он мазмунҳои иҷтимоӣ бардошта мешавад ва шоирони оғози асри XX ин фазилати шеърҳои лирикии классикиро дар ифодаи мақсаду маром ва ғояҳои пешқадаму тараққипарваронаи хеш дуруст корбаст кардаанд.

Ин навъ ашъорро на фақат дар мисоли ашъори лирикии Аҷзӣ, балки дар эҷодиёти шоирони дигар низ дучор омадан мумкин аст. Аз ҷумла, шоири номии ин давраи Самарқанд, Ҷуръат ки аз ӯ то ба мо як маҷмӯаи ашъор бо унвони «Тӯҳфат–ул–аҳбоб» боқӣ мондааст, мазмунҳои тозаи сиёсию иҷтимоӣ ва афкори маорифпарварию тағдидгароёнаи худро дар ғазалиёташ инъикос мекунад. Дар ғазалҳои шоир оқибатҳои ҷанги империалистӣ рукни асосӣ буда, дар натиҷаи тӯл кашидани он озор ёфтани халқи маҳаллӣ – тоҷикҳову ӯзбекҳо кулфату ситамҳои ба сари халқи оддӣ омада инъикос меёбад. Ҷанбаи шиквоӣ дар ғазалҳои шоир пурқувватанд. Масалан, дар ғазале, ки ба мавзӯи ҷанги

империалистӣ ва оқибатҳои хунини он бахшида шудааст, хусусиятҳои зеринро мушоҳида кардан мумкин аст. Ғазал чунин оғоз мегардад:

Хуни ҳуррият хокро кард чун гулзор сурх,
Пошикаста, сарбурида, синаи афгор сурх.
Аскарони мо– мусулмонон, зи ҳуккоми шадид,
Карда аз теғи ситам то куртаву эзор сурх.
Кушта шуд чандин ҳазор аз навҷавонони ғаюр,
Аз қӯмондони шадиду золими ғаддор сурх…

Маълум мегардад, ки дар шеъри мазкур навпардозии шоир на фақат дар мазмун, балки дар услубу тарзи баён ва забони он низ падид омадааст. Шоир бевосита ба ифшои сиёсати ҷангҷӯёнаи Русияи подшоҳӣ кӯшиш мекунад. Тарғиби ана ҳамин мавзӯъ сабаб гардидааст, ки шоир дар баёни мавзӯи нав, ифодаи мазмунҳои тоза тарзу услуби нави баёнро пеш гирад. Ин кӯшишоти Ҷуръат барои кашфи мавзӯъ ва мазмунҳои тоза, васеъшавии доираи мавзӯоти жанрҳои лирикӣ–анъанавӣ, аз ҷумла ғазал сабаб шуд.

Диаграммаи Венна оиди хусусиятхои муштараки газалиёт ва маснавиёти Ачзии Самаркандӣ

Маснавии «Миръоти ибрат» аз ҷиҳати мазмун ва ҳатто сабку услуб бештар характернок аст. Муҳаққиқони адабиёти ӯзбек дар китоби «Миллий уйғониш даври ӯзбек адабиёти» маснавии мазкури Аҷзиро бо романи «Мусулмонони дорурроҳат»– и саромади таҷаддудгароёни тотор Исмоилбек Гаспиринский ҳамоҳанг медонанд ва бар он мӯътақиданд, ки асар дар асоси илҳом ва таъсири асари Исмоилбеки Гаспиринский иншо гардидааст.[1] Дарҳақиқат дар услуби баён ва аз лиҳози мазмун, корбасти он (дар «Мусулмонони дорурроҳат» – «Диёри ғанимат», ки бобати Анадалусияи мусулмонӣ ҳамчун мамлакти идеалии адиб ва дар «Миръоти ибрат» оиди ватани идеалии хаёлии худи шоир, ки онро орзу дошт сухан меравад) байни ин ду асар монандиҳо дида мешаванд. Аммо асари Сиддиқии Аҷзӣ аз равияҳои маснавиофарии адабиёти мумтози форсу тоҷик низ канда набуд. Маснавии Аҷзӣ мувофиқи ҷараёни сужет аз ду қисми асосӣ иборат буда, воқеият дар асар аз забони худи муаллиф баён мегардад. Дар баёни воқеият адиб роҳи махсуси анъанавӣ, яъне усули хоси адабиёти классикӣ ва адабиёти таҷдидгароӣ–услуби рӯёро, яъне тавассути хобу хаёл ба тарзи романтикӣ тасвир кардани ҳаётро пеш мегирад. Шоир тамоми воқеаҳои дар асар таҷассумёфтаро дар хоб мебинад. Маънои таърихӣ ва иҷтимоӣ, воқеаҳои асосӣ, мақсадҳои ғоявии адиб дар асар бо роҳи хоб кушода дода мешаванд. Хоб дар асар василаи падид овардани маънои таҳтонии рӯйдодҳо, моҳияти аслии онҳост. Хоббинии маорифпавраон ба маънии пешгӯии оянда ва башорату фоли неки ҳаёти фардои мардум аст. Як навъ даъват ба огоҳии иҷтимоиву таърихӣ аст. Ин ҳолатро дар асарҳои дигари маорифпарварони ибтидои асри XX низ мушоҳида кардан мумкин аст. Афкори интиқодии иҷтимоӣ ва маорифпарварию ислоҳотхоҳӣ, тараққипарварию таҷаддудгароии шоир тавассути образи Пир баён мегардад. Дар ин асно образи ҷамъиятии шоир бо образи Пир функсияи

[1] Қосимов Б. Юсупов Ш. Ризаев Ш. Аҳмедов С. Миллий уйғониш даври ӯзбек адабиёти. –Тошкент: Маънавият, 2004. 37-бет.

муштарак дорад. Бобати мазмуни умумии асар Айнӣ чунин менигорад: «Шоир дар ин маснавӣ хоби худро тасвир мекунад. Гӯё ки дар хоби худ ба олами боилму маданият меафтад ва ба пире вомехӯрад, ки аз аҳволи Самарқандаш мепурсад. Дар ҷавоб: Самарқанд ва аҳволашро ба ранге, ки зоҳирбинони аз дунё бехабар ақида доранд, тасвир менамояд. Тӯтие, ки дар он маҷлис ба қафасе андохта ва ба дарахте овехта шуда буд, ба суханони он хандаи истеҳзоомез мекунад. Хулосаи нахустини пир ва тӯтӣ: нуқсони илмӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Самарқанд бо далоили зоҳирӣ исботшаванда аст ва агар бад-ин ҳол давом кунад, оқибат ҷуз ҳалокӣ дигар чизе нест».[1] Дар ҳақиқат, маснавӣ саросар аз ғояву мазмуни иҷтимоӣ–маорифпарварӣ саршор аст. Аз ҷумла, танқиди беамони харобии маънавию маданӣ ва моддии сарзамин ва халқу миллат, тарзи нодурусти таълими схоластикӣ дар асар ҳамчун масъалаҳои асосӣ мавқеъ доранд.

Шоир мегӯяд:

…Гирифтам хомаро бар дасти дардам,
Шурӯъи назми ин афсона кардам
Кунам исбот то хосияти илм,
Халоиқро шавад то рағбати илм.
Касофатҳои нодонӣ намудам,
Ҷаҳолат чист? Нуқсонаш кушудам.
Бигуфтам ҳар чӣ нуқсон дар миён буд,
Ба ин афсона гуфтам асли мақсуд.[2]

Чунон ки шоир ишора мекунад, вай асарро ба тарзи «афсона», тарзи романтикии хобу хаёл ё худ рӯё офаридааст. Бо назардошти ҳамин ҷиҳат баъзе муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки маснавии мазкур дар жанри рӯё навишта шудааст ва он услубан ба жанри сафарномаи хаёлӣ низ шабоҳат дорад. Аммо жанри ин асар қолибан маснавӣ буда, хобу хаёл ва рӯё дар он ҳамчун услуби эҷодӣ корбаст шудаасту халос. Дар маснавӣ ба

[1] Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Москва: Чопхонаи марказӣ, 1926. Саҳ.-345.
[2] Аҷзӣ. Миръоти ибрат. – Самарқанд: нашрияи Шакурии Самарқандӣ, Дастнависи рақами 390787. Ганҷинаи дастхатҳои китобхонаи ба номи А.Ҷомии ДДС, 1914. - 22 с.

тарзи муқоиса тасвири ояндаи дурахшони мамлакат бо ҳаёти тангу тори феодалӣ ва шароиту муҳити иҷтимоии он нишон дода мешавад. Чуноне ки дар ҳикоёти бадеию фалсафии «Наводир–ул–вақоеъ» дида мешавад, Аҷзӣ барои ифодаи мазмуни тозаи иҷтимоӣ ва афкори интиқодии худ ҳамчунин барои тасвири идеали иҷтимоию сиёсиаш аз образ ва мазмунҳои бадеӣ чун услуби махсуси адабӣ истифода мебарад. Аз ҷумла, бартарии манзилободӣ аз харобазор, бартарии маърифатнокӣ аз ҷоҳилию ғафлатзадагӣ, хубию зебоии ботинӣ нисбати зебоии зоҳирӣ ҷо–ҷо ба тасвир гирифта мешавад. Дар тасвири воқеоту мақсадҳои идеали худ шоир тасвири махсуси анъанавии достонсароии классикиро, яъне услуби романтикии тасвирро пеш мегирад, ки ин услуб дар адабиёти тоҷик собиқаи чандинасра дошт. Ин услуби эҷодиро дар достонҳои хамосии классикӣ низ дидан мумкин аст. Аммо забони маснавии Аҷзӣ ва сабки он нисбатан соддаву фаҳмост. Шоир дар тимсоли Самарқанд ва муҳити он, ватани идеалии хаёлии ояндаи худро дидан хостааст. Айнан монандии асари Аҷзӣ бо асари Исмоили Гаспиринский ва баъзе осори ҳамзамононаш, ки руҳият ва тарзи нигориши хос доштанд аз ҳамин ҷиҳат аст. Зеро агар дар маснавии Аҷзӣ Самарқанд ҳамчун шаҳри идеалӣ ва ватани ормонии шоир таҷассум гардида бошад, дар асари Исмоили Гаспиринский Дорурроҳат айнан ҳамчун кишвари ормонӣ, идеалие, ки зиндагии сокинонаш орому ҳамвор, муносибату муомилаи ибратбахшу намунавӣ, донишу ҳунари баланд, ақлу заковат ва хиради ҷаҳонӣ ва дунявӣ доранд, тасвир гардидааст. Дигар ин аст, ки дар ҳар ду асар низ образҳои ҳамтип дида мешаванд. Яъне дар «Миръоти ибрат»–и Аҷзӣ образи Пири хирадманд ва дар асари Исмоили Гаспиринский образи Мулло Аббос хусусиятҳои муштараке касб кардаанд, ки исботи таъсирпазирии Аҷзӣ аз муаллифи «Мусулмонони Дорурроҳат» аст. Ба ҳар ҳол роҳи пешгирифтаи Аҷзӣ роҳи пешқадами эҷодкорона буда, маснавӣ дар таҷассум ва тарғиби ғояҳои иҷтимоӣ–маорифпарварии шоир мавқеи хос дорад.

Мутаассифона, навгониҳое, ки дар мазмуну сабк, сохтору забони ин маснавӣ ва ашъори шоирони дигар падид омадаанд, аз назари олимони адабиётшиноси давраи шӯравӣ тамоман берун мондааст. Яке аз адабиётшиносони ин давра Ғ.Каримов менигорад: «Ашъори лирикии адабиёти ҷадида аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа харобу абгор аст. Ин ашъорро метавон назми якранга номид. Он аз ҷиҳати бадеӣ холиву орист. Назми адабиёти ҷадидаи миллӣ ба ғайри ваъзхонӣ аз номи «Ватан»-у «Миллат» чизе дигар нест».(саҳ 291). Имрӯз бояд иқрор шуд, ки мулоҳизоти боло дар асоси талабот ва тақозои сиёсати замон баён гардидаанд. Аммо гап дар сари он аст, ки як марҳилаи муайяни адабиётро бо суханҳои умумӣ ва сатҳӣ пурра инкор кардан, ҷиҳатҳои хубтару мусбаттарини онро сарфи назар кардан дуруст нест. Зеро ба қавли олимаи рус Р.Эймонтова «таҷдидгароёни ибтидои асри XX ва адабиёти ҷадида барои тарғибу ташвиқи ғояҳое хидмат кардаанд, ки онҳо моияи аслии воқеият – «моҳият»–ро ифода менамоянд».[1] Аз ин нуқтаи назар метавон гуфт, ки асар аз лиҳози мӯҳтавою мавзӯъ ва мазмуну мундариҷаи ғоявӣ хеле ҷолиб аст. Дигар ин ки маснавии мазкур аз лиҳози банду баст, сохт низ характернок аст. Дар мақолаи муҳаққиқ М.Додобоев «Маснавии «Тимсол» ва мавқеи он дар эҷодиёти Тошхоҷа Асирии Хӯҷандӣ» бобати сохтори маснавии «Миръоти ибрат»–и Аҷзӣ низ сухан меравад. Ба ақидаи ин муҳаққиқ «Композитсияи «Миръоти ибрат»–ро ду қисмати ба ҳам махлут ташкил медиҳад. Дар қисмати аввал ҳодисаи яклухт: воқеаи хоб дидани шоир, вохӯрии ӯ дар хоб бо пири хирадманд ва муҳовараи байни онҳо бобати ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва маданиву фарҳангии шаҳри Самарқанд оварда мешавад… Тарзи баён ва услуби нигориши муаллиф дар ин қисмат ба сабку услуби сафарнома ва ёддоштҳои насрии адабиёти давраи мавриди назар, махсусан, ба «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ»–и Фитрат ва чанд боби «Наводир–ул–вақоеъ»–и А.Дониш мушобеҳ аст, ки асоси онҳоро муҳовараи намояндагони

[1] Эймонтова Р.Г. Оиди Маорифпарварӣ. //– Москва: 1988. – № 6. – С. 38 – 42.

мардуми маҳаллии моваруннаҳрӣ (Самарқанд ва Бухоро) бо ашхоси ғайр (Сайёҳи ҳиндӣ ё донишманди фарангӣ) ташкил медиҳад. Дар қисмати дуюми банду басти «Миръоти ибрат» таъбири ҳодисаи хоб дидани муаллиф ба таври хулоса баён карда мешавад».[1]

Мулоҳизоти муҳаққиқ бобати устухонбандии асар ҷолиби диққат ва қобили қабул аст. Дар мавриди муайян кардани тарзи нигориш ва сабку услуби асар низ муаллиф, ки онро бо сабк ва услуби сафарномаву ёддоштҳои адабиёти ҳамин давр ҳамранг меҳисобад, роҳи дурустро интихоб намудааст. Агарчи дар осори насрии адабиёти ин аҳд ҷанбаи пурқуввати реалистии тарзи тасвир ҳам дар сафарнома ва ҳам дар ёддоштҳо ҷиҳати асосианд, монандии услуби нигориш, тарзи ифода, сабки гуфтори адиб асарро ба сафарномаҳои адабиёти маорифпарварӣ шабоҳат медиҳад. Фақат ҳамин нуктаро бояд таъкид кард, ки ҳодиса ва воқеоти «Миръоти ибрат»–и Аҷзӣ дар асоси тарзи тасвири романтикӣ–хобу хаёл корбаст шудаанд. Аз ин рӯ, агар ин асар аз ҷиҳати мазмуну мӯҳтаво ба жанри сафарнома мансуб дониста шавад, он сафарномаест дар шакли «сафарномаи хаёлӣ–рӯёӣ бар мамлакати идеалӣ», ки дар қолаби маснавӣ гуфта шудааст.

Ҳамин тариқ, маснавии «Миръоти ибрат» аз ҷиҳати хусусиятҳои жанриаш ба достонҳои анъанавии классикӣ шабоҳат дошта бошад ҳам, аз лиҳози мавзӯъ ва мазмуну мундариҷаи ғоявӣ ба куллӣ асари нав аст. Дар асар тарғиби илму фанни замонавӣ, даъват ба худшиносии миллӣ, даъват ба бедории фикрӣ, даъват ба ободию озодии мамлакат ва ватан ҳамчун тезисҳои асосии мавзӯъ корбаст гардидаанд. Ба эътибори мавзӯъ ва мазмуни тоза, сохтор ва сабк метавон маснавии «Миръоти ибрат»–ро дар назми ин давра чун асари пуразриш ном бурд ва азбаски ғояи фараҳфизои ватанпарастӣ ба шакли мӯҳташами таҳкиявӣ ниёзманд аст, шоир Сиддиқии Аҷзӣ шакли достони хамосавиро интихоб намудааст.

[1] Додобоев. М. Ҳамоҳангии афкори маорифпарварии Аҷзии Самарқандӣ ва Иқболи Лоҳурӣ. – Душанбе: Адаб, 2005, №. 5.– С. 6–9 .

Шакли миллии достонсароӣ, ки он маснавӣ аст, забони мутамоил ба рӯҳияи архаистӣ, вазни мутадорики мусаммани мақсур ва лавозимоти дигар низ ба хотири ғояи мушаххас интихобшуда, мувофиқи моҳияту табиати аслии он интихоб ва корбаст шудаанд. Шеършиноси рус Ю.М.Лотман бошад ғояро асоси сохтори (структураи) асари бадеӣ дониста, изҳор доштааст, ки «мундариҷаи ғоявии асар сохт аст. Ғоя дар санъат ҳамеша модел мебошад, зеро он муҳокоти воқеият аст».[1] Дар ҳамин асос бояд гуфт, ки ғояи нав ва тоза шакли хоси ифодаи бадеиро тақозо намудааст. Аз ин мавқеъ, маснавии мазкурро чун асари тозаи пураразиши бадеӣ зикр намудан мувофиқи мақсад аст. Умуман, дар назми ибтидои асри XX ин маснавӣ ҳам аз лиҳози мӯҳтавои мавзӯъ ва ҳам аз ҷиҳати мазмуну мундариҷаи ғоявӣ дар сатҳи баланд қарор дорад. Ногуфта намонад, ки дар ин асар характер ва хоссаҳои жанри сафарнома низ ба мушоҳида мерасад. Зеро «Миръоти ибрат» ба сафарномаҳои хаёлии анъанавӣ низ монандӣ дорад. Асари мазкур дар болотар чун маснавӣ баррасӣ шуд. Аммо аз лиҳози мазмун ва моҳият асари мазкур ба саёҳатномаҳои хаёлии адабиёти мумтоз низ шабоҳат дорад. Хусусан, иштиёқи аз хоби гарон ва ғафлатзадагӣ бедор кардани мардуми маҳаллӣ ва бо олами тамаддуни мамолики Ғарб ошно кардани он шоирро ба чунин тарзи эҷод маҷбур сохтааст. Адиб ин ҷо шеваи хоси эҷодиро пеш мегирад. Ӯ дар хоб ба идеали хаёлии тимсоли мутараққии Ватани хеш саёҳат мекунад, ки аслан мамолики Ғарбро дар назар дошта буд. Аз ин мавқеъ, асар ғояи махсуси маорифпарварӣ таҷаддудхоҳӣ дорад ва он дар тору пуди асар корбаст шудааст. Қаҳрамони асари мазкури Аҷзӣ аз ин нигоҳ, яъне эҳсоси ватан ва ҳисси ватанпарастиву арзи ғамхорӣ нисбати он бо образҳои асосии Мулло Аббоси «Мусулмонони дорурроҳат» ва Сайёҳ (образи автобиографии муаллиф)–и «Туҳаф…» дар як поя қарор

[1] Лотман Ю.М. Анализ поэтического текста. Структура стиха.– Ленинград: Просвещение, 1972.– 38 с.

доранд. Аз ин лиҳоз саёҳатномаи адибро мазмунан «сафар бар ватани хаёлӣ» ё худ шакли «сафарномаи рӯёӣ бар Ватани идеалӣ» номидан шояд дуруст бошад. Адиб дар тасвири тимсоли Ватани идеалию хаёлии хеш аз воситаҳои тасвири шартии романтикӣ истифода мебарад. Аммо дар заминаи он ҷанбаъҳои реалӣ вуҷуд доранд, зеро адиб бо мақсади бо чашми худ дидани пешравиҳои техникию илмии мамлакатҳои ҷаҳон ягона мероси аз падараш боқимондаро, ки боғчае дар деҳаи Тӯпқайрағоч буд, фурӯхта ба сафар баромадааст. Баъди ин сафар (1903) ӯ дар назди хеш вазифа гузоштааст, ки бо тамоми имкониятҳо мардуми маҳаллиро ба омӯзиши илму техника, олами маданию фарҳангӣ, шиносоӣ бо вазъи сиёсию иҷтимоии мамолики Ғарб даъват созад ва онҳоро аз ин пешрафтҳо хабардор кунад. Дар заминаи ҳамин марому мақсад асари ӯ «Миръоти ибрат» ба майдон омад, ки дар он тафсилоти саёҳати муаллиф бо рамзу ишора ба тарзи идеалӣ инъикос ёфтааст. Асари мазкур шаклан ба жанри маснавӣ тааллуқ дошта, муаллиф дар асоси қонуниятҳои поэтикӣ ва шаклии жанри номбурда саёҳати хаёлии хешро тасвир намудааст.

Асари дигаре, ки дар шакли маснавӣ навишта шудааст, **«Анҷумани арвоҳ»** ном дошта, соли 1912 дар Тифлис ба табъ расидааст. Маснавӣ дар ифшои иллату нуқсонҳои амирони Бухоро, алалхусус разолату пастфитратӣ, камбудию нуқсонҳо, қабоҳату ҷаҳолати онҳо ва амалдорони замон мақоми хос дорад. Аҷзӣ дар услуби нигориши мавзӯи маснавӣ ба анъанаҳои адабиёти классикии форсу тоҷик такя мекунад. Зеро дар адабиёти форсу тоҷик «зинда кардани шоҳону амирони фавтида» ва аз забони онҳо баён кардани воқеа–ҳодисаҳои таърихӣ ҳамчун анъана вуҷуд дошт.

«Дахмаи Шоҳон» ном асари Мирзосодиқи Муншӣ намунаи волои ин навъи маснавӣ аст. Аммо то Мирзосодиқ низ ривоятҳои халқие байни эрониён вуҷуд дошт, ки заминаи асосии пайдоиши ин тарзи асарофарӣ гардидааст. Аммо дар асари Мирзосодиқи Муншӣ рафтору кирдори

гурӯҳе аз амирони сулолаи аштархонӣ ба таври ҳачвӣ фош карда мешавад, ки ин асарро аз ривоятҳои хаёлии халқҳои эронӣ тафовут медиҳад. Ин анъана минбаъд низ идома ёфта, дар поёни асри XIX Мирзо Абдулазими Сомӣ асари ҳамномеро бо асари Мирзосодиқ иншо кард, ки дар ин асар гурӯҳе аз амирони манғития–аз Муҳаммад Раҳимхон то Амир Музаффар ҳадафи ҳачву тамасхур қарор гирифтаанд.

Ачзӣ дар пайравии ҳамин адибон асари худ «Анҷумани арвоҳ»–ро ба вуҷуд овард, ки дар он ҷиҳатҳои манфию нуқсонии сиёсати ҳукмронони давр–амир Музаффар (1860–1885), амир Абдулаҳад (1885–1910), амир Олимхон (1910–1920) фош карда мешавад. Ачзӣ чун услуби анъанавии тарзи ба худ хоси асарофарӣ образи амир Музафарро ҳамчун воситаи адабӣ характери мусбӣ бахшида, тавассути ин образ тамоми нуқсон ва камбудиҳои тарзи давлатдории амирони манғитиро таҳлил ва танқид мекунад. Ҳангоми фош сохтану танқид кардан шоир аз забони қаҳрамони худ танбеҳҳои сахтро истифода мебарад. Маҳз ҳамин ҷиҳат тафриқаи байни асари Ачзӣ ва шоирони гузаштаро, ки дар ин услуб асар офаридаанд, таъмин намудааст. Дар ин маврид оҳангу мазмунҳои ғазалиёт ва маснавиҳои шоир хусусияти муштарак доранд. Аз ҷумла дар маснавӣ мехонем:

Маро он девсират салладорон,
Ба сурат инс, ба фитрат зи шайтон.
Ба гардан ресмони макр бастанд,
Шукӯҳи шаъни султонӣ шикастанд.
Ба ҳар роҳе, ки мебурданд, бурданд,
Вагарна куфри моро арз карданд[1].

Дар ин порча «шайтони салладорон» нисбати амирон, «ресмони макр» нисбати саллаву дастор, «ба сурат инс»–у «ба фитрат шайтон» будани рӯҳониён ва арбоби дин таъбироти хосу тозаи шоир аст ва ҷанбаи халқона низ дорад. Ин таъбирот ва ағлоти урфии машҳур дар маснавӣ тозагии услубӣ ба вуҷуд овардааст. Дигар аз муҳимоти масъала

[1] Ачзӣ. Анҷумани арвоҳ. – Самарқанд: Зарафшон, Дастнависи рақами 390789. Ганҷинаи дастхатҳои китобхонаи ба номи А.Ҷомии ДДС, 1914. – 36 с.

ин аст, ки ба ин восита ба осори даҳонии халқӣ майлу рағбати муайян доштани эҷодкорони давр ба мушоҳида мерасад. Инъикоси ин ҳолат дар омезиши унсурҳои мазмун ва мундариҷа, услуби эҷоди бадеӣ ва тарзи ифодаи марому мақсади эҷодкор ба назар мерасад. Шоир бад ин васила нисбат ба амалдорони мулк, ки онро ба ҳоли забуниву харобӣ овардаанд, «заҳр»–и хешро мерезад.

Мувофиқи маълумотҳои профессор С.Саъдиев Аҷзӣ «Аз вакилони бузурги адабиёти маорифпарварии асри XX маҳсуб мешавад. Аҷзӣ аввал дар асоси анъанаҳои шеъри мумтоз, дақиқтараш дар зери таъсири ашъори Бедил тарбият ва камол ёфтааст. Ин таъсирпазирӣ дар сайқал ёфтани ҳунари шоириии ӯ минбаъд ҳамчун шоири боистеъдод камол ёфтани вай арзиши ба худ хос дорад. Дертар дар зери таъсири мафкураи маорифпарварӣ ғояҳои навро ҷонибдорӣ намуда, ашъори нави мазмунан маорифправарӣ офаридааст».[1]

Мувофиқи маълумоти аксари олимони дар бораи ашъори Аҷзӣ корҳои илмӣ анҷомдода хизматҳои бузурги ин адиб дар ҳамин чиз зоҳир мегардад, ки ин шоири забардаст тавонистааст, то ки мазмунҳои нави маорифпарварӣ, ватан ва ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва худогоҳии таърихӣ, таҷаддудхоҳии хешро дар қолабҳои анъанавии шеър, аз ҷумла ғазал ва масанавӣ бомуваффақият чойгир намояд. Дар ин ҷода хизматҳои шоир бахусус дар ташаккулу таҳаввули жанри ғазал ва навшавии ин жанр аз лиҳози мазмуну мундарича дар адабиёти оғози асри XX ба чашм равшантар мерасад. Дар ин бора ҳанӯз солҳои 60-70-уми асри гузашта олими шинохта устод Солеҳҷон Ҳалимов фикрҳои ҷиддии илмро ба миён гузошта буд.[2]

Дигар нуктаи муҳим дар осори ин адиб аз ҳамин иборат аст, ки ин шоир на фақат дар инкишофу ташаккули жанри анъанавии ғазал, балки

---

[1] Саъдиев С. Самарқанд адабий муҳити тарих кӯзгусида. – Тошкент: Фан, 2009. 362 –бет.

[2] Ҳалимов С. XIX асрнинг иккинчи ярми ва XX асрнинг бошлари ўзбек ва тожик адабий алоқалари. – Самарқанд: СамДУ, 1978. – 81б.

дар навсозии мазмуну мундариҷаи ғоявии жанри маснавӣ ҳам ҳиссаи калон гузоштааст. Дар ин бора танҳо зикр кардани номи ду маснавии машҳури ин шоир, ки дар давраи зиндагонии худи шоир ҳам ва баъд аз ӯ то замонҳои мо низ қадру қиммату эътибори худро гум накардааст, кифоя аст. Аз чумла, маснавии «Миръоти ибрат» ва маснавии «Анҷумани арвоҳ». Ин ду маснавӣ дар замони худи шоир як навъ шӯру мағали калонеро ба миён оварда буд ва нашр кардани он дар Осиёи Марказӣ душвор гардид. Шоир онро бо кӯмаки дӯстони қофқозии худ дар Тибилиси нашр кунонидааст. Ин маснавиҳо аз чониби муосирони шоир ва дар илми замонавии адабиётшиносӣ низ баҳои баланди илмиро гирифтааст. Зеро дар ин маснавиёти шоир дар баробари ғояҳои маорифпарварӣ фикру ақидаҳои пешқадами замонавии шоир низ дарҷ гардидаанд. Ин маснавиёт барои инъикосу тараннуми ғояҳои ватан ва ватанпарварӣ, ватандӯстӣ, дарду армонҳои миллату қавмҳои парешони мусулмонӣ, танқиди иллат ва нуқсонҳои дар ҳаёти мардум зоҳиргардида, худшиносии миллӣ ва даъват ба худогоҳии таърихӣ аҳамияти калони амалӣ ва назариро молик аст. Боз як масъалаи муҳимро аз фаъолияти эҷодии ин адиб гуфта гузаштан лозим аст, ки ин шоир шоири дузабона аст.

Паҳлӯи дигари фаъолияти ин шоир дар ҳамин чиз зоҳир мегардад, ки дар баробари корҳои эҷодӣ ин шахсияти бузург дар пешрафти илму маърифат, сохтани мактабу ислоҳ кардани системаи таълими асримиёнагӣ низ мавқеи ба худ хосро молик аст. Аз ин ҷиҳат ҳам ба хонандагон баррасӣ кардани фаъолияти педагогии ин шоир дар мактабҳои таълими умумии ҳамагонӣ аҳамияти ба худ хосеро дорад. Мутаассифона ин нуктаҳои асосии фаъолияти эҷодии шоир дар мактабҳои таълими умумӣ норавшан мемонад ва шогирдон дар бораи ин масъалаҳои асосии фаъолияти эҷодии шоир бехабар мемонанд.

Чуноне ки маълум аст яке аз хусусиятҳои муҳимтарини адабиёти ибтидои асри XX дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти шоирон дар ду

забон асраҳо офаридаанд. Аҷзӣ ҳам чун шоир аз ин хусусият холӣ нест. Дар муайян кардани фаъолияти эҷодии ин шоир дар адабиётшиносии ӯзбек ва тоҷик ҳар ду ҷониб ҳам ҳақ доранд. Зеро ин шоир дар баробари он ки ба забони тоҷикӣ шеърҳо гуфтааст ба забони ӯзбекӣ низ ашъор офаридааст ва муҳимтараш он аст, ки ин шеърҳои ба забони ӯзбекӣ офаридашуда аз ҷиҳатҷиҳати бадеият на камтар аз ашъори тоҷикии шоир ҳастанд. Агар мероси адабии ин шоирро зикр карданӣ бошем маълум мегардад, ки шоир ду мачмӯаи ашъори лирикӣ аз худ ба мерос гузоштааст. Яке бо номи «Айнул адаб» ва дигаре «Ганҷинаи ҳикмат», ки ҳар ду ҳам дар байни солҳои 1914 - 1915 дар Тошканд нашр шудаанд. Ба ғайр аз ин мачмӯаи ашъори лирикӣ ду маснавии шоир бо номи «Миръоти ибрат» ва «Анҷумани арвоҳ» мавҷуд аст, ки дар ин маснавиҳо фикрҳои пешқадами ин шоир дарҷ гардидаанд.

Ноумедӣ дар намоишгоҳи ибрат мотам аст,
Ҳар қадар беш аст саъй, матлаби ирфон кам аст.

Ин хитоба ва даъватест ба шоирони давраи худ, ки Аҷзӣ онҳоро барои дур шудан аз тасвири холу хати маъшуқа, тасвирҳои мавҳуму мубҳами такаллуфпардозона ангехта, баҳри манфиати мардуму миллати ғафлатзада, озодию ободии мамлакат саъй кардан даъват месозад. Ин ҳолат дар баррасии масъалаи худшиносию худогоҳии таърихии маорифпарварони зиёии авали асри XX ҳодисаи типологӣ аст. Яъне шоирон дар ҷодаи эҷоди бадеӣ худшиносӣ ва ҳақшиносиро аз таҳлили хеш оғоз менамоянд. Онҳо ба он кӯшиш менамоянд, ки аввал бояд худро – осори худро ислоҳ намуд ва сипас мардумро ба ин амал даъват намудан мумкин аст. Барои он ҳам ин ҳодисаро мо ҳодисаи типологӣ меномем, ки дар тамоми осори вакилони ибтидои садаи XX ин навъи рафтор ва муносибат ба тағйири самти ҷараёни адабӣ ба мушоҳида мерасад.

Аз ғазалиёт

Коғаз

Зи ислоҳи ватан ҳар лаҳза меояд ба ман коғаз,
Ба ранге арза дорад бо ман аз номи ватан коғаз,
Ба хун дил дар лаби ҳар ғунча арзи муддао дорад,
Ҳам аз авроқи гул дар остин дорад чаман коғаз.
Ба ҳар кас номаи асрори дил гуфтан хато бошад,
Ҳузури бесаводонро куҷо созад сухан коғаз.
Каромоти каломи ҳарзагӯён мӯътабар набвад,
Фусун гар ҳам кунад ҳар лаҳза берун аз даҳан коғаз,
Зи истиқболи шӯро бо рафиқон маслиҳат бошад,
Агар аз сулҳ арзи хат кунад дар анҷуман коғаз.
Зи гуфтан ҳар кӣ оҷиз шуд, ба ранге дам занад, Аҷзӣ,
Хати хуни шаҳиди шавқро бошад кафан коғаз.

Фиғон

Фиғон зи каҷравии оламу замони шум,
Дар ошьёнаи булбул гирифта маскан бум.
Ба хок хуфта шаҳидону шод мардуми мо,
Зи шодмонии мардум морост дил мағмун.
Харӣ ба гӯшдарозӣ намешавад исбот,
Касе ба сурати зебо намешавад маълум.
Зи шаҳди илму ҳунар лаззат ар намегирӣ,
Ба зери чоҳи сайрию тӯъмаат закум.
Зи мактаби адаб ар баҳра мебарӣ, Аҷзӣ,
Ғуломи кӯи ту гардад ҳазор қайсари Рум.

****

Раво мадор, ки рӯят набинаму мирам,
Мапӯш чеҳра зи ман, то ду бӯсае гирам.
Ҷудо зи кӯи ту афтоданам худо накунад,
Ба доми зулфи ту афтода бори занҷирам.
Ба ёди васли ту серам зи ҷон ба водии ҳаҷр,
Маро барои худо аз висол кун серам.
Ҷазои ошиқ агар куштан аст, бисмиллаҳ,
Бикуш вагарна ба мардум бисоз тадбирам.
Асири холу хатат то шудам, фитода шавам,
Насиҳати ҳама олам накард таъсирам:
Ниҳон зи дидаи Аҷзӣ камони абрӯро,
Кушодаиву намудӣ нишона бар тирам.

****

Бӯса аз лаъли лаб он ҳурсифатам надиҳад,
Биллаҳ, ин ғусса чу аз марг наҷотам надиҳад.
Талхии заҳри фироқаш зи вуҷудам наравад,
То ки он сарви Самарқанд наботам надиҳад.
Тарсам аз раҳзании куфри ду кокул ки турост,
Ҷон агарчанд ба лаб омада бошад, наравад.
Дину имон барад аз даст, баротам надиҳад,
То дусад бӯса ба вақти сакаротам надиҳад.
Чун ман аз тирагии бахт нанолам, Аҷзӣ,
Гирад он ҷумла сиёҳӣ ба давотам надиҳад.

****

Ғалтида бар ораз зи по зулфат чу паҳлӯ мезанад,
Ҳар дам ба ҷони ошиқон сад ханҷар он мӯ мезанад.
Лаъли лаби ҷонпарвараш бинад агар Хизру Масеҳ,
Ин з-оби ҳайвон гардаду он дам зи лаб ӯ мезанад.
Аз қайди хатту холи ӯ ҳар гаҳ кунам дилро раҳо,
Аз ғамза сад тирам ба ҷон он чашмҷоду мезанад.
Моҳи нав, эй сарвиравон, афтода ҳар шаб з-осмон,
Сар бар замин бо ёди он, меҳроби абрӯ мезанад.
Ҷамъу парешон гар кунад ногоҳ ба рух зулфат сабо,
Сунбул худ аз ошуфтагӣ ҳар дам ба ҳар сӯ мезанад.
Эй моҳи оламгири ман, аз баҳри таъзими рухат,
Биншаста ховар бар замин ҳар шом зону мезанад.
То дида шамъи оразат ин Аҷзии бепою сар,
Чун субҳ ҳар сӯ меравад, дам з-он гули рӯ мезанад.

******** *****

Қалам, яъне сухансанҷи ҳарифон, рози муштоқон,
Аниси аҳли дарду воқифи асрори инсу ҷон.
Аз он рӯзе, ки омад аз адам дар олами аквон.
Ба сар бинмуда роҳи ишқро дар кишвари имкон,
Расонад ҳоли зори бедилони ранҷфарсуда,
Ба дилдорони олифитрати рашки маҳи тобон.
Ман аз ҳаҷри рухи ҷонон на танҳо хонабардӯшам,
Ду чашм аз дида пурхун аст, дил аз фурқаташ сӯзон.
Мурувват нест дар симои хубони накӯахтар,
Муяссар нест аз васли бутон моро ба ҷуз ҳирмон.
Дамодам санги ҳасрат мерасад бар ҷонам, эй қосид,

Паёме бар худоро аз мани пурғуссае афғон.
Ҷазоям он ки қадри васли он гулрӯ надонистам,
Насибам шуд ҳамин яксар ҷафову дарди бедармон,
Аз он рӯзе, ки з-ин сон з-он париваш дур афтодӣ,
Ту Аҷзӣ оҷизӣ пеш ору мазан шиква аз ҳиҷрон.

****

Баҳори тоза бо гул мекунам улфатгузиниҳо,
Ҷаҳонро сабза берун карда аз ранги заминҳо,
Зи найранги замон чашми тамошо мебарад ҳайрат,
Фусуни ғафлат аз по карда саъйи дурбиниҳо.
Сияҳрӯзӣ зи нури офтобе карда маҳрумам,
Саҳар ҳам, дар шаби мо мекунад хилватнишиниҳо.
Ғано то чанд ё раб, каҷравонро ҳамнишин бошад,
Ба лӯълӯъ домани гардун пур аз сайёрачиниҳо.
Ба ҷон, ҳар лаҳза захми тоза аз теғи дигар дорам,
Ба хун то чанд ҷӯлад бисмили ман аз ҳазиниҳо.
Канори баҳри ирфон сокину лабташнагӣ то кай?
Рами сайди талаб то чанд бод, аз бекаминиҳо?
Ба сар чоҳе кан, обе каш, зи баҳри манзилободӣ,
Хаёли осмонгардӣ макун, бош аз заминиҳо!
Тавозеъ дар шикасти худписандӣ оламе дорад,
Саре дар сачда дорад соя, бо ин бечабиниҳо…
Машав маъюс, агар помоли дунон мешавӣ, ногоҳ!
Сулаймон ҳам фурӯ аз тахт шуд, дар бенигиниҳо.
Ба фикри иттифоқи халқ, то кай хун хӯрӣ, Аҷзӣ,
Ҷаҳоне як забон натавон шуд, аз ҳар рангдиниҳо.

Рубоиёт

Гуфтам ба хирад, ки соҳиби ирфонӣ
Бинмой роҳи наҷотам аз нодонӣ.
Гуфто: мактаб, мактаб, мактаб, мактаб
Бояд хонӣ, хонӣ, хонӣ, хонӣ!

****

Куфрам ба даҳони халқ зоҳир нашавад,
Кофиркуни ман аҷаб, ки кофир нашавад.
Ман ҳам чун мукаффирон мусулмон нашавам,
То ҳамчу ман он ҷамоа кофир нашавад.

Аз маснавиҳо

Қазоро як шабе дар бистари ноз,
Кашидам ҷома, хуфтан кардам оғоз.
Чун оҳу рам гирифт аз чашми ман хоб,
Димоғ аз хушкӣ чун дарьёи беоб,
Ба маҳди арз он тифли шаби тор,
Зи шири моҳтобӣ буд саршор.
Кавокиб зинатафзои фалак буд,
Ту гӯӣ сабҳаи хеле малак буд,
Зи бехобӣ, зи роҳи беқарорӣ,
Маро шуд кор бас кавкабшуморӣ.
Ба ҷои хуфтан олам мезадам тай,
Тасаввур менамудам Рум бо Рай
Гоҳе дар Миср будам, гоҳ дар Шом,
Гоҳе дар бистар андар фикр ором.
Равон з-андеша ҳар сӯ реша чолок,
Ба сони решаҳои беша дар хок
Ба ёди хоб ман чун ташнаи об,
Назар медӯхтам андар раҳи хоб.
Фурӯ шуд моҳтобу шуд шаби тор,
Ману дар хештан печида чун мор.
Қобили субҳ, наздики саҳар шуд,
Ба бозори сарам савдо дигар шуд.
Магар пӯшид чашмам ҷомаи хоб,
Аҷабҳо дидам аз ҳангомаи хоб.
Пас он аз хештан моро хабар нест,
Кушодам чашм, к-аз ҷоям асар нест.
Ба ҷое хешро дидам, ки будам,
Надидам пешу не аз кас шунидам.
Чӣ шаҳре тарҳи зебо, сурати хуб,
Саропо раставу бозори марғуб.
Ҳавояш мӯътадил –не гарму не сард,
Насимаш сандали сар дар гаҳи дард
Зулоли чашмасараш нуқраи хом,
Ба софӣ шишаро кай нисбати том?
Ки хокаш заъфаронро маъхази ранг,
Зи бӯи мушк хокашро бувад нанг.
Дарахтон чун зари сурх аст тобон,

Зи баргаш ранг тобад бо сад алвон
Шавад барг аз нигоҳи сахт сӯрох,
Занӣ дам аз латофат хам кунад шох.
Ба ҳар ҷо ҳавзи сангине, ки бинӣ,
Зи номи санг гирад маҳҷабинӣ,
Чу ҳар як хона аз якдонаву лаъл,
Фитонда оташ андар хонаи лаъл
Яке аз ёқут, дигар аз забарҷад,
Як аз марҷон, дигар лӯълуст беҳад.
Зи рашки хонаи ёқутгунаш,
Кашида аз дили ёқут хунаш.
Забарҷадро ба дил сад ҳасрату дард,
Бимонда лол бо рухсораи зард.
Зи ҳасрат он дуро гардида дил танг,
Шуда пинҳон даруни синаи санг…
…Дар аз фирӯза, бо зар таҳнашон буд,
Калидаш нуқра, чӯбаш сандалу уд.
Равон ҷӯи зилол аз тоқи хона,
Ба тоқи дигараш бошад равона.
Ҷувори хонаҳо ҷои фароғе,
Дар он ҷои фароғе чорбоғе,
Зи алвони фавоқаҳ раста-раста.
Лаби ҷӯбораш аз гул даста –даста.
Фиғону нола дар минқори булбул.
Ту гӯӣ нағмасозӣ мекунад гул.
Ба сарваш хона, қумрӣ карда умре
Ту гӯӣ сарв бор оварда қумрӣ.
Ба ҳар сӯ кабку товусаш хиромон,
Ба сар андохта чодар зи домон
Ба ҳар ҷо саркаш аз фаввора обаш,
Ту гӯӣ ғунча мепошад гулобаш.
Сутунҳои атиқа ҷониби роҳ,
Ба сар қандил дорад сурати моҳ.
Чу он қандилҳо гардад чароғон,
Шавад гӯё шаб аз маҳ кавкабистон…
…Парӣ хоним намоён дар назар буд,
Гар инсон гӯям, авсофаш дигар буд.
Маро оинавор афканда ҳайрон,
Виқори халқу некӯии мардон.

Занон бо тифл дар роҳу канора,
Ту гӯӣ меравад моҳу ситора.
Нағунҷад дар миёнаш мӯи ранҷиш,
Хиёнат номи худ гум карда чун хеш.
Ман он ҷо буда ҳамчун нақши девор,
Надонам хоб бошам ё ки бедор?

Аз достони «Анҷумани арвоҳ»

…Рафиқашро ишорат кард Султон,
Ки гуфт: «ин кас Амир Абдулаҳадхон.
Мани бечора оламро надидам,
Вале номи вилоятҳо шунидам.
Чу ин нисфи ҷаҳонро сайр карда,
Назар бар кори шарру хайр карда.
Зи олам зарра ибрат ногирифта,
Агар чанде зи ҳар ҷо, ҷо гирифта.
Наяфканда назар бар кори олам,
Шуда мағрури гирудори олам.
Фунуни Аврупо сад бор дида,
Ба ҳар ҷо ҳар чигуна кор дида.
Накард оне, ки мулк обод гардад,
Ба санъат халқи мулк устод гардад.
Надода роҳ дар мулк илму фанро,
Сабаб шуд дар хароб охир ватанро.
Ғуломи асп буд ин шоҳи даврон,
Аҷаб шоҳест хизматгори ҳайвон?!
Ба олам ин ҳунарро карда ҷорӣ,
Ба ин фан аз раият хост ёрӣ»…
…Ба олам гар бубинӣ ҷумла аъён,
Ҳама гардида саргинкаш ба ҳайвон.
Ба онҳо мақсад аз ин асптозӣ,
Яке бузғолае созанд бозӣ.
Ба бозӣ пора-пора гашта ишкам,
Наҷосат гӯшт омезанд бо ҳам.
Аз он созанд сабзак шӯрбое,
Зи саргин дода буд ӯ, ранги чое.
Хӯранду сер гарданд аз наҷосат,
Куҷо муфтӣ? чӣ гуфт ин ҷо шариат?

Ба ин султонӣ, бо ин шаҳриёрӣ,
Ба олам омад ин фан ёдгорӣ.
Кунун фарзанди ин гардида султон,
Кунад дар маснади султонӣ ҷавлон.
Чу донам он аз ин беҳтар набошад,
Ба фикри равнақи кишвар набошад.
Чора к-он ҳам мутеи оламон аст,
Асри қайд ҳамчун золимон аст…

****

Ҳамин тариқ Аҳзӣ бо асарҳои мазмуни пешқадами маорифпарварӣ доштаи худ ба бедории мардум ва шуури иҷтимоии одамони пешқадами замони худ аввалин касест, ки ошкоро халқи тоҷикро ба омӯхтани забон ва маданияти рус тарғиб намуда, адабиёти тарғиботӣ ва ташвиқотиро инкишоф дод, реализми маорифпарвариро васеъ кард ва онро бо романтизм омехт, ҳиссиёти ватандӯстиро дар адабиёт васеъ акс кунонад. Аҳзӣ бошууртарин вакили адабиёти тоҷик дар ибтиди асри XX аст. Вай бо ҳамаи фаъолияти эҷодӣ ва амалиёти зиндагиаш барои бомаърифат кардани халқу ватан хизмат кардааст.

Савол ва супоришот:

1. Дараҷаи омӯзиши ҳаёт ва фаолияти эҷодии Аҳзӣ.
2. Аҳзӣ адиби зуллисонайн.
3. Мавқеи Аҳзӣ дар идомаи аъанаҳои адабиёти мумиози форсу тоҷик.
4. Адабиёти маорифпаврарии тоҷик ва Саидаҳмади Сиддиқии Аҳзӣ.
5. Маснавиёти Аҳзӣ.
6. Ғазалиёти шоир ва мазмуну мундариҷаи он.
7. Махсусиятҳои ашъори лирики Аҳзии Самарқандӣ.

Тошхоҷа Асирӣ ва рӯзгору осори ӯ

Нуктаҳои асосӣ:

1. *Дараҷаи тадқиқ ва омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Асирии Хӯҷандӣ.*
2. *Муҳити адабии Хӯҷанд ва таъсири он ба афкору осори ин адиб*
3. *Муҳити адабии Самарқанд ва таъсири он ба осори Асирӣ.*
4. *Асирӣ шоири зуллисонайн.*
5. *Масъалаи ислоҳот ва маорифпарварӣ дар ашъори Асирӣ.*
6. *Асирӣ ва шоирони Самарқанд.*

Мутаассифона, ашъори ин шоири тозаназар дар замони шӯравӣ дар байни хонандагон хеле кам ташвиқ шудааст. Нахустин китоби нисбатан ҷомеъи осори ӯ бо саъй ва кӯшиши Саъдулло Асадуллоев соли 1987 бо номи «Тошхоҷа Асирии Хуҷандӣ. Ашъори мунтахаб» ба василаи нашриёти «Адиб», дар Душанбе ба чоп расид, ки намунаҳои шеъри ӯ, аз ҷумлаи маснавиёт, қасоид, ғазалиёт, мухаммасот, муқаттаъот, рубоиёт ва дубайтиҳо, фардиёт ва ашъори ӯзбекиро дар бар мегирад.

Тошхоҷа валади Эшонҳоҷа Асрии Хӯҷандӣ соли 1282 ҳиҷрии қамарӣ (1864-65 мелодӣ) дар маҳаллаи Сангбуррони Хӯҷанд дар оилаи

косиб по ба арсаи вуҷуд ниҳод. Аз синни чаҳорсолагӣ ба савадомӯзӣ шурӯъ мекунад. Ӯ дар назди хаттоти машҳури хӯҷандӣ Мирсалим Мӯҳркан машқи хат мекунад ва ин санъатро ба осонӣ соҳиб мешавад.

Асирӣ пас аз касби маълумоти муқаддимотӣ ба мадрасаи «Шоҳӣ»-и шаҳри Хӯҷанд дохил шуда, таҳсилро идома медиҳад. Баъд бо мақсади такмили дониш ба шаҳри Қӯқанд, ки аз марказҳои сиёсиву илмии водии Фарғонаи нимаи дуюми асри XIX буд, меравад ва дар он ҷо ҳашт сол дар мадрасаи «Хоним» ба донишомӯзӣ машғул мешавад.[1] Пас аз хатми таҳсил Асирӣ ба зодгоҳаш-Хӯҷанд бармегардад ва «бо вуҷуди соҳиби илму камол будан мансабҳои илмро қабул накарда» ба касби сангиосиётарошӣ, ки аз падар мерос монда буд, таъмини маишат менамояд.

Ҳангоми таҳсили худ дар шаҳри Қӯқанд Асирӣ бо бисьёр намояндагони илму адаби халқи ӯзбек, ба мисли Муҳаммааминхоҷаи Муқимӣ (1850-1903), Зокирҷони Фурқат (1858-1909), Убайдуллои Завқӣ (1853-1921) ва дагарон дӯстӣ пайдо мекунад. Дар ҳамин айём ӯ бо зиёиёни маҳаллӣ ва хориҷӣ унс пайдо намуда, ба омӯхтани забони русӣ кӯшиш менамояд. Назар ба маълумоте, ки устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» овардааст, «Асирӣ марди қаландармизоҷ ва озодтабъ» буда, шахси хушомадгӯю маддоҳ набудааст.[2]

Бояд гуфт, ки таҳсили Асирӣ дар Қӯқанд тасодуфӣ набуд. Ин шаҳр дар нимаи дуюми асри XIX аз марказҳои бузурги илмию адабии Осиёи Мараказӣ шинохта шуда, дар он ҷо як зумра адибон, монанди Муқимӣ, Фурқат, Завқӣ ва дигарон ҷамъ омада буданд. Муҳимтараш ин аст, ки дар ин давра ва аз ин пештар низ муҳити адабии Қӯқанд ҳамчун маркази илму фарҳанг ва адабиёту санъат барои ташаккул ва инкишофи нафақат адабиёти ӯзбек, балки барои мавҷудию идомаи адабиёти

[1] Асирӣ Тошхоҷа. Ашъори мунтахаб. – Душанбе: Адиб, 1987. Саҳ.-5.
[2] Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Маскав, Чопхонаи марказӣ. – 1926. Саҳ.– 216.

тоҷикзабонони ин маҳал низ мавқеи муҳим дошт. Зеро яке аз равияҳои асоии ин муҳити адабӣ идома ва мавқеъ доштани анъанаи зуллисонайнӣ буд. Ошноӣ ва хабардории ӯ аз ҳолу аҳволи коргарону баъзе равшанфикрони рус низ маҳз дар ҳамин шаҳр ба вуқӯъ пайвастааст.

Асирӣ ба шеъру шоирӣ аз хурдсолӣ мароқ зоҳир менамояд. Аз осори то ба мо омадарасидаи ӯ аён мегардад, ки Асирӣ бо асарҳову ашъори адибони тоҷику форс, ӯзбеку озарбойҷон хуб ошност. Асирӣ хеле бармаҳал ба шеъргӯӣ шурӯъ намудааст. Ҳанӯз дар айёми таҳсилаш дар шаҳри Қӯқанд ӯро аҳли адаб чун шоири забардаст шинохта буданд. Аз тарафи қозии Қӯқанд Мулло Юнусҷони Шиғовул, ки табъи шоирӣ ҳам доштааст, имтиҳон карда шудани Асирӣ шоҳиди ин муддао буда метавонад. Асирӣ дар ин бора чунин мегӯяд: «Таҳсилим замонина мутобиқ шоири шаҳир ва фозили кабир яъне Мулло Юнусҷони Шағовул…ажози коғозпораларни ичиндан бир ғазали олиб «ӯғлум, бу бизни Юлдошхон исмиға мубанно мувашшаҳимизни мухаммас ё худ татаббӯъ тариқи бирлан жавоб ёзинг» деб каминага иршод буюрдилар…» (Тарҷума: дар замони таҳсилам шоири шаҳир ва фозили кабир, яъне Мулло Юнусҷони Шиғовул… аз байни аҷзои коғозпараҳояш як ғазалро гирифта «Писарам, ба мувашшаҳи мо, мубано ба исми Юлдошхон мухаммас ё худ ба тариқи татаббӯъ ҷавоб нависед»-гӯён ба камина иршод фармуданд…»)

Дар ибтидои кораш Асирӣ бештар дар пайравии шоирони гузашта ва ё дар ҷавоби ашъори муосиронаш шеър эҷод кардааст. Аз ҳамин қабиланд шеъҳои дар ҷавоби шеъҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Васлии Самарқандӣ, дар ҷавоби қасиди амири Бухоро-Амир Абдулаҳад (1885-1910) гуфтаи ӯ. Аммо пас аз касби таҷрибаи ҳаётӣ, пас аз дуруст шинохтани тинати амиру амалдорон ва намояндагони риёкори дин, тағйироти тафаккури бадеӣ, дигаргун шудани диди эстетикӣ ва дар зери таъсир ва нуфузи адабиёти

маорифпарварӣ эҷодиёти шоир характери иҷтимоӣ пайдо мекунад ва диққати шоирро бештар ҳаёти халқ ба худ ҷалб менамояд.

Асирӣ шоири маорифпарвар буд. Ӯ ҳам ба мисли дигар маорифпарварони тоҷик нисбат ба тартиботи ҳукмрони замони худ, нисбат ба золимони халқ, амиру амалдоронаш ва рӯҳониёни маккору риёкор «аз таҳти дил нафрати сӯзон» дошт, то ба ҳадде ки дар ҳаққи амири Бухоро гуфт:

Ман амиратро ба як мирӣ намегирам, бирав!
Илифоту ӯ надорад ҳимати як дона ҷав.
Гарчи номи ман Асирӣ, худ асираш нестам,
В - арна медод ӯ азоби беҳисобам нав ба нав.

Асирӣ тинати рӯҳониёнро хуб омӯхта буд, аз ҳамин сабаб тавонист макру ҳилаҳои онҳоро аз дигарон беҳтар фош намояд. Асирӣ «алломаҳои зоҳирпараст ва доништароши динро «деви Аквон» хонда, авомфиребии онҳоро чунин фош карда буд:

Бад-ӯ гуфтам: ту гар аллома бошӣ,
Чаро дар банди ин аммома бошӣ?!
Вагар алломаӣ алломаат кист?!
Вагар аммомаӣ алломаат кист?!

Асирӣ бо тамоми ҳастӣ маорифро тарғиб мекард. Ӯ мӯътақид буд, ки ба воситаи илму дониш мардумро аз зулму асорат, аз ҷаҳлу ҷаҳолат наҷот бахшидан имконпазир аст. Яъне барои «рушдиёти миллат», маданиятнок шудани халқ чунин шартҳоро ба миён мегузорад:

Макотибҳои нав эҷод кардан,
Раҳи дарси ҷадид иршод кардан…
Сару кори дигар бояд гирифтан,
Ба роҳи тоза бояд пеш рафтан…
Агар Чин аст, ё Маскав ба ҳар ҳол,
Ба ҳар лафзе, ки дар фанни фалоҳат,
Китобе рафта таълифи синоат.
Чи аз олмону чи аз ифранҷу русӣ,
Чи аз ёпунӣ ё худ англисӣ.
Ба лафзи миллӣ ё динӣ дароранд,
Ба нақлу тарҷума ҳиммат гуморанд.

Асирӣ худ аз аҳли заҳматкаш буд, ба касби деҳқонӣ машғул мешуд. Азобу машаққати ин табақа барояш ошно буд ва ҳамеша дар фикри пайдо кардани роҳи кӯмак намудану мадад расонидан буд. Шабҳо дар ҳамин фикр мехобад ва дар «хоби худ ишорат меёфт, ки ба ҳафри чашмае ҳиммат гуморад ва аз он ҷо «ҷадвали обе» берун орад. Асирӣ ҳамдарди деҳқонон буд. Шароити вазнини деҳқониро медид. Об намерасид. Заминҳои бисъёр аз беобӣ бекор мехобиданд, аз ҳамин сабаб фикру хаёли шоир бештар дар бораи пайдо кардани об, роҳи обёрӣ кардани заминҳои бекорхобида буд. Шоир канда шудани «Ҷӯи Бекобод»-ро бо хурсандии тамом пешвоз гирифта ва дар фикраш нақшаи кандани чандин чунин каналҳо аз дарьёи Саёҳун (Сир) ва Ҷайҳун (Аму) пайдо шуданд:

Арозӣ қобили заръ асту беоб,
Аҳолӣ ҷоҳилу дар бистари хоб.
Агар аз Ҷайҳун ду-се ҷу ҳафр оранд,
Бухору Хеваро Фирдавс созанд.
Ба Сайҳун боз як шохе физоянд,
Ба саҳори Чуқурбекат кушоянд.
Шавад он ҷо ҷаҳони тоза пайдо,
Замину осмони тоза пайдо…

«Асирӣ дар назм баъзан ва дар наср тамоман» муқаллиди Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) аст. Пайровии Асирӣ ба Бедил фақат дар сабку забони осори ӯ мушоҳида мешавад. Аз ҷиҳати мазмунофаринӣ ва баёни маонии бикр Асирӣ аз шоирони бузурги замони худ мебошад.

Тошхоҷа Ассирии Хӯҷандӣ 3 марти соли 1915 вафот кардааст. Ба ин муносибат шоир Зуфархон Ҷавҳарии Истаравшанӣ (1860-1945), ки аз дустонӣ ӯ буд,қитъаи марсиявии зеринро суруда аст:

Асирии Хӯҷандӣ Тошхӯҷа,
Ки шамъи ҷамъи аҳли илму фан буд.
Чу он ҷӯши баҳори фазл бигзашт,
Хазонӣ шуд, гулистони сухан буд.
Қалам ин нукта чун дурри андар буд.
Зи сӯзи ҳаҷри он симоӣ фитрат,

Баромад аз «чароғи анҷуман» дуд.

Аз эҷодиёти адабии Асирӣ як дафтари номатбӯи шеърҳо боқӣ монандааст. Эҷодиёти Асирии Хуҷандӣ бо сабки нигориш, услуби офариниш, забон ва навигариҳои замонӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад. Аз ин ҷиҳат метавон гуфт, ки осори ин адиб дар мобайни адабиёти анъанавии классикии форсу тоҷик ва адабиёти навини маорифпарварӣ-тараққудхоҳӣ қарор дорад. Зеро вай ҳам аз осори адибони классик ва ҳам аз ҳамзамонони худ баҳраҳо ва самараҳои хуб бардоштааст.

Масалан, дар офариниши жанрҳои мухталифи адабӣ-лирикӣ метавон ин гуна манзараро мушоҳида намуд.

Дар ҳақиқат вай дар гуфтани қасида завқ ва сабки хос дорад. Ба ин ҷиҳати маромаш ишора карда, дар яке аз қасидаҳояш, ки дар мазаммати замон гуфта шудааст, меоварад:

Ман аз риштаи худ қасаб менигарам,
Набофам, Асирӣ, палоси касона.

Ҳатто дар қасидаҳое, ки Асирӣ сирфан дар пайравии Бедил гуфтааст, мо нақши қалами хоси шоирро ҳис мекунем. Ҳарчанд ин қасидаҳо ғаррову беназир набошанд ҳам, байту пораҳои дилангези шоирона доранд. Масалан, ин байти як қасидаи ӯ ҷолиб ва тасвирист, маъниаш низ амиқу хаёловар аст:

Намози шукри саломати ӯ тавонад он кас гузорад, аммо,
Зи субҳи ҳастӣ қиём варзад суҷудаш ба шоми мурдан.

Яке аз вижагиҳои қасоиди Асирӣ ба ҳолу авзои мушаххас тааллуқ доштани онҳост. Ва худи Асирӣ аксар вақт шарҳе дар ҳошияи ин гуна қасидаҳо навиштааст. Масалан, дар ҳошияи қасидае, ки бо байти

Эй шамъ туӣ ҳамнафаси сӯзи дарунам,
Ҳамрози забондонаму асрори ҷунунам.

оғоз мешавад, шоир таъкид мекунад, ки ин ифодагари «Қиссаи доғи дил»-и хунини ӯст. «Дебои ин қасидаи ҳамида бофтаи коргоҳи хаёли ясмаъоли Асирии саропо аҷзу тақсир аст, ки ҷиҳати ҳоли малолат метавон гуфт».

«Бурҳони Асирӣ»-ро низ метавон аз беҳтарин қасидаҳои ӯ шинохт, ки мазмуни баланди инсонпарварона ва маърифатхоҳона дорад. Асирӣ дар ин қасида хислатҳои одами аз ҳама неки замони худ –хайрхоҳи халқ будан, ба халқ нафъу фоидаи холис расонидан, дили соф, равшан ва покиза доштан, садоқатнок будан, хотирро аз фикрҳои ғалат ва зарарнок покиза доштан, хоксорӣ, бо илму маърифат будан, дар назди халқ бо ахлоқи нек машҳур шудан ва халқро бо он тарбият кардан, бо одамони бади ҷамъият мубориза бурдан, дар мубориза ба муқобили монеаҳои дар назди ҷамъият мавҷудбуда, барои ватан, халқу миллат хизмат намудан ва ғайраро таърифу тавсиф менамояд:

Одамият чист?-Худро дур аз шарр доштан,
Ҳайрхоҳи халқ будан, нафъи безар доштан.
Аз сафо оина бастан хонаи дилро мудом,
Аз чароғи сидқ, хотирро мунаввар доштан…
Хешро дар шоҳроҳи фақр афкандан ба хок,
Дар тариқи фоқа, худ аз хок камтар доштан.
Қомати хастӣ ба дебои камол орастан
Ҷомаи фазлу ҳунар пирояи бар, доштан.
Бегумони ину он, аз чорсӯи коинот,
Халқро аз хулқи некӯ уди маҷмар доштан…
Дар мазоҷи ғамкашони даҳр, аз нӯги забон.
Баҳри ислоҳи раунат, неши ништар доштан…
Дар суфуфи корзори хеле асҳоби ино,
Синаро зӯрозмои захми ханҷар доштан,..
Равзаи ризвони миллатро ба оби иҷтиҳод,
Ҳамчу боғи хулд доим тазаву тар доштан…

Маълум мегардад, ки услуби нигориши адиб ҳамоно услуби бедилиро қарин аст. Аммо дар шеър унсурҳои воқеънигории адиб бештар ба назар мерасад ва шоир пеш аз ҳама дар хусусуси мавқеи одаму одамигарӣ дар ҷамъият сухан мекушояд. Ин ҷо як навъ симои инсони комил дар ҷамъияти воқеии башарият пеши назар ҳувайдо мегардад. Аз ҷумла, «худро дур аз шарр доштан», «хайрхоҳи халқ будан», «нафъи безар доштан», «синаро оинаи сидқу сафо кардан», камтару хоксортар

будан, «камолоти маънавӣ доштан» ҳама қадриятҳои ахлоқии миллии умумбашарист, ки шоир ба онҳо эътибори хос додаст. Моҳияти аслии диди ахлоқию фалсафӣ, одамшиносию инсонпарварии шоирро аз ин қасида фаҳмидан душвор нест.

Шоир баъд аз қайд намудани хислатҳои одами ҳақиқӣ суханро ба болои арбобони онрӯзаи дин оварда, айбу иллат, макру фиреб ва нияти бади ғайриинсонии онҳоро фош менамояд:

Оҳ аз ин ҷинси ноҷасаттинатони зӯҳдкеш,
Чиз ба оби теғ нотавонӣ мутаҳҳар доштан.
Анкабутонанд ҳангоме ки гиранд эътикоф,
Сайди мазлуме-ғараз дар зери чодар доштан…
Ҷумла тарророни роҳи дину имони туанд,
Чашм бар ҳамёни симу кисаи зар доштан.
Аз сару кори намозу рӯзаи эшон мапурс,
Хешро дар зери бори охират хар доштан…

Донишманди фақиди тоҷик Раҳим Ҳошим қасидаи «Бурҳони Асирӣ» ё худ «Одамият чист?»-и Тошхоҷаи Асириро «яке аз шоҳкорҳои безаволи» шоир дониста, дар бораи ин қасида фикрҳои ҷолибе баён кардааст. Азбаски таҳлилаш бисёр арзишманд аст ва моҳияти иҷтимоию бадеии ин асар ва савияи ҳунари шоирии Асириро хеле хуб ва воқеӣ нишон медиҳад мо муфид донистем, ки онро комилан иқтибос кунем.

Раҳим Ҳошим менависад, ки «Одамият чист?» ба тамоми маънои ин мафҳум як асари фалсафист ва мояи басо хушбахтии мост, ки бисёр гуфтаҳои шоир аз байн нарафта, пурра ба дасти мо расидааст. Ин қасида маромномаи зиндагии шоир аст. Ӯ фаҳмиши худро дар бораи маънои зиндагӣ нигариши худро дар бораи одамони муҳити худ ва он чи ки дар давру барии худ мебинад, дар ин қасида ба ифода кардан кӯшидааст. Ин қасида аз ҷиҳати маъно, амиқии андеша ва қимати фалсафии худ бо қасидаи машҳури Абдураҳмони Ҷомӣ «Луҷҷат-ул-асрор» ва қасидаи фалсафии Алишер Навоӣ «Тӯҳфат-ул-афкор» баробар меистад, ки бо матлаи «Оташин лаъле, ки тоҷи хисравонро зевар аст», оғоз меёбад.

Қасидаи «Одамят чист?» гимнест, суруди пуртантанаи пурҷӯшу хурӯшест дар маънии инсон, дар васфи фазилат ва бузургии инсони халлоқ, инсони эҷодкор. Асирӣ дар ин қасидаи худ инсонро меситояд, ки халлоқи тамоми неъматҳои заминист, инсоне, ки дар парвози андешаҳои худ муаммоҳои кашфнашудаи табиат ва муҳити худро мавриди тааллуқ ва тааммул қарор дода, онҳоро кашф ва табиати сирфашро ба хизмат кардан ба худ маҷбур намуда, ҳамеша барои осудагӣ ва рифоҳи ҳоли худ кӯшидааст. Одамият дар назари мутафаккир ва донишмандон аз ҳамин мубориза барои некӣ, хушбахтӣ ва осудагии башарият иборат будааст.

Қасидаи «Одамият чист?» шоҳиди дараҷаи баланди дониш ва маърифат ва гувоҳи истеъдоди олии шеърии Асирист, ки мисл ва баробари он дар эҷодиёти ҳамзамононаш дида намешавад.

Вале дар замоне, ки Асирӣ мезист, ба инсон на аз рӯи қувваи эҷодӣ, хислатҳои олии ӯ баҳо дода мешуд, балки мақом ва бузургии одам фақат бо калонии салла ва фарбеҳии ҳамёнаш муайян карда мешуд. Як гурӯҳ муллонамо ва давлатмандон, ки лаҷоми идораи замонаро ба даст гирифта, худро соҳибихтиёри ҳастию нестӣ, тақдири имрӯзу фардои оммаи мардум ҳисоб мекарданд, фақат сарват андӯхтан ва бо ин роҳ обрӯ ва эътибор пайдо карданро ба худ мақсади зиндагӣ қарор дода, аз тамоми фазилатҳои инсонӣ маҳрум буданд ва барои ба даст овардани нуфуз ва сарват аз ҳеҷ разолат ва пастфитратӣ худдорӣ намекарданд, дар назари онҳо хору паст будани инсон зарурат дорад ва илму дониш барои хизмат ба рифоҳи халқ не, балки барои ба ғафлат андохтан ва дар таҳти итоати худ нигоҳ доштани вай восита гардида буд. Мазмуну маъно эътибори худро гум карда, ороиши зоҳирӣ меъёри қадру мартаба шуда буд. Илму дониш, аз ҷумла, шеъру шоирӣ низ вазифаи худро, ки ҳидоят ва раҳнамоӣ ба сӯи маърифат, худшиносӣ ва талқини хулқу хислатҳои нек ба халқ мебошад, дар дасти як гурӯҳ олим ва шоиртарошон олати худнамоӣ ва тамаллуқу хушомадгӯӣ гардида буд.

Асирӣ дар қасида чунин хислатҳои зишти забардастони замони худро мазаммат ва сарзаниш карда, он чиро ки дар ҳақиқат меъёри одамият аст ва лаҷомдорони замони Асирӣ аз он маҳруму бенасиб буданд, бармешуморад. Консепсияи ахлоқию фалсафии шоир дар ин шеър тавассути ибораҳои такявии хайрхоҳи халқ будан, дили худро аз ғубори кинаву бадхоҳӣ пок нигоҳ доштан, бо вуҷуди давлатмандӣ ва донишмандӣ камтару хоксор будан, «қомати ҳастӣ ба дебои камол ороста», ба хӯю хислатҳои нек соҳиб буданд, караму саховатро пеша кардан, ба сари мӯҳтоҷон бо хӯрмандиҳои ғайри намоишкорона соя афкандан, бо меҳнати худ, бо арақи ҷабини худ касбу кор кардан ва фақат ба ин восита обрӯву эътибор ба даст даровардан–инҳост дар назари Асирӣ меъёру андозаи одамгарӣ. Касе, ки ин хислатҳоро надорад, касе, ки бо ғайри ин роҳ зиндагонӣ мекунад, ӯ одам нест, ӯро одам номидан раво нест. Ӯ дар муҳите ки ҷаҳлу нодонӣ ва хушомад ҳукмфармо буд, ба сӯи илму дониш раҳнамоӣ кардани халқро вазифаи асосии соҳибони донишу маърифат ҳисоб мекард. Вале муллоҳои замонаш халқро, баръакс ба сӯи ғафлат мекашиданд, мағзи сари толибони илму донишро на бо илмҳои дар зиндагӣ фоиданок, балки бо хуруфоту маълумот пур мекарданд. Асирӣ ба ин қабил муллоҳо беибо ҳуҷум карда, онҳоро «зоҳидони наҷосатинат» ва тортанакҳое меномад, ки мазлумонро ба тору доми ҳилаву найранги худ печонад, хунашонро мемаканд. Аз зӯҳд ва эътикоф–гӯшанишинӣ ва парҳезкории зоҳирӣ мақсади онҳо фақат «Сайфи мазлумон» аст, мегӯяд шоир. Онҳо дар зоҳир суф мепӯшанд, аммо дар талаби дебову астлас ҳастанд, кулоҳи сӯфигӣ ба сар гузоштанд, аммо ҳавои қайсар шудан дар калла доранд.

Вале оташи хашму ғазаби шоир бо ин суханон хомӯш намешавад, ӯ бо дили лабрез аз ғазаб дод зада мегӯяд:

Аз сари кори намозу рӯзаи эшон мапурс,
Хешро дар зери бори охират хар доштан.

Муллоён аз номи дин ин дунёро бебақо ва гузаранда номида, мардумро ба хотири ба даст даровардани роҳатҳои охирати мавҳум ба намозу рӯза ва тоату итоат ҳавола мекарданд. Оммаи мардум маҳсули меҳнати сахти худро ба ин гурӯҳ дода, дар бадалаш гӯё охирати мавҳумро мехарид. Асирӣ ин корро дар зери бори охират хар шудан меномад ва нотарсона ба яке аз асосҳои мӯътабари дини ислом, ки «охиратталабӣ» мебошад, ҳуҷум мекунад. Чунин шеър навиштан дар замон ва муҳите, ки Асирӣ мезист, ҷасорати хеле калонро талаб мекард. Ин ҷуръатро фақат касе карда метавонист, ки ба тамоми илму дониш, фазлу одоби замони худ шомил буда, дар камолот ва дониш аз ҳамзамононаш як қад болотар истода, бо меҳнати сахти худ рӯз мегузаронд, сангтароширо, ки аз сахттарин ва сермеҳнаттрин касбҳост, барои худ воситаи рӯзгузаронӣ интихоб карда буд.

Қасидаи «Қасрҳо» натиҷаи таассуротест, ки шоир аз рафтори дӯсташ, мударриси мадрасаи Бухоро мулло Исҳоқбеки Исфарагӣ натиҷа гирифта шеър гуфтааст. Дар ҳошияи қасида шоир ба ҳасрат ба ёд меоварад, ки ин дӯст аз мутаҳидони дарси «ақидат» болои ҳама сидқе, ки ҳарду ба ҳам доштаанд, ҳатто пас аз «Мусибати фарзанди арҷманди» шоир «Мусаммо ба Сайид Вафохон» «лозимаи фотеҳа ба ҷо наоварда, роҳи Бухоро» паймуд. Ин ҳасрати дили шарҳаашро шоир ба қасида мекӯчонад, ки пораҳои ҷигарсӯзе дорад ва ҳамчунин дар сатрҳо чеҳраи дӯсти риёкору зоҳирнамои шоир, ки сидқ надоштааст, пеши назар меояд.

Ҳамин гуна сабки нигориши шоирро қасидаи «Ҳақиқати Вафо» зиёда такмил бахшидааст. Аз мазмуни қасида бармеояд, ки шоир аз марги фарзанди ҷигарбандаш Саид Вафохӯҷа сахт дилхун будааст. Ин қасида бо таассуроти бисёр ҳам равшани шоирона фарқ мекунад. Байтҳои соддаву равону дилкаши шоир моро ғамшарики ӯ месозанд. Шоир аз забони фарзанди фавтидааш чунин менигорад:

Эй падар, шуғли ману кори ман ин ҷо ин аст,
Мекунам бар туву бар модари худ истиғфор.

Ва ё:

Модарамро зи ман муждаву пайғом расон,
Ту, ки бисёр зи ғам сина надорад афгор.

ва ғайра.

Ин аст ки Асирӣ дар жанри қасида низ устодии худро зоҳир месозад. Мо дар боло аз хусусиятҳои қасоиди Асирӣ сухан гуфта, махсусияти замонӣ ва ҳолии онҳоро таъкид кардем. Дар қасидаи «Қареҳа» ва «Таъбири манзумаи хоби муаммо ба «Ҳадиқаи Вафо» ва ниҳоят ба қадим ва ҷадид» ин хусусият афзалияти зиёд пайдо мекунад. Яъне дар ин қасидаҳо таассурот, хаёл ва воқеият мояи асосии шеъранд, ки дар бисёр мавридҳо шеъри ӯро камоли ҳусну маънӣ бахшидаанд.

Асирӣ ба миқдори на чандон зиёд ғазал ҳам гуфтааст. Ин ғазалҳо бештар хусусияти ҷавобияро доранд ва шоир низ дар бештарин ҳолатҳо мақсади навиштани ин ё он ғазалро гирифтааст. Масалан, ду ғазале, ки дар ҷавоби Зуфархон Ҷавҳарӣ гуфта, таърих ва сабаби навишта шуданашон низ баён шудааст.

Шоир дар аксари ғазалҳо ва мухаммасоте, ки дар пайравии Бедил гуфтааст, мустақилияти эҷодӣ надорад. Дар ин гуна ғазалҳо образҳои шеърии Бедилро такрор мекунад. Ба ин тарз:

Фиреби домани ҳастӣ махӯр чу тифли сиришт,
Саре зи ҷайби одам ба ман, ки по ин ҷост.
Ҷаҳон чу сояи ваҳмест дар гузаргоҳи абр,
Маҷӯ бақои иқомат, ки бебақо инҷост.

Дар ин ду байт ифодаҳои обарзноки «Фиреби домани ҳастӣ», «Сояи ваҳшист» ва ғайра ҳамон аст, ки Бедил дар шеъраш истифода карда, дар шеъри Асирӣ такрори бо малоле беш нестанд.

Вақте ки ашъори Асириро дар ҷомеъ мехонем ва таҳлил мекунем, хулоса ин аст, ки ӯ дар ҳунари шоирӣ шахси тасодуфӣ набудааст, ҳарчанд ки ҷанбаи тақлид дар шеъраш, ҳатто дар рубоиҳояш хеле назаррас аст. Бо вуҷуди ин шеъри ӯ аз шеъри суннатӣ ва пурмояву

ҳунармандона гуфташудаи классикӣ сарчашма гирифта, аз ин назар хосу поку камолоиш аст.

Асирӣ зиндагии нобоберо ба сар бурдааст. Маоши зиндагиаш асосан, аз ҳисоби касбу кор будааст. Нақши ин рӯҳия, ки гувоҳи мустақилӣ ва бехалал будани шахсияти ӯст, дар пораҳое аз шеърҳояш равшан ба назар мерасад. Масалан, ба мазмуни ин рубоӣ таваҷҷӯҳ кунед:

Ёраб, дари халқ такягоҳам макунӣ,
Мӯҳточи вазиру подшоҳам макунӣ.
Мӯи сиёҳам аз каромат гашта сафед,
Бо мӯи сафед рӯсиёҳам макунӣ.

Асирӣ байту пораҳои ҳикматноке дорад, ки метавон онҳоро дар маҳаллу мақоми хос иқтибос кард ва ё чун катибае дар мавриде истифода намуд. Масалан:

Дарсе, ки ҳақиқат аст, дар сина бувад,
Дарсе набувад ҳар он чи дар сина бувад.
Сад хона китоб хониву судат накунад,
Бояд, ки китобхона дар сина бувад.

Дар хотимаи ин гуфтор, ки ёде аз шоири таҷаддудхоҳ Тошхоҷаи Асирӣ буд, як байти ӯро ҷиҳати шодбоши рӯҳаш меоварем ва ба рӯҳи покаш итминон медиҳем, ки ӯ танҳову фаромӯшшуда нест, балки шеъри ӯ хати иртиботи азалӣ миёни ӯву наслҳои баъдист.

Ҳамчу он шамъе, ки афрӯзанд дар лавҳи мазор,
Сӯхтам аз дасти танҳоӣ, касе ёдам накард.

Асирӣ « Мудофиа» ном шеъри худро бо илтимоси устод С.Айнӣ навиштааст. Дар ин шеър дар барои хубиҳо усли нави таълими мактабҳои нав, барои тез саводбарорӣ соз будани ӯ, имлоҳои гуногуни замонавиро омӯзондани вай, сухан ронда, онро таърифу тавсиф кардааст:

Зиҳи тариқи муқаддас роҳи усули ҷадид
Паи вусули мақосид чу савоби роҳи ҳамид…
Зи ҳусни тарбияташ дар тамоми як ду моҳ,
Закову ҳадс фазояд ба кӯдакони балид.
Зи қайди ҷаҳду фасолат наҷод мебахшад,

Ба боби маърифату илму дониш аст калид
Ба илму ҳандасаву ҳайъат устод шаванд.
Кунанд марказу ақтори арзро таҳдид…
Шавад зи партави танвири меҳр эъҷозаш
Саводи шоми ту ҳамчун баёзи субҳ сафед…

Шоир ҷиҳатҳои хубии мактаби навро таърифу тарғиб карда истода, бо ҳис ва назари нафрат дар барои мактаби сохти кӯҳна сухан меронад ва бадии усули таълими он, барои бачагон монанди зиндон будани вай, душвор будани хондани китобҳои бо хати арабӣ навишташуда, бӯйноку ифлосии бинои мактабҳои кӯҳнаро фош намуда, халқ ва бачагонро даъват менамояд, ки дар мактаби кӯҳна, ки аз мактаби нав ҳазор маротиба паст аст, нахонад.

Махон ту мактаби деринаро мумидди камол,
Ҳазор мартаба з-ин роҳ фаротар асту баид.
Кӯҳанбалои сияҳҷоли, маҳбаси атфол,
Ҷиҳаннами аламу дӯзахи азоби шадид...
Ба ҷуз шалоқу адабчӯбу силии устод,
Аз ин ҷафокада дигар чӣ ҳосил асту падид.
Зи вазъи тарбияташ эҳтироз воҷиб дон,
Ба ояту ба ҳадису хабар диҳам таъёид.
Чӣ аъламу чӣ мударрис, чӣ муфтию қозӣ,
Ҳавопарасти ривоҷанду рутбаи ҷовид.
Ҳазор сол бадин наҳҷ агар ҳиҷо хонӣ.
Ба ғайри ҳаҷв аз он ҷо махоҳ гуфту шунид.

Асирӣ ҳамчун шахси озодфикр ба қоидаву қонунҳои махсусан динӣ ва урфу одати рӯҳониён бо назари танқад, масхара нигоҳ карда, қаландармиҷозона, беибо мегашт. Рӯҳониён ӯро дар байни аҳолӣ девона эълон карда буданд. Аммо халқ ӯро бисьёр дӯст медошт ва дар байни халқ таъсиру эҳтироми зиёде дошт.

Асирӣ дар таълифи маснавии «Тамсил» аз Аҷзӣ ва асари ӯ самараи хубе бардоштани хешро таъкид менамояд, ки маснавӣ бар ҷавоби маснавии «Миръоти ибрат»–и Аҷзӣ навишта шудааст:

Китоб аз Аҷзии фархундафитрат,
Мусаммо буд бо «Миръоти ибрат».

Маромашро ба худ ҳамдард дидам,
Ту гӯӣ ганҷи бодовард дидам.
Ҷавобашро ба худ воҷиб шумурдам,
Агарчӣ нест имкон ранҷ бурдам[1].

Дар ашъори Тошхоҷаи Асирӣ низ такомул ва таҷдиди мазмуну унсурҳои шаклии жанрҳо дар мисоли ғазали анъанавӣ ва маснавӣ мушоҳида карда мешавад. Тарғиби омӯхтани илмҳои дунявӣ, техникаи замонавӣ, ислоҳи ҳолати иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат дар ашъори шоир мавзӯъҳои нав буда, онҳо дар қолабу шаклҳои анъанавии ашъори лирикӣ инъикос ёфтаанд. Аммо маснавии «Тимсол» ва қасидаи «Бурҳони Асирӣ» ва ашъори дигар ба мо имкон медиҳанд, ки Асирӣ ҳамчун адиби маорифпарвару таҷаддудхоҳи ибтидои асри XX эътироф карда шавад. Зеро дар ин ду асар чӣ аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа ва чӣ аз лиҳози сохту шакл сабку услуб ва забон навпардозиҳои шоир дида мешавад. Маҳз ин ду асар ифодагари афкору ақидаҳои маорифпарварона ва таҷдидгароёнаи шоир ҳисоб меёбанд.

Маснавии «Тимсол»–и Асирӣ қисман дар сармақолаи муҳаққиқ С.Асадуллоев[2] (192, 3–8) ва дар мақолаи М.Додобоев «Маснавии «Тимсол» ва мавқеи он дар эҷодиёти Тошхоҷаи Асирии Хӯҷандӣ»[3], ки аз ин хусус гуфтугузор кардем, ҳадафи тадқиқ қарор гирифта буд. Дар баррасии арзиши ҳунарии асар ва муайян кардани моҳияти он мулоҳизоти М.Додобоев ҷолиби диққатанд. Ӯ менигорад: «Маснавии «Тимсол»–и Асирӣ ҳаҷман хурд (416 байт) буда, аз ҷиҳати мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявӣ ба достони «Миръоти ибрат» шабоҳат дорад ва Асирӣ фикру ақидаҳои Сиддиқии Аҷзиро як навъ такмил мебахшад. Аммо аз ҷиҳати сохту банду баст, инчунин сабки нигориш байни ин ду асар тафовути ҷиддӣ ба назар мерасад».[4] Муаллифи мақола дуруст қайд

---

[1] Асирӣ Тошхоҷа. Ашъори мунтахаб. – Душанбе: Адиб, 1987. – 191 с. Саҳ.-10
[2] Асирӣ Тошхоҷа. Ашъори мунтахаб. – Душанбе: Адиб, 1987. – 191 с. Саҳ.-3-8
[3] Додобоев. М. Ҳамоҳангии афкори маорифпарварии Аҷзии Самарқандӣ ва Иқболи Лоҳурӣ. – Душанбе: Адаб, 2005, №. 5.– С. 6–9 .
[4] Ҳамин манбаъ. Саҳ.-7.

менамояд, ки маснавии «Тимсол»–и Асирӣ ва маснавии «Миръоти ибрат» аз лиҳози сохту банду баст, сабку нигориш тафовути ҷиддӣ дорад. Агар аз ҷиҳати банду баст маснавии «Миръоти ибрат»–ро ба ду қисмат тақсим кардан мумкин бошад, маснавии «Тимсол»–и Асирӣ аз шаш манзумаи ҷудогона таркиб ёфтааст, ки ба воқеаҳои гуногуни ҳаётӣ бахшида шудаанд. «Аз ҷиҳати сохту композитсия танҳо манзумаи охирини маснавӣ дар пайравии услуби «Миръоти ибрат» навишта шудааст… Дигар ин ки мустақилияти манзумаҳои таркиби маснавӣ нисбӣ буда, онҳо аз рӯи мавзӯъ, мундариҷаи ғоявӣ ва тарзи баён ба ҳам алоқаманд кунонида шудаанд.[1] Ба назар чунин мерасад, ки манзумаҳои мазкур аввал ба тарзи ҷудогона бахшида ба масъалаҳои мухталиф навишта шудаанд ва дертар бо мақсади муайян дар шакли асари яклухт ҷамъбаст гардидаанд.

Маснавии «Тимсол»–и Асирӣ бағайри ин аз ҷиҳати тарҳи умумӣ асаре дар услуби тоза аст. Зеро дар манзумаи панҷум, ки «Дар мазаммати фақр» унвон дорад, шоир сабку услуби тозаро интихоб намудааст, ки ҷанбаи пурқуввати воқеънигорӣ дорад. Шоир дар ҳамин манзума дар тавсифи ҷӯи Бекобод, ки дар ҳамон солҳо ҳамчун кӯшишоти ҷиддие дар тасхири заминҳои лалмии нокорам ва саҳрои хушк ба вуҷуд омада буд, мепардозад ва дар тасвири ин ҳодиса факту рақам ва бурҳону санадҳои раднопазиреро истифода менамояд. Аз ҷумла:

Ба ҳукми подшоҳи давлати рус,
Яке аз ағниёи савлати рус.
Ҳозору нӯҳсаду ду соли мелод,
Ба ҳафри ҷадвале шуд пудратиршод,
Зи истеъмоли мошинҳои ҳаффор,
Ба шуғли кофтан гардид тайёр.
Гузашт аз ибтидояш ёздаҳ сол,
Ҳамин сол эҳтирофаш ёфт икмол.
Ба панҷум уктобир расми кушодаш,
Шуда ҷорӣ об андар ниҳодаш…

[1] Ҳамин манбаъ. Саҳ.-7.

Бараш ҳаштод олчин дар таориф
Бувад қаддаш надонам, лою ориф.
Чиҳил газ умқ бояд, эй хирадманд,
Ба ғавраш то расад фаҳми барӯманд.
Даҳонаш ёздаҳ дарвоза дорад,
Бари ҳар як се газ андоза дорад.[1]

Ин тарзи тасвир дар жанри маснавӣ навгонии ҷиддӣ аст, ки онро аз маснавиҳои дигар, минҷумла «Миръоти ибрат»–и Аҷзӣ тафовут медиҳад. Дар ҳамин қисмат баъзе истилоҳоти нав низ аз қабили «пудратиршод», «мошини ҳаффор» (экскаватор), «уктобир» (номи моҳи мелодӣ) ва ғайра ба назар мерасанд, ки сабку услуб ва забони асарро таровату тозагӣ бахшидаанд ва ин тарзи тасвир ба реализми маорифпарварӣ хос аст. Асари мазкур дар муайян кардани таҳаввули тадриҷии жанри маснавӣ ва таҷдиди мазмуну мундариҷаи ғоявию хусусиятҳои жанрии он арзиши хос дорад. Ба воқеият гаравидани шоир, назари тозаи ӯ ба ҳаёти воқеӣ, характери мавзӯъ ва хусусияти тарғибию ташвиқотӣ доштани маснавӣ, тарҳи умумӣ ва забону услуби асарро муайян намудааст. Аз ин лиҳоз маснавии «Тимсол»–и Асирӣ аз ашъори лирикии ӯ, хусусан аз ғазалҳои шоир тафовути ҷиддӣ дорад. Маснавии мазкури Асирӣ ҳамчун асари пуразиши бадеӣ аз лиҳози мазмун ва моҳияти иҷтимоӣ, ҷанбаи тарбиявӣ, ташвиқотӣ–тарғиботӣ ҳамчунин сохтор ва забону услуб дар дигаргуншавии системаи жанрии адабиёти ибтидои асри XX мавқеи муайян дорад. Аз ин ҷиҳат жанри маснавӣ низ дар ифодаи ғояҳои нави иҷтимоӣ – маорифпарварӣ эътибори махсусеро молик аст. Дар раванди адабӣ ин жанр барои инъикоси паҳлӯҳои гуногуни воқеияти сиёсию иҷтимоии ҳаёту рӯзгори инсон хизмат намуд. Таҷдиди мазмун ва ифодаи ғояҳои нави ҳаётӣ дар он боиси ҳодисаи синтези махсусиятҳои жанрӣ, вусъат ёфтани хусусиятҳои гуногуни жанрҳои эпикӣ гардид.

---

[1] Асирӣ Тошхоҷа. Ашъори мунтахаб. – Душанбе: Адиб, 1987. – 191 с. Саҳ.-16

Ҳамин тариқ Тошхоҷаи Асирӣ яке аз адибони маорифпарвари тоҷик буда, эҷодиёти ӯ аз лиҳози мазмуну мундариҷаи ғоявӣ ва шаклу услуб ва тарзи нигориш ҷиҳатҳои ба худ хос дорад. Асири сараввал адиби маорифпарвар аст ва дар радифи ҳамин ин адиб дар рушду такомули анъанаҳои адабӣ низ саҳми арзанда дорад. Дар осори ӯ ҷанбаҳои ахлоқию фалсафӣ ва унсурҳои ҳаётии тасвир ба назар бештар ва хубтар зоҳир мегарданд. Метавон гуфт, ки дар адабиёти ибтидои асри XX ин шоир мавқеъ ва манзалати ба худ хосро дорост.

Савол ва супоришот:

1. Зиндагиномаи Тошхоҷа Асирии Хӯҷандӣ.
2. Асирӣ ва адабиёти маорифпарварии тоҷик.
3. Ашъори иҷтимоии Тошхоҷаи Асирӣ.
4. Муҳити адабии Қӯқанд ва таъсири он ба осори Асирӣ.
5. Асирӣ ва Аҷзиву Васлӣ.
6. Таркиби жанрии осори Асирии Хӯҷандӣ.
7. Мавқеи жанри қасида дар ашъори шоир.
8. Маснавии «Тимсол» дар эҷодиёти адиб ва хусусиятҳои муҳимтарини он.
9. Тошхоҷа асирӣ ва афкори маорифпарварии ӯ.
10. Масъалаи инъикоси ислоҳоти иҷтимоӣ, истеҳсолӣ дар ашъори шоир.
11. Тошхоҷа Асирӣ ва масъалаи мактабу маориф дар эҷодиёти ӯ.

Аз тараққиёт руҷӯъ кунед

Бародарҳо, чу бар сар ҳуш доред,
Ба таърихи ниёгон баргуморед!
Ниёгони шумо машҳур буданд,
Ба касби ҳар ҳунар масдур буданд;
Ба кори дунявӣ чолок буданд,
Ба роҳи азми худ бебок буданд.
Асарҳое, к-аз эшон ёдгор аст,

Биною буқъаи хайриштиҳор аст;
Сарою такяву дорулмасокин,
Дабистон, кӯшк, коху қаср, лекин,
Ҳама бо тахту услуби худаш буд,
Ба ҳар аср ингуна бунёд мешуд,
Узиру чашмаю ҷӯҳои корез.
Работу қалъаеву чоҳи лабрез.
Чу омад асри нав, кӯшиш намоед,
Мутобиқ бар ҳамин ҳиммат физоед.
Кушода чашми худ бар илми дунё,
Бинокории нав созед эҳё,
Наояд ҳеҷ хайре аз ҷаҳолат,
Чунон к- аз танпарастию батолат!
Шумо, бо роҳу оину тамаддун,
Биёроед гулзори тафаннун!
Шумо бикшода боғи ихтироот,
Мураввақ сохта расми саноот,
Макотибҳои нав бунёд созед,
Раҳи дарси навӣ иршод созед!
Ду чашм аз хоби ғафлат боз доред,
Ба заръи дунявӣ киште бикоред.
Сазад роҳи нави икмол ҷустан,
Зи ҳар дар роҳи истиқбол ҷустан.
Қироатхонаҳо барпо намоед,
Мақоми маслиҳат иншо намоед.
Ба авлоди азиз фан ёд додан
Бувад таҷдиди истеъдод додан.
Сари кори наве бояд гирифтан,
Ба роҳи тоза шояд пеш рафтан!
Агар Чин аст ё Маскав, ба ҳар ҳол,
Сазад рафтан паи таҳсили икмол.
Зи ихвони забондони муосир
Сазад омӯхтан, эй абди қосир.
Ба ҳар як лафз дар фанни малоҳат
Китобат кун зи таснифи саноат!
Чӣ аз мошинаю фабрикаи рус,
Чӣ меъморӣ зи Мисру равзаи Тӯс,
Зарур омад ҳунарҷӯию хониш
Паи ободию такмили дониш!

Ручӯе бар тараққиёт бояд,
Ки дониш боби худ бар мо кушояд!
Асирӣ, нафъи фан тамҳид кардам,
Ба фан оред рӯ, таъкид кардам!

Гиромофун

Ба гӯшам мерасад сози фусунсози гиромофун,
Диҳад дар пайкарам ҷон сӯзи овози гиромофун.
Зи анфосаш Масеҳо ёд гирад рӯҳбахширо,
Ба Исо карда таълими дам устози гиромофун.
Садои авҷу аксаш мум созад нағмаи Довуд,
Ба аршу фарш ку як сози дамсози гиромофун?!
Аҷаб аъҷубаи навихтирои тозаиншое,
Кунад анҷом хатми нағма оғози гиромофун,
Шуданд аҳли каромат ошиқи эъҷози довудӣ,
Бубин, аҳли каромат, инак эъҷози гиромофун!
Кунад гул ёр гулёри тараннумсози «гулёр»-аш,
Ба Шаҳноз аст дарс аз нози таннози гиромофун.
«Сифоҳон»-у «Ироқ»-аш рост созад «Насри сегоҳ»-аш,
Кунад фатҳи «Ҳиҷоз»-и назм такутози гиромофун.
Навои «Дилхарош»-аш дил кунад чоку ҷигар пора,
Мақоми «Чоргоҳ»-и гиряпардози гиромофун.
Адилаш кам, мисолаш нодиру камёб монандаш,
Асир, алқисса, гӯ, олам даҳонбози гиромофун.

Дар ҳаққи Осиёи Миёна

Хусусан Осиё – рустозамин аст,
Замини пурбаҳо, ганҷофарин аст.
Дар инҷо кишти ҳар кас, ҳар чи корад,
Ба нерӯи фузунаш ҳосил орад.
Арозӣ қобили заръ асту камоб,
Аҳолӣ камсаводу чашм дар хоб.
Чӣ дар саҳрои Урганҷу чӣ Форб,
Паи деҳқонӣ монда кӯҳна асбоб.
Чу халқ инҷо фаровонӣ бичӯяд,
Хусусан обу ободӣ бичӯяд.
Гар аз Ҷайҳун ду-се ҳафр оранд,
Бухору Хиваро фирдавс созанд.
Ба Сайҳун боз агар шохе физоянд
Ба саҳрои Чуқур-Бекат кушоянд.

Шавад онҷо ҷаҳони тоза пайдо,
Замину осмони тоза пайдо.
Чунонаш водиҳо маъмур гардад,
Ки рашки Кашмиру Лоҳур гардад.
В-аз он пас, аз ҷафои Ӯш як чӯй,
Ба таҳти дашт ояд то ба-дин сӯй.
Зи фавқи Марғилон, то Конибодом.
В-аз он ҷо савори хиттаи Ом.
Хавосу Истаравшан то ба Зомин
Шавад ғайратфизои мулк то Чин.
Асирӣ, як чунин кор аз мақолот
Гар ояд дар амал, набвад хаёлот.

Саидаҳмадӣ Васлӣ ва мероси адабии ӯ.

Нуктаҳои асосӣ:

1. *Васлии Самарқандӣ ва тарҷумаи ҳоли ӯ.*
2. *Муносибати адабиётшиносон ба омӯзиши ҳаёту фаъолияти ин эҷодкор.*
3. *Васлӣ шоири идомадиҳандаи равияи анъанавӣ.*
4. *Васлӣ ва адабиёти маорифпарарии тоҷику ӯзбек.*
5. *Саидаҳмади Васлӣ шоири дузабона.*
6. *Мероси адабии шоир ва мазмуну мундариҷаи ғоявии он.*
7. *Мавқеи ин шоир дар адабиёти ибтидои асри XX.*

Саидаҳмадӣ Васлӣ яке аз шоирорни ба назар намоёни нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад. Васлӣ шоири зуллисонайн буда, бо ашъори солису равон ва пурмазмуни ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ эҷод кардаи худ дар саҳифаи таърихи ин ду адабиёти бо ҳам қарин саҳми арзанда дорад.

Оиди ҳаёт ва фаъолияти Саидаҳмади Васлӣ ва чанд ҷиҳати фаъолияти адабии ӯ дар як қатор асарҳои илмию тадқиқотӣ фикру мулоҳизаот ба миён гузашта шудаанд. Садириддини Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик», Озод Шарофиддинов дар «Хрестоматияи адабиёти ӯзбек» ва академик Воҳид Абдуллоев дар мақолаҳои ба Фурқат бахшидаи худ ба чанд ҷиҳати тарҷимаи ҳол ва баъзе самтҳои эҷодиёти ӯ дахл кардаанд. Дар чанд соли охир устоди Донишгоҳи Давлатии Самарқанд С.Ҳалимов низ бахшида ба аҳвол ва осори Васлӣ мақола ва гузоришти илмии худро ба эътибори аҳли илму адаб пешниҳод намудааст. Инчунин муҳаққиқи ҷавони ӯзбек Б.Муҳиддинова низ дар хусуси аҳвол ва осори Саидаҳмади Васлӣ ва ҷиҳатҳои анъанавию мазмунӣ ва мундариҷавии ашъори ӯ кори илмии номзадии ҳудро дифоъ намуд, ки дар шинохти шахсият ва фаолияти эҷодии ӯ арзиши муҳими илмӣ дорад.

Бо вуҷуди ин асарҳои шоири барҷастаи Самарқандиро ба дараҷаи кофӣ тадқиқшуда ҳисобидан мумкин нест. Он ҳама дигаргунӣ ва тағйироти дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ ва доираҳои илмии имрӯза ба амал омада моро водор месозанд, ки ба адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX аз дидгоҳи нав назар андозем. Зеро, пӯшида нест, ки олимони адабиётшиноси шӯравӣ ба адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX аз назари сотсиологизми вулгарӣ рафтор карда, бисёр ҳодисаҳои адабиро тибқи мафкураи расмӣ сохтакорона маънидод намудаанд. Натиҷаи чунин сохтакориҳо буд, ки мавқеи шоирони ин давр дар таърихи адабиёти чӣ тоҷику чӣ ӯзбек ба тарзи воқеӣ муайян карда

нашудаанд. Ҳамин нуктаро дар омӯзиши эҷодиёти Саидаҳмади Васлӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Васлӣ соли 1869 дар гузари Масҷиди кабуд, ки дертар номи Кӯкмасҷидро гирифтааст, дар оилаи кордгар ба дунё меояд. Дар ҳафтсолагӣ аз падар ятим монда, дар тарбияи модараш ва тағояш ба воя мерасад. Саидаҳмад ба монанди дигар олимону фозилон аз ҷавонӣ бо илмомӯзӣ шуғл варзида, дар мактабҳо тасил мекунад. Соли 1883 барои такмили таълим ба шаҳри Тошканд меояд ва таҳти сарпарастии тағояш Абдулқосим дар мадрасаи Кӯкалдоши Тошканд таълим мегирад.

Дар худи ҳамин солҳо дар ҳаёти иҷтимоии шаҳри мазкур воқеаҳои азими таърихӣ рух дода, дар табақоти гуногуни иҷтимоӣ боиси тағйиротҳои фикрӣ гардида буданд. Аз байни онҳо таҷаддудхоҳони маорифпарвар зимни таъсири афкори пешқадами ҷамъиятӣ ва матбуоти давра ба ҳодисаю воқеаҳои давр бо назари тоза менигаристанд, баҳри беҳбудии соҳаи мактабу маориф ва саводнокии мардум камари ҳиммат баста буданд. Ин ҳама воқеаҳо, албатта, ба Васлии ҷавон бетаъсир намонд. Шиносоии Васлӣ бо адабиёти маорифпарварӣ-демократии ӯзбек ва эҷодиёти сарварони он маҳз дар ҳамин давра оғоз ёфта буд. Инчунин Васлӣ дар Тошканд бо шоирони дигар низ шиносоӣ ва робитаи адабӣ пайдо кард, ки ин робита то охирҳои ҳаёти ӯ гусаста нашуд. Васлӣ соли 1893 ба Бухоро меояд. Ҳанӯз дар ҳамон солҳо Бухоро ҳамчун маркази илму адаб мавқеи худро аз даст надода ва бисёре аз толибилмон дар мадрасаҳои он таҳсил мекарданд. Васлӣ низ дар яке аз мадрасаҳои Бухоро таҳсили худро идома дода, соли 1902 баъди «хатми кутуб» дар яке аз мадрасаҳои бонуфузи он мударрис таъин мешавад. Муддати мударрисии Васлӣ маълум нест. Ҳаминаш аён аст, ки Васлӣ аз уламои тараққипарвар буда ва ӯ бо ҳамаи оқибмониҳои сохти аморати Бухоро ва тарзи таҳсилу таълими мадрасаҳо созиш карда наметавонист. Ин буд, ки ҳангоми сафари яке аз маърифатдӯстони тотор Абдурашид

Иброҳимов ба Бухоро Васлӣ бо ӯ воҳӯрда, оиди норасоиҳои тарзи таҳсил дар мадрасаҳои Бухоро нақл кард. Абдурашид Иброҳимов маълумоти аз Васлӣ гирифтаашро якҷоя бо маводи дигари дарёфтааш дар чандин саҳифаи рӯзномаи «Ахбор», ки дар Қозон нашр мешуд, эълон намуд. Рӯҳониёни ҷоҳили Бухоро таҳти сарварии қозикалон бо ин ҳол созиш карда натавонистанд ва дар қатори дигарон Васлиро низ зери тазйиқу шиканҷа гирифтанд. Дар натиҷа Васлӣ Бухороро тарк кард ва ба Самарқанд баргашт. Чанд муддат дар мадрасаи Шоҳизинда ва минбаъд Орифҷонбойи зодгоҳаш вазифаи мударрисиро ба ӯҳда дошт. 29 октябри соли 1925 аз олам чашм пӯшид.

Ба муносибати вафоти Васлӣ муосири шоир Қори Масеҳои Тамҳид таърихи зайлро иншо намуда буд:

Парвонае ба маҳфили ирфон ба гӯши ман,
Тамҳид гуфт: соли вафоташ «чароғи илм».

Васлӣ дар давоми ҳаёти худ бо ашъори марғубаш ва фоъолияти маърифатдӯстиаш байни аҳли илму адаб обрӯ ва эътибори калоне дошт. Саидаҳмади Васлӣ аз худ осори гаронбаҳое ба мерос гузоштааст. Барои таъин кардани мавқеи шоир дар муҳити адабии давр, алалхусус, ду маҷмӯаи ашъори ӯ аҳамияти хоса доранд. Яке бо номи «Армуғони дӯстон» соли 1909 дар Самарқанд ба табъ расид. Маҷмӯаи мазкур ашъори ба тоҷикӣ таълифкардаи шоирро фаро мегирад, ки миқдори абёташ зиёда аз сеюним ҳазор аст. Маҷмӯаи дуюмини шоир «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» соли 1913 дар Тошканд ба табъ мерасад. Дар он беш аз чаҳор ҳазор мисраъ шеър ҷой гирифтааст. Бисёре аз шеърҳои шоир дар баёзҳои хаттӣ ва чопӣ, матбуоти даврӣ низ ҷой гирифтаанд. Мувофиқи қавли муосиронаш Васлӣ шеърҳои дар солҳои минбаъд навиштаи худро ба шакли девон дароварда, онро «Девони авохири умр» номидааст. Мутаассифона, девон рӯи чопро надида, нусхаи хаттии он низ аз байн рафтааст.

Ҳар ду девони чопшудаи Васлӣ ғазал, мухаммас, мусаддас, мусамман, маснавӣ, тарҷеъбанд, таркиббанд, рубоӣ, мувашшаҳ барин шаклҳои шеъриро дар бар мегиранд.

Ашъори лирикии шоирро аз лиҳози мавзӯву мундариҷа ба навъҳои лирикаи ишқӣ, иҷтимоии шиквоӣ ва ахлоқию таълимӣ ҷудо кардан мумкин аст. Шоир дар шеъҳои лирикиаш анъанаҳои беҳтарини назми тоҷику ӯзбекро идома дода, зебоиҳои маҳбубаро мадҳ мекунад, бобати эҳсосоти пур аз вафодорию садоқати ошиқ сухан меронад, азобу азияти дар роҳи васли маъшуқа кашидаи қаҳрамони лирикиро бо маҳорат тасвир мекунад. Масалан, бо овардани як ғазали ишқии Васлӣ мехоҳем хонандаро аз маҳорати шоирии ӯ воқиф намоем:

Абрӯвонат баҳри сайди дил камонӣ мекунад,
Наргиси шерафканат соҳибқиронӣ мекунад.
Наргисат пинҳон зи ту ворехт хуни ошиқон,
Шеваи ошиққушӣ, донӣ, надонӣ, мекунад.
Гӯиё шарҳи китоби осмонӣ мекунад,
Атласу кимхоб қадри кас намесозад баланд,
Қимати одам фузун касби маонӣ мекунад.
Бебарӣ ҳар дам бараш дорад либоси ифтихор,
Хирқаи пашмин шукӯҳи парниёнӣ мекунад.
Нотавониҳо тавонист дар изҳори аҷз,
Оҷизиро ҳар тавоно натавонӣ мекунад.
Васлӣ, по то сар ниёзу ёр сар то по ноз
Дар ҷаҳон ҳар кас ба навъе зиндагонӣ мекунад.

Шеърҳои зиёди девон, ки аз мавзӯи ишқ баҳс мекунад, ҳамин навъ содда, самимӣ ва пур аз обу ранги бадеӣ буда, хонанда аз он завқи саршор мегирад.

Қисмати зиёди ашъори тоҷикии Саидаҳмади Васлиро мавзӯъҳои иҷтимоии давр ташкил кардааст. Дар ин ҷода ҳам вай ба анъанаҳои адабӣ такя карда, аз чархи дунпарвар ва касони нодону ҷоҳилу лаин, ки замонасозӣ карда мансабҳои болоро соҳиб шудаанд, шикоят мекунад, аҳволи хору залили аҳли илмро, бекадрии донишу фарҳангро бо таассуф қайд мекунад. Барои мисол ба шеъри зерини шоир рӯ оварем:

Дод аз бедоду ҷавру зулми нодони фалак,
Ҳасрато аз ҷунбиши вазъи парешони фалак.
Ҳар куҷо бедонишеро дид додаш иззу ҷоҳ,
Ҷуз ҷафои аҳли дониш нест сомони фалак.
Ҳар хареро дод иззу одамеро кард хор,
Як ҳимори ҳангӣ беҳ аз чанд инсони фалак.
Ҳеч касро нест осоиш зи озори сипеҳр,
Оламе чун оина гардида ҳайрони фалак.
Шеваи ҳар золимеро ҳаст подшои ҷазо,
Ман намедонам чӣ хоҳад гашт поёни фалак.
Ё раб, аз саҳбои ишорат сархушам кун, баъд аз ин
Варна дасти ман ҳамеша бар гиребони фалак.
Аз ҷафои ӯ на танҳо абр гиряд зор-зор,
Васлӣ шайху шоби олам ҳаст гирёни фалак.

Ин шеър аз девони «Армуғони дӯстон» ҷой гирифта, то соли 1909 иншо шудааст. Ҷанбаи шикваву шикоятии он хеле пуркувват аст. Вай дар қатори шикоят аз фалак, мазмуни пуркуввати иҷтимоиро молик буда, шоир дар он нисбати давраш басе сахт эътироз кардааст. Ин эътироз бар зидди нобаробарии иҷтимоӣ ва сохти ҷамъият нигоронида шуда, далел бар он аст, ки Васлӣ ҳоло аз сохти иҷтимоии давр қонеъ набуда ва ба таназзул рӯ овардани онро пай бурдааст. Ин навъ оҳангҳои иҷтимоии пуркувватро дар шеърҳои дигари шоир низ дидан мумкин аст. Мисоли дигар:

Дӯстон, ин чӣ сон замон бошад,
Айш бар коми нокасон бошад.
Аҳли маънӣ зи дасти фитнаи чарх
Ҳамчу ноқус дар фиғон бошад…
Мардумон дар нифоқ чун рӯбоҳ,
Дӯстӣ номи бенишон бошад.
Умрҳо сарфи ҳирси симу зар аст,
Ҳама дар ақл чун занон бошад…
Фозили ҷомакӯҳна чун хок аст,
Гарчи қадраш чу осмон бошад.
Васлӣ, аз зулми ин замон забун
Доим ангушт дар даҳон бошад.

Оҳангҳои шиквоӣ ва эътирози иҷтимоӣ дар ашъори шоир бесабаб набуданд. Ашъори дар рӯҳияи маърифатхоҳии миллӣ иншо намудаи Васлӣ ва аз маҷмӯаи «Адаб-уд-дин ё худ миллий шеърлар»-и ӯ низ ҷой гирифтааст. Ин маҷмӯа тавассути ёрӣ ва дастгирии яке аз шахсони тараққипарвар, ки Васлӣ бо ӯ низ муносибати наздик дошт, соли 1910 дар Тошканд ба табъ расида буд. Шеърҳои дар ин маҷмӯа гирдомада аз ҳолати ҳузнангези мардуми аз илму фарҳанг оқибмондаи кишвари Туркистон бо ҳасрату надомат огоҳ намуда, онҳоро ба иттиҳоду ваҳдат ва кӯшишу ғайрат дар роҳи касби илму маърифат даъват менамоянд. Чунин шеърҳои Васлӣ дар матбуоти давр низ зиёд чоп шудаанд.

Бо вуҷуди ин Васлӣ аз дараҷаи уламои тараққипарвар боло рафта натавонист. Вайро дар қатори он фидоиёни миллат, ки мехостанд дар соҳаи мактабу маориф инқилобе ба вуҷуд оранд ва тавассути он истиқлоли миллиро ба даст дароранд, дохл кардан душвор аст. Аз рӯи он ақидае, ки дар байни фидоиёни миллат, ки бо номи ҷадид шӯҳрат доштанд, ин шоирон мебоист аз ашъори ишқия рӯй гардонда, фаъолияти худро бо тараннуми мазмунҳои тараққихоҳии мактабу маориф ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ менигарониданд.

Савол ва супоришот:

1. Зиндагиномаи Саидаҳмади Васлӣ.
2. Саидаҳмади Васлӣ ва муҳити адабии Самарқанд.
3. Васлӣ ва адабиёти мумтози форсу тоҷик.
4. Равияҳои асосии эҷодиёти Васлии Самарқандӣ.
5. Муносибати Васлӣ ба адабиёти ирфонию тасаввуфӣ.
6. Васлӣ ва адабиёти маорифпарварии тоҷику ӯзбек.
7. Васлӣ – шоири зуллисонайн.
8. Дараҷаи тадқиқ ва таҳлили аҳволу осори шоир.
9. Жанрҳои анъанавии адабиёти мумтоз ва мавқеи онҳо дар осори адиб
10. Муаммоҳои асосии зиндагинома ва фаъолияти эҷодии ин адиб аз назари шумо.

Аз ғазалиёт

Эй силсиламу, бандаи чашмат оҳу,

Оҳуи Хутан асират, эй силсиламӯ.
Аз мӯи ту бӯи зиндагӣ меояд.
Бо нофаи Чин куҷо бувад ин ҳама бӯ.
Себи зақанат шифои дарди дили ман,
Дорам зи лабонат тамаъи шафтолу.
Девона зи як нигоҳи ту моҳи сипеҳр,
Хуршеди фалак паи ту дорад такопӯ.
Чашми ту ба захми дил намак мерезад,
Тарс аст итоби наргисат чун лимӯ.
Чок аст зи фурқатат қабои намакин,
Бошад, ки кунӣ ба риштаи васл руфӯъ.
Нози ту, ки аз ниёзи ман шӯҳрат ёфт,
Шуд фош ҳама фасонаҳои ману ту.
То ишқи ҷаҳонсӯзи ту афтод ба дил,
Бигдохт даруни синаам то ба гулӯ.
Бо шамъи рухи ту оламе парвона,
Бар даври ҳаримат ошиқон карда ғулӯ.
Рӯи ту чу меҳру дар дилат меҳре нест,
З-он тундари оҳ меравад то минӯ.
Дунё ҳамагӣ надомати нокомист,
Васлӣ, зи ҷаҳони бебақо ком маҷӯ.

****

Эй дидаи ғамдида, дар ин умр чи дидӣ,
Ашке шуда бар домани ёре начакидӣ.
Дар орзуи дидани рӯе чу шудӣ во,
Нодида рухи орзу, озор кашидӣ.
Хун мечакад аз ҳар сари миҷгон-т озор,
Сурма зи кафи пои нигоре нагазидӣ.
Наззораи рӯе магарат кард парешон,
Варна зи чи рӯ чун пари товус паридӣ.
Дар хонаи худ нестӣ бар ҷой ба ором,
Чун қатраи симоб ба ҳар сӯй тапидӣ.
Як оҳунигоҳе нашудат марҳами асрор,
Чун оҳу зи ҳам омадани мижа рамидӣ.
Аз ту бирасад ҳар чи расад бар дили Васлӣ,
Дорад зи ту уммед ҳаме чашми умедӣ.

****

Ғубори хиҷлатам ҳар сӯ парешон мекунад боде,
Ҷунунободи ишқам, беқарори нолаэҷоде.
Зи оташпораи дил даҳрро хоҳам ҳаме сӯзам,
Ба сони мӯ ба худ печам набошад хотири шоде.
Ба гардун ситти афғонам расад дар чарх андозад,
Зи ҳасрат мефишонам ҳар нафас сад гуна фарёде.
Чи шуд оворaи иқлими ҳиҷрон гаштаам, ё раб,
Мақомам дӯш будӣ, сояи теғи паризоде.
Ба доми лӯъбате нахҷири дил афгандаам умре,
Зиҳӣ доме, ки мумкин то қиёмат нест озоде.
Зи нақши ҳайратам завқи ду олам фош мегардад,
Ки аз мулки сафо оинаи мо медиҳад ёде.
Зи ширинталъати кӯҳи ҷафо Васлӣ ба сар дорам,
На ёрат тоқати кандан зи кӯҳам пора фарёде.

****

Бе меҳри рӯят маҳу хуршед бе таъсир шуд,
Зулматободи фироқат бе ту зулматгир шуд.
Боғи ишқам бе ниҳоли васл чун бар медиҳад,
Ғайри мо кӯе чи ҳосил ишқ бетадбир шуд.
Ғарқи коми ачдаҳои кулфату ғам гаштаам,
Тори ҳиҷрон гардани шавқи маро занҷир шуд.
Кай маро дар ин ҷаҳон тарзи раҳоӣ мумкин аст,
Доми зулфатро дилу ҷон бандхӯ нахҷир шуд.
Базмгоҳи ишқбозон бо фалак ғулғул ниҳод,
Ин нафас авсофи ҳуснат нағмаи тақдир шуд.
Зоҳид ар бо тоқи абрӯи ту н-орад сачдае,
Дар усули ишқ ӯро лозимаш такфир шуд.
Эй ки кандӣ хоки поят тӯтиёи дидаам,
Васлии ғамдидаро нақди рухат иксир шуд.

Нақибхони Туғрал ва аҳволу ососри ӯ

Нуктаҳои асосӣ:

1. *Манбаъҳои асосии омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Туғрали Аҳрорӣ.*
2. *Дараҷаи тадқиқи аҳволу осори адиб.*
3. *Шамсиддин Шоҳин ва Нақибхон Туғрал.*
4. *Муҳити адабии Самарқанд ва эҷодиёти Нақибхони Туғрал.*

5. *Сабки анъанавии адабиёти мумтоз ва ашъори шоир.*
6. *Мероси адабии шоир ва хусусиятҳои мазмуниву мундариҷавии он.*

Ниқибхон Туғрал 26-уми марти соли 1865 аз оилаи давлатманди даҳаи Зосуни ҷамоъаи Варзи Манори кенти Фалғар (ноҳияи ҳозираи Айнӣ) ба дуньё омадааст. Гузаштагони Туғрал, аслан, самарқандӣ буда, чанд пушт пештар аслофи хонадон аз дасти ҷабру зулми ҳокимони яғмогар ба дод омада, ҷониби Фалғар фирор мекунад, ки худи Туғрал аз ин хусус ишорае дорад:

Мерасад аслам ба Аҳрори Валӣ,
Дудаи ман бошад аз ин дудмон.

Овони кӯдакиву наврасии Нақибхон дар зодгоҳаш ва дар зери сарпарастии бевосита падар ва баъдҳо бародаронаш Тӯрахон, Мансурхон ва Акобирхон гузашта, хату саводи ибтидоиро дар деҳа, аз устодони маҳаллӣ баровардааст. Аз ҷумла, яке аз устодони нахустинаш Абдуҷаббор ном марди фозилу шоирпешаи урметанӣ будааст.

Аз қадимулайём ноҳияҳои Масчоҳу Фалғару Панҷакент ва Самарқанду Бухороро табиату рӯду кӯҳу Зарафшон ба ҳам дарпайванданд, адибону олимон иртиботи маънавии мобайнашонро барқарор доштаанд ва ба сабаби маркази фарҳанги милӣ будани шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ағлаби ҳунарварону донишмандони зодаи болооби Зарафшон муқимашон гашта, нисбаи самарқандиву Бухороиро ҳам ба худ гирифтаанд. Аз ин ҷост, ки Нақибхон ҳам дар овони ҷавонӣ ба нийяти дарёфти камолоти бештари илмиву адабӣ таҳти таъсири падари маърифатпарвараш ҷодаи Самарқанду Бухороро пеш гирифта, сараввал дар шаҳри бостонии Самарқанд иқомат мегузинад ва дар ҳуҷраи аз Мадрасаи Тиллокории Регистони Самарқанд ба қимати 11 ҳазор тангаи мирӣ харидаи падар, аниқтараш, дар ҳуҷраи охирини самти шимоли мадраса зиндагӣ мекунад ва мехонаду меомӯзад ва дар давоми таҳсил ба зодгоҳаш рафтуомад мекунад. Дар айёми таҳсили мадраса Нақибхон аз лаввоҳу наққоши моҳир ва муаррихи доно Абӯсаид

Маҳдуми Зарринқалам, аз Махдуми Гардан ва Дамулло Бадахшӣ барои устодони донишманд илму маърифат омӯхта, ба ҳалқаи зиёиёни онрӯзаи Самарқанд ворид мешавад ва дилгармона шеъру шоириро пеша мекунад. Ӯ дар ҷараёни шоирӣ кулли навиштаҷоташро таҳти тахаллуси «Туғрал» офарида, дар баъзе маворид «Нақиб» ва «Туғрали Аҳрорӣ» тахаллус кардааст.

Нақибхон баъди хатми Мадрасаи Тиллокорӣ муддате дар Бухоро ҳам омӯзиши илму дониши ҷории замонаро идома медиҳад ва аз уламову удабои маъруфи онрӯзаи Бухоро дарси илму адаб меомӯзад. Пас аз таҳсилу омӯзиши лозима ба зодгоҳи худ баргашта, бар хилофи хоҳиши падараш ба Истам бинти Аваз ном деҳқондухтари курудӣ хонадор шуда, ҳамроҳи вай нӯҳ сол умр ба сар мебарад. Аз ин никоҳ писаре ба дуньё меояд, ки бадхоҳони Туғрал ӯро ба зудӣ нобуд ва модарашро тавассути заҳру доруворихо безурёт макунад. Дар хусуси таваллуду вафоти писараш худи Туғрал дар ҷое чунин ишора кардааст.

Борҳо дар дилам буд таманои писар,
Лутф созад ба мани хаста худованд агар.
Омад охир зи карам нахли муродам ба самар,
Монд ҳасрат ба дилу карда аз ин дор сафар.

Баъдҳо ба сабаби бефарзандӣ Нақибхон аз Истам ҷудо шуда, бо Муқаддара Аслиддинова ном духтари сангистонӣ ақди никоҳ мебандад.

Бо вуҷуди рафтуои доимӣ ба аёдати дӯстони дуру наздик, мададгорӣ ба камбағалону ниёзмандон ва тангиву сахтиҳои рӯзгор, Туғрал ҳеҷ гоҳ ранҷу машаққати эҷоди бадеиро пушти сар накардааст ва далелҳо гувоҳи онанд, ки дар тӯли ҳаёти минбаъда лаҳзае аз омӯзиш барканор наистода, соҳаҳои мухталифи илму дониши замонро фаро гирифтааст ва муттасил аз паи такмили фаҳмиши илмӣ ва ҳунари шоирӣ пардохтааст. Барои мисол, дар мусаввадаи шоир дар тариқи донистани моҳи шамсӣ усули ҷамъу зарбу тақсим, тарзи тайёр намудани ҳар гуна маъҷуни табобатӣ, усли табобати дарди дандон, зарари пурхорӣ, тарзи навиштани ҳар гуна ҳуҷҷатҳои расмиву шаръӣ, дар боби таваллуду

вафот ва ҷулуси назули ҳар гуна ашхоси таърихӣ қайду қитъаҳои таърих ва намунаҳои амалӣ сабту забтанд, ки ҳама шоҳиди гӯёи бохабари амиқи Туғрал аз ҳисобу ҳандаса, тиббу табобат, фиқҳу абҷад ва таърихи гузаштагон мебошад. Ҳамчунин, ӯ дар шатранҷбозӣ маҳорати тамоме дошта, соҳиби хати зебову хонои настаълиқ ҳам будааст. Зиёда аз ин ӯ илми деҳқонуву ҳунари бинокорӣ, урфу одати халқу забони зинда, маишати мардум рӯзгори деҳотро ба хубӣ медониста, дар ҷараёни эҷоди бадеӣ дониши илмиву китобиву ҳаётиашро некӯ ба ҳам дарпайвастааст ва ин ҳама дар забони суфта, ҳикмати шеъри Туғрал равшану гуворо зуҳур кардааст. Ва ин ҳама заковати илмиву фазолати инсонӣ ва маҳорати адабии Туғралро ҳамзамонаш ҷиддан эътироф кардаанд, ки суханони зерини шоири ҳамдаври ӯ Ҷавдат далели чунин даъвост:

Яктои асри мо буд он шоири ягона,
Бишкуфта буд аз ӯ ҳар сӯҳбату маҷолис.
Дар пеши дониши ӯ донишварон мусаллам,
Равшан бувад ба фаҳмаш ҳар нуктаю аҳодис.
Дар назму насру ашъор яктои асри мо буд,
Қойил шуда ба илмаш ҳар олиму мударрис.

Аз «назми каломи форс»-и Туғрал пайдост, ки ӯ захираву нозукиҳои забони ҳазорсолаи модарии худ–форсӣ- тоҷикиро ба дараҷаи воло меданиставу эҳсос мекардааст. Дар сарфу наҳву луғати арабӣ низ устоди комил будааст, ки фиқраву ҷумлаву мақолу оёти арабии иқтибосӣ ва эҷоди қалами худаш гувоҳи онанд.

Туғрал шоири ҳассос аст. Ӯ мисли аксари ҳамзамонони худ донандаи забону урфу одати қавму тоифаҳои гуногун, нуқли маҳфилу азизи маҷлисҳои адабӣ ва забардасти шуарои аҳд, соҳиби қудрати баланди сухонфаринӣ ва устоди комили насри бадеъ, монанди Аҳмади Донишу Тошхоҷаи Асирӣ ва дигарон марди пешқадами замон ва адаби зиндадилу лоубол, маҳфилорову базморо ва суханвари ҳақиқӣ будааст. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат эҷодиёт ва шахсияту ҳунари ӯ аз ҷониби ҳамзамонон ва аз тарафи адабиётшиносон то ба ҳол эътироф карда

мешавад. Нақибхон Туғрал дур ва ҳар гуна дасисаҳои миллатчигуву хурофотпарастӣ буда, бархе офаридаҳояш сарманшаи воқеъӣ ва асоси ҳаётӣ доштаанд.

Аз ҳикояту ривоятҳои мушоҳидону ҳамсӯҳбатонаш бармеояд, ки Туғрал марди маърифатпарвару илмдӯст, олиҳиммату қаноатпеша, олуфтарафтору накӯкирдор, тундмизоҷу мулоҳизакор, ҳозирҷавобу қавихотира, шаккоку нотарс, фарохдасту назарбаланд, донишманду худписанд, хушсухану маҳфилоро, покизакору покизафитрат ва сарбаланду кушодабаён буда, қадди баланду камгӯшт, гунаи гандумиву пешонаи васеъ, абрӯвони барроқу лабони нафис ва риши мошубиринҷи ҳамвору каму кӯтоҳ доштааст.

Бар замми ин ҳама, Туғрал марди хоксору фақирпарваре буда, заррае фахру ҳавои аҷдодӣ надоштааст ва ҳирси молу пул дар вай мушоҳада намешудааст. Дар давоми таҳсилу зиндагии мустақил аз кӯмаки моддии бародаронаш ҳазар карда, бо ранҷу меҳнати шахсии худ, бидуни ҳашамату дабдаба ва фақиронаву хоксорона рӯз мегузарондааст, ки ин ҳолатро худаш чунин ба таъкид мерасонад:

Сомони доман кардам кунҷи қаноатро,
К-андар дил намебошад таманои зару симам.
Ва ё:
Хоксорӣ нест кам аз дастгоҳи эътибор,
Бӯрёи фақр ҳамчун тахти Ҷам дорем мо.

Рафоқату ҳамсӯҳбатиҳои ӯ дар мадрасаҳои Самарқанду Бухоро бо муллобачаҳои нодору камбағал ва омадурафти беохири мардуми фақиру бечора ба хонаи Туғрал дар Зосун гувоҳи зиндаи хайрхоҳиву бечорапарвариву авомдӯстии шоир мебошад. Ҳамчунин, дар миёни мардуми камбағали Фалғару Панҷакент, Истаравшану Масчоҳ ва Самарқанду Бухоро ёру дӯстони зиёде дошта, ҳаммаҳфили як иддаа ҳунарманду зиёиён ва ҳамсӯҳбати як даста суханворону ҳофизони пешқадами давр будааст. Аз ҷумла, дар маснавии «Дар хусуси табъи девон»-аш Васлӣ, Масеҳои Тамҳид Аҳмади Равнақ. Исҳоқбеки Ваҳҳаҷ,

Қурбӣ, Ҳасратӣ, Гулханӣ, Лутфӣ, Муҳаммадқулии Тарҷумон, Ашрафи Туҷҷор, Абдулфайёзи Қаровулбегӣ ва дигаронро ном мебарад, ки нисбаташ ҳусни таваҷҷӯҳу эҳтиром доштаанд ва дар чопи девонаш имдодҳо расонданд.

Аз асноду хотироти мушоҳидон ва офаридаву ишораҳои мӯътамади худи Туғрал равшан бармеояд, ки сухангӯи зосунӣ ба ду тан аз шуарои ҳамаҳду ҳамзабонаш ҳусни тавваҷҷӯҳи хоса ва робитаву эътиқоди беандоза доштааст, ки яке Шамсиддини Шоҳин (1859-1894) ва дигаре Гулшании Бухоройӣ (соли ваф.1910) мебошад. Ва дар ин маврид бояд изҳор дошт, ки Туғрал ҳанӯз аз овони таҳсили Мадрасаи Тиллокорӣ ба Шоҳин ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ӯро пиру устоди маънавӣ шинохта будааст. Ҳамчунин, дар айёми таҳсили Самарқанд бо ашъори Шоҳин, ки аллакай дар миёни шуарои аҳд эътироф гардида буд, ва махсусан, бо «Лайлӣ ва Маҷнун»-аш ошноии комиле пайдо карда, дар ҷавоби он ба таълифи «Лайлӣ ва аҷнун»-и худ пардохтааст. Бар илова, Туғрал борҳо дар ҳошияи дафтару сарлавҳаю матни ашъораш аз ҳаққи устодии Шоҳин бар ӯ сипосгузоронаву эҳтиромдорона ёдовар гардидааст. Чунончи, дар мусаддасаш бар фарди Гулшанӣ дар зери калимаи «Шоҳин»-и мисраи «То шудам дур зи Шоҳини маъонӣ, Туғрал» муроди эҷодии худро равшантар намоён кардааст. Ва ё дар охири ғазали «Хиҷолатмояам, вазъи парешонист бунёдам» (дар мусаввада) ба мисраъи дуюми байти мақтаъ чунин тавзеҳ афзудааст: «Яъне, Шоҳин устоди ман буд». Дар мусаввада зери сарлавҳаи «Аз устоди худ Шоҳин» чанд ғазал оварда, чандин дафъаи дигар ҳам Шоҳинро боифтихор мавло ва устоди худ номида, ниҳоят, дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и нотамомаш, ки дар татаббӯи достони шоири номист, боби алоҳидаеро ба ситоиши хираду маҳорататаш тахсис додааст:

Он к-ӯ ба камол шамси дин аст,
Бо ҳотами илм ӯ нигин аст.
Наштарзане дар раги маъонӣ,

Ғаввоси ями гуҳарфишонӣ.
Ганҷури дури ҳадиси рангин,
Дар авҷи ғазалсароӣ шоҳин.
Тасхирнамои ҳусни дониш,
Аврангқабои мулки биниш.
Дар ганҷи яқин дурри ягона,
Бо зулфи узори шеър шона…
Устоди ману муаллими даҳр,
Мақбули ҷаҳону шӯҳраи шаҳр…

Аз гуфтаву далелҳои боло ба хубӣ аён мегадад, ки Шоҳин дар ҷодаи илму адаб аз устодони баназири Туғрал будааст ва равобити эҷодиву умумияту фарқияти сабки нигориши эшон таҳқиқу таҳлили амиқу домондореро тақоза дорад.

Агар дар миёни Шоҳину Туғрал риштаи пайванди устодиву шогирдӣ кашида шуда бошад, дар байни ӯву Гулшанӣ муносибати дӯстиву робитаи эҷодӣ ва мукотибаи доимӣ ҷараён доштааст. Барои исботи даъво метавон изҳор дошт, ки Туғрал дар ҷое «дар аввали нома ба Гулшанӣ таъхир ёфт» гӯён рубоии зеринро гилаомез санад меорад:

Муддате шуд, ки ёр нома накард,
Рақами анбарин шамома накард.
Ё магар коғозу мудод надошт,
Ё маро лойиқи он хома накард?!

Ё «дар тарки ирсолномаи муддати шаҳрайн ба Гулшанӣ навишта будам» ғазалеро сабт мекунад, ки ду байти аввалаш ин аст:

Ёди айёме, ки ҳар дам бо манат пайғом буд,
Шаҳди мазмуни ҳадиси дилкашат дар ком буд.
Дам ба дам, соат ба соат аз навиди номаат
Тарфи гулзори хаёли ман баҳорайём буд.

Ва ё дар мавриди дигаре «Охун Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ ба фақир навишта» гӯён, ғазалеро дарҷ месозад, ки матлъаш чунин аст:

Омад баҳору сабза баромад, наёмадӣ,
Ҳангоми айшу бода даромад, наёмадӣ.

Баъди матни ғазали мазкур «дар ҷавоби Охун Муҳаммад Содиқхоҷа Гулшании Бухороӣ навиштам» гӯён ғазали худро марқум сохтааст, ки чунин абёте дорад:

Он рӯзи ваъдаи ту саромад, наёмадӣ,
Нахли умед бо самор омад, наёмадӣ.
Дар интизори ваъдаат андар роҳи Бухор
Мадди нигоҳ зи дида баромад, наёмадӣ.
Гуфтӣ ки меравам ба Самарқанд назди ту,
Биллаҳ, маҳали найшакар омад, наёмадӣ.

Ҳамчунин, Туғрал дӯсташро дар ду қасидаи комиле беғаразонаву самимона ситоиш када, шахсияти беолоишу маҳорати баланди шоирашро баҳои сазавор додаст ва дар зимн ақидаҳои муфиди адабӣ-эстетикии худро ҳам баён доштааст. Боз, аз мусаввади Туғрал бармеояд, ки ӯ ба ду ғазали Гулшанӣ мухаммас ва ба фардаш мусаддас низ баста будааст. Ва аз ин ҳама чунин натиҷае ҳосил мешавад, ки Гулшаниву Туғрал дӯстони ҷонӣ буда, ба манзили ҳамдигар рафтуомад ва дар мавриди даркорӣ мукотиба мекардаанд.

Бино ба гуфтаи ҳолдонон ва шаҳодати устод Айнӣ, Туғрал «Дар охирҳои ҳол обу ҳовои тозаи кӯҳистонро аз зиндагонии шаъшаадори пурташвиши шаҳрҳо тарҷеҳ карда», тамомӣ ба зодгоҳи худ Зосун бармегардад ва дар он ҷо ба деҳқониву чорводорӣ машғул мешавад, аммо рафтуомадро ба назди ёру дӯсту ҳаммаслакони самарқандиву панҷакентиаш ба куллӣ қатъ намесозад.

Туғрал дар байни солҳои 1918-1919 ҳамроҳи аскарони сурх дар чандин задухӯрдҳои хунини болооби Зарафшон бевосита иштирок намуда ба онҳо кӯмак низ кардааст. Чунин муҳорибаҳо барои озодии деҳаи Вешаб аз тарафи душманону бадхоҳонаш ба тӯҳмати ноҳақи аксуламал гирифтор ва 28-уми июни соли 1919 дар мавзеи Лангари деҳаи Сангистони ноҳияи Фалғар ба қатл расонда мешавад. Ин ҳукми худсаронаву ноодилонаро Щитинин ном сардори отряде, ки дар роҳи

нобуд шудани аскарон худаш гунаҳкори асосӣ будааст, бидуни иҷозати расмии давлатӣ бароварда, худаш онро ба иҷро мерасонад.

Хабари нохуш, марги нобаҳангомии ҳунарвари шаҳир аҳли деҳаву диёр ва шогирдону ҳаводорони сершуморашро ба риққату сӯг оварда, шоироне чун Хилъат, Файёз, Ҷавдат, Ҷомеъ ва дигарон бо сӯзу алам дар вафоти ӯ қитъаву марсияҳо сурудаанд. Аз ҷумла чунин марқум доштааст, ки аз моддаи таърихи он («Ҳайфи Туғрал») соли 1337 ҳиҷрӣ (1919 мелодӣ) бармеояд:

Дуболо шуд зи саҳбои шаҳидон
Ба базми ҷоводонӣ кайфи Туғрал.
Хирад фармуд бо Файёз: «Баргӯ
Ба таърихи вафоташ: «ҳайфи Туғрал!»

Адиби дигар, Хилъат, ин санаро ба ҳисоби ҳуҷриву мелодӣ (1337-1919) чунин ба назм овардааст.

Ба соли қатл Туғрал, гуфт Хилъат,
Зи чап бинвис нуздаҳ, ба нуздаҳ.
Агар хоҳӣ, ки орӣ соли ҳиҷрӣ,
Беҳ аст аз рост ҳафту сею сездаҳ.

Хушбахтона, бо саъю кушиши бевосита шоир ва нависанда Ҳабибулло Назаров ва марди адабдӯст Сиддиқ Зарифов ва дар асоси шаҳодати мардуми маҳаллии ноҳияи Фалғар аз 30-юми декабри соли 1960 қатли Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ беасосу бемаврид ва дар хиёнаткорӣ айбдор шуданаш барғалат шуморида шуд ва барои нашру таҳқиқи осори гаронбори сухангӯи шакаргуфтор гузаргоҳи васеъ кушода гарид.

Аз Нақибхони Туғрал осори гуногунжанру гуногунмавзӯи адабӣ мерос мондааст. Намунаҳои осори шоир аввалин маротиба соли 1916 дар матбаъаи Когони Бухоро, ба саъю эҳтимоми дӯстону шогирдону ҳаводоронаш, зери унвони «Девони Туғрали Аҳрорӣ» мунташир гардидаанд. Девони мазкур маҷмӯъаи мукаммалтарини эҷодиёти Туғрал буда, ҷамъ 303 ғазал (5634 мисраъ), 1 мустазод (32 мисраъ), 9 мухаммас (305 мисраъ), 3 мусаддас (132 мисраъ), 1 тарҷеъбанд (66 мисраъ), 8 қасида

(570 мисраъ), «Фироқнома» (112 мисраъ), шеъре барои судурволии вилояти Кеш (10 мисраъ), «Соқинома» (136 мисраъ), «Тасдиқот» (196 мисраъ), ду қитъаи тарих (36 мисраъ) ва маснавиро дар хусуси табъи девонаш (106 мисраъ), яъне ҷамъулҷамъ 7335 мисраъ осори манзуми суванварро фароҳам овардааст.

Боиси фараҳмандист, ки дафтари мусаввадаи Туғрал имрӯз дастрас аст. Ин дафтар ашъору асноду қайдҳои дигари дар миёни солҳои 1890-1919 навиштаи адиб, равшантараш, ашъори зиёди то ба ҳол номатбӯъу санадҳои номаълуми ҳаёту эҷоди Туғралро фаро гирифта, девону рӯзгорномаи ӯро пурратар карда метавонад. Аз ҷумла, дар мусаввада намунаҳои достони «Лайлӣ ва Маҷнун», чанд «Арза» (маснавиҳои хурди лирикӣ), чандин бадеҳаву ғазалу рубоиву фарду муаммои шоир мавҷуданд. Қиммати баланду мақоми беназири мусаввадаро дар бобати интишору баррасии осору рӯзгори шоир академик А.Мирзоев ҳанӯз соли 1965 дар мақолаи «Дафтари мусаввадаи ашъори Туғрал ва аҳамияти он» (рӯзномаи «Маориф ва маданият», аз 1-уми июли соли 1965) ҳамаҷониба нишон дода буд.

Баъдҳо бо ташаббуси шоир Маҳмуд Диёрӣ маҷмӯаи мухтасари ашъори Туғрал иборат ва 8 варақ дастраси муҳаққиқон гардидааст, ки соли 1991 танзим ёфта, хамагӣ 437 мисраъро дар бар мегирад, аммо ба давону мусаввада чизе афзуда наметавонад. Соли 1964 дар Душанбе (наширёти «Ирфон») эҳтимоми Н.Маъсумӣ ҳамон «Ашъори мунрахаб»-и мутазаккаираи Туғрал аввалин дафъа ба алифбои ҳозираи тоҷик интишор ёфт, ки дар асоси девон ва нусхаи ёфтаи М.Диёрӣ мураттаб шуда, дороиҳои мусаввадаро таҷассум намесозад.

Осори боқимондаву дастраси Туғрал дар қолби маснавӣ, қасида, ғазал, мусаммат, рубоӣ ва фард эҷод шудаанд. Аз ҷумла, достони «Лайлӣ ва Маҷнун» ибрат аз 219 байт буда, қисмати муқаддимавӣ, бобҳои «Гуфтор дар нопойдории олам ва бемадории чархи кулфаттавъам», «Дар мадҳи устод ва мавлои худ Шамсиддин Муҳаммади Шоҳин», «Дар

сабаби таълифи ин ишқнома ва ҷамъияти ин аҷзо ва ёрмандии хомаи мушкиншамома» ва «Оғози достони «Лайлӣ ва Маҷнун» ва ошиқ шудани эшон ба ҳам»-ро фаро мегирад. Ин асар охирин намунаи мактаби «Лайлию Маҷнун»- сароии адабиёти классикии тоҷик мебошад, ки дар пайравии маснавии «Лайлию Маҷнун»-и Шоҳин ва дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф ва мақдур суруда шуда, бо байти зерин оғоз меёбад:

Бунёди сухан кунам ба хома,
Машшота занам ба зулфи нома.

Мутаассифона, маснавӣ ё нотамом мондааст ва ё давомаш аз байн рафтааст ва ҳамин абёти боқимонда ҳам дар ҷое ба табъ нарасидааст.

«Соқинома»-и Туғрал дар мавзӯъ ва мазмуни анъанавӣ ва дар авоби «Соқинома»-и Бедил гуфта шудааст. Манзумаи «Наврӯзнома» дар асоси донишу таҷрибаву мушоҳидоти деҳқонии гузашта дар кадом сол чӣ гуна омадани обу ҳавою кишту ҳосилро дар либоси бадеӣ пешниҳод мекунад. Ҳамчунин Туғрал ба унвони «Арза» ду-се маснавии кӯчаке дорад, ки ба сабки номаи манзуме ба нишони ёр иншо гаштаанд ва дар онҳо ҳасби ҳолу шӯру шарару умеду армони дилдор ифшо ёфтааст.

Қисмати зиёди қасидаҳои шоир асосан дар панду насиҳату мадҳи муқаррарӣ таълиф гардида, то андозае нияту орзуҳои идеалӣ ва манзараҳои муҳити атрофу рӯзгори шахсии ӯро ҳам пеши назар меоранд. Қисмати дигари қасидаҳо ба тасвири симои аҳли шеъру адаб бахшида шуда, дар онҳо фикру андешаҳои пурсамари адабӣ-эстетикии Туғрал ифода ёфтаанд ва ин як навъ навоварии шоир дар олами қасидасароист.

Туғрал дар қасидасароӣ суннатҳои адабиёти классикӣ махсусан анъанаҳои эҷодии Анварию Қоонию Хоҷуро давому ривоҷ дода дар навбати худ, дар тани қасида рӯҳу даму нафаси айёмашро дамондааст.

Ғазал аз анвои шеърии мақбулу маҳбубтарини Туғрал буда, қисмати асосии лирикаи ӯро ташкил медиҳад ва шоир дар ин ҷода дастовардҳои ғазалсароёни бузурги форсизабон Саъдӣ, Ҳофиз, Камол,

Бедил, Нозим, Шоҳин ва дигаронро манбаи ибрату мактаби назираву тазмин қарор дода, дар олами беканори ғазалсароӣ нақши худро гузоштааст. Бояд иқрор кард, ки Туғрал дар тарзи ғазалгӯӣ бештар ба сабку услуби Бедил ибтикор варзида вазну қофияву қолабу образҳои шеръии ӯро бештар аз дигарон манбаи эҷоду мабдаи илҳом қарор додаст. Аммо, бо ин ҳама, ба таъбири устод Айнӣ, «истеъдоди Туғрал бисьёр комил ва хаёлаш мустаъидди болоравӣ буд» ва ғазалиёти берун аз асорату тақлиди Бедил офаридааш зиёдтару қобили таваҷҷӯҳанд. Алалхусус, Туғрл фаъолияти эҷодӣ-ғазалсароиро бидуни таъсиру тақлиди бевоситаи Бедил оғоз намуда, ба ҷодаи мустақилу мустақими ҳунарварӣ қадам ниҳодааст. Аз ин ҷиҳат, андешаи зерини академик А.Мирзоев асоси илмӣ дорад, ки дар аснои тавсифи дафтари мусаввадаи Туғрал иброз доштаанд: «Бисъёрии шеърҳои чопнашудаи шоир дар услуби Бедил намебошанд ва чунин маълум мешавад, ки Туғрал дар аввали марҳилаи шеърсароии худ аз услуби Бедил -«сабки ҳиндӣ» дур воқеъ шуда, ба ин услуб баъдтар қадам гузоштааст». Гузашта аз ин, дар охири чанд ғазал аз Бедил ном бурдану иқтибос овардану дар татаббӯи вай арзи матлаб намудани Туғралро падидаи тақлидкории маҳзи шоир пиндоштан амри ғалат мебуд. Ин унсури эҷодиро як навъ услуб ва равиши адабӣ ва хусусияти хоси усули фардии Туғрал бояд донист, зеро ӯ зоҳиран, дар танзиму пайравии Бедил сухан гӯяд ҳам, фикри худу андешаи худ, дарди худу дармони худ, омоли худу армони худ ва шахси худу инсони худро мустақилона баён месозад. Инчунин дар ашъори Туғрал каму беш руҳияти замон низ ҳувайдост.

Туғрал дар ғазалҳои хеш тамоми мазмуну мавзӯъҳои анъанавии фалсафию ахлоқӣ ва ишқиву иҷтимоиро, аз ҷумла шикоят аз ҳаҷру васли ёру зулму ташвиши рӯзгор, сарзаниши «дунёи дун»-у эътирофи «қисмати азалӣ», арзиши олами фанову бақо, умеду ноумедӣ, вайронии сохти замону бесомонии даврон, ғафлати мардуму худсарии сармоядорон, бехирадии зоҳиду нокасии соҳибмансабон, авомфиребии муллоҳои

чаласаводу рӯҳниён, сафои дӯстиву сидқи бародарӣ, ҳусни табиату накҳати чаман, лутфи ҳаққу бедодии фалак ва амсоли онҳоро ба риштаи таҳрир кашида, инсонҳоро барои ғанимат донистани зиндагиву баҳравар гаштан аз неъматҳои моддӣ, дӯст доштану ишқ варзидан, мард будану саховат кардан ҳам даъват менамояд. Образҳои рамзии ишқномаҳои классикӣ-романтикӣ хаёли ӯро банд карда, таъбирҳои вобастаи вожаи «ишқ» бо тамоми тобишҳои маъноӣ вирди забони шоири лирик гардидаанд, яъне ишқ дар шеъри ӯ ба тамоми муқаддасоту муҳассанот ва образнокии худ дарҷ гардида аст.

Ашъори лирикии Туғрал моломоли санъатҳои дилнишини лафзиву маънавӣ, забону тарзи баёнаш суфтаву соддаву равон, мантиқаш қавӣ, қофияву радифаш солим буда, гоҳо дурдонаҳои лирикаи шифоҳии халқиро ба хотир меорад. Табиист, ки қисмате аз онҳоро аз таъбирати мастуру мармуз, нуктапардозиҳои сарбаста ва печутоби услуби бедилӣ донистан мумкин нест.

Андешаҳои ҳиҷоиву мутоиботӣ ва музҳикаомези Туғрал, ки гоҳо ба дараҷаи ҳачви иҷтимоӣ расидаанд, дар қолабу ғазалу қитъаву рубоиву байтҳо рехта шудаанд. Шоир дар ин қабил ашъор бехудиву каззобии қозиёни шаръӣ, рӯҳониёну амалдорон, ваъдахилофиву бефаросотӣ, бӯҳтонэҷодиву фитнаангезӣ, ҳарисиву хасисӣ, қаллобиву пастфитратии тоифаҳои гуногуни мардумро зери тозиёнаи танқиду тамасхур гирифтааст. Ҳамчунин, дар қитъаву рубоиву фардҳои адиб мақоми шеъру моҳияти шоирӣ, таърихи ҷулусу нузул ва вафоту таваллуди ашхоси таърихӣ, ғаниматии фароғати имрӯзӣ, зиёни тамаъу суди қаноъату тавазӯъ, ҳусну ҷамолу васлу фироқи ёр, мавсими гулу иди Наврӯз, қиммати умру мақоми инсон ва дигар мавзӯъоти фалсафию ахлоқӣ ва ишқию инсонпарварӣ ба доираи таҳқиқи бадеъӣ кашида шудаанд.

Муофиқи шаҳодати шоҳидон, Туғрал дар охирҳои умр дар пайравии «Гулистон»-и Саъдӣ таҳти унвони «Боғистон» асари манзуму мансури фалсафӣ-ахлоқиеро рӯи коғаз оварда, ғайр аз боби ҳаштуми охирин, ҳафт боби пешиниро ба итмом расонида будааст. Илова бар ин, дар он солҳои пурошӯб баробари «Боғистон»-у асари номаълуми доир ба ҳаёти нав ҳам навишта будааст. Аз миён рафтани ғазалиёти солҳои охири умри Туғрал ва асарҳои насрии ӯро гуфтаҳои зерин яке аз донандагони Туғрал шоир Ҷомеъ собит мекунанд:

Аз миён рафтаст «Боғистон»-и ӯ,
То ки Туғрал рӯй аз гетӣ нуҳуфт.

Ва

Пас аз чопи девон-ш ҳаштод ғазал
Навиштаст, лекин бувад нопадид.

Ҳам дар назму ҳам дар наср андеша рондани Туғралро шоири истаравшании нимаи авали асри ХХ Муштарӣ, ки бо ӯ дӯстиву рафтуои доимӣ доштааст ва хонааш фурудгоҳу маҷлискадаи ҳазордостони зосунӣ будааст, баробари дигар муамоҳои шарҳи ҳолаш, дар қитъаи таърихи ба фавти Туғрал бахшидааш чунин иброз медорад:

Дар гулистони маънӣ мебуд ҳамчун булбул,
Аз андалеби килкаш мекард сафҳаҳо гул.
Номаш Нақибхону з-авлоди Ҳоҷа Аҳрор,
Ӯро лақаб ҳамебуд дар назму наср Туғрал.

Шоир на танҳо худ «дар сухан тариқи пухтагонро» пеша кардааст, балки ба рамзе дигар аҳли қаламро ҳам ба ин роҳу равиш бархондааст:

Дар сухан, Туғрал, тариқи пухтагонро пеша кун,
Мевааст гар хом бошад, нест дар дондор лазиз.

Бар ашъори Камоли Хӯҷандӣ, Шоҳин, Гулшанӣ, Қурбӣ, Қорӣ ва дигарон мухаммасу мусаддас бастани Туғрал ва риштаҳои мухталифи ихтилоту эҷодиву шахсии шоир бо устодони мутақаддиму мутаахири сухан бурҳони дигари эътиқоду эҳтироми бемонанди ӯ нисбат ба адибону адабиёти оламгири халқ аст. Баръакс, бар ғазалиёти шоири борикбин мухаммас бастону дар пайгираш шеър офаридани шоирони

муосираш, аз ҷумлаи Гулшанӣ, Васлӣ, Акрам, Навҳа, Сафирӣ, Баҳром, Холис, Самимо, Роҷӣ, Қумрӣ ва дигарон, дар сарчашмаҳо ихлосмандона зикр ёфтани шарҳи ҳолаш аз тарафи тазкиранигорон ва дар хотироти ҳаммаслаку ҳаммаҳфилу ҳамдиёрон зинда мондани ёди хайраш гувоҳи дар байни ҷамоат шӯҳрату мақоми баланди инсониву шоирӣ доштани Туғраланд.

Савол ва супоришот:

1. Дараҷаи омӯзиш ва тадқиқи аҳволу осори нақибхони Туғрал.
2. Хусусиятҳои муҳимтарини ашъори шоир.
3. Туғрал шоири равияи анъанавӣ.
4. Туғрал ва мавқеи жанри қасида дар ашъори ӯ.
5. Мавқеи жанри ғазал ва мазмуну мӯҳтавои он дар ашъори Туғрал.
6. Манбаъҳои асосии омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Туғрал.
7. Идомаи сабки ҳиндӣ дар осори Туғрал ва ҷиҳатҳои ба худ хоси он.

Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ҳаёт ва фаолияти эҷодии ӯ

Нуктаҳои асосӣ:

1. *Манбаъҳои асосии омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти эҷодииҲайрат.*
2. *Дараҷаи тадқиқи аҳвол ва осори шоир.*
3. *Зиндагинома ва мероси адабии Ҳайрат.*
4. *Ҳайрат ва равиши эҷодии ӯ.*
5. *Ҳайрат ва Садриддин Айнӣ.*
6. *Хусусиятҳои муҳимтарини ашъори Ҳайрат*

Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат яке аз шоирони бомаҳорати ибтидои асри XX буда, бо ашъори дилошӯбу пурмазмунаш дар таърихи адабиёти тоҷик мақом ва манзалати ба худ хосро соҳиб аст. Аввалин шахсе, ки дар бораи ин шоир маълумот ва суханҳои ҷиддӣ баён кардааст, дӯст, ҳамқисмат ва ҳамроҳу ҳамрози ӯ Садриддин Айнӣ аст. Садриддин Айнӣ аз «Намунаи адабиёти тоҷик» сар карда то «Ёддоштҳо» ва мақолаву гузоришоти алоҳида дар бораи Ҳайрат ва шахсияту симои адабии ин адиб бо эҳсоси баланд ва самимона сухан кардааст. Дар «Намуна…» Айнӣ чунин изҳори ақида намудааст. «Ҳайрат аз шарикдарсони фақир аст. Аммо аз камоли истеъдод ва ишқи адабиёт дар хурдсолӣ ба мартабаи устодӣ расида буд. Фақир низ қавоиди арӯз ва баъзе нозукиҳои санъати адабияро аз ӯ омӯхта будам. Ҳайфо ки ин истеъдоди муҷассам дар айёми ҷавонӣ (дар бистуҳафтсолагӣ) ҷаҳони фониро падруд намуд. Вагарна аз ин қудрати фавқ-ул-одда хориқаҳо дар олами адаб ба вуҷуд меомад».[1] Баҳо ва арҷмандии Ҳайрат дар назди Айнӣ бо мурури замон мунтазам ва тадриҷан бо баробари шинохти амиқи моҳият ва мазмуну санъату ҳанари волои Ҳайрат афзудааст. Инро дар мисоли гуфтаҳои ӯ дар «Ёддоштҳо» низ метавон дарёфт. «Ман дар ҳамон мулоқоти аввалин аз қобилият ва маълумоти фавқулоддаи ӯ пай бурдам ва назар ба ақидаи худам, он касе, ки ман барои роҳбарии худ дар шеър аз байни шоирон ва шеършиносони калонсоли он замон меҷустам, ҳамин хурдсоли хурдҷусса буд. Ӯ бо ман ҳамсол ва ҳамдарс буд. Бо ҳамаи ин ман ӯро аз ҳамон рӯз сар карда устоди худ қарор додам».[2] Аз ин ҳама эътиқодмандӣ ва

[1] Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик.- Москва: Чопхонаи марказӣ, 1926. Саҳ.- 271
[2] Айнӣ С. Куллиёт.Ҷилди 7. Саҳ.- 226.

иқрорҳо ҳосил он аст, ки Ҳайрат на фақат соҳиби истеъдод, балки соҳиби илму дониши мукаммали адабиётшиносӣ ҳам будааст. Пас, исму номаш ба қалбу ҷисмаш, истеъдоду фазлаш мутаносиб низ будааст. Баҳое, ки Айнӣ ба Ҳайрат додаст, на аз рӯи дӯстӣ ва садоқату рафоқат аст, балки ҳунари хуби ӯ аз ҷониби адабиётшиносони давраи сонӣ низ эътироф гардидааст. Ҳаминро бояд эътироф намуд, ки гуфтугузор бобати ин адиб ва мероси адабии ӯ ҳам аз ҷониби Айнӣ ва ҳам аз тарафи Ҳодизода характери тавсифӣ дорад. Ҳайрат дар ҷараёни адабии давр бо сабк ва салиқаи хос, ашъори мазмунан ва аз лиҳози мундариҷа тоза, руҳияти нави эҷодӣ мақому мавқеи худро соҳиб буд. Ӯ ҳамчун шоир дар ин раванд табаддулоти ҷиддиву мукаммал накарда бошад ҳам, дар масъалаи идома додани анъанаҳои беҳтарини адабиёти мумтози форсу тоҷик, нигоҳдории равияҳои солимтарини он, дар шеъру шоирӣ симои худро доштан, мазмуни хуби ашъор, зоҳир намудани ҷиҳатҳои беҳтарини бадеияти эҷод ва дар ҷараёни адабии давр таъсири мусбие гузоштан мақоми хос дорад. Чуноне ки эътироф гардид манбаъҳои асосии омӯзиши аҳвол ва осори ин адиб мероси адабии худи ӯ, сарчашмаҳои илмиву адабии ҳамон давр, хусусан, тазкираҳо ва нигоштаҳои Айнӣ, чанд боби махсуси «Ёддоштҳо» маҳсуб мегарданд, ки барои шинохти симои адабии ин шоири соҳибистеъдод арзиши муҳим доранд. Мутобиқи ҳамин манбаъҳо ва тадқиқоти Расул Ҳодизода зиндагиномаи ин шоирро дар қарори зайл созмон додем.

Муҳаммадсиддиқ Ҳайрат соли 1878 дар Бухоро таваллуд шудааст. Маълумоти ибтидоиро дар мактаби гузари Арӯсон (ки саҳван мардум Урусон мегуфтанд) гирифтааст. Ҳайрат дар 10- солагӣ аз модар ва дар 12-солагӣ аз падар бо як додарачаяш ятим монд. Онҳо ба даромади ночизе, ки аз иҷораи ҳавлӣ ва ду ҳуҷраи меросии мадраса ҳосил мешуд, рӯз мегузаронидаанд. Бо вуҷуди душворию сахтии зиндагӣ Ҳайрат аз шавқи хондан боз намонд ва дар 15-солагӣ дар мадраса ба таҳсили илм шурӯъ кард. Дар ин вақт Ҳайрат ҳамчун шоири баркамол дар пайравии

ғазалсароёни гузашта ғазал эҷод намояд ҳам, шеърҳояшро ба касе нишон намедод ва пеши касе номи шоириро ба худ намегирифт.

Симо ва ба қавле портрети Ҳайрат аз ҷониби Айнӣ дар «Ёддоштҳо» чунин тасвир карда шудааст: «Ҳайрат як ҷавони қадаш аз ман пасти гарданкӯтоҳ, лоғарбадани сиёҳчеҳра, чашмаш сиёҳ буда, чунон ки мегӯянд, «роғ-роғ мерафт», яъне ба ҳар чиз бо ҳайрат ва хомӯшона нигоҳ карда меистод. Тахаллуси «Ҳайрат» чунон ба шахси ӯ муносиб афтода буд, ки ман бо дидани вай ва мулоҳизаи маънии тахаллусаш дар ин муносибати пурраи тахаллус бо шахси шоир дар ҳайрат афтодам». (Саҳ.- 224). Аз гуфтаҳои Айнӣ дар «Ёддоштҳо» ҳамин чиз аён мешавад, ки Ҳайрат бо вуҷуди иқтидор ва истеъдоди баланди шоирӣ доштан, ҷавони хоксор, фурӯтан, оддӣ, истиғнокор ва самимӣ низ будааст. Дар баробари Айнӣ дар саҳнаи адабиёт маълум гардидани Ҳайрат аз як тараф ба Шарифҷон махдуми Садри Зиё низ вобастагӣ дорад. Зеро яке аз он шахсони адабдӯст, ки дар рушд ва инкишофи эҷодиёти ин адиб саҳм гузоштааст, ва дар сайқал ёфтани сабку салиқаи шоирии ин ҷавон мавқеият дорад Садри Зиё ва муҳити хонаводаи ӯ ҳисоб меёбад. Ин фактҳоро ҳам Айнӣ ва ҳам Садри Зиё таъкид намудаанд.

Дар ҳамин солҳо Ҳайрат бо Садриддин Айнӣ, ки низ талабаи мадраса буд, шинос шуд ва миёни онҳо дӯстии самимонаи шахсиву эҷодӣ барқарор гардид. Садриддин Айнӣ ӯро ба доираи адабии ҳавлии Садри Зиё дохил кард ва ба ҳамин васила Ҳайрат дар миёни аҳли шеъру адаби Бухоро ҳамчун шоири соҳибистеъдод шинохта шуд. Шеърҳои индавраинаи Ҳайрат ҳама пухтаву матин буда, дар пайравии ғазалу шеърҳои анъанавӣ иншо шуда буданд.

Дар охирҳои солҳои 90-ум Ҳайрат бо «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш шинос шуд. Ин асар ба ӯ таассуроти бузурге гузошта, дар фикру ҷаҳонбинии вай дигаргунӣ ба амал овард. Афкори танқидиву иҷтимоии Аҳмади Дониш нисбат ба замону ҷомиаи он давр моҳияти

бисёр масъалаҳои ҳаётро, ки Ҳайрат ба таҳлил ва тадқиқи онҳо таҷрибаи кофӣ надошт, равшан намуданд.

Тангии рӯзгор ва эҳтиёҷи зиндагӣ ниҳоят ба саломатии Ҳайрат таъсир кард ва ӯ ба бемории сил гирифтор шуд. Ҳайрат барои беҳтар намудани шароити зиндагӣ ва ба ин восита халосӣ ёфтан аз чанги беморӣ дар солҳои 1897-98 ба хидмати Ашӯрбек ном даллоли пӯсти барраи қарокӯлӣ ба сифати мирзо дохил шуд. Аммо музди ночизи хидмат вазъи зиндагӣ ва сиҳатии ӯро беҳтар карда натавонист. Осори касалии сил дар ҷисми Ҳайрат торафт бештар мешуд ва дӯстону табибон дар паи ёфтани илоҷи ин дарди бедармони он замон буданд. Тобистони соли 1900 Ҳайрат бо маслиҳати табибон ба ҳамроҳӣ ва ёрии писари хӯҷаинаш ба саёҳати Фарғона рафт, ба умеди ин ки обу ҳавои гуворои он водӣ саломатии Ҳайратро беҳтар мекунад. Табдили иқлим дарвоқъе ҳам аҳволи Ҳайратро каме беҳтар карда, рӯҳашро бардошт. Шоир аз таассуроти ин сафар дар шакли маснавӣ сафарнома ва ё саёҳатномае навишт, ки аз он табъи болидаву хушнудонаи ӯ эҳсос мешавад. Маснавии мазкур чунон ки маълум мегардад, мазмун ва мундариҷаи воқеӣ дорад ва таассуротҳои ӯро дар арафаи сафар фаро гирифтааст. Аммо ин сафарномаро дар радифи сафарнома ва ё саёҳатномаҳои аҳди маорифпаварӣ қарор додан хатост. Зеро дар ин саёҳатнома муносибати адиб ба чизу дидаҳояш холисона ва объективона аст. Мақсади шоир аз ин гуна саёҳатноманигорӣ танҳо иборат аз ифодаи таассуротҳои хеш аст. Инчунин ин саёҳатнома характери тавсифӣ дорад. Шояд худи муаллиф аз нигоштани чунин асар, чандон хурсанд ва хушнуд набудааст, ки дар охир маъзурияти хешро аз иншои ин асар дар назди хонандагон иброз доштааст. Сабаби чунин маъзурият аз назари мо дар он аст, ки маснавии мазкур аз лиҳози сабку услуб, бадеият, таносуби унсурҳои шаклу мазмун, вазну қофия, ғоявият,тарзи гуфтор нисбати дигар ашъори шоир чандон ба дараҷаи хуб нест. Инро Ҳайрат худ дуруст дарк намудааст.

Аммо зимистони соли 1901 ӯ бистарӣ шуд. Дар ин вазъи сахту ночор парастор ва нигоҳбони ӯ дӯстон ва махсусан Садриддин Айнӣ буд. Ҳайрат моҳи июли 1902 аз ҳамон касалӣ вафот кард. Чунонки Садириддин Айнӣ гувоҳӣ медиҳад, ҷасади ӯро дар беруни дарвозаи Талипоч, дар роҳи Чорбакр, дар гӯрхонаи падару бобояш дафн карданд.

Ҳайрат дар айни ривоҷи эҷодиёти худ аз ҷаҳон рафт ва мероси адабии ӯ бисёр набуд. Аммо ҳамин мероси боқимонда ҳам дар дафтару мусаввадаҳои худи шоир ба тартибу танзиме гирд оварда нашуда буд. Баъди сари шоир Садриддин Айнӣ ва Мунзим аз дафтару коғозпораҳои шоир ва аз баъзе маҷмӯаҳои наздикони худ ашъори парокандаи Ҳайратро дар шакли девоне гирд оварданд. Ин ҳодиса ба солҳои бистуми асри XX рост меояд. Ҳатто ин девони ягонаи шоир ҳам дер вақт пайдо набудааст. Фақат дар аввали солҳои 60-ум девони шоир дар Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ ёфт шуд. Девон аз қитъаю рубоӣ, ғазалу қасида ва дигар анвои шеър иборат буда, ҷамъ 2447 байтро дар бар мегирад.

Мероси адабии Ҳайрат асосан аз шеърҳои лирикӣ-ғазал, рубоиёт, мухаммасот иборат аст. Лирикаи Ҳайрат аз зоҳирпарастию фалсафиписандии бисёр шеърҳои он давр, аз панду андарзи хушку холӣ ва тақлидкории адабиёти ирфонӣ-тасаввуфӣ орист. Дуруст аст, ки дар баъзе шеърҳои солҳои аввали эҷодиёташ ҳанӯз таъсири тақлидгарӣ ба услуби ашъори Бедил боздид мешуд. Аммо ӯ зуд аз ин роҳ баргашт ва дар шеър мувофиқи талаб ва тақозои давру замон роҳи соддагӯиро пеш гирифт. Ӯ яке аз давомдиҳандагони сабку услуби ашъори Шоҳин буд ва бо вуҷуди кӯтоҳумрӣ шоири сермаҳсул ҳисоб меёбад. Мероси Ҳайрат бо ташаббуси дӯстон ва хидматҳои додараш гирдоварӣ гардидааст. Зеро баъди вафоташ ҳам қисме аз мероси ӯ дар баёзҳои дӯстонаш ва қисме аз онҳо дар дасти додараш боқӣ монда будаанд. Ин маъниро аз гуфтаҳои Айнӣ метавон ба хубӣ дарк намуд.

Ҳайрат ишқро хеле самимӣ ва зиндадилона месуруд. Аз оҳанги ашъори ошиқонаи ӯ нишоти зиндагӣ ва некбинӣ, фараҳи дилангези қалби ошиқ эҳосос мешуд. Суханҳои ӯ дар шеър хеле оддӣ, аммо эҳсоси қалбу ниҳодаш ниҳоят амиқу муассир ва мафтункунандаанд:

Суоли дард ба ҳар ҷо баланд шуд, Ҳайрат,
Ҳаме бад-он ҳама дардам ҷавоб шуд дили ман.

Аммо некбинӣ ва нишоти ҳаёт, ғаму кулфати зиндагӣ ва сахтиву эҳтиёҷмандӣ рӯзгори шоирро тира мекард. Ба ин дардҳо зиндагии шоир, муҳити нофарҷоми ҷомиаи он давр, беадолатӣ ва ҷавру ситаме, ки бар сари бечорагон бори вазнине буд ва ниҳоят беморию дармоннопазир зам шуда, ҷисму рӯҳи ӯро хаставу афгор намуданд. Ин вазниниҳо дар ашъори ӯ низ рангу бори дигартар, ба қавле руҳияти пессемистӣ ворид сохт. Аз ин ҷо дар бисёр шеърҳои лирикии Ҳайрат оҳангҳои яъсу навмедӣ ва нотавонию вомондагӣ садо медод. Ин мавзӯи дарду ғам ва оҳанги яъсу андӯҳ дар як мусаддаси ӯ ниҳоят муассир ва бо сӯзу гудоз ифода ёфтааст:

Чӣ музтарам, ки зи ғам лаҳзае фароғ надорам,
Набошадам ба дил аз гӯшае, ки доғ надорам.
Ба роҳи матлабу айшу хушӣ суроғ надорам,
Ба каф зи даври шароби тараб аёғ надорам.
Чунон фарсудадимоғам, ки майли боғ надорам,
Ба ҳадди он, ки гуле бӯ кунам, димоғ надорам.

Бандҳои дигари ин мусаддас низ ба ҳамин руҳия иншо шудаанд. Чунонки Садириддин Айнӣ навиштааст: «Ҳайрат ин шеърро дар охири умраш навиштааст ва метавон гуфт, ки он хулосаи шарҳи аҳволи пурмалоли ӯ мебошад». Ҳунари хуб доштани Ҳайрат аз шеъраш ҳувайдост. Ӯ пайваста ба нишон додани санъат ва ҳунари хеш кӯшиш намудааст. Инро мо дар ашъори солҳои охири умр навиштаи шоир пай бурда метавонем. Ба қавли Р.Ҳодизода «Ҳайрат дар давраи минбаъдаи зиндагиаш роҳи мустақили эҷодро дарёфта тавонист… Ғазалиёти Ҳайрат, умуман шеърҳои ишқии давараи камолоти эҷодии ӯ аз намунаи беҳтарини назми лирикаи охири асри XIX ва ибтидои асри XX аст».

Гарчи суханҳои муҳаққиқ характери баланди тавсифӣ доранд, дар ҳақиқат ҳам дар баъзе ғазалиёти шоир самимият, тозагии қалб, эҳсосоти поки инсонӣ, ҳиссиёти равшани ошиқи ҳақиқии зиндагӣ, ҳаётдӯстӣ намудор мешавад, ки бо сабку услуби хос иншо гардидаанд.

Манам, ки дину дилу ҳуш доштам вақте,
Ба ғорати нигаҳу ноз ғамзаат тала шуд.
Ду рӯз шуд, ки асират набуд ҷуз дили ман,
Кунун хунобахӯри наргиси ту як гала шуд.
…Магар муолиҷи Ҳайрат шавӣ зи парпии васл
Ки ногаҳе шаби ҳаҷри гузаштаат хала шуд.

Ин гуна воқеияти тасвири ишқ ва ба оҳанги ҳазлу шӯхӣ ифода намудани ҳиссиёт дар ашъори солҳои аввали шоир ҷиҳати хос аст. Дигар ин ки шоир бештар дар тарзи тасвир ба эҷодиёти даҳонакии мардум ва мусталиҳотилурфия низ муроҷиат мекунад. Ин ҳодиса дар ҷараёни адабии давр ҳодисаи нав набуда, ин тарзи қофиябандиву радифҳои халқона дар ғазалҳои бештари шоирони Бухорои охири асри XIX ва ибтидои асри XX маъмул буд.

Шеърҳои охири умри Ҳайрат оҳангҳои шикоятиву исёнкорона алайҳи замон ва нобасомониҳои он, ғаму кулфати давр, мубориза бар зидди разолату ҷаҳолати замон, мубориза барои зиндагиву талоши аҷзу нотавонӣ навишта шудаанд. Ба ин маънӣ ӯ менигорад:

Ба зулму чархи ҷафоҷӯ, зи ҷаври даври ситамгар,
Ба ранҷу дард чу Ҳайрат шикастаҳоламу музтар.
Дилам зи ҳодиса дар қайди кулфат аст мукаддар,
Ғамам чу қофия дар банди меҳнат аст мукаррар.
Зи бахти тира чу мурғи шикастаболаму бепар,
Ки ошёни талаб ҷуз ба парри зоғ надорам.

Дар чанд рубоӣ ва байтҳои пароканда мазамат ва ҳаҷву тамасхури рӯирости ситамгарони он замон боздид мешавад, ки аз мансабу рутбаҳои маъмурӣ сӯиистеъмол мекардаанд ва ба раият ҷавру зулм менамуданд:

Фарёду фиғони ман зи дасти писарат!
Вожуниам аз қадди фарасти писарат!

Эй шаҳна, ба манъи мо зи май кӯшӣ чанд
Нокарда назар ба чашми масти писарат.

Шоир дар муддати хидматаш дар пеши даллоли пӯст бо муҳит ва руҳияти савдогарон ва махсусан судхӯрон, ки дар истисмори мардуми оддӣ яке аз балоҳои азим буданд, нағз шинос шудааст.

Ҳайрат умри кӯтоҳе дидааст. Мавзӯъ ва мазмунҳои иҷтимоӣ дар шеъри Ҳайрат доман нагустурда, риштаи ҳаёти ӯ канда шуд. Бо вуҷуди ин чанд шеъри шоир, ки дар танқиди иллатҳои замон иншо шудаанд, қиммати калони таърихиву иҷтимоӣ доранд.

Ҳайрат пеш аз ҳама шоири равияи анъанавӣ аст ва дар ин равиш низ эҷодкори ба худ хос аст. Ӯ шаклу сабки анъанавии назми классикии форс-тоҷикро нағз риоя мекард. Ӯ мисли Ҳилолӣ шеърҳоро ҳамчун каломи гуфтугуии муқаррарӣ меоварад, аммо дар зимни ин чунон санъати сухан ниҳон буд, ки ба он ҳар як шоир даст ёфта наметавонист. Ҳайрат ба муқобили тақлидкорӣ ва ба тарзи сунъии шеъргӯӣ баромада, мураккабу аз фаҳм дур офаридани шеърро қобили қабул намешуморид. Ҳайрат дар ашъори лирикиаш аз забони гуфтугӯии мардум ибора ва таъбирҳои хеле шинаму ширинро интихоб намуда, бамавқеъ ва бамаврид истеъмол кардааст. Ин ҷиҳат ҷанбаи халқии ашъори шоирро таъмин намудааст. Мисоли равшани инро дар ғазали зерин дидан мумкин аст:

Гашт дил волаву шайдои ту, майлаш-дияе,
Рехт хунам ба таманои ту, майлаш-дияе.
Тоқату сабру қарори мани маҳзун гардид,
Садқаи лутфу адоҳои ту, майлаш-дияе.
Ба дуо ёфт агар неъмати дашном рақиб,
Аз лаби лаъли шакархои ту, майлаш-дияе.
Шудам ар шӯҳра ба ишқи ту надорад зарараре,
Шудам ар музтару расвои ту, майлаш-дияе.
Падарат воқиф агар гашт набошад боке,
Рафт ин ҳол ба бобои ту, майлаш-дияе.
Нағз шуд аз сари кӯи ту ҷудо монд рақиб,
Ҷигараш рехт зи савдои ту, майлаш-дияе.

Чашм дар ҳаҷри ту хун гиряд агар кӯр шавад,
Ва фитад сар ба таги пои ту, майлаш-дияе.
Ҳайрат аз ҷавру ҷафои ту мурад, хайр-дия,
Хок гардад ба аламҳои ту, майлаш-дияе.

Гузашта аз ин Ҳайрат дар мавриду мавқеи мувофиқ дар шеър калимаҳои ғайру бегонаро, ки он вақт дар байни мардум маъмул мегаштанд, низ кор фармудааст.

Гарчи Ҳайрат дар рушд ва нумӯи адабиёти маорифпарварии тоҷик саҳми калон нагузоштааст, дар ин ҷараёни адабӣ мавқеи баланд надорад, мероси фаровону бой надорад, умри кӯтаҳ, вале бомазмун дидааст, ҳанӯз аз ҷониби ҳамзамонони худаш чун эҷодкори соҳибзавқ эътироф карда мешавад, ҳунараш қадршиносӣ гардидааст, бе симои вай, эътироф накардани ӯ ҳамчун адибу шоири бомаҳорат ва санъаткори ҳақиқии шеър, гӯё яке аз чароғаки шӯълаафрӯзи гунбази адабиёти ибтидои садаи XX хомӯш хоҳад монд. Аз ин рӯ, бояд Ҳайрат дар адабиёти охири асри XIX ва оғозгоҳи садаи XX яке аз симоҳои намоён ва эҷодиёт ӯ яке аз саҳифаҳои хуби адабиёт шинохта шавад ва баррасӣ гардад.

Савол ва супоришот:

1. Олимон дар ҳаққи Ҳайрат ва тадқиқотҳои асосии онҳо.
2. Садриддин Айнӣ ва шинохти симои бадеии Ҳайрат.
3. Мероси адабии Ҳайрат ва таркиби жанрии он.
4. Хусусиятҳои ба худ хоси ғазалиёти шоир.
5. Ҳайрат ва Шоҳин.
6. Саёҳатномаи Ҳайрат ва мазмуну мундариҷаи он.
7. Хусусиятҳои бадеӣ ва анъанавии ашъори Ҳайрат.

Аз ғазалиёт

Бе дӯст ошиқон ҳаваси гул чаро кунанд?

Майле ба сарву лолаву сунбул чаро кунанд?
Дилхаставу ҳазину фигорем, гулрухон,
Донанд ҳоли мову тағофул чаро кунанд?
Аз нимханда мурда тавон зинда сохтан,
Хубон дар ин савоб тааммул чаро кунанд?
Ширинлабон бар ғами асирони дурднӯш,
Бо ғайр мастӣ аз қадаҳи мул чаро кунанд?
Гулҳо зи рангу бӯ ҳама мағрури хештан,
Оре, нигаҳ ба нолаи булбул чаро кунанд?
Ҳайрат ба маҷлис ар сухан аз он лабон равад,
Минову ҷом, нолаву қулқул чаро кунанд?

*** *******

Эй манат ошиқи бемору ту ёри дигарӣ,
Сӯи ағёр паи гуфтугузори дигарӣ.
Ҳошалиллаҳ, зи ҷафои ту забон бикшоям,
Гарчи умрест қарори дили зори дигарӣ?
Ман ба ҳарчи ғами ҳиҷрони ту, ҳайҳот, канор,
Ту ба осудадилӣ хуш ба канори дигарӣ.
Додам аз каф сари барги тарабу гашта хазон,
То ту бо орази гул тоза баҳори дигарӣ.
Ҷоми аҳде, ки ниҳон ҳамраҳи ман паймудӣ,
Ошкоро биншастӣ, ба хумори дигарӣ.
Ин ҳама нозу итоби ту куҷо буд парер,
Боз имрӯз ба оину шиори дигаӣ.
Нест Лайлӣ чу ту, эй шӯх, чу Ҳайрат Маҷнун,
Ӯ ба роҳи дигару ту ба шумори дигарӣ.

*** ***

Месӯзам ба хорӣ, бухорӣ нигоро!
Задам аз бухори ғамат сар ба хоро!
Шаб то саҳар мегузорам ҳаме, сар,
Ба хор аз ту, эй гулузори Бухоро.
Нигор аст дастат зи ҷисми фигорам,
Чӣ чобук нигоро, чи ҷисми фигоро,
Ба кор аст сабрам дар айёми ҳаҷрат,
Зи ҳарфи висолам забонро чӣ ёро?
На рое, ки пинҳон кунам доғи ишқат,
На рӯё, ки ин сир кунам ошкоро,
Чи сир аст пинҳон, ки аз ишқ доғам,
Шунав ҳарфам, эй доғи холи ту соро!

Шикори ту гаштам фиреби ту хӯрдам,
Маҳи дилфиребо, бути ҷоншикоро.
Тағофул сипоҳат, ҷафо хайлгоҳат,
Ду чашми сиёҳат ду турки сафоро!
Ба ёдат ба майхона гар пири дайрам,
Ба мулки малоҳат туӣ пури Доро!
Гузорам ба зорӣ паси марг зеро-к,
Гузорӣ қадам бар мазорам ту зоро!
Мадор аз фиғон даст, эй дил, ки набвад,
Мадоре ба ҷону ба ҷонон мадоро!
Ҷафопеша бош, эй ки будию бошад,
Ба коми раҳи ҳаҷрат гуворо!
Агар дар ба водаӣ ва гар дар саҳро,
Ба ёдат бинои фиғон додам оро.

ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

Сарчашмаҳои илмӣ-адабӣ:

1. Абдуллоҳ М. Адабиёти ҷадидия ва худшиносии миллӣ. //Гули мурод, 1997.- № 1-3. -С. 59-62
2. Адашев М. Чанд мулоҳиза доир ба таносуби шаклу мазмун дар адабиёти маорифпарварии тоҷик. //Масъалаи филологияи тоҷик. Мақола ва гузоришоти илмӣ.- Самарқанд, УДС, 1997. - С. 83 -100.
3. Азизқулов Ҷ. Ҳамдӣ, Аҳмадҷон. //Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ.3. - Душанбе: СИЭМТ, 2004. - С. 451.
4. Азизқулов Ҷ. Абдулқодирхоҷаи Савдо. - Сталинобод: Нашр.Дав.Тоҷ., 1960.- 12 с.
5. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Маскав, Чопхонаи марказӣ. - 1926. - 656 с.
6. Айнӣ С. Куллиёт. Иборат аз 14 ҷилд. Ҷилди 14. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. - Душанбе: Матбуот, 2005. - 269 с.
7. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ. -Душанбе: Маориф, 1999. - 448 с.
8. Афоқова Н. Ӯзбек жадид адабиётида шеърий шакллар тараққиёти тамоиллари. Филология фанлари доктори илмий даражасини олиш учун ёзилган диссертатсия автореферати. -Тошкент: ӮзФА Тил ва Адабиёт Институти, 2005. - 52 б.
9. Афоқова Н. Жадид шеърияти поэтикаси. –Тошкент: Фан, 2005. 140 б.
10. Болтабоев Ҳ. Фитрат ва жадидчилик. //Илмий тадқиқий мақолалар. Алишер Навоий номидаги Ӯзбекистон Миллий кутубхонаси нашриёти. - Тошкент: 2007. - 287 б.

11. Боқиев Х. Творческий путь и просветительские взгляды Мирзо Сироджа Хакима. АКД. - Душанбе: ТГПУ, 2000. - 19 с.
12. Ганиев И. Поэтика драм Фитрата. АДД. - Ташкент: ТГУ, 1998, - 52 с.
13. Гаспаринский И. Мусулмонони Дор-ур-роҳат. Аз туркии тоторӣ тарҷумаи Абдурауф Фитрат. Бухоро - 1914. Нашри тоза ба кириллик бо сарсухан, тавзеҳот, шарҳи луғот ва феҳрист аз профессор. А.Маҳмадаминов. - Душанбе, 2002, - 170 б.
14. Гулмуродзода П. «Джадидская школа» и просветительское движение в Бухаре. //Гули мурод, 1997, -№ 1-3.- С. 48-59 .
15. Гулмуродзода П. Маорифпарварони тоҷик ва матбуот. //Журналистика ва ҷомеа. –Душанбе: Эҷод, 1999. - 59 с.
16. Гулмуродзода П. Публитсистика и время. -Душанбе: Сино, 2002. - 43 с.
17. Гулмуродзода П. Фитрат и возникновение таджикской печати. //Сабт аст бар ҷадидаи олам давоми мо. Маҷмӯаи мақолаҳо. –Душанбе: ДМТ, 2003, - 120 с.
18. Ғаниев И.М. Фитрат драмалари поэтикаси. //АКД. Тошкент: ТДУ, 1988. - 22 с.
19. Додобоев. М. Ҳамоҳангии афкори маорифпарварии Аҷзии Самарқандӣ ва Иқболи Лоҳурӣ. - Душанбе: Адаб, 2005, №. 5.- С. 6-9 .
20. Додобоев М. Маснавии «Тимсол» ва мавқеи он дар эҷодиёти Тошхоҷа Асирии Хӯҷандӣ. //Масъалаи филологияи тоҷик. Мақола ва гузоришоти илмӣ. - Самарқанд: УДС, 1997. - С. 119-127 .
21. Зайнулобидин Мароғаӣ. Саёҳатномаи Иброҳимбек ё балои таассуби ӯ. - Душанбе: Адиб, 1991. -340 с.
22. Имронов С. Мунозара. //ЭАСТ. Иборат аз 3 ҷилд. ҷилди 2.
– Душанбе: СИЭСТ, 1989. - 559 с.
23. Иржи Бечка. Адабиёти форсӣ дар Тоҷикистон (Мутарҷимон, Маҳмуди Ибодиён, Саъид Абонажоди Ҳичрондӯст).- Теҳрон: Чопхонаи ширкати илмӣ ва фарҳангӣ, 1372 ҳ. - 476 с.

24. Каримов Ғ. Ӯзбек адабиёти таърихи. (XIX асрнинг иккинчи ярмидан XX аср бошларигача) 3 китоб. - Тошкент: Ӯқитувчи, 1976. - 326 б.
25. Каримов Н. XX аср адабиёти манзаралари. –Тошкент: Ӯзбекистон, 2008 й. 532 б.
26. Қосимов Б. Жадидчилик. //Миллий уйғониш ва ӯзбек филологияси масалалари. Илмий мақолалар мажмуаси. - Тошкент: Маънавият,1993. - 397 б.
27. Қосимов Б. Миллий уйғониш. Жасорат, маърифат, фидоийлик.
- Тошкент: Маънавият, 2002.- 397 б.
28. Қосимов Б. Маслакдошлар. - Тошкент: Шарқ, 1994. - 156 б.
29. Қосимов Б., Юсупов Ш., Долимов У., Ризаев Ш., Аҳмедов С. Миллий уйғониш даври ӯзбек адабиёти. - Тошкент: Маънавият, 2004. - 461 б.
30. Маниёзов А.М. Марҳилаҳои таҳаввули шеъри С.Айнӣ. //Ҷашнномаи Айнӣ, ҷ.IX. -Душанбе: Дониш, 2002.-С. 69-87.
31. Маъсумӣ Н. Хислатҳои асосии забони адабии тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX. Маҷмӯаи илмӣ, ҷ. 2, серияи филологӣ.
- Душанбе: ИДПД, 1949. - 321 с.
32. Маъсумӣ Н. Туғрал ва муҳити адабии ӯ. //Муқаддимаи «Мунтахаботи ашъор»-и Туғрал. - Душанбе: Ирфон, 1964. - 310 с.
33. Маҳмудов Ғ. Жадид адабиётида миллий истиқлол мавзуси. - Тошкент: Ӯзбекистон, 1999. - 106 б.
34. Маҳмудов Ғ. Ӯзбек ва тожик адабиётида маърифатпарварлик ғоялари (XIX асрнинг иккинчи ярми ва XX аср бошларигача). – Самарқанд: Зарафшон, 1998, 17 феврал 1998. - 3 б.
35. Мирзозода Х. Абдурауф Фитрати Бухоройӣ. //Чанд мулоҳизаи адабӣ.- Душанбе: ИПД, 1974. – С. 23-31.

36. Мирзозода Х. Муносибати баъзе ақидаҳои Аҳмади Дониш ва маорифпарварони асри XX. //Аз таърихи афкори адаби халқи тоҷик, ҷузъи 10.- Душанбе: Маориф, 1977. - С. 134 - 145.
37. Мирзозода Х. Мирзо Сироҷ. //Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, Иборат аз 3 ҷилд, ҷ.2. –Душанбе: СИЭСТ, 1989. – С. 266.
38. Мирзозода Х. Афкори рангин. Душанбе: Ирфон, 1982. – 349 с.
39. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. -Душанбе: Маориф, 1990. - 334 с.
40. Мусулмониён Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ. - Душанбе: Маориф, 1987. - 87 с.
41. Муаллифон. Ганҷи Зарафшон. - Душанбе: Адиб, 1991. - 544 с.
42. Набиев А. Нақди адабӣ дар нашрияҳои Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ. //Ҷустуҷӯҳои адабӣ, қисми 2. – Душанбе: ДМТ, 1996. - С. 47-53.
43. Набавӣ А. Нахустин рӯзномаи тоҷикӣ ва фарҳанги рӯзноманигорӣ. («Бухорои шариф», «Самарқанд», «Ойина»). - Душанбе: Эҷод, 2007. - 62 с.
44. Нишонова Г. Ӯзбек публитсистикасининг шаклланиши ҳамда ривожланишида «Ойина» журналининг ўрни ва аҳамияти. НДА. – Тошкент: ӮзМУ, 2008. - 24 б.
45. Неъматзода Т. Возеҳ. - Душанбе: Ирфон, 1967. - 227 с.
46. Орзибеков Р. Ӯзбек лирик шеърияти жанрлари. - Тошкент: ӮзФА. Фан, 2006. - 352 б.
47. Раджабов З.Ш. Из истории общественно-политической мысли таджикского народа во второй половине XIX и начале XX вв. - Сталинабад: Таджикгосиздат, 1957. - 459 с
48. Раҳмонов Ш. Сухане чанд аз лирикаи форсии тоҷикӣ. - Душанбе: Шарқи озод, 1999. - 133 с.
49. Раҳмонов Ш. Шеър ва Айнӣ. Дигаргуниҳои сифатию созмонӣ дар лирикаи муосири тоҷик. -Душанбе: Маориф, 1994. - 64 с.
50. Раҳимов И. Аз «Мунозара» то «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ». //Научная конферентсия молодых ученых АН Республики Таджикистан,

повященная 50-летию АН РТ. Материалы конферентсии. - Душанбе , 2001. – С. 58 - 63.

51. Раҷабов З.Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш. -Душанбе: Ирфон, 1964. - 220 с.

52. Раҷабов М.С. Ислом: ҷадидия ва инқилоб. - Душанбе: Дониш, 1997. - 242 с.

53. Раҷабӣ М.С. Ба фикри ман. - Душанбе: Деваштич, 2003. - 213 с.

54. Ризаев Ш. Жадид драмаси .- Тошкент: Шарқ, 1997. - 320 б.

55. Рустамов Э. Узбекская поэзия в первой половине XV века. Под редактсией Е.Э.Бертельса. - Москва: Восточной литературы, 1963. - 367 с.

56. Сабзаев М.С. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар. – Душанбе: Маориф, 1991. – 80 с.

57. Саид Аҳмад. Бағрдаги чӯғ.// Адабиёт ва санъат. 1992, № 23. –Б. 4.

58. Солеҳов С., Мирзоев М. Дар бораи «Туҳафи аҳли Бухоро» ва муаллифи он. //Муқаддимаи «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷиддини Ҳаким. Душанбе: Адиб, 1992. - 269 с.

59. Саъдиев С. Типологияи адабиёти маорифпарварии тоҷик ва Эрон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX. (Ба тарзи гузориши масъала) //Масъалаҳои адабиёти маорифпарварии тоҷик. Маҷмӯи мақолаҳо. -Самарқанд: ДДС, 1995. - С. 20 - 27.

60. Саъдиев С. Жанри сафарнома дар адабиёти тоҷику эрон. //Масъалаҳои филологияи тоҷик. Мақола ва гузоришоти илмӣ. - Самарқанд, 1997.- С. 32- 41.

61. Саъдиев С. Мазмун ва шакли асари бадеӣ. - Душанбе: Ирфон, 1976.- 45 с.

62. Саъдиев С. Самадов А. Адабиёт. //Китоби дарсӣ барои синфи X.- Тошканд: Ӯзбекистон, 2005. - 438 с.

63. Саъдиев С. Самарқанд адабий муҳити тарих кӯзгусида. – Тошкент: Фан, 2009. 387 б.

64. Саъдиев С. Муҳити адабии Самарқанд дар шоҳроҳи таърих. – Тошкент: Миллий энциклопедия, 2012.
65. Сотиболдиева С. XX аср Эрон насри. – Тошкент: Фан, 2006. - 174 б.
66. Султон Иззат. Адабиёт назарияси. - Тошкент: Ўқитувчи, 1986 . - 391 б.
67. Табаров С. Мунзим.- Душанбе: Ирфон, 1991. - 148 с.
68. Табаров С. «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ»-и Фитрат. - Душанбе: Деваштич, 1993. - 52 с.
69. Табаров С. «Мунозара»-и Абдурауфи Фитрат. - Душанбе: Деваштич, 1997. - 46 с.
70. Томас Лой. Мулоҳизаи кӯтоҳ дар бораи Абдурауфи Фитрат. //Ҷустучӯҳои адабӣ, қисми V. – Душанбе: ДМТ, 2000. – С. 67 - 81.
71. Умуров Ҳ. Адабиёт назарияси. - Тошкент: Шарқ, 2002. - 386 б.
72. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. ҷ. 2. – Москва, 1969. - 949 с.
73. Хади-заде Р. Ахмад Дониш и таджикская просветительская литература. //АДД, - Москва: МГУ, 1968. - 55 с.
74. Хади-заде Р. Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века. - Сталинобод. Нашрдавтоҷ, 1966. - 139 с.
75. Хадизаде Р. Саадиев С. Реалистические элементи и проветительский реализм в таджикской литературе. //Истоки, формирование и развитие сотсиалистического реализма в литературах советского Востока. - Ташкент: Фан, 1976. – С. 189-191.
76. Ҳалимов С. Баъзе масъалаҳои шакл ва мазмун дар адабиёти маорифпарварии тоҷик. //Масъалаҳои адабиёти маорифпарварии тоҷик. Маҷмӯи мақолаҳо. - Самарқанд: ДДС, 1995. – С. 27 - 40.
77. Ҳалимов С. XIX асрнинг иккинчи ярми ва XX асрнинг бошлари ўзбек ва тожик адабий алоқалари. - Самарқанд: СамДУ, 1978. - 81б.
78. Ҳодизода Р. Аҳмади Дониш. Тарҷимаи ҳол ва мероси илмӣ адабӣ.- Душанбе: Ирфон, 1976. - 293 с.

79. Ҳодизода Р. Дониш. //Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Иборат аз 3 ҷилд. ҷ. 1, - Душанбе:СИЭСТ, 2004. – С. 411 - 414.
80. Ҳодизода Р. Реализми маорифпарварӣ. //Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Иборат аз 3 ҷилд. ҷ.3. – Душанбе: СИЭМТ, 2004. – С. 52 - 53.
81. Ҳодизода Р. Фитрат. //Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Иборат аз 3 ҷилд. ҷ.3. –Душанбе: СИЭМТ, 2004. – С. 288.
82. Ҳодизода Р. Насри бадеии Аҳмади Дониш. //Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тоҷик (Маҷмӯаимақолаҳо). - Душанбе: Ирфон, 1974. – С. 60 - 81.
83. Ҳодизода Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX. - Душанбе: Дониш, 1968. – 294 с.
84. Ҳодизода Р. Каримов У. Саъдиев С. Адабиёти тоҷик. Асрҳои ХУ1 – XIX ва ибтидои асри XX. - Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с.
85. Ҳошим Раҳим. Сухан аз устодон ва дӯстон. - Душанбе: Ирфон, 1983. - 345 с.
86. Ҳумоюни Ҳиммматӣ. Рӯшанфикр кист? Рӯшангарӣ чист? //Маҷаллаи Кайҳони фарҳангӣ. – Теҳрон: 2000, сентябр, шумораи 167 – С. 36 - 41.
87. Ҷадидия ва дурнамои таърих. Сӯҳбати даври миз. //Садои Шарқ, 1990, № 3. – С. 87 - 98.
88. Шакурӣ М. (Шукуров М). Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ. - Душанбе: Ирфон, 1987. – 452 с.
89. Шакурӣ М. (Шукуров М). Сайри адабии Садриддин Айнӣ ва марҳилаҳои он. Ҷашнномаи Айнӣ, ҷ.9. - Душанбе: Дониш, 2002. – С. 43 - 68.
90. Шакурӣ М. Навиштаҳои Садри Зиё ва аҳамияти таърихии онҳо. //Гули мурод, 1997, - № 4-6 (2). - С. 23 - 28.
91. Шакурӣ М. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ. - Душанбе: Бунёди Оли Сомон, 1999. - 247 с.

92. Шакурӣ М. Шарифҷон Махдуми Садри Зиё, Тазкори ашъор. Бо тасҳеҳи Саҳобиддин Сиддиқ. Сарсухан, таҳияи матн ба кӯшиши Муҳаммадҷон Шакурии Бухоройӣ. - Теҳрон: Сурӯш, 1380 ҳ. - 543 с.
93. Шакурӣ М. Садри Зиё. //Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Иборат аз 3 ҷилд. ҷ.3. –Душанбе: СИЭМТ, 2004. – С. 81.
94. Шакурӣ М. Садриддин Айнӣ - равшангари бузурги таърихи тоҷикон. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. - 106 с.
95. Шакурӣ М. Садри Бухоро. Чопи дувум. - Душанбе: Деваштич, 2005. - 327 с.
96. Шарифов Х. Шоир ва шеър (Маҷмӯаи мақолаҳо. //Мазмун ва шакл дар шеъри имрӯзаи мо). - Душанбе: Адиб, 1998. - 216 с.
97. Шукуров М. Шаммае аз рӯзгори Садри Зиё. //Садои Шарқ, 1989, - № 1. – С. 101 - 113.
98. Шукуров М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи XX. //Садои Шарқ, 1998, - № 1-6. – С. 87 - 93.
99. Эймонтова Р.Г. Оиди Маорифпарварӣ. //История СССР. - Москва: 1988. - № 6. – С. 38 - 42.
100. Юнусзода З. Ҳуҷҷати муҳим ва манбаи бебаҳо. //Гули мурод.- №1- 6 (9). - Душанбе: 2000. 53-57 с.
101. Юнусзода З. Синтези сафарнома ва ёддошт (дар мисоли «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ. //Ахбори Академияи илмҳои Тоҷикистон, шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. 2005 -№ 1. - Душанбе: Дониш, 2005. – С. 64 - 67.
102. Юнусзода З. Оиди хусусиятҳои жанрии ҳикояти сафарии Аҳмади Дониш. //Масъалаҳои филология (Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ). - Самарқанд: ДДС, 2003. – С. 53 - 62.
103. Юнусзода З. Баъзе хусусиятҳои жанрии «Савонеҳ-ул-масолик» -и Возеҳ. //Филологик изланишлар (Илмий мақолалар тўплами). - Самарқанд: СамДУ, 2003. –Б. 56 - 62.
104. Юсупов Ш. Фурқат йўлларида. //Адабий-танқидий мақолалар.
– Тошкент: Адабиёт ва санъат, 1984. – 224 б.

105. Юсуфӣ Ғ. Дидоре бо аҳли қалам. - Табрез: Маҳорат, 1374 ҳ. - 126 с.
106. Baldauf Ingeborg. Some Thoughts on the Making of the Uzbek Nation. //Cahiers du Monde russe et sovietique. Berlin: 1991. Vol. 32. No 1. – P. 79-96.
107. Edward A. Allworth. The Modern Uzbeks. From the Fourteenth Centuri to the present.. A Cultura History.- California: Hoover Institution Press Stanford Universiti, 1990. - p. 144.
108. Komatsu H. Fitrat'in Munozara'si Uzerine Notlar. //Dogu Dilleri. 1981. Cild 2. Sayy 4. - S. 157 -168.
109. Ricu. Ch. Catalogue of the turkish manuseripts in the British muzeum, vol. III. -London, 1981. -P. 136
110. Ethe. Ucber persighe Tenzonen Neupersische Litteratur, - P. 226-229.

Адабиёти бадеӣ

111. Айнӣ С. Куллиёт, ҷ.7. - Душанбе: Нашр. Давл. Тоҷик, 1962. – 646 с.
112. Айнӣ С. Куллиёт, ҷ.8.- Душанбе: Ирфон, 1981. - 524 с.
113. Айнӣ С. Куллиёт,ҷ.9, - Душанбе: Ирфон, 1969. - 411 с.
114. Айнӣ С. Куллиёт, ҷ.10, - Душанбе: Ирфон, 1966. - 505 с.
115. Асирӣ Тошхоҷа. Ашъори мунтахаб. - Душанбе: Адиб, 1987. - 191 с.
116. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. Муҳаррирони масъул: Р.Ҳодизода, А.Девонақулов. Иборат аз ду китоб. Китоби якум. - Душанбе: Дониш, 1988.- 286 с.; Китоби дуюм. - Душанбе: Дониш, 1989. - 370 с.
117. Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. //Таҳияи Далер. - Душанбе: Сарват, 1992. - 98 с.
118. Аҷзӣ. Миръоти ибрат. //Ниг. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. -Маскав: Чопхонаи марказӣ, 1926. – С. 545 - 556.
119. Аҷзӣ. Миръоти ибрат. – Самарқанд: нашрияи Шакурии Самарқандӣ, Дастнависи рақами 390787. Ганҷинаи дастхатҳои китобхонаи ба номи А.Ҷомии ДДС, 1914. - 22 с.

120. Аҳзӣ. Анҷумани арвоҳ. – Самарқанд: Зарафшон, Дастнависи рақами 390789. Ганҷинаи дастхатҳои китобхонаи ба номи А.Ҷомии ДДС, 1914. - 36 с.
121. Беҳбудий Махмудхожа. Саёҳат хотиралари. //Танланган асарлар. Нашрга тайёрловчи, сўз боши ва изоҳлар муаллифи Б.Қосимов. - Тошкент: Маънавият, 1997. - 232 б.
122. Ғаспиринский И. Мусалмонони Дорурроҳат. Мутарҷим: Абдурауфи Фитрати Бухоройӣ. (Бо саъю эҳтимом, сарсухан, таҳия, танзим, тавзеҳот, шарҳи луғот ва феҳрастиҳои Абдулҳай Маҳмадаминов). - Душанбе: Диловар, ДДМТ, 2002. - 173 с.
123. Қозӣ Муҳаммад Шариф Садри Зиё. Қасида дар шикоят. Дар китоби С. Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик». – Маскав: Чопхонаи марказӣ, 1926. – С. 400 - 401.
124. Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ. «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик». Дастнависи рақами 826. Ганҷинаи дастхатҳои Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии А.У.Тоҷикистон.
125. Мирзо Сироҷ. Шеърҳо. Ниг. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик.
–Маскав: Чопхонаи марказӣ, 1926. - С. 344 - 347.
126. Мирзо Сироҷи Ҳаким. Лузуми қироатхона ва китобхона. //Бухорои шариф, 1912, 4 апрел. – С. 4.
127. Мирзо Сироҷи Ҳаким. Ёд бод! //Ойина. - Самарқанд: 1913, № 2. – С. 3.
128. Мирзо Сироҷиддин Ҳаким. Туҳафи аҳли Бухоро. - Душанбе: Адиб, 1992. - 269 с.
129. Низории Кӯҳистонӣ. Сафарнома. //Куллиёт. Дастнависи рақами 100. Институти Шарқшиносӣ ва мероси хаттии А.И. Ҷумҳурии Тоҷикистон.
130. Носири Хисрав. Сафарнома. //Ба чоп тайёркунандагон Камол Айнӣ, Салоҳат Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1970. - 168 с.
131. Сиддиқии Аҳзӣ. Мириъоти ибрат. //Садои Шарқ, 1989, - №1 .- С. 38-53.

132. Тазкират-уш-шуарои Ҳоҷи Неъматуллоҳи Мӯҳтарам . Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. - Душанбе: Дониш, 1975. - 370 с. 6 саҳифа феҳрист.
133. Тӯҳфат-ул- аҳбоб-фи-тазкират-ул- асҳоб – Таълифи Раҳматуллоҳи Возеҳ. Матни интқодӣ бо муқаддима ва тасҳеҳи Асғари Ҷонфидо. - Душанбе: Дониш, 1977.- 212 с. 12 саҳифа феҳрист.
134. Тазкират-уш-шуоарои Абдулло хоҷӣ Абдӣ. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. - Душанбе: Дониш, 1983.- 281 с. 6 саҳифа феҳристи асомии ашхос.
135. Тошходжа Асири Худжанди. Избранные произведения. Составление текста, вступательная статья и примечения Саадулло Асадуллоева. - Москва: Наука, 1982. - 170 с.
136. Фитрат (Абдурауф). Фарёд! //Бухорои шариф, 29 июн- 3 июл (7 июл) -и 1912. – С. 4.
137. Фитрат (Абдурауф). Мактуб ба шумора. //Бухорои шариф, 19 апрели 1912, - №34. – С. 2.
138. Фитрат А. Шӯриши Восеъ. Драмаи таърихии аз чаҳор қисм (як фоҷеаи таърихӣ аз ҳаёти тоҷикҳои дар зерфармони Бухоро). – Самарқанд - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1927. - 36 с; - Душанбе: УДТ, 1992. - 62 с. (ношир Гулмуроди Пайванд). (Восеъ қӯзғолони). Драма (форс тилидан Р.Муқимов ва Ҳ.Болтабоев таржимаси). //Танланган асарлар, 4 жилдда (Сӯз боши ва изоҳлар муаллифи Ҳ. Болтабоев). - Тошкент: Маънавият, 2000, 3 – жилд. – Б. 165 - 192.
139. Фитрат Бухоройӣ. Мунозараи мударриси Бухоройӣ бо як нафар фарангӣ дар Ҳиндустон дар бораи макотиби ҷадида. Ҳақиқат натиҷаи тасоддими афкор аст. Табъи аввал. – Истамбул: Матбаи исломияи Ҳикмат, 1327 / 1911.- 68 с.; //- Душанбе: ТГУ, 1992. - 55 с.; // - Душанбе: УДТ, 1992, -55 с.
140. Фитрат А. (Абду-р-рауф.) Баёноти сайёҳи ҳиндӣ. Дору - л - хилофот. - Истамбул: Матбаи исломияи Ҳикмат, 1330/ 1912. – 128 с.; //Садои

Шарқ, 1988, - № 6. – С. 14 - 89; (Ҳинд сайёҳининг қиссаси) тожик тилидан Ҳ.Қудратуллоев таржимаси. //Шарқ юлдузи. -1991.- № 8. – Б. 7 - 39; (Ҳинд сайёҳи баёноти) Форсчадан Ҳ.Болтабоев таржимаси. Танланган асарлар, 4 жилдда (Сўз боши ва изоҳлар муаллифи Ҳ.Болтабоев). - Тошкент: Маънавият, 2000, 1-жилд. - Б. 98 - 169.

141. Фитрат. Намунаи ашъор.Ниг.: Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. -Маскав. Чопхонаи марказӣ, 1926. – С. 531 - 545.

142. Фитрат Абдурауф. Танланган асарлар, 4 жилдда (Сўз боши ва изоҳлар муаллифи Ҳ. Болтабоев). - Тошкент: Маънавият, 2000. – Б. 98 - 179.

143. Фитрат Абдурауф. Қиёмат. – Сталинобод - Ленинград: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1936. - 36 с.; Страшный суд. - Душанбе: Таджикгосиздат, 1964. - 31 с.; - Душанбе: Ирфон, 1969. - 34 с.

144. Фитрат А. Сайҳа. Шеърҳои миллӣ. - Истамбул: 1329/1911. - 16 б.

145. Шоҳин. Ашъори мунтахаб. - Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1960. - 366 с.

146. Ҷалол (Мирзо Ҷалол Юсуфзода). Тартиб лозим аст. //Бухорои шариф, 1912, - № 5. – С. 3.

147. Ҷалол (Мирзо Ҷалол Юсуфзода). Вақт азиз аст. //Бухорои шариф, 1912 , - № 42 - 43.- С. 4.

148. Ҷалол (Мирзо Ҷалол Юсуфзода). Муаллим ва таълим. //Бухорои шариф, 1912, - № 100 - 102. – С. 4.

Хӯҷақулов Сироҷиддин Холмаҳматович зодаи маҳаллаи Дашт, деҳаи Ғӯротӣ, ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарёст. Хатмкунандаи факултети филологияи тоҷики донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ. Муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик, номзади фанҳои филология. Роҷеъ ба мавзӯи «Хусусияти жанрии адабиёти маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳии тоҷик» соли 2009 диссертатсияи номзадӣ дифо намудааст.

Аз соли 2002 то ба имрӯз фаолияти педагогии хешро дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики донишгоҳи давлатии Самарқанд давом медиҳад. Дар айни ҳол вазифаи декани факултети филологияро бар ӯҳда дорад. Аз фанҳои Таърихи танқиди адабии форсу тоҷик, Адабиёти давраи бедории миллӣ, Методикаи таълими адабиёти тоҷик ба донишҷӯён дарс мегӯяд. Муаллифи як монографияи илмӣ - «Ташаккули жанрҳои адабиёти маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ» (-Тошкент: Фан, 2008) ва як васоити таълимӣ - «Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик» (-Самарқанд: СамДУ, 2012) аст.

Дар нашрияҳои гуногун зиёда аз 25 мақола ва тезисҳои ӯ нашр гардидаанд. Мақолаҳои илмии вай бо унвонҳои «Омилҳои ташаккули насри бадеии адабиёти маорифпарварии тоҷик», «Хусусиятҳои жанрии мунозара», «Баъзе хусусиятҳои жанри ғазал дар адабиёти аввали асри ХХ», «Маснавӣ ва таҳаввули он дар адабиёти маорифпарварӣ – таҷаддудхоҳии тоҷик», «Афкори маорифпарварӣ дар рисолаи «Таърихи инқилоби Бухоро» - и С.Айнӣ», «Нуктапардозӣ дар ғазалиёти Ҳофиз», «Ақидаҳои фалсафӣ ва ахлоқии Аҳмади Дониш дар боби аввали «Наводир-ул-вақоеъ»», «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Шамсиддин Шоҳин ва баъзе хусусиятҳои мазмуниву мундариҷавии он» ва ғайраҳо ба табъ расидаанд. Алъон дар мавзӯи «Таҳаввули жанрҳои лирикӣ дар адабиёти маорифпарварии тоҷик ва ӯзбек» (анъанавият ва навоварӣ) рисолаи докторӣ менависад. Ӯ оиладор аст ва соҳиби чаҳор фарзанд; ду духтар ва ду писар.

МУНДАРИҶА

1. Муқаддима..... 3
2. Вазъияти сиёсӣ-иҷтимоии Осиёи Марказӣ дар нимаи II асри XIX. Мафҳумҳои «давари бедории миллӣ» ва «маорифпарварӣ»..... 10
3. Ҳаёти адабии нимаи дуюми асри XIX ва равияҳои асосии он……. 21
4. Ҳаёт ва фаъолияти Аҳмади Дониш..... 53
5. Рисолаҳои илмӣ-таърихӣ ва фалсафии Аҳмади Дониш……..…… 58
6. Назми Аҳмади Дониш ва баъзе хусусиятҳои он..... 63
7. Рисолаи “Таърихӣ”-и Дониш ва мазмуну мундариҷаи ғоявии он..... 66
8. «Наводир-ул-вақоеъ». Сохт, таркиб ва хусусиятҳои жанрии он…..... 71
9. Таҳлили мазмунӣ ва мундариҷавии баъзе бобҳои «Наводир-ул-вақоеъ» ва ҳикояҳои таркибии он..... 76
10. Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва мероси адабии ӯ..... 110
11. Осори назмии Возеҳ ва хусусиятҳои мазмунӣ ва мундариҷавии онҳо.. 119
12. “Савонеҳ-ул масолик” ҳамчун асари сафарномавӣ..... 131
13. Абдулқодирхоҷаи Савдо ва рӯзгору осори ӯ..... 137
14. Ҳаҷв ва анъанаи ҳаҷвнигорӣ дар эҷодиёти Савдо 141
15. “Музҳикот” чун асари ҳаҷвӣ танқидӣ..... 147
16. Намунаи ашъор..... 151
17. Рӯзгор ва осори Шамсиддин Шоҳин 153
18. Мероси адабии Шамсиддин Шоҳин ва таснифоти он…… 157
19. «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Шамсиддин Шоҳин..... 161
20. Намунаи ашъор..... 174
21. Ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мадании халқҳои Осиёи Марказӣ дар ибтидои асри XX..... 180
22. Омилҳои ташаккули адабиёти маорифарварӣ ва таҷаддудхоҳии тоҷик дар ибтидои асри XX……..…… 189
23. Рӯзноманигорӣ дар ибтидои асри XX…… 213
24. Драма ва пайдоиши он дар ин марҳила……. 216
25. Мирзо Сироҷи Ҳакими Бухороӣ…… 222

26. Ҳунари шоирии Мирзо Сироҷ..... 227
27. «Туҳафи аҳли Бухоро» чун асари сафарномавӣ..... 229
28. Шарифҷон махдуми Садри Зиё..... 240
29. Мероси адабӣ, илмӣ, таърихии Садри Зиё..... 247
30. Абдурауфи Фитрат ва рӯзгору осори ӯ..... 254
31. Назми Фитрат ва хусусиятҳои поэтикии онҳо..... 257
32. Осори мансури Фитрат ва мазмуну мундариҷаи ғоявии онҳо..... 272
33. Саид Аҳмад Сидиқии Аҷзӣ..... 291
34. Мероси адабии Аҷзӣ ва хусусиятҳои асосии осори лирики ӯ..... 295
35. Маснавии «Миръоти ибрат»..... 306
36. Маснавии «Анҷумани арвоҳ» ва мавқеи он дар эҷодиёти адиб..... 313
37. Намунаи ашъор..... 317
38. Тошхоҷа Асирӣ ва рӯзгору осори ӯ..... 325
39. Намунаи ашъор..... 342
40. Саидаҳмадӣ Васлӣ ва мероси адабии ӯ 345
41. Намунаи ашъор..... 351
42. Нақибхони Туғрал ва аҳволу ососри ӯ..... 353
43. Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ҳаёт ва фаолияти эҷодии ӯ..... 367
44. Намунаи ашъор..... 375
45. Феҳристи адабиёти истифодашуда..... 378

МУНДАРИЖА

1.	Муқаддима.....	3
2.	XIX асрнинг иккинчи ярмида ўрта Осиёнинг сиёсий ижтимоий вазъияти. “Миллий уйғониш даври” ва “маърифатпарварлик” тушунчалари моҳияти.....	10
3.	XIX асрнинг иккинчи ярмида адабий муҳит ва унинг асосий йўналишлари.....	21
4.	Аҳмади Донишнинг ҳаёти ва ижодий фаолияти	53
5.	Аҳмади Донишнинг илмий тарихий ва фалсафий рисолалари……..	58
6.	Аҳмади Дониш ва унинг манзумаларининг айрим хусусиятлари.	63
7.	Донишнинг «Рисолаи тарихий» асари ва унинг мазмун мундарижаси	66
8.	«Наводир-ул-вақоеъ» ва унинг мазмуний, мундарижавий ва ғоявий хусусиятлари ……..	71
9.	Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» асарининг айрим боблари ва ҳикоятлари таҳлили	76
10.	Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва унинг адабий мероси.....	110
11.	Возеҳ ва унинг поэзияси хусусиятлари.....	119
12.	“Савонеҳ-ул масолик” сафарномавий асар сифатида.....	131
13.	Абдулқодирхожа Савдо ва унинг адабий мероси.....	137
14.	Савдо ижодиётида ҳажв ва ҳажвнигорлик анъанаси.....	141
15.	“Музҳикот” ҳажвий ва танқидий асар.....	147
16.	Ижод намуналари.....	151
17.	Шамсиддин Шоҳин ҳаёти ва унинг ижодий фаолияти.....	153
18.	Шамсиддин Шоҳин адабий мероси ва унинг таснифоти……....	157
19.	Шоҳиннинг «Бадоеъ-ус-саноеъ» асари	161
20.	Ижод намуналари.....	174
21.	XX аср бошларида Ўрта Осиё халқларининг сиёсий, ижтимоий, иқтисодий ва маданий аҳволи.....	180
22.	XX аср бошлари тожик маърифатпарварлик ва жадид адабиётининг шаклланиш тамойиллари.....	189

23. XX аср бошларида миллий нашриялар..... 213
24. Миллий драматургия ва унинг юзага келиши муаммолари..... 216
25. Мирзо Сироҷи Ҳакими Бухороий……..…… 222
26. Мирзо Сирожнинг оэтик маҳорати…….. 227
27. «Туҳафи аҳли Бухоро» сафарномавий асар сифатида……..…... 229
28. Шарифҷон махдуми Садри Зиё……..... 240
29. Садри Зиёнинг илмий, тарихий ва адабий мероси.....……..…... 247
30. Абдурауфи Фитрат ҳаёти ва ижодий фаолияти…… 254
31. Фитрат лирикаси ва унинг поэтик хусусиятлари..... 257
32. Фитрат проза асарлари ва уларнинг мазмуний, мундарижавий, ғоявий хусусиятлари..... 272
33. Саид Аҳмад Сидиқии Ажзий……..…….. 291
34. Ажзий адабий мероси ва унинг лирикаси асосий хусусиятлари…… 295
35. “Миръоти ибрат” маснавийси..... 306
36. Ажзийнинг “Анжумани арвоҳ” маснавийси ва унинг шоир ижоджидаги ӯрни..... 313
37. Ижод намуналари..... 317
38. Тошхоҷа Асирӣ ва рӯзгору осори ӯ..... 325
39. Ижод намуналари..... 342
40. Саидаҳмадӣ Васлӣ ва мероси адабии ӯ ……..... 345
41. Ижод намуналари..... 351
42. Нақибхони Туғрал ва аҳволу ососри ӯ……..... 353
43. Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ҳаёт ва фаолияти эҷодии ӯ..... 367
44. Ижод намуналари..... 375
45. Феҳристи адабиёти истифодашуда..... 378